НАШРИЁТИ «АДИБ»



**ИНОЯТ НАСРИДДИН**

# АСАРҲОИ МУНТАХАБ

Душанбе
«Адиб»
2015

ББК 84 Тоҷик 7-4
И–25

Мураттибон *Шаҳлои Насриддин ва Равшани Ёрмуҳаммад*

Муҳаррир *Сафар Амирхон*

И-25 **Иноят Насриддин. Асарҳои мунтахаб** *(қиссаҳо, ҳикояҳо ва ривояту афсонаҳо)*. – Душанбе «Адиб», 2015. 400 саҳ.

«Асарҳои мунтахаб»-и нависандаи зиндаёд Иноят Насриддин фарогири қиссаҳо, ҳикояҳо ва ривояту афсонаҳои солҳои гуногун эҷодкардаи муаллиф буда, хонандаро ба некиву накукорӣ ва покиву ҳаётдӯстӣ ҳидоят месозад.

ISBN 978-99947-2-392-8

© Нашриёти «Адиб», 2015

*Шаҳобиддини Ҳақназар*

## КАҲКАШОНИ ЁД
### Ё худ ба ҷои сарсухан

Роҳи Каҳкашон… Нурполо… Нуқрафом…

Шабҳои тор он роҳ хеле аёну равшан мегардад. Ва ҳар касро ба худ мекашад, бо худ мебарад. Аз ҳама беш шабзиндадоронро, шабравонро.

Вале, ба андешаи ман, он роҳ роҳи он шахсонест, ки тухми сухан мекоранд, аз худ нақши нек мегузоранд ва роҳи дигаронро нуру зиё мебахшанд.

Роҳи Каҳкашон… Хирмани ёдҳоро бод медиҳад…

Ӯро, ҳамон нависандаи ҳассосу дилогоҳро, ҳамон марди якрӯву ҳақгӯро пеши назар меорам. Ва садояш дар гӯшам зангӯла мезанад.

– Забони тоҷикӣ, забони шеър аст, бояд онро покиза нигоҳ дошт, эҳтиром кард.

– Куҷост ҳисси худшиносӣ, худогоҳӣ, дар дили шумо – ҷавонон, ягон қадар ҷӯшу хурӯш ҳаст?

– Бори қалам сангин аст, он шахс ин борро бардошта метавонад, ки шабро дӯст дорад, меҳани худро парастад, аз осори ниёгони хеш огаҳ гардад, ба кори худ меҳр дошта бошад.

Устоди касби хеш буд ӯ. Он нависандаи соҳибдил Иноят Насриддин…

Дар зиндагӣ ӯ ором набуд, доимо шитоб дошт, тезкору пухтакор буд. Дар лаҳзаҳои мушкил ва мураккаб ба ёди роҳбарон мерасид, ӯро меҷустанд, ӯро мекофтанд.

– Иноятҷон, як иноят кунед, шумо аз уҳдаи он мебароед…

Ӯ як табассуми дардолуд мекарду зуд аз пайи кор мешуд ва ё ташкил мекард бо аҳли ҳамкорон…

– Ана, Иноят Насриддин омад, – гуфта ба пешвозаш мешитофтанд, ҳамқаламон, ҳаммаслакон.

Дар Кумитаи телевизион ва радио ӯ як машъал буд, як раҳнамои аҳли эҷод буд.

Ягона касе буд, ки аз ҳақгӯию ҳақталошиаш бештари роҳбарон ибо мекарданд, як нооромиро дар қалбашон эҳсос менамуданд.

– Ана, ӯ омад, ҳозир ягон гап мезанад…

Ва нависанда Иноят Насриддин бо дард, бо алам аз он шахсоне, ки «сарам дилам» қалам ба даст гирифта, бо ҳазору як хато мақолаю гуфторҳо менависанд, зери танқид мегирифт, як-як хатоҳоро гуфта медод.

Ӯ мехост, ки дар ҳар як гуфтор, ҳар намоишнома як навгонӣ як тозагӣ бошад, дили гарму эҳсоси баланд бошад, ба қаламу қоғаз меҳр бошад, ишқ бошад.

Он ҷавононеро, ки дар гуфтору суханрониашон ягон навгонӣ, як самимиятро бинад шод мешуд, бо ӯ ёр мешуд, дастгиру пушту паноҳаш мешуд…

Роҳи Каҳкашон…

Дар назарам мардеро мебинам, ки бо бори гарон қадам мезанад. Дар пушташ фарзанди беморашу дар дилаш ҳазору як дарду доғ, ҳазору як озору нола …

Вале сарбаланду боғурур пеш меравад. Дардҳояшро ба касе ифшо намекунад. Ӯ дардҳояшро, озорҳоро танҳо мекашид, танҳо медид.

Вақте ки дар Кумитаи телевизион ва радио муҳаррир буд ва баъд чандин сол сармуҳаррири сарредаксияи гуфторҳои адабию драмавӣ шуд, боре ҳам дардҳои дилашро ба касе иброз надоштааст. Танҳо талоши кор мекарду норасогиҳоро ошкор намуда ислоҳи онҳоро талабгор мешуд.

Сухане намегуфт аз шароити хонаводаааш, аз мушкилоти зиндагиаш, аз дарду алами худу азоби танҳоӣ кашиданаш.

Аз ҳақгӯию рӯирост камбудиҳоро гуфтанаш гоҳо озор

медид, суханҳои нешдор мешунид, вале вонамуд намекард. Дили сафеду бекина, ки дошт, зуд ҳамаашро фаромӯш менамуд.

Вале, агар ноадолатиро дар ҳаққи забону меҳан, дар ҳаққи халқу ватан бинад, ёвагӯиюю наҳзаниро дар ин бора шунавад, чун оташ дармегирифт ва худро сипар мекард.

– Пеш аз он ки халқи ватанатро наҳ мезанӣ, худ ягон кори неку арзанда кардаӣ?

Пас чӣ ҳуқуқ дорӣ, забон кушоӣ, сафсата фурӯшӣ?

Ӯ чунон ба шӯр меомад, ки он ёвагӯйҳо ҷойи гурез намеёфтанд. Баъд хомӯшу хаппак аз қафо иғво меандохтанд, бадгуфторӣ менамуданд.

Вале барои ҷавонони соҳибистеъдоду соҳибзавқ ӯ устод буд, ёру мададгор буд.

Хирмани ёд гул мекунад, аз паси пардаи ашк ӯро мебинам, ӯро меёбам.

– Ҳа, устод дар ин рӯзи боронӣ, ин ҷо истодаед?

– Табибро интизорам, бояд биёяд.

– Тинҷӣ…

– Тинҷӣ, писарамро… – гуфту ба само дида дӯхт, борон ба сару рӯяш меомад. Овозаш хаста ва пурдард буд. Дилаш ҳавои гиря дошт, лек ашкҳои чашмаш бо борон омехт. Лаҳзае ҳамин тавр истоду ба ман рӯ оварда гуфт:

– Мо аҷаб шоирони хуб дорем, дар лаҳзаҳои танҳоӣ, дард, рӯзи фироқу ҷудоӣ бо суханҳояшон ба торҳои диламон нохун мезананд.

Ва бо овози каме ларзону пурдард, ин мисраҳоро хонд:

*– Бигзор, то бигирям чун абр дар баҳорон,*
*К-аз санг нола хезад, рӯзи видои ёрон,*
*Ба сорбон бигӯед аҳволи оби чашмам,*
*То бар шутур набандад, маҳмил ба рӯзи борон…*

Аз чӣ бошад, он рӯз дили ман ҳам ҳавои гиря дошт. Ман ҳам танҳо будам, дард доштам, ҳамдард меҷустам.

– Хайр, худатон чӣ хел, тинҷӣ ҳаст?

– Ҳа, ҳамааш нағз, – гуфтаму бо устод хайру хуш кар-

дам…

Ман дарди ӯро эҳсос мекардам, вале аз ин қадар дард-ро фурӯ бурдану вонамуд накарданаш ангушти ҳайрат мегазидам. Боз болои ин шабро бо қоғазу қалам рӯз карданаш аҷиб аст.

Падаре, ки фарзандаш бемору дар табобати он оҷиз аст, оҳ, чӣ қадар сахт мушкил.

Ӯ дар чашмони фарзанд умеди зиндагӣ карданро медид.

Нигоҳҳояш ба ӯ мегуфтанд:

– Падар, ман зиндагӣ кардан мехоҳам…

Аммо ку қудрате, ки ба тани бемори фарзандаш даво бахшад, ӯро ба зиндагӣ баргардонад.

Ӯ ин дардҳоро, ин сӯзу фироқро дар ҳикояҳояш мегуфт, худро дар симои мӯйсафед медиду рӯҳи набераашро дар парвоз.

Ӯ ҳар лаҳза маргро дар чашмони шарарбори набера медиду мегуфт:

– Эй Худо, ӯ ҳоло ҷавон аст, аз зиндагӣ чизеро набардошта, надида..

Аҷиб ин ки ман дар ҳикояҳо бештар худи нависанда – Иноят Насриддинро медидам, мешинохтам…

Вақте китоби «Меҳр»-ро дар дасти ӯ дидам, ки бо меҳру муҳаббат варақ мезад, гуфтам:

– «Меҳр», зодаи меҳри шумост.

Як табассум карду гуфт:

– Зодаи шабзиндадориҳои ман аст. Вале боз дар чанд ҷояш хато рафтааст.

– Охир кор бе хато намешавад.

– Бояд кас худашро тасалло надиҳад. Хаторо бояд ислоҳ кард.

Вале ба гӯши ман суханҳои худи ӯ садо медиҳанд:

– Меҳр дар дидаву дил, – гуфтаанд.

«Меҳр дар дидаву дил гуфтаанд, ҳар он чизи накӯе, ки чашм дид, дил ба худ ҷо дод ва боздидҳои бисёр онро шодоб намуда, дар мазраи дил реша давонд, меҳри модар, меҳри фарзанд ва маъшуқаи зиндагӣ аз ҳамин барқи дидаҳову оташи дилхост.

Зиндагиро на бо чашми сар, бо чашми дил бояд дид.

Агар ҳамин тавр набудӣ дар рӯзи талхи зиндагӣ аз чашми нобино чӣ тавр ашк меборад».

Ман ташна будам, ташнаи суҳбату маслиҳатҳои ӯ. Вақте ки чанд муддат вазифаи сармуҳаррири идораи гуфторҳои мусиқиро иҷро мекард, бо таҳриру сахтгирии худ моро ҳушдор дод, моро ба кор дигар хел ҷалб намуд.

Ҳар як гуфтори моро хонда, бештари ҷумлаҳои моро хат мезаду ислоҳ мекард…

Ман хурсанд будам, аммо дигарон дарун-дарун худашонро мехӯрданд.

– О, вақт дар куҷо, ки боз аз нав нависем.

– Мо дар куҷо чоп мекунем.

– Ин қадар сахтгирӣ барои чӣ?

Ман аз Худо шукр мекардам. Шод будам.

– Ана, ин гапи дигар. Дидед самимӣ ва диловез баромадаст, – гуфта маро рӯҳбаланд менамуд.

Ва ба ман ҷиддӣ нигоҳ карда пурсид:

– Шабро дӯст медоред?

– Намедонам, вале шабҳо хондану навиштанро нағз мебинам.

– Ин хуб аст, китоб бисёр мехонед?

– Ҳа.

– «Роҳи Каҳкашон»-ро хондаед?

– Варақ зада будам.

– Ҳама варақ мезанад, вале на ҳама ба хондан тоқат мекунад. Албатта ёфта хонед…

Шаб… Само пурситора… Ба Роҳи Каҳкашон дида медӯзам. Садои марғуладори ӯ ба гӯшам меояд:

– «Дар зиндагӣ ҳар кас ситораи худро дорад. Ва ин ситора рамзи бахташ асту бояд худаш дарёбад.

Ин панд дар гӯши ман аз кӯдакӣ садо медод. Ба умед ба осмони пурситора шабҳои дароз дида дӯхта ва ҳар шаб дар интихоби ситораи хеш саду як ғалат кардам.

Саҳву хатоҳои кӯдакӣ гароние надошт, аз он на ситораи осмон осеб диданду на рӯзҳои беташвиши рӯзгори

ман.

Аз ҳазору як саҳву хатои бачагӣ як хатои имрӯзи зиндагӣ гарон аст.

Гаронияш он чунон ки қомати чун сарв ба замин мехамад, андешаҳои дурпарвозро бод мешиканад, фикри тозаро хати батлон мекашад.

Дар интихоби ситораҳои осмон хато кардан шояд, аммо дар ситораҳои замин набояд».

Зиндагӣ варақгардон мешавад, чун китобҳо, чун шабу рӯз, чун чаҳор фасли сол…

Очерку мақолаҳои ӯро бештар мехондам.

Гоҳе дар маҷаллаи «Садои Шарқ»-у гоҳе дар рӯзномаҳо.

Дар очеркҳояш ҳам ҳамеша як навгонӣ як бадеияти хеле баланд эҳсос мешуд.

Аҷиб он ки вақте худаш ин очеркҳояшро қироат мекард, боз таъсираш зиёдтару самимитар дар радио садо медоданд…

Аммо маро қиссаҳои солҳои охиру ҳикояҳояш бештар ба худ асир мекарданд.

Махсусан қиссаи «Дардҳои гиреҳ хӯрда», ки бештар ба шакли баҳс, саволу ҷавоб аст ва пур аз дарди рӯзгор аст ва ҳисси худогоҳию худшиносӣ аст, меҳру муҳаббат аст, маро мафтун намуд.

Ман дар симои қаҳрамони ин қисса Исмоил образи худи нависандаро медидам. Ин қиссаро қиссаи тарҷумаиҳолӣ гӯем хато намекунем.

Қиссаи дигари нависанда «Тарс» қисмати одам, бозиҳои зиндагӣ, касофати ҷанг чӣ сон ба инсонҳо бозӣ мекунад, хеле аён, пуртаззод ва печида тасвир ёфта…

Хаёл мекунам, ки нависанда дар ҳар қисса, ҳикоя баробари қаҳрамонҳояш месӯзад, дард мекашад, роҳу равиши ҳаётро меҷӯяд, роҳи наҷотро ба ҳамагон мехоҳад нишон диҳад.

Ӯ тухми сухан мекошт дар саҳрои дилҳо, дар ёду хотираҳо, дар авроқи сафеди субҳу дар самои ситоразор.

Каҳкашони ёдҳо пурнур мегардад, ӯро қатори дигар суханварон меёбам.

– Пасурхӣ чӣ маъно дорад? – мепурсам аз ӯ.

Чашмонаш аз меҳр медурахшанд. Ба ман андешаманд менигараду мегӯяд:

– Маро ба олами кӯдакӣ бурдед. Медонед... – хост суҳбатро идома диҳад, чанд нафар рафиқонаш, ҳаммаслаконаш бо додараш Хайрулло даромада омаданд. Пас аз вохӯрию пурсупос бо чеҳраи кушод гуфт:

– Ана, ёди деҳа кардем, додарам бӯйи онро овард, хайр баъд суҳбат мекунем.

Дигар моро вақти суҳбат нашуд. Ӯ ҳамеша серкор ва аз пайи ин ё он масъала равон буд.

Вале ман ин деҳаро дар китобҳои ӯ «Тулӯи нав», «Як рӯзу ҳама рӯз», «Баҳои умр», «Мероси бобоӣ» меёфтам, мешинохтам, медидам, эҳсос мекардам, ки чӣ қадар нависанда деҳаашро дӯст медорад, бо ҳазор ранг дар суҳбати қаҳрамонҳояш тасвир менамояд.

Ҳатто падари омӯзгораш, чун пири хирад пеши назарҳо меомад дар қиссаву ҳикояҳояш.

Вале маро аз ҳама дида, ҳисси баланди тоҷикона доштанаш ба ваҷд меовард...

Мехостам, бештар дар суҳбаташ бошам, дардномаҳоро варақ занам... Лек, барои мо кор баҳона буд, ба дидори ҳамдигар кам мерасидем.

Вақте ки нависанда Иноят Насриддин ба ҳайси сармутахассиси раёсати фарҳанг ва ҳунар ба Вазорати фарҳанг рафт, дигар гоҳ-гоҳ дар роҳҳо дида ба дидор мерасиду халос.

Як рӯз занги телефон ба наво омад.

Гӯширо бардоштам:

– Салом, як чизро пурсам, маро шинохтед?

– Ҳа, устод, Шуморо наход нашиносам, охир моро радио бо ҳам шинос намуда буд. Садои шумо доимо дар гӯшу ҳуши ман мондааст.

– Ташаккур, ёд доред, ҳамин шеъри устод Лоикро «Танҳоӣ»...

*Танҳоӣ на он аст, ки ёрону ҳарифон,*

*Як бор напурсанду дилатро нанавозанд,*

Танҳоӣ чунон аст… – Ростӣ давомашро равшан ба ёд оварда наметавонам. Кӯмак намекунед.

– Ман ҳам аз ёд намедонам, вале медонам, ки дар кадом китобаш ҳаст.

– Ман наёфтам, агар биёбед, занг занед.

– Хуб шудааст.

«Вараќи санг»-ро варақ задаму он шеърро ёфтам. Ва занг задаму он шеърро хондам:

*– Танҳоӣ на он аст, ки ёрону ҳарифон,*
*Як бор напурсанду дилатро нанавозанд,*
*Танҳоӣ чунон аст, ки дар ҳозиру ғоиб,*
*Қадри ту надонанду дилатро нашиносанд.*

– Раҳмат, додар, кам нашавед, – гуфту як оҳ кашид. Дилам ларзид…

Мо одамон кор гуфта, худро ба бепарвоӣ зада, гоҳо ҳамдигарро фаромӯш мекунем, якдигарро намешиносем, намедонем.

Аз ҳолу аҳволи якдигар бепарвоем.

Ман намедонистам, ки устод – Иноят Насриддин бемор аст. Чанд вақт боз бистарӣ, лек аз қаламу коғаз ҷудо нест… Ва дар ҳамон ҳолат ҳам суханҳои дилашро рӯйи сафҳаҳои сафед ба умед мерезаду мекорад.

Ва аз ҳама беш дар паҳлӯи падар духтари дилсӯзу ғамхор, ки касби падариро аз ҳама боло донистa интихоб кардааст – Шаҳлои Насриддин будааст.

Ҳамон Шаҳлое, ки дар Кумитаи телевизион ва радио дар паҳлӯи падар сабзид, беҳтарин гуфторҳоро омода менамуд.

– Духтарам, ҳамин қиссаи маро ба радио бар…

– Майлаш додоҷон… Бурд. Қисса садо дод. Ӯ каме рӯҳ гирифт.

Аммо…

Аҷал ногаҳ, ноаён меомадааст – Аҳли оила ногаҳ ба

фиғон даромаданд…

Ӯро… Он нависандаи соҳибзавқу соҳибдил ва ҳақгӯю ҳақҷӯро гусел карданд…

Навҳаи духтари дилсӯзаш – Шаҳло, диламро реш кард:

*– Падари меҳрубону ғамхоро,*
*Кӣ хӯрад баъди ту ғами моро?*

Аз чашмони шаҳлои Шаҳло борони ашк меборид…

«Роҳи Каҳкашон» маро гӯё бо намоишномаи «Як рӯзи хазонрез» рӯ ба рӯ мекунад. Ҳамон намоишномае, ки умри инсониро дар дасти боду хазон мебинад ва ҳар лаҳзаи умрро ғанимат шумориданашро таъкид мекунад.

Ин намоишнома ҷойи аввалро дар байни дигар мамлакатҳо касб мекунад.

Мо инсонҳоро дар зиндагиашон намешиносем, намедонем, ҳатто рӯзе ки моро падруд гуфтанд, эҳсос намекунем.

Вале вақте ки ба асарҳояшон рӯ ба рӯ шудем, хондему баҳра бардоштем, аз заҳмату хизмати чандинсолааш огаҳӣ ёфтем, сар ҷунбонда, мегӯем:

– Афсӯс, аҷаб инсони доною асиле будаасту мо нафаҳмидем.

Оре, мо одамон:

«Аз дида, ки рафтӣ» баъд афсӯс мехӯрем.

Каҳкашони ёд бод мехӯрад. Овои ӯ ба гӯш меояд, тарона мехонад, очерку ҳикояҳои худро қироат мекунад:

«Ӯ дар байни замину осмон аст. Рангҳои мухталиф гоҳ давра шуда қурси офтобро мемонад, гоҳ паҳн шуда тиру камонро мегиранд.

Аз дарде нороҳат аст. Аммо даст бардошта имдод пурсида наметавонад, хурӯҷи дард ҳам гӯё пасанда шуд.

Вале чизе аз он ҳам бадтар азияташ дод.

Рангҳо ба кӯҳу пардаи домони он ба дарё бадал шуд. Дарк кард, ки азияташ аз ташнагист. Лаб кушод, мадораш нарасид. Мубориза давом кард. Оқибат тоқаташ шикаст, лаб кушоду «об» гуфт.

Ба лабонаш об омад. Бо кӯза не, бо пахта. Пахтаи чун

пари қу нарм ба лабаш нишасту дармон шуд.

Чашм кушод. Дастони ҳамшира аз пари қу нармтар буду чашмони шаҳлояш дурахши зиндагӣ дошт.

Ҳамин дастону чашмон пас аз ҷарроҳӣ то ба по хесташ таскину дармони бемор буд...»

* * *

Ӯ ҳамагӣ 64 сол умр дид. Вале дар нигоштаҳояш, дар китобҳояш, дар гуфтору намоишномаҳояш умри абадро соҳиб шуд.

Ӯ дар чашмони шаҳлои духтараш Шаҳло хона монд. Меҳри падар ӯро водор мекунад, ки ҳар лаҳза, ҳар дам ёдаш кунад ва сафҳаи ширини ҳаёташро варақ занад:

– Ҳа, духтарам, чаро парешонӣ, ана, ман омадам...

Ӯ бо умед ба дар дида медӯзаду аз паси пардаи ашкҳояш симои гарму меҳрубони падарашро меёбад.

– Падар, падарҷон ман танҳоям, маро хумори шумо гирифт.

Акси падар бо меҳр ба ӯ менигарад:

– Ғам нахӯр, духтарам....

«Роҳи Каҳкашон»... Он нур мегирад. Хаёл мекунам, ки мардони асилу арзанда ва сухансанҷу суханофар ва озодазода дар он ҷо сайру гашт доранд. Ва ҳар яке аз худ нақши амиқе гузошта, ки моро ҳушдор медиҳад:

Сухан монад аз оқилон ёдгор!

Аз ӯ – нависанда Иноят Насриддин китобҳои «Қиссаю ҳикояҳо» ва нигоштаҳои пурарзишаш ба ёдгор монда...

*Намонад касе дар ҷаҳон пойдор*
*Ҳама номи некӯ бувад ёдгор.*

Ӯро ёд мекунем. Ҳамон марди накӯномро, нависандаи ҳақгӯю ҳақҷӯро, Иноят Насриддинро...

Ӯ марди роҳ аст....

Роҳ мепӯяд, дар ёдҳо, ба сӯи дилҳо...

# ҚИССАҲО

## ФОҶИАИ ДОМАНГИР

Таркише, ки аз ваҳму талвосаи нобаҳангом дар қафаси синаи мӯйсафед рух дод, гӯё ҳамон заминларзаи фоҷиабори Қаратоғ буд, ки бо даҳшати тасаввурнопазир дар як лаҳза ҳама буду набудро ба коми замин фурӯ бурда, дар оғӯши садҳо ман хоки сард олами торикистону бедард эҷод кард. Ва мӯйсафед, баъд аз зеру забар гардидани ҳама буду набуд бо эҳсоси фориғиҳо аз дарди ҷонкоҳ худро дар олами дигар дид. Дар ин олами рӯъё ба ҷуз фароғати беинтиҳо дигар чизе вуҷуд надошт. Мӯйсафед сари ҳамин андеша дарк кард, зиёда аз он имон овард, ки пас аз мурдан зинда гардониданi ҳақ асту рост.

Ҳукми маргро чанд тан хилъатсафедоне, ки пас аз таркидани дили мӯйсафед бо ҳар гуна асбобу анҷом болои сари ӯ хам хӯрдаву часпу талоши ихтисосӣ доштанд, бо оҳанги таассуф ба забон овbooo. Ва ҳоло бо пазируфтани ҳамин ҳукм ҷасади мӯйсафедро рӯи сандуқи хонаи гӯшагардон гузоштаанд. Ӯ фориғ аз ҳама ғаму ғурбат дар оғӯши фароғати беинтиҳо аз кадомин гӯшаи дурдасти олами беканор ҳарфи атрофиёнро мешунавад, гирумони онҳоро эҳсос мекунад. Мешунавад, ки милисаи маҳалла бо чанд тан ҳамкасбони ҳоло ҳозир аз маркази ноҳия расидаи худ аз Розияи ҳанӯз ҳам мадҳуш такрор ба такрор чизе мепурсад ва дар ҷавоб келинаш мисли одами ақлбохта бо забони олмонӣ берабт ҳамон ҳарфу суханеро ба забон мео-

рад, ки то таркидани дили мӯйсафед бо дасту рӯйи хуншору мӯйи парешон болои ҷасади ба хун оғуштаи Зафар мегуфт.

Мӯйсафед солҳои Ҷанги Бузургӣ Ватанӣ, сипас солҳои осоиштагӣ аз кинову телевизор ҳарфу алфози олмониро бисёр шунидааст ва ба маънии баъзе калимаҳо сарфаҳм низ меравад. Аммо он ҳарфу сухане, ки келинаш бо садои ваҳмангез ба забон меовард, билкул чизи дигар аст. Сарфаҳм намеравӣ, ҳазён мегӯяд ё худ чизеро бо дарду аламҳои гӯшношунид қисса мекунад.

Мӯйсафед хост сар бардошта, бо таҳлили рӯйдоди ваҳшатбор, ки дар фурсати як пиёла чой нӯшидан ба вуқӯъ пайваста, деҳаро ба по хезонд, ба атрофиён, қабл аз ҳама ба милисаҳои рӯи ҳавлӣ чизе бигӯяд. Аммо барои ин амал қудрат дар ихтиёри ӯ набуд. Ҷуссаи лоғараш бо банду басти тани дардманд дар оғӯши кадомин як роҳати рӯҳафзо фароғат дошт. Ӯ аз сад як фисади чунин роҳату осоишро тайи ҳафтоду ҳафт соли умри ба сар бурдааш надидааст. Ҳама дарду ранҷ, ваҳму ғам ба фаромӯшиҳо рафт, пеши назараш биёбоне доман густурдааст, ки онро бо вусъати нигоҳ фаро гирифтан амрест муҳол. Сароби биёбон ончунон дилкашу ҷаззоб аст, ки дили аз зарбаи нобаҳангом таркида пора-пора гардидааш ҷониби ин зебоӣ мисли селаи турнаи навбаҳорон парвоз дорад. Турнаҳо барои васл ҳар қадар ба сароби биёбон наздик шаванд, он руъёи дилкаш ҳамон андоза дурӣ меҷуст. Ва мӯйсафеди фориғ аз дарду ранҷҳо ба ин манзара мутаваҷҷеҳ гардида, дарк кард, ки гирумони олами фонӣ бо ҳама доду гирифтҳо, росту дурӯғҳо, хушбахтию бадбахтиҳо ҳамчун рӯъёи дилкаш дар оғӯши ҳамин сароб паноҳ бурдаасту аз ҳарорати хуршед лаҳза ба лаҳза бухор мешавад. Баробари дар оғӯши биёбон бухор гардидани ҳубобҳо дар вусъати бепоёни он чеҳраи гарми момаи Олтиной зуҳур кард. Пиразан ҷуссаи ҳатӯлашро ба асои даст такя дода, бо ситез чизе мегуфт. Мӯйсафед вуҷудашро саропо гӯшу ҳуш намуда, ба суханони момаи Олтиной мутаваҷҷеҳ гардида бошад ҳам, рӯшан дарк карда натавонист, ки пиразани сӣ харбузапаз қабл аз ин реҳлаткарда бо ситез чӣ мегӯяд. Аҷаб не ҳамон

милтиқи шикориро ёд оварда, мӯйсафеди насиҳат напазируфтаро маломат дорад. Аз ваҷоҳати насиҳатгӯву рӯи реги биёбон бо ситез асо кӯфта, хат кашиданаш пайдост, ки боз ҳамон гапи рӯзи гаҳворабандони Зафар гуфтаашро такрор намуда, дар девори хона кашол будани милтиқ хосияти бад дорад, мегӯяд. Ҳа, хосияти бад доштани онро мӯйсафед фаҳмид, аммо афсӯс, ки дер фаҳмид…

* * *

Момаи Олтиной сари ҳар қадам ҷуссаи ҳатӯлашро ба асо такя дода ва бо ҳамин такядорӣ пои дардмандашро кашола карда, ба тӯйхона ҳозир шуд. Ӯ дарвозаи нимроғро бо нӯгӣ асо тела дода, ҳайрон буд, ки чаро аз ҳавлӣ бо гирумони тӯйдорӣ садое ба гӯш намерасад. Ва бо андешаи он ки шояд дар шумури рӯз ғалат карда бошад, баробари ба ҳавлӣ ворид шудан бо валвалаи ба ҳар хонадони деҳа ба харҷ медодааш нидо кард:

– Келун! Ҳой, келун!

Аз шунидани садои пиразан гӯё Саодатро Хоҷаи Хизр ба мадад расида бошад, ҳатто хамири дасташро пок накарда бадав рӯи ҳавлӣ баромад.

– Ассалому аллейкум момаи Олтиной, – соҳибхона дастони хамиролудашро муаллақ дошта, ба эҳтироми соҳибмаслиҳати маъракаҳои мардуми деҳа таъзим кард ва қадаме пеш омада, бо лутфи бештар афзуд. – Момаи соҳибмаслиҳатам кай меомада бошанд гуфта, чашмам дар роҳатон чор буд. Хуш омадед момаҷон.

– О, чи хел чашмат дар раҳам чор буд, ки дарвозаат маҳкаму аз хонаат лоақал садои дойра намебарояд, – момаи Олтиной ба асои дасташ такяи бештаре додаву зинапояҳои сангинро шумур карда, ба пешайвон баромад. – О, қойда дари тӯйхонаро саҳарии барвақт калон кушода, карнаю сурнай набошад ҳам, лоақал бо ягон куҳнадойра дангар – дунгур меандозанд.

Соҳибхона эродҳои бо валвала ба забон овардаи момаи Олтинойро бо табассум пазируфта, пиразанро ба кати чӯбине, ки ба хотири маъракаи имрӯза бо кӯрпачаву лӯлаболиштҳои тоза ороста буданд, ҳидоят намуд ва ба-

робари рӯи кат нишаста, нафас рост кардани соҳибмаслиҳати деҳа узр овард:

– Хотирҷамъ бошед, момаи Олтиной ҳамаш мешавад. Ҳамин ки келинро оварданд, бо рақси духтарҳову ҳай баракаллои шумо садои карнаю сурнайро ба ҳафт маҳалла мерасонем.

– Нағз мекунӣ, бӯтем. Бигузор дӯсту душман донад, ки бо орзую ҳаваси бисёр, харҷу хароҷоти калон аз роҳи дур келин овардӣ, – момаи Олтиной инро гуфта даст ба дуо бардошт. – Илоҳо омин, чунин дову даска, тӯю тамошоро Худо ба ҳама насиб гардонад. Тӯй муборак, бӯтем!

Саодат дар тақлиди момаи Олтиной даст ба рӯ кашида, сипосгузорӣ намуд:

– Қулуқ, ба худатон муборак бошад момаи Олтиной. Ҳамзаҷон набераи худатон. Барои ҳамин ин тӯй тӯйи шумо.

– Ҳа-а, нофи вай маҳмадонои бетоқата ман худам буридагӣ. Ҳай, бачаи саросема буд-е! Аз ҳамин саросемагӣ қариб ки дар кӯча таваллуд мешуд, – момаи Олтиной ҳамон рӯзи пеш аз мӯҳлат таваллуд шудани Ҳамзаро ёд оварда бо лабханд илова кард. – Раҳматии очааша дар ҳафтмоҳагии ин маҳмадоно, ҳангоми чароғи сурфаи бибиҳоро гирондан, дард гирифт гӯед. Очааш чунон бетоқат шуд, ки ҳатто дуои дастурхони мушкилкушоро фаромӯш карда саросема хестем.

– Бибиҳоро садқа, нури чароғашон расо зӯр будааст-да, – назди момаи Олтиной дастурхон густурда, бо ҳазл даромад ҳамсояи деворандармиёни Саодат. – Одама ду моҳ пеш аз мӯҳлат аз маҳбас озод кардан кори осон не.

– Ту, Ҳоҷари гӯрсӯхта, ҳазли хунуката мону гапа гӯш кун, ки набераи ман чала таваллуд шуда бошад ҳам, бо қудрати чароғи бибиҳо чӣ ҳунар нишон дод.

Ҳоҷар аз эроди момаи Олтиной панд бардошта «хӯш» гӯён лаби кат амонат нишаст ва ба идомаи нақл мутаваҷҷеҳ шуд.

– Қудрати мушкилкушою бузургии бибиҳоро бинед, ки

Ҳамзаҷон баробари ба хона расиданамон фурсати ба хонаи дарун даромадан надода, бо доду фарёд дасту почакзанон дар ҳамин пешайвон таваллуд шуд. Агар чаққонӣ намекардам, ин бачаи саросема бо нофи набурида дасту почакзада барои шодиёнагирӣ рӯи ҳавлӣ мебаромад.

– Тарафи худатон рафтагӣ-да, момаҷон, – гуфт бо табассум Саодат ва бо назардошти ҳамарӯза аз ҳолу аҳволи мардум хабардор будани момаи Олтиной илова кард. – Шумо ҳам ҳар рӯз то хурду калони деҳаро як бор хабар гирифта набароед, дилатон қарор намегирад.

Воқеан момаи Олтинойро одат ҳамин аст. Гумонаш ки мардуми деҳаи Қаротоғ дар ин зиндагии мушкилу пурмоҷаро бе хабаргирию ҳолпурсии ҳамарӯзаи ӯ зиста наметавонад ва агар вай ин амалро ба харҷ надиҳад деҳаи дар оғӯши кӯҳ домангустурдаро сел мебарад ё мисли ҳамон заминларзаи пурваҳшат зери хок мемонад. Бо ҳамин андеша баробари кафидани чашми рӯз аз хона мебарояд ва ба ҳар дару дарвозаи деҳа сар хаста, бо ҳолу аҳволпурсӣ чи ташвишу тараддуд, дарду ғам доштани мардумро бо чашми сар мебинад. Агар кору рӯзгори нафаре ниёз ба мададу зарурати маслиҳат дошта бошад, бо як олам гапҳои гуфтаниву шуниданӣ назди раиси колхоз ва дигар калоншавандаҳои деҳа меравад. Асои дасташро ба замин сахт – сахт кӯфта, каму костагии рӯзгори мардумро бо тасвиру таҳлили доманадор, ҳарф ба ҳарф мегӯяд. Ва калоншавандаҳои соҳибмансабу мартаба ҳад надоранд, ки ба гуфтаҳояш эрод бигиранду пешниҳодашро напазиранд… Ягона одаме, ки дар деҳа ҳарфу сухани момаи Олтинойро напазируфта, ба амали бо ситез ба замин асо кӯфтанаш эътибор намедод, ин шавҳараш Қиём Порсо буд. Момаи Олтиной аз ин марди якраву қайсар бисёр ҷабру ситам дида, ҳангоми ҳар моҷаро бисёр мушту лағат хӯрда бошад ҳам, дар панҷ вақт намоз ва маъракаҳои мардум ӯро бо некӣ ёд оварда, дуо мекунад, ки ҷояш ҷаннату манзили охираташ обод бошад. Ва бо ҳамин одати хӯ гирифтааш имрӯз низ дар тӯйхона шавҳарашро ёд оварда гуфт, ки раҳматӣ мӯйсафед бо падари Ҳамзаҷон барои ман дар ҷавонӣ хеле талошу борҳо занозанӣ карда бо-

шанд ҳам, дар зиндагӣ рафиқҳои хуб буданд.

Ҳоҷар аз ин хушгӯии момаи Олтиной завқ бурда, ба ҳар эҳтимол аз масофаи дастраси асои ӯ дуртар нишаста, ҳазл кард:

– Гӯр ақлатон шавад, момаҷон. Ман ба ҷои шумо мешудам чашм пӯшида падари Ҳамзаҷонро мегирифтаму як умр гӯшти кабку оҳу хӯрда, ҳамин Саодати ноуҳдабароя соҳиби хушдомани доно мекардам.

–Кӣ ноуҳдабаро?! – Бо ситез даст ба асо бурд момаи Олтиной ва дид, ки масофа дур аст, пои дардмандашро нарм – нарм соиш дода, нешханд зад. – Ту, Ҳоҷари гӯрсӯхта, буз ба ҷӯйпарии гӯсфанд хандидагӣ барин гап назан. Саодат нимҷонак бошад ҳам, ғайрат кунад, кори даҳто ту барин кундаи ҷувозро дар як дам саранҷом мекунад.

Ҳоҷар аз сифати таҳқиромез ба забон овардаи мусоҳибаш заррае наранҷида, бо табассум киноя кард:

– Ҳа-а, чақониашро асло напурсед, момаҷон. – Мани кундаи ҷувоз баъди ду танӯр кулча пухтан ҳавлӣ рӯфта баромадаму ин уҳдабарои таърифиатон ҳанӯз ҳам хамири дасташро нашустааст.

– Ҳасад нахӯр, ки кадбонуи ҳасудхӯр бешавҳар мемонад, – ба ҷонибдории соҳибхона андарзи аз кучое шунидаашро ёд овард момаи Олтиной ва назараш аз тирезаи барқади айвон ба духтари ҳамсоя афтода, насиҳатомез валвала андохт. – Ҳой, духтари Қурбон чӯлоқ, куҷо дидӣ, ки духтари лоиқи шӯ ҳамин хел хамир мушт мекунад?! Дар синну соли ту вақти хамир мушт кардан синаҳои ман ларсас зада, йигити чашмаш афтидагия девона мекард. Бо ин хел хамир мушткуният шӯ ёфтанатро Худо медонад.

Ҳанифа хиҷолат кашида рӯи сурфаи орд сар хам кард. Саодат хамири кайҳо хушкшудаи кафи дасташро соиш дода, узромез ба байн даромад:

– Ҳеҷ гап не, момаи Олтиной, ҳоло ҷавон аст, ҳамин ки рӯзгор ба сараш афтид, ману шумо барин ёд мегирад.

– Э, ин дӯлпистона чи ёд гирифтанаш мондагӣ. Дар синну соли вай ман ду бача зоида, ҳар рӯз ду танӯр нон мепухтам, – ва гӯё бо ҳамин алами рӯзе ду маҳал нон пух-

тан Каримро ёд оварда бошад, ба атроф чашм давонда пурсид. – Келин, мардакат наметобад?

– О, баробари аз дар даромаданатон гуфтам-ку, бо хешу табор саҳарии барвақт барои келинбиёрӣ хонаи қудо рафтанд.

– Ҳа-а, ҳоло Каримҷон Сангмела рафтагӣ гӯ. Ин хел бошад, бӯтем, то якто – нимто мардак пайдо шудан поймро дароз карда шинам, ки сабилмонда дард дорад.

– Бемалол, момаҷон, хонаи худатон барин баҳузур по дароз карда, ҳар хеле форад ҳамон хел шинед.

– Қулуқ, бӯтем, – момаи Олтиной пои дардмандашро ба қади кӯрпачаи нарм дароз кардаву нарм – нарм соиш дода нолид. – Дардаш ҳой қаттол-е! Гумон мекунӣ таги санги осиё монда бошад. Аз ҳамон соле, ки раҳматӣ мӯйсафед ҷувозкаш шуд, ин зормондаро хода барин дароз карда шиштагем шиштагӣ.

Момаи Олтинойро сари бист сол аст, ки дарди по азоб медиҳад. Банд дар банди устухон сӯхта, ба қавли худаш пои дардмандашро дар даҳони мор мебинад. Ва бо ҳамин қиёс ҳар боре, шавҳар банг кашида, ба сараш қамчин мебардошт, ба даму арбадаи ду аждар гирифтор шудам гӯён менолид. Ва ҳоло низ бо эҳсоси дарду ёди ҳамон солҳо даҳон ба шиква кушод:

– Раҳматӣ аждаҳои ҳақиқӣ буд. Қаҳраш ояд аз чашмаш оташ мепариду дар дами нафасаш месӯхтӣ.

Ҳоҷари ҳазлкаш, ки лаҳзае қабл аз тарси асо худро ба гӯшаи кат гирифта буд, камарбастаи хизмат аз ҷой бархеста, паҳлӯи момаи Олтиной нишаст ва барои таскини дард пои ӯро маҳс кашида, ғамхорона маслиҳат дод:

– Барои он ки поятон аз ин дард халос шавад, равғани мор молед. Очаи ман ҳам ҳамин хел дарди қаттоли по дошт. Раҳматӣ кампири Қумрӣ пои очама то зону сахт қат карда равғани мор мемолид.

– Э, Худо гирад, табобати ун гӯрсӯхтая, – гуфт момаи Олтиной бо манзури аз ин гуна табобат зиррае нафъ надидан ва бо хушгӯи афзуд. – Ин дардро дарди пирӣ мегӯянд, бӯтем. Бо сад қат кардану баланд бардоштан сиҳат наме-

шавад. Агар сиҳат мешуд бо ҳамун қат кардану бардоштани мӯйсафеди ҷувозкашам сиҳат мешуд. Ҳай ҷувоз мекашид-е…

– Асло аз шӯхиҳоятон намондаед-да момаи Олтиной, – гуфт бо табассум Саодат, кулчаҳои ширмоли ҳоло ҳозир овардаашро рӯи дастурхон гузошта. –Канӣ маззаашро чашед, Ҳоҷари ноуҳдабаро пухтагӣ.

Момаи Олтиной даст ба кулчаҳои атласнусха бурда, сифатҳои шавҳарашро ба ёд оварда, ҳамоно хушгӯӣ мекард:

– Ба ту дурӯғу ба Худо рост, мӯйсафед кунда барин танаву тири ҷувоз барин сурун дошт. Халта – халта зағиру банд-банд пахолро ба кундаи ҷувоз андохта тофтанашро медидӣ, ҳушат мерафт. Раҳматӣ дар ҳунари чавандозӣ аз ҳамун аспи айғираш ҳам бақувввату гиротар буд. Аз нӯги қамчинаш хун мечакид.

– Ваҳ! – Беихтиёр нидо кард Ҳоҷар дасти гирояшро аз пои момои Олтиной раҳо намуда. –Ҳоло як умр хун хӯрда рӯз гузаронидам гӯед.

– Не, бӯтем, раҳматӣ маро гул хӯрондаву гул пӯшонда зандорӣ мекард. Лекин, ҳамин қадар ки агар ҷаҳлаш ояд, ҷомааша чапа пӯшида маро гоҳ ба амиру гоҳи дигар ба падари ҳамин хонадони тӯйдор Амон мерган, тортуқ мекард.

Момои Олтиной ин гапро бо ҳазл иброз дошта бошад ҳам асли ҳар хушгӯӣ ҳақиқат доштагӣ барин Қиём Порсо нисбати амири Бухоро ва рафиқи худ Амон мерган дар як гӯшаи дил кудрате дошт. Ин кудрат бекина бошад ҳам, гоҳ-гоҳе ҳангоми банг кашидану бо Олтиной моҷаро кардан чун захми куҳна рӯ гирифта, ҷувозкаши кундаи ҷувозро аз худ бегона мекард.

Дар даврони салтанати амирони манғитӣ аз ҷониби миру бек ва дигар амалдорони қаламрави Бухоро ҳамарӯза набошад ҳам, моҳандармиён ба ҷаноби оламПаноҳ ҳадя, ба таъбири худи манғитҳо тортуқ кардани духтарони дар боғи балоғат ҳамчун ғунча бишукуфта маънии ба мансабу манзаллати амир арҷ гузоштанро дошт. Ҳар нафари тамаллуққорон кӯшиш ба харҷ медонанд, ки ҳадяи ба амир

манзур мекардаашон чун ғунчаи навруста боғи дили оламапаноҳро бо ҳусну малоҳати худодод рӯшан намуда, машоми ба рангу таровати нав ба нав хӯгирифтаи ҷанобашонро муаттар гардонад. Ва аз қазову қадар бо мушоҳидаи чашми зиракбини кадоме аз телпакдастёрони маҳал сифати ҳусни Олтинойи чордаҳсола ба гӯши мири Ҳисор расид.

Дар он айём бо фаро расидани фасли баҳор табиат мисли ҳусни Олтиной шукуфтан ва мири Ҳисор андешаи ба Бухоро ҳадяи наврӯзӣ фиристодан дошт. Аз таърифу тасвири ба забон овардаи телпакдастёрон мирро ба ҳусну ҷамоли Олтиной дил гум зада бошад ҳам, ба андешаи базургии мартабаю манзаллати амир ҳангоми бо хаёлҳои ширин ба васваса афтодан шайтонро гардан мешикаст.

Воқеан Олтинойи аз падари суғднажоду модари муғулавлод чашм ба олами ҳастӣ кушодаро ҳусну ҷамол бахшоишу меҳрубонии Парвардигор буд ва ин атои яздонӣ бо фаро расидани айёми балоғат моҳ ба моҳ рӯзафзуниҳо дошт. Гумонат қомати мавзунаш ба сарви дилкаш баҳс дораду рухсораи арғувонӣ аз атласи бо ҳавас бофтаи устоҳои Қаратоғ нусха бардошта, харидор металбад. Ва харидорони мири Ҳисор бо ду гӯсфанду сад тангаи сикадор ба дари хонаи Азим заргар ҳозир гардида, талаби ба Бухорои шариф бурдани Олтиной карданд.

Аз ин талаби ғайричашмдошт ҳуш аз сари модари Олтиной парид ва бо тасавури он ки дар даргоҳи амир ба духтари ҳанӯз ноболиғаш чи ҳолу аҳвол рух медиҳад, рӯю мӯй канда, худро пеши пои харидорон андохт. Падар, ки нисбат ба модари Олтиной аз гирумони мири Ҳисор бештар огоҳӣ дошту дар вазъу ҳоли саркашӣ ба чи рӯз гирифтор гардиданро хуб медонист, дар қатори саду як дарду ҷабри замона ин ситамро низ таҳаммул намуда, ба эътироз ҳатто лаб накушод. Ва аҷибтар аз ҳама ин буд, ки аз воҳимаи модару чун ҳезуми тар дарун – дарун сӯхтани падар Олтинойро ҳатто пинак вайрон нашуд. Гумонаш ӯро ба сайру сайёҳати Бухоро мебаранд ва пас аз муддате ҳамчун арӯси амиралмӯъминин бо иззату эҳтиром боз ба Қаратоғ оварда,

тӯю тамошо барпо мекунанд. Ба ин пиндори соддалавҳонаи духтар Қиёми девонаавзо рахна зад.

Қиём ба ҳавлии Азим заргар шабона аз девори баланду сархорияш ҳар ҷо – ҳар ҷо рехта бо як ҳаллос задан даромада, чун паланги ба хун ташна назди Олтиной ҳозир шуд. Духтар аз тарс қариб буд фарёд зада хонаро ба сар бардорад. Аммо Қиёмро шинохта, фиғони имдодталабонааш дар гулӯ печида хомӯш монд ва дар фазои ҳамин хомӯшии нафасгардон пурсиши Қиём ба гӯшаш расид:

– Медонӣ, ки туро ба Бухоро мебаранд?

– Медонам, – бепарво посух дод Олтиной.

Қиёмро аз бепарвоии духтар ҷон ба лаб омада, бо таъкиди маҳз боз пурсид:

– Медонӣ он ҷо ба ту чи кор мекунанд?!

– Ба амир арӯс мекунанд ва боз бо тӯю тамошо ба Қаратоғ меоранд.

– Хестӣ, ки хоби шабат! –Беихтиёр овоз баланд кард Қиём. – Туро ба амири оча… якшаба ҳамхоба мекунанд ва баъд қатори садҳо канизакони дигар дар дарбор як умр бандӣ мешавӣ.

– Чӣ-ӣ?

– Ҳар чизе шунидӣ! Ва агар амир ҳавсала кунад, баъди боз як бори дигар ҳамхоба шудан ба ягон хизматгораш табаррукӣ гӯён тӯҳфа мекунад.

– Не, арӯс мекунад, – ҳамон ба пиндори худ истодагарӣ мекард Олтиной. –Ман зани амир мешавам.

– Не, ту арӯси ман, зани Қиём мешавӣ! – Қиём инро гуфта Олтинойро бо таҳдид банди бозу дошт. – Ин дастро ғайри дасти ман дигар даст нахоҳад қапид. Агар қапад, чун навдаи дарахт аз бехаш кӯтоҳ мекунам.

Олтиной аз қабзаи дасти чун панҷаи гирои шоҳин ба бозуяш нишастаи Қиём саҳле дар худ ларзида, эҳсоси ҳаловати гуворое кард ва бо муроди дарки бештари ин лаззат бо ҳавас чашм пӯшида, дар қафаси сина номураттаб тапидани дили худро барало шунид. Аммо бо вуҷуди дарки чунин эҳсоси гуворою таъкиду таҳдидҳои Қиём рӯзи дигар Олтиной ҳарфе ба забон наоварда итоаткорона ба

аробаи қӯқандии мири Ҳисор нишаст. Ва ин ароба лаблаби дарёи Қаратоғ роҳ ҷониби Бухоро гирифт.

Аввали фасли баҳор бошад ҳам, ҳаво мисли фасли тобистон гарму ҳарорати офтоб тоқатшикан буд. Офтоб ҳанӯз қиём накарда парандаву чарандаҳо дар сояи дарахтони сарсабз паноҳ меҷустанд. Ҳар қадаре аробаи қӯқандӣ аз деҳа дур мешуд, ҳамон андоза Олтинойро хотир ошуфта мегардид. Пиндори як рӯз қабл аз ин дар гӯшаи хаёлаш раҳёфта лаҳза ба лаҳза ба ваҳм табдил ёфта, олами рӯшанро ба назараш тираву тор месохт. Ба ҷои тӯю тамошои Бухоро маҳбасҳои панҷарадор ба ҷилва омада, аз пешомади нохуше дарак медонанд. Ва барои аз ин андешаи махшуш ворастан Қиёмро ёд оварда, бозуи ҳанӯз ҳам аз қабзаи гирои ӯ саҳле дардмандашро бо эҳсоси ҳаловатбахш нарм – нарм даст мезад. Ва ҳангоми аз пули дарёи Тӯпаланг гузаштан ҳавас кард: Кош ин лаҳза Қиёми ҷаррор дар бараш мебуду ин тангчашмони туркнажодро дасту по баста ба дарё меафканд.

Аробаи Қӯқандӣ бо як нӯкари миру ду посбон баъди ба Деҳнав расидан роҳи калони корвонгузарро убур намуда, бо дашти Миршодӣ рӯ ҷониби Бойсун овард. Мусофирон хуб медонистанд, ки то торикӣ фуромадан ба Бойсун расидан имкон надорад. Аммо бо ин сарвате, ки ба амири Бухоро мебаранд, шабро дар корвонсаройи Деҳнав рӯз кардан низ хатар дошт. Аз дасти авбошону роҳзанҳои ин маҳал ҳар кор омаданаш мумкин. Бо ҳамин андеша аспи пешонақашқаро дам ба дам қамчин зада, бехабар аз рӯйдоди пешорӯ шитоб доштанд, ки торикӣ нафуромада ба ягон деҳаи сари роҳ бирасанд.

Деҳаи аз назарҳо дурафтодаи Дуоба бо иморатҳои дар оғӯши боғҳои сердолу дарахт қоматафрохтаи хеш ба мусавварае шабоҳат дошт, ки барои тамошо дар тани куҳ парчам кардаанд. Қуллаҳои кӯҳ ҳанӯз барфпӯш бошад ҳам домани махмалини он бо боғҳои гулбасар сабзу хуррам буд.

Мусофирон бо пешниҳоди нӯкари мир барои шабро рӯз кардан дар саргаҳи деҳа ба аввалин манзил фуруд омаданд. Соҳибхона бо дарки одамони мир будани меҳмонон

иззату эҳтироми зиёде ба ҷо овард. Меҳмонони нохонда баъди тановули ғизои шом ба ҳар эҳтимол сарвати ба Бухоро интиқол медодаашонро дар таҳхонае, ки ҳамзамон анҷомхонаву ошхона буд, ҷой карданд ва ба дари беқулфи он ду муҳофизи туркнажод посбон шуд. Нӯкари мир Қарахони қипчоқӣ дилпур аз ҳушёрию ҷаррории посбонҳо ба умеди он ки пагоҳ ҳамин вақту соат ба Бухорои шариф расида, супориши мири Ҳисорро сарбаландона иҷро мекунад, дар меҳмонхонаи нуҳболора, рӯи рахти баланд, бо хотири ҷамъ хоб кард. Аз кӯфти роҳ ва истеъмоли ғизои бисёр хаста шуда бошад ҳам нӯкари мирро хоб намебурд. Сарвати ба Бухоро интиқол медодаашро ба ҷои анҷомхона дар паҳлӯ худ, рӯи рахти хоб тасаввур намуда, бетоқатона паҳлӯи мегашту ба ҳавас лӯлаболиштро оғӯш гирифта, оҳ мекашид, ки чаро Худо панҷ панҷаро баробар накардааст ва ӯ амир неву ҳамагӣ нӯкар аст.

Банда ният мекунад, насиб гардиданаш аз Худо гуфтагӣ барин, рӯзи дигар саҳари солеҳон аробаи қӯқандӣ, ба ҷои он ки рӯ ба Бухоро оварад, бо аспи аз Дуоба кироя гирифтаи нӯкари мир вопас роҳи Қаратоғро пеш гирифт. Асп аз зарбаҳои қамчини Қарахони қипчоқӣ дав гирифта, таноби роҳи дирӯз паймудаи аробаи қӯқандиро соат ба соат кӯтоҳ мекард. Пас аз рӯйдоди шаб посбонҳои ба пиндори нӯкари мир, шери жаёнро, тамоми роҳ гирумон беш аз гурбаи ба об афтода набуд. Аз тарсу хиҷолат дамашон ба дарун зада намедонистанд барои дар як дами нафас аз даст додани ҳам Олтиною ҳам аспи мир ба Қарахони қипчоқӣ чи гӯянд ва барои дар ғафлат мондан чи гуна узр оваранд.

Ҳама гирумон дар як лаҳза, мисли он ки барқ дар дили шаб ҳаррос эҷод намуда, ба ғурриши ваҳмангези раъд мепайвандад, рух дод. Воқеан, рӯйдоди нобаҳангоми шаб барқе буд, ки дар як лаҳза ҳамаро зеру забар кард. Посбонҳои хоболуд аз фишори ҳалқадаваки гардан нафасгардон шуда, ҳатто фурсати садо баланд карадан наёфтанд. Ба даҳони барои имдод боз кардаашон латтапора тамба хӯрда, ҳоли аз таноби ҳалқадавак бад гардидаашонро табоҳтар намуд. Ва фурсати аз ин балои нобаҳангом

раҳоӣ ёфтан нашуда, посбонҳо дасту пои худро дар банди ресмони гиреҳхӯрда диданд. Ҳарчанд бо шасту ғазаб пой бар замину сар ба похсадевори таҳхона зада, талоши аз ин бало халос шудан карданд, раҳоӣ аз бандҳои гиреҳхӯрдаи ресмон даст надод. Латтапора дар даҳони посбонҳо чунон тамба хӯрда буд, ки гумонат ба даҳони кӯзаи пур аз равған сурб рехта бошанд…

Ва ҳамин манзараи пуртаҳқиру риққият тамоми роҳ пеши назари Қарахони қипчоқӣ буд ва гӯё ба ин рӯйдоди нангин аспи кироя гирифтааш гунаҳкор бошад, ҷонвари бегунаҳро бо ғазаб қамчин пайи қамчин мезад. Асп барои камтар зарби қамчин хӯрдан, бо вуҷуди арақшорию нафасгардонӣ, дар роҳи пурчанги дашти Миршодӣ рӯ ҷониби офтоббаро оҷилтар медавид. Аммо оташи ғазаби нӯкари мир ҳанӯз дар аланга буду аспро ҳамоно шиддат мекард. Ӯро нисбат ба фирори Олтиной ба яғмо рафтани аспи пешонақашқа бештар ба изтиробу ҳарос оварда буд. Ин аспи даванду шикорӣ аспи дӯстдоштаи мир аст. Мир ба хотири ҳарчи зудтар ба Бухоро расондани Олтиной ва аз тортуқ хурсанд гардидани амир ба аробакашии аспи пешонақашқааш розӣ шуд, вагарна ин ҷонвари дӯстдорашро ба сайру саёҳати фарзанди худ раво намебинад.

Аробаи қӯқандӣ бо нӯкари пурғазаби миру посбонҳои ҳанӯз ҳам музтару карахт вақти намози аср ба Қаратоғ расид ва Қарахони қипчоқӣ падари Олтинойро рӯи ҷойнамоз дарёфт карда, бо хашм гиребон гирифт:

– Духтарат канӣ?!

Падари Олтинойро аз ин пурсишу таҳдид дил таҳ кашида, рӯйдоди нохӯшеро эҳсос карда бошад ҳам, бо тамкин гиребонашро аз қабзаи нӯкари мир раҳо намуда, саҳле иддаō кард:

– Ӯро шумо бурдаеду аз ман мепурсед?

– Духтаратро шаб дар Бойсун дуздиданд! –Ва сари ҳамин ситез саҳл монд ба чи ҳолу аҳвол гирифтор шудани посбонҳоро ба забон оварда, худро шарманда кунад ва бо дарки ҳамин шармандагӣ иддаои дигар кард. – Аниқ шуд,

ки духтарат хушдор доштаст?! Агар медонӣ, бигӯ ӯ кист?!

– Духтари нinfoлиғу хонагиро хушдор аз куҷо? Ӯ бе рӯсарӣ аз дарвоза берун набаромадааст.

– Не-е, ин хел духтарҳои зебо зиндонӣ бошанд ҳам хушдору ошиқҳои беқарор доранд, – Азимзаргарро ҳамоно истинтоқ мекард нӯкари мир бо андешаи ба дуздии Олтиной даст доштани ягон нафаре аз деҳа.

Ва агар ҳангоми ин истинтоқу таҳдидҳо модари Олтиной бо фиғони «духтарам канӣ, духтарамро куҷо кардед!?» ҳозир намегардид, аниқ посбонҳои аламзада Азимзаргарро зери мушту лағад мегирифтанд.

– Бало ба паси духтарат! –Ҳанӯз аз аспи ҷаҳл нафуромада таҳдид мекард Қарахони қипчоқӣ. – Аспи пешонақашқаи мирам чени сад ин хел духтар арзиш дошт. Агар ёфт нашавад, устухони шавҳарат дар кунҷи зиндон мепӯсад.

– Зиндон? Барои кадом гуноҳ?!

Фиғони модари Олтиной аз дару дарвозаи ҳавлии сердолу дарахти Азимзаргар гузашта ба хонаи ҳамсояҳо расид ва бархе аз онҳо ҳангоматалабу чанд нафари дигар бо нияти мадад осемавор ҷамъ омаданд. Кадбону дар иҳотаи ҳамсояҳо мисли одами ақлу ҳушбохта ҳамоно нола мекард:

– Худобехабарҳо фарзанди яккаву ягонаамро бо зӯрӣ бурданду боз моро зиндон карданианд. Илоҳо ба намози асри дигар нарасида ҳама хоку туроб шавед!

Нӯкари мир аз дуои бади модари Олтиной ба ғазаб омада завҷаи заргарро дар ҳузури одамон бо алфози қабеҳ дашном дод ва бо ҳамин шасту басти пурғазаб мисли он ки ба хизмати мир сарбоз интихоб мекарда бошад, аз мардуми дар ҳавлии Азим заргар ҷамъомада ному насаби ҷавонони деҳаро як ба як пурсида рӯйхат кард. Азбаски торикӣ фуромада буду хона ба хона гаштан имконият надошт, Қарахони қипчоқӣ амр кард, ки пагоҳ хурду калони деҳа ҷамъ шаванд вагарна мир ҳамаро аз дами теғ мегузаронад.

Ва субҳи рӯзи дигар ҳанӯз офтоб рух нанамуда хурду

калони деҳаи Қаратоғ дар масҷиди лаби дарё ҷамъ омаданд. Маълум шуд, ки аз ҷавонони ба тахмини нӯкари мир «духтардузд» ду нафар нестанд. Мутавалии мазори Хоҷа Офоқ мулло Шамсиддин авзои беҷову чашмони хуношоми посбонҳои туркнажодро ба мушоҳида гирифта гуфт, ки Амону Қиёмро ҳамин саҳар ҳангоми барои адои намози бомдод ба масҷид омадан сари роҳи калон дидааст ва нигоҳашро аз назораи чашмони уқобии нӯкари мир гурезонида илова кард, ки онҳо милтиқҳои шикорӣ сари кифт кӯҳ рафтанд.

Пирамарди умре бо тоату ибодат ва паҳрезу гӯшанишинӣ рӯз ба сар бурда бори аввал дурӯғ мегуфт. Ӯ ин ду ҷавони шуҷои деҳаро на имрӯзу на дирӯз ҳеҷ ҷое надидааст. Амону Қиём ду рӯз инҷониб дар деҳа набуданд. Онҳо аробаи қӯқандиро бо таъқиб думболгир мерафтанд ва барои дарёфти пайти муносиб байни аспҳои даванди худу одамони мир масофа нигоҳ медоштанд.

Нӯкари мир бо мақсади то кадом андоза рост будани ин гап ба чашмони мулло Шамсиддин нигариста, таҳдидомез пурсид:

– Ҳамин гапатон рост аст, мулло?

– Рост аст, писарам, дурӯғ торикии имон аст, – мулло Шамсиддин инро гуфта, дар дил ба Худо тавало кард, ки ин дурӯғро ба хотири ҳифзи ҷони ду тан ҷавони аз сад гул як гулашон ношукуфта раво донист ва дар идомаи таваллo зери лабу дандон илтиҷо намуд. – Раҳм овару онҳоро дар паноҳат нигаҳ дор.

Нӯкари мир ба суханони мулло Шамсиддин бовар карда бошад ҳам, аз байни мардум дар ҷустуҷӯи волидайни Қиёму Амон шуд. Ва мулло Шамсиддин аз тарси он ки мабодо нафаре аз ҳозирин чизи дигаре нагӯяд бо ангуштони саҳле ларзон тасбеҳ гардонида, байн даромад:

– Қиём падар надорад, падари Амон мерган дар Самарқанд.

– Мерган номаъқул карда Самарқанд меравад?! – Боз ба шиддат гузашт Қарахони қипчоқӣ.

– Ӯ мерган не, читгар аст, писараш мерган, – нарм шарҳ

дод мулло Шамсиддин. – Чит бе рангу бор намешавад, барои бор рафтагӣ.

Ин суханони мулло Шамсиддинро дигарон низ тасдиқ карданд ва Қарахони қипчоқӣ пас аз пурсуҷӯи бисёр бовар ҳосил кард, ки дар ғорат шудани сарвати ба Бухоро интиқол додаи мири Ҳисор ҷавонони деҳа даст надоранд ва аспу духтардуздро мебояд дар худи Бойсун ҷуст. Ӯ бо ҳамин тахмину андеша қарибиҳои чошт бо амали аз волидайни Олтиной вопас ситонидани маҳри мир деҳаро тарк кард ва мулло Шамсиддин баробари фурӯ нишастани чанги аробаи одамони мир аз ғояти саросемагӣ ҳар сари қадам пешпо хӯрда, худро ба ҳавлии Азим заргар расонид, то хабар диҳад, ки аҷаб не ҳамин ҷавонони ду рӯз инҷониб аз деҳа ғайбзада Олтинойро наҷот дода бошанд…

Воқеан ҳамон шаб Олтиной ба аспи хушхироми Қиём ва худи Қиём ба аспи беафзолу рикоби мир нишаста, бо роҳбаладии Амон ҷониби дараи Ниҳон мерафтанд.

Онҳо дар пайраҳаи печандарпечи кӯҳӣ аспҳоро гаҳе маҳмез додаву гоҳи дигар ҷилав гирифта, тамоми шаб роҳ паймуданд. Ба бахти фирориҳо моҳи шаби чордаҳ атрофу анкофро ба ҳадде рӯшан медошт, ки дар пайраҳаи кӯҳӣ ҳатто хазидану давида гузаштани ин ё он хазандаву чарандаро чун дар рӯзи равшан медиданд. Ва дар муқоисаи моҳи дурахшони осмон Олтинойи савори аспи хушхиром дар оғӯши шаххҳои баланде, ки китф ба китфи ҳамдигар дода, то паҳнои хушманзари дараи Ниҳон мерасиданд, моҳи мунири дигаре буд, ки аз партави ҷамолаш ҳарду ҷавонро дил дар сандуқи сина берабт мезад. Бо ҳамин мунавварию дилтапиҳо саворон субҳи содиқ дар аввалин марғзори дараи Ниҳон ба хаймаи чӯпоне расиданд, ки бо як зани солхӯрдаву ду саги азимҷусса нигоҳубини рамаи калонро ба уҳда дошт.

Амон бо андешаи гумони бад набурдани чӯпон худашу Қиёмро бародар ва Олтинойи моҳпайкарро хоҳар муаррифӣ намуда, боқӣ ҳама гапу кори руҳдодаро як ба як нақл кард.

Чӯпони солхӯрдаро аз кору ҳодисаи бо одамони мир

руҳдода дар як гӯшаи дил ҳаррос роҳ ёфта бошад ҳам, ба ҳолу аҳволи бародарон дилаш сӯхта, маслиҳат дод, ки як муддат то файсала ёфтани моҷаро ин ҷо бошанд. Боз хоҳиш кард, ки худи ҳамин рӯз баъди торикӣ фуромадан аспи мирро ба Дуоба баргардонанд, вагарна мардуми бегуноҳи деҳа дар бало мемонад. Ва тибқи ин маслиҳат Қиёму Амон аспро як поси шаб ба саргаҳи деҳа расонида, ҷилав раҳо карданд. Ҷонвари раҳгумзадаро рӯзи дигар кадоме аз мӯйсафедони Дуоба дар лаби чашма дида, хабари ёфт шудани аспи мирро ба одамони даракҷӯ расонд. Усто Бароти ду шаб қабл аз ин дар манзилаш ғорат руҳдода аз тарси ҷон рӯзи дигар аспи пешонақашқаи мирро зину лаҷом зада Ҳисор бурд. Бо пайдо шудани аспи дӯстдоштаи мир ҳамчун сарвати бебаҳо ба яғмо рафтани Олтиной пас аз чанд рӯзи ҷустуҷӯҳои бесамар фаромӯш шуд.

Аммо фирориёни дараи Ниҳон бо андешаи он ки одамони мир онҳоро ҷустуҷӯ доранд ба ҷои як муддат қариб се моҳ меҳмони нохондаи чӯпони дараи Ниҳон буданд. Дар ин муддат волидон Амону Қиёмро ҳангоми шикор тӯъмаи хирсу гургони гурусна шуд гӯён бо азокушоён оши худоӣ доданд. Мулло Шамсиддину Азим заргар низ оши худоӣ хӯрда, даст ба дуо бардошта бошанд ҳам, дар як гӯшаи дил бовар доштанд, ки як рӯз не як рӯз ин ҷавонони «беному нишон ғайбзада» мисли он ки моҳ аз қабзаи абри сиёҳ раҳо ёфта, дар шаби торик роҳи мардумро мунаввар мекунад, бо рӯшанистон кардани манзили волидайн бо Олтинойи ба яғморафта ба деҳа бармегарданд.

Тайи ҳафтоду ҳафт рӯзи паноҳ ҷустани фирориён дараи хушманзари Ниҳон ду бор ҳусну ҷамоли нав касб кард. Атрофу акноф аввал аз нафаси нарму эҳёгари фасли баҳор чун духтари ба балоғатрасида он қадар сабзу хуррам гашт, ки аз тамошояш чашм серӣ надошт ва ҳамин накҳату тамошо ҷисму ҷонро нерӯву тавони тоза бахшида, ҷавонро камолоту камолёфтаро қудрат ато мекард. Ва бо фарорасии фасли тобистон, агар дар водиҳо сабзаву себаргаҳо ранг ба зардӣ оварда хазон гарданд, ин ҷо аз сеҳргарии табиат ҳама мавҷудот аз сабзаву себарга то дарахтони ҳамешасарсабзи

арча, мисли он ки духтари ба балоғатрасида пас аз шавҳар кардан ба ранги дигар бишукуфта, даҳчанд зебо мегардад, ончунон дилкашу завқбахш буд, ки дар баён сухан оҷиз аст.

Дар оғӯши ана ҳамин гуна шукуфтану ба камол расиданиҳои табиати кӯҳистон Олтиной дар пухтупаз ва рӯбучини манзил мададгори кадбонуи солхӯрда буду Қиёми ҷаррор дар паҳлӯи чӯпон рамабон. Амон ҳамарӯза ба шикор мерафт ва ҳатман бо дастоварде бармегашт.

Ин гирумон дар оғӯши пуртаровату босаховати дараи Ниҳон то рӯзи ба аёдати волидон омадани писари чӯпон идома дошт. Ӯ ба падару модар орду ба мусофирони фирорӣ хабари тоза овард. Писари чӯпон бехабар аз фирорӣ будани меҳмонони падар нақл кард, ки амири Бухоро барои носипосиҳо ба мири Ҳисор ғазаб гирифта, ба ҷои ӯ мири нав таъин кардааст. Ин хабар гӯё барқе буд, ки дили чун шаби бемаҳтоб торики мусофирони фирориро рӯшан намуд.

Пас аз чил рӯзи азокушоёну ҳафт рӯзи оши худоӣ хӯрдани мардуми Қаратоғ ҳангоми сари кӯҳи Хоҷа Офоқ парпарон шудани офтоб Амону Қиём пиёда ва Олтиной савори аспи хушхиром дунболагири чангу ғубори пода ба саргаҳи деҳа расиданд. Подабони гузари Оҳангарон Қодир ғалча барои ин хушхабарро ҳарчи зудтар ба одамон расонидан роҳи калонро убур намуда, аз куҳтали Сафедахок ба деҳа фуромад ва ба ҷои нидои ҳамарӯзаи «оши ҳалол» бо лаҳни лакнатдор «мардум, Амону Қиём зинда!» гӯён пай дар пай фарёд мекашид. Шавқи нидояш чунон баланд буд, ки гумонат ганҷи Қорун пайдо кардаасту ин лаҳза онро бо мардуми Қаратоғ ба ҳам диданист.

Хурду калон бо шавқи ин нидо ҳанӯз бехабар аз он ки ду ҷавони аз аввали баҳор ғайбзада бо фарорасии тобистон Олтинойро ба деҳа меоранд, бархе хушҳолу бархи дигар ҳангоматалаб қади роҳи калон бароманд. Аввалин одаме, ки афтону хезон ба саргаҳи деҳа расида, пеши назари мардум бо фиғон Олтинойро оғӯш гирифт, ин завҷаи Азим заргар буд. Дар тақвияти ин амали завҷаи заргар аз масҷиди деҳа бонги азони намози аср садо дод ва мулло

Шамсиддин чашм ҳавзи об рӯ ба меҳроб оварда, даст ба дуо бардошт.

Мардум роҷеъ ба ин рӯйдоди ғайричашмдошт ҳарчи мегуфтанду мешуниданд. Аз гузари Оҳангарон то гузари Читгарон қариб дар ҳар хонаводa аз субҳ то шом Олтинойро ғайбат ва амали ҷавонони ба хотири ӯ қариб се моҳ ғайбзадаро бо ҳар гуна тахмин сифату таҳлил мекарданд: «Наход бо ду бӯзбала се моҳ кӯҳ ба кӯҳ гардию ҳеҷ гапу кор рух надода бошад?.. Ҳарду ҳам ошиқи беқарор будаанд, боварам намеояд, ки дидаву дониста… Дар синну соли Амону Қиём чашми одам хун мегирад. Чашм, ки хун гирифт, оқил бошӣ ҳам, ақл мегурезад…» Ва аз ин гапу калочаҳо танҳо наҷотбахшони Олтинойю аҳли байти Азим заргар дар канор буданд. Олтинойи бо ноз парвардаи волидайн ҳама гирумони тайи се моҳ ба сар бурдаашро як ба як қисса карда гуфт, ки ҳар гоҳе агар ӯро шавҳар доданӣ шаванд, ба ҷуз Қиём каси дигарро нахоҳад гирифт. Ва Азим заргар аз тарси он ки мабодо мири ҷадиди Ҳисор низ ба духтараш чашм ало накунад, бо вуҷуди дасти холӣ ба хостгорӣ омадани модари Қиём духтари яккаву ягонаашро ба ин ҷавони ҷаррор дод…

* * *

Маросими арӯсбаророн айнан ҳамин тарзе, ки имрӯз ба кенҷаписари Амонмерган аз ҳамсоядеҳа арӯс меоранд, бо дойразании чанд тан ҳамсоязанҳо ва «арӯсбаророна мекунем»-хонии аммаву холаҳо сурат гирифта буд. Олтинойро низ мисли ҳамин арӯси сангмелагӣ бо зару зевар ороста, бо риояи расми бобоӣ дами дарвозаи домод гулхан афрӯхта, савори асп оварда буданд. Ҳатто ҳамин аспи синафарохи қирмизранг, ки болои он арӯси чун лӯхтаки зебо оростаи Ҳамза нишастааст, бо шабоҳати ранг ва амали назди гулхан беқаророна пой кӯфтан ҳамон аспи ҷувозкашро ёд меорад, ки як замон Олтинойро хиромон ба хонаи Қиём Порсо оварда буд.

Момаи Олтиной бо таваҷҷуҳ ба гирумони арӯсбиёрон пои дардмандашро гӯё кашола карда назди гулхан омад ва қабл аз он ки Ҳамза арӯсро бағал гирифта, аз асп фурорад,

даст ба дуо бардошт. Дар лаб дуо ёд овард падари Ҳамзаро, ки ҳангоми бо ҳамин гуна гирумон аз болои асп ба оғӯши Қиём фуромаданаш чи гуна бо дарду ҳавас ҷониби ӯ менигарист. Ва Олтиной то имрӯз мушаххас дарк карда наметавонад, ки барояш кадоме аз наҷотбахшон бештар писанд буд. Ҳар кадом як хислати баргузида дошт, ки ҳавас мекардӣ. Ва Олтиной дар қабзаи ҳамин ҳавасу андешаҳои домангир гоҳе, ҳатто дар оғӯши Қиём хуфта бошад ҳам, Амонро ёд оварда, ҳаваси дубора ба амир тортуқ шуданду дар Дуоба наҷот ёфтанро мекард…

Момои Олтиной бо ҳамин хаёлу ҳавас Ҳамзаи навакак аз бағал арӯс раҳокардаро, чун модар оғӯш гирифта, зери лабу дандон чизе гуфт, ки домод ба маънии сухан сарфаҳм нарафта, бо сипос сар ба китфи фарохи дуогӯяш гузашт. Ва гӯё меҳтарнавоз ҳамин лаҳзаи пурҳаяҷонро интизор буд, ки садои меҳтараш бо навои тарабангези тӯёна дар фазои ҳафт маҳаллаи Қаратоғ танинандоз гардид. Духтарони тӯйхона бо дойраҳои занҷирадори самарқандӣ ба ин шавқ ҷӯр гардида, завқи рақс эҷод карданд. Момаи Олтинойро, ки бо такядории Саодат ба айвон мебаромад, назар ба духтари ноҷӯр дафнавоз афтода беихтиёр нидо кард:

– Ҳой, Саидаи гӯрсӯхта, наход дар рӯзи тӯй ҳамин хел дойра зананд?

Ва дар ҷавоби ин таъна духтар даст аз зарбҳои берабт набардошта, бо табассум пурсид:

– Ин хел назананд, чи хел мезананд момаҷон?

Момаи Олтиной дасташро аз такядории соҳибхона раҳо намуда, идаоталаб чанд қадам пеш омад ва дойраро аз дасти Саида гирифта валвала андохт:

– Агар дар алав нағз дошта, пӯсташа таранг карда бошӣ, чунон занам, ки чанги ҳафт маҳалла ба осомон хезад. Раҳматии мӯйсафедам ҳамин хел мезад.

– Чиро мезад, момаҷон? –Ҳамоно бо табассум хушгӯию гулпурсӣ мекард Саида.

– Чиро мешуд, бӯтем, дойра мезад, дойра. Ду дасту даҳ панҷааш ҳунар буд. Шавқу завқи раҳматиро дида ман ҳам дойра мезадам. Ҳамту мезадам, ки аз зарби дойра

синаҳоям гурс-гурс садо мебаровард. Гӯр пирӣ шавад, акнун ба ҷои гурс-гурс кардан фас-фас мекунад.

Духтарони дойрабадаст аз ҳазлу шӯхиҳои момаи Олтиной завқ бурдаву хандида бо навозиши тӯёна арӯсро ба хонаи гӯшагардон даровარда, гирди дастархони пур аз нозу неъмат давра гирифтанд. Онҳо ба ҳазлу шӯхиҳои обдори ҳамдигар гӯш дода, механдиданду дар ҳавои зарбҳои дойраи момаи Олтиной бо шавқ мечархиданд. Бехабар аз он механдиданду мерақсиданд, ки субҳи содиқи рӯзи дигар, пас аз як шаби ҳамхонагии Ҳамзаву Садбарг ҷанги хонумонсӯз оғоз ёфта, расо панҷ сол чунин базму тарабҳоро бо ҳама завқу шавқ ба коми худ фурӯ мебарад ва бар иловаи бист миллион қурбониёни Ватан боз фоҷиаҳое эҷод мекунад, ки он одамонро насл ба насл домангир мегардад…

* * *

Мӯйсафед бо вуҷуди фориғ будан аз дарди ҷонкоҳ бо хира-хира ёд овардани ваҳшати анҷомхона дар вуҷуди саропо сарду карахти хеш ноороҳатие эҳсос намуда, сахле ларзид. Ва бо ҳамин ларзиш аз қафаси тангу тор раҳо ёфта, худро дар фазои бекарон муаллақ дид. Гӯё кабӯтари сурхчашместу лаби бом нишаста, атрофро назора дорад. Аҷабаш омад, ки чашмони дар зиндагӣ хирабинаш атрофу анкофро рӯшан мебинад. Ӯ аввал дар анҷомхона ҷасади оғӯшта ба хуни Зафарро, сипас рӯи сандуқи хонаи гӯшагардон ҷасади худро дид. Барои он ки аз ин олам ба чашми кушоду даҳони боз наравад, ҷасадро манаҳ баста, рӯи пилки чашмонаш танга гузоштанд. Ба назари мӯйсафед чунин расид, ки ҷасади оғушта ба хуни Зафарро боз як ҷуфт чашми дигар низ назора дорад. Мӯйсафед мехоҳад ба қафаси ҳоло ҳозир ворастааш баргашта бо таваҷҷуҳ муайян кунад, ки ин назораи оҷизона нигоҳи чашмони кист… Худоё, наход ин як ҷуфт нури нотавон нигоҳи Ҳамза бошад? Агар ин чашм чашми Ҳамзаи гумроҳ аст, пас куҷо шуд он нуру шарори чашмони чун ситораи саҳар дурахшони додараш? Яъқуб дар фироқи Юсуф кӯр шуд ва чаро Ҳамза ба ёди фарзанд кӯр нашавад?

Кӯр бод чашмоне, ки дар фироқи Ватан, зану фарзанд хун нагиряд! Фасод бод тане, ки баҳри ин муқаддасот хок нагардад!

* * *

Чашмони барқпошу чун ситора рӯшани Ҳамза бо ҳисоби шаби мурод ҳамагӣ як ҳафта аз ҳусну ҷамоли Садбарги нозанин баҳрабардор буд ва он баҳрамандиҳо низ бо ваҳму ҳарроси имрӯзу пагоҳ ба ҷанг сафарбар мекунанд, сипарӣ мешуд.

Рӯзи ҳафтуми домодии Ҳамза бародаронро ба камиссариати ҳарбӣ даъват намуда, қатори даҳҳо нафар ҷавонмардони Қаратоғ то истгоҳи роҳи оҳани Чиптӯра пои пиёда бурданд ва сипас онҳо савори қатораи боркаш роҳи шаҳру деҳотеро пеш гирифтанд, ки аз ҳуҷуми барқосову бомбабарони шадиди душман дар ҳалқаи дуду оташ, ба қавле бо нафасгардониҳо дар равғани худ бирён буд. Бо вуҷуди аз Тоҷикистон фарсаххо дур будани ин дуду оташ ваҳшати он ҳар хонаводаро мотамсаро кард. Ҷавонмардони кишвар гӯё ҳама завқу шавқро бо худ бурда бошанд, аз лаби духтарон ханда канда, дар маъракаҳо ҳазлу шухӣ бегона шуд. Ҳатто момаи Олтиной барин одами табиатан шӯху ҳазлкаш ончунон ғамзада шуд, гумонат Қиёми ҷувозкаш дар ҳамин ҷанги хонумонсӯз шаҳид шудаасту дар сӯгвории вай мотам гирифтааст. Момаи Олтиной бо як олам дарду ғам бо такядории асо пои дардмандашро кашола карда дар ба дари мардуми деҳа мегашт ва ба ҷои ҳазлу шӯхиҳои обиву намакин даст ба дуо бардошта, аз Худо талаби сиҳат-саломат баргаштани аскарони ҷонфидо мекард.

Ҷонфидоии аскарбачаҳои Қаратоғ баробари ба Оренбург расидан оғоз ёфт. Онҳоро қатори садҳо нафар сарбозони ба хизмат даъватшуда пас аз як моҳи машқҳои ҳарбӣ ба қисмҳо ҷудо намуда, ба хати пеши фронт фиристоданд. Хушбахтӣ ё худ бадбахтии бародарон буд, ки онҳо дар як ротаи пиёдагард ҳамхизмат шуданд.

Ҳамза аз нахустин рӯзҳои машқи ҳарбӣ, ки бо омодабо-

шии ҳамарӯза ба ҳуҷуми барқосо бо амали тирандозию кордкашӣ дар ҷанги тан ба тан сурат мегирифт, аз тарси он ки дар чунин гирумон шаҳид шудан аз эҳтимол дур нест, ваҳмзада шуд. Агар дигарон дар ин машқҳо ба обу оташ одат карда, ба садои тиру туфанг хӯ мегирифтанд, Ҳамзаи тарсу аз як машқ то машқи дигар бештар ҳарросзада мешуд. Гумонаш ҳоло ҳозир сарбозони немис онҳоро ба иҳота мегиранд, ӯ тир хӯрда зери танки душман мемонад ва арӯси нозанинаш Садбарг, ки рӯзи видоъ «ман бе шумо мемурам» гӯён фиғон дошт, бо нозу фароғат дар оғӯши дигаре умр ба сар мебарад. Бародараш Карим ҳангоми фориғиҳо аз машқ бо ҳар гуна панду алфоз ӯро тасалло медод, аммо панду насиҳат ба мағзи тарснишастаи Ҳамза кора намекард. Дар тасаввури кенҷаписари, ба қавли момаи Олтиной бо ноз парвардаи Амон мерган, ҷанг то имрӯз ҳамон мушту калтакзанӣ ва ниҳояти кор кордкашиву хунрезии одамони авбошу ҷангарае буд, ки дар Қаратоғ ва деҳаҳои гирду атрофи он бо чашми сар дидааст. Ин тасавуроти ӯ ба аввалин ҳуҷуми ҳавоии душман ботил шуд. Қатораеро, ки онҳо савор буданд, дар роҳ бомбаборон карданд. Қариб ки ҳама мурданд. Ҳатто одамони ба умеди наҷот ба беша панохбурда пора-пора шуданд. Аз дидани ин манзара Ҳамза аввал карахт, сипас ваҳмзада шуд. Болои сар бомба меборид ва сари ҳар қадам ҳамяроқон оғуштаи хун бо фиғон мадад металабиданд. Ва оқибати аз ин ҳам ваҳмангезро дар муҳорибаи дигар дида ба дарки чӣ будани ҷангу ваҳшати он ба сараш фикри фирор кардан омад. Аммо ба куҷо? Дар пеш душман дар қафо қумондонҳои фармонфармо. Амри ҷо ба ҷо паронда шудани фирории майдони муҳорибаро бо гӯши худ шунидааст. Дар лаҳзаҳои аз ҳаррос дар қабзаи нотавониҳо ларзидани ӯ Карим ба гардани додар даст андохта, барои таскин ёд меовард ҷасорату ҷонбозиҳои Юлдош командиру Зайнабибиро ва Ҳамзаи тарсу бо дарку таҳлили худ эрод мегирифт:

– Онҳо бо немис не, бо одамони худӣ ҷангиданд.

– Гумонат босмачии ба ном ватанхоҳ фаришта буд. Агар немис бо нидои «ҳай Гитлер» кушад, ӯ бо фиғони

«ҷиҳод» сар мебурид.

Ҷонбозиҳои ҳамватанон ба муқобили босмачиҳо дар тасаввури Ҳамза на беш аз ҳамдигарро дар моҷаро мушту лағадзаниҳо буд. Ва бо ҳамин хаёл побанди ваҳму ҳарроси ҷанги немис мегуфт:

– Ин хел даҳшатро ақлам намегирад!

– Ҳама гуна ҷангу моҷаро самараи беақливу ваҳшоният аст. Барои ҳамин ҳам ҷанг худиву бегонагӣ надорад, додар.

– Дорад! – Бо ситез ба ақидаи худ истодагарӣ дошт Ҳамза. – Ба ҳар ҳол Юлдош командиру Зайнаббибӣ дар ватани худ мурданд. Мурдаашонро зоғу заған нахӯрдааст, онҳоро ҷаноза хонда, одам барин гӯронданд.

Ҳамзаи аз ваҳму ҳаррос ба дарди васвос мубтало муболиға мекард. Дар муҳорибаҳо фавҷ – фавҷ одамон аз по афтида бошанд ҳам, мурдаи ҳеҷ як сарбозро зоғу заған нахӯрдааст. Пас аз ҳар ҳуҷуму муҳорибаҳои шадид зери тирборон бошад ҳам, ҷасади сарбозҳоро ҷамъ оварда, маҷрӯҳонро ба госпитали ҳарбӣ интиқол медоданду фавтидаҳоро дар мадфани бародарӣ ба хок месупуранд.

Ротае, ки дар он бародарон хизмат мекарданд, бо як ротаи дигари тирандоз дар ҷангали соҳили чапи дарё бо амалиёти муштарак ба ҳуҷуми барқосо тайёрӣ медиданд. Тибқи нақша ҳуҷум ба бунгҳои душман мебоист пас аз ба соҳили рости дарё расидани қувваи ёрирасон оғоз меёфт. Аммо дар ин амал фашистон пешдастӣ карданд. Аҷаб не онҳо тавассути амали ҷосусӣ аз ин нақша хабар ёфтанд, ки саҳарии барвақт ҳанӯз офтоб рух нанмуда, болои ҷангали анбӯҳ тайёраҳои бомбаандоз мисли лошахӯрҳои шумқадам ба парвоз омадаанд. Аз таркишҳои пай дар пай ҷангал бо дарахтони оташгирифтаву хоктӯдаҳои дудолуд зери по меларзид. Ҷанговарони дар ғафлатмонда бетартибона ба ҳаво тир мекушоданд ва худро ба ҳар тараф зада, намедонистанд ба куҷо паноҳ баранд. Латтапораҳои хунолуди бунгоҳҳои мувақатии сарбозон дар коми оташ месӯхт ва бӯи ғализи хуну дуди хунолуд бо садои таркишҳои пай дар пай саросари ҷангали анбӯҳро фаро мегирифт.

Бародарон Кариму Ҳамза мисли даҳҳо сарбозони ба ҳаво тирандози рота аз ин балои азим паноҳ ҷуста, афтону хезон медавиданд. Сари ҳар қадам ба шоху навдаи дарахтони ҷангал бархӯрда меафтиданд ва пас аз фурӯ нишастани садои таркиши навбатӣ ба по мехестанд. Аз таркиши қарибулвуқӯъ чанд сарбоз ҳалоку Карим «воҳ» гӯён аз по афтид. Ҳамза бо вуҷуди аз ғояти мадҳушӣ ба чизе сарфаҳм нарафтан ба мадад шитофта, Каримро бо кашолаю пушторагирӣ ба як гӯшаи нисбатан ороми ҷангал расонд. Ҳамза ҷароҳати пои қариб аз тан ҷудои бародарро баста, ғамхорона сари ӯро ба бағал гирифт ва дар ин фосила Карим ба худ омада нолид:

– Ба ман чӣ шуд?

Ҳамза дар ҷавоби ин пурсиш бо овози ларзон чизе гуфт, ки Карим сарфаҳм нарафт ва дар идомаи ҳамин ҳарфу садои нофаҳмо шунид, ки додараш низ мисли ӯ менолад:

– Худоё ин чи балои азиме буд, ки ба сарамон омад.

Карим дарди ҷонкоҳро бо азобе фурӯ нишонда Ҳамзаро таскин дод:

– Ҳар рӯзи ҷанг балои азим аст, додар. Барои ҳамин ҳам ҷанг гуфтаанд.

– Ин хел даҳшат дар ягон ҷанг рух надодааст, – Ҳамза дарахтони оташ нишаставу ҷасадҳои паҳну парешони ҳамяроқонро пеши назар оварда бо садои хаста нолид. – Худоё! Ғайр аз ману ту касе намонд.

– Ин қисмат аст, додар, – Карим пои латтапечи қариб аз тан ҷудояшро бо мадади даст саҳле пеш кашида, дар ҷои нишастааш қомат рост кард. – Инсон ҳар чизе дар тақдираш бошад ҳамонро мебинад.

Ҳамзаро суханони андарзомези бародар хуш наомад ва бо ситез пурсид:

– Наход дар тақдири ману ту дур аз хоки Қаратоғ дар ҷангали урус мурдан навишта шуда бошад?!

– Не, – фавран эрод гирифт Карим, – агар навишта мешуд, қатори даҳҳо нафари дигар дар ин бомбаборони немис пора – пора мешудем. Худо кариму раҳим аст, рӯҳи Хоҷа Офоқи бузургвор мададгор шуд.

Сухани бо шукрона ба забон овардаи бародар гӯё равғане буд, ки ба оташи ғазаби Ҳамза рехта шуд. Ӯ бо ғазаб мили автомати дасташро қабза зада фиғон кард:

– Ҳой, муллои беақл, ҳамаи ин гапҳо сафсата! Ману ту бо амри тасодуф зинда мондем. Вагарна бомбаи немисро ба Хоҷа Офоқи ту чи кор?!

– Шаккокӣ накун, ки …

– Агар донистан хоҳӣ, – бо ситезаи бештаре пеши сухани бародарро гирифт Ҳамза. – Ҳамон мазоре, ки ба хокаш ҷабин соида мадад металабӣ, қабри Хоҷа Офоқ нест. Мазори ӯ дар Қошқари Хитой аст!

Инро Карим ҳам медонад. Муҳақиқон собит намудаанд, ки Хоҷа Офоқ дар Қаратоғ назистааст, мадфанаш низ ин ҷо нест. Ва Ҳамза ҳамин гапи аз худи Карим шунидаашро бо дағдағаву ситез ба забон меорад. Бехабар аз он меситезад, ки аз рӯҳу рӯҳоният бузургтар мафҳумҳо ҳаст ва онро имону эътиқод мегӯянд.

– Бузургии инсон аз имону эътиқод аст, додар. Мардум бо ихлосу сипос дар ҳама манотиқи дунё барои бузургон мазор ороста, сидқан саҷда мекунанд. Мазори ҳазрати Алӣ дар Мазори Шариф, марқади ҳазрати Султон дар Ховалинг низ аз ҷумлаи чунин зиёратгоҳҳои маъруф асту ҳар рӯз садҳо нафар саҷда меоранд, – Карим инро гуфта, аз алами сухан буд ё дард оҳ кашида афзуд: – Аммо аниқ медонам, ки фардо мазори ману ту барин шаккокро ҳеҷ кас зиёрат нахоҳад кард.

– Ғам нахӯр, сагҳо зиёрат мекунанд, – бо киноя посух дод Ҳамза.

– Чӣ?

– Ҳамин ки дар ин ҷангали валангор аз пешона тир хӯрда мурдем, сагҳои дайду пайдо гардида, аввал бӯ мекунанд, сипас базм ороста чунон ишкам сер кунанд, ки…

Карим бо андешаи он ки воқеан ҳам чунин вазъу ҳол рух доданаш мумкин ба таскини додар кӯшид:

– Инсон насиб кардаашро мебинад, Ҳамзаҷон. Банда баумед, шайтон ноумед гуфтаанд. Аз марг ҷои гурез нест. Агар вақту соаташ расида бошад, марг дар ҳамон

Қаратоғи дурдаст низ ману туро меёбад.

– Не, ман мурдан намехоҳам! – Қариб ки бо фиғон изҳор кард Ҳамза. – Ман дар ин зиндагӣ чи дидаам, ки бимирам. Агар мурдан раво бошад одам барин мурдан мехоҳам… Беҳтараш таслим мешаваму ба тарафи немисҳо мегузарам.

– Гумонат немисҳо гӯрканҳои Қаратоғ барин лаҳад кандаву ҷаноза хонда мегӯронанд, – бо оҳанги киноя эрод гирифт Карим.

– Не, ман мурдан намехоҳам! –Ҳамон бо фиғон фарёд мезад Ҳамза.

– Воҳима накун, – додарро тасалло дод Карим. – Таваккал ба зоти покаш. Иншооллоҳ ҳамааш хуб мешавад.

– Ба умеди Худо нашаву буттаро дор!

– Кадом буттаро? – Бо киноя пурсид Карим.

– Биё, таслим мешавему ба ҷои бутта домани немисро меқапем, -ғайри чашмдошти Карим маслиҳат пешниҳод намуд Ҳамза.

– Чӣ?! – Аз ҳайрат ҳатто дарди ҷонкоҳи пои маҷрӯҳашро фаромӯш карда дар ҷои нишасташ нимхез шуд Карим.

– Аздусар халосӣ нест, ягона чораи ману ту таслим шудан, вагарна ҳаром мемурем.

– Гумонат таслим шавӣ, намемурӣ? Аз куштан бадтар, ба дор мекашанд. Ҷасадат барои тарс додани чашми мардум ҳафтаҳо кашол меистад ва мурдаатро ана ҳамон зоғу зағани ёд овардаат мехӯрад.

– Ба ҳар ҳол аз саг хӯрдан беҳтар, – Ҳамза инро гуфта, бо воҳимаи талвосаомез нолид. – Худоё, ин чи рӯзе буд, ки дар ҷангали шағолгард ҳаром мемурам. Ман мурдан намехоҳам. Мефаҳмӣ, намехоҳам!

– Кӣ мурдан мехоҳад? Ба ҳама ҷонзодаи олам ҷон ширин аст.

– Аммо ба ту ҷон ширин нест.

– Кӣ гуфт? – Эрод гирифт Карим ба сухани беандеша ба забон овардаи бародар. – Ман ҳам мисли ту одамам, зиндагӣ кардан мехоҳам.

– Агар зиндагӣ бароят ширин мебуд, ба маслиҳатам

розӣ мешудӣ, – Ҳамза инро гуфта, ба як пора латтаи боқимондаи пайтобааш ишора кард. – Ана ҳамин латтаро ба нӯги чӯб баста, ба тарафи немисҳо мегузарем.

– Не! – Бо қатъият посух дод Карим. – Ба ҷои чунин беномусӣ дар оғӯши ҳамин ҷангали оташгирифта хокистар шуданам беҳтар!

– Ба хотири чӣ хокистар шудан мехоҳӣ?!

– Ба хотири Ватан, зану фарзанд ва …

– Кадом Ватан?! Ин Ватан ватани урус асту ману ту хизматгори вай.

– Кӯрнамак, – ба сухани беандеша ба забон овардаи додар эрод гирифт Ҳамза. – Ману ту не, баръакс урус хизматгори ману туст. Ӯ моро аз зулми манғит озод намуд, зиёда аз он Тоҷикистон барин республика сохта дод.

– Барои ману ту не, барои худаш сохт.

Карим дид, ки ба ақли ҳарроснишастаи Ҳамза ҳеҷ гапу сухан кора намекунад, бо насиҳат вазъу ҳоли соате қабл аз ин рухдодаро ёд овард:

– Натарс, додар, то аҷал нарасад, одам намемурад. Бо чашми худат дидӣ, ки вақти бомбаборон ману туро аз хандақ берун партофтанд. Тақдирро бин, ки бомба рост ба ҳамон хандақе афтод, ки хахолбачаҳо ману туро берун карда, худашон пинҳон шуда буданд. Қисмат будааст, ману ту зинда мондему паноҳҷустаҳо мурданд.

Ин лаҳза аз гӯшаи дури ҷангал садои тири мусалсал ба гӯш расида Ҳамзаи ҳаросону рангбохтаро ҳаросонтар намуд. Ӯ дар ҷои нишасташ зери буттаи анбӯҳ паноҳ бурдаву чашм пӯшида, бо андешаи мабодо нашунаванд, бо садои паст гуфт:

– Ана, акнун аз сад ҷонат як ҷонат зинда намемонад.

Дар тақлиди ин амали додар Карим ҳам лағжида – лағжида худро таги дарахти азим гирифта иброз дошт:

– Худо нигаҳбон бошад.

– Э, мон ҳамин худогӯиатро, – бо садои паст пичирос зад Ҳамза – Намебинӣ салдатҳои немис бо сагҳои бӯйгир меоянд.

Воқеан чанд тан сарбозони немис дар даст мусалсал бо

пайгирии сагҳои бӯйгир ҳамагӣ бист қадам дуртар роҳгузар шуданд. Ҳарфу садои онҳо аз аккоси сагҳои бӯйгир ҳам шунавотар ба гӯш мерасид. Ҳамза дар паноҳи буттаи анбӯҳ мисли мор кулча заду Карим байни алафи баланди бадбӯй дароз кашид. Кадоме аз сарбозони немис ба хотири тарс додан ҳавоӣ тир кушод ва баробари такрор ёфтани садои мусалсал Ҳамза сарашро бо даст дошта шикоят кард:

– Бо якравиат ба хунам зомин шудӣ, ака.

Карим бо дарки он ки сарбозони немис онҳоро пай набурда гузаштанд, аз байни алаф сар бардошта Ҳамзаро тасалло дод:

– Натарс, ба назарам худи онҳо аз ману ту бештар дар ҳарросанд. Тирпарониҳои ҳавоиашон аз ҳамин тарсу ваҳм аст.

– Агар тарс медоштанд, моро ба ҳамин рӯзу аҳвол гирифтор мекарданд?

– Ғам нахӯр, додар, салдатҳои худамон иншооллоҳ «урра» гӯён меоянд. Аз «урра»-и онҳо немисро ларза мегирад.

– Хестӣ, ки хобат, -якбора барошуфт Ҳамза. – Ба ҳамин ҳуҷум ҳам «урра» гуфта даромаданӣ будем. Урраамонро нишон доданд, ягон нафар намонда мурдем.

– Ману ту зинда мондем-ку.

– Марги ҳамин хел зинда мондан, – Ҳамза мусалсали дасташро бо кароҳат ба замин партофта, бо алам нолид. – Шаш моҳ аст, ки ба ҷои арӯси нозанин ин милтиқи сабилмондаро оғӯш карда мегардам.

Карим ба чашмони нурбохтаву чеҳраи коҳидаи додараш зеҳн монда дарк кард, ки азоби рӯҳию дилтангиҳои Ҳамза танҳо аз ваҳшати ҷанг нест. Ӯро дил ба ёди бистари нарму хумори оғӯши гарм мисли моҳии аз об дурафтода метападу менолад. Асари ин нола аз чашмони нурбохтааш пайдост.

– Боке нест, додар, ҳамин ки ба Қаратоғ баргаштӣ, ҳар қадаре хоҳӣ арӯсатро оғӯш мегирӣ, – Карим инро гуфта бо табассум илова кард. – Ман хоб дидам, иншооллоҳ писардор мешавӣ. Ба шарафи ғалаба дар ҷанг ӯро Зафар ном мекунем ва ману ту дар талу теппаҳои Қаратоғ гандум бод

дода, суруди «Ман доғ» мехонем.

– Не, агар шасту басти немис ҳамин хел бошад, ману туро ба равғани худамон дар ҳамин ҷангали урус доғ мекунанд, – Ҳамза лаҳзае хомӯш монда бо ситез даст ба мусалсали ба замин афкандааш бурд. – Не, ман доғ шудан намехоҳам. Таслим мешавам, вассалом!

– Гумонат таслим шавӣ, немисҳо туро бо карнаю сурнай пешвоз гирифта, ба Қаратоғ мефиристанд?

– Зинда монам шуд, барои ман ҳаминаш кифоя.

Каримро ба ин азми додар бовар наомада, бо азоби алим андаке пеш лағжида, киноя кард:

– Бар ивази хоинӣ?

– Аз ночорӣ таслим шудан маънии хоин шуданро надорад. Оне ки сирру асрори давлатро фош мекунад, хоин аст.

– Таслим, ки шудӣ маҷбур мекунанд, ки фош кунӣ. Агар накунӣ ба гарданат ҳалқадавак андохта саг барин азоб медиҳанд.

– Бо мусулмонҳо ин хел муомила намекунанд.

– Чӣ дар рӯи мусулмонҳо моҳ дидаанд, ки …

– Ба рӯяшон не, ба поёни нофашон назар мекунанд… Агар хатна кардагӣ бошад азоб намедиҳанд.

– Кӣ гуфт? – Бо ҳайрат пурсид Карим.

– Тоторбачаҳо вақти аз Оренбург баромаданамон гуфта буданд.

– Номаъқул кардаанд! – Гуфт Карим аз соддагии Ҳамза шӯрида. – Барои фашист мусулмону насронӣ фарқе надорад. Барои ба хонумҳояшон дастпӯшак сохтан мусулмонро ҳам мисли яҳудиҳо зинда ба зинда пӯст мекананд.

Ҳамза дар ҷавоби суханони Карим чизе гуфтанӣ шуд, аммо аз шунидани садои тайёраҳо ба воҳима афтода, ба замин нишаст.

– Ана сар шуд, ҳозир боз бомбаборон мекунанд. Ва бо иншооллоҳгӯиҳои ту аввалин бомба насиби мо мегардад.

– Воҳима накун, – Карим гӯш ба садо дода Ҳамзаро ором карданӣ шуд. -Ба назарам самолиётҳои худамон.

– Не, не, аз овозаш маълум, ки самолёти немис, – бештар воҳима андохт Ҳамза. – Ҳозир таги бомба монда, пора – пора мешавем… Биё беҳтараш таслим шавем. Агар роҳ

гашта натавонӣ, туро пуштора карда мебарам. Не, нагӯ, ин ҷо ҳаром мемурем.

– Не! –Беихтиёр нидо кард Карим. -Мемураму ба ин бешарафӣ тан намедиҳам.

Ҳамза ба таънаю маломати бародараш заррае эътибор надода, латтапораи сафедро осемавор ба нӯги чӯб баст ва аз ҷой хеста назди Карим омад.

– Ана ин латтаро болои сар бардошта меравем, ҷон халос.

– Ҳамза, ҷон додарам, ин номаъқулиро накун!

– Намехоҳӣ?.. Ихтиёрат, ман рафтам.

Карим дид, ки таваллою илтиҷо кора намекунад, ба таҳдид гузашт:

– Агар ҳамин номаъқулиро кунӣ, билои азим ман худам туро мепаронам!

– Парон! Фарқаш чи аздусар мепаронанд, – Ҳамза инро гуфта чӯби латта бастаашро болои сар алвонҷ дода, ба самте, ки сарбозони немис рафта буданд, дав гирифт.

Карими бо хуну хок оғушта рӯи хоку хаси ҷангали анбӯҳ лағжидаву хазида аз қафои ӯ «баргард» гӯён фиғон мекард. Ва ниҳоят бо ҳамин фиғону эҳсоси бештари дарди ҷонкоҳ аз ҳуш рафт.

* * *

Ҳавлии мӯйсафед лаҳза ба лаҳза served серодам мешуд. Одамони синну солашон калон аз дами дарвоза то таги сафедори пир, ҷавонону бачаҳои ҳангоматалаби маҳалла аз даромадгоҳ то қади роҳи калон ҳар ҷо – ҳар ҷо гирд омада, байни худ бо садои паст суҳбат доштанд. Онҳо ба тахмину таҳлил ҳарчи мегуфтанду мешуниданд. Ва боз мӯйсафед дид, ки милисаҳои пагондору бепагон бо ду-се нафар калоншавандаҳои деҳа бо ташвишу тарадудҳои хосса даробаро доранд. Онҳо гоҳе назди Саодатбибии навҳакаш меоянду гоҳи дигар ба хонаи нуҳболора сар хаста, аз ҳолу аҳволи Розаи девонаавзо хабардорӣ мекунанд.

Мӯйсафед ҳама ин гирумонро аз тирезаи ҷониби боғ кушодаи хонаи гӯшагардон мебинад ва гӯё садои одамон-

ро низ аранг-аранг мешунавад. Ҳарфу ҳиҷоҳои радубадалшаванда гӯшношунав бошанд ҳам, мӯйсафед аниқ медонад, ки одамон чӣ мегӯянду чӣ мешунаванд. Агар бархе фоҷиаи руҳдодаро хости Худову амри тасодуф дониста, аз қисмат ҷои гурез нест гӯянд, иддае даҳони халтаи ғайбат кушода, бо таҳлилу тахминҳои пойдарҳаво бадгӯӣ доранд. Худоё, ку қудрате, ки ба даҳони чунин ашхоси ҳарзагӯй лаҷом зада, фаҳмонад, ки ин фоҷиа зодаву идомаи ҳамон ҷанги хонумонсӯз аст, ки як замоне ҳама манотиқи ҷаҳонро чун аждар ба коми худ кашида буд ва то ба имрӯз дар ҳама манотиқи олам одамонро домангир аст.

Мӯйсафед ба умеди мадади холисанлилоҳ ба чеҳраҳои гарму сард, чашмони шарарбору нурбохтаи одамони рӯи ҳавлӣ нигарист. Ҳар ҳарзагӯйро дави аспашу ҳар ақлро таҳлили худаш буд. Ҳангоматалабон ба мотамхона не, гӯё барои як пиёла чой дар чойхона ҷамъ омода бошанд, байни худ ҳарчи мегӯянду мешунаванд.

Мӯйсафед дилгир аз назораи ин манзара беихтиёр нола кард: Худоё одамонро аз ғайбату бадгӯӣ чи мუроде ҳосил бошад? Наход дар чунин рӯзи пурфоҷиа бо бадгӯиҳо ҳангома бофта, тамошобин шудан раво бошад? Агар раво несту ин амал гуноҳ аст, пас ҳеҷ нафаре аз ин ҳангоматалабон мусулмон нест!..

Ва дар ҷавоби ин ҳукм мӯйсафед садои момаи Олтинойро шунид, ки аз кадомин гӯшаи биёбони дурдаст насиҳатомез мегуфт:

– Не, бӯтем, ин дунё аз одамони нек холӣ нест. Агар дар паҳлӯи ҳар бадсиришт, даҳ накӯсиришт намебуд, ин олам кайҳо зеру забар мешуд…

* * *

Момаи Олтиной рӯзи бо асобағал ба деҳа омадани Карим айнан ҳамин хел аз неку бад сухан гуфта, марди накӯкорро дуои нек дода буд. Ронандаи рустабори аз истгоҳи Чиптӯра Каримро то деҳа бо мошини боркаш расонида он қадар суханони нек шунид, ки тайи шаст соли умри ба сар бурдааш нашунида буд. Саодат низ дар

тақлиди дуои неки момаи Олтиной бузи тавиларо ресмонбанд карда, ба дасти ронандаи малламӯй супурд. Ӯ ба мақсади соҳибхона сарфаҳм нарафта бо лаҳни шикастаи тоҷикӣ пурсид:

– Ин буза куҷо барам?

– Ҳар куҷое хоҳед баред, ака. Ин буз акнун моли шумост, – ва Саодат дид, ки ронанда аз ҳадяву ҳадягирии тоҷикона хабар надорад, шарҳ дод. – Ин таомул аст, ака. Мардуми мо барои хушхабар шодиёна медиҳанд. Шумо ҳам хушхабар овардеду ҳам хизмат кардед.

Ва дар посухи ин шарҳу баён ронандаи малламӯй ресмони дасташро раҳо дода, бо табассум гуфт:

– Хоҳар агар ҳамин буз моли ман бошад, худи ҳозир бикушу ба ин мардак рӯзе ду маҳал шӯрбоча пухта деҳ, ки рангаш даромада танаш ҷон гирад.

Карими ранҷур аз меҳрубонии ронандаи малламӯй ба риққат омад ва сипосгузор ба чашмони нилобии ӯ нигариста, намедонист чи ҳарфе ба забон орад. Ҳангоми дами дарвозаи нимроғ расидани ронанда бо ёд овардани меҳрубониҳое, ки аз ҳаммиллатони ӯ дар госпиталҳои ҳарбӣ дидааст, нидо кард:

– Спасибо, дарагой брат!

Аҷаб не ронандаро бо алфози модарии ӯ «бародари азиз» гуфтани соҳибхона бисёр хуш омад, ки лаҳзае таваққуф намуда, мисли одами наздики хонавода бо суханони саршори меҳр иброз дошт:

– Саломат бошу бисёр ғам нахӯр, брат. Иншооллоҳ додарат ҳам сиҳат – саломат бармегардад. Ҳа, брат, ҷанг хирмани коҳу одам сӯзан не, ки беному нишон гум шавад.

Аз таскини ронанда дили Карим ба дард омад. Ин гапи дурӯғро ба ӯ дар роҳ худи Карим гуфт. Азбаски ронанда аз тақдири бародарон огоҳӣ ёфта мисли одами наздик хеле пурсуҷӯ кард, Карим лоҷарам додарам дар яке аз муҳорибаи шадид беному нишон гум шуд, гуфт. Охир чӣ тавр ва бо кадом рӯ ба одамон гӯяд, ки Ҳамзаи тарсӯ бо ихтиёри худ пайтобаи пояшро болои сар байрақ карда, тарафи душман гузашт. Бо азоби ҷаҳаннам дар ҳалқаи оташ

сӯхтану дар биёбони Сақар лабташна мурдан осонтар аст, аз он ки ба хоинии бародари ба ҷон баробарат иқрор оварӣ. Аммо то кай дурӯғ мегӯяд?! Дурӯғгӯ душмани Худо, гуфтаанд. Як рӯз не, як рӯз ин сирру асрор ошкор хоҳад шуд. Ва он гоҳ ӯ, бародари хоини Ватан, байни мардум чӣ тавр сар бардошта мегардад?! Аз ин гуна тавқи лаънат бардоштан мурдан беҳтар аст! Азияти Карим аз дарди ҳамин андеша нисбати дарди пои ҳафт бор ҷарроҳишуда бештар аст. Агар устухонпораҳои ҳанӯз ба ҳам наомадаи пояш ҳар бори ба замин расидан садо бароварда мисли нештар ҷон коҳонад, аз ҳар лаҳза ёд овардани Ҳамза дилаш зери тасмачархи танк монда, мисли замини Сафедхокӣ шудгор мешавад. Ва аз ин дарду ғам дар кӯчаву суҳбати мардум ҳар рӯз сад бор ранг бурда ранг меорад.

Воқеан, рангу рӯи Карим бемори аз бистари дарди домана бархестаро мемонд. Ҳар бори бо азоби алим аз ҷой бархестану нишастан гумонаш ин ки бо ранҷи барфу боронҳо ва дарду алами хазонрезҳо рӯзу моҳ не, соле мегузарад, бо дарди ҷонкоҳе мегузарад. Ва раиси колхоз Ғулом Ҳайдар ҳамин гуна ҳолу аҳволи Каримро дидаву ониста пас аз як ҳафта ӯро сардори бригада таъин намуда, таъкид кард:

– Неву нестон накун, ки дар як колхози калон ба ғайр аз сад буна зану мӯйсафед як нафар коргар нест.

Карим надонист ба ин марди ҳузарбу якдаста чи хел фаҳмонад, ки аспу харсаворӣ як тараф, алҳол пои маҷрӯҳашро бе мадади асобағал ҳатто кашола карда наметавонад. Раис гӯё андешаи мусоҳибашро дарк карда бошад, бо оҳанги ҳазл иброз дошт:

– Қиёмат қоим шавад ҳам, ту бо як пову ман бо як даст, магарам ҳамин колхозро обод карда, халқро як даҳон нон диҳем ва боз ба фронт ҳам як чиз-ним чиз фиристем.

– Охир ман бе асобағал қадаме монда наметавонам, – узр овард Карим. – Бригадир, ки шудӣ, магарам боғ бароию дашт гардӣ, мева чинию ғалла даравӣ.

– Наход кори бо як даст ба ҷо меовардаи маро ту бо як по буд карда натавонӣ, – озурдахотир гила кард Ғулом

Ҳайдар ва барои сари инсоф омадани мусоҳибаш афзуд. – Шукри Худо ду дасти гиро дорӣ, мисли ман маслуқи якдаста нестӣ…

* * *

Дасти раис дар ҷанги бо хунрезиҳои гӯшношуниди фарсаххо дур аз Қаратоғ сурат гирифтаи Гермон не, дар саҳни мактаби ҳамин деҳа қабл аз адои намоз кӯтоҳ шудааст. Теғ низ ханҷари олмонисохт не, табари ҳезумкафонии мактаб буд, ки бо як зарба дасти муаллимро аз банди бозу ҷудо кард. Босмачии туркандому бузриш ин амалро гӯё ғӯла мекафонда бошад, ҳатто чашм напӯшида, дар фосилаи як мижа задан ба ҷо овард. Ғулом Ҳайдарро зарбаи ҷонкоҳи табари кунд ва чанд тан мӯйсафеди барои адои намози пешин ҳозиргардидаро ваҳшати дар рӯзи рӯшан пеши назари мардум ба вуқӯъпайваста мадҳуш кард. Аввалин одаме, ки аз ҳузуру ғазаби босмачиёни хуношом наҳарросида ба мадади муаллим шитофт, ин мулло Шамсиддин буд. Ӯ осемавор аз замин як мушт хок гирифта, ба дасти аз банд кӯтоҳшудаи Ғулом Ҳайдар пахш кард ва бо ҳамин вазъи шитобзадагӣ саллашро аз сар раҳо намуда, ҷароҳати аз хуну хок лахтбастаро қабат – қабат латтапеч кард. Ин амали мулло Шамсиддин ҷаҳли Исмат қӯрбоширо оварда бошад ҳам бо андешаи мулло будани шахси мададрасон хомӯш монд. Аммо ин хомӯшии тоқатшиканро суханони маломатомез зери лабу дандон ба забон овардаи мулло Шамсиддин рахна зад. «Дар масҷид хун рехт, нағз нашуд» гуфтани мулло гӯё равғане буд, ки ба оташи ғазаби Исмат қӯрбошӣ рехтанд. Ӯ ханҷари урёни дасташро болои сар алвонҷ дода наъра кашид:

– Кадом масҷид?!. Ибодатгоҳи мусулмононро ба мактаби кофирон табдил доdеду боз даҳон пур карда ин муртадхонаро масҷид мегӯед?!

Аз ин садои гулӯдарон Ғулом Ҳайдари оғуштаи хун ба худ омада, бо такядорӣ ба китфи мулло Шамсиддин саҳле сар бардошт. Аз нафрату ғазаб чашмони нурбохтаи муаллим хун гирифта буд ва ӯ дар ҳамин пардаи хунолуд ба ҷуз табари дастадароз дигар чизе намедид. Ғулом Ҳайдар сари ҳамин андаке ба ҳуш омад, ки Исмат қӯрбошӣ бо таҳдид мегуфт:

– Дониста бошед, ҳар касе ба фарзандони мӯъмину мусулмон ҳарфу ҳиҷои кофирӣ ёд медиҳад, сазояш ҳамин аст!

Муаллим боз аз ҳуш рафт. Аз тарси суханони босмачӣ не, аз дарди қатоли то умқи майна коракарда.

Дар амали масҷидҳоро, ба мактаби ҷадидӣ табдил додан, Ғулом Ҳайдар барин муаллимон як зарра муносибат надоштанд. Дастандаркорони вақт баробари Ҷумҳурии Сосиалистии Шӯравӣ эълон шудани Тоҷикистон ба амали дар деҳот бунёд намудани мактабҳо тақвияти тоза бахшиданд. Қариб дар ҳар деҳа, бо назардошти нуфузи аҳолӣ, бо кӯмаки ҳукумати маҳал ва ҳашари мардум ду-се ҳуҷраи похсадевор рост намуда, мактаб ном мекарданд ва одамони, ҳатто, андак хату саводдор муаллим таъин шуданд. Ғулом Ҳайдар аз ҷумлаи чунин ашхоси хатусаводнок буду бо таҳсили семоҳаи бозомӯзӣ дар шаҳри Душанбе ба фарзандони мардуми деҳа қариб аз ҳамаи фанҳо сабақ медод.

Деҳаи Қаратоғ аз равнақ доштани ҳунарҳои мардумӣ бо касабадории заргарию кулолгарӣ, оҳангарию мисгарӣ, чӯбтарошию кандакорӣ, читу атласбофӣ нисбат ба дигар деҳаҳои гирду атроф пешрафтагиҳое дошт. Ва масҷиди дару тирезааш кандакорию девораш гаҷкаш бо пешайвони ҳафт сутун мунаққаш намунае аз равнақи ҳамин ҳунару пешрафтагиҳо буд.

Ин масҷиди, ба таъбири мулло Шамсиддин, бо хости Худо ҳатто аз заминларзаи ваҳшатбор осебнадида барои мардуми деҳа иморати муқаддас маҳсуб меёфт. Дастандаркорони замон «мактаб барои халқ аз масҷид муқаддастар аст» гӯён бо андак такмилу тағйирот масҷидро ба мактаб табдил доданд ва барои аз гирумони давлату давлатдорӣ дилсард нагардидани одамон дар айвони он намозгузорӣ иҷозат дода шуд.

Ғулом Ҳайдар дар ин даргоҳи барояш муқаддас то чошт ба бачаҳои деҳа аз илми давру замон сабақ медод ва сипас қатори одамоне, ки намози бомдодро дар манзили худ хонда, барои дарёфти ризқу рӯзӣ чун санги осиё аз паси обу дона буданд, дар пешайвони ин мактаб намози пешин, аср, шом ва хуфтан мехонд. Ӯ ҳамон рӯзи бо тиру тӯфанг

ба деҳа ворид гардида, торочгарӣ намудани босмачиён бо пои батаҳорат дар тараддуди хондани намози пешин буд.

Карим манзараи даҳшатбори аз банди бозӯ кӯтоҳ шудани дасти муаллимро бо чашмони худ дидааст. Ҳамон рӯзи муаллимро даст буридани босмачиён ҳезумчинӣ рафта буду аз назди масҷиди ба ном мактаб бо амри тасодуф раҳгузар шуд. Ғалоғуларо шунида ба дарвозаи дутабақаи масҷид омад ва чун назараш ба муаллими таноб дар гардану саворони силоҳбадаст афтод, бо ҳаррос ақиб гашта, аз як гӯшаи девори андак пасттар гардан ёзонд. Босмачии бузриш бо амри марди ҳатӯле, ки савори аспи пешонақашқа буд, табарро болои сар бардошта, дасти рӯи кунда ресмонбандшудаи Ғулом Ҳайдарро нишон гирифт. Аз ваҳшати қарибулвуқӯъ ба ҷои муаллим Карим «ваҳ» гӯён чашм пӯшид ва пас аз фосилае аҷабаш омад, ки чаро доду фиғони Ғулом Ҳайдарро намешунавад. Каримро аз шиддати тарсу ғазаб гӯшҳо қулф зада буд. Ӯ ҳамин гуна ғазабу нафрати пуртуғёнро, қабл аз бо ҳаррос чашм пӯшидани худ, дар чашмони оташбори муаллим дид ва гумон кард ин оташ босмачии табарбадаст, зиёда аз он бинои масҷидро аз беху бунёд месӯзад. Сари ҳамин андеша аз тарс ларзидаву аз бемадорӣ лағжида болои як банд ҳезуми аз адир ҷамъ овардааш нишаст ва бо эҳсоси нафасгардонӣ дарк кард, ки ба ҷои босмачии бузришу бинои масҷид қафаси синаи худаш мисли ҷароҳати намакобрасида сӯхтан дорад…

Имрӯз, баъди хунрезӣ дар масҷид, сипарӣ гардидани дувоздаҳ фасли хазонрез ва ба хуни ҳазорон нафар оғушта шудани иморати аз масҷид ҳам муқаддастар – Ватан, ҳамон марде, ки ҳангоми дасташро аз оринҷ кӯтоҳ кардан лоақал «воҳ» нагуфт, аз Карими маҷрӯҳ қариб бо тавалло хоҳиш дорад, ки дар паҳлӯи ӯ бошад, то халкро бо ҷаву гандуми талу тепаҳо нон диҳанд.

Ҳарфу сухани нон доданро раиси якдаста барои таскини худу дилгармии Карими маҷрӯҳ мегуфт. Дар асл халқи аз гуруснагӣ алафу решаи буттахӯрро бо ғаллаи талу теппаҳои шағолгард нон додан кори осон набуд. Ба сарбории ин қимматию қаҳтии сол ҳушу ёди ҳама, аз кӯдаки

гаҳвора то пири барҷомонда, банди рӯйдодаҳое буд, ки фарсаххо дур аз Қаратоғ бо хунрезию қурбониҳои гӯшношунид суръат мегирифт. «Ҳама чиз ба фронт – ба ҳимояи Ватан» шиори ҳамагон буду мардум бо ҷилавгирӣ аз нафс, ҳатто бо сарфакории луқмаи даҳони кӯдакон, як чиз – ним чиз ҷамъ оварда ба фронт мефиристоданд.

Момаи Олтиной хабари дар деҳаи Тӯда як ароба чизу чора ҷамъ оварда ҳамчун мадад ба ҷанговарон ирсол доштани мардумро аз Карим шунида, дар ин амали хайр ташаббускор шуд. Ӯ бозубанду сарикитфӣ ва гардандбанди меросиро, ки падараш Азим заргар аз нуқраи асили бухорӣ сохта буд, тугунча баста назди Карим овард.

– Ин чӣ тугунча? – Ҳайрон шуд саркор.

– Тугунча не, зару зевар, ёрдами ман ба фронт, – гуфт момаи Олтиной ва бо таъкиди маҳз афзуд. – Бо раис маслиҳат куну хона ба хона гашта аз дигарон ҳам ҷамъ овару.

Ва рӯзи дигар оқибати маслиҳат бо раис ҳамин шуд, ки дар ин кор аз худи момаи Олтиной беҳтаре нест. Хурду калон эҳтиромаш мекунанд. Вақте байни мардум эҳтиром дорӣ суханат ба замин намемонад.

Воқеан барои момои Олтиной зиёда аз дару дастурхони мардум дилу дидаи одамони деҳа боз буд. Ӯ аз субҳи содиқ дар ба дар гашта, бо вуҷуди чи ҳолу аҳвол доштани мардумро донистан ҳар нафарро алоҳида мепурсид. Фақат ҳамин қадар ки ба ҷои валвалаҳои пештара андарзи овони ҷавонӣ аз мулло Шамсиддин шунидаашро ба забон оварда, такрор ба такрор мегуфт:

– Бӯтем, раҳматӣ мулло Шамсиддин мегуфтанд, ки панҷ чиз панҷ чизро мехӯрад. Дурӯғ – ризқро, шароб – савобро, тавба – гуноҳро, садақа – балоро, ғам – одамро.

Ва дар идомаи андарз бо такядорӣ ба ду нуктаи он сари мақсад меомад. Мабодо нафаре ба маънии андарз чандон сарфаҳм нарафта суоломез ба чашмони то андозае нурбохтаи ӯ менигарист, момаи Олтиной зару зевари бомаҳорати касабадорӣ сохтаи падарро намоиш дода мегуфт:

– Ана ҳамин ҷиҳози меросӣ ёрдами ман ба

аскарбачаҳои фронт. Агар ту ҳам хоҳӣ, ки садақаи мекардагиат балои азим – сари Гермонро хӯрад, дурӯғ нагуфта, ҳар чизе дорӣ холисанлилоҳ барор, вагарна дурӯғ ризқатро мехӯрад.

Ҳар ҳарфу сухани момаи Олтиной ба мардум кора мекард. Раис аз барори кори ӯ хурсанд бо ҳазл мегуфт, ки амали тарғиботиатон аз лекторҳои ҳукумат ҳам зӯртар аст. Момаи Олтиной намедонад, ки лектори ҳукумат кист, аммо медонад, ки ҳурматаш назди мардуми деҳа аз ҳар гуна одами баландмартаба болотар аст. Ёд надорад, ки тайи умри ба сар бурдааш нафаре, ба ҷуз Қиёми ҷувозкаш, суханашро ба замин гузошта бошад. Ва шояд аз рӯи ҳамин одат ё худ бархурд аз андарзи мулло Шамсиддин буд, ки ҳеҷ кас аз амали мадад ба фронт дар канор набуд. Ҳар кас дар бисот ҳар чизи бозоргир дошт, бе ягон ҳарфу сухан рӯи рӯймоли оҳарпаридаи момаи Олтиной мегузошт. Ҳиммати ҳар нафар ҳар ранг сурат мегирифт. Агар аз гузари Кордгарон Аҳмадхони ланг ду ханҷари ғилоф нуқракӯб хайр карда бошад, духтари мулло Шамсиддин Тоҷинисои бефарзанд ба идораи колхоз ягона мероси падар – қолини туркманиро пуштора овард. Дар тақлиди ин амали бевазани дар ҷанг шавҳаргумкарда Ҳалим букрии кӯзапушт гови қисирашро ба савдо гузошта, пулашро нақд ба дасти момаи Олтиной супурд. Наварӯсони деҳа аз арӯси Ҳамзаи беному нишон гумшуда ибрат гирифта, барои сиҳат – саломат баргаштани соябони сарашон зару зевари ҳанӯз ба гӯшу гардан наовехтаи худро месупуранд.

Момаи Олтиной баъди ба чанд дар сар халондану бо тарғибу ташвиқ чизе рӯёнидан бо ёд овардани он, ки имрӯз ҷумъа асту дар ин рӯзи муборак дар ба дар гашта талбандагӣ кардан раво нест, аз баҳри ёрдам ба аскарбачаҳо даргузашта, бо як ҷуфт гӯшвори духтари Қурбон чӯлоқу ду шадда марҷони меросии кампири Ойиша рост ба хонаи саркор омад. Ва садои гиряи тифли навзодро шунида ба ҷои он ки саломи Саодати ба пешвозаш ҳозиршударо алек гирад, даст ба дуо бардошт:

– Илоҳо, омин, Парвардигори ҳаждаҳ ҳазори олам ба

ҳар хонадон ҳамин хел гиряи кӯдакро насиб гардонад.

Саодат низ даст ба дуо бардошта, ҳамчун кадбонуи рӯзгордида афзуд:

– Илоҳо ба ин талабатон фариштаҳо низ омин гуфта бошанд.

– Иншооллоҳ, омин мегӯянд. Фариштаҳо аскари хонасӯхтаи Гермон не, дӯсти мӯъмину мусулмонанд. Ба ҳар дуои неку бади бандаи худотарс омин мегӯянд, – момаи Олтиной ба сарбозони душман боз бисёр лаънату нафрин хонда, маъракаи имрӯзаро ба ёд оварда пурсид. – О, гавҳорабандон гуфта будию ҳама ҷо об зада рӯфтагӣ барин ҷим-ҷирт-ку?

– Ҳол ба қудрат, момаҷон, – узр овард Саодат, – андак ёфту тофтамон сарфи табобати пои дардманди амаки Зафарҷон шуд. Лекин «хонаи гург беустухон не», гуфтагӣ барин ба ҳар ҳол каму беш тайёрӣ дидем. Дар ҳавлии дарун…

– Ҳоло писари Ҳамзаҷони раҳдура Зафар ном кардем гӯй, – аз шунидани номи тифли навзод хурсанд пеши сухани соҳибхонаро гирифт момаи Олтиной.

– Ҳа, момаҷон. Амакаш ҳамин хел ном монданд. «Ним сол пеш ҳамин номро хоб дида будам», – мегӯянд, – Саодат бо нӯги қарси сафед оби чашмашро пок кард. – Кошки аз Ҳамзаҷон ҳам ягон хату хабар пайдо мешуд. Амакҷонаш дарун – дарун сӯхта обу адо шуданд. Ҳар гоҳ назарашон ба чодари Садбарг афтад, фиғон кашида, «ғундор, тобу тоқати дидан надорам», – мегӯянд.

– Номаъқул кардааст! – Бо ситез даст шоф кард момаи Олтиной. – Қойда то арӯсу домод чил рӯз ормон нашикананд, чимилдиқро намеғундоранд. Ҳамзаҷон ҳамагӣ ҳафт шаб таги ин чодар буд. Банда баумед, шайтон ноумед, гуфтаанд. Ба қавли ҳамун шофири урус: «ҷанг хирмани коҳу одам сӯзан не, ки беному нишон гум шавад. Иншооллоҳ Ҳамзаҷон бо хумори ҳамин чодари арӯсиаш «ана ман» гуфта даромада меояд».

– Кошкӣ, – Саодат чашми ҳавзи об паҳлӯи момаи Олтиной нишаста, даст ба китфи хамзадаи мусоҳибаш бурд ва бо сипос афзуд. – Забони дуогӯятонро гардам, момаҷони

азизам.

– Ту ҳам шабу рӯз дуо кун, бӯтем, нахли умри одам бо дуо сабз аст. Ҳамқавми модари ман Бедили барлос беҳуда «ҷуз дуо дигар чӣ ояд, аз ману сомони ман» нагуфтааст ва дар фуроварди ин сухан назараш ба Карими аз зинапоя рӯболошуда афтода бо шиддат шӯрид. – Ҳой, бригад, ҳамин чодари арӯсии Садбарг ба ту чи вазнинӣ кард, ки ғундор мегӯӣ?!

Карим дар ҷавоб нафаси дар гулӯ гиреҳзадаашро базӯр фурӯ шинонида, саҳле табассум кард. Ва ин табассуми ба хотири момаи Олтиной раво доштааш аз шунидани аллаи Садбарг, ки аз хонаи гӯшагардон нолаомез ба гӯш мерасид, дар хами лабони парсингбастааш шикаст. Беҳолу мадор бо такядории асо паҳлӯи момаи Олтиной нишаста, ба андеша рафт: Асрори хоинии бародарашро, бо ғами Садбарги беваю Зафари зиндаятим то кай пинҳон медорад? Момаи Олтинойи пурдону ғамхор аз куҷо медонад, ки ба Ҳамзаи беному нишон ғайбзада чи ҳолу кор рӯх додаасту дар дили аз по ҳам маҷрӯхтари Карим қабат – қабат чи дарду ғам хуфтааст. Ба Саодату Садбарг ҳамин пиразни ҳамадон маслиҳат додаст, ки то Ҳамза барнагардад, чодари арӯсиро накананд. Намедонад ва агар донад ҳам бовараш намеояд, ки Ҳамза хоин асту дигар ба Ватан барнамегардад. Чи хел, бо кадом забон ба ин умедворон мефаҳмонӣ, ки Ҳамзаи тарсу пайтобаашро болои сар байрақ карда ҷониби немисҳо гузашт. Нолаву таҳдиди бародари ба хун оғуштааш ба ӯ кора накард, ҷонашро аз зану фарзанд азизтар донист, беномус! Борҳо азм кард, ки ин амали зишти бародарашро бо фиғон ба мардум бигӯяд, аммо чун ҳезуми тар дар худ печида месӯзаду ба касе чизе гуфта наметавонад. Ба кӣ мегӯяд, бо кадом рӯ мегӯяд? Ку фарёдрасе, ки дар бараш бишинаду дарду ғамҳои дар дили ранҷур гиреҳхӯрдаи ӯро бичинад. Гумонаш дар ин олами хунрезу пурмоҷаро тани танҳо асту дар қабзаи нотавониҳо ҳамчун моҳии аз об берун афтода метападу тадриҷан ҷон меканад. Ва бар асари ҳам нотавонию ҷонканиҳо дарк кард, ки одам ғамро не, балки ғам одамро мехӯрдааст. Раис ҳам ба ҳамин маънӣ кадом рӯз аз Хоҷа Ҳофиз байти андарзомезе хонда,

ғам махӯр ин рӯзҳо ҳам мегузарад, ҳар кас ҷавобгари гуноҳи худаш гуфт. Ӯ бо ин гуна ҳарфу сухани сарбаста чиро ва кадом гуноҳро дар назар дорад? Наход ба ӯ ягон хату хабаре расида бошад? Агар не чаро дар ҳар гапу суҳбат Ҳамзаро ёд меорад. Ду – се моҳи охир чанд бор меҳмони нохонда гардида, бо баҳонаи чи қадар коҳу чанд сар чорво дорӣ, коҳдону оғилхонаро хабар гирифт. Гумонаш Ҳамза фирорӣ асту ӯро Карим дар ҳамин оғилу коҳдон пинҳон кардааст. Эҳ, кош ӯ фирорӣ мебуд. Дарду ғами гурезагӣ нисбат ба тавқи лаънати хоинӣ саҳл аст…

– Ҳой, бӯтем, ба ту чи шуд? Худи одамони хаёлӣ барин ин қадар ба андеша рафтӣ? – гуфтани момаи Олтиной Каримро аз қайди хаёл берун овард.

– Ғами ҳамон чанд таноб замини Сафедхокиро дорам. Нисфи баҳор гузашту ҳамагӣ як борон шуд, – ба андешаи махшуши хеш баҳонаи дурӯғ пеш овард саркор. – Агар ҳаво ҳамин хел гарм шуда як ҳафтаи дигар борон наборад, ғаллаи бо қарзу қавола коштаамон қоқ мешавад.

– Ғам нахӯр, Худо карим аст, – айнан суханони раисро ба забон овард момаи Олтиной. –Ҳоло борони раҳмату сарсабзиҳои табиат дар пеш.

– Худи шоирҳо барин гап мезанед, – гуфт Карим бо табассум. – Аз шунидани суханатон одам роҳат мекунад.

– Шоир набошам ҳам, бӯтем, дар вақташ аз ҳамун Карим Девонаи машҳур нағзтар шеър мегуфтам.

– Ваҳ! – Беихтиёр нидо кард Карим.

– Чӣ, хаёлат духтари ҷайраему аз шеъру шоирӣ бехабарем, – момаи Олтинойро ҳангоми аз ҷой бархестан назар ба милтиқи шикории девори пешайвон афтода, бо ситеза байти такрор ба такрор аз падар шунидаашро хонд:

*– Гӯши кар бифурӯшу гӯши хар бихар,*
*Гӯши хар беҳтар бувад аз гӯши кар.*

Саркор низ дар тақлиди момаи Олтиной, бо мадади асо сари по шуда, қабл аз он ки мусоҳибашро барои ба гавҳора бастани Зафар ба хонаи гӯшагардон ҳидоят кунад,

пурсид:

– Манзуратон аз ёд овардани гӯши хару кар кист?

– Гӯши гапношунавои ту, – беибо иброз дошт момаи Олтиной.

– Ба ту сад бор гуфтам, ки ҳамин милтиқи зормондаро гум кун. Дар девори хона кашол будани милтиқ хосияти хуб надорад. Ин гапро ман аз мутавалии мазори Хоҷа Офоқи бузургвор шунида будам.

– Момаҷон, худатон нағз медонед, ки ин панҷтираи шикорӣ аз раҳматии падарам нишона. Барои ҳамин ҳам…

– Агар тангаву тиллои меросӣ бошад ҳам гум кун, ки оқибаташ нағз не, – бо таъкиди бештаре нӯги асояшро ба замин кӯфт момаи Олтиной. – Милтиқдорию дӯкондорӣ касаба аст, бӯтем. Агар касабадор набошӣ як рӯз не, як рӯз ҳатман фалокаташ мерасад.

– Ин ҳама хурофот, гапи беҳуда момаҷон, – ба таъкиди пай дар пайи мусоҳибаш бепарво посух дод Карим. –Як милтиқи сари сӣ сол дар девор кашол чи хел хосияти неку бад доштанаш мумкин?

– Дорад, бӯтем, халқ беҳуда панду андарз намегӯяд. Дидаву санҷидаву дониста мегӯяд. Раҳматӣ, мӯйсафеди ҷувозкашам мегуфт, ки ҳамин милтиқи зормондаву аспи почакалта моли мардуми қатағани ҷангара аст. Ин қавми ҷангҷӯ ҳатто дар гӯрашон бо васвасаи ҷанг ором намехобанд. Ана дар Самарқанд гӯри яктояшро кушодаю накушода ҷанги ҷаҳон сар шуд.

Аз гӯркушоии олимон ҷанги дувуми ҷаҳонро сабаб донистан ва Темурланги барлосро қатаған пиндоштани момаи Олтиной Каримро ханда омада, бо ҳазл иброз дошт:

– О, Ғулом Ҳайдар момаи Олтинойям аз қавми асили қатаған аст, гуфта ҳай сифат мекунанду шумо бошед ин қавми таърифии раисро чашми дидан надоред.

– Номаъқул кардааст раисат! –якбора барошуфт момаи Олтиной. – Ман қатаған не, эркадухтари заргари самарқандиам. Очаам аз қавми барлос бошад ҳам бо забони булбул барин гӯёяш Ғулом Ҳайдар барин сад тоҷикро ақл ёд медод. Агар донистан хоҳӣ ҳамин раиси маро қатаған гуфтагиат хондану навиштанро дар хонаи мо

омухтагӣ…

Ва агар ин лаҳза Саодат аз хонаи гӯшагардон ба айвон баромада, момаи Олтинойро даъват намекард, аҷаб не гӯши Ғулом Ҳайдар дар ҳалқаи мӯйсафедони офтобрӯя тамоми рӯз метафсид.

* * *

Як даста нури офтоб аз шохи дарахти назди хонаи гӯшагардон раҳо ёфта, аз тиреза рӯи хона рехт ва дар андак фурсат ба сандуқ расида, чеҳраи рангбохтаи майитро офтобӣ кард. Тане, ки аз ин нуру ҳарорат пайваста ҳаловат мебурд, заррае эҳсоси фароғат накард. Мӯйсафед гӯё хоб асту ҳама ин гирумонро дар хоб мебинад. Наход олами улвӣ хобу хаёл бошад? Агар хобу хаёл нест, пас чаро ҳама чизро бо кулли ҷузъиёташ мебинаду мешунавад ва тани ранҷураш ҳеҷ чизро эҳсос намекунад. Чунин вазъу ҳолро дар госпитали ҳарбӣ ҳангоми такроран ҷарроҳӣ шудан ба сар бурда буд. Аммо он вазъу ҳол ин қадар тӯлонӣ набуд. Садоҳо ҳам дигаргуна, саршор аз ҳарфу ҳиҷои парасторию меҳрубонӣ буд. Ва имрӯз тайи се соати назораву мутаваҷҷеҳӣ ба садоҳо ба ҷуз нолаву навҳаи пайвандон як ҳарфи хуше нашунид, ки лоақал ҷавобгӯи як рӯзи умри бо дарду иллат ба сар бурдааш бошад. Ва дар тақвияти ҳамин андешаву гила садое мисли тиловати оёти раббонӣ ба гӯшаш нишаст:

*Зиндагӣ кардани ман мурдани тадриҷӣ буд,*
*Он чи ҷон канд танам умр ҳисобаш кардам.*

Ин сухан аз кист? Куҷо нишастааст гӯяндае, ки ҳасби ҳоли ӯро ин қадар шево қироат мекунад? Мӯйсафед байни анбӯҳи мардум ба Ғулом Ҳайдар фарқ гузошт. Ӯ бо мадади асо ва такядорӣи абераааш мисли одами аз фарози кӯҳ хаманда қадам мезад ва ҳини ҳар қадам бардоштан остини холии яктаги қаҳварангаш алвонҷ мерафт.

Мӯйсафед бо таваҷҷуҳ ба остини чун бодпараки бачаҳо алвонҷ – равандаи Ғулом Ҳайдар, кӯшиш кард, ки синну

соли аввалин муаллими деҳаро муайян кунад. Ҳа, ёд овард, солаш вафодор асту аз ӯ як мучал калон. Наход бо ин қадар ранҷу ғам, дарду ситам ҳаштоду нуҳ сол умр дида бошад? Аҷаб не байти ҳоло ҳамчун оёти раббонӣ ба гӯшаш нишаста садои ҳамин Ғулом Ҳайдар буд. Ҳа, нолаи ӯ буд. Дар ин атрофу анкоф нафари дигаре чунин бадарду пурмаъно ҳарфу сухан гуфта наметавонад. Ва дар ниҳояти ин ҳукм мулло Шамсиддинро дид, ки дар фарози кӯҳи Хоҷа Офоқ рӯ ҷониби офтоби парпарон намоз мегузарад. Дар самти фурӯнишастаи офтоб оташ забона мезанад ва дар коми ин оташ хушку тар баробар месӯзад. Мӯйсафед ҳайрон аст, ки чаро дар алангаи оташ тарҳи чеҳраи ду одами манфур, яке бузришу дигаре тугмамӯйлаб бо фиғон месӯзад. Худоё, наход ҳазрати Ҷаббор ба бандаи аз мушти хок офаридааш чунин ҷабру ҷафо раво мебинад? Ва ин лаҳза аз мазори Хоҷа Офоқ садои мулло Шамсиддин чун бонги азон ба гӯш мерасад:

– Онҳо бандаи Худо не, махлуқони аз Худо баргаштаанд. Ҳамдами иблисанд, ҳамон иблисе, ки бо амри Парвардигор ба ҳазрати Одам саҷда наовард…

Мӯйсафед ёд овард, ки айнан ҳамин гуна гапро мулло Шамсиддин дар саҳни масҷиди хунолуд баъди аз оринҷ кӯтоҳ шудани дасти муаллим гуфта буд. Ва, албатта, дар ҳузури босмачиён не, пас аз деҳаро бо талаву тороҷ тарк кардани онҳо байт хонда гуфт:

*Он, ки кирдори бад раво бинад,*
*Худ зи кирдори худ ҷазо бинад.*

Ва ҳоло мӯйсафед пас аз сипарӣ гардидани ним аср ба дарки маънии як байти ҳамон рӯз аз забони мулло Шамсиддин шунидааш расид, ки воқеан фурсати умри фарзанди инсон беш аз фурсати ашки сари мижгон набудааст. Хоҳ бад кунӣ, хоҳ нек ҳамааш бо як мижа задан мегузарад. Ба назараш умри ба сар бурдаи Зафар фурсати ба ҳам бархӯрдани мижаро ҳам надошт. Аз марги муфоҷои фарзанд дили мӯйсафед мисли тарма аз синаи кӯҳ канда шуд ва

фурсат ба фиғон надода пора – пора гардид. Хаёлаш, ки ин дилпораҳо дар анҷомхонаи нимторик паҳлӯи ҷасади бо хун оғуштаи Зафар ҳанӯз ҳам паҳну парешон асту зери пои милисаҳои бетаҳорат нола дорад. Ин нола аз ханҷари мӯйсафед не, аз хуни дилпораҳои чун ашки мижгон шаклгирифтаи ӯ ба гӯш мерасад. Муддатест нолаву фиғон барои мӯйсафед бегона аст. Рӯҳи аз тан ҷудои ӯ як зарра эҳсоси дарду ғам надорад. Вай аз олами дарду ғурбат ворастаасту гирумони атрофиён, тапутези милисаҳоро бе эҳсоси ҳеҷ гуна дарду ғам назора дорад. Фақат ҳамин қадар ки нолаи дилпораҳои рӯи фарши анҷомхона паҳну парешонро мисли нолаи найи аз найистон буридаи Мавлоно мешунавад. Ва аҷаб не ин нолаи пайвандонаш аст, ки ба марги муфоҷои мӯйсафеду Зафар навҳа андохта, бо фиғон меноланд.

Мӯйсафед дилгир аз нолаҳои беохир ба фарози кӯҳи Хоҷа Офоқ назар андохт ва дар оғӯши шафақи лолагун Зафарро дид, ки дар кафи чап як мушт хоки Қаратоғу дар дасти рост ҷомадони сафарӣ ҷониби қуллаи барфпӯш гом мебардорад. Ва мӯйсафед ғамхорона мепурсад:

– Чаро ҷомадонат ин қадар вазнин?

– Ба ҳар хурду калони донишгоҳ дастовезе дорам.

– Ин мушти хокро ҳам тӯҳфа мебарӣ?

– Ҳа, ин хоҳиши як олмонидухтарест, ки ба хироҷи мамлакат меарзад.

– Хок ё духтар?

– Ё ҳарду, – бадоҳатон посух медиҳад Зафар ва дар фарози қуллаи барфпӯш чун ситораи саҳарӣ ғайб мезанад.

Мӯйсафед бо огоҳӣ аз асрори мушти хок, аммо бехабар аз қазову қадар ҳангоми ба нур даромехтани Зафар иллат мегирад:

– Ҳайфи хоки мазори Хоҷа Офоқ, ки ба тани кадомин хоин олуда мегардад.

* * *

– Ин чист?

– Хок, – посух дод Роза ба намояндаи хадамоти гумрук, ки халтачаи ҷанголуди хокро бо ҳазар нӯги ангушт ме-

дошт.

– Хок?

– Ҳа, хок, – ба такрор иброз дошт Роза ва бо хушгӯиҳои ҳамешагӣ киноя кард. – Ҳамон унсуре, ки аз даврони ҳазрати Одам то Менделеев ба ҳамагон бо муқаддасоти худ маълуму машҳур аст.

– Чӣ, дар Олмон ба тухми ин муқаддасот қирон омада-аст, ки онро аз Иттиҳоди Шӯравӣ мебаред? – Ба суханони киноямези мусоҳибаш бо киноя суол кард афсари гумрук.

– Инашро аз падарам пурсед, – бепарво посух дод Роза. – Ӯ аз ман хоҳиш кард ва ман ҳамчун фарзанди қобил кӯшиши ин супоришро иҷро кардан дорам.

Афсари хадамоти гумрук аз ин посухи сарбаста ба чизе сарфаҳм нарафта, суоломез ба корманди дар рутбаву мартаба аз худ баландтар нигарист.

– Падаратон олими хокшинос аст? – Тахмини худро ба забон овард афсари рутбабаланд.

– Не, ӯ тоҷир аст, – гуфт Роза ва бо ҳамон оҳанги хушгӯӣ афзуд. – Ба ҷуз илми асъоршиносӣ дигар амалеро манзур надорад. Пул ва танҳо пул роҳу равиши зиндагонӣ, ҳатто сиёсати давлату давлатдориро муайян мекунад, мегӯяд.

Аҷаб не хушгӯиҳои киноямези Роза ходимони хадамоти гумрукро писанд омад, ки аз таҳлилу таҳқиқи таркиби хоки пурасрор даргузашта, халатачаи чанголудро вопас ба ҷомадони мусофир гузоштанд ва бо табассум даст ба чака бурда ба соҳиби он иҷозати убури сарҳад доданд.

Қатораи тезгарди «Москва – Берлин» ба ҷуз сарҳади Иттиҳоди Шӯравӣ боз сарҳади ду кишвари Аврупоро убур намуда, пас аз ҳабдаҳ соат ба Олмон расид. Роза ба тахмини худ ғалат накард. Дар хона касе набуд. Дарбони яҳудитабор хабар дод, ки модари Роза дар сафар асту падараш ҳар рӯз як поси шаб ба хона меояд. Роза калидро аз дарбон гирифта, бо маломати волидайне, ки ба хотири тиҷорат дар манзили худ ба ҳукми иҷоранишинанд, зинапояҳоро шумур карда ба қабати севвум баромад ва аз охирин зина пой бардошта аҷабаш омад, ки шумури

зинапояҳо баробари умри Зафар шуд. Ин амри тасодуф аст ё худ мисли хобҳои медидааш таъбире дорад? Агар инро аз модари хурофотпарасташ пурсад, ӯ ҳатман зинапояро касофати маҳз таъбир намуда, дар кору зиндагӣ ранҷу дард, зиёда аз он зору ҳақириро пешгӯӣ мекунад. Ва аз ин гуна қиёсу таҳлил даргузашта, худро таскин дод, ки ба ҳеҷ ваҷҳ шумури зинаҳо то соли дигар як зина афзуда, ба сивуҳафт адад намерасад. Аммо умри Зафар бо афзоиш ин рақамро убур хоҳад кард. Тавре соли гузашта рақами сивупанҷро убур намуда, ба сивушаш расид.

Роза пас аз қабули гармоба муддате худро машғули қироати маҷаллаву рӯзномаҳо дошт. Азбаски ҳама маҷаллаву рӯзномаҳои рӯи миз марбут ба касабаи волидайн буд, эълону реклама ва таҳлилу баррасиҳои нигориши иқтисодӣ дилгираш кард. Баробари тугмаи телевизорро пахш намудан намоиши кадомин филми таъқибкунию зӯроварӣ оғоз ёфт. Ва ӯ озурдахотир аз тарғибу ташвиқи васоити ахбори умум худро ба курсии роҳат партофта, беихтиёр нидо кард:

– Қандата зан Ҳукумати Шӯравӣ! Дар радиову телевизораш ба ҷуз сифати давлату халқ ҳарфе гӯву рӯзата бин. Суруди миллиаш низ ончунон мутантан, ки шал бошӣ ҳам бо садояш аз ҷой бармехезӣ.

Ва ҳангоми бо шавқи толорҳои маҷлиси Маскав барои қироати мутантан лаб ҷуфт намудани Роза дами дар Ҳамза пайдо гардида, аз хурсандӣ фарёд зад:

– Роза! Худоё ман хобам ё бедор?! Розаҷони дадош кай омад?

Роза дар ҷавоб худро ба оғӯши падар андохта, пас аз бӯсу канор гила кард:

– Розаҷони дадош тамоми рӯз дар ин қасри боҳашамат бо чашми чор пазмони очаҷону дадаҷонаш нишастааст.

Ҳамза бо навозиш даст ба мӯйҳои парешони то китф хамидаи Роза бурда бо лабханд иброз дошт:

– Наход ҳамин манзили фақиронаи падарат қаср бошад? Кулба гӯй, духтарам, кулбаи волидайн.

– Ношукрӣ накунед, дадаҷон, дар муқоиса ба манзили

устодони донишгоҳи Масков ин манзил корвонсаройи ҳақиқист. Ва боз дониста бошед, ки дар чунин кулбаи фақиронаи шумо метавонад панҷ – шаш оилаи хушбахти Шӯравӣ зиндагӣ кунад.

Ҳамза хуб медонад, ки бо Розаи пурдону ҳозирҷавоб баҳс кардан осон нест. Бе муболиға гап занӣ, панд мешунавӣ. Ба ҳар ҳарфу суханат ҳатман гапе мегӯяд, ки гоҳе лол мемонӣ. Ва Ҳамза бо андешаи дар баҳси манзил музтар намондан ба навозишу меҳрубонии бештаре паҳлӯи духтараш нишаста, сӯҳбатро маҷрои дигар бахшид:

– Хайр шуд, ҷони дада, зиндагии дигаронро мону беҳтараш аз кору бори худат гап зан. Хонданат чи хел, азоб намекашӣ?

– Ба қавли шумо, то азоб накашӣ, роҳат куҷост. Устодони донишгоҳ чунон серталабу сахтгиранд, ки баъзан аз ин қадар мамлакати дунёро пушти по зада барои таҳсил ба Масква рафтан пушаймон мешавам, – ва гӯё сари ҳамин пушаймонӣ модарашро ёд оварда бошад ба падар рӯ оварда пурсид. – Воқеан, модарам кай меояд?

– Ҳамин ҳафта меояд, бо зарурате Мюнхен рафта буд.

– Ҳоло очаҷонатро надида меравӣ гӯй?

Падар ба киноян озурдахотир ба забон овардаи Роза бо табассум посух дод:

– Хотирҷамъ бош, субҳ телефон мекунем. Агар аз Москва омадани туро шунавад, болу пар кушода меояд ва бо сергапиҳояш ба дилат ҳам мезанад.

– Не, дадаҷон, ин хел нагӯед, ки ӯро сахт пазмон шудам. То мусофир нашавӣ, инсон намешавӣ, гуфтагӣ барин, қадри очаҷонамро дар мусофират фаҳмидам. Устодони донишгоҳ дар ҳар машғулият аз бузургии модар ҳарф мезананд ва ҳатто ҳангоми ба забон овардани номи Ватан ҳатман вожаи модар истифода мебаранд ва бо ифтихор Ватан – Модар мегӯянд.

– Офарин духтарам! – Қаноатманд даст ба китфи Роза гузошт падар ва қабл аз он ки аз бари духтараш бархезад бо ҳазл илова кард. –Ана ҳамин хел аз устодон сабақ омӯхтан гиред, як рӯз не, як рӯз ба қадри падарон низ мерасед.

– Дадаҷон, – Роза назари гилаомез ба чашмони хандони

падар дӯхт. – Худатон нағз медонед, ки ман шуморо аз очаҷонам ҳам бештар дӯст медорам.

– Медонам, духтарам, ман ҳам туро дӯст медорам. Ҳатто аз худам ҳам бештар дӯст медорам, – Ҳамза инро гуфта бо навозиши бештаре ба Роза рӯ овард. – Ва ҳоло мехоҳам бидонам, ки ҳамин духтари дӯстдори ман дар мусофират то кадом андоза забони русиро ёд гирифтааст.

– Алҳол ба ҳадди чукчаҳо, – бадоҳатан посух дод Роза ва ба ҳазли бештаре афзуд. – Фақат фарқ ҳамин ки бо ин забон мисли онҳо ҳар субҳу шом ба Сталин саломатӣ наметалабам.

– Ба Сталин?

– Ҳа, Сталин. Гумонашон Сталин ҳанӯз ҳам зинда аст. Барои исботи фикр аз телевизор диданашонро мисол оварда, ҳатто баҳс ҳам мекунанд.

– Дуруст мекунанд. Бечора одами бузург буд. Бузургон абадзиндаанд.

– Кӣ? Чукча ё Сталин? –Боз гапро ба ҳазл бурд Роза.

– Сталин! – Ҷиддан бо як навъ ифтихор посух дод Ҳамза.

– Пас чаро ӯро бечора мегӯӣ? Ӯ бечора не, доҳии пролетариати ҷаҳон аст ва ба қавли Черчел Русияи аграриро ба меросхӯрони носипосаш бо мушакҳои кайҳонӣ супурдааст.

– Садқаи ақли расову таҳлили барҷоят, – аз суханони Роза ба ваҷд омад Ҳамза ва барои Сталинро бечора гуфтанаш сабаб овард. Бо меҳрубонӣ бечора гуфтани мо тоҷикон ба як фаҳмиш маънии ба инсони ҷабрдида арҷ гузоштанро дорад. Хизматҳои ӯ барои давлати абарқудрати Шӯравӣ бузург аст, духтарам. Афсӯс ки ба хотири чанд нуқси ноқисаш ба ҳама хизматҳои бузургаш хати батлон кашиданд. Аз генаралисимус душмани халқ сохтанд.

– Муаллими фалсафаамон ҳам айнан ҳамин хел мегӯяд. Бар асари васваса инсон ҳатто аз пайғамбарони Худо ҷурм меҷустааст.

– Зиёда аз он худро пайғамбар ҳам мехонад, – гуфт падар дар тақвияти суханони Роза ва бо ситез афзуд. – Эй хок бар сари шумо барин пайғамбарон! Магар намедонед, ки «лонабиюю баъдӣ» гуфтаанд.

– Ваҳ! – Бо нидо аз ҷой бархоста ҷомадон кофт Роза. –

Хок гуфтеду ба хотирам омад. Ана ин халтача ҳамон як мушт хоке, ки хоҳиш карда будед.

Аз ин хушхабар чашмони Ҳамза дурахшида, беихтиёр назди ҷомадон зону зад. Аз ғояти ҳаяҷон дастонаш меларзид ва ӯ бо ҳамин ларзиши хокро аввал ба чашм молид ва сипас мисли он ки завҷааш иконаро бо тавоф мебӯсад, халтачаи чанголудро бибӯсид. Роза, ки ҳама ин гирумони падарро бо тааҷҷуб назора дошт, бо ҳайрат пурсид:

– Дадаҷон ин коратон чи маънӣ дорад?

– Ин дард аст, духтарам, ба сад фаҳмондан онро ту намефаҳмӣ. Ин дардро Хоҷа Камол барин одамон мефаҳманд.

– Кадом Камол?

– Ҳамон Хоҷа Камоле, ки бовуҷуди нури дидаву тоҷи сари мардуми Исфаҳон будан нолаҳои «во ғарибӣ» дошт.

– Ӯ ҳам мисли шумо хок мебӯсид?

– Мебӯсид, зиёда аз бӯсидан ба чашм тӯтиё мекард. Ин хок не, духтарам, ҷавҳари ҷисму ҷон аст. Ва бо ин хок чи кор карданатро қабл аз мурданам ба ту васият хоҳам кард.

– Дадаҷон, монед ҳамин гапҳои беҳударо, – бо ҳаррос пеши сухани падарро гирифт Роза. – Оё намедонед, ки ҳисоби миёнаи умр дар Аврупо на камтар аз ҳаштод сол аст ва шумо бо чунин рангу рӯи арғувонӣ аз ин ҳам зиёдтар умр хоҳед дид.

– Одам сад сол умр бинад ҳам муранда аст, духтарам.

– Агар медонистам, ки бо ҳамин гуна маргу мурдагӯиҳо диламро сиёҳ мекунед, асло ҳамин хоки зормондаро намеовардам.

Ҳамза бо дарки он ки аз шаҳру баёни дардолуд авзои Роза лаҳза ба лаҳза парешон шудан дорад, ашки дар чашмаш ҷӯшидаро нарм пок карда, паҳлӯи духтараш нишаст.

– Ту зиқ нашав, духтарам, ҳама ин сустиродагиҳо аломати пирӣ, – ва бо мақсади сӯҳбатро маҷрои дигар бахшидан пурсид. – Бо поезд омадӣ?

– Ҳа.

– Дар сарҳад халтачаи хокро дида ҳеҷ чиз нагуфтанд?

– Хеле пурсуҷӯ карданд ва ба хоки муқаддас гуфтанам

тамасхур карданду бас.

– Ҳа, то зору низори Ватан нагардӣ, кай муқаддасии хокаш донӣ. Ба таъбири Хоҷа Ҳофиз «куҷо донанд ҳоли мо сабукбарони соҳилҳо»…

– Чӣ гуфтед? –Ба суханони сарбастаи падар сарфаҳм нарафта пурсид Роза.

– Мегӯям, ки ин хокро кӣ овард?

– Як дӯсти наздикам, устоди донишгоҳ, – бо оҳанги ифтихор посух дод Роза.

– Ӯ ба Тоҷикистон сафари хизматӣ дошт?

– Не, зодгоҳаш он ҷост. Ҳар сол ду-се бор рафта меояд.

– Нагуфт ки ин хокро аз кадом маҳали Тоҷикистон овардааст?

– Аз зодгоҳи худаш, номи маҳалаш аз ёдам рафт, -Роза бо кӯшиши ёд овардани зодгоҳи устоди донишгоҳ аз падар пурсид. –Ҳа, воқеан, деҳаи худатон чи ном дошт?

– Қаратоғ.

– Худи худаш! – Хушҳол нидо кард Роза. -Деҳаи вай ҳам айнан ҳамин хел ном дорад. Як мазори бузург дорем, хокро бо ихлос аз ҳамон ҷо гирифтам гуфт.

Ҳамза аз шунидани номи деҳааш бо ҳаяҷон омада, бо муроди аниқтар муайян кардан номи мазорро ба забон овард:

– Хоҷа Офоқ?

– Кай донам, – бепарво посух дод Роза. –Ба ҳамин ном монанд чизе гуфт. Дар ҳар иду айём одамони бисёре барои зиёрат меомадаанд.

– Ҳа, одамони бисёр меомада бошанд, ин мазори Хоҷа Офоқ аст, – ба тахмини худ имон овард Ҳамза ва бо сипос пурсид. –Хайр бигӯ, ки чи ном дорад он марди накӯкор.

– Кӣ? –Ба пурсиши падар сарфаҳм нарафт Роза.

– Кӣ мешуд, ҳамоне, ки мушти хок аз мазори бузургвор овард.

Ва Роза исми марди накӯкорро бо манзури одами хеле наздик, зиёда аз он маҳбуб буданаш бо ноз ба забон овард:

– Зафар.

– Зафар?

– Ҳа, Зафар. Мегӯяд, ки ба хотири дар ҷанг шаҳид шудани падараш ба ӯ чунин ном гузоштаанд.

– Чӣ-ӣ? – Ҳамза бо ёд овардани ҷангали оташгирифтаву бародари маҷрӯҳ хавотир шуд ва бо хавотирии бештаре пурсид. – Чаро дар бораи ӯ ин қадар бо меҳру самимият ҳарф мезанӣ?

– Чунки дӯсташ медорам, – бепарда иброз дошт Роза. – Дар сирату сурат мисли худат чунон зебо, ки аз тамошояш чашм наканам мегӯӣ…

– Чандсола аст?

– Сиввушашсола, аз ман ҳамагӣ чордаҳ сол калону халос.

– Чаро то ҳол хонадор нашудааст?

– Фурсат надоштам мегӯяд. То асперантураю доктарантура хонда ҳимоя кардааст, ки ба қавли ту аз умраш як мӯчал гузаштааст, – Роза инро гуфта бо хушгӯии бештаре афзуд. – Ана акнун ба қадру қиммати зан расида, ба ман барин эркадухтар хонадор шуданӣ.

Ҳамза ба ҷои аз ин хушгӯии Роза бишукфтан бо кадомин андеша пурсид:

– Ту ба ӯ гуфтӣ, ки падарат аз Тоҷикистон аст?

– Не. Хайр, ин чи зарурат дорад?

– Бояд мегуфтӣ, номи маро ёд меовардӣ.

– Дадаҷон, вай ба падарам не, ба ман хонадор шуданист, – озурдахотир даст афшонд Роза. –Ба ин кор ному насаб, манзилу макони ту чи дахл дорад?

– Ба ҳар ҳол ба ӯ мегуфт, ки насабат насаби модарӣ бошад ҳам, падарат тоҷикистонист, миллатат немис бошад ҳам, хуни тоҷикӣ дорӣ.

– Ин гуна таҳлилу таҳқиқ чӣ аҳамият дорад? – Ҳайрон шуд Роза.

– Дорад, духтарам, дорад. Агар ҳамин хел мегуфтӣ – аҷаб не ӯ ҳам ину онро ёд оварда, ягон чиз мегуфт.

– Чӣ бояд мегуфт? –То андозае бо оҳанги ситез пурсид Роза.

– Лоақал киву чи кора будани падару модараш, хешу таборашро.

– Гуфтам-ку падараш ҳанӯз вай таваллуд нашуда дар

ҷанг ҳалок шудааст. Дар дусолагӣ аз модараш ҳам маҳрум гардидааст.

– Пас ӯ дар сағирахона калон шудааст?

– Не, амакаш калон кардааст. Ӯ маро ба ҷои падар буд мегӯяд.

Ҳамза ба андешаи мабодо номи амакаш Карим бошад ҳаросон пурсид:

– Нагуфт, ки амакаш чӣ ном дорад?

Аз ин пурсиш Роза оташин шуда бо оҳанги гила иброз дошт:

– Худоё, кай донам чи ном дорад! Ва ҳоло аҷаб не боз мепурсӣ, ки холаю холабачаҳояш чи ном доранду дар ношишта чӣ мехӯранд?!

– Оташин нашав, духтарам, мехоҳам ҳама чизро бо ҷузиёташ донам.

Роза аз ин муомилаи падар нарм гардида, бо ҳайрат ба чашмони ҳароснишастаи Ҳамза нигарист:

– Хайр бигӯ, дадаҷон боз чиҳо донистан мехоҳӣ?

– Мехоҳам ному насабашро бидонам.

– Гуфтам-ку номаш Зафар ба русӣ Победа, ба олмонӣ….

– Не, не ту насабаш, яъне фомилияшро бигӯ.

– Ҳа, насабаш. Насабаш мисли ҳама мардуми шарқ мутаалиқ ба зода, яъне Бақозода.

– Чи-ӣ?! –Ҳамза ваҳшатзада аз ҷой бархест. –Худоё, ин насаби бобоии мо-ку! Наход Садбарги шӯрбахт аз ман писар таваллуд карда бошад? Ай, Парвадигор, ин чи рӯзе буд ба сарам омад?!

– Дадаҷон шумо худ ба худ чиҳо мегӯед? – Аз васвасаи падар ваҳм гирифт Розаро.

Ҳамза ба пурсиши духтараш эътибор надода, бо ҳамон ваҷоҳати пурҳаррос суол кард:

– Баногоҳ номи амакаш Карим не?

– Ҳа, ёдам омад, -хушҳол посух дод Роза. – Номи амакаш Карим. Ба Зафар гуфтааст, ки баъди Масков дар Қаратоғ ҳам тӯйи калон мекунем.

Ҳамза бо фиғон сарашро дошта, бе ҳолу мадор ба курсӣ нишаст. Гумон кард дар вуҷудаш чизе канда шуд ва бори

гароне лаҳза ба лаҳза ба сандуқи синааш вазн меорад. Бо мушоҳидаи ин вазъу ҳол Роза ғамхорона пурсид:

– Ба шумо чӣ шуд дадаҷон? Гумон кардам хурсанд мешавед, аммо ранги рӯятон канду ба таҳлуқа афтодед.

– Таҳлуқаам ба хотири бахту тахти ту, духтарам, – бо илоҷе дарду изтиробашро андаке фурӯ шинонда, панҷаи гарми Розаро байни кафи сард гирифт падар ва ҳарф чида пурсид. –Ту бо ӯ ҳамхоба будӣ?

– Бо кӣ?

– Бо кӣ мешуд, бо ҳамон хушдори тоҷикат.

– Фарқаш чӣ. Бо ӯ ҳамхоба шудан ё нашудани ман ба шумо чӣ дахл дорад?

– Дорад, духтарам, дорад, – қариб ки бо тавалло хоҳиш кард падар. – Бигӯ бо ӯ ҳамхоба будӣ ё не?

– Худоё сивушаш сол дар Аврупо зиндагӣ карда бошед ҳам ҳанӯз ҳам аз ҳамон дарку мафкураи шарқиёна раҳо наёфтаед.

– Шарқро ба ҳоли худаш мону бигӯ, ки бо ӯ ҳамхоба будӣ ё не?!

– Гумонат худи шумо бо модарам бе ҳамхобагиҳо издивоҷ карда будед,-бо киноя посух дод Роза. –Шаби аввалу иффат ва боз ба ҳамин монанд ким-чиҳои дигар мафкураву тарбияи шарқиёна аст.

Аз иқрор овардани Роза Ҳамза дубора ранг бохта, бо садои маҳзун гуфт:

– Пас ту бо ӯ ҳамхоба будӣ…

– Ҳа, будам ва аҷаб не ба орзуятон расида бобо шавед.

– Марги ману орзуҳои ман! – Беихтиёр бо фиғон аз ҷой бархест Ҳамза ва бо шасти ҳамин бархестан даст ба банди дил бурда, рӯи фарш афтод.

– Дадаҷон! – Роза бо фиғон Ҳамзаи беҳушу ёдро бағал гирифта такрор ба такрор мегуфт. – Чашм кушо! Чашм кушо, дадаҷон, вагарна ман ҳам баробари шумо мемирам.

Ҳамза бар асари нолаву таваллои ҷигарбандаш саҳле чашм кушода, бо азоби алим зери лабу дандон чанд ҳарф ҳиҷа кард:

– Ҳа… ҳа… мин хо… хок…ро…

– Бигӯ чӣ кунам? – Ҳамон бо фиғон нола мекард Роза чашм ба даҳони аз сухан бозмондаи падар дӯхта.

Ҳамза кӯшиши боз чизе гуфтан кард, аммо ба ҷои лаб кафи дасти сардаш боз гашта, як мушт хоки мазори Хоҷа Офоқ рӯи қолини пурнақшу нигор рехта, аз талвасаи Роза зери по паҳну парешон шуд.

* * *

Дар сари қабрҳои бар ба бар кандаи гӯрканҳои Қаратоғ аввалин мушти хок аз кафи Ғулом Ҳайдар ба як газ сӯфи ҳамчун пешдоман ба миён ҳалқа кардаи набераи момаи Олтиной рехт. Дигарон низ дар тақлиди солдидатарин одами деҳа мушти хоки аз лаҳад беруномадаро барои вопас баргаштан ба қабр бо зикри ҳар оёте, ки медонистанд «куф» гуфта, ба пешдомани Шоҳин меандохтанд. Ва як ҷавони навхати дигар дар байни одамони атрофи қабри Зафар ҳалқазада айнан ҳамин амал ба харҷ медод.

Мӯйсафед ёд надорад, ки ба қабристони деҳа дар маросими дафн ягон вақт ин қадар одам ҷамъ омада бошад. Ҳатто бачаҳои мактабхони деҳа, ки дирӯз Зафар ҳамчун дастпарвари ҳамин мактаб бо онҳо мулоқот дошт, тибқи таомул тоқӣ пӯшидаву миёнбанд баста омадаанду ба ёди чеҳраи гарму хандони ҳамсӯҳбаташон ба хоктеппаи баланд маҳзун нигариста, ашк мерезанд.

Мӯйсафед ҳама ин гирумонро мебинад ва ҳатто ҳамон садои пасти ба хоки сахт бархӯрдани тешаи гӯркани дохили лаҳадро мешунавад. Ва бо таваҷҷуҳ ба ин гирумону садоҳо аҷабаш меояд, ки чаро одамон бар хилофи пургӯиҳои то ҷаноза ба харҷ додаашон ин ҷо хомӯшанд. Ба ҷуз ҳарфу гапи муллои деҳа, ки ҳар лаҳза бо ин ё он маслиҳат ба одамони дастандаркор дастур медиҳад, дигар сухане шунида намешавад. Ғулом Ҳайдар низ хомӯш аст. Ӯ дар як гӯшае болои миёнбанди рӯи замин густурдаи аберааш нишаста, вазнин – вазнин нафас мекашад. Шояд бо кафи хоколуд оби чашм пок кардааст, ки як бари рӯяш то хами риши сафедаш саҳле лойолуд аст. Наход ҳамон марде, ки ҳини дасташро бо табари кунд буридан ашк нарехта буд, ҳоло гиря дорад? Ва яқин аст, ки гиряи ӯ барои Кари-

ми қариб ҳафт мучал умрдида не, барои Зафари аз сад гул як гул ношукуфтааст. Дигарон низ барои Зафар ашк мерезанд. Бовуҷуди ҳаждаҳ сол дур аз зодгоҳ дар Москов зистанаш хурду калони деҳа ин ҷавонмарди фариштахӯро дӯст медоштанду бо номаш ифтихор мекарданд.

Бо ишораи мулло аз тобутҳои паҳлӯ ба паҳлӯ «ё лолакафано» гӯён аввал ҷасади Зафарро бардоштанд. Аз ин амал нуре, ки чун равшании равзана рӯҳи мӯйсафедро дар фазои бекарон муаллақ медошт, ба ларзиш омад ва бо тапу тез майл ҷониби турбати кафанпеч кард. Ӯ дар бораи марги тан, нуру рӯҳ бисёр шунидааст ва аз сӯҳбатҳои файласуфонаи Зафар бо такиядорӣ ба фалсафаи Имом Ғазолию Форобӣ ба пайванди ногусастанӣ доштани ин кароматҳо имон овардааст. Бо ихлоси ҳамин имомдорӣ Зафарро мебинад, ки кадомин китоби бузургҳаҷмро варақ гардонида мегӯяд:

– Баъзе маргҳоро бо таъбири тибби имрӯза марги клиникӣ мегӯяд. Ҳарчанд рӯҳ аз тан ҷудо шуда бошад ҳам, бар асари ин ё он амал имкони дубора ба колбад баргаштан дорад.

– Яъне як бор мурда бо хости Худованд аз нав зинда шудан?

– Бале, – бо лабханд тасдиқ мекунад Зафар ва барои исботи фикраш ҳодисаи дар Бадахшон рухдодаро мисол мерад.

Он солҳо Зафар унвонҷӯ буд ва бо таҳқиқу омӯзиши фалсафаи Носири Хусрав муддате дар Бадахшон буд. Дар деҳа, ки буду бош дошт, паҳлавоне мисли он ки дирӯз мӯйсафед ногаҳон фавтид, аз сактаи нобаҳангоми дил оламро падруд гуфт. Дар маросими дафни ӯ Зафари меҳмон низ ҳузур дошт ва бори аввал дар ҳамин маросим фаҳмид, ки дар манотиқи хокаш сангини кӯҳистон барои майит лаҳад намекандаанд. Агар рӯзи дафн бо андешаи майит бе лаҳад зери бори гарони ҳафт ман хок хуфтааст, таассуф хӯрда бошад, рӯзи дигар аз ин тарзи мурдагӯрондании мардуми кӯҳистон хурсанд шуд. Боис ба ин хурсандӣ субҳи содиқ ба хона кафанпӯш ҳозир гарди-

дани паҳлавон буд. Ёру рафиқон ба муносибати ин ҳодисаи гӯшношунид қадаҳ бардошта, аз паҳлавон бо ҳазл мепурсиданд, ки дар он дунё чӣ дидаасту чӣ шунидааст. Ӯ аз қадаҳбардориҳои умри пешин даргузашта ҷиддан мегуфт, ки дар ин фосила ҳамаро медидаму мешунидам. Ва аҳли сӯҳбат бехабар аз асрори марги клиникиву қудрати рӯҳу тан қадаҳи навбатӣ бардошта, бо хушгӯиҳои бештаре меафзуданд:

– Ин тур бошад ту дар он дунё не, бо мо будаӣ…

Мӯйсафед бо саҳле тапидан дар оғӯши нуқтаи дурдасти нури мутаассил ларзон орзу мекунад, ки кош марги Зафар ҳам марги клиникӣ бошаду аз кафани лолагун сар барорад. Ва дар ҳавои ҳамин ҳавас аз кадомин гӯшаи фазои бекарон садои аз насиҳатгӯиҳо хаста гардидаи момаи Олтинойро мешунавад:

– Не, бӯтем, яке теғу дигаре туфанг марги муфоҷот асту бузургтарин муқаддасоти ҷисму ҷон – хунро мекушад ва ило рӯҳ қудрати бозгашт надорад.

Мӯйсафед мутаваҷҷеҳ ба садо дар оғӯши биёбон дар ҳалқаи оташ Ҳамзаро мебинад, ки дар тан либоси ҷангӣ, дар даст корди олмонӣ ҷониби барраи навзоде гом мебардорад. Ва алорағми ин азми додар мӯйсафед менолад:

– Кош ба ҷои ин барра маро қурбонӣ мекардӣ…

* * *

Баробари назди ҳавлӣ ҳозир гардида садо додани мошин бибӣ Саодат гӯсфанди ба сутуни айвон ресмонбанд кардаашро кашола карда пеши дарвоза овард. Мӯйсафед қаноатманд аз амали завҷааш ба ҷавонмарди хандон аз мошин фуромада оғӯш кушод. Зафар баъди аз оғӯши гарми амак раҳо ёфтан тибқи одати бо мурури солҳо хӯгирифтааш назди бибӣ Саодат зону зада, бо завқу хумори бачагӣ нидо кард:

– Оғӯш кушо, бачаи мусофират омад, очаҷон! – Ва дасти саҳле ларзони қиблаи саҷда овардаашро бӯсида, бо шавқи бештаре афзуд: –Танҳо не, бо ҳамон фариштаи сари сол хоб дидаат омад.

Бибӣ Саодат дар лаб табассум, дар чашм ашк хам хӯрда, аз ҷабини Зафар бӯса гирифт ва сипосгузор аз амали фарзанд хоҳиш кард:

– Бархез, бачем, ки зону зада саҷда кардан фақат барои Парвардигор равост.

– Ин саҷда ба хотири чун Маккаи мукарама аз ман дур буданат оча ва боз намехоҳам, ки дар қаду баст аз ту баланд бошам.

– Бихез, ҷони оча, баландии қаду қомати ту баландии ман аст.

Ва дар ин фосилаи изҳори меҳру муҳаббат, лутфу садоқат ҳамсояи девордармиёни мӯйсафед дар даст корди усто Қаҳҳори Қаратоғӣ ҳамаи ин манзараро бо завқ назора дошт, пеш омад ва гӯсфанди думакалони ҳисориро бо як навъ чолокии ҳайратангез пойбанд намуда, сари онро пеши пои Зафар гузошт. Баробари ба гулӯи гӯсфанд корд давондани қассоб Розаи чунин манзараро дар умри сар надида бо ҳаррос «ваҳ» гӯён худро мисли духтарчаи тарсӯ ба оғӯши бибӣ Саодат андохт.

– Ин таомул аст, духтарам. Ба хотири иззати меҳмони олиқадр пеши пояш чорво сар мезананд, – амали барои Роза ғайричашмдошти қассобро шарҳ дод бибӣ Саодат ва келини дар қаду баст аз худаш як ваҷаб баландро бо меҳр гардан гирифта, дуо кард. – Илоҳо келини бафайзи қадам бошӣ.

Ва дар тақвияти ин дуои бибӣ Саодат садои меҳтари Қорӣ Саиди бо амри тасодуф раҳгузар бо навои тӯёна баланд гардида, боиси дар як дам ба ҳавлии мӯйсафед сарҷамъ омадани ҳамсояҳо гардид. Кадбону бо тапутези меҳмондорӣ назди онҳо дастурхон густурда, бо ҳазл аз меҳтарнавоз гила кард:

– Ҳунарата садқа, Қорӣ Саид, о, бо тӯю тамошо зан гирифтани Зафарҷонама як моҳ шуду ту акнун меҳтар менавозӣ.

– Як сол гузашта бошад ҳам менавозам, апаҷон, – гуфт меҳтарнавоз ва бо таъкиди маҳз афзуд. –Агар рӯзи зангириашро медонистам, Москва рафта, дар худи ҳамон Май-

дони сурх меҳтар менавохтам.

Зафар сипосгузор аз лутфи меҳтарнавози машҳури водии Ҳисор, бо назардошти чанд сол қабл аз ин дар Москов иштирокдори Рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон будани Қорӣ Саид иброз дошт:

– Амаки Қорӣ, ҳоло ҳамон ҳунари даҳ сол қабл аз ин ба харҷ додаамро бо баҳонаи тӯйи ҷиян такрор мекардам гӯед.

– Ҳа-да, ҷиян! – Аз лутфи Зафар якбора бишукуфт меҳтарнавоз. – О, тӯйи кадом қаратоғиро дидӣ, ки бе меҳтару меҳтарнавоз барпо шуда бошад. Ҳа, шери амак меҳтар мисли карнай табли ҷангӣ не, қосиди рӯзи нек аст. Ғайр аз навои тӯй дигар савту садое надорад.

Роза ба чунин суҳбатҳои гарму завқбахш ва даври чунин суҳбатҳо рӯзе чаҳор – панҷ карат дастурхон оростанҳои кадбону зеҳн монда, бе ҳеҷ дастуру талқин панд бардошта, ибрат мегирифт. Ибрати рӯзгордорӣ, панди иззату эҳтироми меҳмондорӣ.

Духтари аврупоии билкул аз урфу одати тоҷикон бехабар як моҳи дар Қаратоғ будан ба туфайли меҳмондорию суҳбатороии ин хонадон ва мизбонию меҳрубониҳои хешу тabори Зафар ба гирумони тоҷикона ончунон одат кард, ки гумонат байни ин мардум бо ҳавлирӯбию говҷӯшиҳои ҳамарӯза калон шуда бошад. Агар баногоҳе хоб медид тибқӣ панди аз кадбону шунидааш аввал онро ба оби равони ҷӯйбори назди ҳавлӣ гуфта, сипас бо таҳлилу тафсири бибӣ Саодат тадбир мекард.

Ва дар яке аз шабҳои хазонрези тирамоҳ аз хоби ҳангоми зуҳури ситораи Каровонкуш дидааш бо ҳаррос бедор шуд. Қабл аз он ки хобашро ба об гӯяд, онро бо тамоми ҷузъиёташ ёд овард: Дар соҳили дарёи пуртуғён падараш панҷаҳои хунолудашро гиреҳ карда бо фиғон чизе мегуфт. Азбаски масофа дур асту дар байн дарёи пурмавҷ ҷорист, Роза намешунавад, ки ӯ чӣ мегӯяд. Овози падарашро садои дарёи Қаратоғ пахш мекунад. Роза ба панҷаи хунолуду гиреҳхӯрдаи падар нигариста ҳайрон аст, ки чаро онро ба оби равони дарё намешӯяд. Ба ҷои ин амал бо

фиғон такрор ба такрор чизе мегӯяд. Наход ҳанӯз ҳам барои қабл аз издивоҷ бо Зафар ҳамхоба шуданаш дар ситез бошад? Агар ситезаш ҳамин амали ғайри шарқиёнаи Роза аст, пас метавонад хашм нагирад. Иффату покизагии Розаро аз ҳама беҳтар Зафар медонад. Ҳамон Зафаре, ки барояш зиёда аз иффати духатарӣ агар лозим бошад, сад ҷон қурбон мекунад.

Роза қарибиҳои чошт, баъди ба моҳидорӣ – лаби дарё рафтани Зафар хобашро ба бибӣ Саодат гуфта, ба умеди таъбири нек чашм ба даҳони хушдоман дӯхт. Ва кадбону бо лафзи шикастаи русӣ, ҳини дармондагиҳо дар сухан бо ишора фаҳмонд, ки дар хоб обу дарё дидан фоли нек аст.

– Хун, дасти хунолуди падарам чӣ? – Бо ҳамон хотири парешон пурсид Роза.

– Парешон нашав духтарам, хун рӯшноист, иншооллоҳ, бо мадади азизу авлиёҳо ба мурод мерасӣ. Падарат ба ту рӯзҳои нек таманно кардааст.

Роза аз шунидни чунин таъбир то андозе осуда гардида, пас аз рӯбучини хона ба хӯроки чошт дер кардани Зафарро баҳона андохта, бо иҷозати бибӣ Саодат лаби дарё рафт.

Пайраҳаи аз бари роҳи калон ҷониби дарё хамхӯрда ба тасмаи бодбараки байни хасу хор гум кардаи бачаҳо шабоҳат дошт. Пайраҳа ончунон борику каҷмокаҷак буд, ки Роза аз тарси захми хор бардоштану баногоҳ ғел нахӯрдан шумур карда қадам мебардошт. Зафарро назар ба ин манзара афтида, бо андешаи аз чунин гашт ба дарё ғел хӯрдани Роза аз эҳтимол дур нест, ҷониби ӯ дав гирифт ва дар нимароҳ Розаро рӯи даст бардошта, бо лутфи туғралона замзама кард:

– Ту мерафтию ман сури қиёмат соз мекардам…

Роза аз ин лутфи сухан бишукуфта хандон пурсид:

– Ягон моҳӣ доштӣ?

– Бале, доштам, –гуфт Зафар ва мутантан афзуд. – Моҳии тиллоӣ доштам!

– Канӣ? – Бо гумони гулмоҳӣ доштани шавҳар пурсид Роза.

– Ана! – Хушҳол ҷуссаи рӯи даст бардоштаашро ба-

ландтар бардошт Зафар. – Ва ин моҳии тиллоӣ мебояд аз се хоҳиш як хоҳиши маро фавран иҷро кунад.

– Чи гуна хоҳиш? – Бо завқи бештаре пурсид Роза.

– Як бӯса!

Ва онҳо даст ба даст ҳамдигар дода, лаби дарё фуромаданд. Ҳамон дарё, ки ҳамин субҳ Роза дар соҳили чапи он дада Ҳансро бо дасти хунолуд хоб дидааст ва рӯзи дигар ба пурсиши мӯйсафед падарашро айнан бо ҳамин ном муаррифӣ кардааст…

Мӯйсафед ҳозир аз чойхонаи деҳа баргашта бошад ҳам аз Роза хоҳиш намуд, ки як чойи талхи алафдор дам кунад. Азбаски Зафар дар мактаби деҳа бо хонандагон мулоқот дошт, аз Роза хоҳиш намуд, ки ҳамроҳи ӯ лаби дастурхон шинад. Келин ин хоҳиши мӯйсафедро муроат ба нони дастурхон пиндошта гуфт, ки сер асту дилаш чизе намекашад.

– Дилат накашад ҳам рӯзе як – ду бор чойи алафдор нӯшидан даркор, -мӯйсафед чойро рӯгардон карда пешниҳодашро шарҳ дод. – Алафи ин чой гурдаро аз санг, майнаро аз ғубор тоза мекунад. Барои ҳамин ҳам не нагуфта гарм – гарм як – ду пиёла нӯш.

Роза рӯ ба рӯи мӯйсафед лаби дастурхон нишаста, бо табассум иброз дошт:

– Агар санги гурдаву ғубори майна надошат бошам чӣ?

– Боке нест, сангу ғубори набударо пешгирӣ мекунад.

– Ин хел бошад чойро ман мекашам, – гӯён чойнакро назди худ гирифт ва як пиёла чой рехта онро дар тақлиди амали сари дастурхони хонавода ба харҷ додаи арӯси Шоҳин аз ҷой бархеста дароз кард.

– Офарин, духтарам, – гуфт мӯйсафед ва бо қаноатмандӣ афзуд. – Ба назар урфу одати моро аз худи мо беҳтар омӯхтаӣ.

– Бисёри ин гирумонро Зафар ҳанӯз дар Маскав ёд дода буд.

– Дар хунат ки ҳаст, зуд ёд гирифтӣ, вагарна ба сад хондану омӯзондан мурode ҳосил нашавад, гуфт мӯйсафед. – Зафарҷон мегӯяд, ки ному насабат немисӣ бошад ҳам, падарат тоҷик будааст.

– Ҳа, тоҷик. Зафар бо хоҳиш вай як мушти хок ҳам бурда буд.

– Барои чӣ? – Пурсид мӯйсафед бо мақсади аз «атри кафан» будани хоки Ватан то кадом андоза огоҳӣ доштани мусоҳибашро фаҳмидан.

– Аз куҷо донам, -бепарво посух дод Роза. – Хокро бӯсида такрор ба такрор чизе гуфт. Вақте ба суханаш сарфаҳм нарафта пурсидам, пеш аз маргам бо ин хок чи кор карданатро мегӯям гуфт. Аммо пас аз лаҳзе бе васият дар бағали ман ҷон дод.

Аз ёд овардани марги падар дар чашмони Роза ашк ҳалқа зад. Мӯйсафед бо мушоҳидаи ин вазъу ҳол андарз гуфт:

– Падару модармурӣ мерос аст, духтарам, Худо ҷавононро дар паноҳаш нигаҳ дорад, ки марги фарзанд теғи алмос аст.

– Зафар ҳам як сол аст, ки бо ҳамин алфоз маро таскин медиҳад, – гуфт Роза ашки ба рухсорааш таровидаро пок карда.

– Нотоб буд?

– Кӣ?

– Падарат.

– Ҳа, ду бор сактаи дил шуда буд.

– Ҳа-а, аз сактаи сеюм ило ҳеҷ касро халосӣ нест, – бо таассуф изҳор намуд мӯйсафед. – Дар воқеъ падарат чи ном дошт.

– Ҳанс.

– Чӣ ӯ номи тоҷикӣ надошт?

– Не, дошт, азбаски Ҳамза гуфтан бароямон душвор буд, модарам бо меҳрубонӣ ӯро Ҳанс, ман дада Ҳанс мегуфтам.

Аз шунидани номи Ҳамза гӯё дар вуҷуди мӯйсафед ноқили баркӣ пайванд шуда бошад аз шиддати ларза дар ҷойи нишасташ нимхез шуда ғайри ихтиёр нидо кард:

– Ҳамза?!

– Ҳа, Ҳамза, – аз вазъу ҳоли падарарӯс ба ҳайрат афтод Роза. – Ба шумо чӣ шуд? Магар ӯро мешинохтед.

– Не, не, намешинохтам, – мӯйсафед ба зарбаи баркқе, ки аз ҷисму ҷонаш гузашт, тоб наоварда аз ҷой бархест ва барои хавотирии бештаре набурдани келинаш илова кард. – Аз хотираҳои ҳамон солҳои ҷанг бо иштибоҳ ким – кадом ном ба ёдам омад.

– Чӣ одами ёд овардатон Ҳамза ном дошт?

– Не, Заҳҳок ном дошт, – гуфт мӯйсафед дар посух ва аз Роза хоҳиш кард. – Ту, духтарам, беҳтараш ба хона даро, то омадани Зафар ягон хӯроки болаззат тайёр кун. Ман ин ҷо намоз мехонам.

Роза итоаткорона ба хона даромад. Мӯйсафед беҳолу мадор рӯи катчаи чӯбини пешайвон нишаста, бехабар аз бесадо ҳозир гардидани Зафар нолид аз тақдири бади Ҳамзаву бадбахтии фарзандони пургуноҳи ӯ. Он чунон нолид, ки ҳар ҳарфи садои пурдардаш ба дили Зафар чун тир кора намуда, ҷавонмарди фариштахӯро бо дарки гуноҳи азим аз худ бегона, зиёда аз он девона кард. Аз шунидани он ки завҷаи бо фароғатҳои беинтиҳо дар бистари нарм бо оғӯши гарм ҳамхоба шудааш фарзанди падар аст, гӯшҳояш қулф зада, забонаш дар ком печид. Аз таркише, ки дар умуқи майнааш рух дод, бо заминларзаи домандор рӯзи равшан пеши назараш шаб шуд. Шабе, ки дар торикистони ваҳшатангезаш ақл раҳгум задаасту ба ҷуз марги пайгир дигар шабаҳе нест. Дар пардаи ҳамин торикистони чашмгир Зафари ақлбохтаро назар ба милтиқӣ девори пешайвон афтод ва беихтиёр даст ба панҷтираи шикорӣ бурд…

Аз масҷиди деҳа бо даъват ба намози пешин бонги муаззин баланд шуд. Мӯйсафед, нолаву фиғони гулугири хешро бо азоби алим фурӯ шинонда, рӯи ҷойнамоз рост шуд ва ҳанӯз бо арзи калимаи шаҳодат фурсати даст ба баногӯш бурдан нарасида, садои тир бонги гӯшнавози муаззинро пахш кард. Мӯйсафед даст дар баногӯш лаҳзае карахт монд. Худоё ин чи садое буд? Наход келинаш аз пурсишҳои такрор ба такрори ӯ чизе фаҳмиду… Не, не вай дар ин гирумони бозиллату пургуноҳ ҷурме, надорад, Худо нигаҳбони ин духтари фариштаҳӯ бошад… Ва дар ин

фосила аз «Зафар» гӯён фиғон кашидани Роза мӯйсафедро ҳуш аз сар парид. Аз саросемагӣ ҷойнамоз ба пояш печида сараш ба сутуни пешайвон бархӯрд, аз чашмонаш оташак парида такрор ба такрор «астағфируллоҳ», гӯён афтону хезон ҷониби анҷомхона давид. Розаи оғушта ба хун ҷасади Зафарро бағал гирифта, бо фиғон рӯю мӯй меканд. Мӯйсафеди аз тарс ақл бохта дар гавҳараки чашмони аз косахона барҷастаи Роза ба ҷои дастони имдодталабона болои сар бардоштаи панҷаҳои хунолуди Ҳамзаро дида, бе фиғону садо паҳлӯи ҷасади Зафар афтид. Гумонаш дили ҳафтод сол ба ҳар дарду бало тобовардааш пора-пора гардида, рӯи фарши анҷомхона парешон шуд.

* * *

Ҳарчанд масофаи байни деҳаву қабристон дур аст, мӯйсафед нолаву фарёди Розаро тавре дирӯз рӯи ҳавлӣ дар ҳалқаи одамони тасаллодеҳ мешунид, мешунавад. Фақат тафовут ин ки фиғони имрӯзаи келинаш нолаи фарди солим не, фарёди одами ақлбохта аст. Бо забони ба мардуми Қаратоғ билкул бегона ҳарчи мегӯяду ба лаҳни имдодталаб менолад ва бо хурӯҷи ҷунун фарёд мекашад. Бо ёди овардани кадомин афсонае фарёд мезанад: «Ман маҳии тиллоиам, ҳар чи мехоҳӣ биталаб Зафар!». Гумонаш Зафарро беморхона бурдаанду ҷарроҳӣ доранд. Дар асл ин лаҳза ба даҳани лаҳад хишту чим чинда, ба манзили абадии Зафар бо белу каланд хок мепартоянд.

Мӯйсафед ҳама ин гирумонро мебинад, вале як зарра эҳсоси дарду ғам надорад. Ӯ кабӯтари аз лона ворастаесту майли ба манзил бозгашт надорад. Аммо кадомин қувваи ноаёне талқин дорад, ки лонааш қафас бошад ҳам баргардад. На, бар намегардад! Ӯ дарк кард, ки ҳеҷ неъмате дар ин олам аз озодиву бедардӣ беҳтар буда наметавонад. Аммо қудрати талқингар аз ин исрори мӯйсафед қавитар асту ба нуқтаи нуру фазои озод фишор меорад. Фишор чунон тазъиқовар аст, ки ӯ дар устухонпораҳои ҳанӯз ҳам баҳам наомадаи пояш дард эҳсос мекунад, дарди ҷонкоҳ. Ва бо эҳсоси ҳамин дард шунид, ки одами ҷасади ӯро ба лаҳад

гузошта «лоҳавлалоҳ» гӯён бо ҳаррос нидо кард:

– Мӯйсафед зинда, нафас мекашад!

Аз ин нидо болои сари мӯйсафед байни одамони атрофи хоктеппа нишаста аҷаб ғиреве барпо шуд. Чанд нафар аз пайвандон осемавор худро даруни қабр партофтанд. Муллои деҳа барои ба зинда будани мӯйсафед имон овардан лаби қабр хам хӯрда, ба дохили лаҳад назар андохт. Ҳамагон дасти ба даст дар талоши ҳарчӣ зудтар аз лаҳад берун овардани майит буданд. Аммо алорағми ин гирумон худи мӯйсафед бо нолаву фиғони бесадо талоши бозгашт ба лаҳад, ба олами фориғ аз ғам дошт.

## ЯК РӮЗИ ХАЗОНРЕЗ

Барои падарам
Насриддин Нуъмонӣ

– Во, додоме!

Мӯйсафед гумон кард, ки хоб дид ва «ё наузамбиллоҳ» гӯён паҳлӯ гашт, аммо навҳа такрор ёфт.

– Во, бечора додоме!

– А? – Гӯё зарбаи ногаҳоние хӯрда бошад, ҳушёр шуда рӯи ҷогаҳ нишаст. – Наход Амир… Не-е, аҳволаш чандон бад набуд-ку.

Ҳа, шаб аҳволи Амир чандон бад набуд. Онҳо намози хуфтанро бо ҳам хонданд, дуруст аст, ки Амир дар ҷои нишасташ рӯи ҷойгаҳ хонд, лекин чашмаш равшан, суханҳояш ба ҷо буданд…

Навҳа аз ҳавлии ҳамсоя баландтар садо дод. Мӯйсафед овози Қудратро шинохта, саросема шуд ва то шитобзада аз ҷой хест, ки ба овози Қудрат овози маҳину бечуръати писарчае ҷӯр шуд:

– Во, бобоҷонаме!

– Ҳайфи дунё, ҳайфи Амире, – беихтиёр нидо кард мӯйсафед ва рӯ ба кунҷи айвон оварда, садо дод: – Ҳой, кампир, хез, ки дер кардем!

– Чӣ вақти намоз гузашт? – Аз болин сар бардошта, ба тирезаи айвон нигарист кампири мӯйсафед.

– Намоз не, одам гузашт, – мӯйсафед ҷомаашро сари китф гирифта, ҷониби дар рафт ва пеш аз он ки барои таҳорат офтобаро гирад, иддао кард: – Намешунавӣ бачаҳои Амир навҳа меандозанд.

– Вой, бечорае, ҷояш ҷаннат шавад, – беихтиёр даст ба рӯй кашид ҳамсари мӯйсафед.

– Ба ту сад бор гуфтам, ки бе таҳорат даст ба дуо набардор, – аз дами дари айвон кампирро итоб намуд мӯйсафед ва раҳорах ғур-ғур кард. – Дар сараш як тор мӯйи сиёҳ намондаасту на суннат медонаду на фарз.

Мӯйсафеди Нусрат саросема таҳорат карда, ба хонаи ҳамсоя гузашт. Кампири Оиша, ки ба пои бобои Амир сар андохта, ашк мерехт, баробари назараш ба ҳамсоя афтодан оҳанги навҳаашро ҷигарсӯзтар кард. Мӯйсафеди рӯи ҳавлӣ Қудратро гардан гирифта, ҳай навҳа андохтаро баробари назди Амир зону задан, боз ашк шашқатор шуд. Ӯ бо сад алам худро маломат мекард, ки чаро ба чашми равшану қуввати сухани Амир бовар кард. Охир ӯ дар ин умри тӯлонӣ бисёр мурдаву зинда дида буд-ку! Наход дарк накард, ки чашми равшани дӯсташ Амир хонаравшанӣ буд. Одамизод ҳазор сол умр бинад ҳам, шири хом хӯрдааст. Ҳайфи умр, ҳайфи тоату ибодат Амир! Дами сакарот касе дар сарат Ёсин ҳам нахонд. Дар ин хона ёсинхон аз куҷо, калимаи Шаҳодатро ҳам донанд ба хайр. Мӯйсафед ба хотири сураи Ёсин нашунида ҷон ба Ҷаббор супурдани дӯсташ се карат калима гардонид. Чашмонаш боз косаи об шуданд. Ашк аз чини ожангҳои рухсораш дар хирмани риши чун пахта сап-сафед ғайб мезаданд. Вай мегирист, талх мегирист, аммо равшан дарк намекард, ки барои чӣ ин қадар талх мегиряд. Ин гиряи талх танҳо барои марги Амир нест. Дар ин синну сол мурдан амри воҷиб аст, Худо ҷавононро дар паноҳаш нигаҳ дорад. Ва сари ҳамин андеша дарк кард, ки ба марги ҳанӯз фаронарасидаи худаш ва гирумони имрӯзаи ҷавонон мегиряд. Агар гирумонашон чунин бошад, онҳо пас аз чанд сол дар маргу мурда на ҷаноза хонда метавонанду на лаҳад канданро медонанд. Ана он

рӯз бе шунидани сураи Ёсин ҷон ба Ҷаббор супурдани Амир нисбат ба дафни беҷанозаи Нусрат дарди бахайр хоҳад буд…

Рӯз ба тадриҷ равшан ва саҳни ҳавлӣ пур аз одам шуд. Ҳаққу ҳамсояҳо, хешу табор, Қудрату писарчаи дувоздаҳсолаи ӯ – Холиқро гардан гирифта, ба ҳар алфоз таскин медоданд. Пас аз он ки чор тан гӯркоб ҷониби қабристон рафтанд, мӯйсафеди Нусрат ба Қудрат гуфт:

– Ба занат гӯй, сандуқи Амирро кушояд.

Мӯйсафеди Нусрат хуб медонист, ки дӯсташ ҳар чизе барои якрӯза мурдааш зарурат дорад, солҳои сол ҷамъ овард. Сандуқро кушоданд. Дар сандуқ ҳама чиз буд, ба ҷуз сӯф…

– Наход, дар хона сӯф набошад? – Мӯйсафеди Нусрат бо ҳайрат ба Қудрат нигарист.

Ва фарзанди яккаву ягонаи бобои Амир ба ин нигоҳ тоб наоварда, мисли одами гунаҳкор сар хам кард. Мӯйсафеди Нусрат барои пурсиши ноҷо худро маломат намуда, ба хотир овард, ки дар хонаи худаш низ лоақал як ваҷаб сӯф нест. Ҳафтаи гузашта дар дафни модари Истади Биргад низ айнан ҳамин гапу кор рух дод. Ҳатто аз калонтарин мағозаи деҳа чаҳор метр кафанворӣ ёфт нашуд.

«Худоё, чил сол ба пахта об монию оқибат бе кафан мурӣ» алами ба забон овардаашро бо андешаи мабодо нафаре шунавад, ба дил шинонд мӯйсафеди Нусрат ва аранге шунид, ки китобдори деҳа мегуфт:

– Худатон ба район наравед, намешавад, амак. Аҷаб не, ба ҳурмати синну солатон…

Домани осмон сурхӣ кард ва баробари ҳамин сурхӣ радиоузели колхоз низ ба кор даромад. Вақте мӯйсафеди Нусрат ба мошини директори мактаби деҳа Абдуллозода нишаста, бо гардани каҷ назди кадом калоншавандаи ноҳия рафтанро фикр мекард, радиои колхоз аз қадру қиммати пахта ва шаъну шӯҳрати Ватан будани он вазъ хонда, хурду калонро ба саҳро даъват мекард.

– Ин тӯтиҳои дастомӯз аз қадру қиммати одам гап заданро кай ёд мегирифта бошанд? – Гуфт худ ба худ Абдуллозода дандон соида ва аламашро аз мошин гирифта, дари

онро сахт пӯшид.

– Чӣ гуфтӣ, писарам? – Аз ҷои нишасташ гардан ёзонда, пурсид мӯйсафеди Нусрат.

– Мегӯям, ки ҳайфи умри одамизод, ҳафтод сол зиндагӣ кунию чизе надида гузарӣ.

– Ҳама роҳат дар он дунё, писарам, – ба таври худ мусоҳибашро таскин дод мӯйсафед. – Ин дунё фиреби назар аст. Бо лутфи амраш меоему меравем.

– Дуруст мегӯед, амак, фиреби назар аст, – пеш аз он ки моторро оташ диҳад, андешаҳои парешони худро хулоса кард Абдуллозода.

Мошин дар роҳе, ки аз ду бар бо пахта ва дар дуриҳои дур бо боғу ток банд буд, суръат гирифт. Хаёли Абдуллозода бо рӯзгори ба сар бурдаи Амиру фикри мӯйсафеди Нусрат бо чӣ сон пайдо кардани чаҳор метр кафанворӣ банд буд.

Аҷаб одами беозоре буд, бобои Амир. Умре на зану фарзанд, на атрофиён овози баланди ӯро нашунидаанд. Ба сараш санги осиё гардонида, ба сад алфоз таҳқир кунанд ҳам, на аз касе меранҷиду на гила дошт. Тамкинаш ба дашту кӯҳ вазн меовард. Кӣ медонад, шояд он тамкин не, як навъ беҷасоратӣ, мутеӣ ба ҳар гуна амру фармон ва бефарқӣ ба гирумони дунё буд? Ҳа, ҳар чизе буд, аз худаш буд, бо худаш бурд. Гӯё чанд муддат сиёҳу сафед, фаҳшу зебоӣ, адолату ноадолатиҳоро ба мушоҳида гирифту хулосае набароварда, ҳатто байни онҳо фарқе нагузошта рафт.

– Ташаббускор ба муҳоҷирӣ ҳамин Амири беозор буд, – мегуфт падараш ба Абдуллозода ва бо лабханд меафзуд. – Мо ду шабу ду рӯз ғирев карда, мошинҳои кӯчакашонро ба Тавилдара роҳ надодем. Амири беозор бошад бар хилофи ин ғиреву моҷаро хомӯш кӯчашро пуштора карда, назди мошин фуромад…

Ва Абдуллозода пас аз чилу ду сол, дар рӯзи марги бобои Амир дарк мекунад, ки мӯйсафед тарсу буду амрбардор. Агар ҳамин тавр не, чӣ тавр зодгоҳеро, ки дар он ба дунё омадӣ, ба қавле хуни нофат рехтааст, бе дарду ғирев тарк кардан мумкин аст. Бо амр умр ба сар бурдан, ба зиндагӣ

назар бо чашми дигарон доштан, на умр асту на зиндагӣ. Наход инро худи бобои Амир намефаҳмид? Кӣ медонад, шояд мефаҳмиду амалашро дигар кардан намехост. Абдуллозодаро ҳамон воқеае ба ёд омад, ки чанд сол қабл аз ин ба вуқӯъ пайваста буд. Ҳар бор он рӯйдодро ёд орад, ҳам хандааш меояду ҳам гиряаш.

Он рӯз бобои Амир бо амри Сайфуллои Биргад ба қитъаи дугектараи сари роҳ об мемонд. Абдуллозодаи роҳгузар пирамардро то зону дар лой дида, ба эҳтиромаш аз роҳ бероҳа шуд ва паҳлӯи ӯ сари марза нишаста, ҳолпурсӣ намуд.

Айни гармии сӯҳбати онҳо сари роҳ мошини котиби аввал пайдо шуд. Раҳим Қурбонов бо вуҷуди гармии тоқатшикан дар сар кулоҳ, дар тан пиджак дошт. Вай муддате ба киштзори ду бари роҳ, ки аз як самт бо пахта ва аз самти дигар бо рапс банд буд, назар андохта, чизеро барои худ гӯё қиёс кард ва қабл аз он ки ба замини рапс дароям, ба ронанда амр кард, ки обмонро даъват кунад. Бобои Амир ба ронанда фурсати аз ҷӯйбор гузаштан надода, қариб бодав назди котиб ҳозир шуд.

– Биргад куҷо? – Ба ҷои саломи пирамардро алейк гирифтан тунд пурсид Раҳим Қурбонов.

– Чум? – Китф дарҳам кашид бобои Амир.

– Обчии биргада туӣ?

– Ҳа, ман, – гуфт бобои Амир ва ҳарросон илова кард. – Биргад ҳар куҷо бошад, ҳозир меояд.

– Обчии биргада ту бошӣ, чаро картошкаро ин қадар обталаб кардӣ?

Нигоҳи маҳзуни бобои Амир ба панҷаҳои лойолуди пои то зону бараҳнааш андармон шуд. Абдуллозода дар ҳайрат монд ва бо ҳамин ҳайратзадагӣ аз дил гузаронд. «Шояд котиб шӯхӣ мекунад» Не, Раҳим Қурбонов ҷиддӣ буд ва ҳатто пеш аз ба мошин нишастан таъкид кард, ки худи ҳозир ба ин замин об гирад, нақшаи ноҳия дар бобати истеҳсоли картошка калон аст.

Котиб рафту аз мошини ӯ болои роҳ ғубор монд. Нигоҳи маҳзуни бобои Амир ҳанӯз банди панҷаҳои лойо-

луд буд. Абдуллозода ӯро оринҷ гирифта, нарм пурсид:

– Чаро ба ӯ нагуфтед, ки киштаи ин замин картошка не, рапс аст?

– Вай райкӯм, бачам, мудоме рапса картушка мегӯяд, пас ин зироат бояд картушка бошад, – бобои Амир инро гуфта, гӯё барои худаш илова кард. – Гуфташа накуну рӯзата бин…

Офтоб тулӯъ кард. Абдуллозодаю мӯйсафеди Нусрат ҳар кадом банди андешаи худ ба маркази ноҳия расиданд. Яке аз рӯзҳои муқаррарии тирамоҳи соли ҳазору нуҳсаду ҳаштод бо ҳама ташвишу назарфиребиҳо оғоз меёфт. Ба назар чунин мерасид, ки имрӯз нури хуршед тавоне надорад. Ҳама ҳарорати он гӯё масрафи гармои тоқатшикани водии Сурхон шуда бошад. Ва имрӯз офтоб пас аз ба кишварҳои дур бо тайёраву қаторaҳо интиқол гардидани неъмати ин водӣ бо дили нохоҳам тулӯъ мекард. Боғу токзори тани ағбаву доманакӯҳҳо, замини паҳнои сабзавот набардгоҳеро мемонд, ки лашкари бешумор пас аз афту дарафти шадид таркаш кардааст. Танҳо пахтазори шабнамфуромада бо вуҷуди иҷрои барзиёди нақшаи солона мисли рӯзҳои муқаррарӣ пур аз зану духтарон ва кӯдакони мактабхон буд.

– Ту, писарам, маро ҳамин ҷо – назди райпо, фурор, – баробари аз назди чойхона гузаштан хоҳиш кард мӯйсафеди Нусрат ва пеш аз он ки аз мошин фуроянд таъкид намуд. – Маҳаллаи Чапаеву Будёнийро ҳатман хабар кун. Ба назарам раҳматӣ дар колхози Жданов ҳам хешу табор дорад, онҳо бехабар намонанд.

– Хотирҷамъ бошед, амак, ҳамаашонро хабар мекунам.

– Таъкид кун, ки ба ҷаноза дер накунанд.

– Не, дер намекунанд, – дилпур намуд мӯйсафеди Нусратро Абдуллозода ва гӯё барои худ илова кард. – Ин мардуми аз ҳама кори дунё дермонда, алҳол ба ҳамин суннати бобоӣ дер намекунанд.

* * *

Қабулгоҳи котиби аввали кумитаи ҳизбии ноҳия Раҳим

Қурбонов нисбат ба рӯзҳои гузашта камодам буд. Ду-се нафаре, ки пеш аз мӯйсафеди Нусрат ба қабули котиб ҳозир буданд, ноумед баргашта рафтанд. Котиба – духтарки кокулбурида ва мутаносиби куртаи доманкӯтоҳаш кафши пошнабаланддор ба корафтодаҳо якранг ҷавоб медод:

– Раҳим Қурбонович банд, – ва ҳини дар мошинка дона – дона ҳарф чиндан, агар сари ҳиммат ояд илова мекард. – Касеро қабул намекунанд.

– Ҷон, духтарам, ба ӯ кори зарур дорам, – боз илтиҷо кард мӯйсафеди Нусрат. – Як даҳон пурс, шояд маро қабул кунад.

Котиба ба илтиҷои мусоҳибаш заррае эътибор надода, дона-дона ҳарф мечинд. Мӯйсафеди Нусрат ба умеде, ки шояд дили духтарак нарм шавад, бо илтиҷои бештаре хоҳишашро такрор кард.

– Оббо, гапро нафаҳмидед, нафаҳмидед-да, бобо! – Бо ҷаҳл ба кадом як ҳарфи мошинка сахт ангушт зад котиба. – Гуфтанд, ки ба наздашон касеро даромадан намонам. Ба пленум тайёрӣ дида истодаанд. Мефаҳмед, пленум!

– Пленум, пленум! – Низ оташ гирифт мӯйсафеди Нусрат. – Пленум сабр мекунад, лекин мурдаро маҳтал кардан убол аст! – Ва аз овоз баланд карданаш хиҷолат кашида нарм, вале бадард илова кард. – Охир, ту мусулмонӣ? Мо рӯи хона мурда дорем, наход…

Оҳанги бадарди мӯйсафед кора кард. Котиба курсиро нарм тела дода, аз ҷой хест ва ҳафре нагуфта, ҷониби дари бо чарми сияҳ рӯйкашшуда рафт. Раҳим Қурбонов кадом як коғази пур аз арқомро назар ва баъзе рақами онро ба коғази дигар сабт мекард.

– Раҳим Қурбонович, ба наздатон пирамарде омадааст, мегӯяд, ки…

– Гӯй, ки ман банд, сабр кунад, – арзи котибаро то охир нашунида, пеши сухани ӯро гирифт котиб. – Агар вақтам шавад, қабул мекунам, – ва аз рақамҳои коғази дасташ чашм наканда пурсид. – Газетаҳои имрӯза омад?

– Не, ҳанӯз наоварданд.

– Ҳамин, ки овварданд, «Правда»-ю «Известия»-ро ба ман биёр, дигар ҳамаашро ба мудири зал супор, пошивка кунад.

– Хуб шудааст, Раҳим Қурбонович.

– Як чойи талх дам кун, – бо амри худ котибаро дами дар нигоҳ дошт Раҳим Қурбонов ва фурсати «хуб шудааст, Раҳим Қурбонович» гуфтан надода, таъкид кард. – Ба Нурулло телефон карда гӯй, ки як меҳмони нозук меояд, дурусттар тайёрӣ бинад.

– Хуб шудааст, Раҳим Қурбонович.

Баробари дари дутабақаро боэҳтиёт пӯшидани котиба яке аз телефонҳои рӯи миз мусалсал занг зад.

– Ҳа.

– Раҳим Қурбонович, шуморо аз Душанбе мепурсанд, – арз кард телефончидухтари байнишаҳрӣ ва фурсати «марҳамат гап занед» гуфтани ӯ нашуда котиб овози баланду хушҳоли раиси комитети радио ва телевизионро шунид:

– Салом, Раҳим Қурбонович. Чӣ ҳол доред?

– А-а, Соҳиб Назаров, салом, салом. Худатон чӣ хел? Бо ташвиши дунё монда нашуда гаштаед?

– Ташаккур, бо дуои шумо барин дӯстон, – сипосгузорӣ намуд Соҳиб Назаров бо ибораи обшуставу забонзада ва зуд сари мақсад омад.-Мурод аз занг заданам аввал ҳолпурсӣ, сипас як хабари тоза расондан буд.

– Хӯш, хӯш? – Мароқ зоҳир намуд Раҳим Қурбонов.

– Ёд доред, ҳафтаи гузашта ба наздатон мухбир фиристода будам.

– Ҳа, албатта, – гуфт котиб ва то андозае бо оҳанги ҳазл илова кард.-Ба назарам супориши ҷиддӣ гирифта будааст, ки расо се соат гаранг кард.

– Ба ҳар ҳол радиои ҷумҳурӣ, – чоплусона ба ҷои мухбир узр овард Соҳиб Назаров. – Ҳазорҳо нафар гӯш мекунанд. Барнома идона аст, аҷаб не, худи калон ҳам шунаванд.

– Наход?

– Ҳа, ин хел барномаҳо дар як сол як бор садо медиҳад,

тамоми заҳмати яксолаи ҷумҳурӣ таҳлил мешавад. Шахсияти ҳар як иштирокчии барнома дар Комитети Марказӣ тасдиқ шудааст ва калонҳо ҳатман гӯш мекунанд.

– Хайр, суханамон ба гӯш кардан меарзад? – Гулпурсӣ намуд котиб.

– Аз ҳама беҳтарин суханронӣ, ин суханронии шумост, – боз чоплусӣ кард Соҳиб Назаров. – Қабл аз таҳияи барнома худам шахсан ду бор гӯш кардам. Дар аввали барнома ба шумо сухан медиҳанд. Ҳатман гӯш кунед.

– Ташаккур дӯстам, лутфи шумо зиёда, – миннатдорӣ намуд котиб ва дар омади гап пурсид. – Хайр, ҷиян розӣ?

– Қуллуқ, аз хурсандӣ ба худ ҷои нишаст намеёбад. Аз лутфу меҳрубониятон расо як соат нақл кард.

– Ҳеҷ гап не, худаш бачаи ҳушёр барин, камтар ҷумбида истад, оянда ягон вазифаи дурусттар медиҳем.

Соҳиб Назаров барои сарпарастиҳо бисёр миннатдорӣ намуда, пеш аз хайру хӯш бори дигар таъкид кард, ки пас аз чанд дақиқа барномаи «Зафар муборак» оғоз меёбад, ҳатман гӯш кунад.

Раҳим Қурбонов аз тариқи радио борҳо сухан кардааст ва аз оинаи нилгун низ худашро дидааст. Аммо ба суханронии имрӯза пас аз хабари Соҳиб Назаров таваҷҷуҳаш дигар шуд. Модоме сухани аввалро ба ӯ медода бошанду боз худи калон гӯш мекарда бошад…

Котиба чой дам карда овард. Раҳим Қурбонов пеш аз он ки чойро гардонад, гӯшаки радиоларо тофта, ба котиба таъкид кард:

– Ба наздам касеро даромадан намон.

Садои мутантани карнаю сурнай «Хуб шудааст, Раҳим Қурбонович» гуфтани котибаро пахш кард ва лаҳзае нагузашта, овози гӯянда ба гӯш расид, ки мегуфт:

– … Дар таърихи кишвар бори аввал ба давлат як миллион тонна «тиллои сафед» супурда шуд! Ин хирмани осмонбӯси «тиллои сафед»-ро дастони тиллоӣ офариданд. Ҳамон дастоне, ки Ватанро шод, дастурхони мамлакатро обод мекунад. Дар ин комёбии бузург ҳама ноҳияҳо ҳиссаи арзанда доранд. Имрӯз, хусусан, меҳнати деҳқонони ноҳияи Меҳнатободро махсус қайд кардан лозим аст. Зар-

корони ин ноҳия ба давлат зиёда аз ҳафтод ҳазор тонна «тиллои сафед» супурданд, ки панҷ ҳазор тоннаи он илова ба нақша аст. Дар ин хусус ҳоло нақли котиби аввали комитети ҳизбии ноҳия Раҳим Қурбонович Қурбоновро шунавед…

Ҳанӯз сухани котиб, ки оғозаш аз ғамхориҳои рӯзафзуни ҳизбу ҳукумат, инчунин душвориҳои обу ҳавои имсола буд, анҷом наёфта, дари дутабақа бошаст кушода шуд ва мӯйсафеди Нусрат ба «ҳай-ҳай» – гӯиҳои котибаи ҳарросон заррае эътибор нодада, назди мизи дарозрӯяю ялаққосии Раҳим Қурбонов ҳозир шуд.

– Чӣ гап? – Абрӯ гиреҳ намуда аз ҷой хест котиб.

– Ба ин одам сад бор гуфтам, ки Раҳим Қурбонович банд ҳастанд. – Ҳаросон узр овард котиба. – Чашмамро хато карда, зада даромад.

– Охир, як соат аст, ки дами дар нишастаам. Такрор ба такрор банд мегӯяду банд, – аламашро ба забон овард мӯйсафеди Нусрат.

– Ҳа, ман банд, кор дорам, – бештар ҷигот андохта, ба ҷояш нишаст котиб.

– Ман рӯи хона мурда дорам, одами маҳшаре ҷамъ шудагӣ, имрӯз бояд гӯронам, – паст наомад мӯйсафеди Нусрат.

– Хайр чӣ, комитети партиявии район похороний бюро не-ку.

– Медонам, пахарон не, – бе таклифи котиб курсиро наздаш кашида, нишаст мӯйсафед ва арз кард. – Назди чанд калону калоншаванда гардан каҷ кардам, ҳоҷатам буд нашуд, ин ҷо омадам.

– Хайр, аз ман чӣ мехоҳед?

– Як тӯб сӯф.

– Сӯф? Барои чӣ? – Ҳайрон шуд котиб.

– Барои чӣ мешуд, барои кафанворӣ.

– Хайр, ба назди раиси райпо равед, – бепарво ҷавоб дод Раҳим Қурбонов ва гӯё ҳамин лаҳза дарк кард, ки бо кӣ мусоҳиб аст, алам кашида, дағалона шӯрид. – Ҳаминаш монда буд, ки котиби райком бо кафанкобию мурдагӯронӣ машғул шавад.

Мӯйсафеди Нусратро иддаои котиб сахт расида бошад ҳам, ба хотири амри ӯро гирифтан дандон ба дандон монда узр овард:

– Медонам, писар, кори шумо бисёр, одамгӯронию кафанкобӣ кори шумо не, лекин чӣ кор кунам, ки аз ягон ҷо наёфтам. Раиси райпо ҳам надорам гуфт.

– Ӯ, ки надошта бошад, ман аз куҷо ёбам? – Аз узри мусоҳибаш андаке нарм шуд котиб.

– Дорад! Як тӯб не, ду – се тӯб дорад, аммо мудири базааш гуфт, ки ин резерви райком барои шиору плакатҳо, – мӯйсафеди Нусрат инро гуфта, бо ҳаррос лаҳзае авзои котибро ба мушоҳида гирифт ва дид, ки ба қавли раис аз ҷиҳати сиёсӣ хато накардааст, бадард илова кард: – Ман рӯи хона мурда дорам, вай бошад мо шиору плакат менависем мегӯяд.

– Бе шиору плакат тарбияи халқ душвор, бобо! Ҳама муваффақиятҳои мо…

– Дуруст, писарам, дуруст, – саросема хатои «сиёсӣ»-и худро ислоҳ кард мӯйсафеди Нусрат. – Ягон кори дунё бе шиору плакат буд намешавад, барои мо шиору плакати бисёр даркор. Ман гуфтанӣ будам, ки мурда ҳам мурдаи халқ аст. Бечораи Амир умре дар хизмати колхоз буд, ҳамеша…

– Ҳамаи мо дар хизматем, бобо, – пеши сухани пирамардро гирифт Раҳим Қурбонов ва мутафаккирона афзуд. – Барои ҳамин ҳам давлат ба мо нон медиҳад.

– Ҳа, албатта, писарам, ба ҳар рӯзу соаташ шукрона дорем.

Котиб ба раиси ҷамъияти матлубот сим зада, амр кард, ки аз куҷое бошад барои пирамард як тӯб сӯф пайдо кунад. Мӯйсафеди Нусрат аз хизмати Раҳим Қурбонов хурсанд бо сад сипосу миннатдорӣ назди раис рафт ва назари котиб ба коғази рӯи миз афтода, бо телефони дохилӣ ба мудири шӯъбаи тарғибу ташвиқ Исмат Бобоев амр кард:

– Назди ман дароед!

Раҳим Қурбонов ба пуштаки курсӣ такя зада, як пиёла чой нӯшид.

– Мумкин, муаллим? – Исмат Бобоев даст пеши бар дарро кушода, чоплусона гапро аз суханронии котиб дар барномаи идонаи «Зафар муборак» сар кард. – Рости гап расо оличаноб суханронӣ намудед. Шунида кайф кардем. Заҳмати яксолаи деҳқонон, мақоми комитети партиявии ноҳияро чунон таҳлил кардед, ки…

– Рапортатонро хондам, – сухани ӯро бурида, сари мақсад омад котиб. – Ҳм... Аҷиб, агар коммунист чунин тақводор бошад, аз дигарон чӣ гила? Коммунист дар айни долу зарби пахтачинӣ дар қабристон нишаста, дуоюю фотеҳа мехонад. – Раҳим Қурбонов аз рӯи одат манаҳ хорида канда-канда, вале маънидор илова кард. – Ана ҳамин хел, рафиқ Бобоев, бақои корҳои идеологии мо ва рафтори коммунист.

Исмат Бобоев, ки тайи ду соли кор хислати котибро хуб омӯхтааст, бо нияти ба шахси дар байни халқ ӯро мулзамнамуда ғазаби сарвари ноҳияро бештар намудан ба мазаммати Абдуллозода пардохт:

– Боз шасташ чунон баланд, ки аз асп фурояд ҳам, аз узангӣ намефурояд. Ҳа – ҳа, нагӯед, ба зиндагӣ сад айб монда, моро гунаҳкор карданӣ…

– Чунки бақои корҳои идеологӣ суст, рафиқ Бобоев! – Мушт ба миз кӯфта, аз ҷой хест котиб. – Ба муқобили дину диндорон мубориза бурда наметавонед. Халқро пода барин ба ҳоли худаш сар дода мондаед.

– Гапатон дуруст, муаллим, – гунаҳкорона нигоҳашро ба коғазҳои рӯи миз андармон кард Исмат Бобоев. – Лекин ҳаракат дорем, ки…

Вай хост гӯяд, ки моҳи гузашта чаҳор нафар одами масъулро барои ба ҷаноза рафтанашон ҷазо додем. Боронпаноҳи қабристони деҳаҳои Танобчию Ҳалқаҷарро булдозер монда вайрон кардем. Аммо бо андешаи он ки ҳама ин корҳо бо иштироки бевоситаи худи котиб суръат гирифта буд, худдорӣ кард. Раҳим Қурбонов занҷири тиллоии соаташро, ки тӯҳфаи кадом як директори сохвоз буд, байни ангуштон бозӣ доронда, назди тиреза омад ва гӯё ҳамин занҷир ба сустии бақои корҳои идеологӣ гунаҳкор

бошад, онро бо ғазаб албонҷ дода, ба саҳни боғи идора назар андохт.

– Медонед дар ноҳия чанд масҷид ҳаст?

Аз ин пурсиши ғайричашмдошти котиб ҳайрон монд Исмат Бобоев. Раҳим Қурбонов аз шохҳои баланди хазонрасидаи чинор чашм наканда, интизори ҷавоб шуд.

– Мебахшед, муаллим, дар ноҳия ягон масҷид нест. Агар… ҳамон масҷиди Хоҷа Саидро дар назар дошта бошед, кайҳо валангор шудагӣ. Қариб 40 сол анбори колхози «Коммунизм» буд.

– Буд, буд! – Котиб бо шаст баргашта таҳдидомез ба мусоҳибаш наздик шуд. – Ҳисоботи гузаштаро монед, ҳозираашро гап занед! Мардум дар ҳар маҳалла ба ном меҳмонхона – чойхона сохта, он ҷо шаб то рӯз бо ибодат машғуланд. Шумо бошед…

– Худи ҳамин рӯз комиссия ташкил карда, деҳа ба деҳа мегардем, – даст пеши бар гирифта, аз ҷой хест Исмат Бобоев. – Агар дар ягон ҷо…

– Аз ходимони милитсия низ намоянда гиред…

– Албатта.

Раҳим Қурбонов ба мудири шӯъбаи тарғибу ташвиқ хост «метавонед равед» гӯяд, вале мақсади ӯро даъват карданашро ёд оварда пурсид:

– Хӯш, масъалаи он директори диндорро кай мебинем?

– Абудллозодаро?

– Ҳа.

– Шумо медонед, муаллим, шояд дар ҳамин бюрои навбатӣ…

– Шумо аъзои бюро, ғайр аз ин шоҳид будед, ки коммунист дар рӯзи равшан дуо мехонд… Фаҳмо?!

– Фаҳмидам, муаллим, – ва барои то чӣ андоза фаҳмиданашро собит кардан афзуд. – Пӯстаки ин хел коммунистро афшондан лозим, то дигарон хушёр шаванд. – Ӯ инсонеро мазаммат ва ба шахси аввали ноҳия бадном мекард, ки ҳамроҳ даҳ сол дар як мактаб сабақ омӯхта, ба қавле як пуд намак хӯрдааст. – Медонед, муаллим, дар ҳузури раиси совети қишлоқ чӣ гуфт?

– Хӯш? – Мароқ зоҳир намуд котиб.

Исмат Бобоев бо ҳамон оҳанги шӯрангезӣ афзуд: – Шумо идеологҳои мансабдор аз халқ дину масҷидро гирифта, бар ивазаш чӣ додед, гуфт.

– Чӣ?! – Бо ғазаб котиб занҷири дасташро рӯи миз партофт. – Чаро ин гапро дар рапортатон қайд накардед? Охир ин нисбат ба ману шумо, ба кормандони комитети партиявии ноҳия ҳақорат аст!.. Барои ин таҳқир ӯро муҳокима не, фавран ҳабс кардан лозим! Шумо бошед…

– Бубахшед, муа…

– Ин гапро дар хузури раиси совети қишлоқ гуфт? – Бо кадом як андеша ба масъала равшанӣ андохтанӣ шуд Раҳим Қурбонов.

– Ҳа, муаллим, ду – се нафар раҳгузар низ шунида, ҳатто гиребон доштанд…

– Гиребони киро?

– Гиребони худашонро. – Исмат Бобоев аз оҳанги пурсиши котиб рамуз гирифта, барои гиребони Абдуллозодаро нагирифтани раҳгузарҳо сабаб овард. – Аз девори каҷ ҳазар гуфтагӣ барин бо ин одами бадгап ҳеҷ кас сар ба сар шудан намехоҳад. Раис ҳам аз дасти ӯ чунон ба дод омадааст, ки… Ҳафтаи гузашта аз радио дар бораи колхоз фелетон шунавониданд. Медонед, муаллифаш кӣ? Ҳамин Абудллозода, – ӯ инро гуфта, бо таассуф сар ҷунбонд. – Раисро хӯсаи саҳро гуфта масхара кард.

– Хӯса? – Ҳайрон шуд котиб. – Ҳм… хӯсааш чӣ гуфтанӣ гап?

– Намедонам… Аҷаб не, шакли дигари кӯса бошад…

– Ҳм… – заҳрханда кард котиб, – яъне бесақол.

– Ҳа, айнан ҳамин хел, муаллим, – чоплусона тасдиқ кард сухани Раҳим Қурбоноврo мудир. – Мегӯянд, ки дар радио рафиқонаш кор мекунанд. Ҳамун журналистҳо инро ҳаво гирондагӣ.

– Ҳеҷ гап не, баробари худаш ҳавои ҷӯраҳояшро ҳам паст мекунем, – дилпурона изҳор намуд котиб ва аз мусоҳибаш пурсид. – Ин фелетонро кай шунавониданд?

– Чӣ хел фелетон?

– Ҳозир гуфтед, ки раисро кӯса гуфта…

– Ҳа, ҳа, ҳафтаи гузашта.

– Ҳм… ҳафтаи гузашта… ҳозир, – ӯ гӯшакро бардошта, ба телефончидухтари байнишаҳрӣ амр кард. – Маро бо Душанбе пайванд кун, – ва ба Исмат Бобоев рӯ оварда амр намуд. – Абдуллозодаро худи ҳамин рӯз ёфта, назди ман оред. Аъзоёни бюроро ҳам хабар кунед. Ҳама соати се ҳозир шаванд.

– Хуб шудааст, Раҳим Қурбонович, – айнан сухани тӯтивори котибаро такрор намуда, қаноатманд аз дафтари кории котиб баромад Исмат Бобоев.

Лаҳзае нагузашта телефончидухтар рақами ба забон овардаи котибро пайванд кард ва Раҳим Қурбонов бо вуҷуди соате аз ин пеш бо Соҳиб Назаров гуфтугӯ кардан ӯро хуб ҳол пурсида, хоҳиш кард, ки фурсат дошта бошад, бо ҳам дар тарабхонаи ағбаи Ҳуснобод хӯроки чошт хӯранд.

* * *

Баробари шакл гирифтани хоктеппа садои марғуладори мӯйсафеди Нусрат танинандоз шуд. Чанд тан ҷавоне, ки хоктеппаро барои зеботар шакл гирифтани мадфан пушти бел мезаданд, саросема ба замин нишастанд. Мӯйсафеди Нусрат, ки дар маргу мурдаи мардуми деҳаи Чортут ягона дуохон аст, оятҳои аз даҳони дигарон шунида азбар кардаашро оҳанг бахшида мехонд. Абдуллозода гӯш ба қироати ғалат андар ғалати мӯйсафеди Нусрат ва чашм ба иморати валангори даромадгоҳи қабристон дошт. Ин лаҳза ӯро назар ба Исмат Бобоев афтод, ки кулоҳ дар даст ва дастро ба пушт ҳалқа андохта, бо раиси деҳшӯрои Шӯробод аз байни қабрҳо як-як қадам монда меомад. «Хайрият, – худ ба худ андешид Абдуллозода – хуни одамгарияш ба ҷунбиш омадааст. Ба ҳар ҳол фарзанди ҳамин деҳа буд, нону намаки халқ, эҳтироми мӯйсафедро андеша кардааст»… Ва аз ин фикр ғубори аз Исмат Бобоев ба дилаш нишаста то андозае бардошта шуд. Раиси деҳшӯрою идеологи кулоҳбардаст ҳанӯз ба сари қабр нарасида,

мӯйсафеди Нусрат даст ба дуо бардошт. Аз ҳозирон танҳо Абдуллозода оятро пурра қироат накарда, даст ба дуо бардоштани «мулло»-и деҳаро дарк кард.

– Халоиқ, Амир чӣ хел одам буд? – Бо овози баланд пурсид мӯйсафеди Нусрат пас аз даст ба рӯ кашидан.

Муддате аз халқ садо нашуд. Раиси деҳшӯро паҳлӯи Абдуллозода рӯи хок зону зад. Исмат Бобоев лоҷарам ба ӯ пайрав гардида, дикак нишаст. Хомӯшии ҳозирон ба дили мӯйсафеди Нусрат вазн овард.

– Бандаи беозор буд, – аранге ба гӯш расид овози Ғаффори Шалпар ва чанд тан дар пайравии ӯ ҳамин гапро такрор карданд.

– Раҳматӣ одами хуб буд! – Баланд садо кард Абдуллозода ҳарчанд дар дил сифати Ғаффори Шалпар раво дидаро ҷонибдорӣ мекард ва бо ҳамон садои баланд афзуд. – Илоҳо ҷояш ҷаннат шавад.

Ба ҷуз Исмат Бобоев ҳама боз даст ба рӯ кашида, аз ҷой бархестанд. Ягона суннати дафнро итоат кардани Исмат Бобоев ин шуд, ки пас аз сари қабр ҳафт қадам дур шудан гап зад:

– Абдуллозода, шумо бояд худи ҳозир ба райком равед.

«Аблаҳ, заб ҷои хабар кардан ёфтӣ». Қариб буд ин гапро ба забон орад, аммо ба хотири бобои Амир гулпурсӣ кард:

– Чаро?

– Намедонам, худи калон таъин карданд.

– Ба калон гӯед, ки ман кори зарур дорам, – гуфт Абдуллозода ва барои «талхакаф» нашудани қосид илова кард. – Аввал қатори халқ сари қадам ба хонаи бобои Амир медароем, баъди дуоюю фотеҳа ба райком меравем.

Исмат Бобоев ба ин шаккокии нави Абдуллозода чӣ гуфтанашро надониста, хомӯш монд. Ва ин кам буд, ки мусоҳибаш болои ҷароҳат намакоб пошида, маслиҳат андохт:

– Агар хоҳед, бо ҳам фотеҳа хонда, сипас назди калон меравем.

– Не, раҳмат, вақт надорам, – кулоҳашро ба сар монда,

қадаммониашро тезонид Исмат Бобоев ва байни издиҳоме, ки аз дари панҷараоҳани қабристон мебаромад, ғайб зад.

* * *

Ҳавои ағба нисбати водӣ салқин буд. Роҳи ҳар ҷо – ҳар ҷо чун дарбеҳи ночаспон асфалти нав хӯрда то фарози ағба печида-печида ва сари ҳар хамгашт теппаҳои баланд-ро бурида мегузашт. Ронанда – ҷавони газгӯшт хомӯш мошин меронд. Радио қисмати дуввуми барномаи «Зафар муборак»-ро мешунавонид. Гӯянда бо оҳанги мутантан дар сифати пахтаю пахтакор ҳарф гуфта, ба ин ё он раису механизатор, олиму шоир сухан медод. Раҳим Қурбонов гӯш ба ҳарфи радио, чашм ба боғу токзори тани ағба ба андеша рафт: Оё суханронии ӯро калон шунида бошад? Пас аз ду-се рӯз бояд ӯ ба ноҳия ояд. Калон аз кори ӯ қаноатманд аст. Кадом рӯз дар яке аз ҷамъомадҳои вилоят дар ҳузури роҳбарони бисёр ба дигарон аз ноҳияи Меҳнатобод ибрат гирифтанро талқин кард. Акнун мебо-яд сазовори боварӣ кор кард. То ба ноҳия омадани калон бо ҳар роҳ нақшаи солонаи гӯшту ширро иҷро кардан ло-зим. Ҳисоби ширро шербачаҳои идораи маҳсуоттайёркунию деҳшӯроҳо аз ҳисоби аҳолӣ меёбанд. Аммо масъалаи ҳамин гӯшт андак чатоқ аст... Ҳеҷ гап не, ба раёсати омор амр кардан лозим, ки бист фоизи боқимондаро якбора ба қайд гирад. Ба Меҳнатобод ома-дани калон бесабаб не. Аҷаб не, ноҳияро ҳамчун ғолиб ба гирифтани байрақи сурхи сайёри Комитети Марказӣ пешбарӣ кунанд. Ноҳия ду сол аст, ки дар вилоят аввалин шуда нақшаи солонаи пахта буд мекунад. Шояд худи ӯро низ ба ягон орден сазовор донанд. Ҳа, дар ҷамъбасти ҳар панҷсола ба ордену медал пешбарӣ кардани одамон расм шудааст. Ҳафтаи гузашта аз кумитаи ҳизбии вилоят сим зада таъкид намуданд, ки рӯйхат то охири моҳ бояд тайёр шавад. Рӯйхати чанд танро ба ордену медал шахсан худаш пешниҳод кард ва инро дирӯз ҳангоми хоҷагиҳоро чарх зада, вазъи пахтачинию фермаҳоро аз назар гузаронидан

ба онҳо гӯё дар омади гап гӯшзад кард. Ку, бубинад, чӣ ҳиммате доранд. Ӯ аз Шариф Салимов дилпур аст. Муйсафед гурги борондида, чӣ хел муносибат ва хизмат карданро нағз медонад. Шоҳмотбозӣ ҳам пешниҳоди ӯ буд. Мӯйсафед пеш аз рухсатӣ рафтани Раҳим Қурбонов қатори ӯ раисону курсишинони ноҳияро ба меҳмонӣ даъват кард. Баъди зиёфат аз ҷониби мизбон пешниҳод шуд, ки як дастӣ шоҳмот бозӣ кунанд.

– Лекин ду шарт дорам, – гуфт Шариф Салимов. – Шарти аввал, ҳар касе ғолиб ояд, бо дигарон бозӣ мекунад. Шарти дигар бозӣ пулакӣ, – ӯ инро гуфта, довталабона рӯ ба рӯи котиб нишаст ва ҳини доначинӣ бо ҳазл илова кард. – Эҳтиёт бошед, Раҳим Қурбонович, банда бозингари бад не.

Аммо бозингари «таърифӣ» пас аз даҳ гашт мот шуду ботаассуф даст ба зону зада аз ҷой хест ва:

– Дар ҳақиқат бозингари зӯр будаед, – гӯён рӯи тахтаи шоҳмот як бандча пул гузошт.

– Ӯҳӯ, шарти бозӣ ин қадар маблағи калон будааст, – худро ҳайратзада вонамуд кард котиб.

– Ҳамин ҳам маблағ шуду, – бепарво даст афшонд гурги борондида ва маънидор илова кард. – Ҳазору ду ҳазор кирои оқилона дона рондан намекунад. – Ва пеш аз он ки аз сари тахтаи шоҳмот хезад, бо табассум ба ҳозирон рӯ оварда, нидо кард. – Марҳамат кӣ довталаб?!

Дар шоҳмотбозӣ дигарон аз Шариф Салимов ҳам «беҳунартар» буданд. Дар чор – панҷ ва аз ҳад зиёд фикр кунанд, дар ҳафт гашт бозиро бой медоданд.

Ҳамин гурги борондида пас аз як ҳафта дар даст сумкачаи кӯдакона ба дафтари кории котиб ҳозир гардида, хандон – хандон арз кард, ки ҳарчанд ночиз бошад ҳам, ба рӯзи мавлуди духтарчаи Раҳим Қурбонович сари роҳ ҳамин сумкачаро харидааст ва пеш аз рафтан гӯё дар омади гап пурсид:

– Ҳа, дар воқеъ шунидам, ки барои директории идораи маҳсулоттайёркунӣ одами муносиб меҷустаед?

– Ҳа, корҳои Қурбонмурод хӯрҷин, аз уҳдааш набаро-

мада истодааст.

– Рост мегӯед, ноҳияи калона ташвишаш ҳам калон, – сухани котибро қувват дод Шариф Салимов ва пеш аз он ки барои хайру хуш даст диҳад, бо табассум илова кард. – Агар сумкача ба духтарча маъқул шавад, як амаки ба ин вазифа муносиб ҳаст.

Ҳалқаи ёқутчашму даспонаи тиллои сумкача ба завҷаи Раҳим Қурбонов он қадар писанд омад, ки бар ивази ин тӯҳфа тайёр буд, як вазифа не, тамоми Меҳнатободро бахшад…

Мошин аз роҳи калон бероҳа гардида, Раҳим Қурбоновро аз банди хаёл берун овард. Саҳни тарабхонаи «Орзу» хело сермошин буд. Ронанда бо ишораи Раҳим Қурбонов «Орзу»-ро чарх зада, бо роҳи пиёдагард ба ақиби тарабхона гузашт. Директори маркази савдои Ҳуснободро баробари назар ба мошини котиб афтодан аз қабати дуввуми тарабхона қариб бо дав назди ӯ ҳозир шуд ва ба вохӯрӣ даст дода, ҳарросон пурсид:

– Бегоҳ омаданӣ будед-ку. Райҳон телефон карда ҳамин хел гуфт. Меҳмони нозук меомадааст.

– Дуруст гуфтааст, – бо табассум даст ба китфи Нурулло партофт котиб. – Меҳмони нозук бегоҳ меояд. Меҳмоне, ки ҳозир меояд, ҳамтӯ як пиёла чой мегираду меравад.

Аз посухи котиб рӯи Нурулло ранг овард.

– Хайрият, боз ман «бетайёрӣ шарманда шудам» гӯён қариб талхакаф шавам.

– Далер бош, Нурулло, – гуфт Раҳим Қурбонов ва маънидор чашмак зад. – Ҳама нияту корҳо ҳоло дар пешанд.

– Ташаккур, муаллим, – чоплусона даст пеши бар гирифт Нурулло аз ишораи котиб маънӣ бардошта.

Он рӯз ҳам дар хонаи Нурулло айнан ҳамин хел чашмакӣ зада буд Раҳим Қурбонов. Ба Нурулло не, ба завҷаи хушқаду қомати ӯ – Санавбар, ки пас аз нӯшидану ошомидан табақи мантуро аз дастархон мебардошт. Ба ин амал котиби навкори ноҳияро худи Санавбар шердил кард. Пеш аз он ки шавҳараш меҳмонро ба хона оварад,

назди ойинаи барқад нишаста, ба рӯю абрӯ расо ӯсмаву ғоза кашид, куртаи атласашро бо хилъати ба тан часпону гиребонкалон иваз намуд. Ӯ меҳмонро бо хушбошиҳои бисёр рӯ ба рӯи худаш шинонида, барои ба Раҳим Қурбонов ин ё он анвои рӯи дастурхонро муроот кардан ба ҳадде ҳам мешуд, ки синаҳои тарангаш аз чоки хилъат чун шири дамидаи рӯи оташдон метофт. Аз тафти ҳамин оташ бо хумори шири дамида Раҳим Қурбонов беихтиёр даст ба шиша бурд ва се қадаҳро лабрез намуда, пеш аз он ки Нурулло барои сихкабоб ба айвон барояд:

– Барои бонуи меҳмоннавоз ва дастоне, ки чунин мантуи хушлаззат пухтааст, – гӯён ба ҷои қадаҳ лаб ба дасти Санавбар бурд.

То пухтани сихкабоби Нурулло меҳмону Санавбар рӯи диван паҳлӯ ба паҳлӯ нишаста, хеле сӯҳбат карданд ва баробари дар даст лаълии пур аз сихкабоб ҳозир шудани ӯ Раҳим Қурбонов пурсид:

– То кай дар ин хоначаи тангу тор зиндагӣ мекунӣ?

– То даме, ки ҳиммат накунед, – бо табассум ҳозирҷавобӣ кард Нурулло.

– Дар Ҳуснобод ба сохтани катеҷҳои нав сар кардем, – аз чӣ бошад Нуруллоро монда, ба Санавбар рӯ овард котиб. – Ҳар кадом чор – панҷ ҳуҷра ва ҳафт таноб замини назди ҳавлигӣ дорад.

– Охир ҷои корашон ин ҷою… – забон хоид Санавбар.

– Агар хоҳад ҷои кораш ҳам дар ҳамон ҷо мешавад.

– Чӣ кор? – Ба ҷои Нурулло бо ноз пурсид Санавбар.

– Моҳи оянда дар Ҳуснобод маркази савдо ба кор медарояд. Ин марказро бо ҳафтод нафар коргар ба ихтиёраш медиҳем.

Аз ин ҳиммати Раҳим Қурбонов чашмони Санавбар барқ ва дили Нурулло гум зад…

Барои Соҳиб Назаров дар ҳуҷраи алоҳидаи тарабхона, ки ҷониби боғи дилкушои маркази савдо айвони хосса дошт, ҷой тайёр карданд ва Раҳим Қурбонов бо вуҷуди серкорӣ бо ӯ беш аз як соат сӯҳбат кард. Пас аз гусели меҳмон Нурулло аз Раҳим Қурбонов пурсид:

– Зиёфати бегоҳро дар ҳамин ҷо тайёр кунам ё дар боғ?

– Не, Нурулло, дар хона тайёр кун, – маънидор табассум намуд котиб.

– О, Райҳон гуфт, ки меҳмони нозук меояд...

– Меҳмони нозук ману ту, – меҳрубонона даст ба китфи мусоҳибаш партофт Раҳим Қурбонов. – Мантуи келинро ёд кардем. Боз шунидам, ки гармобаи ҳавздор ҳам сохтаӣ, – ва пеш аз он ки ба мошин шинад хотиррасон намуд. – Имрӯз Салом янгаату бачаҳоро ба Сарбанд мебарад. Қарибиҳои бегоҳ бо мошини худат ба идора биё.

Мошини осмонрангу рақамаш ҳукуматии котиб кайҳо ба роҳи нишеби ағба хам хӯрда бошад ҳам, Нурулло қади роҳи калон даст пеши бар рост меистод. Ӯ фикр мекард, ки имшабро дар куҷо рӯз кунад…

* * *

Баробари аз хӯроки чошт баргаштан Ҷамшедро фавран ба назди Соҳиб Назаров даъват карданд. «Чӣ гап бошад, ки аз ваҷоҳаташ барфу борон меборад» аз дил гузаронд Ҷамшед авзои сардорро ба мушоҳида гирифта ва ба яке аз курсиҳои мизи дарозрӯя нишаста пурсид:

– Ҷеғ зада будед, Соҳиб Назарович?

– Ҳа, ҷеғ зада будам, – гуфт бо зарда сардор як даста коғази парешони рӯи мизро ҷамъ оварда, бо ҳамон оҳанг пурсид. – Мехостам фаҳмам, ки то кай аз бефаросатии шумоён ман гап шунавам?!

– Чӣ воқеа рух додааст, домулло? – Ҳайрон шуд Ҷамшед.

– Зиёда аз ин чӣ воқеа рӯй диҳад, ки коргари корхонаи идеологӣ зидди сиёсати давлат кор мекунад?!

Ҷамшедро аз сар андешаи «ин соҳибмансаби бефарҳанг боз чӣ гапи наве ёфта бошад, ки гапро ба сиёсати давлату давлатдорӣ печонда истодааст» гузашта бошад ҳам, суханро нарм ба забон овард:

– Ба назарам ҳама ин солҳо ба ҷуз мадҳу сано чизе нагуфтем ва нахоҳем гуфт.

Соҳиб Назаров ба кинояи ӯ сарфаҳм нарафта, қоғазҳои

ҳозир аз рӯи миз ҷамъ овардаашро бо ситез назди Ҷамшед партофт:

– Ҳамин материал материали шӯъбаи шумост?

Ҷамшедро аз дағалии сардор не, аз қоғази наздаш паҳну парешон афтода ранг канд. Ба назараш чунин расид, ки аз ҳар саҳифаи парешони рӯи миз ғазали Ҳофиз фиғон мекунад. Ҷамшед бо андешаи «ҷавоби ахмақ сукут» хомӯш буд. Аммо Соҳиб Назаров сахттар иддао кард:

– Материали шуъбаи шумо?!

– Ҳа, намунаҳо аз ғазалиёти Ҳофиз. Ҳафтаи гузашта тайёр карда будем.

– Тайёр карда будем, тайёр карда будем! – Бештар шӯрид сардор. – Пеш аз як номаъқулиро кардан фикр кардан даркор! Фикр кардан даркор, ки дар кадом давру замон кору зиндагӣ мекунед.

– Домулло, ғазали Ҳофизро мардум дар ҳама давру замон…

– Ҳой, олими ғазалхон, – рӯи курсӣ нимхез шуд Соҳиб Назаров, – ҳамон унверситете, ки шумо хондед, ман ҳам бо дипломи аъло хатм кардагӣ. Баъди он боз ду мактаби дигар хондам.

Аз чӣ бошад ин лаҳза Ҷамшедро устодаш Ҳасани Наққош ёд омад, ки нисбати ашхоси сад даргоҳ дида, вале баҳрае набардошта пайваста мегуфт: «Хар Макка равад ҳам, хар аст». Ҷамшед дид, ки мусоҳибаш аз сифати мактабҳои хондааш ба шарҳи хизматҳояш назди халқу ватан гузашт, дилтангона пурсид:

– Хайр бигӯед, ки аз Хоҷа Ҳофиз чӣ камбудӣ гузашт?

– Ба ҷои узру тавба киноя мекунед? Гуфтори тайёр кардаатонро гиреду хонед ва бинед, ки чӣ хел шеърҳоро тарғиб мекунед?

– Ман ин ғазалҳоро азёд медонам ва ҳар бори хондан …

– Не, не, ана инашро, ҳамун саҳифаи дуввумро хонед, – сухани Ҷамшедро бурида, ба пуштаки курсӣ такя дод сардор. – Чӣ тааҷҷуб мекунед, хонед!

Ва Ҷамшед ин амрро на ҳамчун итоат ба сардор, балки ба эҳтироми ғазали Хоҷа Ҳофиз иҷро кард:

*– Бидеҳ, соқӣ, маи боқӣ, ки дар ҷаннат нахоҳӣ ёфт,*
*Канори оби Рукнободу гулгашти Мусаллоро …*

Ӯ ғазалро хушоҳанг қироат намуда, аз мусоҳибаш суол кард:

– Хӯш чӣ шудааст?

– О, зиёда аз ин чӣ шавад?! – Фиғон бардошт Соҳиб Назаров – Ин антиполитич-ност! Чӣ шумо хабар надоред, ки партия ва ҳукумат зидди маю майпарастӣ қарори махсус қабул кардаанд ва мо ба муқобили дину диндорон муборизаи беамон мебарем, – ӯ аз ҷой хеста, рӯи қолини пурнақш ба қадамзанӣ даромад. – Тавба, одамонро аз дарди майзадагӣ раҳо карда натавониста овораему «бидеҳ, соқӣ, маи боқӣ» гуфта, ба мардум майпарастиро тарғиб мекунед ва ин кам буд, ки барои муллою эшонҳо дастак намуда, ҷаннатро ёдовар мешавед. – Сардор аз қадамзанӣ бозистода ҷониби Ҷамшед бо ангушт таҳдид намуд. – Агар донистан хоҳед, аз ин коратон бӯи исёнгарӣ меояд. Ҳа, исёнгарӣ! Ба ин амали шумо дигар хел баҳо додан мумкин нест. Маҳз шумо барин адибу адибчаҳо исёнгариро талқин мекунанд. Не, мамлакатро бесоҳиб набинед, чашматонро мош барин кушода мемонем.

Чунин тарзи муносибат ба зердастон ва андак нуқси корро бо тобиши сиёсӣ печондану ба дили атрофиён ваҳм андохтан тарзи корбарӣ ва роҳбарии Соҳиб Назаров буд. Ҷамшед инро ҳанӯз аз рӯзҳои аввали сардор таъин шудани ин бемаърифат дарк карда буд ва ба хотири осоиши муҳити кор кӯшиш менамуд бо вай кам дар кам дар баҳсу мунозира бошад. Аммо ҷурме, ки ӯ имрӯз аз ғазали Ҳофиз меҷуст, Ҷамшедро девона кард. Бо вуҷуди ин тамкин пеша намуда, ба мусоҳибаш фаҳмондан хост:

– Соҳиб Назарович, садсолаҳо аст, ки ғазали Хоҷа Ҳофизро халқ мехонаду баҳра мебарад. Девони ӯро ҳатто ба ҷои нон дар гаҳвора , таги сари тифл мемонанд.

– Вай давраҳои хурофотпарастӣ гузашт! – Бо шаст ҷониби Ҷамшед омада, рӯ ба рӯи ӯ нишаст Соҳиб Назаров. – Ҳоло замона дигар. Зиндагиро аз ҳама чизҳои пӯсидаю

лӯхсида тоза кардан лозим.

Ҷамшеди аз ғазаб нафасгардон бо азоби алим туфашро фурӯ бурд, то ба рӯи мусоҳибаш наафтад.

– Хайрият, солҳои сиввум набудааст…

– Бо ин чӣ гуфтан мехоҳед? – Ба сухани сарбастаи мусоҳибаш сарфаҳм нарафта пурсид Соҳиб Назаров.

– Гуфтаниам, ки агар бо ҳамин фаҳму фаросат солҳои сиввум мансабдор мебудед, аниқ девони Хоҷа Ҳофизро оташ мезадеду маро ҳабс мекардед.

– Хотирҷамъ бошед, ҳоло ҳам гуноҳатон кам нест, – бо нешханд посух дод сардор. – Барои тарғиби маю майпарастӣ бе ҷазо намемонед, – ва бо ҳамон оҳанги таҳдид сари мақсад омад. – Ин гуноҳатон кам буд, ки бе маслиҳати роҳбарият одамони бегуноҳу поквиҷдонро, аз минбари баланди халқ кӯсаи бесақол гуфта, фелетон мешунавонед...

– Кӯса не, домулло, хӯса, яъне ҳамон маъбуде, ки барои тарс додани паррандаву чарранда дар киштзор устувор мекунанд.

– Фарқаш чӣ, ҳардуяш ҳам таҳқир аст, таҳқири шахси баобрӯи ҷумҳурӣ! – Бештар барошуфт Соҳиб Назаров.

«Ҳа-а, маълум, ҷӯрааш Раҳим Қурбонов шикоят кардааст» аз дил гузашт Ҷамшедро ва алам кашид. «Худоё, ин хел роҳбарони кӯрдилу бесавод чӣ тавр сари мансаб меомада бошанд?! Ҷаҳолату манқуртии соҳибмансабони пеши назарамонро нодид гирифта, амири шуаропарастро золиму ҷоҳил қаламдод мекунем. Ана, маърифати як соҳибмансаби имрӯза, ки бо нияти ҷонибдории фарди ба маънои ҳақиқиаш золим неш ба ғазали оламгири Ҳофиз мезанад».

– Домулло, беҳуда оташин мешавед, – боз нарм фаҳмонд Ҷамшед сардорро. – Ҳама асноду арқоми фелетон аниқ, ба зераш чун бурҳони қотеъ беш аз бист нафар ҷабрдида имзо гузоштааст. Мо пас аз шунавонидан барои чорабинӣ ба прокуратура фиристодем.

– Чӣ?! – Беихтиёр аз ҷой хест сардор. – Шумо ақл доред ё не?! О, бо маслиҳати кӣ ин корро кардед?

– Бо маслиҳати виҷдон, – гапро хулоса кард Ҷамшед ва озурдахотир афзуд. – Охир то кай ҳатто нафас кашидани кормандонро бо шумо маслиҳат кунем? Агар не, гиред ҳама барномаҳоро худатон тайёр кунед! Ба ҳар мактубу шикоят шахсан ҷавоб нависеду чора бинед. – Ҷамшед курсиро нарм лағжонда, аз ҷой хест. – Иҷозат диҳед, равам.

– Не, шинед! – Аз асп фурояд ҳам ҳанӯз аз узангу намефуромад Соҳиб Назаров. – Оё медонед одаме, ки рафиқи шумо Абдуллозода хӯсаи бесақал гуфтааст, кист? – Ва барои суханро оҳангу вазн бахшидан ҳиҷҷа намуд. – Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Шариф Салимов!

– Хайр чӣ, ба гумонатон Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ будан далели оқилию фариштагист? – Бепарво посух дод Ҷамшед ва афзуд: – Бисёр қаҳрамононе ҳастанд, ки порахӯранд, дузданд, изофанависанд, золиманд…

– Чӣ-й!

– Ҳар чизе шунидед, – рост ба чашми мусоҳибаш нигарист Ҷамшед ва дар он ҷои ғазаб як навъ ҳарросро эҳсос намуда, қаноатманд илова кард. – Охир ин қаҳрамон ба сари бачаи мактабхон қамчин бардошта, ба сардори бригадаи сабзавоткорӣ амр кардааст, ки аз завод пахта харад. Ба хотири чӣ? Ба хотири шӯҳрат, мансаб! Агар донистан хоҳед, чунин қаҳрамонҳо пахта шаъну шӯҳрат, ифтихори миллат гуфта, кору рӯзгори моро табоҳ карданд.

Ба назари Ҷамшед чунин расид, ки аз шунидани ин суханҳо чашмони сардор пиёла шуданду ҳарроси лаҳзае аз ин пеш дар он маъво гирифта ғайб зад. Ӯ мисли муфаттише, ки ҳини пурсуҷӯ аз забони ҷиногяткор ҳарфи барояш хело зарур мешунавад, қаноатманд каф совида, паси миз гузашт.

– Ана, акнун дар ҳақиқат исёнгариатонро исбот кардед. Бо чунин мафкураи вайрон дар корхонаи идеологӣ кор кардан… Ҳм, боз шон мудири шӯъба… Не, ман ин корро ин хел намемонам. Дониста монед, барои ҳар ҳарфи суханатон дар ҷои даркорӣ ҷавоб мегӯед. Ҳа, ҷавоб мегӯед! Маълум шуд Худоюю майпарастии Ҳофизро ҳам беҳуда тарғиб намекардед, мақсадатон халқро…

– Халқу Ҳофизро ба ҳоли худаш монед, – сухани Соҳиб Назаровро бурид Ҷамшед ва ин боиси оташ гирифтани ғазаби сардор шуд, ки беихтиёр мушт бар миз кӯфт:

– Бас аст, сари ҳар гап аз Ҳофиз мисол биёрӣ! Кӣ шуд ҳамун Ҳофизи алкоголикат?!

Дар вуҷуди Ҷамшед гӯё чизе канда шуд. Ӯ лаби мизи дарозрӯяро дошт ва аранге шунид, ки мусоҳибаш мегуфт:

– Агар ба ихтиёри шумо куҳнапарастҳо монанд, радио ғайр аз мусиқии мотамии ҳамун шашмақому шеърҳои майпарастӣ дигар чизе намешунавонад…

Ҷамшед дигар гапи мусоҳибашро намешунид. Ӯро гӯё бо корди кунд, бо азоби алим куштанд. Чунон куштанд, ки дафтари кории Соҳиб Назаров бо ҳама паҳноӣ барои ҷуссаи бемислаш тангӣ кард. Аз ғазаб, аз алам, аз дард, беихтиёр даст ба гулдони рӯи миз бурд…

* * *

Раис ҳамроҳи Исмат Бобоев ҷониби идора мерафт. Ӯ қитъаи сари роҳро аз пахтачинҳо холӣ ва зиёда аз он чанд тан колхозчиро дар саргаҳи замин гирди дастурхон дида, аз ғазаб оташ гирифт.

– Дигарон канӣ? – Баробари аз мошин фуромадан дағдаға кард Шариф Салимов.

Ҳисобдор, ки аз ногаҳон пайдо шудани раис ба ваҳм афтода буд, ба ҷои ҷавоб аз чойҷӯши қабат – қабат дудбаста як пиёла чой рехта, ба Шариф Салимов дароз кард.

– Аблаҳ, ёфтӣ вақти чойхӯрия! – Аз пазироии гунаҳкоронаи ҳисобдор бештар шӯрид раис. – Барои ҳар пағаи пахта хурду калони район хӯрду хӯрокро фаромӯш кардаанду ин аҳмаққо сояи бедро иҷора гирифта дам мегиранд.

– Дамгирӣ не, хӯрокхӯрӣ баромада будем, – саросема узр овард ҳисобдор – Ҳасан Пӯлкон бояд шакароб меовард, дер кард. Як буридагӣ нон гирем, ҳозир мехезем.

– Нона баъд мегирӣ, худи ҳозир хез! – Мушт гиреҳ кард Шариф Салимов ва дид, ки аз гирди дастурхони рӯяш чанд

бурида нону як каф қанд пошхӯрда ҳама ҳарросон хестанд, мушти гиреҳкардаашро таги манаҳи ҳисобдор оварда, бештар овоз баланд кард. – Чӣ як биргада одам ҳамагӣ панҷ кас?! Дигарон канӣ?

– Ба ҷаноза рафтанд.

– Боз ба кадом ҷаноза? – Сард пурсид раис ҳарчанд медонист, ки имрӯз бобои Амирро дафн мекунанд ва худи ӯ низ хабарӣ буд.

– Ҷанозаи бобои Амир, – гуфт дар ҷавоб ҳисобдор лаби дастархонро таҳ зада, бо шукронаи неъмат даст ба рӯ кашид.

Шариф Салимов дарк карда натавонист, даст ба рӯ кашидани ҳисобдор шукронаи чанд пора нони обаш гурехтаи дастурхон буд ё зикри хайри бобои Амир.

– Биргад куҷост?

– Биргад ҳам... – ҳисобдор дар назди намояндаи кумитаи ҳизбии ноҳия аз «ҷаноза рафт» гуфтани сарвари биргадаи калонтарини колхоз мулоҳиза намуда, дурӯғ гуфт. – Ба пункти пахта рафта буд, ҳоло ҳозир меояд.

– Аҷиб, – лабханд намуд Исмат Бобоев, ки то ин дам хомӯш ба гуфтугӯи раису ҳисобдор гӯш медод. – Ман соате пеш ӯро дар ҷанозаи Амир дидам, ки паҳлӯи мулло чорзону зада менишаст. Ту мегӯӣ, ки ба пункт рафт?

Ҳисобдор мулзам шуд. Барои он ки назараш ба нигоҳи тамасхуромези намояндаи ноҳия наафтад, хам хӯрда дастурхонро аз замин бардошт ва ҳини онро боэҳтиёт байни қӯшашохи тути пир гузоштан боз овози Шариф Салимовро шунид, ки шиддат мекард:

– Ҳамин ки омад, гӯй агар имрӯз аз ним тонна кам шавад, рӯзаша сиёҳ мекунам! – Раис пеш аз он ки ба мошин паҳлӯи Исмат Бобоев шинад, бо ҳамон оҳанг сахттар иддао кард. – Фаромӯш накун, муттаҳам, дар биргадаат панҷоҳ ёрдамчӣ пахта мечинад!

Раисро бо зердастон чунин муомилаю талаб одати куҳна аст. Ӯ аз ибтидои кори раисӣ дарк ва тайи чоряк асри мансабдорӣ имон овард, ки маҳз чунин гирумон ба роҳбар эътибор меорад, мардум ба лом нагуфта, ҳар амрро иҷро кардан одат мекунонанд. Солҳое буд барф то ми-

ён мерасид соҳиби нағз сагашро ба кӯча намебаровард, аммо халқ барф бел карда, плани пахта иҷро мекард. Ҳад дошт касе хунук хӯрад, дарди миёну зукком шавад ё худ шиква ба ҷое барад. Охир ин сарвати давлат аст, мегуфт Шариф Салимов. Ҳамон давлате, ки фарзандони туро бепул мехононад, худатро муфт табобат мекунад ва дами пирӣ нафақа медиҳад… Ва ин гирумону ҷонфидоиҳои халқ ба Шариф Салимов эътибор овард. Ҳар сол набошад ҳам, сол андармиён ордену медал мегирифт. Ҳамон соле, ки бисёр биргадаҳо ҳосили рекордӣ, яъне аз ҳар гектар панҷоҳ центнерӣ ва тавассути ин колхоз 45 центнерӣ хирман бардошт, ба ӯ унвони устоди пахтаро раво донista, дар ҷамъбасти панҷсола меҳнаташро бо Ситораи Тилло қадр карданд. Аз ин қадршиносиҳо қадри Шариф Салимов афзуд ва саросари водии Сурхон чун пири кор шуҳрат ёфт.

Инак, пас аз солиёни дароз, яъне сипарӣ шудани ду панҷсолаи саросар корнамоиҳо умедвор аст, ки заҳмати ӯ бо ситораи дигаре қадр мешавад. Тайи ин солҳо бо ҳар роҳу восита накшаву уҳдадорӣ буд кардани Шариф Салимов низ бо ҳамин ният буд. Дуруст аст, ки дар ин давра вай аз қадршиносиҳои Ҳукумат бенасиб набуд, аммо барои одаме, ки дар ҷамъомаду тантанаҳо сари синааш ситораи тилло барқ мезад, ордену медал чизи оддӣ менамуд. Ӯ шунидааст ва дидааст, ки дар баъзе ноҳияҳои мамлакат ҳини барҳаёт будан ба одамон пайкара гузоштаанд ва ба номашон ин ё он колхозу совхозро номгузорӣ кардаанд, аз кору рӯзгори эшон кинову китоб офаридаанд. Барои кашфиётҳои бузургу истеъдоди фавқулода? Не, барои ду карат ситораи тиллодор будан.

Расо як сол аст, ки дар дил ба ҷуз ҳаваси ситораи дуввум ҳаваси дигаре надорад. Ҳама гирумони кору рӯзгораш аз домани ҳамин ҳавас асту барои ба дилу дидаи ҳавасшиканҳо ҷо шудан аз чизе рӯ наметобад. Вай розист, ки шабу рӯз аз фермаю саҳро берун наояд, ҳар пасандозе дорад ба харҷ диҳад, фақат дар зиндагӣ пайкараи худро бинад шуд. Сари ҳамин андеша назди бинои дуқабатаи идораи колхоз дар саҳни гулзори он пайкараи худро тасаввур намуда, дилаш гум зад. Наход дар такдираш ду ка-

рат қаҳрамон шудан сабт нашуда бошад? Не, сабт аст ва барои ин сабтро бо ҳукм рӯи коғаз овардан тақдирҷунбон мебояд. Шариф Салимов сари ҳамин андеша ёд овард Раҳим Қурбоновро. Ёд овард, ки котиб дар ҳама кор дасти дароз дорад ва сазовори таваҷҷуҳи одами аввали ҷумҳурӣ гаштааст. Инро раис аз садрнишинии Раҳим Қурбонов дар ҷамъомадҳои вилояту марказ дарк кардааст. Шариф Салимов дар тайи се соли кор бо Раҳим Қурбонов хислати ӯро хуб омӯхт ва тибқи ҳамин хислат хизмат ҳам кард. Котиб низ аз ҳаваси раис огоҳ аст ва гоҳ-гоҳе ба ин ишора ҳам мекунад. Чӣ бояд кард, ки ин кор оҷилтар сурат гирад? Ва Шариф Салимов то ба идораи кумитаи ҳизбии ноҳия, яъне қабули Раҳим Қурбонов расидан дар хусуси ба тақдирҷунбонаш пешкаш намудани зару зевар, пул ва зани зебо фикр мекард ва алҳол аниқ намедонист, ки амалро аз кадоми ин воситаҳои дилёбӣ шурӯъ кунад.

* * *

Тайи бист соли кор бори аввал Ҷамшед ба хона вақти пешин баргашт. Дилаш дар қафаси сина тангӣ мекард. Ҳамон гиреҳе, ки дар дафтари кории Соҳиб Назаров ба роҳи нафасаш афтод, ба тадриҷ чун санг ба дилаш нишаст. Табъи хираи Ҷамшед боис ба ташвиши ҳамсараш шуд.

– Ҳа, дадеш, чӣ гап?

– Ҳеҷ гап не, андак тобам гурехт, – ва барои ҷамъ доштани хотири Парвина бо ҳазл аз Фаридун домангир шуд. – Андешаи синну сол накарда, дирӯз баробари писарат тӯббозӣ кардам. Ана, оқибаташ, гумонам сарам торс мекафад.

– Дадаҷон, духтурро ҷеғ занам? – Фаридун китоби дасташро рӯи миз монда, сари по шуд.

– Лозим не, писарам, мегузарад, – Ҷамшед ба курсӣ нишаста, аз ҳамсараш хоҳиш кард. – Як чойи талх дам кун.

– Ман худам, дадаҷон, – Фаридун чаққон ҷониби ошхона рафт. Парвина рӯ ба рӯи шавҳар нишаст.

– Имрӯз ба Фаридун аз комиссариати ҳарбӣ даъватнома омад.

– Наход?
– Ҳа, – дар чашмони Парвина ашк ҳалқа баст.
– Шукр кун, занак, – ба тасаллои ҳамсараш пардохт Ҷамшед. – Шукр кун, ки писаратро ба хизмати Ватан лоиқ донистанд.
Аммо аз таскини Ҷамшед оби чашми Парвина беш шуду кам не. Ба қавле ӯ Фаридунро мисли гурба газида калон кард. Дар ширхорагӣ ҳафтае набуд, ки нотоб нашавад. Охир то «ба хизмати Ватан лоиқ» шудани ин бача, чӣ рӯзҳое дид модар. Ба сад дарди кӯдак балогардон гардида, аз шаббедориҳо, тапу тези парасториҳо оқибат худаш дардманд шуд. Ва боз дард зиёд аз ин чӣ шавад, ки имрӯз ҷигарбандашро расо ба мӯҳлати ду сол аз банди дилаш канданианд. Не, тоб намеорад ба ин ҷудоӣ Парвина. Ҷамшед мард асту аз дарди дили Парвина огоҳ нест. Агар огоҳ мебуд, такопӯ мекард, аз ёру ошноҳояш хоҳиш менамуд, ки писари яккаву ягонаашро аз хизмати ҳарбӣ озод кунанд. Аммо дар ин хусус ба ӯ гап задан бефоида. Ба ҷои такопӯ хурсанд аст, ки Фаридунро мисли садҳо ҳамсолонаш ба хизмати ҳарбӣ лоиқ донистанд.
– Ман намедонам, ду сол бе ӯ чӣ кор мекунам, – Парвина инро гуфта, бо алами бештаре афзуд. – Аз интизорӣ мемурам…
– Сабур бош, занак, – Ҷамшед дасти ҳамсарашро меҳрубонона ба каф гирифт. – Модаркалони ман чил сол раҳпоӣ карда бошад ҳам, аз дарди интизорӣ не, бо аҷали худаш мурд. – Ва лаҳзае сукут намуда илова кард. – Эҳ, мардум чӣ рӯзҳое надиданд. Умрашон дарду рӯзгорашон дӯзах буд, лекин ба хотири фарзандон тоб оварданд, ману туро калон карданд.
– Гумонатон ҳоло рӯзамон беҳ аст? Ҳама ҷо қаллобию ҷалобӣ, порахӯрию авомфиребӣ, дасисаю ошнобозӣ…
– Худо гӯй, ки аз ин бадтар нашавад. Ва боз шукр кун, ки он солҳои бе мурофиаю ҳукм паррондан гузашт, – гуфт Ҷамшед ва моҷарои имрӯзаро ёд оварда, бо лабханди дардолуд афзуд. – Агар мисли он солҳо бо амри як тан ҳар рӯз чанд танро мепарронданд, чӣ кор мекардӣ?
– Мисли момокалонам тоб меовардам, – бехабар аз ан-

дешаи Ҷамшед посух дод Парвина. – Ба қавли худатон ҳар чизе дар қисмат ҳаст, ҳамонро мебинӣ. Тақдирро тадбир нест.

– Инро ман не, Хоҷа Ҳофиз гуфтааст, – завҷаашро нарм ислоҳ кард Ҷамшед ва аз тадбир нашудани тақдир барошуфта, зери лабу дандон нолид. – Ҳайфи умре, ки бо амру фармони кӯрдилон мегузарад.

Дар тақвияти сухани шавҳар Парвина чизе гуфтанӣ буд, ки ба хона Фарангис даромад.

– Дадаҷон, имрӯз тағоям телефон карданд. Бегоҳ ҳамроҳи янгаам меоянд.

– Хеле хуб, ҷони дада, меҳмон меомада бошад, дурусттар тайёрӣ бинетон.

Ин дам Фаридун чой овард ва барои хуш доштани табъи падар бо ҳазл иброз дошт:

– Чойи классикӣ. Барои хушбӯй шуданаш ғазал хонда, дам кардам.

Ба дили Ҷамшед ҳазли Фаридун нағунҷид. Ӯ чойи ҳанӯз рангнаовардаро ду бор рӯ гардонда, такя ба пуштаки курсӣ дод. Парвина, ки тараддуди бозорравӣ дошт, аз ҷой бархест.

– Ҳаққу ҳамсояҳо аз даъватномаи Фаридун хабардор, аҷаб не бегоҳ ба хона дароянд. Хез Фарангисҷон, бозорӣ кардан даркор.

– Очаҷон, ман ҳам равам, – хоҳиш кард Фаридун. – Шумо харид мекунед, ману Фарангис пуштора, – ва ҷониби хоҳараш чашмак зад. – Чӣ гуфтӣ пучуқ?

Фарангисро ҳазломез пучуқгӯии бародар хуш наомада, киноя кард:

– Бо ҳамин забондонӣ, шон, боз журналист шуданӣ. Наход хариди бозорро пуштора кунанд? О, пиёзу сабзӣ ҳезум не, ки пуштора кунӣ. Хариди бозорро бо тӯрхалта бардошта меоранд.

– Туро намедонам, лекин ман ҳар боре бо падарам бозорӣ мекардам, тӯрхалтаи пур аз картошкаро пуштора карда меовардам, – ҳозирҷавобӣ кард Фаридун.

Модар аз ин хушгӯӣ қаноатманд бо табассум мӯи парешони Фаридунро панҷа зада, аз Фарангис хоҳиш намуд,

ки эҳтиётан сумкаи калонро ҳам гирад, агар картошка арзон шуда бошад, якбора даҳ-дувоздаҳ килограмм мехаранд.

Фарангис чаққон ба айвон баромад. Ҷамшед як пиёла чой рехта, рӯзномаи имрӯзаро ба даст гирифт ва фурсате нагузашта аз дами дар овози духтарашро шунид, ки мегуфт:

– Хайр, дадаҷон, мо рафтем. Агар гурусна бошед, дар яхдон паниру ҳасиб ҳаст.

– Ташаккур, духтарам, – ва пеш аз он, ки Фарангис аз дар барояд, таъкид намуд. – Ба модарат чизе бардоштан намон. Медонӣ, ки дилаш дардманд аст.

– Албатта!

Ҷамшед ба хабару мақолаҳои рӯзнома чашм давонд. Хаёлаш ҳанӯз ҳам ба моҷарои имрӯза ва ғубори аз он бар дилаш нишаста банд буд. Барои аз ин андеша ворастан як хабари хондаашро дубора хонд ва ин лаҳза дарк кард, ки касе дар мекӯбад. Аҷиб, кӣ бошад? Наход Соҳиб Назаров одам фиристод?.. Не, ҳамсоя будагист. Ҷамшед аз ҷой бархеста, то дами дар расидан садо кард:

– Марҳамат, дароед, дар кушода.

Ва дарро кушода дид, ки зани олуфтанамое бо табассум ба ӯ менигарад.

– Нашинохтед, Ҷамшедҷон?

– Рости гап… – Хиҷолат кашид соҳибхона ва зуд узр овард. – Марҳамат, дароед.

Зани ношинос, ки маҳтали ҳамин лутф буд, ба хона даромад ва рӯ ба рӯи Ҷамшед ба курсии роҳат нишаст.

– Шумо, Ҷамшедҷон, дар вақташ ҳам ҳамин хел ҷавони меҳрубон будед. Чӣ хеле ки будед, ҳамон хел мондед, қариб ки тағйир наёфтаед…

– Ман ҳозир, як дақиқа. – Узр овард соҳибхона ва барои ширавор ҷониби ошхона рафт.

Раъно ба курсӣ бароҳаттар нишаста, аз фарш то сақф ба хона назари харидорӣ андохт ва дар қиёси манзилҳои дидаву фароғат кардааш назарногир расид, манзили Ҷамшед. «Ҳм, зиндагии нависандааш ҳамин бошад… На мебели ҳалол, на қолину палоси дуруст. Боз мегӯянд, ки

нависандаҳо миллионеранду зиндагии шоҳона доранд. Раҳим Қурбонович дуруст мегуфтааст, бо чор танга гонорари навис-навис косаи касе сафед нашудааст...» ва Раъно ҳанӯз ба сомони андешаҳояш нарасида, Ҷамшед дар даст лаълии ширавор ҳозир шуд.

– Канӣ, марҳамат, даҳон ширин кунед.

Раъно ба эҳтироми соҳибхона даст ба лаълӣ бурда, як дона мавиз гирифт ва пурсид:

– Аз ростӣ Ҷамшедҷон маро нашинохтед?

– Рости гап аввал нашинохтам. Лекин ҳамин ки...

– Ҳамин ки Ҷамшедҷон гуфта номатонро гирифтам, шинохтед, – давоми сухани мусоҳибашро пешгӯӣ карданӣ шуд Раъно ва зиёда аз он бо табассуми сохта афзуд. – Ба фикрам шуморо ғайри ман касе Ҷамшедҷон гуфта ном нагирифтааст.

– Не, янгаи азиз, – ӯро нарм ислоҳ кард соҳибхона. – Аз Ҷамшедҷон гуфтанатон не, аз табассуми сохтаатон шинохтам.

Раъно, ки чунин посухро чашмдошт набуд, хиҷолат кашид.

– Наход?

– Ҳа, чунки шумо маҳз бо ҳамин табассум дар хотири ман мондаед.

– Ба назарам ман ҳеҷ гоҳ ба шумо, Ҷамшедҷон, сохтакорона табассум накардаам, – ранҷишашро ошкор насохта, то андозае узр овард Раъно. – Ман ҳамеша шуморо ҳурмат мекардам, иззататонро ба ҷо меовардам, дӯст медоштам...

– Шумо ҳеҷ гоҳ касеро ҳурмат накардаед, дӯст ҳам надоштаед, ба ҷуз худатон...

– Наход?...

– Ҳа, янгаи азиз, шумо фақат худатонро дӯст медоштед ва дар ниҳодатон ба ҷуз меҳри танпарварию маишати ба қавли Раҳим Қурбонов «дунёи дурӯза» дигар меҳре ҷой надошт.

Аз шунидани номи Раҳим Қурбонов авзои Раъно тағйир ёфт ва ин вазъи ӯ аз назари Ҷамшед дур намонд. Азбаски аз ин шахс ва собиқ маъшуқаи вай, яъне янгаи рӯ ба рӯ

нишастааш дар дил бисёр аламҳо дошт, аз таъна худдорӣ накард:

– Ба назарам ҳоло ӯ дар ноҳияи Меҳнатобод котиби аввал аст. Ба қавли худатон акнун кордатон болои думба будагист.

Раъно мавизи дасташро байни ангуштон фишурда, кӯшиши табассум намудан кард, аммо лабони рангпаридааш беихтиёр фишурда шуд.

– Ҷамшедҷон, ман меҳмони шумо. Меҳмонро таҳқир кардан аз рӯи одоб не.

– Бубахшед, – узр овард Ҷамшед. – Гапро худатон сар кардед. Ман намехостам…

– Намехостед таҳқир кунед, лекин кардед. Хайр, ман ба дил намегирам, чунки дар зиндагӣ он қадар таҳқир дидаму гапҳои пасту баланд шунидам, ки … – Раъно муддате таваққуф намуда, нафаси чуқур кашид. – Ба ҳамаи ин таҳқиру надомат шуниданҳо одат кардам. Барои ҳамин ҳам заррае аз шумо наранҷида…

Ҷамшед табассуми сохта, суханҳои айёронаи мусоҳибашро ба мушоҳида гирифта, худ ба худ меандешид: «Ин танноз боз чӣ нияте дошта бошад, ки рӯбаҳмиҷозӣ дорад?.. Ба ҳар ҳол хуб нашуд» ва сари ҳамин андеша то андозае узромез гуфт:

– Бубахшед, ҳарчӣ медонистаму дар хотир доштам, ҳамонро гуфтам.

– Наход ба ҷуз табассуми сохтаи ман дигар чизе дар хотиратон намонда бошад? – Боз гила намуд мусоҳибаш.

Аз гилаи Раъно алами Ҷамшед тоза шуд.

– Не, янгаи азиз, бисёр чизҳо дар хотирам мондааст. Дар хотирам шаби аз Москва баргаштанам, дар хона Раҳим Қурбоновро дар пижамаи бародарам диданам ва ниҳоят ҳамон тифли сарсахти бародари ҷавонмаргам, ки шумо ӯро…

– Бас кунед, Ҷамшед! – Якбора оташ гирифт Раъно. – Ҳа, буд, шуд, гузашт! Коҳи куҳнаро бод кардан хуб нест, агар пӯсида бошад бӯй мекунад, агар кӯрдуд бошад оташ мегирад.

– Нисбати умре кӯрдуд кардан як бор оташ гирифтан беҳтар аст.

– Не, ман умре кӯрдуд накардаам, – ба сухани Ҷамшед бо тамасхур ҷавоби қатъӣ дод Раъно. – Ҷавониам хуш гузашт.

– Бо айшу ишрат? – Боз киноя кард Ҷамшед.

– Ҳа, бо айшу ишрат, бо сайру саёҳат. Одам барин зиндагӣ кардам. Бародари шумо қудрати маро хӯрондану пӯшондан надошт. Барои ҳамин ҳам…

Таънаи Раъно ханҷаре буд, ба ҷисму ҷони Ҷамшед нишаст.

– Ӯро ном нагиред! – Аз фиғон Ҷамшедро нафас дар роҳи гулӯ танг омад ва ҳалқаи гарданбандашро суст намуда, пичирос зад. – Монед, лоақал дар гӯр ором хобад.

– Аммо ман зиндагӣ кардан мехоҳам. Фаҳмидед, зиндагӣ!

Ҷамшед ҳайрон шуд, ки бо ин сухан янгаи таннозаш чӣ гуфтан мехоҳад ва чӣ нияте дорад. Наход барои маслиҳати минбаъд чӣ тавр зиндагӣ кардан назди ӯ омада бошад? Не, ин маккор кадом як нақшаву андешаи дигар дорад.

– Барои чӣ хел зиндагӣ кардан маслиҳатпурсӣ назди ман омадед?

– Ҳа.

– Чаро маҳз ба назди ман? Охир Раҳим Қурбонов барин ҳаммаслак доштед. Солҳои ҷавониатон бе маслиҳати ӯ қадаме намемондед. Рӯз андар миён наздаш мерафтед. Чӣ шуд, ки имрӯз ба ҷои вай аз ман маслиҳат мепурсед? Охир ӯ котиб аст. Метавонад ба шумо маблағ, мансаб, ҳатто ордену медал диҳад… Ҳа-а, маълум, анорро даст задаю фишурда, шираю шарбаташро макид ва дид, ки дигар таровате надорад, дур афканд. Ҳамин тавр?.. Ё ман хато кардам?

– Бас кунед, Ҷамшедҷон, ман ба назди шумо…

– Не, янгаи азиз, дар ин хусус барвақттар фикр кардан лозим буд. Медонед Шайх Саъдӣ чӣ гуфтааст? Саъй кун, ки ҷавониат фароғати пирӣ шавад. Ва боз ҳамин бузургвор фармудааст, ки…

Занги телефон имкон надод, ки Ҷамшед барои янгаи аз адабиёт фарсаххо дурафтодааш шоҳбайти Саъдиро хонад. Ҷамшед бо дили нохоҳам гӯшакро бардошт:

– Лаббай… Ҳа, ман… Ташаккур… Намеарзад. Ҳа, албатта… Ният дорам, ки бо таҳриру такмил ба китоби навам дохил кунам… Ҳатман, ҳатман… Саломат бошед, – Ҷамшед гӯшакро ба ҷояш гузошта, ба Раъно рӯ овард. – Дирӯз ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» очерки маро аз рӯзгори зане, ки солҳои қаҳтию қимматӣ панҷ писарбачаи бекасу кӯйро калон кардааст, чоп карда буд. Яке аз ҳамон бачаҳои бекасу кӯ, ки имрӯз олими зилзиласанҷ аст, бо телефон миннатдорӣ кард. Ҳамаи азобу машаққати барои мо кашидаи модарамонро пурратар нависед, мегӯяд.

– Ҳунар доред, нависед Ҷамшедҷон, – хушҳол изҳор намуд Раъно ва сари мақсад омад. – Ман ҳам ба наздатон бо арз омадам, мадад кунед.

– Чӣ гуна мадад?

– Хабар ёфтам, ки ҳамон сол ба номи ӯ маблағи падарашро гузаронида будаед ва …

– Ба номи кӣ? – Пеши сухани ӯро гирифт Ҷамшед.

– Ба номи кӣ мешуд, ба номи писарам.

– Шумо писар надоред! – Бо ғазаб дод зад Ҷамшед.

– Дорам! – Раъно низ паст наомада фиғон кард. – Ӯро ман зоидам, на шумо! Ва касе маро аз ҳуқуқи модарӣ маҳрум накардааст. – Инро гуфта вай аз ҷой хест ва қабл аз он ки аз дар барояд, таъкид кард. – Дониста монед, бо судбозӣ бошад ҳам, ҳаққи худамро рӯёнда мегирам. Ба номаш чӣ қадар маблағе бошад нисфаш азони ман!

Ҷамшед дигар чизе намешунид. Аз рӯинтанӣ, маккорию ҷоҳилии янгааш гаранг, зиёда аз он карахт шуд. Ҳатто садои бо ҷаҳл пӯшида шудани дарро, ки аз зарбаи он зарфҳои ҷевон сахле ларзиданд, нашунид. Ҷайбашро дастдаст карда, дору пайдо кард ва як кулча валидолро зери забон гирифт.

Худоё, ин чӣ гап? Дар як рӯзи равшан ин қадар ғурбат. Дард болои дард… Боз мегӯянд, ки дар зиндагӣ оқилон нисбати ҷоҳилону разилон бештаранд. Не, не, ин панди

давру замони дигар аст. Ҳар рӯзи ин айём фавҷ-фавҷ ҷоҳилу разил тавлид мекунад. Аз ҷоҳилӣ, кӯрдилӣ ва ҳарисию бадахлоқии онҳо зиндагӣ маҷро гум кардааст. Ҳама даргоҳҳо аз поён то боло олуда. Олудаи ҷаҳл, ришва, хиёнат. Ӯ киро бист сол сифат намуд? Ҳамин одамону ҷомеаи фосиқро? Ҳайфи умр, ҳайфи коғазҳои сафед, ки сияҳ шуданд. Ин лаҳза ӯро падарарӯсаш ёд омад, ки пайваста таъкид мекард: Ба баду хуби дунё кордор нашав, писарам. Ҳеҷ шунидаӣ гуфтаанд:

*То бо ҷаҳони куҳнаву нав ошно шудам,*
*Бо догҳои куҳнаву нав ҳамнаво шудам.*
*Гуфтам замину осмонро васл медиҳам,*
*Худ кӯфта чун донае дар осиё шудам.*

Падарарӯсаш бо ин панд чӣ гуфтан мехост?.. Аз мубориза дар канор бошу бо сарвар сар ба сар машав? Не, не, аз мубориза дар канор будану ба неку бади ҷаҳон кор надоштан ба як маънӣ инсон набудану дар ин олам вуҷуд надоштанро дорад…

* * *

Райҳон пас аз хӯроки чошт либосашро саропо иваз ва ба чашму рӯ сурмаю ғозаи тоза кашида, ба кор омад. Дар қабулгоҳ касе набуд. Ӯ сумкачаи сари китфашро ба либосовезаки паҳлӯи миз андармон карда, ба дугонааш Шукрия сим зад ва пас аз хеле ҳолпурсӣ хоҳиш намуд:

– Шуричка, аз ҳамон дору боз ду-се ампула даркор.

– Инаш ҳам барои падарат?

– Ҳа, – иқрор овард Райҳон ва барои он ки аз ҳамшираи шафқат ҷавоби «илоҷ надорам» нашунавад, зуд илова кард. – Ту нархашро фикр накун, чанд пуле гӯӣ медиҳам.

– Нархашро ман не, сардухтур муайян мекунад, – бефарқ ҷавоб дод Шукрия ва пурсид. – Шеф ҳамин ҷо?

– Не, ҳоло аз обед наомадаанд.

– Имрӯз аз радио расо воҳима андохта, гап зад.

– Ҳа, мо ҳам шунидем, – гуфт Райҳон ва бо нияти эътибори Раҳим Қурбоновро дар назди Шукрия боз ҳам баланд бардоштан илова кард. – Аз обком низ телефон карда, таъриф карданд. Гап-гап ҳаст, ки ба қарибӣ котиби обком мешаванд.

– Наход? – Шукрия хушҳолияшро пинҳон дошта натавонист.

Райҳон, ки аз муносибати маҳрамонаи Шукрия ва Раҳим Қурбонов огоҳ буд, худро шарики хурсандии дугонааш вонамуд кард:

– Ҳа, Шуричка, ту ҳам ба ягон беморхонаи зӯри вилоят ба кор меравӣ, аз маркази шаҳр хона мегирӣ. Орзуят ҳамин буд-ку.

– Хайр, гӯш кун – аз хушхабари Райҳон сари ҳиммат омад Шукрия. – Илоҷе карда то анҷоми кор ду ампула меёбам. Лекин дигар илтимос накун, худат нағз медонӣ, морфӣ ҳисобу китоб ва назорати махсус дорад.

Фурсати ҳанӯз ба Шукрия миннатдорӣ кардан нашуда, ба қабулгоҳ кулоҳ дар даст Раҳим Қурбонов ворид гашт. Райҳон саросема сари по шуд ва ҳатто ба дугонааш хайрбод нагуфта, гӯшакро монд.

– Маро пурсиданд?

– Не.

– Аз ягон ҷо телефон шуд?

– Ҳа, аз обком телефон карда, бaромадатонро аз радио таъриф карданд, – гуфт Райҳон ва хам хӯрда аз ғаладони миз коғазеро гирифт. – Ва таъин карданд, ки ин телефонограммаро расонам.

Раҳим Қурбонов навиштаҷоти телефонограммаро хонда, ба котиба амр кард, ки аз куҷо бошад, зуд раиси ҷамъияти матлубот Баҳром Қодировро пайдо кунад ва худаш ба дафтари корӣ даромада, аз телефони хосса ба сардори раёсати омори ноҳия сим зад. Аз матни телефонограмма сару сомони Раҳим Қурбонов гум шуд. Ӯ бо ҳар роҳу восита то ба ноҳия ташриф овардани калон нияти нақшаи солонаи гӯшту ширро иҷро кардан дошт. Котиб мехост ба калон пеш аз зиёфат аз хусуси дар вилоят авва-

лин шуда иҷро кардани ҳамаи навъҳои маҳсулот хушхабар расонад. Ин хеле муҳим аст. Ҳафтаи гузашта бо худи калон сӯҳбат дошт. Вай рӯшод чизе изҳор накарда бошад ҳам, Раҳим Қурбонов аз пурсуҷӯи котиби Кумитаи Марказӣ пай бурд, ки нияти ӯро ба ягон мансаби баландтар пешбарӣ кардан дорад. Инчунин аниқ медонад, ки ба таги котиби аввали вилоят об рафтагӣ. Соли дуввум аст, ки баъзе нақшаҳои вилоят иҷро не, котиб ба ҷои чораҷӯӣ, яъне саҳрою фермагардӣ китобхонаву қасри фарҳанг, боғчаву мактабро месанҷаду муҳокима мекунад. Ҳатто дар ҷаласаи сайёри ноҳияи Пахтаобод аз чанд тан раисони колхоз ба ҷои нақшаи пахта ҳамин моҳ чанд китоб хонданашонро пурсидааст. «Ҳм… – дар дил нешханд зад Раҳим Қурбонов ба ҳоли котиби аввали вилоят, – ёфтӣ вақти китобхониатро. Чашми давлат ба ҳар килограмм пахта чор асту ин аблаҳ китоб хонед мегӯяд. Ҳамин қадар олиму нависанда кам буд, ки шон раису агрономҳоро ҳам китобхон карданӣ… Ҳа, ин гап то гӯши худи калон расидагӣ барин. Агар не, ӯ метавонист рост ба маркази вилоят равад, сипас ҳамроҳи калоншавандаҳои вилоят ба Меҳнатобод ояд. Модоме истиқболи калон аз Ҳуснобод оғоз меёбад, пас ин ҷо ягон гап ҳаст…».

– Ҷеғ зада будед, муаллим, – баробари ҳозир шудан чашм ба даҳони Раҳим Қурбонов дӯхт раиси ҷамъияти матлубот.

– Худи ҳозир ба Калининобод меравӣ! – Амр кард котиб.

– Чӣ хизмат, муаллим? – Пурсид ӯ амри котибро супориши навбатӣ дар бобати пайдо кардани ягон чизи дилхоҳ пиндошта.

– Медонам, ки директори гормолзавод холабачаат.

– Ҳа, – тасдиқ намуд раис.

– Бо ҳар роҳу восита то худи бегоҳ на камтар аз як тонна равғани зард меорӣ.

– Маска?

– Ҳа, маска, – аз ҷой бархеста, занҷири тилоии соатashро ба даст гирифт котиб ва онро гирди ангушт чарх занон-

да, таъкид намуд. – Баробари оварданат аз се колхоз намоянда омада, мехаранд ва боз ба худат месупоранду справка мегиранд. Фаҳмо?

– Фаҳмидам, муаллим.

– Фаҳмида бошӣ, ба директори заготконтор таъин кун, ки пагоҳ камаш як тонна шир супорад, – Раҳим Қурбонов занҷири дасташро қариб таги манаҳи мусоҳибаш бозӣ доронда, пурсид. – Хӯш, ҷамъулҷамъ чанд тонна шуд?

– Чор тонна, муаллим, – чун сарбоз назди фармонфармо қомат рост шуд раиси ҷамъияти матлуботро ва пеш аз он ки аз пайи амр шавад, ба ҳар эҳтимол пурсид. – Статуправления справкаи маскаро қабул мекунад?

– Қабул мекунад, – дилпур ҷавоб дод котиб ва барои хотирҷамъ намудани мусоҳибаш илова кард. – Мо дар ҳама кор бояд панҷ ангушту як мушт бошем.

– Албатта, муаллим, – қаноатманд дафтари кории котибро тарк кард раис.

* * *

– Ана, дадаҷон, мо омадем. – Хушҳол аз дар даромад Фаридун, – ҳамаи хариди модарамро худам бардошта омадам.

– Вой, дурӯғгӯ-е, – бо вуҷуди салқинии ҳаво араҷи ҷабин пок кард Фарангис. – Қариб тамоми роҳ ду тӯрхалтаро ман бардоштам-ку!

– Рост, камтар ёрдам кардӣ…

– Ин агропром рӯзи рӯзгордора сиёҳ кард, – ба ҳазли писараш эътибор надода, ба шикоят пардохт Парвина. – Нархи дӯконаш аз ҷаллобҳои бозор фарқе надорад. Картошка як сӯм, мош се сӯм, бодиринг ду сӯм, охир…

– Шукр кун, ки аз ин бадтар нашавад, – гуфт Ҷамшед айнакро аз чашм гирифта. – Ҳеҷ шунидаӣ «кулли явмин бадтар» гуфтаанд.

– Ҳар рӯз саҳифа-саҳифа мақола навишта, агропрома таъриф кардан гиред, аз ин бадтар мешаваду беҳтар не.

– Хайр, ҳалли масъалаи агропромро ба дигарон мону дегу табақатро бин. Агар додарат барвақттар омада мо-

над, гӯй, ки то баргаштани ман Шарифзодаро хабар гирад. Ба назарам рисолаашро хондааст, гапҳои гуфтанӣ дорад.

– Куҷо меравед? – Бо ҳайрат ба шавҳар нигарист Парвина. – Ҳозир гуфтед, ки тобатон не.

– Агар тобу тавонро андеша кунӣ, магар ба сомони ягон кори дунё мерасӣ?! Танҳо не, бо Фаридун меравам. Барои чӣ рафтанамро ҳафтаи гузашта ба ту гуфта будам. – Ҷамшед барои он ки Фаридун ҳарроси чашмони модарро пай набарад, даст ба китфи писараш партофта, ӯро ба худ андармон кард. – Пеш аз хизмати ҳарбӣ дадо – бача як ба деҳа рафта, ҳавои тоза хӯрда меоем. А, чӣ гуфтӣ писарам?

– Кошкӣ, дадаҷон! – Аз хушҳолӣ чашмони Фаридун дурахшиданд.

– Дадаҷон, ман ҳам равам, – хоҳиш намуд Фарангис. – Чанд сол боз ваъда медиҳеду…

– Не, духтарам, ин навбат не. Бори дигар, албатта, туро ҳам мебарам.

– Дадот дуруст мегӯянд, Фарангисҷон, – байн даромад Парвина. – Дафъаи дигар ҳамакаса меравем, бафурҷа ду-се рӯза меравем.

Ҷамшед дарк кард, ки Парвина барои изтиробашро пай набурдани фарзандон ҳар ҳунаре дорад ба харҷ медиҳад. Ӯ гардани Фаридунро раҳо дода, ба таскини ҳамсараш кӯшид:

– Хотирҷамъ бош, худатро даст гир, очаҷонаш. Мо кӯшиш мекунем, туро хавотир накарда барвақт баргардем.

– Як дам сабр кунед, ман ҳозир. – Парвина инро гуфта, ба хонаи дарун даромад ва лаҳзае нагузашта дар даст ҷомаи беқасабу каллапӯши чустӣ баромад.

– Наздиктар биё, бачем, ба ниятат худам дӯхта будам.

Ҷомаю каллапӯш ба Фаридун чунон зебид, ки модар аз ҳавас бишукуфт ва аз шавқи ҳамин ҳавас чашмаш об гирифт.

– Ба қадду бастат, оча, садқа.

– Йигити ҷомазеб шудаӣ, писарам. Муборак шавад!

– Қуллуқ дадаҷон, ташаккур очаҷон! – Аз хурсандӣ гул-

гул шукуфт Фаридун.

– Хайр, мо рафтем, – гуфт Ҷамшед ва аз мижгони Парвина канда шудани ашкро дида, осемавор ба гардани Фаридун даст андохт. – Канӣ, пеш даро писарам.

* * *

Пас аз ҷаласаи ғайринавбатӣ, ки хеле тезу тунд, аз ҷониби чанд тан дар мазаммату таҳқири як тан гузашт, эшон тақдири одамро не, гӯё саҳми як мушт лойро дар бунёди иморат ҳал карда бошанд, бефарқу бедард аз дари дуқабата бадар рафтанд. Абдуллозода, ки чунин ранг гирифтани корро чашмдошт набуд, паси мизи дарозрӯяю ялаққосии дафтари кории Раҳим Қурбонов музтару карахт менишаст.

– Ба шумо ҳам ҷавоб, метавонед равед, – гуфт котиб худро бо коғазҳои рӯи миз андармон дошта ва таъкид кард. – Лекин билети партиявиро худи ҳамин рӯз супоред.

– Билетро ман аз шумо нагирифтаам, – гуфт дар ҷавоб Абдуллозода ва чун маҷрӯҳи имдодталаб бадард афзуд. – Онро ман дар майдони ҷанг, дар байни хуну оташ…

– Ҳар куҷое гирифта бошӣ, дар ҳамин ҷо месупорӣ! – Тунд омад Раҳим Қурбонов ва бо тамасхур илова кард. – Беҳуда аз худ қаҳрамон метарошӣ. Онҳое, ки ба маънои ҳақиқиаш ҷонбозӣ карданд, ҳамон ҷо монданд, ҳеҷ набошад, маъюбу маслуқ баргаштанд.

– Ҳа, монданд, дар хоки кишвари бегона, абадӣ монданд. Бо гуноҳи шумо барин сарварони беандеша бегуноҳ он ҷо монданд…

Ин сухан котибро чун корд кора кард, ки бо ғазаб мушт ба миз кӯфт.

– Ҳой, маҳмаддоно!.. Ба назарам ба ту аз билети партиявӣ маҳрум шудан сабақ нашудагӣ барин. Мехоҳӣ аз озодӣ ҳам маҳрум шавӣ?!

Абдуллозодаро, ки тайи як соат аз таҳқиру маломати ашхоси бефарҳангу бедард ҷон ба лаб омада буд, тоқат шикасту беихтиёр нидо кард:

– Кадом озодӣ?! Зиндагиро барои халқ қариб маҳбас

кардед! Фиребу найрангро ба арши аъло расонида, бюрократияро чунон равнақ додед, ки мардумро даст аз осмон, по аз замин канда шуд. Таҳқиру таъқиброба дараҷае расондед, ки имрӯз барои падарамро ёд овардан маро аз сафи партия пеш мекунед! Ва ҳама ин таҳқиру маломат кам буд, ки таҳдиди маҳбас мекунед?... Не, партия, номи муқаддаси коммунистро дар нақши худатону ҳаммаслаконатон набинед. Ин партия равшанфикрону додрасони арзанда ҳам дорад.

– Аблаҳ! Гумонат барои коммунистонро таҳқир карданат дар боло туро навозиш мекунанд? Хестӣ, ки хобат! Ба ту барин миллатчиҳо, ки ба дӯстии тавонои халқҳо рахна меандозанд, дар ҷамъияти мо ҷой нест!

– Боз ин ҷурмро аз куҷо пайдо кардед?

– Магар ту набудӣ, ки дар газетаи «Адабиёт ва санъат» нисфи маҳаллаю муассисаҳо номи русӣ доранд гуфта мақола навиштӣ? Ин кам буд, ки аз хонаат Қуръон ёфтанд ва ту онро аз кишвари дигар пинҳонӣ, duздона овардӣ.

– Дуздона не, рӯшод овардам, – эрод гирифт Абдуллозода. – Дузду ҳаннот шумо барин мансабдорон буданд, ки ҷояшон маҳбас шуд.

– Ҷои ту ҳам он ҷост! – Шӯрид котиб ва ибтидои сол барои ҷаллобӣ дар мулки Афғонистон маҳкум шудани ду тан намояндаи Шӯрои Вазиронро ёд оварда, андак паст омад. – Ту гуноҳи дигаронро мон, худатро бин.

– Худам гуноҳе надорам.

– Чӣ гумонат аз Афғонистон Қуръон овардан гуноҳ нест?

– Қуръон китоб аст. Китоб овардан гуноҳ нест, – гуфт Абдуллозода. – Дигарон тӯп-тӯп кола оварда, савдогарӣ карданд. Ҷуфт-ҷуфт магнитафон оварда, ба сарварони ришвахӯр тӯҳфа намуданд. Ман бо нияти хондану омӯхтан буду шуд як китоб овардам. Инсоф кунед, куҷои ин амал гуноҳ аст?

Раҳим Қурбонов аз ҷой бархест ва аз обгина ба финҷоми булӯрин об рехта, чанд ҷуръа қулт кард.

– Муҳокимарониат аҷиб. Ту не, гӯё мо гунаҳкор бошем.

Ҳамин тавр?

Абдуллозода дар ҷавоб чизе нагуфт. Котиб бо ҳамон оҳанги киноя афзуд:

– Дузди зӯр соҳиби говро муттаҳам кардагӣ барин ту ҳам... Аҷиб, Қуръон мехонад, исломро тарғиб мекунад, байни миллатҳо низо меандозад ва оқибати кор худашро не, моро гунаҳкор мекунад.

Абдуллозода бо нияти муросо ба мусоҳибаш нарм фаҳмонд:

– Охир, бисёр олимон, коммунистон Қуръон хонданд, омӯхтанд, ҳатто ба забонҳои дигар тарҷума карданд, аммо ақидаашон имонашон дигар нашуд...

– Бас аст, сафсата! – Якбора оташ гирифт котиб. – Гум шав аз ин ҷо! Агар ақидаат ҳамин бошад, ман амр мекунам, ки туро дигар ҳатто ба даргоҳи мактаб роҳ надиҳанд.

Абдуллозода на танҳо ба бефарҳангӣ, инчунин ба ҷоҳилии Раҳим Қурбонов имон оварда, аз ҷой бархест ва бо шаст ҷониби дар рафт, то ин даргоҳи ҷабрро ҳарчи зудтар тарк кунад.

* * *

Ҷамшед оҷил мошин меронд. Дарди имрӯз аз сӯҳбати ду фард бардоштааш беш аз беш вазн меовард ба ҷисму ҷонаш. Вақте ба Сарбанд расиданд, мошинро лаби роҳи калон қарор дода, бо Фаридун аз тангкӯчае рӯболо шуд, ки қад-қади дара як бари деҳаро печида, то фарози он мерасид. Таппиши дили Ҷамшед аз фарозии роҳ не, аз андешаи гароне, ки домангираш буд, шиддат мекард. «Худоё, ҳамаи инро ба ӯ чӣ хел мефаҳмонам? Ба ин зарбаи ногаҳонӣ Фаридун чӣ тавр тоб меорад?.. Шояд ҳоло лозим набошад?.. Не, не, ӯ акнун ҷавони баркамол аст, бояд донад. Донад, ки...» ва ин лаҳза хаёли ӯро пурсиши Фаридун парешон кард.

– Дада, қариб омадем?

– Чӣ? – Азбаски Ҷамшед банди андеша буд, пурсиши Фаридунро нафаҳмид.

– Мегӯям, қабристон дур аст?

– Не, писарам, наздик аст, боз андак роҳ монд.

– Ин қадар баланд будааст?

– Аз қадимулайём таомул ҳамин, писарам, ҷои аз ҳама баландро қабристон интихоб мекунанд. – Назари Ҷамшед ба хараки лаби роҳ афтода, ғайричашмдошти Фаридун хоҳиш кард. – Биё, писарам, андак дам гирем, ки ба одами одат накарда якбора ба ин хел баландӣ баромадан душвор аст.

– Уҳу, хараки кори калон будааст, – хушҳол нидо кард Фаридун. – Худи харакҳои шаҳр барин.

Ҷамшед паҳлӯи Фаридун нишаста, хост гӯяд, ки не, писарам, ин харак аз харакҳои шаҳр фарқ дорад. Дар шаҳр харакҳоро бо қарори комиҷроия, бо маблағи давлат месозанд. Дар ин ҷо одамон барои савоб чӯби дару боми худро сарфа намуда, чунин хараку болои дарё пул месозанд. Аммо бо андешаи пайваста ба ҳама гирумони зиндагӣ эрод гирифтан хуб нест, хомӯширо афзал донист.

– Дада, чаро дар ҳама ҷо маҳз теппаҳои баланд қабристон аст?

– Ин эҳтиром ба инсон аст, писарам. Оромгоҳи одам бояд дар баландиҳои баланд бошад, то ҳар субҳу шом назари мо – зиндаҳо ба он афтида, ба хотир орем, ки ҳар кадоме он ҷо азизе дорем. – Ҷамшед инро гуфта, бо нияти дарки аз ин гуфтаҳо чӣ маънӣ бардоштани Фаридун ба умқи чашмони ӯ нигарист. Аммо писар бепарво чизи дигар пурсид:

– Дада, шумо дар ҳамин деҳа калон шудагӣ?

– Ҳа, писарам, ҳамин ҷо калон шудагӣ, – бо ҳавас ба деҳа назар андохт падар.

– Чӣ ном дорад?

– Чӣ гуфтӣ? – Ба ҳайрат рӯ ба Фаридун овард Ҷамшед.

– Чӣ ном дорад? – мегӯям.

– Наход надонӣ? – Ва маломатомез гила кард. – О, ин деҳа зодгоҳи бобою бобокалони ту Сарбанд аст.

– Охир, ягон бор наоварда бошед, аз куҷо донам.

Ҷамшеди аз маломат пушаймон надонист, ки барои боре ҳам деҳаро надидани Фаридун чӣ сабаб орад. Гӯяд, ки

фурсат надоштам, дурӯғ аст. Ӯ ба деҳа ҳар моҳ меояд. Ҳа, меояд, аммо сабаби Фаридунро ин ҷо наоварданашро худаш медонаду Худо. Аз ин рӯ, ба ҷои сабаб узр овард падар.

– Дуруст мегӯӣ, писарам, ин гуноҳи ман. Лекин инсон бояд макони бобоӣ ва ҳафт пушташро ном ба ном донад…

Ҷамшед аз панди ба забон овардааш худ ба андеша рафт: Чӣ кӯрдилӣ, зиёда аз он бадбахтӣ, ки мардум имрӯз ҳатто номи бобою бобокалонашонро намедонанд. Волидайнро ҳамин ки гӯронданд, ба ҷуз номашон ҳама чизро ба фаромӯшиҳо медиҳанд, ҳатто ба зиёрат намеоянд. Агар оянд ҳам намедонанд, ки кадомаш қабри падар асту кадомаш мадфани модар.

– Дада, Худо ҳаст?

Ҷамшедро аз ин саволи ғайричашмдошт табассуми дардолуде ба лаб омад. Сӣ сол қабл аз ин айнан чунин савол карда буданд. Сари роҳ, дар омади гап не, дар сӯҳбати хосса, дар иҳотаи чанд тан одамони боэътибори ноҳия. Он рӯз Ҷамшедро ба сафи комсомол қабул мекарданд. Саволи аввалин ҳамин пурсише буд, ки ҳоло Фаридун кард. Азбаски дар мактаб муаллимон ва пеш аз ба қабулгоҳ ворид шудан котиби комсомоли мактаб ба гӯшаш хонда буданд, тӯтивор ҷавоб дод:

– Худо нест.

Гумонаш ин шуд, ки бо ҳамин ҷонаш халос ва рӯзи дигар ба ӯ бар ивази гарданбанди сурх билету нишони сари синагии комсомол медиҳанд. Аммо боз саду як чизи дигар пурсида, охирон суол карданд:

– Хукбон мешавӣ?

– Не.

– Агар партия инро талаб кунад чӣ?

– Партия ҳам талаб кунад, хукбон намешавам! – Қатъӣ ҷавоб дод Ҷамшеди аз сиёсати даврон ва андешаи ҳозирин бехабар.

Ҳамин ҷавоб сабаб шуд, ки ӯ ба сафи комсомоли пуршараф пазируфта нашуд ва пас аз солҳои сол барои ин роҳи пуршарафро тай накардан ба узвияти ҳизби

коммунистӣ низ лоиқ надонистанд.

Ва ӯ пас аз сӣ сол бар хилофи гуфтаҳои муаллиме, ки имрӯз муллои деҳа аст, ба пурсиши Фаридун дигар хел ҷавоб дод:

– Худо ҳаст, писарам. Худо ин эътиқод аст. Эътиқоде, ки инсон бе он зиста наметавонад… Одам дар зиндагӣ бояд ба ягон чиз эътиқод овараду онро парастад, вагарна… Ба назарам маҳз бо ҳамин ният инсон Худоро офарид.

– Аҷиб, пас Худо офаридаи инсон аст?

– Ҳа, писарам, инсон офарид, то ки имон оварaду аз гуноҳ, фисқу фасод эмин бошад, – инро гуфта Ҷамшед даст ба китфи Фаридун партофт. – Хез, рафтем, писарам, андаки дигар роҳ монд.

Онҳо бо роҳи кӯҳтал боз рӯболо шуданд. Ҷамшед пешопеш, Фаридун мафтуни манзараи атроф падарро думбол мерафт. Чашми вай аз тамошои манзараи дара ва мавҷҳои хурӯшони дарёе, ки сар ба соҳилу харсангҳо зада, бо туғён ҷорӣ буд, серӣ надошт. Иморатҳои чун зинапоя то дуриҳои дури дара қабат андар қабат афтодаи деҳа ба ӯ кадом як мусавварaи осорхонаи кишваршиносии Беҳзодро ёд меорад. Шамолаки сабуксайре аз оғӯши дара ба машоми Фаридун бӯи гулу гиёҳи махмуркунанда овард.

– Ин қадар дараи хушманзар, – бо ҳавас завқи аз тамошои Сарбанд ба дилаш нишастаро ба забон овард Фаридун.

– Номаш ҳам ба худаш муносиб – Маҳтоб, – гуфт Ҷамшед.

– Барои зебоиаш?

– Не, барои дар покизагӣ ба Маҳтоб ном зан монанд буданаш.

Фаридун ба номи одамон номгузорӣ шудани шаҳру колхозҳо, кӯчаю хиёбонҳоро медонад, аммо бори аввал мешунавад, ки дара низ номи одамро доштааст.

– Дада, вай кӣ буд?

– Кӣ?

– Ҳамон Моҳтобе, ки ин дараро ба номаш гузоштаанд?

– Як зани покдомани ҳамин деҳаи Сарбанд буд.

– Чӣ вай қаҳрамон буд?

– Не, писарам, қаҳрамон набуд, – гуфт Ҷамшед ва бо лабханд илова кард: – Ордену медал ҳам надошт. Аммо чизи аз ҳама муқаддас – шараф дошт, номус дошт!..

Ҷамшед аз роҳ бозистода ба пешбағали теғаи баланд ишора кард. – Ҳо, ана, он харсанги дар таги шах овезонро мебинӣ?

– Ҳа…

– Чӣ ранг дорад? – Ҷамшед назари суол ба Фаридун дӯхт.

– Ба назарам рангаш мисли ранги дигар сангҳо муқаррарӣ.

– Дигарон ҳам ҳамин хел мегӯянд. Аммо дурусттар зеҳн монӣ, онро нақшин мебинӣ. Вақти тулӯи офтоб ранги сурху зарди ин санг ҳатто чашм мебарад. Ба шарте, ки бо чашми дил нигарӣ.

– Нафаҳмидам, дада.

– Рафтем, писарам, ту ҳоло бисёр чизҳоро намефаҳмӣ. Бо мурури солҳо ҳамаашро мефаҳмӣ. – Ӯ ба Фариддун нигариста, пандомез илова кард. – Ҳар рӯзу ҳар соати зиндагӣ барои инсон имтиҳон аст, писарам. Имтиҳоне, ки аз сабақаш чашми одам кушода мешавад. Дидаи бинои модарзодро дидаи бино гуфтан нашояд. Чашми одам аз сабақҳои зиндагӣ, аз дидаву шунидаҳояш кушода мешавад. Баъзеҳо номусашонро барои мансаб, сарват, ҳатто латтапора мефурӯшанд. Бехабар аз он мефурӯшанд, ки дар дунё аз номус бошарафтар, муқаддастар чизе нест ва нахоҳад буд.

Ин теғае, ки мебинӣ аз ранги хуни Маҳтобу зари Султон нақшин аст, писарам. Замоне Султон зани покдомани деҳа – Маҳтобро, ки шавҳараш дар мардикорӣ буд, дасту по баста, ба ҳамин дара меорад ва ба шахи баланд бароварда, наздаш кӯзаи зару ба гарданаш ханҷар гузошта мегӯяд:

– Аз ду якеро интихоб кун!

Моҳтоби покдоман кӯзаи зарро пешпо зада, ҷасурона сар бардошт. Ана ҳамон рӯз харсанги шахи баланд аз хуни

Маҳтобу зари Султон рангин шуду бо мурури солҳо дараро мардум Маҳтоб ном карданд…

Ҷамшед бо гӯшаи чашм ба писараш назар андохт ва дид, ки ӯ банди андеша аз шахи баланди дара чашм намеканад, бо оҳанги дигар афзуд:

– Ҳа, шараф чизи муқаддас аст, писарам. Инсони комил онро бо симу зар не, бо баҳои ҷон мехарад. Умр бошад, мисоли оби равон мегузарад. Модоме чунин аст, чаро ин об покиза набошад, то ки аз домани андешаҳои гарони мо хотираҳо рӯ гирифта, ба ҷароҳати куҳна нохун назананд.

Фаридун табассум кард.

– Чаро механдӣ? – Ҳайрон пурсид падар.

– Ҳамин суханҳоро аз «Дард» ном ҳикояатон хонда будам.

– Наход? – Дар чеҳраи Ҷамшед аввал табассум сипас маҳзуние соя андохт. – Маълум мешавад, ки сергап, яъне як суханро чанд бор такрор мекардагӣ шудаам.

– Дадаҷон, наранҷед, – Фаридун падарро оринҷ гирифта, меҳрубонона такя ба китфи ӯ дод. – Ман ҳамту, барои шӯхӣ гуфтам. Азбаски ҳикояатонро такрор ба такрор хонда будам, қариб ҷумла ба ҷумла дар хотирам мондааст.

– Не, ҷони дада, гумонат ғалат, аз ту наранҷидаам… Ман гуфтанӣ, ки як гапро ба такрор гуфтан хуб нест. Ин бояд ба ту сабақ шавад. Охир ту дар факултети журналистӣ таҳсил дорӣ. Пас аз чанд сол бояд заҳмати касберо кашӣ, ки нонаш дандоншикан, аммо аз шири модар ҳам ҳалолтар аст. Аз ин ҷо, ки баргаштем, ман ба ту як китоби аҷиб тӯҳфа мекунам. «Ҳикояҳо аз рӯзгори журналист». – Ҷамшед қадаммониашро тезонда, ба Фаридун рӯ овард. – Хайр, канӣ, далертар қадам зан, қариб расидем. Ҳо, ана ҳамон баландӣ қабристони Сарбанд аст.

– Дада, мо киро зиёрат мекунем?

– Одами хеле азизамонро.

– Қабри бобомро?

– Не, писарам, чунки мисли ҳама фарзандони нохалаф ман ҳам дар куҷо будани қабри бобоюю бибиатро намедонам. Барои он намедонам, ки бача будам ва аз калонсолон

касе ёфт нашуд, ки аз дасти ман гирифта, гоҳ-гоҳе ба ин ҷо орад ва таъкид кунад, ки ин қабри падару модари туст, обод кун, ниҳол шинон, лоақал нишонае гузор, ки ҳамранги қабрҳои беному нишон нашавад. Акнун аз сад ҷустану пурсидан фоидае нест.

Суханони падар хаёли Фаридунро вазн овард. Ҳа, ӯ низ бисёр қабристон дидааст. Дар шаҳр ҳангоми даргузаштани ҳамсояашон. Дар деҳа ҳини пахтачинӣ. Ҳам дар шаҳру ҳам дар деҳот ноободу валангоранд қабристонҳо, зиёда аз он подаҷосту ба ҷои одам гову гӯсола, бузу бузғола мегардад.

– Агар бобомро зиёрат намекунем, пас мо қабри киро зиёрат мекунем? – Пурсид Фаридун аз падар.

– Гуфтамку одами хеле азизамонро.

– Ягон хеши наздикамон?

– Ҳа, хеле наздик, дилу ҷигарамон, – гуфт Ҷамшед бо садои саҳле ларзон. – Рафтем, ҳоло ҳамаашро мефаҳмӣ, – ва чанд қадам монда илова кард. – Ту акнун, писарам, йигитӣ, пастию баландии зиндагиро мефаҳмӣ. Барои ҳамин ҳам имрӯз туро ба ин ҷо овардам, то бидонӣ, ки…

* * *

Толори дарозу шишабанд бо вуҷуди рӯшании офтоб ба назари Абдуллозода торик намуд. Мисли маризи аз бистари дарди домана бархеста пояшро кашола карда, то зинапоя расид. Каллааш хонаи занбӯр буд. Сари ҳар қадам эҳсос мекард, ки агар андаки дигар тобу тавон бой диҳад, рӯи раҳ меафтад. Паҳлучӯби зинапояро дошта, аз иродаи хеш имдод талабид. Нафаре аз наздаш салом дода гузашт, аммо дарк карда натавонист, мард буд ё зан? Наход эҳсосаш то ин андоза заиф, ақлаш тира шуд? Ӯ бо нияти аниқ намудани роҳгузар баргашта, ба қафо нигарист, аммо ба ҷуз дари нимроғи қабулгоҳ, ки лаҳзае аз ин пеш бо сад таҳқиру хорӣ пеш карданд, чизе надид. Наход мардум ба ин даргоҳ эътиқод дошта бошанд? Доранд! Агар не, чаро мисли қибла саҷда меоранд. Ӯ ҳам дорад, аниқтараш дошт, агар не, дур аз диёр, дар ҳалқаи хуну оташ барои бо коммунистон дар як саф будан ариза наменавишт. Оҳ, агар

медонист, ки оқибаташ чунин аст. Охир барои кадом гуноҳ, барои кадом ҷурм имрӯз дар диёри худаш ӯро бе теғу тир мекушанд?! Барои китобе, ки сар то по панд асту ахлоқи ҳамида? Барои бо дуо ёд овардани падар? Аҷиб, Раҳим Қурбонов барин ашхос чӣ хел падар мегӯронда бошанд? Бо шиму костюм ва оркестр? Шояд ҳамин тавр ҳам кунанд. Охир бо ду гӯшаш аз рафиқи рӯзноманигораш шунид, ки котиби аввали ҳизбии ноҳияи Гулдара рӯзи дафни падараш ба ҷаноза иҷозат надод ва таъзия низ қабул накард. Пас маълум мешавад, Раҳим Қурбонов барин манқуртон дар ҷомеа бисёранд ва то даме, ки онҳо ҳастанд, номи ин ҳизб доғдор аст.

Абдуллозода паси фармон нишаста, надонист куҷо равад, ба кӣ арз барад. Худоё, наход додрасе набошад? Куҷост адолате, ки аз минбарҳои баланд ин қадар иброз медоранд? Ба вилоят равад? Не, дар он ҷо ҳам агар номи Қуръонро шунаванд, ба вуҷуди садрнишинон рашъа меафтад. Раҳим Қурбонови манқурт дуруст мегӯяд, дар идораҳои боло низ барои ин «фаъолият» коммунистонро навозиш нахоҳанд кард. Пас чӣ бояд кард? Ва гӯё аз Хизр мадад пурсида бошад, пеши назараш чеҳраи гарми Ҷамшед Камолзода омад, ки бо як навъ оҳанги эътимодбахш мегуфт:

– Ноумед машав, Фотеҳ Абдуллозода, додрасҳо ҳастанд.

Аз ин хаёли таскинбахш Абдуллозода то андозае рӯҳ гирифта, маторро оташ дод ва пеш аз ба роҳ баромадан гӯшаки радиоро тофт. Бо вуҷуди андаке таскин ёфтан, ӯ карахт мошин меронд дар кӯчаи аз одаму мошин қариб холӣ. То чорроҳа киро қади роҳ диду чӣ хел мошин ронд ёд надорад, аммо ҳамин ки ҷониби деҳа тоб хӯрд, сари роҳ Раҳмати подабонро дид, ки мисли одами аз ақл бегона даст афшонда, пеши мошинро гирифт. Раҳматро он қадар ранг парида буд, ки муаллимро ваҳм гирифт.

– Ба ту чӣ шуд Раҳмат? – Саросема аз мошин фуромад Абдуллозода.

– Напурсед муаллим, хонаам сӯхт…

– Кай? Чӣ хел? – Ба сухани Раҳмат имон наоварда, ҷониби ҳавлии подабон назар кард Абдуллозода.

– Як дам аз ин пеш. То саркану покан аз ферма омадам, ки ӯро бурданд.

– Ба куҷо? Киро?

– Иродаро, ба касалхонаи район бурданд. Худашро оташ задааст.

– Чӣ-ӣ? Чӣ гуфтӣ?! – Бо ҳайрат бонг зад муаллим. – Зуд ба мошин даро! – Ва аз даҳшат ҳама дарду аламҳои хешро фаромӯш карда, баробари ба паҳлӯяш нишастани Раҳмати подабон мошинро қафо гардонд.

Мошини рангпаридаи Абдуллозода вопас дар роҳе, ки лаҳзае қабл аз ин паймуда буд, суръат гирифт. Фотеҳи аз хабари нобаҳангом ваҳшатзада на нолаи шарикдарси мактабиашро мешуниду на суханони наттоқи радиоро, ки аз кӯмаки Иттиҳоди Шӯравӣ ба кадомин минтақаи Африқо хабар медод. Пеши назараш танҳо симои Ирода буд. Ҳамон Иродае, ки ҳам шеър мехонду ҳам суруд. Ӯро натанҳо эътибори мактаб, балки эътиборбардори ноҳия медонистанд. Се моҳ қабл аз ин қатори дигар ҳаваскорони санъати Меҳнатобод дар фестивал – озмуни «Бӯстон» ширкат варзида, даҳ хол гирифта буд. Аъло мехонд Ирода ва пас аз хатми мактаб нияти дар донишкадаи санъат таҳсил кардан дошт. Худоё, бо кадом ақл ҳамин хел духтари ҳунарманду оқила худро оташ зад?!

Баробари ба беморхона расидан Фотеҳ Абдуллозода ҷарроҳи ботаҷриба Зуҳур Сатторрро пурсид. Гуфтанд, ки дар Душанбест. Саросема боло баромаданӣ шуд, иҷозат надоданд. Абдуллозода лоҷарам ба курсӣ нишаст ва ин лаҳза дид, ки додари Раҳмати подабон Саид қассоб ва ҳамсояи ӯ Ҳамид Нор низ ҳамин ҷост. Ҳама хомӯш буданд. Ҳодисаи соате аз ин пеш ба вуқӯъ пайваста дили эшонро ба ранги рӯкаши харакҳои қабулгоҳ сиёҳ медошт. Онҳо бо андешаи гарон оқибати кореро интизоранд, ки як ошёна боло ду тан одами хилъати сафедпӯш ба ухда доранд. Раҳмат аз беқарорӣ ба худ ҷои нишаст намеёфт. Дилашро гургҳо тала доштанд. Лаб мегазиду назди тиреза мерафт, менолиду рӯи харак паҳлӯи Абдуллозода мени-

шаст.

Ниҳоят пас аз ним соати интизорӣ духтури навбатдор пайдо шуд. Абдуллозода ин ҷавонмарди хушсуратро, ки синнаш аз чил боло набошад ҳам, мӯи сараш сап-сафед аст, ҳамчун ҷарроҳи ботаҷриба мешиносад ва медонад, ки теғаш бисёр маризонро аз марг наҷот бахшидааст. Ба назари Абдуллозода чунин расид, ки дарро духтур не, вазнину бесадо ғам кушод. Духтур ба нигоҳи умедвори Раҳмати подабон тоб наоварда, ба хараки дами дар вазнин нишаст.

– Аҳволаш хеле вазнин. Гумон аст, ки… Ҳар чӣ аз дастамон омад кардем.

Сухани духтур як сатил оби сарде буд, аз сари Раҳмати подабон рехтанд. Вуҷудаш ларзиду мадораш рафт. Беҳол паҳлӯи Абдуллозода нишаста, такя ба пуштаки харак дод. Ҳамшираи навбатдор саросема як пора пахтаро таги бинии ӯ дошт. Бӯи тези навшотир ба димоғи Раҳмат бад расид. Абдуллозода ба таскини подабон кӯшид.

– Мард бош, Раҳмат, то реша дар об аст, умеди самар ҳаст, гуфтаанд.

Панди Абдуллозода ба гӯши подабон нанишаст. Суханони духтурро шунид, ки мисли одами гунаҳкор ҷабин совиш дода мегуфт:

– Наход гул барин духтар ба ҷони худ чунин ҷабр кунад.

Аз ин ҳарфи духтур дарди Фотеҳ Абдуллозода дучанд шуд. «Иродаро кадом алам, кадом ғам ба ин кор қудрат дод? Эҳ, Ирода, Ирода! Охир туро падарат бо маслиҳати ман чунин ном карда буд. Ба ту дар ин зиндагӣ чӣ намерасид? Ба ҷонат чаро чунин қасд кардӣ?» Абдуллозодаро сари ҳамин андеша аз дил гузашт: Рафту табибон илоҷи корро наёбанд, Ирода асроршро бо худ мебарад. Не, набояд ин хел шавад. Бо ҳар роҳу восита донистан лозим, ки ба ин марг чӣ сабаб шуд? Инсон беҳуда худро оташ намезанад.

– Иҷозат ҳаст, ки ман наздаш дароям, – хоҳиш намуд Абдуллозода аз духтури навбатдор ва далел овард. – Ман муаллимаш, мехоҳам донам, ки…

– Марҳамат, дароед, – розӣ шуд духтур. – Ба мо ҳарфе нагуфт, шояд ба шумо гӯяд, – ва пеш аз он ки аз ҷой хезад,

аз ҳамшираи навбатдор хоҳиш намуд. – Шукрия, муаллимро ба палатаи чорум бар.

– Ман, ҳозир, – гуфт Абдуллозода ба хоҳари шафқат ва барои магнитофон овардан чаққон ҷониби мошин рафт.

* * *

Ҷамшед симпечи даричаи панҷараоҳанини қабристонро кушода, оҳиста тела дод ва қабл аз он ки ба манзили хомӯшон қадам монад, аз ҷайб каллапӯш гирифта, аз рӯи таомул ба сар монд. Фаридун дар тақлиди ӯ каллапӯшашро ба сар сахттар пахш кард. Онҳо чанд мадфани ободу ноободро гузашта, ба сари қабре расиданд, ки болояш дарахти арча ва дуртар аз он чанд бутта гули садбарг қад кашидааст. Сояи арча аз теппахоки марқад гузашта, то пайраҳаи одамгузар мерасид. Ҷамшед назди тахтасанги қабр зону зад. Фаридун ба ӯ пайрав шуд ва пас аз он ки дар таассуби падар даст ба рӯ кашид, оҳиста пурсид:

– Дада, ин қабри ҳамон хешамон?

Ҷамшед дар ҷавоб чизе нагуфт. Нигоҳи маҳзунаш аз рӯи тахтасанг ба чашми фарзанд лағжид. Фаридун чашми падарро ҳавзи об дид.

– Ин қабри падари ту…

Овози Ҷамшед ларзид. Фаридун тарсид. Даставвал нафаҳмид, ки аз чӣ тарсид. Аз ларзиши овози падар, ё аз сухани сарбастаи ӯ. Давоми сухани Ҷамшед беларза, аммо боз сарбаста омад:

– Ҳа, писарам, дар зери ин арча падари ту хуфтааст.

– Гапатонро нафаҳмидам, дада, – бештар ҳайрон шуд Фаридун.

«Ту ҳанӯз бисёр чизҳоро намефаҳмӣ, писарам, чунки ҳанӯз ҷавонӣ. Ба қавле аз сад гулат як гулат нашукуфтааст. Лекин дар зиндагӣ аз оғози умр бофаҳму равшандил мебояд буд. Ба ношукуфта хазон шудани гулҳои умр кӯрдилиҳоямон сабаб аст. Оҳ, агар фарзанди инсон дубора умр медид, чунон зиндагӣ мекард, ки…»

Фаридун ин суханҳоро гӯё аз нигоҳи падар хонд ва инчунин шунид, ки ӯ паст, аммо пурмаъно шеър мехонд:

*– Тухми гул резад баҳорон боз мерӯяд, вале,*
*Ҳайфи тухми одамӣ ҳаргиз нарӯяд аз замин…*

Фаридунро, ки аз суханҳои сарбаста ва дидаи нами падар ба дил ҳаррос роҳ ёфта буд, аз шунидани ин шеър ваҳм бештар шуд. Ӯ эҳсос кард, ки ҳоло ҳозир аз ин ҷо нараванд, воқеаи нохуше рух медиҳад. Бинобар ин ба падар илтиҷо кард:

– Дадаҷон, биёед аз ин ҷо равем. Ба назарам имрӯз хаста метобед. Ким-чӣ хел суханҳои сарбаста мегӯед. Рафтем, дадаҷон, дам гиред, шояд хастагиатон гузарад. Хезед…

– Не, писарам, шин, ман хаста нестам. Дуруст гуфтӣ, табъам хира, сахт хафа ҳастам. Барои ҳамин ҳам туро ҳамроҳи худ ба зиёрат овардам. Дар урфият мегӯянд, ки аз ҳад зиёд зиқ шавӣ ба қабристон рав, таскин меёбӣ, ғамат дуру фикрат равшан мешавад…

– Кӣ шуморо хафа кард, дада?

– Дар корхона сардор, дар хона модарат.

– Модарам?.. Кай?

– Ҳамин рӯз.

– Пагоҳӣ баробар аз хона баромадем-ку, – шак овард Фаридун ба ҳарфи падар. – Аз кор пас аз пешин, баъди аз университет омадани ман омадед. Мо ҳамакаса бозор рафтем, шумо танҳо будед…

– Модари Фарангис не, модари ту маро ранҷонд. Ҳа, писарам, сахт ранҷонд.

Аз ин суханони падар ба дили Фаридун ваҳм бештар шуд. Ҳарчанд дарк кард, ки суханони падар ҷиддист, бо умед тавалло кард:

– Дадаҷон, дурусттар гап занед, маро натарсонед охир…

– Не, писарам, ту акнун ҷавони баркамолӣ, набояд тарсӣ. – Ҷамшед бо меҳр сари Фаридунро сила карда, ӯро оғӯш гирифт. – Ба зиндагӣ мустақилона қадам гузоштӣ. Ва дониста бош, ки зиндагӣ дар ҳар қадам дарду ғам дорад. Зарбаҳояш баъзан миёншикан аст. Аммо мебояд тоб

овард. Ба хотири рӯзҳои ширину гуворояш мебояд тоб овард. Зиндагии бе ранҷу заҳмат якранг асту маънrealmente надорад. Тоб овар, писарам, тобовар шав!

Фаридунро нисбат ба ин сухан садои дили падар баландтар ба гӯш расид. Падарро дил номураттаб мезад. Ӯ сар ба синаи фарохи падар базӯр шунид, ки мегуфт:

– Ту бояд имрӯз ҳамаашро донӣ. Ин васияти ӯ буд. Вай айни камолот рафт, бо дили пурармон рафт.

– Кӣ рафт?

– Ҳам падарату ҳам модарат, писарам. Яке аз паи ҳавою ҳаваси беҷо ба кадом як шаҳр, дигаре бо дарду армон ба хок рафт… Ман, м…а…н падари ту нестам, писарам!

Дили Фаридун дар тапиш ҳамрадифи дили падар шуд. Зиёда аз он ларзиду лағжид. Не, аввал лағжиду сипас ларзид. Ва ӯ бо ҳамин ларзиш фиғон кард:

– Не! Не!!!

– Ту инро бояд донӣ, писарам. Донӣ, ки …

– Дадаҷон, ин хел нагӯед! Маро натарсонед, – ба тавалло пардохт Фаридун. – Хезед, аз ин ҷо меравем. Дар хона меҳмонҳо моро интизор. Охир ман пас аз чанд рӯз бояд ба ким-кадом шаҳр ба хизмати ҳарбӣ равам… Ма…н, ман писари шумо. Шумо дадаҷони ман. Дигар ин хел нагӯед, нагӯед!..

– Ту нури чашми манӣ, ҷони дада, – Ҷамшед боз рӯи Фаридунро ба синааш пахш кард, то ки ӯ ашки чашмашро набинад. Барои тасаллои Фаридун ва аҷаб не, барои таскини худ илова кард: – Гиря накун. Ману ту мардем, мард набояд ашк резад.

Фаридун дигар чизеро намедид. Садои дили падарро ҳам намешунид. Накҳати гулу гиёҳи дара низ ба машомаш намерасид. Пеши чашмаш тумани сафед лангар андохта буду аз оғӯши он касе фарёд мекард: «Ман падари ту нестам! Ман падари ту нестам!»… Ва ниҳоят овози падаршро шунид:

– Ман инро ба ту гуфтан намехостам. Аммо ба нагуфтан низ ҳақ надоштам, писарам. Чунки падари ту – бародари ба ҷон баробари ман бо ду хоҳиш дар оғӯшам ҷон

дода буд. Хоҳиши аввалаш ин буд, туро вақти ба камол расиданат ба зиёраташ орам ва ҳамаашро ба ту нақл кунам… Аз тарси он, ки мабодо хабардор шавӣ, туро боре ҳам ба деҳа наовардам. Ҳар боре ба зиёрати падарат меомадам, бо як ҷаҳон дарду алам ба шаҳр бармегаштам, ки чӣ тавр рӯзе инро ба ту мефаҳмонам… Оҳ, чӣ хел солҳо тез мегузаранд. Гӯё дирӯзакак ту тифли ширхора, ҳамагӣ шашмоҳа будӣ… Ҳар зиёрат таноби моҳу солҳоро кӯтоҳу дарди маро афзун мекард. Оқибат ин таноб имрӯз канду диламро шикаст… Ҳа, писарам, ин дард диламро садпора карда шикаст. Лекин чӣ илоҷ? Ту бояд ин ҳақиқати талхро донӣ… Донӣ, ки падари ту бародари ман буд. Ман ба ҷои ӯ ба ту падарӣ кардам ва то умр боқист, падарӣ хоҳам кард.

– Не, не, дадаҷон, шумо падари ман, шумо… – Фаридун ба чашмони обгирифтаи падараш нигариста, ба ҷои ӯ шахси дигарро тасаввур карданӣ шуд, аммо натавонист. Ва ниҳоят бо садои дар гулӯ печида пурсид. – Пас шумо … а…ам… амакам?

– Ҳа, писарам, ман амакат.

Фаридун бо ҳаррос ва садои боз ҳам ҳазинтар пурсид:

– Модарам ҳам … ян…га?

– Не, писарам, вай бароят модар аст, модари ҳақиқӣ. Ӯ ба ҷои модар ба ту шири сафед дод. Он сол вай ҳам алам дошт. Тифли нахустинашро дар серӯзагӣ ба хок супурда буд. Туро фарзанд хонду шир дод. Хоҳарат Фарангис пас аз як соли туро фарзанд хонданамон ба дунё омад… Ҳар чизе, ки имрӯз ба ту гуфтам, ба хоҳарат нагӯй, писарам. Вай дили ҳассос дорад, туро ниҳоят дӯст медорад. Бигзор Фарангис бехабар бошад, ин дард дар дили ману модарат монад.

Фаридун аз тахтасанги болои қабр чашм намеканд. Дилаш ҳанӯз ҳам меларзид. Як ҳиссиёти барояш ноошнову бадард ба роҳи нафасаш гиреҳ мезад.

– Писарам, чаро намепурсӣ, ки васияти дигари падарат чӣ буд?

Фаридун маҳзуну сархам пурсид:

– Чӣ буд?

– Гуфта буд, ки ҳеҷ гоҳ туро ба модарат нишон надиҳам.

– Вай зинда?

– Кӣ?

Забони Фаридун ба модар гуфтан нагашт.

– Ҳамон занак.

– Ман ҳам то имрӯз намедонистам. Аз ҳамон рӯзе, ки туи ширхораву падари ранҷуратро партофта рафт, надида будам. Имрӯз пас аз ҳабдаҳ сол моро кофта, ёфт. Аввал нашинохтам. Пир шудааст. Туро пурсид ва боз … ва боз …

– Чӣ боз?

– Боз … пул пурсид.

– Чӣ хел пул?

– Ҳамон пуле, ки пас аз марги падарат мошинашро фурӯхта, ба номи ту пасандоз карда будам. Ва ту ҳақ доштӣ, ин пулро танҳо дар синни ҳаждаҳсолагӣ соҳиб шавӣ… Ту аллакай ҳаждаҳсола, писарам. Барои ҳамин ҳам кофта-кофта маро ёфта. Туро ҳам диданӣ…

Фаридунро, ки хаёл банди дигар андеша буд, ба ҷои «чаро маро диданист» чизи дигар пурсид:

– Дада, падарам дард кашида, аз касалӣ…

– Не, писарам, ба фикрам падаратро куштанд. Ҳа, ҳа, куштанд. Ҷабру ситами модарат ба дилаш сакта шуд… Не, вай аз сактаи дил намурдааст. Дар беморхона аз истеъмоли як навъ шарбат мурд. Касе ёд оварда наметавонист, ки он шарбатро кӣ оварда буд… Вақте саркану покан болои сараш ҳозир шудам, ҳамагӣ чанд сухан васият карда тавонисту халос.

Фаридун бештар ба хаёл рафта пурсид:

– Дада, ин кори кӣ буд?

– Намедонам, писарам. Чизе, ки намедонӣ ҳукм кардан душвор аст. – Ва гумонеро, ки тайи ин солҳо дар дил дошт, ба забон овард. – Фақат ҳамин қадар медонам, ки ба хотири модарат Раҳим Қурбонов ном одам ба падарат душманӣ дошт. Бародари ӯ ҳамон солҳо сардухтури беморхона буд…

– Пас…

– Не, писарам, – пеши сухани Фаридунро гирифт падар, – бо андак шубҳаю гумон ҳукм кардан нашояд. Ин гуноҳи азим аст… Як рӯз не, як рӯз мефаҳмӣ, ки аз ҳамин ҳукми нораво солҳои сӣ ҳазорҳо одамон қатл шуданд, аз ҷумла ду бародари бобои ту ҳам.

– Аз дасти Сталин? – Аз рӯи шунидаву хондаҳои худ тахмин кард Фаридун.

– Не, танҳо аз дасти ӯ не. Аз дасти кӯрдилон, тангназароне, ки сарвату маърифати халқро хурофот пиндошта, ҳама чизро аз бунёдаш оташ заданд. – Ҷамшед инро гуфта, бо дарди бештаре афзуд. – Ҳа, писарам, бисёр чизҳо сӯхт… Ҳам тақдири одаму эътиқод, ҳам китобу алифбо…

– Бародарони бобомро дар ҳамин деҳа куштанд?

– Не, онҳоро ба ҷойҳои дур бурда куштанд. Дар ҳамон ҷойҳое, ки сонитар ҳамдиёрони бобоят бо номи Баму Сияҳзамин ободаш карданд ва аҷаб не, тарҳи «шоҳроҳи аср»-ро аз ҳамон мавзеъҳое кашиданд, ки фавҷ-фавҷ одамон хок шуда буданд. – Ҷамшед бо нияти мавзӯи сӯҳбатро дигар кардан аз Фаридун пурсид. – Ҷони дада, чаро ба пурсишам ҷавоб надодӣ?

– Ба кадом пурсиш?

– Гуфтам-ку, модарат туро диданӣ.

Пурсиши падар боз беҷавоб монд. Нигоҳи Фаридун ба шохи арча нишаст ва ниҳоят ба ҷои ҷавоб савол кард:

– Ин арчаро шумо шинонда будед?

– Не, писарам, инро каси дигар шинондааст, – ва ба хаёл рафта афзуд. – Шояд ӯ падаратро аз ман ҳам бештар дӯст медошт. Нигар, дар нисбати дигар қабрҳо марқади падарат чӣ хел тозаю озода. Ҳар боре падарат ба кӯҳ мерафт, барои ӯ шохчаи арча меовард ва ман мебурдам. Бо шохчаи арча мактуб ҳам мебурдам. Оҳ, чӣ хел вай аз ин хурсанд мешуд. Аз хурсандӣ ба худ ҷои нишаст намеёфт ва маро бо чӣ зиёфат карданашро намедонист. Аз мағзу конфетхӯрӣ гоҳ дандондарду гоҳ ишкамдард мешудам, – лабони Ҷамшед лаҳзае майли табассум намуд, аммо давоми суханаш, ки таассуфовар буд, ин нақш равшан зуҳур накард. –

Эҳ, ҷавонӣ, ҷавонӣ. Агар падарат ҳамон сол ба шаҳр рафта, ба доми дигаре намеафтод, аҷаб не, Ҳамида модари ту мебуд…

– Ҳамида?… Кӣ вай?

– Кӣ мешуд, инсон писарам. Инсоне, ки аз хатои авфнопазири падарат дар дилаш ҷароҳат афтода бошад ҳам, меҳри гармаш умре боқӣ монд. Ӯро то имрӯз фаромӯш карда наметавонад, – Ҷамшед аз ҷои нишасташ даст ёзонда, чанд тор алафи кайҳо хушк шудаи як гӯшаи тахтасангро канд.

Ба гулӯи Фаридун боз гиреҳ афтод. Наход одаме, ки ҳаждаҳ сол падар гуфту аз дилу ҷон дӯсташ медорад, падари ӯ набошад. Аз ин андеша гиреҳ сахттар шуду овози падараш бадардтар ба гӯш расид.

– Мо хоҳару модар надоштем, писарам. Рӯзи дафни падарат Ҳамида мӯй кушода, ба фиғон рӯй канд. Барои ин ӯро касе маломат накард, лекин ба дари хонаи Ҳалим амак хостгор ҳам наомад… Ана ҳаждаҳ сол аст, ки ӯ қабри падаратро парасторӣ мекунад, ҳарчанд ки аз ӯ парасторӣ надидааст.

Офтоб майли ғуруб кард. Сояи арча аз пайраҳа низ гузашта, то мадфани дигаре расид, ки ҳамнақши замин буд. Падару писар муддате хомӯш ба андеша рафтанд. Яке бародари айни гулшукуфти умр хазоншударо ёд оварда, фикр мекард, ки агар ҷавонмарг намешуд, имрӯз чӣ мақому рӯзгоре медошт. Дигаре дар вусъати хаёл мехост шахсеро эҳё кунад, ки дар қаду баст, гирумон, аҷаб не, баробари инсон рӯ ба рӯяш нишаста буд, вале дар кадомин як феълу хӯ аз ӯ фарқ дошт. Яке равшан тасаввур мекарду дигаре дар вусъати хаёл симои азизтареро аз шахси рӯ ба рӯяш нишаста эҳё карда наметавонист. Ҳарчанд кӯшиш ба харҷ дод, пеши назараш ба ҷуз чеҳраи гарми инсони рӯ ба рӯяш дигар чеҳрае таҷаллӣ нагашт.

Ҷамшед вазнин аз ҷой хест ва як каф хокро, ки то ин дам совиш медод, зери арча андохт. Фаридун низ сари по шуд. Падар ба китфи ӯ даст партофт.

– Ба қабри падарат саҷда кун, писарам.

Сухани Ҷамшед амр не, оҳанги хоҳиш дошт. Зонуҳои Фаридун беихтиёр хам хӯрданд. Дасташ бо меҳр рӯи тахтасанг лағжиду дар замираш ҳисси аҷибе бедор шуд. Аз туғёни ин ҳиссиёт пеши назараш чеҳраи гарме падид омад… Ӯ падарашро дид, ки дар қадду баст аз арчаи сарсабз ҳам баландтар буд.

– Вай дар зиндагонӣ ба ҷуз ту дилкашолие надошт, писарам. Дар дасту позаниҳои тифлонаи ту давоми умри худро медид. Шукри Худо, дар зиндагӣ давоми умри падар шудӣ.

Ин сухан қуввати дил шуд Фаридунро. Чашм пӯшид, боз ҳамон чеҳраи гармро дид, ки дар қадду баст аз арча ҳам баландтар буд ва бо нияте, ки ин чеҳраи гармро амиқтар тасаввур кунад, аз падар пурсид:

– Дада, падарам чӣ хел одам буданд?

Ҷамшед, ки ба хаёл рафта буд, суоли Фаридунро нафаҳмида пурсид:

– Чӣ гуфтӣ?

– Падарам ба шумо монанд буданд, ё?

– Ҳа, писарам, монанд буд, моро қариб, ки фарқ намекарданд… Аммо боз ким-чӣ хел монанд ҳам набуд. Шӯридасар буду ба сухани нағз зуд фирефта мешуд… Нияти олим шудан дошт. Дастхатҳояш ҳанӯз ҳам дар дасти мананд…

– Сураташонро надоред?

– Чаро надоштаам, дорам, бисёр дорам писарам… Ман онро аз ту пинҳон медоштам. Бо дастхатҳои падарат якҷоя пинҳон медоштам.

Фаридунро ба ёди инсоне, ки аксаш ҳаждаҳ сол бо ӯ дар як хона буду боре ҳам надидааст, дил гум зад.

* * *

Шариф Салимов аз ногаҳон назди дарвоза пайдо гардида, садо додани мошини котиб саросема шуд. Раис, ки пас аз гусели меҳмон рӯи кати саҳни ҳавлӣ зери каш лӯлаболишт ғанаб мерафт, якбора ҳушёр шуд. Қабл аз он ки ба пешвози Раҳим Қурбонов шитобад, шишаи аракро

аз рӯи дастархони ҳанӯз ноғундошта гирифта, таги кат монд ва раҳораҳ ҷомаи то ҳол ба китфаш амонатро остин пӯшида, аз дил гузаронд... «Одати бехабар пайдо шудан надошт. Тинҷӣ бошад?..» Ва аз табъи хираи котиб раисро ташвиш дучанд гардида, ба ҷои пазироӣ беихтиёр пурсид:

– Тинҷӣ аст, Раҳим Қурбонович?

– Тинҷӣ, – бефарқ ҷавоб дод котиб. – Дар хона кист?

– Ҳеҷ кас, – бештар ҳайрон шуд Шариф Салимов ва саросема хоҳиш кард. – Марҳамат дароед, хӯрок тайёр.

Раҳим Қурбонов аз мошин фуромада, ба ронанда амр кард:

– Хона рав, бачаҳоро ба Гулдара мебарӣ, – ва пеш аз он ки дарро пӯшад илова кард. – Хоҳ барвақт, хоҳ бевақт баргардӣ ба идора набиё, ман бо раис Душанбе меравам.

Шариф Салимов ҳайрон монд, ки бе ягон огоҳии пешакӣ барои ба Душанбе рафтан чӣ зарурат пеш омада бошад? Дуруст аст, ки онҳо борҳо ба Душанбе ва шаҳрҳои аз он ҳам дуртар – Москваю Ленинград сафар карда, бо сайру саёҳат дилхушиҳо доштанд. Лекин ҳар сайру саёҳат бо маслиҳат ва огоҳии пешакӣ сурат мегирифт.

Раҳим Қурбонов ба сачоқи сап-сафеди ҳоло ҳозир аз хона баровардаи духтари раис бо ҳавас даст пок кард ва ба дастурхони Шариф Салимов назар андохта, эрод гирифт.

– Аз сари дастурхонат вазир хестагӣ барину «дар хона касе нест», мегӯӣ.

– Буд, лекин вазир не, – бо лабханд ҷавоб дод раис. – Директори заводи пахта. Ҳозир гусел карда будам, ки Худо шуморо расонд. – Ва даст пеши бар гирифта афзуд. – Шукри меҳмон, шукри қадам ранҷа намудани шумо. Хуш омадед, Раҳим Қурбонович.

Раҳим Қурбонов ба лутфу пазироии мизбон заррае эътибор надода, лаби кат амонат нишаст ва киноя кард:

– Директори заводи пахта барои колхози пахтакор одами аз вазир ҳам зӯртар аст. Имонам комил, ки барои колхозат чени даҳ вазир хизмат кардагист.

– Қарс аз ду даст, Раҳим Қурбонович, – зӯр ба зӯр табассум намуд раис. – Хизмат, ки мебинад, хизмат мекунад.

Рафиқони ӯзбек «сандан угина мандан бугина» гуфтаанд.

Раҳим Қурбонов муддате ба пасу пеши себи аз дастархон гирифтааш назар карда, вопас рӯи дастархон афканд. Раис бо як назар пай бурд, ки урёнбаёнӣ котибро хуш наомад. Бо нияти ислоҳи сухан ба сифати директори заводи пахта Фирӯз Ғулом пардохт:

– Ҷавон бошад ҳам, дар кораш пухта, чӣ будани обрӯи район у калонҳоро медонад.

– Дар кори худаш пухта мегӯӣ? – Маънидор суол кард Раҳим Қурбонов.

– Ҳа, пухта, – Шариф Салимов инро гуфта, далел овард. – Шаш муфаттиш шаш моҳ тафтиш гузаронида, як сари мӯ камбудӣ наёфт.

– Аммо як муаллим бо ду хабаркаш дар як рӯз як ҷувол гап ёфт, – гуфт котиб ва бо нияти таъсири суханро фаҳмидан ба чашми мусоҳибаш нигариста, илова кард. – Ҳамаашро ҳуҷҷат ва бо шарҳу баёноти одамон асоснок карда гирифтааст.

– Чиро? – Бо ҳаррос рӯ ба рӯи котиб лаби кат нишаст раис.

– Чиро мешуд, хариду фурӯши пахтаро, – ҳарроси раисро пай бурда бошад ҳам, бепарво ҷавоб дод котиб.

– Кадом пахтаро?

– Ҳамон пахтае, ки ҳар килограммашро бо пули нақд харида, плану уҳдадорӣ буд кардӣ.

– Дурӯғ! – Якбора барошуфт Шариф Салимов ва дар рӯ ба рӯяш котиби роздон не, гӯё прокурор нишаста бошад, бо ҳамон оҳанг афзуд. – Ҳамааш сафсата, туҳмат!

– Ман ҳам ҳамин хел гумон мекунам, – гуфт Раҳим Қурбонов. – Дуруст мегӯӣ, ҳамааш сафсата, аммо ӯ дар даст ҳуҷҷат дорад. Одамон баёнот доданд, овози чанд нафарро ба лентаи магнитофон сабт намудааст. Ва… ҳамаи инро имрӯз ба Душанбе бурданӣ.

– Кист ин нобакор?

– Кӣ мешуд, Абдуллозода, – гуфт дар ҷавоб котиб ва бо мақсади бештар кора кардани сухану барангехтани нафра-

ти Шариф Салимов илова кард. – Ҳамон Абдуллозодае, ки ҳафтаи гузашта радио фелетонашро дар бораи ту шунавонида буд.

– Ман туф кардам ба фелетонаш! – Аз ғазаб беодобона шӯрид раис.

– Лекин ба он чизе, ки имрӯз ӯ дар даст дорад, туф карда намешавад, – гуфт котиб мусоҳибашро бештар ба ҳаррос оварда. – Одамоне, ки дар замини лаби канал хона месозанд, бехабар аз дилу нияти бади Абдуллозода иқрор овардаанд, ки раиси колхоз, яъне ту аз ҳар кадом ду ҳазор сӯм гирифта, замин додаӣ.

– Ё, тавба, – беихтиёр даст ба гиребон бурда, аз ҷой хест раис. – Душман, ки гап наёфт, думи сагат каҷ мегуфтааст.

– Шин! – Аз рухакбозии раис ба танг омада, амр кард котиб ва муддате сукут варзида, Шариф Салимовро панд хонд. – Хариду фурӯши пахтаву заминро бо думи саг баробар накун. Ин думи саг не, думи шер аст. Худат нағз медонӣ, ки бо думи шер бозӣ кардан чӣ оқибат дорад.

– Наход ҳамин муаллими аз партия ва кор рондашуда шер бошад? – Аз муҳокимаронии котиб ба танг омад раис.

– Не, ӯ рӯбоҳи захмин аст, лекин ҳуҷҷате, ки дар даст дорад, шер аст ва ин ҳуҷҷат метавонад сари бисёр одамонро хӯрад. Фаромӯш накун, ки фардо ба район худи калон меояд. Ба ӯ дар хусуси ту гапҳои гуфтанӣ дорам. Агар Худо накарда ягон гапу калоча сар занад, ҳамин қадар даву този ману ту як пул.

Шариф Салимови дар ҳама кор маслиҳатгари хурду калон, ба қавле одами мӯи сиёҳашро дар кори роҳбарӣ сафед карда намедонист чӣ тадбире андешад, то оқибати ин кори нохуш бахайр бошад. Раҳим Қурбонов себи лаҳзае аз ин пеш рӯи дастурхон афкандаашро бо корди дамаш мисли поку тез боэҳтиёт пӯст меканд. Ва дид, ки аз раис садое нест, нарм пурсид:

– Хӯш, ба чӣ хулоса омадӣ?

– Шояд ин лаънатӣ аз алами маҷлиси имрӯза…

– Нодон! – Бо ситез пеши сухани раисро гирифт котиб. –

Ҳамаи ин сабту ҳуҷҷатҳоро ӯ то маҷлис ғундошта буд. Маҷлис фақат сабаб шуд, ки имрӯз кӯшиши ба ҷои даркорӣ расонидан кунад.

– Барои ҳамин Душанбе меравем? – Таъкиди Раҳим Қурбоноврo ба ронанда ёд оварда, пурсид раис.

– Худат танҳо меравӣ, – гуфт котиб ва барои дар ин кор Шариф Салимовро ҳамсафар нашудан сабаб овард. – Ман ин бегоҳ дар Ҳуснобод маҷлис дорам.

– Ӯ кай меравад?

– Кӣ? – Саволи раисро нафаҳмид Раҳим Қурбонов.

– Думи шер, – нешханд кард Шариф Салимов.

– Алҳол дар хонааш. Як одами аниқ хабар расонд, ки рӯзро бегаҳ карда ба роҳ баромаданӣ.

Раҳим Қурбонов дурӯғ мегуфт. Абдуллозода ин лаҳза дар хона не, дар бемор-хона, болои сари шогирдаш Ирода буд. Одами аниқи котиб – ҳамшираи шафқат соате пеш Абдуллозодаро ба палатаи чорум назди Ирода оварда шоҳиди ҳама гуфтаҳои духтарак ва ин гуфтаҳоро ба лентаи овоз сабт намудани Абдуллозода гардид. Шукрия бесадо аз палата баромад ва қабулгоҳи сардухтурро беодам ёфта, фавран ба Раҳим Қурбонов занг зад. Шукрия ҳама шунидаҳояшро ҳарф ба ҳарф гуфт ва хотирнишон кард, ки худи ҳамин бегоҳ Абдуллозода бо ин сабту дигар дардҳои гуфтанӣ ба Душанбе рафтанист.

Шариф Салимови аз асли гапу кор бехабар барои таскини котиб, аниқтараш ба таскини худ гуфт:

– Ҳеҷ гап не, Раҳим Қурбонович, дар ин зиндагии пурғавғо ҳар думи шере дидем, ки... Иншооллоҳ ҳисоби инашро ҳам меёбем.

Аз сухани Шариф Салимов котибро ғубори хотир тоза, дил то андозае осуда шуд.

– Аз ҳама муҳимаш сабти магнитофон нобуд шавад, – таъкид намуд котиб як пора себи пӯст кандаашро бо ҳавас ба даҳон андохта ва сари ҳамин ҳавас бо нияти аз ҳусни духтари раис чашм об додан гапро ба ҳазл бурд. – О, ту чӣ хел мизбонӣ, ба Шаҳноза гӯй лоақал як коса чурғот биёрад. – Ӯ ба ноки аз ҳама зебои лаълӣ даст бурда, илова

кард. – Гумонат одамон ҳамтӯ осонакак ду карат қаҳрамон мешаванд.

Раис аз суханони котиб маънӣ бардошта, ҷониби ошхона рафт, то ки худи Шаҳноза барои Раҳим Қурбонов як коса шӯрбо биёрад.

* * *

Офтоби парпаррони сари қулла мисли модари дилкашол як даста нури худро ба теппаи баланди Сарбанд чун дасти навозиш банд медошт.

– Хез, писарам, рӯз бегоҳ шуд, – Ҷамшед даст ба китфи Фаридун партофт.

– Хона меравем?

– Ҳа, писарам, хона меравем, лекин сари роҳ Ҳамидахолаатро хабар мегирем.

Фаридунро, ки ба соҳиби ин ном аз ҳикояти падар ба дил меҳр бедор шуда буд, қаноатманд пурсид:

– Хонаашон дар ҳамин деҳа?

– Ҳа, сари роҳ, лаби чашма.

Ҷамшеду Фаридун аз сари мадфани Бузургмеҳр ҳанӯз чанд қадам нарафта, аз самти чапи қабристон пирамарде пайдо шуд, ки дасташро болои абрӯ соябон намуда, ҷониби онҳо ҳайрон-ҳайрон менигарист. Ҷамшед бо як назар Ҳалим амакро шинохта, чаққон пешвоз рафт.

– Ассалому алейкум, амак.

– Э, э, Ҷамшедҷон, – бо шавқ оғӯш кушод пирамард. – Гӯр пирӣ шавад, қариб нашиносам, – ӯ Ҷамшедро аз оғӯш раҳо надода, гаштаву баргашта ҳолпурсӣ мекард. – Сиҳат – саломатед, фарзандҳо, хонадон тинҷӣ?

– Шукр, амак, шукр, саломат бошед, – аз дидорбинии ногаҳонӣ хурсанд сипосгузорӣ мекарду пирамардро ҳол мепурсид Ҷамшед. – Худатон сиҳату саломатед?

– Ҳа, Ҷамшедҷон, шукри Худо, аз хок берун гаштем. – Ҳалим амак оби аз шавқи дидор дар чашмонаш ҷӯшидаро нарм пок кард. – Шамоли кучо парронд гӯям, ба зиёрати Бузургмеҳр омада будед-да.

– Ҳа, амак, ҳам ба зиёрату ҳам ба дидорбинии шумо…

– Нағз кардед, писарам, нағз. Дар дунё аз ин кори савобтаре нест, – пирамардро ин лаҳза назар ба Фаридун афтода пурсид. – Ба назарам ин йигитча…

– Ҳа, амак, ин йигитча Фаридун.

– Оҳо, – хушҳол нидо кард Ҳалим амак, – Фаридунҷон ин қадар йигити калон шудааст. Э, боракалло, ҷони бобо, боракалло. – Пирамард Фаридунро бо меҳр оғӯш гирифт. – Додо – бача хуб ҳавсала кардетон-да.

– Ҳа амак, шишта-шишта хумори деҳа гирифту ба роҳ баромадем. Кайҳо боз мақсад доштем. Лекин серкорӣ, ташвиши рӯзгор, болокории ин роҳи дур… Ана имрӯз насиб карда будааст…

– Нағз кардед, писарам, сад накунад, шумо фарзанди ҳамин қишлоқ, – гуфт Ҳалим амак ва пандомез илова кард. – Хешу табор надорам гуфта, мулоҳиза накунед, Ҷамшедҷон. Дар асл мо ҳама аҳли қишлоқ фарзанди як падарем. Ҳа, писарам, бобокалонамонро Мир Ёдгор мегуфтанд... Хайр, агар дуою фотеҳа карда бошетон, хезетон хона меравем. Имшаб меҳмон мешаветон.

– Ташаккур амак, – сипосгузор шуд Ҷамшед, – худамон ҳам дар ҳамин ният будем. Фаридун имрӯз Ҳамидахолаашро диданӣ буд. Ҳамту сари роҳ дидор диданием. Меҳмонӣ насиб бошад, бори дигар.

– Не, Ҷамшедҷон, – эрод гирифт Ҳалим амак. – Дар як сол як бор меоеду…

– Акнун дам ба дам меоем, – узр овард Ҷамшед ва бо ҳазл илова кард. – Ҳӯ, дар урфият мегӯянд-ку, ҳар қадар синну сол рафтан гирад, ҳамон қадар ақли одам медароянд.

– О, ҳоло гапи синну сола ба шумо кӣ мондааст, – гуфт пирамард узри мусоҳибашро напазируфта. – Не, имшаб ҳатман меҳмон мешавед. Ана, Фаридунҷона бори аввал ба қишлоқ овардед. Ҳамидахолааш хурсанд мешавад.

– Ҳамидаапаам дар хона? – Пурсид Ҷамшед.

– Не, вай ҳам ҳамин ҷо, – ҷониби пайраҳаи поёни қабристон назар андохт пирамард. – Чӣ кори заруре дошта бошем, ҳар бегоҳии ҷумъа ба зиёрати раҳматӣ кампиру Бузургмеҳр меоем. Ба ниҳолакони сабз кардаамон об рех-

та, бо дуо ёдашон мекунем.

Ин лаҳза дар пайраҳа зане дар сар қарси сафеду дар по калӯшу маҳсӣ ва дар даст сатили об пайдо шуд.

– Ана, номаша гиру гӯшаша каш, – хушҳол нидо кард Ҳалим амак духтарашро дар пайраҳа дида ва бо ҳамон оҳанг садо кард. – Ҳой, Ҳамидаҷон, бубин, кӣ омадааст!

Ҷамшед бо шитоб ҷониби Ҳамида рафт, то ҳол пурсаду сатилро аз дасти ӯ гирад. Фаридун низ ба падар пайрав шуд. Баробари ӯро дидан чашмони Ҳамида гӯё нур гирифта, тахминашро ба забон овард:

– Агар хато накунам, ин ҷавони ҷомазеб…

– Ҳа, апа, Фаридун…

Ҳамида муддате қаду баст ва чашму абрӯи Фаридунро бо назари меҳр навозиш намуда, хоҳиш кард:

– Канӣ, канӣ, як бӯса кунамат… Ваҳ, холааш садқа, чашм нарасад, дар қадду баст баробари додот шудаӣ.

Аз бӯсаи гарму пурмеҳри Ҳамида дар вуҷуди Фаридун тобу тавоне раҳ ёфт ва ӯ чобук аз дасти падар сатили обро гирифта, пеш даромад. Ҳалим амак, ки онҳоро сари мадфани Бузургмеҳр интизор буд, баробари расидан аз Фаридун хоҳиш кард:

– Канӣ, ҷони бобо, оба ба бехи ниҳол рез. Ҳа, боракалло, ана ҳамин хел, – пирамард таҳсиномез ба китфи Фаридун даст зада, аз Ҷамшед гила кард. – Оббо, Ҷамшедҷоне, агар тасодуфан вонамехӯрдем, моро хабар нагирифта, гузашта мерафтед-а?

– Не, амак, шумою Ҳамидаапаамро хабар нагирифта, ҳеҷ куҷо намерафтем.

– Ҳа, писарам, дидор ғанимат. Ман ҳам офтоби сари кӯҳ, кӣ медонад чандрӯза умрам мондааст.

– Ин хел нагӯед, амак. – Ҳалим амакро таскин дод Ҷамшед. – Ҳоло шумо бақувват, насиб бошад…

– Э, Ҷамшедҷон, ман дидагиамро дидам. Акнун навбати шумоён… Ҳа, писарам, умр гузашт бо каму костӣ бошад ҳам, шукр, покиза гузашт. Хайрият ба бахтам ҳамин Ҳамида будааст. Ҳам хизмати модар дидаму ҳам писар, – пирамард оҳи бадард кашид. – Бечора, духтарам, умракаш

танҳо гузашт.

– Додо, чӣ лозим, – Ҳамида лаби қарси сафедашро газида, сар хам кард.

Сухани Ҳалим амак ба Ҷамшед низ бетаъсир намонд. Ӯ ин лаҳза намедонист барои таскини ин ду инсони бахтбаргашта чӣ ҳарфе ба забон орад. Фаридун инро пай бурда байн даромад.

– Дада, боз як сатил об биёрам?

– Майлаш, рав писарам. То об овардани ту ману бобоят модари Ҳамидахолаатро зиёрат мекунем, – Ҷамшед пирамардро оринҷ гирифта, хоҳиш намуд: – Рафтем, амак. Ба фикрам қабрашон ҳӯ дар он гӯша буд-а?

– Ҳа, Ҷамшедҷон, дар хами ҳамин теппа қабри сағонадор манзили раҳматӣ кампирам.

Фаридун бо дав ҷониби дарё хамид. Ҳалим амаку Ҷамшед бо пайраҳаи морпечи байни мадфанҳо ҷониби қабри сағонадор рафтанд. Ҳамида бо Бузургмеҳр танҳо монду мисли ҳамасола хомӯш ҳасрат кард:

«Дарди ту маро обу адо кард Бузургмеҳр.Ончунон обу адо кард, ки давча нашуда ғулинг шудам… Дарди ту кай ба дилам кӯчид? Худам ҳам намедонам. Шояд бо ҳамон шохчаи арчае, ки бори нахуст аз кӯҳ овардӣ? Не, не, вай дард набуд, шавқ буд, завқ буд, эҳсоси аввалини ҷавонӣ буд… Дард дертар тавлид ёфт. Бехабар аз ману ту тавлид ёфт, тифли ҳавасҳоямро аз оғӯши орзупарварам рабуд. Бераҳмона рабуд. Ончунон рабуд, ки тани танҳо мондам, бо ёди ту мондам...

Оҳ, Бузургмеҳр, ман туро ҳангоми ташнагӣ аз қаъри дарё, вақти хаёли рангин аз авҷи афсонаҳо ва дами нафастангиҳо чун ҳаво ёфта будам. Ва дар зиндагиям танҳо як афсона доштам. Ин афсонаи ишқи ту буд. Ишқе, ки то имрӯз моро месӯзаду мегудозад… Ёд дорӣ, ҳар боре ба кӯҳ мерафтӣ, барои ман шохчаи арча меовардӣ. Наход бо ҳамин ният меовардӣ, ки рӯзе ман болои қабрат арча сабзонаму дили пурармонамро ба ёди ту сӯзонам?..

Шохчаҳои арча ҳанӯз ҳам дар байни саҳфаҳои китобанд. Ҳар рӯз чун хотираҳои гарону бадарди зиндагиам

саҳфагардон мешаванд ва дар ҳар саҳифа ман нақши туро меҷӯям… Не, осуда бихоб, ман ҷурму гуноҳи туро намеҷӯям. Ту чун тифл пок будӣ. Ва шояд ҳамин соддадилиат сабаб шуд ба гуноҳат. Не, он гуноҳ не, як бесарии ҷавонӣ буд…

Имрӯз ман туро дидам. Ҷавони ҳаждаҳсола дидам. Дар хоб не, лаҳзае аз ин пеш дар бедорӣ, дар сари қабрат дидам. Фақат ҳамин қадар, ки дар дастат шохчаи арча набуд. Вақте Фаридунро бо меҳр бӯсидам, ба машомам бӯи ту омад. Шукри бӯи ту кардам ва боз шукри он кардам, ки дар зиндагӣ ба ҷуз ишқи ноком ман нишоне дорӣ, ки давоми роҳи нотамоми туст…»

Фаридун сатили об дар даст ба Ҳамида нигариста муддате ба хаёл рафт ва дид, ки аз холаи маҳзунаш садо нест, оҳиста гуфт:

– Холаҷон, об овардам.

– А? – Ҳушёр кашид Ҳамида. – Хуб кардӣ, ҷони хола. Рез. Рез, ки оламу одам сӯхт.

Фаридун обро аз бехи гул андак дуртар рехта, аз холае, ки умре ба ёди падари ӯ сӯхтааст, сипосгузор пурсид:

– Шумо падари маро…

– Ту… аллакай бохабарӣ, ҷони хола?…

Ба чеҳраи Фаридун маҳзунӣ соя андохта, дар чашмаш ашк ҳалқа зад.

– Ҳа, имрӯз дадаам ҳамаашро нақл карданд. Гуфтанд, ки ман… м…а…н

– Гиря накун, ҷони хола. Ҷамшедҷон падари туст, – Ҳамида дасти навозиш ба сари Фаридун бурд. – Падар, модар ҳамонест, ки одамро калон мекунад, ба воя мерасонад. Лекин падари худатро ҳам фаромӯш накун. Тавонӣ дам ба дам ба зиёраташ биё…

Ҳамида ба Фаридун боз бисёр сухан гуфта, бо меҳр сарашро сила карданӣ буд, аммо ин дам Ҳалим амаку Ҷамшед ҳозир шуданд.

– Ҳа, амак, қабристон андак обод шудааст. Ғайрат кардетон, – гуфт Ҷамшед ба Ҳалим амак.

– Э, Ҷамшедҷон, ободии қабристон барои мурдаҳо не, барои зиндаҳо. Обод бошад, вақти зиёрат бахри дилатон кушода мешавад. Аввали сол аз халқ маблағ ҷамъ карда, дар даромадгоҳи қабристон як бинои ёздаҳболораи пешайвондор рост кардем.

– Чашми ман наафтид-ку? Ё…

– Чунки пойдевораш мондагию халос, – алам кашид пирамард. – Барои ҳамин ҳам чашматон наафтидааст.

– Чаро пойдевор? – Бештар ҳайрон шуд Ҷамшед.

– Эҳе, чияша мепурсед. Маблағ ғундоштаю ҳашар карда, биноро нав рост карда будем, чунон кашокашу воҳима андохтанд, ки… – пирамард муддате хомӯш монда бо таассуф сар ҷунбонд. – Чанд касро аз кор гирифтанд, қариб суд ҳам мекарданд.

– Наход?…

– Ҳа, ихлоси мардуми қишлоқ гашт… Ман ҳайрони ақли баъзеҳо. Охир хонаи барфу боронпаноҳ чӣ хел масҷид шуданаш мумкин. Модоме чӣ будани масҷидро намедонӣ, лоақал аз дигарон пурс…

– Чӣ илоҷ, амак, фаросати ҳар кас чени ақлаш гуфтаанд.

Ҳалим амак ба Ҷамшед чӣ тавр булдозер монда, иморатро вайрон кардани котиби аввали кумитаи ҳизбии ноҳияро бо алам нақл карда, таассуф мехӯрд, ки наход ҳамин хел одами беақлу дағалро роҳбари халқ таъин кунанд. Пирамард инчунин ёд овард, ки падари котиб Қурбони Гург ҳам ҳамин хел одам буд. Ва ин ҷоҳил солҳои сиввум ба сари мардуми Сарбанду Сайроб бисёр рӯзҳои нохуш овард. Агар баногоҳ гови касе ба полези колхоз дарояд, рӯзи дигар номи ӯро Қурбони Гург ҳамчун душмани халқ ба идораҳои маъмурӣ навишта медод. Бо ҳамин ҷаҳлу ҷаҳолат бист сол раисӣ кард. Имрӯз бошад, бачааш ба сари халқ чормағз мешиканад.

– Халқ беҳуда сабча аз палакаш дур намеафтад нагуфтааст. – Ҳалим амакро тасалло дод Ҷамшед. – Сабур бошед, амак, рӯзҳои нек дар пешанд. Як рӯз не, як рӯз мефаҳманд, ки бо ин ақлу фаросат ба халқ сарварӣ кардан гуноҳ аст. Ҳа, гуноҳи азим!

– Эҳа, то мефаҳманд, ки кору рӯзгори боз бисёр одамон сиёҳ мешавад.

– Сиёҳ шавад ҳам, оқибат мефаҳманд, амак, – фикрашро як навъ эътимодбахш ба забон овард Ҷамшед ва ба Ҳалим амак даст дароз кард. – Хайр, амак, акнун ба мо иҷозат. Дар шаҳр як хона меҳмон дорем, дер кунем, айб мешавад.

– Охир ин читӯ мешавад, ба Сарбанд омада, як пиёла чой нанӯшида меравед…

– Гуфтам-ку, амак, насиб бошад навбати дигар.

– Набошад маслихат ҳамин, – ба хоҳиши Ҷамшед розӣ шуд Ҳалим амак. – Рӯзҳои наздик хонахез ба меҳмонӣ меоетон.

– Албатта.

Ҷамшед Фаридунро пешандоз намуда, ба ҳамон тангкӯчае, ки соате аз ин пеш дар дӯш бори гарон нафасгардон тай карда буд, чаққон нишеб шуд. Ба назараш чунин расид, ки ҳама дарду аламҳои ӯ дар қабристони Сарбанд монд ва дилаш низ бо оҳанги дигар метапид.

* * *

Офтоб нури худро ҳанӯз аз пахтазори беҳосил, аммо серодам батамом нағундошта, дар роҳи байни деҳаҳо ва батадриҷ дар кӯчаи пур аз шиору плакати Меҳнатобод тракторҳои аробадору мошинҳои боркаш қатор шуданд. Чангу ғубори аз пахтазор, роҳу пайраҳа бархеста мисли абр ба домани уфуқ менишаст.

Абдуллозода то ба роҳи калон баромадан ба чанд нозири роҳ аз хусуси чаро имрӯз ба пахтачинӣ набаромадан ҳисобот дода, назди заводи пахта аз байни корвони мошину аробаҳои пурбор базӯр роҳ ёфт. Роҳи калони Сурхон-Душанбе бар хилофи кӯчаи пуршиору сермошини Меҳнатобод фарохтару камнақлиёт буд. Мошинҳои сабукраву боркаш аҳён-аҳён мегузаштанд. Абдуллозода чашм ба роҳу дар сар саду як савол мошин меронд: Куҷо равад? Назди кӣ?.. Дар ин кор кӣ ӯро мадад карда метавонад?.. Дӯсташ Ҷамшед чӣ маслиҳат медода бошад? Охир ӯ нависанда аст. Роҳу равиши мубориза ро бо ин фосиқони ман-

сабдор агар вай надонад, кӣ медонад?! Инҳоро фосиқ гуфтан кам аст. Разиланд, гузашта аз ин қотиланд. Барои мансабу шӯҳрат ва айшу ишрати худ аз чизе рӯй наметобанд! Худоё, дар ҷамъияти сотсиалистӣ, дар киса дафтарчаи ҳизби коммунистӣ чунин разолат, қабоҳат, авомфиребию истисмор! Боз ҳамин тоифа аз минбарҳои баланд ба халқ аз боби бародарию баробарӣ, адолату ҳақиқат, нангу номус ҳарф мезананд. Ҳарф не, бо тамоми овоз ҷор мезананд. Он қадар бефаҳмона ҷор заданд, ки кӯчаю хиёбонҳо, пештоқи ҳама муассисаҳо пур аз шиор шуд ва ин даъватҳои пучу бемағз то талу теппаҳо роҳ ёфт…

Абдуллозодаро нафас танг омад. Гиреҳи гарданбандашро саҳле суст карда, мошини пурбореро, ки сабӯси бордонашро раҳораҳ пош дода мерафт, садои ҳушдор дода гузашт. Аз офтоби ба Тали Мазор хамхӯрда шафақро ранг алвонӣ шуд ва аз ин ранг Абдуллозодаро байти писандидаи Ирода ёд омад.

*Шафақро лолагун дидам намози шом дар гардун,*
*Магар хуршедро куштанд, ки дорад домани пурхун…*

Ин шоҳбайтро шоирае гуфтааст, ки даҳ садсола қабл аз ин аз ҷабри замонаи нособзгор, аз дасти бародари ҷоҳил дар гармоба сӯхтааст. Худоё, пас аз ҳазор сол дар даврони озодию муъҷизаҳо шоиртабъи дигаре мемурад. Аз ҷабри золиме, ки роҳбари халқ ном дорад, бирён дар равғани худ мемирад! Ку ҳақиқатнигоре, ки ин дардро мисли фоҷиаи Райҳон ҳарф ба ҳарф қисса кунад ва мардум бидонанд, ки…

Баробари ба палата ворид шудан Абдуллозодаро ваҳм гирифт. Наход ҳамин ҷасади кафанпӯш Иродаи хушқаду қомат бошад? Худоё, ин чӣ даҳшат, чӣ камоли беақлӣ, чӣ ҷабри гӯшношунид ба ҳусн, ба умр! Иродаро аз ин «кафан», яъне қабат-қабат докаи бар танаш печида фақат чашму теғи бинӣ ва лаби фишурдаю парсингбаста метофту халос. Аз ин манзараи мудҳиш дили Абдуллозода порапора шуда бошад ҳам, чашмаш об нагирифт. Гӯиё аз дард

баробари Ирода месӯхт ва аз ҳарорати ин оташ ашкаш то чашм нарасида, дар сина дуд мекард.

– Ирода… – Абдуллозода болои сари шогирд хам хӯрд.

– Омадед муаллим?.. – Ирода кӯшиши чашм кушодан кард, аммо пилкҳои сӯхтаю ба ҳам часпида ба ӯ итоат накард. Аз ин нотавонӣ аз кунҷи чашмоне, ки ҳамеша мисли ситораи саҳарӣ дурахш доштанд, ашк таровид. – Мехостам шуморо пеш аз худро оташ задан бинам, дарди дил кунам… Аммо натавонистам, рӯям нашуд… Хайрият омадед, муаллим, вагарна ин аламро бо худ ба гӯр мебурдам.

– Ин хел нагӯй, ту зинда мемонӣ, – ӯро таскин дод Абудллозода. – Духтурҳо ҳар коре аз дасташон ояд, мекунанд. Пагоҳ ман аз Душанбе духтур меорам.

– Лозим не, муаллим, – лабони ғунчасифати Ирода базӯр аз ҳам ҷудо шуд. – Худро на барои он оташ задам, ки маро наҷот диҳанд. Ман беначотам. Марг ҳавасам буд… Аввал хостам худро овезам, аммо овехтан бароям марги саҳл намуд. Ма… Ма…н… бояд сӯхта бимирам, чунки тақдири маро сӯх… сӯханд…

– Кӣ?

– …

– Ирода, гап зан, кӣ? Ман бояд инро донам. Донам, ки туро ба ин рӯз кӣ гирифтор кард.

– Ман ҳам инро ба шумо, танҳо ба шумо, гуфтанӣ будам. Ҳатто вақти гӯгирдро оташ додан аз Худо илтиҷо доштам, ки дами марг шуморо болои сарам ҳозир кунад. Шукри беҳад, ки илтиҷоям мустаҷоб шуд ва акнун имон овардам, ки Худо ҳаст ва ӯ карим аст.

– Ирода, ту духтари оқилай, рӯҳафтода машав, Худо хоҳад, ту шифо меёбӣ, – шогирдро насиҳат, зиёда аз он таалло мекард Абдуллозода. – Дуруст мегӯӣ, Худо карим аст, намегузорад, ки дар ин синну сол, бо чунин ақлу зебоӣ…

– Марги ақлу зебоии ман, – худро мазаммат кард Ирода. – Ҳа… ҳа-ми-н зебоӣ ба сарам об рехт… ма… маро, – ӯро ба таҷовуз гуфтан забон нагашта фиғон кард, – бадном карданд, муаллимҷон.

– Кӣ?.. Гап зан! – Беихтиёр фарёд зад Абудллозода.

– Ра… Раҳ… Раҳим Қурбонов.

Нафас дар гулӯи Абдуллозода дармонд. Ба назараш чунин расид, ки баробари нафас дилаш ҳам лаҳзае аз задан монд ва сари ҳамин эҳсоси махшуш дарк накард, ки ҳамшираи шафқат чӣ тавр аз палата номаълум ғайб зад…

Баробари пеш омадани ағба гашти мошин суст шуд. Абдуллозода суръат иваз намуда, газ дод ва аввалин фарози Ҳуснободро гузашта, тугмаи магнитофони дастиро пахш кард, то нақли Иродаро бори дигар бишнавад.

– Фестивал-озмуни «Бӯстон»-ро ёд доред, муаллим. Бо талқин ва тавсияи шумо маро ба ин озмун ҷалб карданд. Як рӯз пеш аз сафар Раҳим Қурбонов ҳама ҳаваскоронро ҷамъ оварда сӯҳбат кард ва таъкид намуд, ки нағз ҳунарнамоӣ карда, обрӯи ноҳияро бардорем. Вай гаштаву баргашта мегуфт, ки шарафи Меҳнатобод пеш аз ҳама ба номераи рақсӣ вобаста, зеро ҳама ноҳияҳо рақсҳои ҷолиб тайёр кардаанд ва агар ман кӯшиш ба харҷ надиҳам, холи баландро сазовор шудан мушкил… Ва мани беақлу содда кӯшиши зиёде ба харҷ дода, холи аз ҳама баландро сазовор шудам…

Овози Ирода лаҳзае гум шуд. Абдуллозода хавотир кашида ба магнитофон нигарист. Лента чарх мезад ва ӯ ғайричашмдошт овози худашро шунид.

– Хайр, ин чӣ бадӣ дошт?

Лаҳзае боз хомӯшӣ ба амал омад ва сипас ҷавоби Иродаро шунид, ки мегуфт:

– Агар холи баланд намегирифтам, аҷаб не, онҳо ба назди ман ба меҳмонхона намеомаданд.

– Киҳо?

– Раҳим Қурбонов ва раиси колхозамон Шариф Салимов. Ҳарду ҳам хеле шод буданд. Дар як дам дастурхон ороста, барои муваффақияти ман қадаҳ бардоштанд. Ба ман ҳам таклиф карданд, рад намудам. Оқибат баъди чанд қадаҳ бардоштану маро хело сифат намудан Шариф Салимов хоҳиш намуд, ки ба ҳурмати Раҳим Қурбонов як ҷуръа шампон нӯшам ва ин нӯшокӣ мисли лимонад аст,

натарсам. Азбаски худи Раҳим Қурбонов қадаҳ дар даст маро мунтазир меистод, ноилоҷ қадаҳ бардоштам. Намедонам он шароб чӣ шаробе буд, ки пас аз муддате ҳама чиз – ҳам дастурхони пур аз нозу неъмат, ҳам ӯтоқи хурдакаки меҳмонхона ва ҳам одамони он ҷо нишаста ба назарам аҷиб намуд. Пас аз фосилае маро боз як ҷуръаи дигар нӯшонданд ва боз... хира-хира ёд дорам, ки бо Раҳим Қурбонов танҳо мондам ва ӯ ҳар чизе хост, кард...

Ва рӯзи дигар намедонистам ин шармандагиро куҷо барам, ба кӣ бо кадом забон нақл кунам. Раҳим Қурбонов таъкид намуд, ки натарсам, боке нест, касе хабар намеёбад. Агар маро ба шавҳар доданӣ шаванд, бо воситаи духтурҳо илоҷи ин айбро меёбад ва то шавҳар кардан дар ихтиёри ӯ бошам, ҳар чизе хоҳам муҳайё мекунад...

Тайи ин се моҳ чӣ ҳолу хаёл доштам худам медонистаму Худо ва ҳафтае пеш донистам, ки ма... ман ҳомиладорам... Намедонистам ин дарду алам ва шармандагиро пеши кӣ барам, ба кӣ гӯям?! Дидам, ки ба ҷуз марг илоҷе нест, ба марг таслим шудам. Не, не, маргро аввал орзу кардам, сипас худамро оташ задам. Ба он умед худро оташ задам, ки шояд ҳамин оташ гуноҳи маро бисӯзаду ба он дунё пок равам...

Абдуллозода ба дарду нолаи Ирода тоб наоварда манитофонро хомӯш кард. Аз алам, аз ғазаб ларзида худ ба худ таъкид мекард: Ин сабт бояд ба дасти одамони даркорӣ бирасад ва мардум донанд, ки дар ин ҷомеа чӣ гуна сарварон ҳастанд! Ҳарчӣ зудтар ба шаҳр расидан лозим. Ҷамшед дар хона бошад, ин сабтро ба ӯ супурда, худи ҳамин шаб бо духтури таҷрибадоре ба Меҳнатобод баргаштан лозим. Шояд Иродаро илоҷи наҷот додан бошад. Охир аз басо ноумедиҳо умед ҳаст гуфтаанд.

То ба фарози ағба расидан торикӣ парда андохт ва дар роҳи нишеб Абдуллозода бо эҳтиёт мошин меронд. Шаҳр аз фарози ағба осмони ситоразору пурғуборро мемонд. Мошини боркаше, ки то ин дам Абдуллозодаро думболагир буд, дар хамгашти аввалин суръат гирифта, пеш гузашт ва баробари гузаштан якбора байни роҳ ист кард.

Абдуллозода аз ин вазъияти ғайричашмдошт даступо хӯрда бошад ҳам, бо як чолокии фавқулода мошинро тарафи чап гардонида, хост қарор диҳад, аммо мошини боркаш бо ҳамон шасту баст ба тарафи чап гашт ва аз зарбаи сахту ногаҳонӣ жигулии рангпарида ғел хӯрда-ғел хӯрда ба қаъри чар рафт…

* * *

Ҷамшед аз тангкӯча ҷониби пайраҳа тоб хӯрд ва лаҳзае нагузашта онҳо ба лаби чашмаи обаш мисли ашк шаффоф расиданд. Ӯ кафашро пур карда бо ҳавас об нӯшид. Фаридун ба кулбаи болотар аз чашма нигариста, пурсид:

– Чашмаи Лоло ҳамин?

– Не, писарам, чашмаи Лоло дар боло, дар аввалин хамгашти роҳ монд. Ин Чашмаи Санг аст.

– Пас ин кулба хонаи Ҳамидахолаам не.

– Не, хонаи Ҳамидахолаат нисбати ин кулба хеле обод аст. Ин кулбаи вайрона манзили бобою бобокалони туст, – Ҷамшед ба девори сархориҳояш рехтаву ҷо-ҷо обшуста маҳзун назар андохт. – Ману падарат дар ҳамин похсадевор ба дунё омадем.

Фаридунро бо кадом андеша ҷасорат нашуд, ки аз падар хоҳиши сари қадам дидани кулбаи бобоӣ кунад. Умедвор буд, ки ҳоло ҳозир ин пешниҳодро падар ба забон меорад, аммо Ҷамшед чизи дигар гуфт:

– Ба хотири аҷдод чароғи ин манзилро бояд ман рӯзе равшан кунам.

– Чӣ ба ин ҷо кӯчида меоем?

– Ҳа, писарам, ба шарте, ки зинда ба нафақагирӣ расам.

– Ман ҳам ҳамроҳатон меоям, – гуфт Фаридун хушҳол каллапӯшашро болои абрӯ фуроварда. – Бинед чӣ хел табиати зебо, – ва бо ҳаваси бештаре афзуд. – Аз нӯшидани оби нукрафомаш ҷони одам ҳузур мекунад.

– Дар ин ҷо нисбат ба шаҳр ҳама чиз тозаву зебост, писарам, – Ҷамшед каллапӯши Фаридунро аз болои абрӯи ӯ нарм боло бардошт. – Ҳам одаму меҳр, ҳам шарафу номус.

Онҳо аз зебоии табиат ва муносибати мардуми кӯҳистон

суҳбаткунон то мошин расиданд. Фаридун пеш аз он ки падар моторро оташ диҳад пурсид:

– Дада, чаро ба ман хонаи бобомро нишон надодед?

– Чунки пас аз ғуруби офтоб ба кулбаи вайрона намедароянд, – Ҷамшед газро пахш карда, баъди дар роҳи калон суръат гирифтани мошин илова кард. – Хосияташ бад аст, писарам. Бори охирин тобути падарат пеш аз намози шом ба ин манзил даромада буд.

Фаридун чашм ба роҳ дӯхт. Роҳи мумфарш чун тасма ба дами мошин фурӯ мерафт. Ӯ рӯи ҳамин тасма акси дилҷӯи падар, сипас кулбаи вайронаи бобояшро дид. Ва боз Чашмаи Лолоро дид, ки падараш аз кӯзаи сафолини Ҳамидахола об менӯшад.

– Дада.

– Чӣ, писарам?

– Ман ҳамон маблағи бароям пасандоз кардаатонро гирифта метавонам?

Ҷамшед надонист чӣ посух диҳад. Наход ба сараш ягон ҳаваси беҷо пайдо шуд? Муддате хомӯш мошин ронда, бо гӯшаи чашм ба писараш нигарист ва дид, ки Фаридун интизори ҷавоб аст, гуфт:

– Ҳа, метавонӣ. Ту аллакай ҳаждаҳсолаӣ. Ҳар вақте хоҳӣ ихтиёр дорӣ… Писарам, чаро инро пурсидӣ?

Фаридун ба ҷои ҷавоб, боз суол кард:

– Дадаҷон, боз як чиз пурсам майлаш?

– Пурс, ҷони дада, – гуфт Ҷамшед аз пурсуҷӯи сарбастаи писар ба ҳайрат афтода.

– Як қисми ҳамон пулро қатори мардуми Сарбанд ба ободонии қабристон диҳам-чӣ?

Дар замири Ҷамшед гӯё чароғе фурӯзон шуд. Дилу дидааш нур гирифт ва ба назараш чунин расид, ки аз ин нур талу теппаҳо низ рӯшан шуданд. Ӯ чашм ба роҳ даст ба гардани Фаридун андохт.

– Ба ақли расоят дада садқа! Хӯш бигӯ, ки боқимондаашро чи кор мекунӣ?

– То ба нафақа баромадани шумо манзили бобоӣ обод мекунем, – гуфт Фаридун хушҳол ва бо шавқ пурсид. – Дадаҷон, ҳафтаи оянда пеш аз хизматравии ман ба Сар-

банд меоем-а?

– Ҳатман меоем! Ҳамакаса меоем. Ба қавли Ҳалим амак хонахез меоем.

Вақте онҳо ба шаҳр расиданд, шоми тирамоҳ болои иморатҳои мисли қуттиҳои гӯгирд якранг парда кашида, чароғи кӯчаю хиёбонҳо хира-хира равшан мешуданд. Душанбе бар хилофи Сарбанд аз ғубори корхонаву дуди мошинҳо ҳавои ғализу нафасгардон дошт. Ҷамшеду Фаридун мошинро дар истгоҳи рӯ ба рӯи бино монда, ба хона рост шуданд. Ва ин лаҳза ду тан одами ношинос пеши роҳашонро гирифт. Яке аз онҳо рӯ ба рӯи Ҷамшед қарор гирифта пурсид:

– Ҷамшед Камолзода шумоед?

– Бале, ман, – ҳайрон шуд Ҷамшед аз оҳанги пурсиши мусоҳибаш.

– Мо ба назди шумо.

– Бубахшед, нашинохтам, – гуфт Ҷамшед ӯро кадом як корафтода пиндошта.

– Ҳеҷ гап не, дар ҷои даркорӣ шинос мешавем, – дурушт посух дод пурсанда ва худро шинос кард. – Ман капитан Қодиров.

– Бубахшед, дар куҷо шинос мешавем гуфтед? – Пурсид Ҷамшед бо вуҷуди кию чикора будани онҳоро донистан.

– Гуфтам-ку, дар ҷои даркорӣ, – бештар дурушт омад капитан. – Ҳозир шумо бояд ҳамроҳи мо равед.

– Чаро?

– Ҳамаашро дар он ҷо мефаҳмонанд.

Фаридун, ки то ин дам ба ин гуфтугӯ ором гӯш медод, ба ҳаррос афтод.

– Дадаҷон... Чаро инҳо бо шумо ин хел гап мезананд? Шуморо куҷо бурданианд?

– Натарс, писарам, – Фаридунро таскин дод падар. – Сӯҳбат мекунанд, баъзе чизҳоро аниқ карданашон лозим. Зиндагӣ ҳамин аст, агар чизеро ту аниқ кардани шавӣ, кӯшиш мекунанд, ки ҷои туро аниқ кунанд.

Аз ин суханони сарбастаи падар Фаридунро бештар ваҳм гирифт.

– Дадаҷон, ман хамроҳи шумо меравам.

– Не, писарам, барои ту он ҷо рафтан ҳанӯз барвақт. Ту хавотир нашав, ман зуд бармегардам. – Ҷамшед инро гуфта таъкид намуд. – Модаратро тасалло деҳ, воҳима накунад. Агар рафту аҳволаш бад шавад, ҳатман нитроглицерин деҳ, дигар дору ба ӯ таъсир надорад. Ё фавран ёрии таъҷилиро даъват кун, фаҳмидӣ, ҷони дада?

– Зудтар бошед, рафтем! – Овоз баланд кард капитан.

– Ҳозир, як дақиқа.

– Не, дадаҷон, ман ҳамроҳи шумо меравам! – Бо фиғон ба падар часпид Фаридун.

– Гуфтам-ку, ҷони дада, дар мошини ин амакат ба ту ҷой нест. Мошини онҳо барои меҳмон ҳамагӣ як ҷои нишаст дорад, – Ҷамшед калиди мошинро ба Фаридун дароз кард. – Ма, писарам, гир. Агар наоям, ҳафтаи оянда, албатта, Фарангису модаратро худат ба Сарбанд бар.

– Не, не, ман бе шумо ҳеҷ куҷо намеравам, – ларзону ҳарросон сахттар ба падар часпид Фаридун. – Ҳамроҳ, ҳамакаса меравем.

– Хуб намешавад, писарам. Мо ба Ҳалим амак ваъда додем, – Ҷамшед илоҷе карда худро аз Фаридун халос кард. – Ҳа, дарвоқеъ, сурату дастхатҳои падарат дар ғаладони аз ҳама поёни мизи ман. Агар лозим донӣ, кушода бин. Калид дар дасти модарат. – Вай ҷониби мошини қади кӯча қадам бардошта, бори дигар таъкид кард. – Модаратро эҳтиёт кун, писарам.

Ҷамшедро ба мошини болопӯшида андохтанд. Фаридун қади роҳи калон ба самти мошин ғайбзада музтару ҳайрон менигарист. Ва ин лаҳза гӯё дар тақлиди чашмони ӯ аз осмони пурғубори шаҳр дона-дона борон чакид. Аввалин борони фасли хазонрези соли ҳазору нӯҳсаду ҳаштод мерехт. Дона-дона бо гарду ғубор мерехт. Ва зиндагӣ то баҳори хуношоми ин кишвари ғуборолуд боз ёздаҳ фасли хазонрези дигар дошт, ки ҳар рӯзи он як қиссаи дарду ғам аст.

*Январ-июли 1985.*

## ДАРДҲОИ ГИРЕҲХӮРДА

Ранги сурху сиёҳи аз ду самти осмон бархеста ба ҳам омезиш ёфт ва дар андак муддат шутур шуд. Ин шутур дар биёбони бепоён, ки бо вусъати нигоҳ фаро гирифтанаш муҳол аст, мастона давиду давид. Ва оқибат аз шасти дав нафасгардон даҳон пур аз кафку хун рӯи қолини пурнақшу нигор афтид. Исмоил ҳарчанд мутаваҷҷеҳ шуд, аниқ карда натавонист, ки ин қолини пурнақшу нигор моли кадом кишвар аст… Ва ин лаҳза ба ҷои аз ханҷараи шутур наъра бархестан садои пай дар пайи зангӯлаи дар ба гӯш расид. Азбаски Исмоил ба хонаи додарзодааш ҳозиракак расидааст ва ҳанӯз фурсати пойафзол кашидан низ нашудааст, дарро мекушояд. Ба хона ҳамон ранги сурху сиёҳ мисли оташи дами аждаҳо ворид мешавад ва амр мекунад:

– Паррон!

Додарзодааш худро мисли уқоб ба шутури маст мезанад. Ҷавони сиёҳпӯшу сиёҳрӯ кӯшиши мили мусалсалро аз панҷаи Абдулло раҳо кардан дошт, аммо муроде ҳосил набуд. Абдулло аз тарси ҷон бо ҳарросу талвоса ба мусалсали ҷавони сиёҳпӯшу сиёҳрӯ чунон қабза зад, ки қотил илоҷи рост ба синаи ӯ тир кушодан надошт. Тир ҳавоӣ мерафт ба девору сақфи хона.

– Паррон гуфтам, аблаҳ, паррон! – Бо ҳамон шитобзадагӣ амр намуд шарикаш ба ҷавони сиёҳпӯшу сиёҳрӯ.

Ҳама ин гирумон – ҳам бошаст кушода шудани дар ва аз зарбаи ғайричашмдошт рӯи фарш афтидани Исмоил, ҳам афту дарафти додарзодааш Абдулло бо қотили сиёҳпӯшу сиёҳрӯ дар як лаҳза чунон ба вуқӯъ пайваст, ки ба чизе сарфаҳм рафтану дарк кардан амри муҳол буд. Дар умқи майнаи Исмоили аз зарба гарангу карахт, оташаке барқ зад: «куштори фармоишӣ». Баробари Исмоилро аз дил гузаштани ин тахмин мусалсали ҷавони сиёҳпӯшу

сиёҳрӯ аз қабзаи Абдулло раҳо ёфта, садои пай дар пайи тир ба гӯш нишаст. Исмоил ҳаракати аз ҷой бархестан кард, аммо ҳини ин кӯшиши ӯ Абдуллои оғӯштаи хун чун чинори решакан бе нолаву садо болояш афтид. Ва боз Исмоил аранге шунид, ки шарики ҷавони сиёҳпӯшу сиёҳрӯ мегуфт:

– Ин падарлаънаташро ҳам паррон!

Исмоил ба ҷои садои тир овози шиносро шунид.

– Бало ба пасаш…

Худоё ин қотил кӣ буд? Овози ӯро Исмоил кай, дар куҷо шунидааст? Чаро ба ӯ тараҳҳум кард? Ё супориш кушттори фақат як нафар буду бас… Исмоил зери ҷасади хунолуди Абдулло базӯр тоб хӯрд ва баробари тоб хӯрдан ба хуни гарми додарзодаи муфаттишаш бештар оғӯшта шуд. Чунон оғӯшта гашт, ки аз селобаи хун нафасгардон шуд ва аз ҳадди ин нафасгардонӣ қариб аст дили дардмандаш аз тапиш монад…

Исмоил бо нолиш чашм кушода, ба ҷои сақфи хунолуди хонаи додарзодааш қандили булӯрини рахшон ва болои сараш Султонро дид.

– Ба ту чӣ шуд? – Ғамхорона ҳол пурсид Султон Исмоили бо нолиш аз хоб бедоршударо.

– Парронданд.

– Киро?

– Маро.

– Кӣ? – Султон бо хавотир даст ба пешонаи Исмоил бурд, ки мабодо ҳарорат дошта бошад.

– Намедонам, дар рӯяш ниқоб дошт. Аҷаб не ҷуроби занаш буд, – Исмоил инро гуфта, лаҳзае хомӯш монд ва чизеро ёд оварда илова кард. – Овозаш шинос буд. Ҳа, шинос, аммо ёд надорам, ки кай, дар куҷо шунидаам… Чунон ваҳшиёна кушт, ки…

– Киро кушт?

– Ин навбат маро кушт.

– Чӣ-ӣ?!

– Дар хобам.

– Хайрият хоб будааст, – бо табассум паҳлӯи Исмоил

нишаст Султон ва бо ҳазл афзуд. – Вагарна ман чӣ кор мекардам бо ҷасади нависандаи шаҳид дар шаҳри ба қавли ту бе дару дарвоза.

Исмоил бо шукронаи он ки ваҳшати ҳоло ҳозир дидааш хайрият хоб будааст, паҳлӯ гашта, ба сухани Султон эрод гирифт.

– Не, Султон, ин шаҳр дару дарвоза дорад, лекин суннат надорад. Ҳар шаҳре, ки аз қадим мардуми таҳҷоӣ ва фарҳанги азалӣ надорад, бесуннат аст. Сокинони ин шаҳр низ мисли Душанбеи мо аз ҳар гӯшаву каноранд, на қибла медонанду на роҳи масҷид.

– Андешаи худат?

– Не, ҷамъбасти фалсафии филми «Тавба».

Султон, ки чунин муҳокимаронииҳои Исмоилро борҳо шунида ва баъзан аз баҳсҳои доманадори ӯ ба танг омадааст, барои суҳбатро маҷрои дигар бахшидан киноя кард:

– Бигӯ, тавбафармо, оё худат қиблаву роҳи масҷидро медонӣ?

– Ман ҳам мисли ту бандаи пургуноҳам, – бепарво иқрор овард Исмоил. – Самташро медонам, аммо дар дарку фаҳмиши маъноящ сари ҳар қадам дармемонам.

Султон аз посухи Исмоил оҳанги ранҷиш эҳсос намуда, бо назардошти ҳамеша дар омӯзишу таҳлил будани ӯ бо ҳазл иброз дошт:

– Хайр бо дарку фаҳмиши баландтар тавба кун, шояд аз ин тавба оламу одам дигар шавад.

– Куҷо шунидаӣ, ки бо як гул баҳор шавад. Тавбаи якду нафар рӯи реги биёбон пиёлаи обест.

– Мехоҳӣ ҳама биёбонҳо баҳр бошанду мавҷ зананд? – Боз беихтиёр пичинг зад Султон. – Ба назарам ин олам дар ибтидо ба ҷуз об дигар чизе надошт.

– Ҳа, об буд, лекин шӯр набуд, ин муъҷиза аз гуноҳҳои азими мо шӯр ва оқибат туғён намуда, тӯфон шуд, тӯфони Нӯҳ. Барои ҳамин оби баҳр ба дарди инсон намехӯрад.

– Ба назарам, ба дарди ту ҳеҷ гоҳ, ҳеҷ чиз малҳам нахоҳад шуд. Худат намедонӣ, ки аз ин олами обию одами хокӣ чӣ мехоҳӣ? – То андозае дилгир шуд аз баҳси фалса-

фаомези мусоҳибаш Султон.

Исмоил ба ситези Султон заррае эътибор надода, шеър хонд:

*– Мо ҳеҷ, замона ҳеҷ, дунё ҳама ҳеҷ,*
*Эй ҳеҷ, зи баҳри ҳеҷ бар ҳеҷ мапеч.*
*Донӣ, ки зи одамӣ чӣ мемонаду бас,*
*Меҳр асту муҳаббат асту боқӣ ҳама ҳеҷ.*

– Дуруст, дар ин олами фонӣ ҳама чиз ҳеҷ аст, – дар тақвияти шеърхонии Исмоил иброз дошт Султон. – Лекин инсон бояд бидонад, ки аз зиндагӣ чӣ мехоҳад ва муродаш аз умр ба сар бурдан чист.

– Мехоҳам дарёи саркаше тавлид ёбаду мавҷ занад, туғён кунад ва ин туғён оламро аз ҳама хасу хошок пок кунад.

– Хестӣ, ки хобат, файласуфи ҳардамхаёл, – барошуфт Султон. – Ин дарёву туғён дар афсонаҳо буд. Агар олам саропо ба гуноҳ ғарқ гардад ҳам, афсонаи Ҳазрати Нӯҳ дигар такрор нахоҳад шуд.

– Тӯфони Нӯҳ афсона не, ҳақиқат аст. Ҳанӯз ҳам дер нашудааст, мебояд тавба кард.

– Ба умеди тавбаи умум мабош, ки он то рӯзи растохез ба вуқӯъ нахоҳад пайваст, – Султон ба китфи Исмоил даст партофта, аз ҷой бархест ва ҷониби ошхона рафтанӣ буд, ки эроди озурдахотиронаи дӯсташ аз роҳ боз дошт.

– Не, имрӯз бояд кулли башар тавба кунад, ба ҳама гуноҳҳои содиркардаву нокардаи хеш. Фардо дер мешавад. Ин замин дигар тобу тавони гуноҳу хиёнат бардоштан надорад.

– Оқилона гуфтӣ! – Каф ба ҳам кӯфт Султон. – Мисли муллои деҳаамон Хоҷа Мӯҳсин ба чӯпонҳои Чиғатой.

– Ту беҳуда ба саводи Хоҷа Мӯҳсин механдӣ. Бовар кун, вай аз ҳамун муаллиме, ки ба ману ту сабақ медод, як сару гардан болотар аст.

– Алами Ҳамид Нурӣ ҳоло ҳам аз дилат нарафтааст?

– Аламаш не, сатҳи донишаш, фаҳму фаросати норасо-

яш аз дилам нарафтааст, – Исмоил муддате сукут намуда, бо лабханди дардолуд илова кард. – Талаб мекард, ки аз харита ҳама қитъаҳои оламро нишон диҳем ба ҷуз Тоҷикистон.

– Ва аз ҳама фанҳо дарс ҳам мегуфт, – Султон низ дар таассуби Исмоил даврони мактабхониро ёд овард.

– Барои он аз ҳама фанҳо дарс медод, ки кӯҳистони мо манзури марказу одамони босавод набуд. Ҳамид Нурии бесавод буду дави аспаш…

Ин «аспсавор» ба деҳаи Сароб аз пойтахт не, аз деҳаи ҳамсоя омад. Азбаски дар деҳа муаллим набуд, ду-се синф толибилмонро дар як синфхона ҷо карда, ҳар чизе мехост, дарс медод. Аслиҳаи тавоное дошт Ҳамид Нурӣ дар муайян кардани сатҳи дониши шогирдон. Харитаи бо мурури солҳо рангпарида ва аз истифодаи зиёд ҷо-ҷо дарида ӯро ҳамеша зери бағал буд ва онро қариб дар ҳама дарсҳо ба мехи похсадевори синф овезон намуда, талаб мекард:

– Канӣ, Москваро нишон деҳ!

Ва ҳама бачаҳои босаводу бесавод ин шаҳри шаҳрҳоро, ки аз талаффузаш даҳон пур мешуд, фавран нишон медоданд. Ин дараҷаи саводнокӣ ва аз меҳру муҳаббат ба пойтахти мамлакат не, балки аз шарофати ситораи сурху барҷастае буд, ки паҳлӯи номи Москва мисли чароғаки қутбнамо дар шаби торик ҳам ба чашм мерасид.

– Акнун Италияро нишон деҳ! – Боз амр мекард муаллим.

Агар дар пайдо намудани ин мамлакати қитъаи дигари дунё нафаре дармонад, кадоме аз ҳамсабақон аз партаи пеш пичиррос мезад:

– Мӯза, мӯза.

– Молчать! – Бо овози омирона мад мекашид Ҳамид Нурӣ

Ва бачаҳо дам ба дарун мезаданд аз ин овози омиронаву таҳдиди ишорачӯби дасти муаллим.

– Муаллим дар ҳамин харита Бухоро ҳам ҳаст? – Пурсид рӯзе Исмоил ва бо ин пурсиши худ монд дар балои Ҳамид Нурӣ.

– Бухоро? – Аввал айнан суолро такрор кард муаллим ва муддати мадиде ба андеша рафта, аз ин савол гӯё барои худ ҷавоби муносибе пайдо кард, ки шӯрид. – Аблаҳ, Бухоро шаҳри амирони хунхӯру диндорон буд. Ин хел шаҳрҳои боқимондаи феодалиро дар харитаи советӣ нишон намедиҳанд.

– О, Рӯдакӣ дар ҳамин шаҳр буд-ку, – бечуръатона андешаашро ба забон овард Исмоил.

– Рӯдакӣ кӯр буд! Ин шаҳри феодалиро, амирони ҷаллодро чашми дидан надошт, – инро гуфта, муаллим бо ҳамон оҳанги валвала афзуд. – Акнун ин хел шаҳрҳои диндорону феодалӣ барои мо тамоман бегона аст. Мо коммунизм месозем, мефаҳмӣ, коммунизм!

Ва ҳамин созандаи коммунизм рӯзе аз рӯзҳо ба дили Исмоил ҷароҳате андохт, ки то имрӯз захми он боқист.

Баробари ба мехи похсадевори синфхона овезон кардани харита бачаҳо гумон карданд, ки ҳоло ҳозир муаллим Москваро нишон деҳ мегӯяд. Аммо Ҳамид Нурӣ дар даст ишорачӯби ҷуғрофӣ назди тахтаи синф омад ва бӯр гирифта бо ҳарфҳои калон-калон «Ватан» навишту аз бачаҳо пурсид:

– Канӣ, кӣ дар ин мавзӯъ чӣ гуфта метавонад?

Аввалин бачае, ки пешдастӣ кард Султон буд. Ӯ «Ватанам СССР, гулшанам СССР» гӯён шеъраке хонду сазовори таҳсину офарини Ҳамид Нурӣ гардид. Ва Исмоил Ватанам ин деҳаам Сароб аст гуфту дар балои азим монд.

– Баногоҳ – ку бачаи мулло нестӣ? – Бо як тамасхури нафратомез манаҳи Исмоили сархамро бо нӯги ангушт боло бардошт Ҳамид Нурӣ.

– Не, ман бачаи чӯпон, – байни лабу дандон, вале бо як навъ ифтихор ҷавоб дод Исмоил.

– Ин хел бошад, пагоҳ ба мактаб бе ҳамун падарлаънати чӯпон наё!

Аз ин алфози муаллим гӯё кӯҳи Сароб ларзиду тармаи дараи Шамшод таркид ва Исмоил ҷуссаи нотавони худро дар қаъри дара, зери ҳазор ман тармаи сард дид. Аз вазну сардии тарма банд-банди устухонаш шикасту дилаш лар-

зид. Ӯ ёд надорад, ки чӣ гуфту чӣ шунид, фақат ҳини аз синфхонаи мисли дилу дидаи муаллим сард калавида баромадан аранге гапи Султонро шунид, ки мегуфт:

– Вай падар надорад, муаллим. Додош бо як рама гӯсфанди колхоз таги тарма мондагӣ…

Исмоилро садои мусиқӣ аз банди хаёл берун овард. Аз радиолаи ҳоло ҳозир гирондаи Султон мусиқии симфонӣ садо медод. Наво рӯҳпарвар буду мисли мавҷи баҳри бекарон ҷисму ҷон навозиш мекард. Султон аз кӯзачаи нуқрагини дастадор, ки нисбат ба ашёи хона бештар ба моли осорхона шабоҳат дошт, ба ду қадаҳи булӯрин коняк рехта, рӯи лаъличаи дар нақшу нигор ҳамранги кӯзача ду пора шакалод назди Исмоил ҳозир шуд ва шеър хонд:

– Бидеҳ соқӣ майи боқӣ, ки дар ҷаннат нахоҳӣ ёфт…

– Канори Москварекаву гулгашти Кремлро, – бо киноя пеши сухани Султонро гирифт Исмоил.

– Одати шеърро таҳрифу таҳқир кардан надоштӣ, ба ту чӣ шуд? – Бо табассум паҳлӯи Исмоил нишаст Султон.

– Тайи чанд рӯзи ин ҷо буданам ёд гирифтам, – бепарво посух дод Исмоил.

– Заб номаъқулие ёд гирифтаӣ! О, ба ҷои ин амали носавоб роҳу равиши савдову пулёбиро ёд мегирифтӣ чӣ мешуд?

– Ҳунари дар ин ҷода омӯхтаи ту ба ҳафт пушти аҳли Сароб мерасад, – бо ҳамон оҳанги киноя Султонро неш зад Исмоил. – Аз тоифаи шумо ҳунар омӯхтан амри муҳол аст. Ба хотири сарват одамро душмани одам кардед. Ҳамаатон алломаҳои беустоду бешогирдед. Аз шумо чизе омӯхтану гирифтан баробари аз даҳони шер луқма гирифтан аст.

– Бигир.

– Чиро? – Бо ҳайрат ба Сулдтон нигарист Исмоил.

– Ҳунарамро не, қадаҳро, – бо лабханд лаъличаро ҷониби Исмоил дароз кард Султон. – Бинӯшу найрангҳои мову соддагиҳои худатро ба фаромӯшиҳо деҳ, ба қавали ҳазрати Ҳофиз «хок бар сар кун ғами айёмро».

– Ба дилат назад?

– Чӣ? – Ба муроди пурсиши Исмоил сарфаҳм нарафт Султон ва бо ҳазл афзуд. – Агар манзурат суҳбати худат бошад, ман ба ин баҳси дилбазану нешҳои заҳрдори ту аз кӯдакӣ одат кардаам.

– Агар одат карда бошӣ, бигӯ, дар мусофират, дур аз Ватан зиндагӣ кардан ба дилат назад?

– Аҷиб, – дар чеҳраи Султон табассуми истеҳзоомез падид омад. – Дигарон ҳавас мекунанд, ки дур аз ғурбат бошанду нони гадоӣ нахӯранд. Ва шаҳр ба шаҳр сарсону саргардон шабу рӯз медаванд, ки …

– Чунин зиндагӣ дошта бошанд? – Бо нешханд пеши сухани ӯро гирифт Исмоил.

– Агар не, чӣ?! Гумонат ин қадар мардикору садақаталаб барои сайру тамошо ин кишварро аз Москва то Сахалин иҷора гирифтааст?

– Дуруст гуфтӣ, имрӯз зиндагӣ ҳамаро садақаталаб кард. Одами оқил байни ҳавасу ночорӣ, рӯзгузаронию дороӣ фарқ мегузорад ва медонад, ки …

– Бас аст, ҳамин қадар донистанҳо! – Бо ситез даст афшонд Султон. – Магар аз пурдонию сафсатагӯиҳо ба чунин рӯзҳо нарасидем?! Бо кадоме ҳамсуҳбат мешудӣ академик буду сиёсатмадор. Эҳа, аз ифтихор биниҳо осмон мехарошид. Рӯдакӣ дорему Фирдавсӣ, Ҷомӣ дорему Саъдӣ… О, шоиру нависандаро ба сиёсат чӣ кор?! Худо шуморо барои тарбияи халқ офаридааст, на барои сиёсатмадорию вайронкорӣ.

– Султон, ҳеҷ андеша кардӣ, чаро бузургони мо ин қадар андарз гуфтаанд? Дар ҳама давру замон аз шуарои соҳибдевон то шогирди навқалам андарз мегуфт.

– Чунки вазифаи адабиёт, аҳли адаб ҳамин аст, – гуфт Султон ва бо назардошти рӯйдодҳои бо чашми сар дидааш андешаашро иброз дошт. – Андарзи чун ҳалво ширинро ба сиёсати заҳролуд омезиш дода дидем, ки чӣ самар овард. Ҳамаро ба дарди бедармон гирифтор кард.

– Шояд, лекин дӯстам, ин ҷо дарди дигаре ҳаст. Ҳеҷ фикр кардӣ, дигар кишвару миллатҳо низ адабиёту адиби бисёре доранд. Ба қавли худашон адабиёташон оламшу-

мул аст, аммо даҳяки адабиёти мо панду андарз надоранд. Масалан, адабиёти Олмонро гирем, ки ту ҳар ҳафта ба ин кишвар сафар намуда, бар ивази кипҳои тоҷикӣ ҷипҳои хориҷӣ меорӣ.

Чунин киноя ва ба ҳамин монанд пичингҳоро Султон бисёр шунидааст. Гумони Исмоил ва Исмоил барин пичингандозҳо ин аст, ки Султону ҳаммаслаконаш пулро мисли барги хазон аз боғҳо ҷорӯб зада меёбанд. Агар ин кинояро дигаре мекард, Султон медонист ӯро чӣ хел ҳушдор диҳад. Аммо аз чӣ бошад аз ҳазлу кинояҳои Исмоил намеранҷад, суханҳои нешдори ӯро ба дил намегирад, баръакс ба кинояҳои Исмоил гӯё латифаю хушгӯӣ шунида бошад, бо табассум посух медиҳад. Султон аз овони бачагӣ ба суханҳои нешдори Исмоил одат кардааст, ба қавле нози ӯро мебардорад. Ин шояд боз аз он аст, ки онҳо дар як шаб, дар як деҳа дар ҳавлиҳои девордармиён ба дунё омадаанду беш аз сӣ сол, то оғози моҷарои кишвар, аниқтараш то ба Москва фирор кардани Султон талхиву ширинии зиндагиро ҳамчун дӯст бо ҳам дидаанд.

– Ту ҳам мисли ман дар гирумони ин зиндагии бесарусомон ба саду як камбудӣ роҳ медодӣ, вале ҳамеша як бартарӣ доштӣ, – таноби суханро дур партофта, ба маломати Исмоил пардохт Султон.

– Хӯш, мунаққиди мӯҳтарам, афзоед, – Султонро дар маломати хеш шерак намуд Исмоил.

– Бартариат ин буд, ки ба сарат ханҷар ояд ҳам, бе таҳлилу таҳқиқ дар тақлиди дигарон ҳарф намезадӣ.

– Ман ҳеҷ гоҳ ин номаъқулиро накардаам ва нахоҳам кард.

– Не, ин лаҳза бехабар аз қавлу қасам, ин номақулиро кардӣ. Кинояи кипу ҷип ақлу таҳлили ту нест.

– Наход? – Аз эроди ҳаққонии дӯст дар лаб табассуми узрхоҳ омад Исмоилро.

– Бале, ту, ки бо кипу ҷип сару кордор нашудаӣ, кинояи аз дигарон шунидаатро фаҳмидаю нафаҳмида, тӯтӣ барин такрор мекунӣ. Аз куҷо донӣ, ки бозори ҷаҳонӣ чисту сав-

до чӣ маънӣ дорад.

– Дуруст мегӯӣ, то уқоби тезчангол шудани ман барин тӯтиҳо думи шутур ба замин мерасад, – Исмоил инро гуфта, ба қадаҳ даст дароз кард ва бо табассум ба Султон рӯ оварда хоҳиш намуд. – Биё, ҳамин қадаҳро барои ба замин нарасидани думи шутур нӯшем.

– Чаро барои ба замин нарасидани думи шутур?

– Агар думи шутур ба замин расад, ман барин бефаҳмҳо низ ба тиҷорат мепардозанду нони ту барин тоҷирон нимта мешавад. Бе ҳамин ҳам имрӯз ҳама кӯчаву пасткӯчаҳои Тоҷикистон бозор шудаасту ҳатто тифлакони боғчарав сақич мефурӯшанд, – Исмоил қадаҳро ба сар бардошта, бадард афзуд. – Аз субҳ то шом мефурӯшанд. Ҳама чизро мефурӯшанд. Анвои навъ ба навъи хориҷӣ, куҳна колаи тоҷикӣ ва боз … виҷдону имон… номусро ҳам. Ва ҳамаи ин аз тангдастию қашшоқиҳо, вагарна куҷо шунидӣ, ки тоҷик гадоӣ карда бошад. Аз гуруснагӣ по дароз мекарду даст ба садақа дароз намекард ин миллат. Як давлати бузурги дунёро ба ҳамин ҳол гирифтор кардем, бо дасти худамону ақли дигарон.

Ин суханро Султон аз дигарон низ шунидааст ва аз рӯзномаҳое, ки гоҳ-гоҳе аз Душанбе меоранд, хондааст. Ҳама иддао мекунанд, ки дигарон карданд. Агар ин амали дигарон буд, пас ақли шумо куҷо буд? Сари ҳамин андеша Султон оташин шуд.

– Офарин! Мулкро оташ зада, бародарро кушта, гуноҳро ба дигарон бор кардан гиред. Дигарон, дигарон! Худатон чӣ кор кардед? Наход ҳамин қадар мусичаи бегуноҳ будед, ки…

– Не, мусичаи бегуноҳ набудем, худамон оташ задему куштем, лекин бо иғвои дигарон, – Исмоил муддате хомӯш монд ва чизеро ёд овардагӣ барин ба Султон рӯ оварда. – Медонӣ осорхонаи Омуи Британияи Кабир чӣ қадар дороӣ дорад?

– Намедонам, – бедимоғ посух дод Султон.

– Ман ҳам намедонам. Фақат ҳамин қадар медонам, ки аз ганҷи Қорун беш асту кам не. Ҳеҷ аз худ пурсидӣ, ки ин

дороиро аз куҷо пайдо карданд. Не, напурсидӣ. Ман ҳам ба худ чунин суол накардаам. Дигарон ҳам аз худ напурсидаанд ва намепурсанд.

– Хайр, аз куҷо будааст? – Пурсид Султон.

– Ба маълумотатон мерасонам, ки муҳтарам Султон Аббосзода, он дороиро аз кишвари мо – Мовароуннаҳр бурданд. Дар он замон ҳам мо бо ҳамдигар муросо надоштему даст ба гиребон будем. Онҳо бо баҳонаи экспедитсия, таткиқотҳои кишваршиносӣ ва саду як баҳонаи дигар дороии кишварро, маърифати халқро мебурданду мебурданд. Имрӯз ҳам мебаранду мебаранд ва ба қавли рафиқони бадахшӣ «мо худ парво нест».

– Бар ивазаш бисёр чизҳо низ меоранд.

– Дуруст, меоранд, – сухани Султонро тасдиқ намуд Исмоил. – Чизҳое меоранд, ки назаррабост, аммо дупула арзиш надоранд.

– Худро донову дигаронро коно пиндоштан хуб нест, – гуфт Султон маслиҳатомез бо андешаи он ки дӯсташ маломатро дар сифати дигарон аз ҳад нагузаронаду суҳбат маҷрои дигар гирад.

– Не, баръакс, донои ҷаҳон эшонанд, – ба эроди Султон бо эрод посух дод Исмоил. – Агар тоҷик доно мебуд, ба чунин ҳолу рӯзгор гирифтор намешуд.

– Надонам, ҳама бузургони ҷаҳон фарзанди модари тоҷик аст, – мегӯянд.

– Бузурги илму фарҳанг будан маънои донои ҷаҳон буданро надорад. Доною зирак будан ба назарам то андозае рӯбоҳмизоҷӣ аст.

– Наход? – Бо завқ хандид Султон.

– Ин андешаи ман аст, – ҷиддан посух дод Исмоил. – Доноиро ҳар кас ҳар хел мефаҳмад, лекин аниқ медонам, ки доно будан маънои донишманд буданро надорад. Дар ҳама давру замон аҳли донишу хирад меофарид, мардуми доно ин офариниширо бо ҳар роҳу восита ба нафъи худ истифода мекард. О, он қадар истифода карданду ба яғмо бурданд, ки пас аз даҳ аср тоқати фарзанди ин миллат тоқ шуду нидо кард:

Ту макун дигар савдоям,
Ба савдо рафта Самарқанду Бухороям…

– Шеъри Қаноат? – Ба Исмоил назари суол дӯхт Султон.

– Хайрият, тоҷир бошӣ ҳам шоирро аз шеъраш мешиносӣ, – Исмоил инро гуфта, бо хабари сарбастаи дигаре Султонро ҳайрон кард. – Дар осорхонаи Омуи Британияи Кабир дороие маҳфуз аст, ки ягон кишвари ҷаҳон надорад ва дар садсолаҳои наздик аз ягон гӯшаи ҷаҳон пайдо кардан низ муҳол аст.

– Ин дороӣ низ аз кишварӣ мо буд? – Тахмин намуд Султон.

– Бале, дар кадомин давру замон аз мо буд, вале мисли дигар дороиҳои ин кишвар шуд аз они дигарон.

– Хӯш, чӣ буд ин дороӣ? – Мароқ зоҳир намуд Султон.

– Ёқуте дар ҳаҷми донаи гандум, – посух дод Исмоил.

– Ваҳ! – Беихтиёр нидо кард Султон. – Ҳой, калла, охир ёқуту алмосро имрӯз бо кило мефурӯшанду мехаранд.

– Дуруст, сарватмандони дунё ҳоло бо кило мехаранду мефурӯшанд. Лекин ҳеҷ як соҳибҳунари олам дар донаи гандум барин ёқут чаҳор байти оламшумулро ҳаккокӣ карда наметавонад. Ва ин чаҳор байт низ панд буду андарз. Ҳа-а, бузургони фарҳангро дод бо ҷое намерасид, аз дарду алам андарз мегуфтанд. Агар ҳама он панду андарзро гирд оварӣ садҳо ҷилд китоб мешавад… Ва ҳастанд дар ин олам миллатҳое, ки садҳо бузургони сухан доранд, аммо як ҷилд андарз надоранд… Андарзи бисёр хоси миллатест, ки ниёз ба панд дорад. Ба назарам мо дар ҳамон даврони гул-гулшукуфии миллат низ ба ҳамдигар муросо надоштем. Агар ҳамин тавр намебуд, фарзанди Сомонӣ алайҳи бародари худ лашкар намекашид, фарзанди падарро маҳбас намекард. Ворисон ин амалро ба арши аъло расонданд. Аз ин ҷаҳолату тангназариҳо дигарон истифода карданд. Оқибати кор миллати бузурги ориёӣ парешон гашту қавмҳои парешони муғул миллат, миллати бузург шуд! Онҳо он қадар дастдарозу тавоно шуданд, ки имрӯз мероси аҷдоди моро ҳамчун дороии хеш маънидод, зиёда

аз он бо ин мерос ифтихор мекунанд. Мо ба ҷои алайҳи ғосибон қиёму талош кардан бо бародари худ даст ба гиребонем.

Султонро аз ин дарду алами ба забон овардаи Исмоил санге дар сина вазн овард. Муддате ба ҳарфҳои дардолуди Исмоил гӯш дода, ёд овард солҳои бачагиро ва дилаш гум зад ба ёди деҳаи аз назарҳо дур афтодаи кӯҳистон. Шаршараҳои Сароб лаҳзае пеши назараш ба ҷилва омад ва дар партави ҳамин ҷилва хира-хира Исмоилу худашро дид, ки дар синфхонаи бедару тиреза нишаста, дарс мехонанд. Ва гӯш ба ҳарфи муаллими чаласавод дода, аҷабаш омад, ки чаро он синфхонаи сарду торик нисбат ба ин манзили бошаҳомати шаҳри азим гарму рӯшантар аст? Султон бо хумори ҳамон солҳои бебозгашти умр пурсид:

– Ҳеҷ деҳаро хоб мебинӣ?

– Чиро? – Бехабар аз хумори Султон ҳайрон шуд Исмоил.

– Сароброро, ҳамон мактаби синфхонаҳояш бе дару тирезаро.

– Не, ман фақат тарма хоб мебинам ва гоҳ-гоҳе дараи Шамшоду модарамро.

Султони аз пурсиш пушаймон радиоларо, ки то ин дам мусиқии симфонӣ мешунавонид, хомӯш кард.

– Мусиқии саропо дард буд, беҳуда хомӯш кардӣ.

– Суҳбати ту аз ин оҳанг ҳам дардноктар аст, барои ҳамин хомӯш кардам, – Султон даст ба гардани Исмоил ҳалқа намуда, хоҳиш кард. – Биё, суҳбате дошта бошем бе дарду ғам. Бовар кун, дигар тобу тавони дарду ғам шунидан надорам. Беҳтараш ҳамон латифаҳои намакинатро ҳеҷ набошад ривоятҳои шунидаатро нақл кун, ки дилам рӯшан шавад.

– Ин хел бошад, гӯш кун, – ангуштонашро ҳалқа андохта, зери манаҳ бурд Исмоил. – Дар ин дунёи бӯқаламун ҳар кишвар таомули меҳмонқабулкунӣ дорад. Дар кадомин кишвари ана ҳамин дунёи бӯқаламун намоиш додани маҳбас шарти аввали меҳмондорӣ будааст. Рӯзе ба ин киш-

вар аз кадомин мамолики дунё меҳмоне омад ва шарти меҳмондориро риоя намуда, ӯро ба тамошои маҳбасхонаҳо бурданд.

Рӯзи аввал меҳмонро ба маҳбасе оварданд, ки ду бандӣ дошту сад посбон. Ҳайрати меҳмонро пай бурдандy шарҳ доданд:

– Бандиҳо мардуми қавқозанд, аз дасти эшон ҳар кор меояд.

Рӯзи дигар ӯро ба маҳбасе бурданд, ки сад маҳбус дошту як посбон. Ба меҳмон фаҳмонданд:

– Маҳбусон халқи шимоланд. Ҳар рӯз барояшон як бутул шароб бошад кифоя, парвои фирору озодӣ надоранд.

Ва ниҳоят рӯзи саввум меҳмонро ба маҳбасе оварданд, ки сад маҳбус дошту посбон не. Ба суоли меҳмони ҳайратзада чунин посух доданд:

– Маҳбусони ин маҳбас тоҷиконанд. Ҳоҷат ба посбон нест. Ҳамин ки нафаре ба умеди раҳоӣ ба девори маҳбас часпид, дигаре аз пояш дошта мегӯяд:

– Ҳо, ту меравию ман ин ҷо мемонам…

– Ривояти таҳқиромезе бофтӣ, – эрод гирифт Султон. – Ба қавли рафиқони кӯлобӣ «гузарондӣ бача».

– Ин ривоятро ман набофтаам, дар кадом як маърака аз нафаре шунидам, ки мисли ман аз ноаҳлии миллат дар дил ҷароҳат андар ҷароҳат дорад, – гуфт Исмоил бо оҳанги маҳзун. – Аслан ин ривоят таҳқир не, тақдир аст. Ба назарам мо аз азал чунин тақдир доштем.

– Ин қадар воҳима кардӣ. Агар аз азал чунин тақдир медоштем, Исмоили Сомонӣ дар давлатдорӣ роиҷ будани девондориро эҷод мекард.

– Ҳа, буд давроне, ки аҳли оламро омӯзондем, аммо худ оқибати кор бебаҳра мондем, – Исмоил инро гуфта, муддате хомӯш монд ва дид, ки Султон низ хомӯш аст, афзуд. – Миллат низ як ҷузъи табиат аст, мисли инсон тавлиду камол ва завол дорад. Аҳди Сомониён камолоти миллатро модар буд ва ба назарам фарзандонро худи ҳамин модар кушт.

– Худо донад дигар ҳушёру доно шудани ин қавми па-

решонро, – андешаи Исмоиро қувват дод Султон.

Исмоил ин лаҳза чизеро ёд оварда ба Султон назари суол дӯхт:

– Ана ту, солҳои сол роҳбар будӣ, роҳбари саҳл не, директори совхоз, раиси ҳукумати ноҳия, котиби аввали ҳизб ва боз… Бигӯ, ягон бор шунидӣ, ки нафаре аз зердастонат ё корафтодаи даргоҳат худро тоҷикистонӣ гуфта бошад.

– Чӣ хел тоҷикистонӣ? – Ба пурсиши Исмоил сарфаҳм нарафт Султон.

– Ҳамтӯ оддӣ, яъне бо ифтихор, истисно аз он ки ӯ аз кадом маҳаллу миллат аст, худро тоҷикистонӣ гӯяд. Не, мо, бадбахтона, чунин ифтихорро надоштем ва соҳиб шуданамон низ дар гумон. Мо хӯҷандию зарафшонием ё кӯлобию бадахшонӣ…

– Хайр чӣ, гумонат бо ман тоҷикистонӣ гуфтан Тоҷикистон обод мешавад?

– Чаро не! Охир, дар Эрону Амрико истисно аз кадом миллату қавм будан ҳамагон бо ифтихор худро эронию амрикоӣ мегӯянд-ку. Чаро мо чунин ифтихор надошта бошем. Агар ба ҷои маҳалбозӣ ҳар нафари мо ифтихори тоҷикистонӣ медошту ту барин фарзандони кишвар сармояашонро ба ҷои бонкҳои хориҷӣ дар бонки кишвар мемонданд, Тоҷикистон обод мешуд.

– Кадом аблаҳ ин корро кардааст, ки дар тақлидаш ман чунин девонагӣ кунам, – истеҳзоомез хандид Султон.

– Дуруст мегӯӣ, алҳол ин хел аблаҳ нест. Ту ҳам девона нестӣ. – Ва Исмоил оҳ кашида афзуд. – Аблаҳу девона моем. Ҳама чизро таҳаммул мекунем, бо умед ба мардум чизе фаҳмонданӣ мешавем, ҳарчанд касе чизе фаҳмидан намехоҳад.

– Ғам нахӯр, шояд рӯзе мефаҳманду ба қавли ту ба ҳама гуноҳҳои содиркардаву нокардаашон тавба мекунанд.

– Аҷаб не, лекин он рӯз болои қабри мо сабза як ваҷаб аст, – Исмоил инро гуфта, ба қадаҳҳои холӣ як ҷуръаӣ коняк рехт ва ҳини ин амал назараш ба китоби рӯи миз афтода, онро ба даст гирифт. – Вақте имрӯз ту бо корчаллонҳои олмон банд будӣ, ин китобро аз ҷевон пай-

до карда, хеле варақ задам.

– Албатта чангашро ҳам афшондагистӣ? – Ҳазл намуд Султон.

– Не, чанге надошт, – гуфт Исмоил ва бо ин киноя афзуд. – Чӣ тавр ашёи ин манзил чанг мегирад, дар ҳоле, ки хизматгор рӯзе ду маҳал ҳама ҷоро бо забон мелесад.

– Фаросататро садқа, китоб ашё не, маърифат аст, – дар навбати худ бо киноя неш зад Исмоилро Султон.

– Гӯш кун, ки дар ҳамин махзани маърифат чӣ нигоштаанд, – бепарво ҷавоб дод Исмоил ва бо садои пасту ҳазин хонд:

*Пас аз мо одаме мехезад аз олам,*
*Ки дасташро ба рӯи шонаи хуршед хоҳад бурд.*
*Бо мо аҷдодҳои содааш ҳам фахр хоҳад кард,*
*Ва ҳам афсӯс хоҳад хӯрд.*
*Ки мо ҳам чанд дар дунё*
*Гаҳе пайғамбарӣ кардем,*
*Барои худ пай афкандем ҳайкалҳову минбарҳо,*
*Ва дар ҳукми Худое зиндагӣ кардем.*
*Ва гаҳ ин ҷумла дунёро сабақ додем,*
*Сареро то панаҳ кардем сар додем.*
*Гаҳе дар пушти минбарҳо.*
*Гаҳе дар пушти сангарҳо,*
*Пас аз мо одаме мехезад аз олам,*
*Ки сар бар осмон соида*
*По бар Каҳкашон мемонад он одам…*

– Хайр чӣ? – Гапро бо ҳазл бурданӣ шуд Султон. – Шеъри олиҷаноб, борҳо хондааму шунидаам.

– Гуфтам-ку бузургони мо фақат панд гуфтаанду ҳавас кардаанд. Ҳаваси ишқи пок, ҳаваси зиндагии беолоиш, ҳаваси оламу одами дигар… Ва боз саду як орзую ҳаваси дигар, – Исмоил сигор дуд дода, бо ҳасрати бештаре афзуд. – Шамсиддини Шоҳин низ ба назарам баъди ҳавасҳои бисёр ба тақдир тан доду гуфт:

*Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,*

*Аммо чӣ метавон кард ҷои дигар набошад…*

– Дарвоқеъ, ҳар ҷое равӣ чархи гардун тақдирсозу ташвиши зиндагӣ домангират аст, – гуфт Султон аз байти шунидааш маънӣ бардошта ва гӯё дар омади гап пурсид. – Ҳамин Шоҳин кӯлобӣ буд ё…

– Не, ману ту кӯлобию хуҷандием, вай тоҷик буд! – Аз асабоният овоз ларзид Исмоилро.

– Ҳой, файласуф, чаро оташин мешавӣ? Маҳалгароиро ман эҷод накардаам. Агар донистан хоҳӣ ин иқдом аз ҷониби шумо аҳли адабу санъат сар зад. Ҳар кадом таърифу тавсифро аз деҳаву маҳалли худ сар карда, аз сангаш лаъл, аз хасу хошокаш гул бофтеду сохтед. Барои осеб надидани як-ду чинораш ба сохтмони бузургтарин иншоот монеъ шудед ва имрӯз ҳама хашму ғазабро ба сари ман мерезӣ?!

– Ту, рафиқ собиқ котиб, байни муҳаббати Ватан ва дарди маҳалгароӣ андак фарқ гузор, – нарм фаҳмонд Исмоил. – Барои ҳар фарде, ки худро инсон меҳисобад, Ватан аз ҳамон гаҳворае, ки шумо коммунистон ҳазар доштед, оғоз меёбад. Хасу хошоки деҳаро аз гулу райҳон, кулбаи бобоиро аз тахти Сулаймон хуштар гуфтан маҳалгароӣ не, ватандорист, муҳаббат ба модари сарсахти тоҷику садоқат ба ун кишвари қашшоқ аст.

– Шояд, лекин ин гапро мунаққидони шинохта аз тариқи радиою телевизион, рӯзномаҳо гуфтанд ва ҳатто мисолҳо оварда, собит карданӣ шуданд, ки…

– Медонӣ ҳамин мунаққидони адабиёт кистанд? – Суханни Султонро бурида пурсид Исмоил.

– Ҳама олимони варзидаю шинохта …

– Бале, олимони шинохта, на шоиру нависанда. Агар таваҷҷуҳ карда бошӣ, аксари онҳо дар ибтидои фаъолият дар назм ё насрнависӣ кӯшиш ба харҷ додаанд. Диданд, ки мароде ҳосил нашуд, пардохтанд ба мунаққидӣ. Худашон навишта натавонистанд, лекин ба хурду бузурги адабиёт ин хел ё он хел навиштанро маслиҳат медиҳанд, роҳу равиши гуфтор меомӯзонанд. Ва боз … кам дар кам дидаам,

ки эшон дар ақидаашон устувор бошанд. Ёд дорӣ ҳамон соле, ки Кумитаи Марказӣ дар атрофи як асари машҳур воҳима андохт, аввалин шахсе, ки нависандаро маҳкум кард, мунаққид буд. Ҳол он ки ҳамин мунаққид ду-се ҳафта пештар ин асари нависандаро ба ҷоизаи давлатӣ сазовор дониста буд.

Ҳа, Султон ёд дорад он моҷароро. Котиби аввали ҳизби коммунисти ноҳияи Басванд буд. Ҳамон рӯз телпакдастёрҳои Кумитаи Марказӣ то ба дафтари кориаш ҳозир гардидан сабр накарда, саҳари солеҳон ба хонааш сим зада, амри калонро расонданд:

– Ҳатман аз тамоми мағозаҳо ун романи хилофи идеологиро ҷамъ оварда, оташ занед.

Табиати одамизод аҷиб аст. Ҳар чизеро барояш манъ кунанд, ҳатман бо ҳар роҳу восита пайдо намуда, агар чизи диданӣ бошад мебинад ва агар хӯрданӣ бошад мечашад. Шояд ҳамин хислати меросӣ буд, ки қабл аз оташ задани он китоб Султон яктоашро номаълумакак дар ғаладони мизаш пинҳон кард ва бо вуҷуди аз субҳ то шом бо ташвиши пахтаю чорвои ноҳия банд будан фурсат ёфта, хонд ва то имрӯз дарк карда наметавонад, ки роман чӣ хилофе дошт ба идеология. Аҷаб не, идеологияи мансабдорони боло идеологияи дигаре буду ӯ сарфаҳм нарафт. Ба ҳар ҳол он идеология чӣ идеологияе набошад, асар асари оличаноб, аз дарду қисмати як инсони комил буд. Ин ҳама балои маҳалгароӣ, тафриқаандозӣ, фаҳмидаю нафаҳмида ба ҳар чиз хӯрдагирӣ кардан баъдтар аз бебақоии корҳои идеологияи ҳақиқӣ сар зад.

Ва пас аз солҳои сол, аз сар гузаштани чандин ваҷаб об Султон ҳамон рӯзгору ҳамон тоифа одамонро ёд оварда, тахминашро иброз намуд:

– Аҷаб не маҳалгароӣ ҷурми ашхоси дурӯяву хушомадгӯ буд? Солҳои ҷавонии мо ҷамъият аз ин бало хабар надошт.

– Не, дошт, – ба андешаи Султон розӣ нашуд Исмоил. – Нишонаҳои аввалинаш зуҳур мекард. Ту барин раису котибҳо ҳар корафтодаро ба ҷои салому алек «ту куҷоӣ» гӯён мепурсиданд. Ҳатто устодони донишгоҳ ҳини суҳбату

имтиҳон чунин пурсиш мекарданд. Ва аслан ин пурсиш ягон ҷои хилофи одобу қонун надошт. Гӯё ҳамтӯ дар омади гап кафшери сухан буд. Аммо иллат буд. Ва оқибат ин иллат дарди бедармони миллат шуд.

– Ба қавли худат ба дилат назад ҳамин суҳбати иллату миллат. Биё, беҳтараш телевизор тамошо кунем.

– Ҳа, барои ту аз ин суҳбат тамошои тарғиби сақичу сникерс хуштар аст, – Исмоил инро гуфта, бо киноя афзуд. – Ҳазл не, сақичи бар ивази пахта овардаатон оламу одамро дигар мекунад, дандону меъдаро аз саду як бало наҷот медиҳад.

Султон кинояи дӯсташро заррае ба дил нагирифта, бо ханда посух дод:

– Ин воҳимаро ман не, ҳамкасбони ту ба хотири пул мекунанд. Аз мо ҳаром аст, ҳалол аст, мол овардан аст. Тарғибу ташвиқ аз туву ҳамкасбонат.

– Ҳа, ҳоло ба хотири пул ҳама корро мекунанд, – иқрор овард Исмоил. – Байни ҳалолу ҳаром фарқе намонд. Барои чусту чолокӣ ҳасиби хосса хӯрдани саги ҷанобонро ҳай тарғиб мекунему ба гӯшаи хотир ҳам намеорем, ки нисфи мардум сабӯс мехӯрад... Ҳа, дарвоқеъ, чаро ту саг надорӣ?

Чӣ? ...

Чаро дар хонаат саг надорӣ, мегӯям.

Чӣ зарурат дорад?

Надонам барои сармоядорон дар Москва саг, дар Душанбе муҳофиздорӣ расм шудааст. Барои ҳамин ҳайронам, ки чаро саг надорӣ.

– Хайр, агар саг медоштам чӣ бадӣ дошт?

Ҳеҷ, – бепарво даст афшод Исмоил. – Фақат ҳамин қадар ки ба харҷу хароҷоти ҳармоҳаат ҳазор доллари дигар зам мешуду халос.

Чӣ-ӣ? – Ба маънии кинояи Исмоил сарфаҳм нарафт Султон.

Сармоядорони Москва ҳар моҳ барои нигоҳ доштани сагашон ҳазор доллар сарф мекардаанд.

Аз куҷо шунидӣ ин гапи нестандарҷаҳонро? – Хандид Султон.

Нашунидаам, хондам, – гуфт дар ҷавоб Исмоил, – Аз рӯзномае хондам, ки даҳ саҳифааш бо акси хонумҳои урёну реклама ва ду саҳифаи дигараш бо ана ҳамин хел хабару мақолаҳои нестандарҷаҳон банд аст.

Хайр чӣ, барои мардуми доро ҳазор доллар кирои гуфтану шунидан намекунад, – бепарво ҷавоб дод Султон. – Ҳастанд ашхосе, ки ҳар рӯз барои кисахарҷии фарзандонашон се-чор ҳазор доллар масраф мекунанд.

Ва ин фарзандон ояндаи давлату миллатанд, – бо таассуф сар ҷунбонд Исмоил.

Аҷаб не, – ба таассуфу надомати Исмоил эътибор надода, изҳор кард Султон. – Дар муҳити серу пур, бе тангдастию қашшоқӣ ба камол мерасанд. Шояд аз ману ту боақлтару беҳтар шаванд.

Шояд … Ман, ки бо нони зағораву тутмавиз ба воя расидаам, дар тасаввурам намеғунҷад чунин харҷу хароҷот… Агар падарам гӯсфанди колхоз гуфта таги тарма намемонд, аҷаб не. – Исмоил инро гуфта, фавран сухани ба забон овардаашро таҳрир кард. – Не, ношукрӣ шуд. Ҳанӯз ҳам маззаи ҳамун нони зағора аз даҳонам нарафтааст. Ва шояд барои инсон барин калон шуданам ҳамун нони зағора сабаб шуд.

Яъне ба ақидаи ту сармоядорону фарзандони онҳо одам нестанд?

Не, чаро, одаманд, вале аз ин олам нестанд, – гуфт Исмоил. – Ин гапро ман не, Ҳилолӣ гуфтааст ва боз аллома Иқбол фармудааст:

*Шабе пеши Худо бигристам зор,*
*«Мусулмонон чаро зоранду хоранд?»*
*Нидо омад: «Намедонӣ, ки ин қавм*
*Диле доранду маҳбубе надоранд».*

Агар ин қавм меҳрубоне медошт, моҳе магар ду доллар моҳона мегирифт? Ва боз ту – маҳбуби ин қавм мегӯӣ, барои саг моҳе ҳазор доллар масраф кардан боке надорад.

Мон ҳамун сагдорҳоро ба ҳоли худашон.

Марги чунин сагдорию давлатдорӣ.

Ту заррае ҳам тағйир наёфтаӣ Исмоил. Ҳамон солҳо низ суханат айнан чунин нешу заҳр дошт.

Ва ҳамон заҳру неш ба ҷои дигарон худамро мекушад, – бо таассуф иқрор овард Исмоил. – Ба тадриҷ, бо азоби алим мекушад. Ба қавли Фаррухии Яздӣ:

*Зиндагӣ кардани ман мурдани тадриҷӣ буд,*
*Он чӣ ҷон канд танам, умр ҳисобаш кардам.*

Медонӣ, Султон, дарди аз ҳама даҳшатноктарин барои инсон ба тадриҷ мурдан аст, – Исмоил инро гуфта, китоби дасташро саҳифа кушод. – Мехоҳӣ бароят шеър хонам.

Боз дар дилат ягон ҳавас пайдо шуд?

Не, дард, дарди азалӣ. Гӯш кун:

*Нигоҳи гарми ман аз фарқи кӯҳистон,*
*Ба сӯят чун Зарафшон рӯзу шаб ҷорист.*
*Бухоро, бо ғаму афсӯс мебинам,*
*Ки ҷои бас азизонат*
*Дар оғӯши ту ҳамчун ҷои Сино ҷовидон холист.*
*Ту гӯё пеш аз ин дар рӯзгороне,*
*Яке вулқон будӣ ё дар сари вулқони сӯзоне.*
*Ки охир дар саъири оташфишонӣ*
*Азизонат чу ахтарҳо,*
*Шуданд аз ҳам ҷудо, барчош дар олам*
*Ба ҳар сӯе,*
*Ба ҳар кӯе …*

*Ва Исмоил китобро саҳифа пӯшонда пурсид:*
*Хӯш маъқул?*
*Чияш?*

Барчош, паҳну парешонии миллат, зиёда аз он дар ба дари мардум гадоӣ кардани халқ.

– Ин дардро қабл аз ману ту борҳо гуфтанду шуниданд, мижаи касе хам нахӯрд. Баръакс, ба ҷои нигоҳи гарм

имрӯз аз кӯҳҳо ба шаҳру водиҳо, тири, хашму ғазаб ҷорист. Ҷое, ки тир ҳасту хашму ғазаб он ҷо ҷуз парешонию саргардонӣ чизи дигаре буда наметавонад. Барои ҳамин биё Бухорою фарзандони сарсонро як сӯ монему …

– Офарин! – Беихтиёр нидо кард Исмоил. – Як фарзанди сарсону саргардонаш ту ва ту барин даҳҳо нафари дигар, ки имрӯз … – Исмоилро дармонд сухан дар даҳон, надонист чӣ мисоле орад аз ҳасбу ҳоли ин фарзандони Ватан ва сари ҳамин дармондагӣ пардохт ба мазамматӣ эшон. – То рӯзе, ки орому осоишта буд кишвар як нафар аз сари дастурхону мансабаш қадаме дур намонд. Ҳамин ки ба ғурбат печид, «қочмаган номард»–и туркиро шиор кардед. Боз даҳон пур карда мегӯӣ, ки ба ҳолаш монам. Бас аст ба ҳолаш мондану ба тақдираш бепарво будан.

– Чӣ, мехостӣ мисли дигарон моро ҳам …

– Не, Султон, туву ҳаммаслаконат ҳанӯз садои тир набаромада, ба роҳ баромадед. Дурбину дурандеш будед мисли яҳудиҳои маскуни Тоҷикистон.

– Ҳоло ба ин балои ангехтаи мо яҳудиҳо ҳам гунаҳкоранд гӯй? – Бо заҳрханда киноя кард Султон.

Не, гуноҳ надоранд, лекин ин балои ба сари мо омадаро медонистанд. Вақти ибодат дар сенагог, вақти суҳбатҳои хосса дар хона мешуниданд, ки дар ким-кадом гӯшаи дунё нақшаи табодулоти Тоҷикистон таҳрезӣ мешавад ва рӯзи ба хун оғӯшта гардидани ин кишвар дур нест.

– Наход? – Боз бо тамасхур киноя зад Султон

Бале! – Ҷиддан посух дод Исмоил. – Агар ҳамин тавр намебуд, ҳанӯз шохи дарахт наҷунбида онҳо Тоҷикистонро фавҷ – фавҷ тарк намекарданд.

Хӯш, боз кадом миллатҳои дунё гунаҳкоранд? – Бо ҳамон оҳанг нештар зад Султон.

Ба ҷуз худамон ҳеҷ кас. Гуноҳи ману ту барин фарзандони гумроҳ буд, ки бо лақаби «юрчик»-у «вовчик» тӯфони бало ангехтему ҳама ҷабру ситамро халқи бечора кашид. Ҳамон халқе, ки умре хизматгори шумо барин роҳбарон буду то давлату давлатдорӣ боқист, хизматгор

хоҳад монд.

Ҳар чӣ мехоҳӣ, гуфтан гир, шахсан ман на ба бадаш кордор будаму на ба некаш.

Яъне бетараф? – Бо тамасхур пурсид Исмоил.

Чӣ хеле мехоҳӣ, ҳамон хел фаҳмидан гир, – озурдахотир даст афшонд Султон.

Исмоилро аз ин мулоҳизакории Султон латифае ба ёд омад, ки ҳини сафараш ба водии Қаротегин шунидааст:

Ба яке аз деҳаҳо сарбозони ҳукуматӣ ворид гардида пас аз охирин бузи пирамардро хӯрдан аз соҳибхона мепурсанд:

– Мӯйсафед, мо хубем ё сарбозони мухолифин?

– Онҳо ҳам хубанд, шумо ҳам хубед, падарлаънати гандааш моем, ки дар ҳамин сари роҳ хона кардем.

Исмоилро аз ин латифа лаб механдад, аммо дил ба сад дарду алам мегиряд. Ӯ хуб медонад, ки гунаҳкорони ин моҷарои кишвар кистанду дур аз марзу буми ин диёри домони гардун чӣ нақшаву амал доранд. Аммо аз чӣ бошад гоҳе ба хаёл рафта, дар маҷрои андешаҳои беохир аз хурду калони кишвар домангир мешавад. Сари баҳсу ситез ана ҳамин хел, тавре ҳоло аз Султон домангир асту пай дар пай неш мезанад, ба ҳар ҳамсуҳбату раҳгузар чизе фаҳмондан мехоҳад. Ба умеди ҳамин носеҳӣ мушту лағат хӯрда, таҳқир шунида бошад ҳам даст аз ин амал намебардорад.

Ҳамон рӯз Исмоил қарибиҳои чошт аз хона баромад. Бачаҳо рӯи ҳавлӣ ҷангбозӣ доштанд. Онҳо дар даст ҳар гуна «силоҳ» байни хонаҳо медавидангу ба таври худ «тир» мекушоданд.

Тах-тах! Мурдӣ Шаҳидон!

Баробари шунидани ин сухан ҷо ба ҷо карахт шуд Исмоил ва ҳанӯз фурсати баргашта ба соҳиби овоз нигаристан нашуда, садои дигар писарбача баланд шуд:

Трах! Ту ҳам мурдӣ Озодӣ!

Исмоил баргашта дид, ки ду писарбача худро баробар рӯи хок афканданд ва муддате ноҷунбон хобиданд. Чун диданд, касе ба мададашон намерасад, боз аз ҷой бархеста, аз қафои онҳое давиданд, ки аллакай мағалашон аз дур ба

гӯш мерасид.

Аз ин бозии кӯдакона дар дили Исмоил ҳузн нишасту аламашро аз сигор гирифт. Азбаски шитоб надошт, чанд истгоҳро пиёда паймуда, то бозори «Баракат» расид. Кӯчаҳои шаҳр назар ба рӯзҳои гузашта серодам ва мардум аз паи кору зиндагӣ буданд. Кӯчаҳои серодам, равуои бозоракиҳо ва дидори чанд тан ҷӯгии садақаталаб қуввати дил шуд Исмоили чанд рӯз аз хона ба дар нарафтаро. Аз кадом китобе хондааст: «Пас аз ҷангу моҷароҳои хунин серодам шудани бозор ва дар бозор пайдо гардидани ҷӯгӣ нишонаи осоиш аст». Исмоил шукр намуд, ки пас аз ин қадар рӯзҳои пурдаҳшат зиндагӣ боз ба маҷрои хеш бармегардад. Ӯ ба ҷӯгии сари роҳ садақа дод ва аз дӯкон рӯзнома харида, бо нияти то китобхонаи миллӣ савора рафтан ҷониби истгоҳ рафт.

Дар истгоҳ чанд тан бо дастхалтаҳои пурбор интизори автобус буданд ва байни шиносу ношинос ин ё он пурсишу посух радду бадал мешуд. Кадоме аз пиразани асобадаст нархи картошкаро пурсида, чунон посух шунид, ки аз мусоҳибаи телевизионӣ ҳам тӯлонитар буд. Хайрият автобуси ҳаждаҳ омаду пиразан савор шуд, вагарна аз ваҷоҳаташ аён буд, ки ба ин қарибиҳо аз муҳокимаи нархи картошка лаб бастанӣ нест. Исмоил чунин пиразанҳои сергапу саропо пуршикоятро дар солҳои арзонию фаровонӣ низ кам надидааст. Аз пашша фил месозанду аз суҳбат моҷаро. Хайр инро асари пирию сергапӣ пиндоштем, аммо ба ҷавонон чӣ шуд, ки ба ҷуз ҷаҳлу ҷаҳолат амале надоранд. Дар кӯчаву бозор аз забонашон ба ҷуз алфози қабеҳ дигар ҳарфе намешунавӣ … Ва ин лаҳза гӯё барои тасдиқи андешаи Исмоил ҷавоне пӯчоқи офтобпарастро туф карда, ҷониби духтараки ҳоло ҳозир ба истгоҳ расида гап партофт:

– Куҷо мерӣ, духтари хола? – Ва дид, ки духтарак ҳарфе нагуфта дур шуд, боз ба даҳон тухми офтобпараст партофта, таҳдид кард. – Ин қадар каттагӣ накун, ту барин … бисёр дидем.

Духтарак шояд аз тарс буд, худро ношунид вонамуд

кард, аммо Исмоилро аз алфози қабеҳ гӯш қулф зад. Ӯ лаҳзае қаду қомат ва мутаносиби он сару либоси ҷавонро назора намуда, чанд қадам пеш омад.

– Чӣ ном дорӣ?

Ҷавон ба ҷои ҷавоб пӯчоқи даҳонашро пеши пои Исмоил туф кард ва бо ҳамон бепарвоӣ ба мусоҳибаш чунон нигарист, ки маънояш «туро ба номи ман чӣ кор» буд.

– Чанд солаӣ? – Боз пурсид Исмоил.

Ҷавон шояд суоли одами дар синну сол аз худ ду баробар калонро дубора бе ҷавоб мондан нахост, ки бо дили нохоҳам посух дод:

Бистучор сола, – ва инро гуфта, бо ханда ба рафиқи ҳампаҳлӯяш рӯ овард. – Чӣ бало прокурорай?

Чум, – бепарво китф дарҳам кашид рафиқаш.

Исмоил ба андешаи «шояд асар кунад» киноя намуд:

– Дар синну соли ту Сино «Ал-Қонун» навишта буд.

– Чӣ гуфт? – То андозае оташин шуд ҳамсоли Сино.

– Қоидаву қонунро вайрон накун мега, – ба таври худ шарҳ дод рафиқаш.

Ман ба ту қоидаву қонуна нишон медиҳам, – ҳангоматалаб аз ҷой бархест ҳамсоли Сино ва лабу даҳонашро аз пасмондаи пӯчоқи офтобпараст бо кафи даст пок намуда, рӯ ба рӯи Исмоил қарор гирифт, – Қонун мефорад? Мана қонун! ..

Исмоил, ки чунин муомиларо чашмдошт набуд, лаҳзае аз зарби мушти ҳамсоли Сино ҳайрон монд. Ӯ ҷониби милисае, ки чанд қадам дуртар дасти писарбачаи туркандомро дошта меистод, имдодталаб мегирист.

Рафтем, бисту панҷ омад, – аз оринҷ кашола кард ҳамсоли Синоро рафиқаш.

Хайрият автобус омад, вагарна кӣ медонад бо чӣ меанҷомид оқибати ин моҷаро. Пас аз пӯшида шудани дарҳои автобус Исмоил шунид, ки носеҳе мегуфт:

– Ба шумо чӣ лозим, муаллим, бо ҳар роҳгузар баробар шудан.

Исмоил баргашта ҳамон милисаро дид, ки дар дасти чап тӯрхалта, бо дасти рост ҳанӯз ҳам дасти писарбачаи

туркандомро маҳкам медошт. «Кӣ бошад ин бача? Фарзандаш? Не, заррае шабоҳат надорад. Хешаш? Шояд». Ва сари ҳамин тахмин аз дил гузашт Исмоилро: Рост мегӯяд, туро ба ҳар роҳгузар чӣ кор. Қавмеро, ки Саъдию Ҷомӣ тарбия карда натавонист, мехоҳӣ ту тарбия кунӣ…».

– Ин қадар ба андеша рафтӣ? – Хам хӯрд болои сари Исмоил Султон.

– Мушту лағатҳои хӯрдаамро ёд овардам, – бо лабханди дардолуд посух дод Исмоил. – Худоё, ин сари сахтамро ба санг занам ҳам ба гирумони ин дунё, ба бефарқию бепарвоии одамон сарфаҳм намеравам. Сарфаҳм намеравам, ки чӣ тавр ба тақдири худ, халқ, миллат, фарзанд бефарқ будан мумкин аст?!

Ҳой, файласуф, оё ба дилат назад ҳамин гапҳои обшуста?

Не, Султон, дард обшуста намешавад. Дард хоҳ куҳна бошаду хоҳ нав дард аст, – ва сари ҳамин сухан Исмоил дарди наву куҳнаро ба ҳолаш монда, мисли тарошаи аз бом афтода пурсид. – Дарвоқеъ, писари ту ҳам дар Амрико мехонад?

Ҳа, – посух дод Султон. – Чӣ шуд, ки якбора Ҷаҳонгирро ёд овардӣ?

Хат менависад? – Ба ҷои посух боз суол кард Исмоил.

Не, гоҳ-гоҳ телефон мекунад.

Намегӯяд, ки бо мадади ун ҷанобон кишвари дадояшро кай обод мекунад?

Кадом кишварро? – Бо тамасхур то андозае шӯрид Султон.

Ҳамон кишваре, ки ману ту ҳафтод сол хӯрдем ва боз… бо шарикмуаллифон ғорат кардем.

Ба ту гуфтам-ку сад ҷон канӣ ҳам, ун кишвар дигар ободӣ надорад. Дар хона бо занат ғурбат кунӣ, чил рӯз файз мепарад. Дар ин кишвар ғурбат не, хун рехт. Бародар додар, падар писар кушт. Ин амал сар то сари ҷаҳон қиссаву афсона шуд. Ту мехоҳӣ боз баъди ҳамин қадар куштору сӯхтор дар ин диёр файзу баракат, зиёда аз он

ободӣ бошад?

Алҳол ману ту зиндаем, – Исмоилро нафас танг омада, гиребони куртаашро тугма кушод. – Дигарон ҳам зиндаанд.

Агар сари вақт фирор намекардам …

Натарс, Султон, банда муранда аст. Маргро мебояд ҳамчун давоми зиндагӣ қабул кард.

Лекин боз кадом файласуфе гуфтааст, ки фақат аблаҳ аз марг наметарсад.

Дуруст гуфтааст, аблаҳ, аз марг наметарсад, зеро ногузирии маргро андеша накардааст ва ба андеша кардан қодир ҳам нест. Лекин ҳаминро ҳам дониста бош, мардум бузургонеро, ки аз ҳадди худшиносӣ гузашта, аналҳақ гуфтанд, девона пиндоштаанду аблаҳ хонданд…

Ин лаҳза ҳолати аҷибе рух дод бо Султон. Аз муҳокимаву таҳлили Исмоил гӯё оташаке париду олами сад гиреҳхӯрдаи хотираҳояшро лаҳзае рӯшан кард ва ӯ дар рӯшании ҳамин оташак ҳамон марди солхӯрдаеро дид, ки кадомин соле дар фароғатгоҳи Хоҷаобигарм муддате бо ҳам буданд. Чаро ин барқ дар олами хотираҳои Султон маҳз қомати то андозае хамхӯрдаи ун мардро рӯшан кард? Шояд ин аз сеҳри сухани Исмоил буд? Ҳар чӣ буд, рух дод ва аз олами хотираҳо байни ҳазорҳо чеҳраҳои гарму сард маҳз писари дӯстдори Хоҷа пайдо гардид.

Онҳо ҳар субҳ, ҳанӯз офтоб аз сари қулла теғ накашида, қад-қади роҳе, ки бағали кӯҳро бурида мегузарад, медавиданд. Фақат ӯ намедавид, гӯё бар дӯш бори вазнине дошт, ки бо қомати хамзада мерафт. Султон ва дигарон низ аз дави андак нафасгардон назди чормағзи лаби дарёча таваққуф мекунанд. Фақат ӯ таваққуф намекунад, наистода мегузараду меравад. Онҳо ҳама барои дамкӯтаҳию нафасгардониҳоро ба ҳамдигар зоҳир накардан тамошои хурӯши оби дарёчаро баҳона мекунанд ва барои эътимодноктар нишон додани баҳонаашон дасту поҳоро алвонҷ дода, хаму рост мешаванд. Аз эшон нафареро ҷуръати бо пайраҳаи кӯҳӣ боло рафтан нест. Фақат ӯ қад-қади дарёча рӯ ҷониби қуллаи баланд меравад ва дар ғайбаш кадоме бо

тамасхур мегӯяд:

– Ба Худо ин мардак девона аст, – ва пас аз чанд карат нишастану берабт даст афшондан сабаб овард. – Кадом рӯз қарибиҳои шом аз қулла фуромаданашро дидам. Ҳолпурсӣ кардам. Гуфт, ки сари манзил будам. Ҳайрон шудам, ки сари ин шахи баланд чӣ хел манзил бошад? Вай ба харсанги бағали шах ишора карда гуфт: – «Санги болои қабрам аз ин санг ҳам калонтар буд» ва сангчаи кафашро нишон дода афзуд: «Бинед аз обу офтоб чӣ шудааст. Ҳама чизро оғозу интиҳо аз обу офтоб аст».

Ҳозиринро, ки аз чанд карат даст афшондану хаму рост гардидан дилзанак шуда буданд, барои нафасросткунӣ баҳона шуд шунидани ин ҳикоят.

Аҷиб-ку…

Наход дар ҳақиқат девона бошад?

Онҳо мегуфтанду механдиданд ба ҳоли марде, ки ба ҳама чиз обу офтобро сабаб гуфт.

Султон ба ҳарзагӯиҳои атрофиён эътибор надода, ба қулла нигарист. Нури хуршед ботадриҷ аз қулла ба сина ва аз сина ба бағали шах мелағжид. Ва ҳини ҳамин лағжиши нур Султон ун мардро дар сари қулла дид, ки рӯ ҷониби офтоб назар ба теғи тиллоранги хуршед дорад. Дирӯз ҳам айнан аз назди буғхона ба ғуруби офтоб чунин назар дошту аз Султон мепурсид:

Шумо Хоҷаро мешиносед?

Султон дар ҷавоб бо аломати инкор сар ҷунбонд.

– Эҳа, намешиноседу ин ҷо барои табобат омадед? – Эрод гирифт мард ва дид, ки боз аз Султон садое нест, худаш ба шарҳ пардохт. – Одами дилогоҳ буданд Хоҷа. Фарзанди аз ҳама дӯстдорашон ба дарди бедаво гирифтор шуд. Луқмони Ҳаким гуфтанд, ки оби шифо дармон хоҳад шуд. Хоҷа ҳазору сад сол кӯҳ ба кӯҳ гаштанду оқибат ҳамин оби шифоро ёфтанд. Хостанд барои раҳнамоии дигарон сари қулла парчам зананд, аммо пояшон лағжиду ҳамин шах санги мазорашон шуд. Барои ҳамин ҳам Хоҷаобигарм мегӯянд.

Аҷиб, афсона барин, – гуфт Султон.

Ҳа, аввалу охири дунё афсона аст, – мутафаккирона посух дод мард ва чашмашро нимроғ намуда афзуд. – Ҳамон писари дӯстдори Хоҷа манам, лекин то ҳол аз ун дарди бедармон шифо наёфтаам. Аҷаб не, барои ҳазору сад сол бепарво гаштанам арвоҳашон аз ман ранҷида бошад.

Бечора, – таассуф хӯрда гузашт аз назди онҳо пирамарде ва боз Султон шунид, ки ун пирамард роҳравон мегуфт. – Дирӯз ҳам ҳамин хел сафсата мегуфт. Хаёлаш беҷо барин …

Он рӯз Султон ба авмоҷи хуршеду ҷуссаи лоғари писари дӯстдоштаи Хоҷа нигариста, тасаввур карда натавонист, ки дар асл кист ин марди ҳар рӯз қуллабарову дӯстдори офтоб. Ва ҳоло, пас аз чандин солу моҳҳо дур аз Тоҷикистону оби шифобахши Хоҷаобигарм, дар манзили бисёрқабатаи Москва, дар суҳбати саропо пурбаҳси дӯсташ Исмоил ӯро андешае ба сар меояд: «Шояд ману писари дӯстдоштаи Хоҷа қабл аз ин рӯзгор дар кадомин давру замон умр ба сар бурда бошем ва аҷаб не, пас аз садсолаҳо боз рӯҳи мо дар ҷисми нафаре эҳё гардаду ба суҳбати ҳамдигар расем…». Ва сари ҳамин андеша шунид, ки Исмоил дуди сигорро аз даҳон ҳалқа-ҳалқа сар дода мегӯяд:

– Дӯстам, ҳама кори дунёро сабаб ҳасту оқибат. Аммо сабаби ваҳшонияти имрӯзаи рӯзгори моро касе намедонад. Ва бадбахтии дигар ин аст, ки оқибаташро ҳам донистан намехоҳанд. Ҳол он ки ҳама гирумони дунё аз сабаб то оқибат сурат мегирад.

– Исмоил ба чунин андешаҳо бисёр ғута мазан, ки оқибаташ ҷунун аст, – гуфт Султон бо андешаи ҳоло ҳозир аз дил гузаронидаи худ.

Гумонат мо мардуми ҳушёрем? – Лабханд намуд Исмоил. –Ситезу ҷунун як ҷузъи инсон аст. Аз он ҷои гурез нест. Гӯш кун, беҳтараш аз олами сабабу оқибат бароят як мисол меорам.

Хаста нашудӣ, аз мисолу масали бисёр?

Не, чунки зиндагиам мисолу тақдирам масале буд дар ин рӯзгори бесомон ва ун нақле, ки бароят мекунам низ аз

ҳамин мисолу масал аст. – Ва Исмоил инро гуфта, пардохт ба нақл. – Тифле нотоб шуду аз ҳарорати баланд алой мегуфт. Ва ҳини ба худ омадан аз модари сарсахт хоҳиш мекард, ки барояш гӯштбирён ҳозир кунад. Модари бечора, ки дар бисоташ ҳамагӣ панҷоҳ рублак дошт, ночор ба кӯча баромад, ҳарчанд медонист килои гӯшт на камтар аз чорсад рубл аст. Ба бахташ дар роҳ моҳифурӯшеро дид, ки чанд дона моҳии аз дарё доштаашро ҳамел кашида, интизори харидор аст. Моҳифурӯшро аз таваллои зиёд ба бечораҳолии занак раҳм омаду ду дона моҳиро ба панҷоҳ рубл фурӯхт.

Оғози афсона бад не, – гуфт бо табассум Султон. – Лекин бигӯ, ки ин қисса дуру дароз аст?

– Не, не, ҳамагӣ сабаб ҳасту оқибат, вассалом! Ва инак, ту сабабашро аллакай медонӣ, яъне талаби бачаи нотоб ва аз тангдастӣ ба ҷои гӯшт моҳӣ харидани модар.

– Хӯш, сабабашро фаҳмидам, оқибаташ чӣ шуд? – Боз гапро ба ҳазл бурд Султон.

– Сабур бошу гӯш кун, фарзанди инсон ҳарчӣ ёфт аз сабурӣ ёфт, – ҷиддан ҷавоб дод Исмоил. – Ва бидон, ки оқибат модари бечора мисли қаҳрамони ҳама афсонаҳо ба мурод расид.

– Наход? – Табассусм намуд Султон. – Афсонаатро лоақал мувофиқи даври замон рангу бори нав медодӣ.

– Не, ту аввал гӯш кун, ҳоло ба рангу бораш ҳам мерасем … Модар ба хона расида, фавран моҳиро пора кард ва медонӣ чӣ шуд?

Султонро аз ин суол ханда омад ва гуфт:

Моҳӣ ба забон омада таваллo кард, ки ӯро ба дарё андозад.

Надонистӣ! Афсонаи дар бачагӣ аз китоби русӣ хондаатро ёд овардӣ. Ин афсонаи ман нав аст. Афсонае, ки ҳанӯз касе нашунидааст… Ҳеҷ ақлат мегирад, ки аз шиками моҳӣ ангушти одам бароянд ва боз ин ангушт ангуштарини тилло ва ун ангуштарини тилло чашми калони ёқутӣ дошта бошад?.. Ана ин буд оқибат.

Қисса кӯтоҳ модар сарвати худододро фавран ба бой-

бачае фурӯхт ва аҷаб не, ҳоло бо писараш рӯзе ду маҳал гӯштбирён мехӯрад, – Исмоил лаҳзае хомӯш монда бо таассуф сар ҷунбонд. – Ту бошӣ, на ба сабаб имон меорию на ба оқибат. Гумонат фақат сиёсатмадоронро мекушанд? Не, дӯстам, сарватмандонро ҳам мекушанд. Ҳам дар ин ҷо, ҳам дар он ҷо. Барои пул, барои мансаб, барои рӯйпӯш кардани хиёнатҳои ба ҳамдигар раво дида ва боз кимчиҳои дигар, ки онро ақли кӯтоҳи ман намегирад.

Султон, ки аз шунидани «афсона» мутаассир буд, дар тақвияти суханони Исмоил гуфт:

– Ҳамкасбони туро ҳам мекушанд. Дар ҳар гӯшаву канори дунё мекушанд. Чаро? Кӣ? Барои чӣ?.. Касе намедонад.

– Медонанд. Онҳое, ки мекушанд, нағз медонанд барои чӣ, бо супориши кӣ мекушанд. Гумонат Абдуллоро барои мошинаш куштанд? Не, барои рӯйпӯш кардани ким-кадом ҷинояте, ки ӯ тафтишашро ба ӯҳда дошт, куштанд. Мошинашро барои он бурданд, ки кушторро ғорат пиндоранд. Агар муродашон мошин мебуд, метавонистанд ун аробакуҳнаро дар кӯча аз дасташ зада гиранд … Шояд даҳ-понздаҳ сол пештар чунин ҳодисаҳо ваҳмангез ба назар мерасид. Имрӯз ба ҳама чиз одат кардем. Ба куштану оташ задан, тӯфону заминларза, спиду саду як балои дигар. Оқибаташ бахайр бошад …

– Гумонат ин ҳама нишонаҳои қиёмат? – Тахминашро ба забон овард Султон.

– Не, агар гирумони фарзанди инсон ҳамин хел бошад, мебояд то охиршавии дунё боз бисёр бадбахтиҳои дигар бинем, ҷабру ситами зиёд кашем.

Султон ин андешаро аз китобҳои олимон хондааст, аз тақводорон дар суҳбатҳо шунидааст. Ва ҳоло ба чеҳраи гарми Исмоил зеҳн мондаву ба суҳбати тӯлонии ӯ гӯш дода, ҳеҷ пай бурда наметавонад, ки дӯсташ ба кадоми ин тоифа мансуб аст. Олим аст ӯ ё тақводор? Оё барои олимӣ рисолаи илмӣ, барои тақводорӣ панҷ ракат намоз шарт бошад? Агар шарт аст, пас Исмоил на олим асту на тақводор. Пас кист ӯ? Фаҳмишу таҳлилаш аз ҳар тоифа

олим баландтар, фарзу суннатдониаш аз ҳар гуна тақводор волотар аст. Оё шарт аст барои дар ин ё он ришта ҳунарнамоӣ кардан дастпарвару шогирди мактаби ҳамон ҷода бошӣ? Худи ӯ кадом мактаби сармоядорӣ хатм кардааст, ки саду як корчаллони ин кишвари азимро ба қавли Исмоил ба лаби дарё ташна бурда, ташна меорад. Модоме чунин аст, пас чаро ба фаҳмишу таҳлили Исмоил тан намедиҳад? Оё ҳамин Султони бо Исмоил дар баҳсу мунозира фарди замонасоз, одами ба равиши об белзан нест? Пас Исмоил кист? Чаро бо дарду ғами мардум мисли шамъ месӯзад? Ба ҳар гирумони зиндагӣ эроде дораду ба ҳар дард малҳам шудан мехоҳад. Хайр, модоме ҷомеаи демократӣ, давлати ҳуқуқбунёди дунявӣ месозем мегӯянд, бигузор созанд. Ба ту чӣ? Не, ҳатман баҳс мекунаду мисол меорад ва ба дили бе ин ҳам дардмандаш захми тоза мебардорад. Ҳой, мусулмон, ҳунарашон бошад бигузор созанд. Тавонистанд ҳай-ҳай хуб, натавонистанд, боз як давлату сохтори дигар. Не, ин бачаи саробӣ аз кӯдакӣ ҳамин хел хислату хӯ дошт. Ҳаргиз бо лофу газзоф муросо карда наметавонад. Ҳини таҳсил дар донишгоҳ низ ҳолаш ҳамин буд. Гузашта аз факултаи адабиётшиносии худ ба донишгоҳи кишоварзии Султон сару кор дошту баҳс мекард …

Ва Исмоил гӯё аз ин андешаи Султон огоҳ бошад ҷониби дӯсташ бо таассуф сар ҷунбонда гуфт:

– Гирумони олам аз азал ана ҳамин хел лофу газзоф буд. Барои ҳамин ҳам онро дунёи бӯқаламун мегӯянд. Ва ту сармоядори бузург даҳон пур карда, бо ҳамин ҳолу аҳвол ҷомеаи демократӣ месозем мегӯӣ.

Чаро ба ҳама чиз аз нуқтаи назари худат баҳо медиҳӣ?

Ин назари ман нест, андешаи ҷомеасозони бузург аст. Агар дар рӯи олам як тан одам зиндагӣ кунад, метавонад ин ҳаваси фарзанди инсон ҷомаи амал пӯшад. Ҳамин ки ду тан шуд, ҳатман бояд ҳукми яке ба дигаре раво бошад. Модоме чунин аст, пас чӣ тавр давлат бе диктатура буда метавонад?! Ҳатто дар оила ё мард ё зан ҳукм дорад. Агар яке ҳукмрон набошад, оқибати кор анархия аст.

Ба назарам дар ҳама ҷо ҳукми зан равост, – гапро ба ҳазл бурд Султон.

Ин хулосаи ту аз дидаву шунидаҳои ин кишвар аст. Оиладорию ҳукмфармоӣ дар ҳар кишвар ҳарранг сурат мегирад. Аз ҷумла давлатдорӣ низ. Имрӯз анқариб ҳама пас аз парешонию бесомониҳо имон оваранд, ки давлати собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ давлати бад набудааст, давлати адолатхоҳу фуқаропарвар будааст. Афсӯс, ки об аз сар гузашт. Об, ки аз сар гузашт, чӣ як ваҷабу чӣ сад ваҷаб.

Султонро дар дил як зарра ҳаваси ун давлати фуқаропарвар набошад ҳам, ба хотири таскини дӯст иброз дошт:

Бар сари фарзанди одам ҳар чӣ ояд, бигзарад гуфтаанд.

Дуруст, Исмоил ҳам медонад, ки мегузаранд ин рӯзҳо, аммо бе нақш намегузаранд. Ба дилу дида, ба ҷисму ҷон сад ҷароҳат гузошта, мегузаранд. Ва Худо накунад, ки ин ҷароҳат ба фарзандон мерос расаду онҳо низ ҷабру ситам бинанд. Сари ҳамин андеша Исмоилро ёд омад дуои ҳамешагии модар пас аз адои намоз «Худоё, аз балоюю қазои ногаҳон, бори миннати дунон, туҳмати номардон дар паноҳат нигоҳ дор».

Ва Исмоили борҳо таънаву маломатшунида пас аз бо чашми худ дидани туҳмати ноҳақ дарк кард, ки чаро модари муштипараш рӯзе панҷ бор ба даргоҳи Худо илтиҷо мекардааст. Исмоил дид ва шоҳид буд, ки туҳмат дар як лаҳза тақдири одамро сӯхт ва ин инсони дар оташи туҳмат бирён ба дифои шарафи хеш нотавон буд. Ва то имрӯз бовар карда наметавонад, ки одам ба фарзанди одам ба хотири худнамоиву хусумат чунин ҷабрро раво мебинад...

Байну ду теппаи баланд роҳ ва фарҷоми ин роҳ дар ҳудуди теппаҳо сарҳад аст. Сарҳаде, ки манзили аслии зисти тоҷикро қисмат намудааст ва агар имрӯз ба ҳукми тақдир ба ҳамин тоҷик барои тӯю таъзия зарурати сафар афтад, ӯро аввал аз ҳаллоҷӣ, сипас аз ғалбер мегузаронанд.

Ҳамон рӯзи ҳавояш ғуборолуди тирамоҳ Исмоил дар сарҳад аввал мазҳака, сипас фоҷиаро тамошобин буд.

– Барои сарҳадро мошинсавор гузаштан бояд баёнот

нависӣ, – мегуфт кадоме аз рутбадорони сарҳад ба ҷавонмарди ҳисорӣ, ки бар ивази мардикории дусола аз Русия мошинсавор меомад.

– Чӣ хел баёнот? – Баъди ин қадар кишварҳоро убур кардан дами дарвозаи Ватани худ ҳайрон буд ронанда.

Баёноти муқарарӣ ба забони давлатӣ.

Ба забони давлатӣ? – Бештар ҳайрон шуд ронанда.

Ҳа, ба забони давлатӣ, яъне забони ӯзбекӣ, – бо ҳамон оҳанги омирона иброз дошт соҳибрутба.

Инсоф кунед, ман ҳарфе намедонам ба ин забон, – илтиҷо намуд ронанда.

Гуноҳи ман чӣ, ки ту намедонӣ, – китф дарҳам кашид соҳибрутба. – Давлат давлати ҳуқуқбунёди дунявӣ. Коргузориаш комилан ба забони ӯзбекист. Мана қоғазу қалам. Фаҳмо?

Ва ҳанӯз фурсати фаҳмиши талаби намояндаи давлати ҳуқуқбунёд нашуда раҳгузаре ба имдоди ронандаи ҳайрон расиду маслиҳат дод:

Байни ин қоғаз бист доллар гузору бидеҳ, ҷонат халос.

Ва пас аз лаҳзае Исмоил шунид, ки соҳибрутба қоғазро гирифта, бо табассум мегуфт:

– Боз мегӯӣ, ки забони ӯзбекии моро намедонам. О, дупа-дуруст медонистаӣ-ку, додар!

Баробари анҷоми ин мазҳака назди ғовчӯби сарҳад аз ҷониби офтоббаро ҳозир шуд мошине бо чанд тан одамони ҷомабартану тоқидарсар.

Куҷо? – Соҳибрутбаро аллакай табассум дар хами лаб шикаста буд.

– Мурда дорем, ака, – ҷавони газгӯште пеш баромад аз байни онҳо.

Куҷо мебаред?

Ба ватанаш.

Ба кадом ватан?

Ба ватани бобоияш, – гуфт ҷавони газгӯшт бехабар аз кинояи соҳибрутба ва сабаб овард. – Раҳматӣ ҳамин хел васият карда буд. Ғайр аз ин барои сарҳадро убур кардани мо бояд телефон карда бошанд.

Ба кӣ?

Ба сардоратон.

Ин ҷо ман худам сардор, фаҳмо?!

Фаҳмо, ака, – узр овард ҷавони лоғарандом бо андешаи мураккабтар нашудани масъалаи убури сарҳад. – Ин хел бошад, мадад расонед, роҳамон дур.

– Кушо! – Амр намуд соҳибрутба.

– Чиро? – Ҳайрон шуд ҷавони лоғарандом.

– Аввал мурдаро, баъд чархҳои мошинро.

– Чӣ-й? – Гаранг шуд ҷавони лоғарандом.

– Ҳар чизе шунидӣ, – соҳибрутба инро гуфта, ба ду нафар ҳамкоронаш амр намуд. – Шумо мошинро кобед!

– Чӣ мекобед? – Бо ҳайрат пурсид ҷавони лоғарандом.

– Гӯё намедонӣ, – тамасхур намуд соҳибрутба ва ба амраш худаш рӯшанӣ андохт. –Ҳамон чизе, ки мардуми шумо бо ҳар роҳу восита аз сарҳад гузаронида, ба чаҳор гӯшаву канори дунё мебаранд ва даста-даста пул кор мекунанд. Фаҳмо?

Ҷавони лоғарандом муроди соҳибрутбаро фаҳмид ва бовуҷуди таҳқир шуниданаш узромез нарм сабаб овард:

– Мо рӯи мошин мурда дорем, ака, наход ба мо бовар накунед.

– Аввал ин ки ман ба ту ака не, лейтенанти калон Бойбӯсинов. Фаҳмо? Дуввум ин ки, шахсан ман, на ба мурдаи шумоён боварӣ дораму на ба зиндаатон, – ва гӯё ин таҳқир кам буд, ки лейтенанти калон бо валвалаи бештаре афзуд. – Аз дасти шумо одамхӯрҳо ҳар … хӯрӣ меояд.

Шояд аз ин таҳқир ҷавони лоғарандомро тоқат шикаст, ки ғазабашро зери лабу дандон ба забон овард:

Аблаҳ.

Чӣ гуфтӣ? – Бо дағдағаи бештаре ба ҷавони лоғарандом наздик шуд лейтенанти калон. – Ман ба ту дохунда нишон медиҳам аблаҳро! – Ӯ инро гуфта, ба нӯкаронаш, ки мошини тобутдорро тагурӯ мекарданд, амр намуд. – Ҳамин маҳмадоноро кобед, аз морбозиаш маълум, ки ягон бало дорад.

Ва ҳамкорони лейтенанти калон ҳини кофту коб чолокона чӣ ҳунаре ба харҷ доданд, ки аз кисаи ҷавони лоғарандом қуттии сигарет ва аз даруни қуттии сигарет кулчаи сақич барин афюни салафанпеч баромад...

Султон ба нақли аз Исмоил шунидааш имон наоварда пурсид:

– Ту ин мазҳакаву фоҷиаро бо ҷашми худ дидӣ?

– Ягон бор дурӯғ гуфтанамро шунида будӣ?

– Нашунидаам, лекин ақлам намегирад, ки инсон ба инсон чунин муносибат мекарда бошад.

– Ҳоло инсон ба хотири луқмаи ҳаром, ба хотири худнамоию ҳукмфармоӣ ба ҳама кор қодир аст. Аз ҳама аҷибаш ин ки ҳамин тиҳимағзу ҳаромхӯрҳо имрӯз тақдирсози ҷомеаянд.

– Ҳамин хел ҳарф мезанӣ, гӯё дар ин олам ҳама ҳаромхӯр бошанд, – гуфт Султон аз суханони таҳдори Исмоил маънӣ бардошта.

– Не, шукри Худо, дасту дили пок ва луқмаи ҳалол бештар аст. Вагарна кайҳо ба тавбаи умум ҳоҷат намемонд. – Исмоил бо андешаи таскини дӯст илова кард: – Ту, Султон, ҳар чизе мегӯям, мисли девори намкаш ҷониби худат накаш. Инсон бояд дарду аламҳои дар дил гиреҳхӯрдаро гоҳ-гоҳ ифшо кунад, вагарна дилашро аз пӯлод гудохта бошанд ҳам, тоб намеорад ба ун ғаму ситамҳое, ки аз атрофиён ва гирумони замона мерасад. Магар луқмаи аз тороҷи орду равғани хайрия, аз нафақаи беваю бечора насибгашта ҳалол аст? – Исмоил дид, ки дар ҷавоб Султон хомӯш аст, худ посух дод. – Аз гӯшти хук ҳам ҳаромтар аст!

Исмоил дидааст, шунидааст ва медонад, ки бисёр ҳаннотону ҷаллобон аз парешонию носомонии ҷомеа истифода карда он қадар қасрҳои боҳашамату чашмгир сохтанд, ки амирони манғит дар хоби шабашон ҳам надида буданд. Ба қавли мунаққидони адабиёту муҳақиқони таърих ун ҳама салтанати амирон аз ҳисоби ғорати мулку хуни халқи мазлум буд. Ва имрӯз ин сарвати беҳисобу қасрҳои муҳташам аз ҳисоби кисту чист? Чаро нафаре на-

мепурсад, ки ин манзилҳои бисёрқабатаву хизматгорон, даста-даста муҳофизон ва бо мансабдорону авбошон рӯзе се маҳал дар тарабхонаҳои хоссаи шаҳр фароғат кардан аз кадом ҳисоб аст?! Ва Худо накарда ин тоифаро дузду ғоратгар гӯӣ, рӯзи дигар пайи қадамат рӯфта мешавад. Чунон мерӯбанд, ки дар пайдо кардани нақши ҷиноят ҳатто Шерлак Холмс дармемонад.

– Бо ин тоифаи мардум ҳар рӯз рӯ ба рӯ меоӣ?

– Бо кадом тоифа? – Суоли Султонро дарк накарда, пурсид Исмоил.

– Ҳамонҳое, ки луқмаи ҳаром мехӯранд.

– Шукри Худо, ки кам дар кам мебинам, лекин ин ашхосро моҳе як бор бинӣ ҳам соле дард мекашӣ, алам мебинӣ.

– Тоқат кун, – панд хонд Исмоилро Султон ва бо ҳазл афзуд. – Ба қавли худат ҳама чизро ибтидову интиҳоест.

– Аҷиб, ибтидову интиҳоро бин, – аз таскини дӯст бишукуфт Исмоил. – Дарёҳо аз барфу пиряхи қуллаҳо покизаву зулол ибтидо мегиранд. Ҳамин ки ба водиҳо расиданд, то андозае олуда ва дар шаҳрҳои азим билкул ҳаром мешаванд. Ана мантиқи зиндагӣ ва як бурда нони ҳалол хӯрдан.

– Дуруст, дар зиндагӣ нони ҳалол хӯрдан ҳунари ҳар кас нест, – сухани Исмоилро қувват дод Султон. – Лекин ту дар бораи худат, зиндагиат ягон бор фикр кардӣ?

– Аз пуркорӣ фурсат надоштам, – гапро ба ҳазл бурд Исмоил.

– Ҳамин зиндагие, ки дорӣ, магар зиндагист? Аз субҳ то шом бо ташвиши як бурда нон умр ба сар бурдан зиндагӣ не, рӯзгузаронӣ асту бас.

Маломати Исмоил оҳанги ғамхорона дошта бошад ҳам, Султонро сахт расид.

– Офарин, тайи ду рӯз бори аввал пурмаъно гуфтӣ. Лекин бигӯ ташвишҳои беохири ту баҳри чист? Баҳри мактабу мадраса сохтан ё одамонро аз гуруснагӣ наҷот додан? Агар ҳа, чаро мардум сабӯс мехӯранду ту коняки хориҷӣ. Агар не, пас зиндагии ту ҳам мисли зиндагии ман

рӯзгузаронист. Одамон дар беморхонаҳо аз бедармонӣ, кӯдакон дар сағирахонаҳо аз беғизоӣ мемуранд. Шумо бо саду як роҳу восита бо номи тиҷорат меғундореду меғундоред. Барои он меғундоред, ки оқибат мисли тиллои Бухоро бо ду дасти адаб бароварда ба дигарон супоред?

– Ман Файзулло Хоҷаев не, – гуфт бо тамасхур Султон ба қадаҳ коняк рехта. – Ҳар чизе дораму меғундорам, мисли ин коняк бо аҳли байт ва дӯстонам мехӯрам.

– Гумони Файзулло Хоҷаев низ ҳамин буд, ки фарзандонаш мехӯранду Бухоро обод мешавад. Аммо аз он мероси бобоӣ қасри дигар шаҳрҳо обод шуду Бухоро аз даст рафт.

– Хайрият аз даст рафта будааст, – писханд зад Султон. – Вагарна имрӯз дарбори Олӣ Сомон низ оташ мегирифту мардумаш мисли мо ба чаҳор канори дунё гуреза мешуд.

– Ғалат кардӣ, шаҳре ки фарҳанг дораду суннат ҳеҷ гоҳ оташ намегирад. Суннат посбону маърифат имон аст. Ҷангу оташи мулки мо дар ҳама давру замон кори дигарон буд. Имрӯз ҳам аз дасти дигарон аст. Ҳарчанд ман Исмоилу ту Султонӣ, лекин Исмоили Сомониву Султон Маҳмуди Ғазнавӣ нестем.

– Хайрият Султон Маҳмуд нестам, – гуфт бо ҳазл Султон. –Вагарна мардум бо нафрат ёдам мекарданд.

– Хотирҷамъ бош фардо низ Султонҳоро ёд хоҳанд кард, – ҷиддан таъкид кард Исмоил ва афзуд. – Дониста бош, ба қавли ту додар бародар, падар писар кушта бошад ҳам, тоҷик бадхоҳу ҷангҷӯ нест. Ҳастанд дар ҷаҳон қувваҳое, ки ҳукмрони ҳама баҳру бар будан мехоҳанд. Бо ҳамин мурод бо ҳар роҳу восита роҳ мейбанд ба ин ё он кишвар. Онҳо доноянд. Ҳо-о, эшон, чунон доноянд, ки агар зарурат афтад, иблисро сабақ медиҳанд. Ана ҳамин соҳибҳунарон ба кишвари ману ту низ роҳ ёфтанду оқибати кор дойра навохтанд ва мо бехабар аз муроди базм ҳай рақсидему мерақсем… Гумонат як давлати абарқудрати дунёро аз байн бурдан осон буд? Не, кори саҳл набуд, ҳар гуна силоҳу қудрат кора намекард, лекин

аз шавқи рақс ҳамагон бехабар мондем, ки ун давлати абарқудрат куҷо шуд.

– Тавонистанд, қандашона хӯранд, – иқрор овард Султон.

– Коми тую ҳаммаслаконат шуд, – неш зад Султонро Исмоил ва лаҳзае ба андеша рафта, Хоҷа Ҳофизро ёд овард:

*Ман аз бегонагон ҳаргиз нанолам,*
*Ки бо ман ҳарчӣ кард, он ошно кард…*

Султон аз ҷой бархеста, назди Исмоил омад ва дар як даст қадаҳу бо дасти дигар ӯро гардан гирифта, хоҳиш намуд:

– Биё ҳамин қадаҳро барои нобиғаи сухан лисонулғайб Ҳофиз нӯшем, ки ҳолу фоли ману туро гуфтааст:

*Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон ғам махӯр,*
*Кулбаи эҳзон шавад рӯзе гулистон ғам махӯр.*

Исмоил низ бо ҳавас Султонро ҳамовоз шуд:

*– Ҳон машав навмед, чун воқиф наӣ аз сирри ғайб,*
*Бошад андар парда бозиҳои пинҳон ғам махӯр.*

Ва баробари бо шавқ аз ҷой бархестан Исмоилро панҷае қабза зад ба дил. Аз ин қабза ӯро мадор аз по, ранг аз рӯй парид ва Султон бо ташвиш пурсид:

Ба ту чӣ шуд?

Ҳеҷ чиз, – бо кафи даст қафаси сина соиш дода, ба ҷои коняк як ҳабб доруи зард ба даҳон партофт Исмоил. – Гоҳгоҳ ҳамин хел ҳушдор дода, таъкид мекунад, ки ғофил набошам.

Сахт хала зад? – Аз ранг паридани Исмоил ба ташвиш афтода ғамхорона пурсид Султон.

Хала не, ханҷар мезанад, – иқрор овард Исмоил ба дарди хеш. – Ва метарсам, ки рӯзе дар роҳи равон мекушад.

Тани гарм бедард намешавад. – ӯро таскин дод Султон ва бо ҳазл афзуд. – Ту дили бузург дорӣ, он ба ҳар дарду бало тоб меорад. Ва боз... ба қавли худат марг давоми зиндагист. Мудоме чунин аст, чӣ ҷои тарсу ҳаррос.

Аввал ин ки ун андеша қавли ман не, сухани кадомин файласуфи бузург аст. Сониян тарсам аз марг не, аз бевасият рӯи раҳ мурдан аст.

Оббо, ҳамин ҳам гап шуду, – нигоҳи пурмеҳри Султон ба чеҳраи аз шиддати дард рангпаридаи Исмоил нишаст.

Ҳа, Султон, дард кашида, рӯи бистар, дар ҳалқаи аҳли байт мурдан давлат аст.

Хайр, файласуф, ба фарзандон чӣ васият кардан мехостӣ, ки аз бевасият мурдан ин қадар тарс дорӣ? – Боз гапро бар ҳазл бурд Султон.

Васият мекардам, ки болои гӯрам санги дарёи Варзоб монанд ва дар ин санг байте катиба кунанд.

Аз ин посух Султонро ханда омад ва дар лаб табассум иброз намуд:

Саҳл будааст-ку, ман гумон кардам, санги хорои Бадахшон талаб дорӣ.

Не, санги хорову лаъли Бадахшон барои қасру катибаи гӯри дигарон аст. Ба ман санги дарёи Варзобу як байти дар Сароб шунидаам бас аст.

– Хӯш, чӣ байт будааст? Ал-ваъдаву дайн агар аз ту барвақттар намурам, ман ин васиятро ба ҷо меорам.

– Ман дар ватани худ мурдан мехоҳам. Ту онро кайҳо тарк кардаӣ ва ба назарам андешаи бозгашт надорӣ.

– Агар зинда бошам ба хотири катибаи санги мазори ту меоям. Бигӯ чӣ байте нависам? Аз Рӯдакӣ, Ҳофиз ё худ Бедил?

Не, як байтаки аз модар шунидаам кифоя.

*Ман мемурамо ду гӯр кобед бари ман,*
*Як гӯр бари ҳавасому як гӯр бари ман.*

Султони тайи муколама бо ҳазл сухангӯро аз ин байти

дардолуд гиреҳ афтод байни абрӯ. Гӯё санги осиёи Сароб ба дилаш нишаст ва аз вазни он хаставу ошуфта пурсид:

– Исмоил, ту, дар зиндагӣ ба ҷуз дарду ғам ягон гуфтании дигаре дорӣ ё не?

Бовар кун, ба ҷуз ин сарват дигар матое надорам.

Ҳушёр шав, чашм кушову ба атрофат нигар. Ин дунёву гирумонаш дурӯза гап аст. Аз хушиҳояш бояд баҳра бурд. Аз дарду ғамаш камтар андеша кун, ки бе ин ҳам мо …

– Чӣ метавон кард вақте тору пути андешааамро аз ғам бофтанду тақдират ҳамин гуфтанд, – Исмоил дар лаб табассуми дародуд ҳавас кард. – Боз мехоҳам болои қабрам сарве бирӯяд.

Ба рамзи зебоӣ?

Не, ба рамзи бесамарӣ ва худнамоӣ. Мо ҳама бехабар аз бесамариҳои хеш умре худнамоӣ мекунем. Аз ҳосили мо ва амали неки мо кам дар кам баҳра мебаранд.

Ҳама ин дарду аламро дар дилат гиреҳ накарда, навис, китоб кун, шояд ғамат камтар шавад.

Кардам, нашуд, баръакс дардам афзун шуд.

Султон гумон кард Исмоил барои лутфи сухан гуфт китобу рӯзафзунии дардро. Дар асл Исмоил ҷиддӣ мегуфт. Барои навиштаҳояш борҳо дар ҷаласаи хоссаи Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунист муҳокима, зиёда аз он таҳқир шунидааст, ҳарчанд дар узвияти ин ҳизб набуд. Ва боз аз ҳар гӯшаву канор ҳар тоифа одамон домангиру қасддораш буданд аз он навиштаҳо худро шинохта. Ба бузургтарин муқаддасоти оламу одам қасам хӯрда мегуфт, ки шуморо надидааму намешиносам, аммо эшон бо ғазабу таҳдид мегуфтанд, ки моро таҳқир кардию шарманда… Ва боз буданд ҳамкорони бадхоҳ, ки ба ашхоси шинохтаву мансабдор қиссаву ҳикояро фелетон маънидод карда, ҳушдор медоданд, ки манзураш шумоед, фақат исми одаму номи маҳал дигар асту бас. Ба ин васила тавонистанд барои Исмоил дӯстро душман гардонанд.

– Ҳоло ман ҳам душман дорам гӯй, – аз тафсири китобнависию душмандории Исмоил Султонро аҷаб омад.

Бе душман фақат худи Аллоҳ аст, – посух дод Исмоил.

Не, ӯ ҳам душман дорад, – Султон инро гуфта, зарбулмасали халқиро ёд овард. – Дурӯғгӯ душмани Худост.

Ин хел бошад имрӯз сафи душманони Худо чунон зиёд шуд, ки ба қавли файзободиҳо ҳисобаш гум.

Яъне? – Сарфаҳм нарафт Султон ба суханони сарбастаи Исмоил.

Дар ин давра он қадар китобҳои пур аз лофу газзоф, дурӯғу бӯҳтон навишта шуд, ки дар ҳеҷ давру замон нанигошта буданд, – шарҳ дод Исмоил. – Ин китобро ҳамонҳое менависанд, ки ба сари халқ чунин рӯзгорро таҳмил карданд. Ва боз имрӯз ҳама сармоядорон соҳибқаламанд. Ҳар чизе хоҳанд менависанд. Кию чикора будани момою бобокалонашонро, бо кӣ дар куҷо қурутоб хӯрданашон ва ба ҳамин монанд боз ким-чиҳои дигарро китобҳои дуҷилдаю сеҷилда карда менависанд. Ҳатто бузургтарин дастоварди фарҳанг – шеър бозорӣ шуд. Ҳастанд ашхосе, ки забони модариашонро намедонанд, лекин бо аксҳои мутафаккирона шеърашон дар рӯзномаҳо чоп мешавад. Рӯзномаҳо ин корро ба хотири пул ба ҷо меоранд.

Ту бошӣ дард, иллат, миллат гуфта маро рӯз намедиҳӣ, – лабханд намуд Султон.

Не, рӯзномаҳо ба ҷуз тарғиби ашхоси дорову фарзандони онҳо дарду алами мардумро низ чоп мекунанд. Баъзан чунон дардҳое чоп мекунанд, ки дилат санг бошад ҳам меноладу об мешавад. Ба фикрам моҳи гузашта буд хондам, ки одам мефурӯшанд.

Чӣ-й? – Бо ҳайрат аз ҷой хест Султон.

Ҳайрон нашав, аз ночорӣ мисли давраи ғуломдорӣ фарзанд мефурӯшанд. Хондам, ки як марди деҳқон ду писари ноболиғашро ба дари хонаи дорое оварда бар ивази ду халта орд гузошта рафтанӣ шуд. Фарзандон мақсади падарро фаҳмида, тавалло карданд, ки ту моро партофта нарав, отаҷон, ба ту дигар нон деҳ намегӯем, моро пеши очаамон бар, – Исмоил инро гуфта, оҳи бадарде кашид. – Ана ба ту аз ғуломиҳо вораста ба озодиҳо расидан.

Султон аз шунидани ин гап муддате ҳайрон монд. Наход кишваре, ки ҳар хонаводааш даҳ-дувоздаҳ фарзанд ва

ин хонавода сол андар миён тӯю тамошо дошт, ба чунин ҳол расида бошад, ки фарзанди дилбандашро бар ивази як халта орд фурӯшад?.. Шояд Исмоил муҳобот мекунад? Не, ин амал барои ӯ бегона аст. Ҳатто навиштаҳояш аз иғрок орианд, ҳарчанд дар ҳама жанри адабӣ ин амал роиҷу равост.

Султон бо нияти чизе пурсидан ба Исмоил рӯ оварда, ӯро боз даст дар қафаси сина дид, ки лаб зери дандон гирифта нарм-нарм соиш медиҳад. Ва боз бо таваҷҷуҳи бештаре дид, ки Исмоилро гирди чашм мисли нақши сурма ду ҳалқаи сиёҳ дорад. Султонро ба ҳоли дӯст дил сӯхту тунд гуфт:

Хайр ба мани бепарвои миллат раҳме надорӣ, лоақал ба худат раҳм кун.

Чӣ кунам?

Одам барин табобат кун. Ҷони сабил пудина не, ки ҳар баҳор лаби ҷӯйбор сабзад.

Исмоил ба ҷои ҷавоб суол кард:

– Султон ҳамон мӯйсафеди шаҳристониро ёд дорӣ, ки барои ману ту гӯсфанд кушта буд?

Кадомашро? – Пурсид Султон ва бо табассум илова кард. – Ба назарам ҳар боре ба Шаҳристон меомадӣ, барои ту гӯсфанд мекуштанд.

Ва албатта, бо амри ту мекуштанд. Ман ҳамон мӯйсафедеро дар назар дорам, ки ба ману ту хӯрдани дилу ҷигари гӯсфанди куштаашро иҷозат надода буд.

Ёд надорам, – иқрор овард Султон.

Аммо маро сахт дар ёд мондааст. Ӯ барои он ба мо иҷозат надод, ки ҷигари гӯсфанд панҷ захм дошт. Ин захму ҷароҳат аз он будааст, ки пеши чашми ҷонвар панҷ барраи навзодашро сар бурида буданд … Ва ҳоло пас аз чандин баҳору хазонрез ҳамон мӯйсафеди шаҳристониро ёд оварда фикр мекунам, ки дар дилу ҷигари модари тоҷик аз ин даҳшату кушторҳо чӣ қадар захму ҷароҳат нишаста бошад?

Султонро аз ин ҳарфу дард нафас танг омад ва бетоқат аз ҷой хеста гуфт:

– Ба номи Худо қасам, агар як рӯзи дигар аз дарду ғам

ҳамин хел сӯҳбат кунӣ, маро ҳам ба сактаи дил гирифтор карданат аниқ.

Исмоил дар ҷавоб хомӯш монд. Шояд дарди дилаш боз хурӯҷ кард, ки аз ҳамон доруи зард як ҳабб ба даҳон пар-тофта, бо чойи сард фурӯ бурд.

– Биё, духтур даъват кунам, муоина мекунад, агар зарурат бошад, табобат мефармояд.

– Ёрии таъҷилӣ даъват мекунӣ ё духтури шахсӣ?

– Фарқаш чӣ? Ба назарам ту ҳеҷ гоҳ бекиноя гап зада наметавонӣ.

– Не, чаро. Ба он хотир пурсидам, ки хизмати ёрии таъҷилии ин шаҳр низ мисли Душанбе бошад, ҳоҷат ба даъват нест. Мошинашон ҳеҷ гоҳ бензин надорад. Ва агар бо амри тасодуф дошта бошад ҳам, то ба сари бемор расидани ун мошин маризи сактаи дилро ба манзили охират монда меоянд.

– Хайр, агар ёрии таъҷилӣ нахоҳӣ, духтури шинос даъват мекунам.

– Чаро хоксорӣ мекунӣ. Мисли дигарон бо ифтихор духтури шахсӣ бигӯ.

– Гуфтам-ку рафиқам.

– Не, Султон ба ҳамагон имрӯз танҳо пул рафиқ аст, ба хусус дар ин кишвар. Мисли даврони салтанати аморати Бухоро аз рӯбучини хона то боғчабарии фарзандонро хизматгорон ба ҷо меоранд. Ҳатто устодони варзиши байналхалқӣ дар даст силоҳ шабу рӯз остонаи хонаатонро посбонӣ мекунанд.

– Биё мон ҳамин таънаву маломатҳои беҳударо, – эрод гирифт Султон. – Наход дар қабзаи дард ҳам дигар гапи гуфтанӣ надошта бошӣ?

– Парво накун, ба дард одат кардааст ин дили ранҷури ман. Ба ҳар чизе одат кардӣ, хоҳу нохоҳ хӯ мегирию тоб меоварӣ, – Исмоил инро гуфта, пардохт ба маънидоди ун ифтихоре, ки Султон таънаву маломат пиндошт. – Бовар кун, сармоядориву фароғати маҳрамхонаҳо дар ҳамон замони рукуду барҷомондагӣ низ боиси ифтихор буд. Фақат ҳамин қадар, ки ин амалу ифтихор барои доираи хосса

маҳрамона буд. Имрӯз бошад бо номи ҷомеаи демократӣ ғорату сармоядорӣ рӯшод ва боиси ифтихори ҳамагон шуд. Ифтихор аз дуздӣ, ифтихор аз ҳаромхӯрӣ, ифтихор ҳатто аз танфурӯшӣ …

– Ҳама ин дардҳои бедармони ҷомеа аст. Чаро худатро ин қадар беҳуда силу зардоб мекунӣ. Наход танҳо ту доно бошию дигарон ҳама аблаҳ.

– Не, ба назарам аблаҳ манам, ки дар ғами ким-чиҳои беҳуда побандаму ба ҷое намерасам.

Хайрият иқрор овардӣ, – табассум намуд Султон.

Ба аблаҳиям?

Не, ба беҳуда ғам хӯрда, худатро бо тадриҷ куштанат, – посух дод Султон.

Банда миранда аст. Дар ин ҷаҳон касе шоҳсутун нашудааст ва нахоҳад шуд, ба ҷуз худаш, ки ин оламу одам офарид. Дер аст ё барвақт ҳама мемиранд. Аммо асрори ин офаринишу зиндагиро надониста мурдан даҳшат аст. Даҳшате, ки на ҳар кас мефаҳмад.

Ҳама чизро донистани бандаи хокӣ шарт набудагист, – гуфт Султон ва мисол овард. – Ҳатто Хайём барин аллома дар ин ҷода дармонда гуфт, ки асрори азалро на ту дониву на ман.

Лекин ӯ боз гуфт, ки: – Гар бар фалакам даст будӣ чун Яздон …

Султон ҳини қироати рубоӣ лаҳза ба лаҳза аз чеҳраи Исмоил ранг париданро ба мушоҳида гирифта ғамхорона пурсид:

Рост бигӯ, сахт дард мекунад?

Чӣ? – Гулпурсӣ кард Исмоил.

Дилат.

Саҳл. Бовар кун, дар ин зиндагӣ ҳама чиз саҳл аст. Ҳатто дарду марг.

Ба назарам аз дарди дил шикоят надоштӣ. Чӣ шуд, ки …

Не, саҳв кардӣ, Султон. Аз он рӯзе, ки ба олам чашм кушодаму фаҳмидам, ки дил дорам, дард мекунад, дард… Гӯё дилам мисли ҷасади падарам дар дараи Шамшод зери тарма монда бошад. Шояд раҳо меёфт, аммо Ҳамид Нурӣ

дубора зери тарма кард. Сипас дигарон бо навбат ҳар ҳунаре доштанд, ба харҷ доданд.

Ҳой, файласуф, ҳеҷ медонӣ, ки …

Бале, медонам, – пеши сухани Султонро гирифт Исмоил. – Бо фиғони худу дарди дигарон ба дунё омадем ва бо фиғони дигарону дарди худ меравем.

Биё ҳардамхаёлиро мону орзуҳои нек кун. Фариштаҳо ба ҳар нияте хоҳ нек асту хоҳ бад омин мегӯянд.

Султон медонӣ инсон умре дар орзуи чӣ буд?

Доройӣ? – Гапро ба ҳазл бурданӣ шуд Султон.

Ин орзуи туст, лекин фарзанди покгуҳари инсон орзуи волотаре дорад.

Хайр ун орзуи аз ҳама орзуҳо волотар чӣ будааст, ки ақли кӯтаҳи ман ба гарди доманаш намерасад? – То андозае кинояомез изҳор дошт Султон.

Агар донистан хоҳӣ, аслан, дар ибтидо ин орзу орзуи худи ҳазрати Одам буд. Барои ҳамин орзуяш аз ҷаннат ронда шуд.

Намедонам ба ту бовар кунам ё ба қиссаву ривоятҳои шунидаам, – бо табассум иброз дошт Султон. – Шунида будам, ки барои донаи гандум ё себ …

Не-не, себу гандум баҳона буд, – сухани ӯро бурид Исмоил. – Баҳонаи орзуи ҳазрати Одам.

Ваҳ! – Беихтиёр нидо кард Султон ва бо киноя пурсид. – Ин чӣ орзуе буд, ки бобокалонамон ба хотири он ҷаннатро пешпо заданд?

Озодӣ, – андешаманд посух дод Исмоил.

Озодӣ?

Ҳа, озодӣ. Ҳамон озодие, ки фарзанди инсон ҳеҷ гоҳ расида наметавонад. Озодӣ дар ҳама давру замон ҳавас буду ҳавас мемонад.

Аҳли башарро бо ченаки ману худат чен накун. Ҳама кишварҳо мисли кишвари мо қашшоқу мардумаш бенаво нест. Ҳастанд кишварҳое, ки кайҳо ба озодию ободиҳо расида, ҷомеаи демократӣ сохтанд. Озод мегӯянду мешунаванд ва …

Сабр кун, – аз сухан Султонро боз дошт Исмоил ва пурсид. – Оё медонӣ худи ҳамин демократия чист?

Худоё ин қадар маро мисли бачаи мактабхон имтиҳон кардӣ? Оё медонӣ, оё мефаҳмӣ … Кифоя будагист донистану фаҳмиданам. Наход ба ҷуз ҳамин баҳсу мунозираи беҳуда дигар чизи гуфтанию фаҳмиданӣ набошад?

Хайр, бигӯ, пешниҳод аз ту пазируфтан аз ман.

Агар розӣ бошӣ, ба ягон тарабхона меравем. Ту мешавӣ соқӣ, банда бодапаймо.

Исмоил хост дар ҷавоб бигӯяд соқигие, ки дар як тарабхона кардам, ба ҳафт пуштам бас аст, аммо бо андешаи он ки тарабхонаҳои Москва тарабхонаҳои Душанбе нестанд, соҳиб доранду назорат аз ибрози ин сухан худдорӣ намуд…

Ҳамон рӯз Исмоилро ба ҷону ҳолаш намонда ба тарабхонае бурданд, ки тӯйи суннатии фарзанди яккаву ягонаи кадоме аз рафиқон буд. Баробари ҳозир гардидан ба сараш бор карданд сарварии маъракаро. Ба хотири хуш гузаштани маърака ва болидагии табъи меҳмонон ҳар ҳунаре дошт дар ин ҷода ба харҷ дод. Ҳофиз – ҷавони болобаланди хушсадо сурудҳое мехонд, ки пиру барно ташвишҳои рӯзгорро ба фаромӯшиҳо дода, баробари раққосаи хушхиром покӯбон арғушт мерафтанд. Ва айни авҷи ҳамин рақсу суруд се-чор нафар ҷавонони силоҳбадасту филпайкар вориди тарабхона шуданд. Ҳама гумон карданд меҳмонанду дер ба маърака расидаанд. Аммо меҳмонҳо баробари сурудро ба поён расонидани ҳофиз наздаш ҳозир гардида, амр карданд:

– Пеш даро, сағира!

– Ба куҷо, ака? – Ҳуш аз сару ранг аз рӯ парид ҳофизро.

– Ба базми дигар, – силоҳбадаст инро гуфта, ҷониби раққоса ишора намуд. – Ин ойимчаро ҳам бигир.

Ин ҷо тӯйхона, ака, – бечуръатона забон хоид ҳофиз.

Чӣ гумонат мо туро ба мурдахона мебарем, сағира? – Гуфт дар ҷавоб силоҳбадаст ва бо оҳанги омирона шӯрид. – Ку, зудтар тақутуқата ғундор!

Исмоили аз ин муомила музтару ҳайрон бо нияти ба адлу инсоф овардани силоҳбадастон ба ҳамоне, ки пай дар пай амр мекард, муроҷиат намуд:

Додар, ҳар одам бо орзую умед тӯй мекунад, тӯйро вайрон кардан хуб нест.

Ту худат кистӣ? – Ба ҷои инсоф бо таҳдид пурсид силоҳбадаст.

Ин кас шоир, сухангӯю садри маърака, – ба умеди нарм кардани дили меҳмони нохонда байн даромад кадоме аз ҳозирин.

Сухангӯят чӣ гуфтанӣ гап?

Ва боз ҳамон шахс бо умедвории бештаре вазифа ва манзалати раиси маъракаро фаҳмонд.

– Ин хел бошад, ту ҳам бо мо меравӣ, лозим шавад байт-майт мехонӣ.

– Ман ҳеҷ куҷо намеравам! – Бо қатъият изҳор намуд Исмоил.

– Чӣ-ӣ?! – Аз ғазаб дуд кард силоҳбадасти филпайкар ва сари ҳамин хашм бо қундаи мусалсал ба китфи Исмоил чунон зад, ки агар ҳофизи болобаланд такядор намешуд, калавида рӯи фарш афтиданаш аниқ буд.

Ҳамин тавр ҳофизу раққоса ва Исмоилро бо дӯғу пӯписа ва таҳдиди силоҳ ба мошин савор карданд. Касе намедонист, ки онҳоро куҷо мебаранд ва аз тарс ҷуръати пурсидан ҳам надоштанд.

Тақрибан пас аз ним соат роҳ паймудан ба деҳае расиданд. Гумони ҳамагон ин буд, ки куҷое тӯй ҳасту ин гирумон ба хотири хизмат аст. Аммо онҳоро назди манзили беодам аз мошин фуроварда, пушти иморате бурданд, ки он ҷо ҳаммомии ҳавздор буд. Дар фароғатхонаи ҳаммом чанд нафар ҷавонмардони дар ҷусса аз ин силоҳбадастон ҳам қавитар ба сачоқҳои дарозу сербар печида менишастанд.

– Овардам шеф, – баробари аз дар ворид шудан мужда расонд ҳамоне, ки бо кундаи мусалсал Исмоили саркашро танбеҳ дода буд.

– Шиносҳои худат?

– Ҳа, кофта-кофта аз тӯйхона ёфтам, – инро гуфта, бо дурӯғи маҳз афзуд. – Ҳамин ки тӯй тамом шуд, гирифтаму омадам.

– Хуб кардӣ. Хуш омадед, меҳмонони азиз, – қаноатманд аз ҷой бархест шеф бо муомилаи хуш Исмоилро дар ҳайрат гузошта ва боз Исмоил бо ҳайрати бештаре шунид, ки шеф мегуфт. – Шумо гули сари сабади ҷамъиятед. Камтар ҳофизӣ кунед, бачаҳо дам гиранд.

– Бо ҷону дил, – шояд аз тарс буд, ки ҳофиз фавран торро ба даст гирифта, бо ангуштони саҳле ларзон ба ҷўр кардани он пардохт.

– Қодир, – шеф бо ҳамоне ки Исмоилу шариконашро ин ҷо оварда буд, муроҷиат кард. – Баъди обу зиёфат ҳамаашонро хона ба хона бурда мемонӣ. Фаҳмо?

Исмоил ба тахмини худ – гўё ин истироҳату ҳофизӣ барои шеф бошад, ғалат кард. Шеф – ҷавонмарди болобаланду сурхинарў ба онҳое, ки ҳофиз оварда буданд, чанд супориши дигар дода, бо ду-се нафар аз паи коре рафт. Дар ҳаммом сари дастурхони пур аз нозу неъмат Қодир бо ду-се шарикон танҳо монд ва ҷангалро бе шери жаён дида, ба ҳофиз амр кард.

– Сар кун, сағира! – Вай як бутил арақро ба чаҳор пиёла баробар рехта, таъкид кард. – Аз ҳамун зўраш бигир. – Ва гўё акнун ҳузури Исмоилу раққосаро пай бурда бошад гуфт: – Ку шумо ҳам сари дастурхон шинед, дам мегирем.

Исмоил ёд надорад «истироҳат» чӣ қадар давом кард. Ҳофизи болобаланд суруд пайи суруд мехонд. Қодиру ҳаммаслаконаш бутул аз паси бутул холӣ мекарданд. Бо хоҳишу ташвиқи онҳо дар ин амал раққоса низ шарик гардида, аз хушгўию кафкўбиҳои одамони сархуш лаҳза ба лаҳза мешукуфт. Қодирро пас аз хеле суруд шунидану аз хироми раққоса шукуфтанҳо назар ба Исмоил афтода гуфт:

– Ту чӣ ин қадар ҷигот андохта нишастаӣ? Бинўш, дам бигир!

Исмоил дар ҷавоб чизе нагуфта, чашм ба шифт дўхт.

– Ҳой, муаллим, хез ту ҳам ягон ҳунар нишон деҳ! – Дар даст як бурда гўшту пиёлаи арақ пеш омад Қодир.

– Ман ҳунаре надорам.

– Дурўғ мегўӣ. Дар тўйхона гуфтанд, ки байтхониро медонӣ. Ку, аз ҳамун зўри зўраш ду-сета хон!

– Ман манқурт нестам, ки бо амр дар ҳаммом шеър хонам, – бедимоғ посух дод Исмоил.

Чӣ гуфтӣ? – Қодир калавида паҳлӯи Исмоил нишаст. – Манқурт гуфтанат чӣ маънӣ дорад?

Исмоил бо андешаи шояд кора кунад, ба Қодиру ҳаммаслаконаш бо тафсил кӣ будани манқурту чӣ амал доштани ӯро фаҳмонд.

– Ҳоло ба сари манқурт пӯсти шутур кашида, рӯғани ҷӯш мерезанд гӯй, – қариб ки айнан суханони Исмоилро такрор кард Қодир ва ин лаҳза гӯё чизе ба ёдаш расид, ки фарёд кард. – Ҳой, Ориф, дар ҳамин қишлоқ шутур ҳаст?

– Шутура чӣ мекунӣ?

– Мекушему пӯсташа бо рӯғани ҷӯш ба сари муаллим мекашем. Ана баъд ба мо байт мехонад.

– Чӣ пӯсти гӯсфанд намешавад? – Мастомаст пурсид Ориф бехабар аз нафрату ғазаби Қодир.

– Не, намешавад, барои ин муаллим шутури маст даркор, каллаи вай калону мағзаш бисёр, зӯри гӯсфанд намерасад…

Ва хайрият ба бахти Исмоил ҳанӯз фурсати пӯсти шутуркобӣ нашуда, шеф бо ҳамон чанд тан ҳамроҳони худ пайдо шуду Қодиру Орифро дам ба дарун зад…

Исмоилро пурсиши Султон ба худ овард, ки бо тааҷҷуб ба ӯ нигариста мепурсид:

– Хайр, ба пешниҳодам чӣ гуфтӣ?

– Кадом пешниҳод? – Ҳанӯз ҳам хаёл ба пӯсти шутуру равғани доғ пурсид Исмоил.

– Ба назарам хаёлӣ ҳам шудаӣ, – озурдахотир даст афшонд Султон. – Мегӯям, ки беҳтарин тарабхонаи Маскав дар ихтиёрат. Хонумҳое хизмат хоҳанд кард, ки ба қавли Хоҷа Ҳофиз дар ҷаннат нахоҳӣ ёфт.

– Ту қудрати фаҳмиши худатро ба Хоҷа Ҳофиз баробар накун, ки гуноҳи азим аст. Ҳофиз тавонист бо як байт Рукнободу Мусаллоро машҳури ҷаҳон кунад. Ману ту дар сифати Самарқанду Бухоро як ҳарфаки дуруст гуфта натавонистем.

Ту маро нафаҳмидӣ, манзури ман ишқи Ҳофиз буд, – гуфт Султон.

Ишқи Ҳофиз ишқи илоҳист. Ишқе, ки аз даркаш бебаҳраему лоақал ба чокариаш арзанда нестем.

Хайр ба мо бебаҳраҳо ҳамин ишқи соддааш ҳам кофист.

Яъне ишқи озод, ишқи ҷомеаи демократӣ гуфтан мехоҳӣ.

Ин қадар ба ману ҷомеаи демократӣ дарафтодӣ? Гӯё он маҳсули эҷози ман бошад.

Эҷози ту нест, лекин тақлид, зиёда аз он дигаронро тарғиб мекунӣ. Ҳол он ки ун ҷомеаро бунёд харобу асос фаҳш аст. Ҳар шаҳрванд ҳар номаъқулие хоҳад мекунад. Магар ҳамин озодию ҷомеадорӣ шуд? Ифтихор доранд, ки метавонанд сарвари давлатро таҳқир ё худ мисли ту занҳои шавҳардорро ба тарабхонаҳо бурда, боданӯшӣ кунанд. Ва боз … ба ҳамин монанд саду як номаъқулии дигар, – Исмоил инро гуфта, бо алами бештаре шӯрид. – Наход аз тариқи телевизион ба миллионҳо нафар муносибати маҳрамонаи марду занро дар рахти хоб бо ҳама ҷузъиёташ намоиш додан озодию ҷомеадорӣ бошад?! Марги чунин озодию ҷомеадорӣ!

Ростӣ гап бо ин баҳси бемаъният ба дилам задӣ.

Инро худам ҳам медонам, – иқрор овард Исмоил. – Ба дили танҳо ту не, ба дили дигарон ҳам задам. Дарк мекунам, ки нафаре тобу тоқати суҳбатамро надорад. – Ва бо лабханд илова кард. – Лекин ту тоқат кун, дӯстам, боз ду рӯзи дигар.

Ҳа, ба хотири меҳмон буданат дандон ба дандон монда тоқат дорам. Агар меҳмон намебудӣ …

Ба наздиктарин милисахонаи Маскав месупоридиву ҷонат халос?

Не, аз чунин меҳмону ин хел суҳбат милисаҳо ҳам безоранд.

– Пас бо ин хел меҳмони шаккок чӣ кор мекардӣ?

– Рост ба вокзал мебурдаму ба яке аз вагонҳои бедару тирезаи қатораи Душанбе шинонда, аз ҳар ҷое омадӣ, ҳамон ҷо мефиристодам, – Султон ин гапро бо ҳазл иброз

дошта, ҷиддан пурсид. – Хайр, бигӯ файласуф, ба фаҳмиши ту озодӣ чист?

– Аз худ ворастану худро шинохтан.

– Ӯҳӯ, андешаат аз фалсафаи Суқрот ҳам баландтар-ку!

– Бале, баландтар, чунки ин таълимоти устоди Суқрот аст, – нарм иброз дошт Исмоил. – Ту ҳам хондаӣ ва хуб медонӣ, ки дар даврони Афлотун барои озодию демократия кӯшиши зиёде ба харҷ дода, оқибати кор диданд, ки амали беҳуда аст.

– Пас ба ақидаи ту ин қадар давлатҳои демократӣ...

– Ба ном демократианд, – пеши сухани Султонро гирифт Исмоил. – Ҳамин кишваре, ки ту дар оғӯшаш панаҳ бурдаӣ магар давлати демократист? Дар ин ҷо ва ҳама кишварҳои дигар ҳукми сармоядор равост. Давлатро демократҳо не, мафиёзҳои сарватманд идора мекунанд. Мехоҳанд мехаранду мефурӯшанд, меофаранду аз байн мебаранд.

– Чиро? – То андозае ҳайратзада пурсид Султон.

– Ҳама чизро, аз қоидаву қонун то нангу номусро мехаранду мефурӯшанд. Дар боби давлату давлатдорӣ ҳоҷати гап ҳам нест. Магар намедонӣ, ки бо номи демократия ҳазорҳо нафар қурбон шуданд ва ҳар рӯз садҳо нафари дигар қурбон мешаванд. Ба назарам дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ин қадар одам қурбон нашуда буд, ки имрӯз бар касофати анархия қурбон мешавад. Ва нафаре аз сиёсатмадорон боре андеша накард, ки ин ҳама ҷомеасозиҳо кӯшиши беҳуда аст, дар муқоиса бо он сохторе, ки Ленин бо ҳавасу ақли солим сохта буд. То одаму олам ҳаст, демократия мисли орзуи ҳазрати Одаму Момоҳаво ҳавас асту бас.

– Ваҳ-ваҳ, – аз баҳси Исмоил ба ваҷд омад Султон. – Дар сиёсатмадорӣ ҳамаро ба як нӯл задӣ-ку.

– Сиёсат илм аст, ҷаноби собиқ котиб, дар даврони салтанати шумо коммунистон ҳам илм буду дар давраи ғуломдорӣ ҳам. Азбаски ба сиёсат ману ту барин ашхоси аз илмаш бебаҳра даст задем, аз қолаб кӯчиду бозорӣ шуд, ба он аз подабон то носфурӯш олуда гашт.

– Нағз, нағз гуфтӣ, – киноямез дӯсташро таҳсин хонд

Султон. – Хӯш ману ту аз қабили подабонаш ё носфурӯшаш?

– На ину на он. Ману ту аз қабили бетарафу тарсуяш, – гуфт Исмоил. – Чунки баробари аз ғалоғулаи халқ ларзидани курсиҳо кишварро тарк кардем.

– Ин қадар даҳон пур карда кишвар-кишвар мегӯӣ. Оё медонӣ, ки ин кишвар…

– Медонам, ин кишвар имрӯз дар варта аст. Агар ту барин фарзандонаш кӯшиш ба харҷ надиҳанд, Худо донад, ки фардо ҳолаш чист, – гуфт Исмоил ва бо муроди дарки таъсири сухан ба чеҳраи арғувонии Султон назар андохт ва бо тааҷҷуб дарк кард, ки тайи солҳои мусофират дӯсташ заррае коҳиш наёфтааст, баръакс рангу рӯяш тоза, қоматаш то андозае расо гашта, мисли ҳама сармоядорон ишкамча дамондааст. Шояд ин рангу рӯву ишкамчаро дар ҳамон даврони рукут низ дошту Исмоил эътибор намедод. Ҳа, дар он даврон низ Султон ва Султон барин раисони ҳукумату котибони аввал зиндагии шоҳаншоҳона доштанд. Эшон садрнишини маъракаҳо буданду дар фароғатгоҳҳо соле ду бор бо аҳли байт ва ёру ҷӯраҳо дам мегирифтанд. Ҳамон солҳо низ халқи бечора барои обрӯю эътибори онҳо дар саҳро аз субҳ то шом каланд мезад. Имрӯз ҳам барои онҳо каланд мезанад. Фарқ ҳамин қадар ки солҳои пеш ночиз бошад ҳам музде мегирифт деҳқони бечора, ҳоло дар як шабонарӯз бисту чор соат каланд занад ҳам, муздро дар шаби хобаш мебинад. Деҳқон соле дувоздаҳ моҳ заҳмат кашида ранги пулро намебинаду Султон барин сармоядорон бо корчаллониҳои рӯбоҳмиҷоз маҳсули обилаи дасти ӯро бо дигар сарватҳои кишвар ба чаҳор канори дунё мебаранд. Гӯё ин ҳама бадбахтиҳои деҳқон кам буд, ки ягона моликияти давлатӣ – заминро ба савдо монданианд. Ва сари ҳамин андеша Исмоил аз Султон пурсид:

– Шунидам, ки дар ин кишвар замини колхозу совхозҳоро мефурӯшанд. Оё ин рост аст?

– Ба ту чӣ? – Аз баҳси навбатӣ канора ҷуста, эрод гирифт Султон. – Магар ту набудӣ, ки тахта-тахта мақола

навишта, сохти колхозӣ ғалат аст, замин ба соҳиби ҳақиқиаш баргардонида шавад ва ҳоказои дигар мегуфтӣ.

– Дуруст, ҳоло ҳам мегӯям, сохти колхозӣ ғалат аст. Колхоз як нафар каландзану даҳ нафар хӯрандаи бедарди миён дорад. Лекин соҳиби замин ману ту нестем. Соҳиби он деҳқон аст, ки кафи дасташ обила дорад, офтоби тамуз хӯрда, араҳи ҷабин мерезад. Бигузор ана ҳамин одам хараду кишт кунад, ҳосил ғундораду фурӯшад, пул ёбаду рӯзгораш обод шавад.

– Бигузор харад. Чаро ту тамошобин шуда нишастаӣ? Мақола навис, назди ҳукумат масъала гузор, ки …

– Ба ту барин сармоядорон заминро ҳамчун мероси бобоӣ фурӯшад?

– Ба ман не, ба деҳқон фурӯшад, – бо ханда иброз дошт Султон.

– Ба ҳамон деҳқоне, ки дар ҷайб як тангаи зард надорад? Деҳқони бечора имрӯз қудрати шиками фарзандашро сер кардан надорад, аз куҷо пул ёфта, замин харад. – Ва Исмоил гӯё ин амал аллакай ба вуқӯъ пайваста бошад бо ташвиши бештаре афзуд. – Ҳо, Худо накарда заминро ба савдо монанд, бовар кун ба як порча – ду порча не, ба замини яклухти водиҳо аз байни шумо харидор пайдо мешавад. Ва то чашм пӯшида кушодан мебинӣ, ки ҳама колхозчиён чоряккори шумо шудаанд.

– Таҳлилат бад не, – розӣ шуд Султон ба андешаи Исмоил, – лекин таниста бош ману ту мехоҳем, намехоҳем ҳамин тавр мешавад. Об аз сарбанд канд. Дигар ягон қудрат дами ин селобро гирифта наметавонад. Пеши роҳаш ҳар чизе ҳаст мешӯяду мерӯбад. Фақат одами боақлу доно метавонад аз дами ин селоба чизе ба чанг оварад.

– Боақлу доно не, корчаллону фиребгар гӯ, – эрод гирифт Исмоил.

– Ҳар чизе мехоҳӣ, бигӯ, лекин дигар бозгашт ба он даврону салтанат нест. Чашматро калонтар кушода, ба атроф дурусттар нигар. Барои аз байн бурдани он сохтору давлати абарқудрат миллиардҳо доллар масраф шуд. Пас

аз ин қадар талошу хароҷот мемонанд, ки дубора эҳё шавӣ? Хестӣ, хобат!

– Хайрият ба ҳаминаш мард барин иқрор овардӣ, – қаноатманд табассум намуд Исмоил. – Гумонам ба хотири тиҷорат боз сармоядорони беинсофро сифат намуда, ҳизби солҳои сол туро мансабнишинкардаро таҳқир мекунӣ.

Султон дар ҷавоб чизе гуфтанӣ шуд, аммо бо андешаи «баҳс бо ин одами шаккок беҳуда» худдорӣ намуд. Ва ҳини ин андешаи Султон Исмоилро назар ба як бурида нони рӯи миз афтода, бо чӣ хаёле пурсид:

– Султон, ҳамин нон намак дорад?

– Чӣ? – Аз ин суоли ғайричашмдошт ҳайрон шуд Султон.

– Мегӯям, ки ҳамин ноне, ки мехӯрем, намак дорад ё не?

– Боз чӣ андешаи файласуфона ба сарат омад?

– Дорад ё не? – Ба такрор пурсид Исмоил.

– Дорад, магар нон бенамак мешавад.

– Агар дошта бошад, бисёри шумо ҳизбиёнро бояд ин намак кӯр кунад.

– Намаки ҳизб не, намаки халқ буд.

– Аз касе бошад, аз дасти ҳамун ҳизбу аз номи ҳизб мехӯрдед. Солҳои сол мисли гови ҷӯшо истифода кардед, аз дастурхонаш нон хӯрдеду дар паноҳаш айшу фароғат кардед. Ва баробари ба самти дигар вазидани шамол аз ҳама бештар худи шумо бадномаш кардед. Аз минбарҳои баланд он қадар нафринаш хондед, ки гӯё ҳизби фашистӣ бошад. Дафтарчаи ҳизби коммунист саҷдагоҳатон буд. Оқибати кор ба ин саҷдагоҳ туф кардед.

– На ҳама, баъзеҳо содиқ буданд, содиқ монданд.

– Ту ҳам дафтарчаатро супурдӣ, рафиқ собиқ котиб?

Султон дар ҷавоб хомӯш монд. Исмоил аз пурсиши «намаки онро андеша накардӣ?» худдорӣ намуда гуфт:

– Ман шунидаам, ки ҳатто дузд нону намакро андеша мекунад.

– Агар дузд андеша медошт, куздӣ намекард, – эрод гирифт Султон.

– Гумонат раздҳо беақланд? Не, онҳо дар баъзе

мавридҳо аз ману ту боҳимматтаранд. Нафратзада бошанд ҳам баъзан ҷавонмардӣ зоҳир мекунанд. Инро ман аз қиссаву ривоятҳо шунидаам. – Исмоил инро гуфта, ривоятеро қисса кард ба Султон…

Субҳи содиқ, пас аз адои намози бомдод, дар дарбори шоҳ шуд воҳима ва ин воҳима дар як дам табдил ёфт ба мағалу ғалоғула.

– Ба хазина дузд даромадааст, – мегуфт кадоме.

– Ҳама дороиро бурдааст, – воҳима мекард дигаре.

Хазинадору чанд нафар аҳли девон бо воҳима афтону хезон вориди хазина гардида, аз ҳайрат ангушт газиданд. Ҳайрати эшон аз нақби ба тӯли чандин фарсах кандаи дузд не, аз беосебии хазина буд. Дузди моҳҳо, аҷаб не, солҳо нақб канда ҳатто тангае бо худ набурдааст ва ҳайрати шоҳ аз ин тасодуф даҳчанди аҳли девон гашта, амр намуд:

– Аз куҷое бошад дуздро пайдо кунед. Қасам ба тахту тоҷи шоҳаншоҳӣ, ки бар ивази ифшои ин асрор гуноҳашро мебахшам.

Пас аз чанд шабу чанд рӯз мардеро дасту по баста назди шоҳ оварданд.

– Барои чӣ нақб канда, ба хазина даромадӣ? – Пурсид шоҳ бандиро.

– Барои ба яғмо бурдани хазинаат, – посух дод дузд.

– Пас чаро чизе набурдӣ?

– Ба хотири нону намакат – гуфт дузд дар ҷавоб. – Ман бо мақсади ғорат кардани хазина чанд сол нақб кандам ва ҳамон шабе, ки ба хазина ворид шудам, сахт ташнаву гурусна будам. Дар паҳлӯи сандуқи тиллову танга нимта нону косаи об дидаму хӯрдам. Ва ҳини ба халтаҳо ҷо кардани тилло ба хотирам зад, ки ман дар ин даргоҳ нону намак хӯрдам ва агар онро пос надорам ин нону намак кӯрам мекунад. Бо ҳамин андеша аз хазина бо дасти холӣ рафтам…

Султон пас аз шунидани ин ривояти дарвоқеъ ҳам муассир лаҳзае ба андеша рафта, тахминашро ба забон овард:

– Бо ин андарз ишора ба он дорӣ, ки ман, яъне собиқ котиби аввали ҳизби ноҳияи Шаҳристон барои поси нону намак дар пояи ҳамун дузд нестам?

– Ба ту гуфтам-ку, Султон, ҳар чизе аз дарду алам мегӯям ба худ накаш, ман ҳамаро дар назар дорам. Ба кӯрнамакиҳои дастурхони Иттиҳоди Шӯравӣ ва дарду доғи имрӯзаи Тоҷикистон хурду калон, аз ҷумла ману ту ҳам гунаҳкорем. Рӯйдодҳое, ки чун балову қазои осмонӣ ба сарамон омад, гуноҳи як нафару ду нафар не, гуноҳи азими ҳамагон аст. Масалан, ман натавонистам чанд нафарро бо сухан ба инсоф биёрам. Ту натавонистӣ лоақал чанд тан бечораву дармондаро даст гирию мадад расонӣ.

– Шояд, – иқрор овард Султон.

– Шояд не, аниқ, – Султонро нарм ислоҳ кард Исмоил. – Аз кӯрнамакию носипосиҳо ба чунин ҳолу рӯзгор гирифтор шудем. Имрӯз на ба гузашта эҳтиром ҳасту на ба фардо эътиқод.

– Аз гузаштагон ин қадар фаришта натарош, ки онҳо низ мисли ману ту ҷурми бисёрро доштанд.

– Ҳарчӣ буд, набуд бигузашт. Ба гузашта салавот гуфтаанд. Шахсан ман ҳам ба ҳамун шоҳу ҳам ба ҳамун дузд эҳтиром дорам, чунки онҳо хоҳ золим буданду хоҳ ғоратгар гузаштагони мананд. Ба гирумони имрӯза бояд эрод гирифт, то ба атрофиён дарс шаваду панд гиранд. Аммо хурду калон ба ҷои панд бардоштан таҷрибаи туздию ғоратгарӣ меомӯзанд. – Исмоил инро гуфта, аз Султон пурсид. – Оё ягон вақт шунида буд, ки одамро додари худаш ғорат кунад? Туро намедонам, лекин ман нашунидаам. Солҳои донишҷӯӣ ин разолатро дар афсонаҳои «Ҳазору як шаб» хонда будам ва ҳеҷ гумон надоштам, ки бо чашми худ мебинам.

Як поси шаб ба хонаи ҳамсояамон се тан силоҳбадасти ниқобпӯш зада медароянд ва аз бонуи хона талаб мекунанд, ки агар зинда мондан хоҳӣ, ҳама пулҳои доштаатро барор. Соҳибхонаро шавҳар барои тиҷорат дар Дубай буд. Зан аз тарс ларзида мегӯяд, ки чизе надорам. Аммо ғоратгарон мили мусалсалро ба ӯ рост намуда, таҳдид мекунанд: «Пул ё ҷон?» Соҳибхона ночор як бандча долларҳои аз тиҷорат пайдо кардаи шавҳарро баровarda бо ғазаб «гиред, насибатон накунад!» гӯён рӯи хона пош

медиҳад. Ҳар се ғоратгар аз шавқи пул ҳатто мусалсалро як сӯ монда, ҳарисона ба пулчинӣ шурӯъ мекунанд. Соҳибхона силоҳро бесоҳибу ғоратгаронро дар талоши пулчинӣ дида, чолокона силоҳро мегирад ва ҳар серо ҷо ба ҷо мепарронад. Ӯ бо доду фиғон дарро кушода, маро барои мадад фарёд кард.

Дар як лаҳза ҳамсояҳо ҷамъ омаданд. Ҳамагон ваҳшатзадаи ин рӯйдод милисаро хабар кардем ва фурсате нагузашта гурӯҳи фаврӣ ҳозир гардид. Вақте онҳо ниқобро аз рӯи ғоратгарон гирифтанд, ҳама лол монданд. Медонӣ ғоратгарон киҳо буданд? Яке додари соҳибхонаву дигаре бародари шавҳараш. Онҳо барои овозашонро нашинохтани соҳибхона як нафари дигарро киро карда бурданд. Ана оқибати ҳарисию талоши сарватдорӣ.

– Ҳамаи ин бадбахтиҳо аз сарватдорӣ не, аз қашшоқию тангдастиҳо, – гуфт Султон. – Имрӯз гӯё ҳама чиз ҳаст, аммо мардум чизе надорад, фардоро бо ҳарроси бештаре интизорӣ мекашад. Дар даврони шӯравӣ гӯё чизе набуд, аммо хотири ҳама ҷамъ буд, бо дили пур фардою пасфардои дигарро истиқбол мекарданд.

– Ҳа, Султон, ҳама серу пур буданд, аммо дар қолаб зиндагӣ мекарданд. Агар донистан хоҳӣ сабаби ин моҷароҳо дар қолаб нигаҳ доштани халқ буд. Ва ҳамин сиёсату қолабро Ҳамдампур барин ашхос шабу рӯз васф мекарданд.

– Ҳамдампурат кист?

– Ба ту чӣ шуд? Одами аз адабиёт бебаҳра набудӣ-ку, китоби бисёре мехондӣ. Наход номи шоири маъруф Усмони Ҳамдампурро фаромӯш карда бошӣ?

– Ҳа, Усмон Ҷӯрақуловро мегӯӣ?

– Ҳа, вай чанд сол аст, ки Ҳамдампур аст. Пас аз панҷоҳ соли зиндагӣ дарк кардааст, ки номи падараш туркӣ, яъне Ҷӯрақул аст. Ғалати species бобояшро эҷодкорона таҳрир намуда, шуд Усмони Ҳамдампур.

Кадом рӯзе Исмоил ҳамин Усмони Ҳамдампурро назди хонаи матбуот чунон хушҳол дид, ки гӯё ба хоҳари сисолаи аз даҳон мондааш хостгор омада бошад. Вақте Исмо-

ил сабаб пурсид Ҳамдампур даҳон пур карда «аз як балои азим халос шудам» гуфт. Исмоил гумон кард, ки шоир қарзи дар зиндаҳолӣ адо накардаи падарашро кандааст, ҳеҷ набошад нафареро аз маҳбас озод кардааст. Аммо Ҳамдампур бо оҳанги мутантан хабар дод, ки имрӯз дафтарчаи ҳароми ҳизби коммунистиро супурдааст. Исмоил муддате карахт монд. Надонист ба ин кӯрнамак чӣ гӯяд. Агар ин гапро Исмоил барин шахси умре аз ҳизбу сарварони ҳизб ҷабрдида мегуфт, дарду аламаш дигар мебуд. Одаме мегуфт, ки дар васфи ҳизбу сарварони он саду як достон гуфта, аз мошинҳои ялақосӣ то бӯстонсарову унвонҳо гирифтааст. Худоё, чӣ андоза разилу беномус шудан лозим, ки саҷдагоҳи дирӯзаатро дафтарчаи ҳаром бигӯӣ…

– Танҳо ӯ не, дигарон ҳам аз файзу баракати ҳизби коммунистӣ баҳрабардориҳо доштанд, – дар ғайбаш то андозае ҷонибдорӣ кард Султон шоири кӯрнамакро.

– Дуруст, дигарон ҳам баҳрабардориҳо доштанд, вале Ҳамдампур баҳрабардориҳои бештаре дошт. Ҳар ҳарфи каломаш, ҳар сатри китобаш ситоиши ҳизби коммунист буд ва чунин одам…

– Албатта аз неши забонат бебаҳра намондагист? – Бо табассум пурсид Султон.

– Набошад-чӣ, – бо як навъ ифтихор посух дод Исмоил. – Ба ӯ гуфтам, ки қабл аз дафтарчаи ҳароматро супурдан чаро хонаи ҳароматро насупурдӣ? Онро ҳизби коммунистӣ барои ту барин вассофонаш дар маҳаллаи беҳтарини шаҳр, бо ду-се ташнобу ванахонаҳо сохта буд.

– Хайр, чӣ ҷавоб шунидӣ?

– Гӯё, ки намедонӣ, – даст афшонд Исмоил. – Ҳақорат карду рафт.

– Офарини ҷони ман! Бо ҳар алфозе мехоҳӣ таҳқирам мекунӣ, аммо ба ҷои ҳақорат табассум мекунаму бас.

– Ба хотири зағораҳои дар Сароб бо ҳам хӯрдаамон магарам боз камтар тоқат кунӣ, тавре ки коммунистон чанд сол ин ҷониб ҳар гуна таҳқирро лом нагуфта таҳаммул мекунанд.

– То ҷое хабар дорам, дар даврони рукут пайваста бо коммунистон даст ба гиребон будӣ. Чӣ шуд, ки имрӯз…

– Асло напурс, – бо табассум даст ба китфи Султон partофт Исмоил. – То имрӯз намефаҳмам, ки барои кадом гуноҳ ҳизби коммунистӣ ба ман ин қадар ҷабру ситамро раво дид. Масхарабозӣ зиёда аз ин чӣ шавад, ки дар узвияти ин ҳизб набудаму ду бор дар ҷаласаи Кумитаи Марказӣ муҳокима намуда, дар бемористони амрози дил ҷойгузинам карданд. Мани ғайриҳизбӣ он қадар ҷабр кашидам, ки ҳеҷ як коммунисти шаккок накашидааст. Ҳама ин ҷабру ситамҳо аз бефаҳму фаросатии ашхосе буд, ки ба роҳбарон ба ҷои салла калла меоварданд.

Султон ба ҳарфи Исмоил гӯш додаву муҳокимаронихои ӯро ба таҳлил гирифта, дарк намуд, ки дӯсти саропо шӯридасараш бо вуҷуди аз ҳизби коммунистӣ озору таҳқирҳои бисёр дидан ба ин ҳизбу сохтори эҷодкардаи Марксу Энгелс, Ленину Сталин барин доҳиёни пролетариати ҷаҳон таваҷҷуҳе дорад. Ва бо назардошти ҳамин андеша аз Исмоил, ки дар мазаммати коммунистон бо ҳарорат ҳарф мезад, пурсид:

– Агар ин қадар ҷабру ситам дида бошӣ, чаро ҳизби коммунистиро ҷонибдорӣ мекунӣ?

– Ман ҷонибдорӣ мекунам? – Аз пурсиши ғайричашмдошти Султон ҳайрон шуд Исмоил.

– Бале, ту. Ба ин ҳар ҳарфу сухани ба забон овардаат шоҳид.

– Ту барин коммунистро низ ҷонибдорӣ намудам?

– Не, ману Ҳамдампурро мазаммат намудӣ, – бо табассум иқрор овард Султон.

– Ана, дидӣ, ман умре маҳкум мекардам ва маҳкум хоҳам кард, фақат ашхоси алоҳидаашро, нафаронеро, ки ақлу фаросати казоӣ надоштанду аз номи ҳизби коммунистӣ дастдарозиҳо мекарданд. Ва ҳамин дастдарозони ақлкӯтоҳ ин ҳизбро бадном карданд. Вагарна ҳизби коммунистӣ ба зоти худ айбе надошт, ҳизби фуқаропарваре буд. Дар сафи он роҳбароне низ буданд, ки мисли Ленин фақат барои халқу ватан кор ва умри азизашонро

нисор карданд. Ёдат ҳаст, вақте шахси аввали ҷумҳурӣ Ҷаббор Расуловро ба хок супурданд, аз ҷевонаш ҳатто шиму костюми тоза ёфт нашуд. Сарвари кулли коммунистони кишвар дар амонатбонк ҳамагӣ ба андозаи як маош пасандоз дошт. Ҳол он ки дар ҳамон даврон буданд котибони ноҳияҳое, ки ба андозаи буҷаи яксолаи ноҳия захираву пасандоз доштанд.

– Ҳарчӣ буд, бигузашт. Ба қавли худат ба гузашта салавот.

Сухани Султон Исмоилро писанд омад. Кош дигарон низ мисли ӯ андаке хайрандеш мебуданд. Не, мекобанду мекобанд, то аз таги нохун чирке ёбанду ба чаҳор гӯшаву канори дунё овоза кунанд. Шояд ҳамин ҷурм кофтану овоза карданҳо буд, ки халқ доҳиёни дирӯзаашро имрӯз ҳамчун хоини ватану қотили миллат мешиносад. Доҳиёни оламро он қадар таҳқиру надомат карданд, ки дар Олмону Италия Гитлеру Мусоллиниро ин қадар бадном накардаанд. Дар Италия то имрӯз пайкараи Мусоллинӣ барҷост. Касе ба гардани ин пайкараи ҷаллод таноб наандохтааст. Шояд дуруст мекунанд. Ин ҳайкал пайкараи ҷаллод бошад ҳам, қабл аз ҳама асари санъат аст. Ҳайкали Ленин низ дар хиёбони маркази шаҳр асари санъат буд. Мо аз ҷаҳолат бар гардани доҳии заҳматкашони кулли ҷаҳон ҳалқадавак андохта, пайкараашро пора-пора ва болои ҳайкалпора бо шӯру шарар рақс кардаем. Ҳа, ба қадри санъат, ба қадри инсон мардуми соҳибфарҳанг мерасад. Ҷаҳолати мо ҳанӯз ҳазор сол қабл аз ин ба чашми оламбини Рӯдакӣ нил кашида буд…

Ва сари ҳамин андеша Исмоилро байте аз Одамушшуаро ёд омад:

*Кунун замона дигар гашту ман дигар гаштам,*
*Асо биёр, ки вақти асову анбон шуд.*

Ин байтро Султон борҳо шунида ва мавриди зарурат қироат карда бошад ҳам, ҳоло ҳозир дарк намуд, ки чӣ маънӣ доштани анбонро намедонад. Вақте пурсид Исмоил

бадард посух дод:

– Анбон, тӯрбаи гадоист. Айнан ҳасбу ҳоли ману ту. Имрӯз ҳам ба асо ниёз дораму ҳам ба анбон.

Султон медонад, ки Исмоил «ману ту» гуфта халқро дар назар дорад. Дарвоқеъ дуруст мегӯяд ӯ. Ба рӯзгори мардум бори гароне таҳмил гардид, ки вазнаш миёншикану шерафкан аст ва на ҳар кас ҳунари аз даҳони шер луқма кандан дорад. Имрӯз эътибору рӯзгори корчаллонҳо сад сару гардан баландтар аст аз мақому манзаллати олиму нависанда. Магар ба ин ноадолатии замона Султону ҳаммаслаконаш гунаҳкоранд? Агар Султон ба амали корчаллонию тиҷорат даст намезад, ҳатман нафари дигаре мекард ин корро. Аз ҳама муҳим дар ин амал дасту дил пок аст ӯро. Тайи панҷ соли касабадорӣ на нафареро фиреб додаасту на ба касе хиёнат кардааст. Барори кораш ақлу фаросати худодод аст. Ҳамчун иқтисоддон талаботи бозори кишварҳои дуру наздикро хуб медонад, ба дили ҳаммаслакони худ дар ун кишварҳо роҳ ёфтааст. Қариб дар ҳар шаҳру вилояти ин кишвар ва дигар давлатҳо ширкати «Роҳи абрешим» шӯъбаю намоянда дорад. Ҳар чизе бозоргир асту харидор дорад, мебаранду меоранд ва ба назари Султон фоидае, ки аз ин амал ба даст меоранд, чун шири модар ҳаққи ҳалол аст. Чаро Исмоил инро намефаҳмад ва фаҳмад ҳам гӯё ҳазар дорад аз амали Султону ҳаммаслакони ӯ. Султон чанд карат барои ӯро ба кор ҷалб кардан кӯшиш ба харҷ дод, аммо муроде ҳосил нашуд. Шарт нест, ки Исмоил бо тиҷорату савдо машғул бошад, метавонад корҳои ҳуҷҷатгузорӣ ё худ тарғибу ташвиқро ба ухда гирад. Султон бо ҳамин андеша бори дигар сари суҳбати дирӯза омад:

– Исмоил ба ту дилам месӯзад.

– Ба ҷисми лоғарам ё қашшоқиам?

– Ҳам ба ину ҳам ба он, – ба ҳазли Исмоил ҷиддӣ посух дод Султон. – Агар маро дӯст гӯӣ, ба маслиҳатам гӯш андозу муддате ин ҷо бош. Бароятягон кори хуб пайдо мекунам. Одам барин зиндагӣ мекунӣ, ба аҳли байтат ҳам як чиз – ним чиз фиристода меистӣ.

– Мисли додарарӯсат худам ин ҷову зану бачаҳоям он ҷо, – боз киноя намуд Исмоил ва фавран узр овард. – Султон ба дил нагир, наметавонам. Ман тобу тавони чунин зиндагиву гирумон надорам. Агар рафту бо талаби ту ва ҳукми тақдир баногоҳ ба чунин зиндагӣ тан диҳам ҳам, ҳеҷ гоҳ худро нахоҳам бахшид. Бовар кун, ду-се рӯзе, ки бо тақозои касб ин ҷоям, ҳушу ёдам он ҷову диламро гургҳо тала доранд.

– Ҳушу ёдат кашоли нонгадоӣ? – Бо таънаи сахт иброз намуд Султон.

– Шояд, – беранҷиш ҷавоб дод Исмоил. – Ба тангдастиҳо одат кардаам. Як ман не, ҳама одат кардем ба қашшоқӣ, гуруснагӣ, таҳқиру маломат ва боз… – Исмоил бо ду ангушт сахт ҷабин соид. – Ба назарам хотираам низ мисли дили дардмандам коҳиш ёфтааст. Гоҳ-гоҳе фаромӯш мекунам, ки чӣ мегуфтаму чӣ мешунидам… Ҳа, дарвоқеъ, ин ҷо бо ту нуқлу наво мехӯраму кӯдакони гуруснаи ҳамсояам Ашӯрбибӣ пеши назарам аст ва Лоиқ ба гӯшам такрор ба такрор мегӯяд:

*Кай ҳама ҷангу моҷаро гузарад,*
*То азоби ману шумо гузарад.*
*Моҳи нима чу ними нон тобад,*
*Гар шабе аз роҳе гадо гузарад.*
*Дар гадоӣ тавон ба сахтӣ сохт,*
*Кай азоби ватангадо гузарад!*

– Яъне, азоби ман? – Ба таври худ маънӣ бардошт Султон.

– Не, чаро? Туро кӣ ватангадо гуфт. Ту ватандорӣ ва он ватан мӯҳтоҷи туст. Ватангадо оне, ки дигар роҳи ба Ватан бозгашт надорад. Буданд сарватмандоне, ки тамоми дороиашонро дами марг ба як мушт хоки Ватан иваз кардан мехостанд, то ин хоки муқаддасро атри кафан кунанд, аммо насибашон нашуд.

Султони ба чунин суҳбатҳо одат накардаро тоқат шикаст аз ин ҳарфу андеша ва барошуфт:

– Исмоил, айб, зиёда аз он гуноҳ аст дар синну соли ману ту пайваста аз маргу кафан гап задан.

– Ҳеҷ ҷои айб надорад мурданро ба гардан гирифтани инсон. Банда миранда аст, – Исмоил инро гуфта, бо пурсиши дигаре афзуд. – Медонӣ барои чӣ ҳар мусулмони комил пеш аз хоб калимаи Шаҳодат арза мекунад? Барои он арза мекунад, ки мабодо саҳар аз хоб нахезад.

– Биё, ба ҷуз маргу мусибат чизи дигаре низ бигӯ, ки тоқатам тоқ шуд, – ночор хоҳиш кард Султон.

– Чӣ гӯям, ки имрӯз ҳолу ҳасбам ҳамин асту қудрати ҳарфи дигар гуфтан надорам.

*Замон кони ғамон гуфтанду рафтанд,*
*Фиғон аз ин ҷаҳон гуфтанду рафтанд.*
*Ҳама ваҳшат, ки худшон офариданд,*
*Зи дасти осиён гуфтанду рафтанд.*
*Барра хӯрданд бо гургони миллат,*
*Ҳама айби шубон гуфтанду рафтанд.*
*Ба ҳам карданд бас номеҳрубонӣ,*
*Фалак номеҳрубон гуфтанду рафтанд.*

– Шеъри худат? – Пурсид Султон.

– Чӣ? – Банди андеша пурсиши Султонро рӯшан нафаҳмид Исмоил.

– Мегӯям, ки ин дарду алам навиштаи худат?

– Не, ба ман дастнорас аст ин хел шеър гуфтан. Агар сари ҳавас чанд шеъраке гуфта бошам қолабию хасакиянд.

– Мисли шеърҳои ман?

– Чӣ, ту ҳам шеър мегӯӣ?

– Наход аз ёдат рафт. Ин дардро бо шеърхониҳои бисёр дар дили ман ту бедор карда будӣ.

– Шояд… Ба назарам нест тоҷике, ки сари ҳавас шеъре нагуфта бошад. Ин миллати сарсахт аз чӯпон то академик шеър мегӯянду…

– Чӣ ба гумонат ҳама қолабию хасакианд? – Пурсид Султон аз бадард нафас кашидани Исмоил рамуз гирифта.

– Не, чаро, назар ба хасакӣ асилу баландаш бештар.

Нависандаи машҳури турк Азиз Несен низ дар ибтидои фаъолият шоир буд.

– Наход?

– Бале, як маҷмӯаи шеърҳо низ дорад.

– Чӣ мисли устод Айнӣ чорчӯбаи назм барояш тангӣ кард, ки …

– Не, тавре худаш дар суҳбат ба хабарнигорон иброз дошт, эҳтиром ба бузургтарин дастоварди адабиёт, яъне шеъри асил водораш кардааст, ки дигар шеър нанависаду Несенро тахаллус кунад.

– Дар суҳбат нагуфт, ки тахаллусаш чӣ маънӣ дорад? – Пурсид Султон.

– Гуфт. Несен ба туркӣ «Ту кистӣ?» гуфтан аст, – Исмоил инро гуфта, бо назардошти тахаллуси афлокии баъзе шуаро илова кард. – Мо қабл аз ду-се ҳарфро ба ҳам ҷанг андохта, шеъраке сохтан аввал тахаллус интихоб мекунем.

– Мисли Ҳамдампур.

– Ӯро ба ҳоли худаш мон, – эрод гирифт Исмоил. – Бад аст, нек аст соҳиби чанд китобу эътибор аст. Дар даврони рукут низ китоби ӯро чоп мекарданду ба ҳарфаш гӯш медоданд, имрӯз ҳам чоп мекунанду гӯш медиҳанд.

– Чаро ӯ метавонаду ту не?

– Гуфтам-ку хоки ман аз лойдони дигар аст ва шояд барои ду ниқоб сохтан басанда нест. Чӣ метавон кард, Парвардигор чунин қисматам ато кардааст.

– Ва ту аз қисмат розӣ?

– Шукрона дорам ба ҳар рӯзу соаташ ва умедворам ба беҳбудаш, – Исмоил инро гуфта, ғайричашмдошт аз мусоҳибаш пурсид. – Султон, ту дар чанд кишвари дунё будӣ?

– Шумур накардаам, – иқрор овард Султон. – Чӣ буд, мусоҳиба оростан мехоҳӣ?

– Не, ба он хотир пурсидам, ки ман ҳамагӣ дар як кишвари дунё будам, он ҳам орзую армонҳои кӯдакиам Эрон.

– Писандат омад?

– Зиёда аз он шайдоям кард. Бо гурӯҳи аҳли адабу санъ-

ат будам. Хело пазироӣ карданд. Он қадар сайру тамошо ва обу зиёфат доданд, ки нафаре аз мо дар хоби шабаш ҳам надида буд. Анҷоми сафар тайёрае, ки мебоист аз Душанбе ояд, ду рӯз таъхир кард. Ва рӯзе, ки дар фурудгоҳи шаҳри Машҳад ҳавопаймои Тоҷикистон пайдо шуд, ҳама ғайриихтиёр каф кӯфтанду ашк рехтанд. Ҳол он ки ҳамагон медонистанд, ки баробари ба Душанбе расидан дар ба дари мағозаҳо нонкобӣ мекунем, – Исмоил инро гуфта муддати мадиде хомӯш монд ва пас аз сигор дуд додан афзуд. – Ватан ватан аст, Султон. Барои инсон ду чиз муқаддас аст. Яке Ватан дигаре модар. Барои он муқаддас аст, ки Ватан ва модарро интихоб намекунанд. Дигар боқӣ ҳама чизро интихоб мекунанд, зиёда аз он мехаранду мефурӯшанд, гӯш кун:

*Тоҷикистон, Тоҷикистон,*
*Ҳар куҷое рафтам аз оғӯши ту,*
*Доманамро ман такидам раҳ ба раҳ,*
*дар ҳар қадам,*
*Пои худро раҳ ба раҳ то сарҳадат.*
*Бар замин афшонда рафтам,*
*Аз паям то кам нагардад, заррае хоки камат…*

Исмоил шеърро ба пуррагӣ қироат карда, авзои Султонро ба муоина гирифт ва тайи ин ду-се рӯз бори аввал дид, ки дӯсташ сарашро байни каф гирифта, фикр мекунад. Ва ӯ баъди хеле фурсати ба андеша фурӯ рафтан аз ҷой бархеста пурсид:

– Исмоил кай бармегардӣ?

– Ба дилат задам? – Бо ҳазл пурсид Исмоил.

– Мехоҳам аниқ бидонам, – ҷиддан пурсид Султон.

– Ҳамин ки анҷумани нависандаҳо тамом шуд, дар ин шаҳр баста монанд ҳам, як рӯз намеистам.

– Яъне фардо?

– Ҳа, ба шарте пагоҳ чипта пайдо кунам.

Султон коняки ҳоло ҳозир ба қадаҳ рехтаашро нӯшида, аз телефони дастӣ рақам чинд ва баробари ҷавоб додани нафаре Исмоил шунид, ки Султон мегуфт:

– Ало, Қурбон?… Ҳа, ман. Барои фардо ба Душанбе ду чипта лозим. Бале, пагоҳ ба хона биёр. Ва боз фаҳм, ки суратҳисоби маблағгузаронӣ ба Тоҷикистон кушода шудааст ё не. Чӣ?… Не, ба Париж худат меравӣ, ман кор дорам.

– Чиптаро барои ман фармоиш кардӣ? – Пурсид Исмоил пас аз телефонро ба ҷайби хилъат андохтани Султон.

– Ҳа, барои ту.

– Барои ман як чипта кифоя.

– Ту танҳо намеравӣ.

– Бо кӣ меравам?

– Бо ман меравӣ, – Султон инро гуфта, бо табассум илова кард. – Барои он меравам, ки аз атри кафан бенасиб намонам ва гар зарурат афтад, ҳама васиятҳои туро аз санги Варзоб то байти Сароб бе каму кост ба ҷо орам.

– Наметарсӣ? – Хушҳол пурсид Исмоил.

– Аз чӣ?

– Аз он ки Худо накарда дигар ба чунин сӯҳбатҳо нарасем.

– Гуфтӣ-ку марг давоми зиндагист. Мудом чунин аст, чӣ ҷои тарс.

– Ба шарте ки аз худ бигзариву Худоро бишносӣ, марг давоми зиндагист.

– Инаш ба назарам барои мо ҳанӯз барвақт, – иқрор овард Султон.

– Рост гуфтӣ, моро ҳама кори дунё дер даст додааст…

*Март-октябри соли 1995*

# ҲИКОЯҲО

## ВОПАСИН АФСОНА

*Ба ёди писарам Манучеҳр*

### РУҶӮЪ

Ба ин куҳандиёри ба ҷисму ҷонаш сад дард нишаста боз баҳор омад ва бо овои наврӯзӣ дар тақлиди дидаи гирёни ман абри парешон ба хоки мадфанат дона-дона борони раҳмат фишонда, аз сарду торик будани дили хок ҳушдорам дод. На, ғалат аст ин андеша. Манзили ту чи тавр сарду торик буда метавонад, дили гарму дидаи рӯшани ман бо ту хуфтааст, ай ҷону ҷаҳони падар.

Туро Яздони пок дар талабу таманнои шабонарӯзиам чун ситораи саҳар аз дили шаб дод ва ман аз сидқ саҷда овардам ба қиблае, ки исми муборакаш модар аст. Ту ин қибларо меҳроб будӣ ва мебоист чун шамъ олами маро мунаввар мекардӣ. Ба хотири фирӯзонии тақдират гулхан, зиёда аз он бо тапу тези сӯхтанҳо хокистар шудам, аммо тақдирро тадбир нашуд, ай дарди бедармони падар.

Ово суннати Наврӯз аст. Ин суннатро пос дору ово кун, то бедардон дарк кунанд ҷабри дарди бедармонро. Ово кун, то ҳамагон бидонанд ваҳшати марги нобаҳангомро, ай баҳору хазони падар.

* * *

Пирамард пас аз адои намоз дуру дароз ба зикр рафт ва ҳама дуоҳои неке, ки инсони хокӣ ниёз дорад, зери лабу дандон ба забон оварда, аз рӯи ҷойнамоз бархест. Масрур низ дар тақлиди ӯ даст ба рӯ кашид ва пас аз паҳлӯяш нишастани бобо пурсид:

– Боз маро дуо кардед?

– Ҳа, ҷони бобо, дигаронро ҳам.

– Дар дунё мисли ман дардмандон бисёранд?

Суоли набера пирамарди ба қавли худаш «саду як дарду ғам дидаро» гарон омад. Ба дили ранҷури бо доғи фарзанд солҳои сол сӯхтааш намакоби тоза шуд. Вай барои таскини дарди хеш ва дилбардории набера дастони лоғарашро бар гардани Масрур ҳалқа кард.

– Кӣ гуфт, ки ту дардмандӣ ҷони бобо? Ба гапи духтурҳо бовар накун. Дониставу надониста ҳарчӣ мегӯянд. Тақдири инсонро фақат худи офаридгор медонад. Бе амри ӯ ба вуҷуди одам на дард роҳ меёбад, на шифо.

Масрур сар ба китфи бобо монд. Вай аз ин инсони ба дилу ҷон баробар борҳо шунидааст, ки мард набояд ашк резад, ҳатто дар зери теғу дор. Пас чаро худаш ба ин панд амал намекунад ва ҳар боре Масрур нисбати дарду ғам чизе бипурсад, чашмони хирабинаш ҳавзи об мешавад. Ҳини дуои рӯи ҷойнамоз низ овозаш меларзаду гоҳе дар гулӯ мепечад. Имшаб низ вақти адои намози хуфтан ба пирамард чунин ҳолат рух дод. Ба гӯши Масрур дуои бобо мисли сӯгворӣ расид.

– Бобо.

– Ҷони бобо.

– Намози хуфтан чанд ракат аст?

– Нуҳ ракат.

– Чаро намози бомдод чаҳор ракат?

Пирамард лаҳзае надонист ба ин суол чӣ ҷавоб диҳад. Беш аз чил сол аст, ки намоз мегузорад. Ба даҳҳо нафар ин амали некро омӯзонда, ба садҳо суоли эшон посух додааст.

Аммо ин суоли гӯшношунидро бори аввал мешунавад ва намедонад чӣ посух диҳад. Аз ин рӯ аввалин андешае, ки ба сараш омад, ба забон овард:

– Фармуди шариат чаро надорад, ҷони бобо, ҳар касе шак оварад, кофир мешавад.

– Ман шак наовардаам, ҳамин қадар ки пурсидам.

– Калимаатро гардону дигарбора напурс, ҷони бобо.

Масрур калимаи Шаҳодат ба забон овард. Садояш чунон буррову марғуладор буд, ки бобо ҳузур, зиёда аз он ифтихор кард. Ифтихораш аз он буд, ки набераи дувоздаҳсолааш чандин сураи Қуръонро азёд медонад ва ҳар гоҳе хоҳиш кунад равон, бесакта қироат мекунад. Зеҳни тезу ақли расое дорад ин бачаи ранҷур. Ҳар гуна матну шеърро бо ду-се бор хондан азбар мекунад ва ҳама ному санадҳои, ҳатто дар тифлӣ шунидаашро, дар ёд дорад. Гоҳе бобо ҳини нақл номи ин ё он маҳал ё худ одамро фаромӯш намуда, хуноб мешавад ва Масрур ин нақли қаблан аз бобо шунидаашро беғалат ёд меорад. Ҳамин зеҳни баланд аст, ки вай оятҳои Қуръонро низ бо ду-се бор аз забони бобо шунидан азбар намудааст.

– Бобо.

– Ҷони бобо.

– Агар одам пеш аз марг калима нагардонад, чӣ мешавад?

Пурсиш гӯё барқе буд ба ҷисму ҷони пирамард кора кард ва равшан эҳсос намуд, ки ин барқ ба дили ба ҳазор дарду балои зиндагӣ тоб овардааш чун захми корд нишаст. Худоё, имшаб ба ин бачаи ҳанӯз ба гуноҳ воридна-шуда чӣ шуд? Тифлаки ба ӯболу савоби дунё дастназада чаро пурсиши марди солхӯрдаро дорад? Чӣ посух диҳад, ки Масрур дигар аз дарду марг напурсад ва дили бе ин ҳам пурхуни боборо абгор накунад?

– Дил назаргоҳи ҳақ аст, ҷони бобо. Манзили Худо дили инсон аст ва ин манзил бояд пурнур бошад. Забон танҳо калиди ин манзил асту бас.

Нигоҳи гарми Масрури дар ҳусн аз духтар ҳам зеботар

чеҳраи нуронии боборо навозиш кард. Аз ин навозиш ҷисму ҷони пирамард роҳат намуд ва ҳини ҳамин фароғат дар дил ба Яздони пок нола кард: Худоё, ба ӯ ба ҷои ин қадар ҳусну ақл тану ҷони сиҳат ато кун. Бигузор зишттарин инсон, беақлтарин бачаи олам бошад, аммо сиҳат бошад, мисли ҳамсолонаш беғам даваду бедард хандад. Надонад, ки дард куҷосту марг чист. Ҳар дарде дорад ба ҷисму ҷони ман бахш. Мани сарсахтро балогаронаш кун. Худоё…

Масрур ғофил аз нолаи бесадои бобо дар чашм ҳамон меҳру дар лаб саҳле табассум зонуҳояшро дошта, аз ҷой бархест, то аз ҷевон китоб гирад. Ҳини аз ҷой бархестан банду буғумҳои по ба вазни ҷуссааш тоб наоварда, садо доданд ва аз ин садо пирамардро як алам сад алам гардида, сақфи хона гӯё болои сараш нишаст. Аз ин рӯ садои Масрур аз назди ҷевон не, аз ким-кадом гӯшаи дурдасти олам ба гӯшаш расид, ки мепурсид:

– Китоб хонам гӯш мекунед?

– Биё беҳтараш телевизор тамошо мекунем, – бо нияти аз андешаҳои махшуш дур доштани хеш ва камтар пурсуҷӯ намудани Масрур маслиҳат андохт бобо.

– Вақти «Ахбор» кайҳо гузашт.

– Хайр ягон чизи дигари тамошобоб будагист.

– Дигар ҳама барномаҳо сар то по гапи хушку холӣ. Аз аввали шаб то субҳ гап мефурӯшанду даъват мекунанд.

– Ҳа-а, рост мегӯӣ, ҷони бобо. Аҷаб давру замоне шуд, – дар тасдиқи суханони набера бо таассуф сар ҷунбонда, андешаашро ба забон овард бобо. – Аз гапи бисёр сухан хор, мардум безор шуд. Дар ҳама амал корашон даъвату шиорпартоӣ. Бо гапу ваъда шиками халқро сер карданианд. Илоҳо, оқибаташ ба хайр шавад.

– Барои ҳамин беҳтараш афсона гӯед, – паҳлӯи бобо рӯи ҷойгаҳ дароз кашид Масрур ва мисли калонсолон маънидор илова кард. – Аз ҳама беҳтарин ва ширинтарин чизи дунё афсона аст. Дар ҳамаи афсонаҳо шоҳу гадо баробар азоб мекашанд ва оқибат ба мурода мақсад мерасанд.

Пирамард тайи шаш соли ранҷурии Масрур ба наберааш он қадар афсона гуфтааст, ки ҳисобашро худаш ҳам намедонад. Ин ё он афсонаи кайҳо гуфтаашро такрор мекунад ва гоҳе кӯшиш ба харҷ дода, афсонаи нав мебофад, то ҷигарбандаш аз он маънӣ бардораду қаноатманд бошад.

– Буд набуд… Не, дар ибтидо ба ҷуз Худои яккаву ягона ва меҳрубон чизе набуд. Барои зиндагонии мо бандаҳои осиаш аввал офарид замину осмон ва сипас ризқи фаровон. Ва, ҷони бобо, ба ду гӯшат ҳалқа куну дар ёд дор, ки ба ҳама гуна фаровониҳо шукрона мебояд. Ба неъмати офаридгор ва ризқи худодод инсони хокӣ ончунон ношукрӣ кард, ки ҳар амали носавобаш гуноҳ шуду гуноҳҳои беҳисобаш ба замин рӯз то рӯз бештар вазн овард ва оқибат замини офаридаи Парвардигор ба ин вазн тоб наоварда ларзид. Аз ларзаи пурдаҳшат, ки ғазаби Яздони пок буд, ҳама чиз фурӯ рехт ва пои инсон аз замину дасташ аз осмон канда шуд.

Барои он ки ин хоки муқаддас аз ҳама олудагиҳо пок ва зиндагӣ дубора эҳё гардад, мебоист бо амри Яздон аввал се рӯз борон, сипас ҳафт рӯз барф меборид ва пас аз он бист рӯз сармову чил рӯз офтоб мекард. Танҳо баъди ҳамин амри яздонӣ замину осмон аз иллат раҳо ва инсон аз гуноҳ пок мешуд…

– Яъне пас аз марг? – Ба андозаи фаҳмиши худ луқма андохт ба афсонаи бобо Масрур.

– Чӣ хел пас аз марг? – Ҳайрон чашм ба даҳони набера дӯхт пирамард.

– Охир севу ҳафт, бисту чил ҳама маросимҳои пас аз дафн-ку.

Пирамард барои ривояти наандешида ба забон овардааш худро маломат кард. Аҷабо, ба як ваҷаб кӯдак ин қадар фаҳмишу таҳлил аз куҷо? Модараш мегӯяд, ки ҳар хел филму китоб манзураш нест. Ҳар чизи дидаву хондаашро таҳлилу тафсир мекунад ва эродҳое мегирад, ки ба ҷуз пазируфтан илоҷе надорӣ. Момаи аз истеъдоди фавқулодда

ва мӯъҷизоти илоҳӣ бехабар мегӯяд, ки ҳамин доноиаш сари падарашро хӯрд. Аҷаб даҳони бефаровезе дорад ин кампир. Дуруст аст, ки аз дарди бедармони Масрур падар сактаи дил шуд. Аммо Масрури ба марг маҳкумро чӣ гуноҳ? Дили падар ба зарбаи ҳарфи аз духтурон шунидааш тоб наовард. Аҷаб дарди ҳаринае будааст ин дард. Бе ранҷу озори зиёд ногаҳон мекуштааст. Чӣ тавр дили духтурҳо шуд, ки ин гапро ба падари Масрур гуфтанд? Чаро аз ин даҳшат мани сарсахт намурдам?! Худоё, раҳм кун ба ҳоли модари зораш…

– Бобо хобатон бурд?

– Не, ҷони бобо, бедорам.

– Пас чаро афсона намегӯед?

– Ҳозир мегӯям, – саросема узр овард пирамард. – Хотирам андак парешон, очаат телефон мекунам гуфта буд, накард.

– Фурсат наёфтанд, – тахминашро ба забон овард Масрур. – Худатон медонед, ки кӯчаҳои шаҳр пур аз силоҳбадастон. Бар асари паррон-паррон ҳар шаб бист-сӣ нафарро ҷарроҳӣ мекунанд.

– Ҳа-а, кораш мушкил. Аҷаб не, ҳоло телефон мекунад, – ва пирамард лаҳзае ба андеша рафта, аз касби духтараш домангир шуд. – Ҳамин духтурӣ касби занҳо набудааст, ҷони бобо. На шаб дар хона, на рӯз.

– Модарам духтур не, ҳамшираи шафқат.

– Фарқаш чӣ, баробари ҳамун духтурҳо дасташро ба хун олонда мебураду медӯзад.

– Хунро дигарон мерезанд, – боборо нарм ислоҳ намуд Масрур. – Дасти модарам не, дасти онҳо хунолуд.

– Дуруст мегӯӣ, ҷони бобо, он қадар хуни ноҳақ рехтанд, ки ҳисобаш гум. Оқибаташ бахайр шавад.

– Оқибаташ заминларза?

Суоли ғайричашмдошти набера, ки аз ривояти ҳоло ҳозир шунидааш маънӣ бардошта ба забон овард, лаҳзае карахт кард боборо. Аммо пирамард дар нигоҳи ороми Масрур заррае тарсу ҳаррос эҳсос накарда, мӯи шабранги ӯро бо панҷаи шахшӯл нарм-нарм шона зад.

– Паҳлӯи ҳар гуноҳ савобе ҳаст, ҷони бобо, иншооллоҳ ҳамааш хуб мешавад.

– Бобо.

– Ҷони бобо.

– Чаро танҳо дар афсонаҳо оқибати ҳама кор бахайр асту анҷоми амали инсон нек?

– Чунки инсон дар ибтидо бо орзую ҳавасҳои зиёд кору рӯзгори худро дар афсонаҳо офарид. Дониста бош, ҷони бобо, бани башар чӣ порсою чӣ насро фарзанди як падару модаранд.

– Агар фарзанди як падару модар бошанд, чаро имрӯз ба ҳамдигар ин қадар бемеҳру оқибатанд?

Чӣ гӯяд ба ин пурсиши содаи набера, ки ҷавобаш сангин аст. Пирамард низ мисли дигарон аз ривоятҳо шунида, аз китобҳо хондааст, ки кори хайру амали нек, меҳру муҳаббат инсонро эътиборбардор ва зиёда аз он ба бақои дунёи фонӣ сабаб аст. Ба одами хокӣ чӣ шуд, ки моҷарояш аз ҷанги байни кишварҳо оқибати кор ба хунрезии байни қавмҳою бародарон расид. Наход интиҳояш боз заминларза ва пас аз се рӯзи борону ҳафт рӯзи барф, бист рӯзи сармову чил рӯзи офтобӣ эҳёи дунёи дигар бошад? Пирамард сари ҳамин андешаи даҳшатзо дар дил аз Яздони пок тараҳҳуми бандаҳои ношукрро хоста, барои таскини набера ҳарфи дигар ба забон овард:

– Ҳама ин ғурбату моҷароҳо даргузаранд, ҷони бобо. Шукр меҳру муҳаббат байни хешу табор ва ёру бародарҳо барҷост.

Аммо пурсиши навбатии Масрур ин андарзи боборо ботил кард.

– Амак ба одам хеш аст ё бародар?

Пирамард лаб газиду хомӯш монд. Надонист бемеҳру шафқатӣ, зиёда аз он носипосии бародарони домодашро ба ин бачаи ранҷур чӣ тавр шарҳ диҳад. Ҳарчанд кӯшиш ба харҷ дод, сабаби узрдоре пеш оварда натавонист. Хост бо дурӯғе ин ғамро аз дили Масрур барорад, аммо гуноҳ, зиёда аз он торикии имон будани ин амалро андешиду

тарсид. Ва аз нотавонӣ ба худ печиду нолид: Худоё, чаро дар урфият тағоро ба ҷои ҳафт падар гуфтаанд? Агар ин суханро санҷида гуфтаанд, пас куҷост меҳру оқибати ин падарон?!

Пирамард ёд надорад, ки пас аз сари домодаш нафаре аз бародарон остонаи ин манзилро пахш карда, аз ҳоли Масрури ранҷур хабар гирифта бошанд. Гумонаш ин буд, ки дарду алами ин бешафқатию кӯрнамакиро танҳо худаш медонаду духтари сарсахташ. Ғалат кард ба ин тахмини хеш пирамард. Ҳоло ҳозир пас аз пурсиши киноеомези набера ба чашмони маҳзуни Масрур нигариста, рӯшан дарк кард, ки алами бехешу тобории бача аз ғами дарди бедармонаш ҳам гаронтар аст.

Масрур тифл буд, шояд надонад. Аммо пирамард шоҳид аст, ки дар айёми беғамиҳои ин хонадон, ҳини мансабдории домодаш ин манзил барои хешу табор меҳмонхона, зиёда аз он барои фарзандони донишҷӯи эшон солҳои сол хобгоҳ буд. Моҳу ҳафтае набуд, ки аз бародарон, пайвандон нафаре корафтода нашавад ва домоди ҳоҷатбарораш худро ба обу оташ зада, дари ин ё он донишкадаву беморхона ё худ корхонаву идораро охурча накунад. Ва гумони пирамард ин буд, ки агар Худо накарда рӯзе дар рӯзгори домодаш нохушие роҳ ёбад, ҳама ба як по хизмат мекунанду балогардон мешаванд. Аммо оқибати кор ҳамин одами ҳоҷатбарори ҳамагон тани танҳо Масрури ноҷунбонро барои табобат ба ким-кадом кишвари бегона бурду баъди бозгашт аз ғами бедармонии дарди фарзанд дар остонаи хонааш рост, роҳравон ҷон дод.

– Бобо, падарамро ман куштам?

Ба роҳи нафаси пирамард гиреҳ афтод. Панҷаи гирое дилашро фишурд. Панҷа чунон қабза зад, ки аз дард дар чашмони хирабинаш ашк ҷӯшид ва ҳатто садои худаш ба гӯшаш бегона расид:

– Ин хел нагӯ, ҷони бобо, офаранда ва гирандаи ҷони ҳар инсон худи Худост.

– Надонам, боре момоям ба модарам ҳамин хел гуфт.

– Номаъқул кардааст момоят! – Шӯрид бобо. – Ҳамаи занҳо мӯйдарозу ақлкӯтоҳанд. Бахусус момои ту, аввал як гапро мегӯяду баъд андеша мекунад.

Пирамард инро гуфта шукрона мекунад, ки хайрият ҳамон шаби пурасрорро ин кампири беандешаву сергап надидааст, вагарна қишлоқро қишлоқ, шаҳрро шаҳр пури гапу калоча мекард… Бобо тахмин мекунад, ки ҳар дарде дар тани бача печид, ҳамон шаб печид. Ҳар балову қазое буд худаш медонаду Худои халқ кардааш. Ва гоҳе ба назари бобо чунин мерасад, ки он гирумон беш аз хобу хаёл чизе набуд. Не, не ба ҳар ҳол чизе буд пурасрор ва имон дорад, ки ин набераи оқилу донояш назаркардаи олами ғайб аст.

Он шаб низ духтараш дар беморхона навбатдор буду домодаш дар сафар. Пас аз хӯрдани шавла ва маҳмаддоноиҳои бисёр Масрури сесоларо дар бағали бобо хоб бурд. Пирамард бо нияти адои намози шом набераро ба ҷойгаҳаш гузаронида, чанд қадам дуртар аз кати Масрур ҷойнамоз густурд. Ва андак рӯшание аз тиреза ба хона ворид мешуд, лаҳза ба лаҳза торикӣ ғалаба дошт. Пирамард дар фарҷоми тиловат сар ба саҷда бурда, эҳсос намуд, ки хона равшан, зиёда аз он мисли танӯр гарм шуд. Аз ин ҳол ба дили пирамард ҳаррос роҳ ёфта бошад ҳам аз саҷда ором сар бардошта, бо гӯшаи чашм ҷониби кат назар кард. Гумон кард дилаш таркиду рӯи ҷойинамоз пош хӯрд. Ҷойхоби Масрур холӣ буд. Пирамард тайи сӣ соли ибодат бори аввал намозро тарк карда, афтону хезон худро ҷониби кат андохт. Ин лаҳза равшании гулхан ғайб зад, аммо ҳарорат ҳанӯз ҳамон ҳарорати нафасгардони танӯрӣ буд. Бобо мисли одами аз ақл бегона ҷойхоби холии набераашро даст-даст мекарду дод мезад. Ва бо ҳамин тарсу талвоса ба пешайвон баромад. Домани уфуқро ҳамон ранге мунаввар медошт, ки лаҳзае қабл хонаи хоби Масрур аз он равшан буд. Пирамард такрор ба такрор ё наузамбиллоҳ гӯён бо ҳамон шитобзадагӣ вориди хонаи хоб шуд. Аз ҳайрат забонаш лол гашта, беҳолу мадор

паҳлӯи кати набера зону зад. Масрур масти хоб буд ва аҷаб не хоб медид, ки дар лаб саҳле табассум дошт.

Аз ин ҳодиса ба касе, ҳатто ба домодаш лаб накушод. Пирамард шунидааст ва медонад, ки ин хел ҳаводиси олами ғайбро ба дигарон нақл кардан оқибати бад дорад, ба ҳар гуна бало печидани одам аз эҳтимол дур нест.

Ва имрӯз пас аз нуҳ солу нуҳ моҳу нуҳ рӯз аз аломи дарди бедармони набера дили бобо мисли ҳезуми тар дуд мекунад, ки чаро ба ин дард ман напечида ӯ гирифтор шуд? Аз ғами Масрур бояд ман мемурдам, чаро падараш – шоҳсутуни хонадон мурд? Духтурон бехабар аз асрори дарду олами ғайб бо ду ҳарф ӯро куштанд. Балову қазоро наандешиданд. Дар воқеъ чӣ муъҷизае рух дод он шаби пургулхану пурҳарорат, ки кӯдак ҳам дарди бедармон ёфту ҳам ақлу зеҳни Сулаймон?

– Бобо, барои чӣ Мушкилкушо кунанд, дар чаҳор гӯшаи дастархон оташ мегузоранд?

– Инро дар куҷо дидӣ, ҷони ман? – Ба ҷои посух суол дод бобо ба набера.

– Ҳар боре момоям аз қишлоқ ояд, ҳамин хел мекунад.

– Барои он ки дар гузашта авлоди момоят оташпараст буд, – ва бобо лаҳзае таваққуф намуда, гӯё барои худ илова кард. – Оташ чизи муқаддас аст, ҷони бобо, ҳам месӯзаду ҳам месозад.

– Барои ҳамин ҳам дар замонҳои қадим одамони гунаҳкорро аз байни оташ мегузарониданд?

– Ҳа, ҷони бобо, мегузарониданд. Имрӯз ҳам мегузаронанд, одамони бегуноҳу багуноҳро мегузаронанд. То рӯзе одаму олам ҳаст, оташу гуноҳ низ ҳаст.

– Бобо, давоми афсонаатонро намегӯед?

– Кадом афсонаро, ҷони бобо? – Барои барнагаштан ба афсонаи бофтааш бардурӯғ пурсид бобо.

– Ҳамон афсонае, ки аз се рӯзи борону ҳафт рӯзи барф сар кардед.

– Ҳа, дар воқеъ, – хешро фаромӯшхотир вонамуд кард пирамард, – нақлро аз афсона сар карда, гапро то куҷоҳое

набурдем. Беҳтараш ман ба ту афсонаи дигар мегӯям. Гӯш кун, ҷони бобо.

– Буд набуд, шоҳзодае буд…

Ва бобо қисса мекунад афсонаеро, ки аз бобояш ва бобои ӯ аз бобокалонаш шунидааст. Масрур ин қиссаи содаи саршори орзую ҳавасро борҳо аз забони бобояш шунидааст. Бобо нағз медонад, ки наберааш ҳини шунидани ин қиссаи содаи сода суол намедиҳад. Барои ҳамин чунин қиссаҳоро батафсил, дуру дароз нақл мекунад, то набераро хоб барад.

Пирамард баъди ба мурoду мақсад расонидани шоҳзодаи Рум ва бародарони ӯ дид, ки Масрурро хоб бурдааст. Бо меҳр дасти навозиш ба ҷабини набера бурд ва баробари даст бурдан ҷо ба ҷо карахт шуд. Вуҷуди Масрур гӯё мармари сарде буд, ки аз қаъри дарё берун овардаанд. Саросема ҷониби телефон давид. Гӯшак садое надошт. Шитобзада ба сари бистари набера расид ва фиғони дар гулӯ печидаро бо азоби алим фурӯ шинонда, Масрурро пуштора гирифт. Зинапояҳоро чӣ тавр фуромад, ёд надорад. Пои пирамард ба пояш мепечид, аммо медавид. Илоҷе карда зудтар назди модараш расонад, шуд. Ҳамагӣ ду истгоҳ роҳ аст беморхона. Аҷаб не, ба бахташ профессор Шодмон Раҷабзода навбатдор бошад. Тайи ҳама ин солҳо Масрур дар назорату муоинаи ӯ буд. Пойҳои бемадори пирамард аз шасти дав ба ҳам мепечид. Ва ӯ бо шасти ҳамин давидану печидан менолид:

– Худоё, раҳм овар ба ин тифли бегуноҳу мадад кун ба мани сарсахт. Ту бузургӣ, ту қодирӣ, ту раҳимӣ…

Бар асари қуйуди шабгардӣ кӯчаҳои шаҳри азим тамоман беодам ва чароғи симчӯбҳо низ ҷо-ҷо фурӯзон буд. Гумонат шаҳр не, мотамсаро бошад. Пирамард медавид ва аз шиддати дав нафасгардон нашунид, ки нафаре аз кадомин гӯшаи кӯчаи торик амр кард. Лаҳзае нагузашта амр такрор шуд ва ҳанӯз фурсати дарки амри батакрор нашуда, ба гӯши пирамард садои тир расид. Худоё, боз киро парронда бошанд? Чаро ҳар шаб дар ин шаҳри азим ба ҷуз

садои тир дигар чизе ба гӯш намерасад? Ба ин шаҳру одамон чӣ шуд? Худоё, чаро ҷигараш ин қадар месӯзад? Гӯё як даста оташ ҷо карда бошанд. Ин сӯзиш, аҷаб не, аз шасти даву вазни Масрур аст?.. Ва сари ҳамин андеша бобо эҳсос кард, ки набера дар пуштоарааш нест, дасташ дар пушт ҳалқа асту бас.

– Масрур! – Фиғон кард пирамард бо тамоми овоз.

Дар ҷавоб гулхани бузурге атрофро рӯшан ва ҳарорати он вуҷудашро гарм кард. Сипас пирамард дар алангаи ин оташ чун бурси ҳазорсола сӯхту сӯхт. Бобо дар домани уфуқ ҳамон ранги гулханеро дид, ки нуҳ солу нуҳ моҳу нуҳ рӯз қабл аз ин дар хонаи хоби Масрур дида буд. Уфуқ мисли лолазори хазонрасида месӯхт. Бобо қабл аз он ки оғӯштаи хун рӯи раҳ афтад, дар партави гулхани уфуқ Масрурро дид, ки байти Мавлавиро бо садои марғуладор мисли ояти раббонӣ қироат мекард:

*Гар чеҳраи зарди ман дар хок равад рӯзе,*
*Рӯяд гули зард, эй ҷон, аз хоки сари гӯрам.*

## БАҲОИ УМР

Лочин гардан ёзонда, шиҳа мекашад. Нури аз кӯҳи Фарҳод теғ кашидаи офтоб дар фарохи синаи асп медурахшад. Ҷилави Лочин дар даст падарам маро гардан гирифта, таскин медиҳад:

– Ба дил нагир, бачем, аз қадимулайём таомул ҳамин аст.

Маро таскин медиҳад, аммо худаш сахт ошуфтахотир аст. Чаро гардан гирифтанашро ҳам медонам. Намехоҳад, ки ашки дар чашмонаш ҷӯшидаро бинам. Китфаш ҳам гӯё андаке меларзад. Аҷаб не, ин ларзиш аз бетоқатона пой кӯфта, лаҷом кашидани Лочин аст. Ба ҳар ҳол падарам сахт ошуфтахотир аст. Намедонам озурдагии ӯ аз тақдир аст ё аз воқеаи имрӯза. Тақдир ин аст, ки соле пеш айёми

гулгулшукуфти табиат ӯ нахустфарзанди худ – бародари маро ба хок супурд. Ва воқеаи имрӯза ин аст, ки дар хонаи мо келинбаророн…

Ин саҳар ба янгаам куртаи атласи ҳафтранг пӯшонданд. Ва ҳоло ду нафар аз ду паҳлӯяш нишаста, мӯяшро майдабофӣ мекунанд. Нигоҳи янгаам маҳзун бошад ҳам, дар умқи чашмони шаҳлояш як навъ умедворӣ ба эҳсоси ҳаловатбахшу хуморшикан нишастааст ва ба назарам аз ҳамин умедворӣ имрӯз чеҳраи давоми сол коҳидааш андаке шукуфтааст. Ҳа, вай ҳам ба қавли падарам ба таомул сарфаҳм рафт, ба тақдир тан дод. Аммо апаам ба ин тақдир тан додан намехоҳад. Ӯ куртаи кабуди соате пеш аз тан бадар намудаи янгаамро ба синааш пахш карда, навҳа меандозад:

– Во, бе ному нишон, акем!

Ва то ба наздаш барои таскин ҳозир шудани падарам навҳаашро оҳанги дигар мебахшад:

– Во, навқирон балам!..

Ман дидори модар надидам. Апаам ҳам ӯро хира-хира ёд дорад. Хусрав, ки айёми наврасӣ аз меҳру навозиши модар маҳрум шудааст, ба апаам бо ёду хумори модар пайваста «очаҷон» гуфта гап мезад. Ва ҳамин «очаҷон»-аш дувоздаҳ моҳу бист рӯз аст, ки ба ҷои ду кас навҳа меандозад:

– Во, беному нишон, акем!

– Во, навқирон балам!..

Падарам куртаи янгаамро аз дасти апаам гирифта, илтиҷо мекунад:

– Бас кун, очаҷон, ҷигарама хун кардӣ.

Ҳа, дувоздаҳ моҳ аст, ки ҷигари ҳамаи мо хун аст. Телевизор намемонем, радио гӯш намекунем. Апаам рӯзе ду маротиба навҳа андохта мегиряд. Янгаам ба ӯ пайрав мешавад. Падарам аз кор меояду гӯё ин дару хона барояш бегона бошад гӯшаеро иҷора гирифта, сукут меварзаду сукут. Ман низ аз бозии мактабу кӯча маҳрум. Аз хонаи мо хандаву шӯхӣ, завқу бозиро акаам бо худ бурдааст.

– Азодорӣ ҳам ба эбаш будагист.

Ин овози бибии Панирой аст, ки бо ду-се кампири дигар барои ба хонаи Даврон муаллим бурдани янгаам омадааст.

Нафаҳмидам, ки пиразан киро маломат мекунад. Апаамро барои навҳаандозиаш ё падарамро, ки бо ашки шашқатор «очаҷон»-ашро гирифта, ба хона даромад. Ба назарам аз ин манзара дили худи бибии Панирой ҳам хун шуд, ки овозаш ларзон ба гӯшам мерасад:

– Агар бо соле дувоздаҳ моҳ азодорию навҳаандозӣ зинда мешуд, Орифҷони ман зинда мешуд.

Орифҷон писари яккаву ягонаи бибии Панирой аст, ки модари сарсахт чил сол навҳа андохтаасту аз ҷанги Гирмон барнагаштааст. Ва билохира ба тақдир тан дода, рӯзе, ки мардум чилсолагии ғалабаро бар Германияи фашистӣ ид мекарданд, ӯ азокушоён кард…

– Ҳамин кор чӣ лозим буд, оча? Ҳама дарду алами ҷангро камтар фаромӯш кунем гуфта, ид доранду шумо бошед…

– Ин дарду алам фаромӯшӣ надорад, бачем, – бибии Панирой инро гуфта, ба хотири иллат нагирифтаи мардум сабаб овард. – Ба дилам армон нашавад гуфтам, Шарифҷон… Набошад куҷо шунидаӣ, ки баъди чил сол азокушоён кунанд.

Пиразан чил сол интизор буд. Азбаски хату хабари писари яккаву ягонааш аниқ набуд, интизорӣ кашид. Ба хабари «беному нишон гум шуд» бовар накард. «Одам сӯзан не, ки беному нишон гум шавад» мегуфт ва, аҷаб не, барои таскини худ илова мекард: «Орифҷон куҷое раҳгум задагӣ, рӯзе бачаи Кенҷахӯча барин даромада меояд»… ва гоҳе боз ҳавас мекард. «Ҷомаи домодиашро сари китфаш партоям беармон мемурам». Фикр намекард, ки баногоҳ Орифҷон пайдо шавад ҳам, ба марди шастсола ҷомаи домодӣ пӯшондан маънӣ надорад. Барои бибии Панирой Орифҷон ҳама умр ҷавони навхати ҳаждаҳсола аст.

Ҷомаи домодии Орифҷон болои сари бибии Панирой овезон аст. Гӯянд, ки ранги ҳама чизро обу офтоб мешика-

над, бовар накунед. Рангро аз ҳама чиз бештар танҳоию интизорӣ мешиканад. Агар не, ранги ин ҷомаи сари чил сол рӯи офтоб надида чаро ин қадар коҳидааст? Аҷаб не, ранги худи алоча чунин аст? Не, алоча ранги аъло дошт. Соле, ки бибии Панирой аз алочаи таърифии Бойсун ин ҷомаро шабҳои қаҳратуни зимистон сари сандалии сард дар равшании шайтончароғ лаганда мекард, аз зирақасабу атласҳои имрӯзаи домодӣ ному нишон набуд.

– Ягон чиз хон Шарифҷон.

– Чӣ хонам, оча?

– Қоида ҳамин, бачем, ҳеҷ чиз надонанд ҳам, дар азокушоён лаб ҷунбонда ягон чиз мехонанд.

– Бе ин ҳам дар рӯзи дафни очааш мулло овард гуфта, муҳокима карданд.

– Хон, бачем, оят буданаш шарт не. Орифҷон ҷӯраат буд. Барои инсонро ёд овардан муҳокима намекунанд.

Ва падарам ёд овард. Ёд овард, ки ваю Ориф дар як кӯча бозӣ карда, калон шуданду дар як мактаб хонда, дониш андӯхтанд. Ва дар як рӯз, соли севвуми ҷанги беамон деҳаи мотамзадаю модарони аламзадаро видоъ гуфта, ба фронт рафтанд. Ориф худи ҳамон сол беному нишон шуд… Ва боз падарам ёд овард, ки бибии ман, яъне модарашу бибии Панирой дугонаҳои ҷонӣ буданд, соате аз ҳам ҷудоӣ надоштанд. Онҳо ҳамсолу ҳамтақдиранд. Ҳарду ҳам айни гулшукуфти умр аз теғи босмачиҳои хунхор бо тифлҳои ширхора бева монданд. Дар ҳабдаҳсолагӣ бо тифлҳои яксола дар ду ҳавлии деворандармиён тани танҳо монда, бо саду як машаққат бори рӯзгор кашида бошанд ҳам, шикоят ба ҷое набурданд. Ҳар дам дар деҳа хабари ҳушкашолии мардҳои занмурдаро шунида, дар ҷойгаҳи сард тани танҳо тапида бошанд ҳам, ҳаваси шавҳарбарой накарданд. Ҳама орзую ҳавасҳои худро дар Орифҷону Шарифҷон диданд ва… тақдир барои бибии Панирой ҳамин Орифҷонро ҳам раво надид.

– Оча, қисмат ҳамин будааст. Моро ҳамеша ба ҷои Орифҷон донед.

– Аз ту аз замин то осмон миннатдорам, бачем. Ба ману раҳматии очаат хизмати даҳ писара кардӣ. Ману очаат умр дидему рӯз надидем, бачем. – Чашмони тари пиразан ба ҷомаи алоча мутаваҷҷеҳ шуд. Оҳи бадарде кашиду илтиҷо кард. – Агар мурам, болои тобутам ҳамин ҷомаи Орифҷона парто.

– Ин хел нагӯед, оча, ҳоло шумо…

– Не, Шарифҷон, ман дидагема дидам, Худо умра ба тую фарзандонат диҳад, – бибии Панирой инро гуфта, аз ҷой хест ва қомати дутобашро бо азобе рост карда, аз сари мех ҷомаи рангшикастаро гирифт. – Аз ту боз як хоҳиш дорам. Агар ба дил нагирӣ, ҳамин ҷомаро шаби домодиаш, як соат бошад ҳам, ба Некрӯзҷон пӯшон. Зинда бошам ҳавасам мешиканад, мурда бошам арвоҳам шод мешавад.

Аз чаҳор дар се фасли сол ҷома пӯшида, ҳар рӯз бо сад ҷомапӯш рӯ ба рӯ шуда бошам ҳам, чунин ҷомаро то ҳол надида будам. Шерозаи абрешимиаш бо куртаи янгаам ҳамранг аст. Фақат ҳамин қадар, ки нури атласи ҳафтранги янгаам чашм мебараду шерозаи ҷомаи алоча абрешими асил бошад ҳам, ҷилое надорад. Куртаи янгаам бо мӯи майдабофаш то хами зону мезанад, ҷомаи ҳозир ба ман пӯшондаи падарам то буҷулаки поям мерасад. Бо андешаи Лочин маро дар чунин либос дида мехӯсад, ҷилавро сахттар доштам, аммо аспи то ин дам пойкӯбону бетоқат хаёле сар хам карда, ҷомаро бӯид. Бибии Панирой аз зинапояи пешайвон боэҳтиёт фуромада, маро оғӯш мегирад ва гӯё ба Лочин тақлид мекарда бошад, аввал гардани офтобхӯрдаам, сипас ҷомаро гаштаву баргашта мебӯяду мебӯсад, зери лаб пичиррос мезанад:

– Ба қадакат бибӣ садқа.

Ва ман мебинам, ки қомати дутоби бибии Панирой аз қади ман ҳам пасттар аст. Наход ҳамин тавр бошад? Агар ҳамин тавр аст, чаро то имрӯз пай набурдам. Ба назарам дигар рӯзҳо қомати ӯ аз қади ман баландтар менамуд. Чӣ шуд, ки дар як рӯз қади бибии Панирой ин қадар хам зад?

– Додот тарсид, баррем?

– Аз чӣ, бибӣ? – Пурсиши бибии Паниройро нафаҳмида, ба ҷои ҷавоб савол медиҳам.

– Тарсид, ки тӯйи арӯсбиёрони туро надида мемурам? – Ӯ оби чашмашро бо бари остини дарозаш пок мекунад ва дар хами лабони пурожангаш табассуми бадард медамад. – Ба додот гӯ, баррем, натарсад, мани ҷонсахт мурдан надорам. Агар мекушт маро дарди Орифҷон мекушт. Агар мемурдам, аз ғами очаату Хусравҷон мемурдам, – вай инро гуфта, маро аз оғӯшаш раҳо мекунад ва пеш аз он ки боз ба назди занҳо ба пешайвон барояд, назди зинапоя меистад. – То тӯйи арӯсбиёрони туро набинам, намемурам. Ин ҷомаро ҳамон шаб пӯш, баррем.

– Насиб бошад, мебинед, бибиҷон, – мегӯяд кадоме аз занҳои таги айвоннишаста.

– Ҳа, Некрӯзҷон, як сол пас мактаба тамом мекунад, – қувват медиҳад сухани ҳамсуҳбаташро дигаре. – Дидед, ки ана – мана нагуфта домод шудааст…

Ва ман бисёр мехоҳам ҳамин лаҳза домод бошам, то бибии Панирой ҳавас шиканаду янгаамро аз хонаамон набаранд…

– Ҳой, мардум, ҷунбед, рӯз чошт шуд! – Осим Одил ин гапро бо овози пурдағдаға ба забон оварда, пеш мегузарад ва болои Лочин ҷойпӯши гулдӯзии янгаамро мепартояд. Асп аз ҷойпӯши ногаҳон болояш нишаста не, аз ваҷоҳати дағали Осим Одил ҳарросида, чароғпоя мешавад ва Осим Одил:

– Эҳ, ҳаром мурӣ, наҳс! – Гӯён худро дур мегираду ман Лочинро ором мекунам.

Ин марди бадфеълу бадгап амаки Даврон муаллим аст, ки ҳоло ҳозир аз ҷониби шавҳари нави янгаам барои арӯсбаророн ба ҳавлии мо ҳозир шудааст. Баробари ҳозир шудан бо алфози бади худ дили чанд касро ранҷонд ва бепарво боз озурдани хотири чанд каси дигарро дорад. Бибии Панирой ба одамоне, ки феъли бади Осим Одилро намедонанд, мегӯяд, ки баддаҳонии ӯро ба дил нагиранд, ӯро аслу насаб бадгапу бадгуҳар аст. Падарашро Ҳайдари

бадбӯй, бобояшро Қурбони қӯрбоққахӯр мегуфтанд. Дар тӯю сур бадгӯию дар ғаму таъзияи мардум хушчақчақӣ ба ин авлод мероси бобоист.

– Ин чӣ хел келинбаророн, ки на касе дойира мезанад, на касе мерақсад?!

Суханони Осим Одил ба дилам мисли ханҷар халид. Аҷаб не ба янгаам ҳам бад расид, ки сар хам карда, ба хона даромад ва фурсате нагузашта садои гиряаш баромад. Хайрият ин гапро апаам нашунид, вагарна ин бузришро як тори риш намемонд. Касе ӯро бузриш нагуфтааст ва инро аз ҳеҷ кас нашунидаам. Бузришии ӯро ман худам ду сол пеш, рӯзи ҳашари хонасозӣ дар муқоисаи манаҳи бузҳои харид кардаи бозоракиҳо дарёфтам.

Бозоракиҳо чанд сар бузи харидаашонро пешандоз намуда, аз кухтали Сурх рӯболо шуданду Осим Одил аз пеш харсавор омад. Падарам сари ҳамин кухтал, паҳлӯи хонаи меросии бобоям хона месозад. Дар деҳаи мо таомул ҳамин; ҳар нафаре тарҳи хонаи нав кашад, хурду калон ба мадад меоянду ба тариқи ҳашар, ба қавле «гӯш аз бинӣ хабар наёфта», иморатро буд мекунанд. Азбаски рӯз рӯзи бозор буд, ҳашарчӣ бисёр шуд. Яке лой мехобонду дигаре бо чӯббардорӣ мададгори усто буд. Гурӯҳе аз лаби ҷар кулӯх мекашонду чанд нафари дигар девори хонаро чӯбдаргил мекард. Осим Одили роҳгузар, ба ҷои он ки мисли дигар роҳгузарҳо муддате таваққуф намуда, ба гирумони ҳашарчиён «ҳай боракалло» гӯяд, роҳравон носи даҳонашро ҷониби иморати нав туф карда:

– Ҳӯ, Шариф, ин ҷо хона насоз, ки ба ягон бало гирифтор мешавӣ, – гуфту хари бе ин ҳам давандашро бо ҷаҳл халачӯб зад. – Ихе, ҳаром мур! Рӯзе ду банд беда мехӯраду гашташа бинед.

Падарам дар ҷавоб чизе нагуфт. Сари чӯби дастбурдааш нишаста, гулӯ равшан кард. Одаташ ҳамин. Агар аз касе ранҷаду ғазабашро фурӯ шинондан хоҳад, гулӯ равшан карда, ҷабини пурчинашро совиш медиҳад. Хаёлам аз гулӯ

равшан кардан нафъе нашуд, ки лаб зери дандон гирифта, чӯби болорро танҳо бардошт. Гунаҳояш мисли анор ранг оварданд. Хусрав, ки ин ҳолатро муоина дошт, ба мадад шитофт. Усто аз сари девор нӯги болорро гирифта, падарамро таскин дод:

– Ба гапи ҳар касу нокас эътибор надиҳед, Мерган. Даҳонаш фаровез надорад, ҳарчӣ омад гуфтан мегирад.

– Заҳр аст, ин ҷоҳил, заҳр! – Бари доманашро афшонда аз ҷой хест Карим бобо. – Ман ҳайрон, ки ин хел наҳсу бахилро чӣ хел замин мебардорад?!

– Ба хотири дигарон мебардорад, – гуфт лойи дасташро бо хок пок карда, Рашид Раҳмон ва як пиёла чойи сардро дам кашида афзуд. – Лекин фардо гӯр қабул намекунад.

– Хеши худатон-ку, амак, – гап партофт кадоме аз ҳашарчиҳо.

– Э, марги хешу табориаш! – Бештар оташин шуд пирамард. – Занаша шаш моҳ боз дар беморхона хабар намегираду…

– Дирӯз додарарӯсаш гила кунад, апаи девонаат ба ман даркор не гуфта, ҳақорат кардааст, – гуфт усто болори навбатиро сари рави пешайвон андармон карда.

– Муҳаббати бечора аз зарби шаллоқу бадгапии ҳамин ҷоҳил девона шуд, – Карим бобо чойинаки чойро гирифта, наздиктари мо омад ва шояд барои таскини падарам буд, ки ба ӯ як пиёла чой дароз карда, боз ба маломати Осим Одил пардохт. – О, заҳр набошӣ, ба ҷои муборакбодии амри хайр балою бехосиятиро ба забон меорӣ. Дар умраш катак рост накардаасту аз хосияти манзил гап мезанад-е.

– Бало ба пасаш, амак, ҳар кӣ бад кунад, ба худ кунад, – гапро дар бораи Осим Одил хулоса карданӣ шуд падарам. Аммо Карим бобо ба фикри худ истодагарӣ намуд:

– Не-е, Мерган, ганда мурдан надорад гуфтагӣ барин ин хел одамон бад мегӯянду бадӣ намебинанд. Барои он ки мо ана ҳамин хел «бало ба пасаш» гуфта муросо мекунем.

– Бо ин ҷоҳил кӣ баробар мешуд, – аз гӯшае ба баҳс ҳамроҳ шуд ҳамсояи деворандармиёни Осим Одил. – бо як

даҳон гап метавонад дилатонро се шабу се рӯз ғори ачинаҳо барин сиёҳ кунад.

– Наход бо ҳамсояҳо ҳам…

– Ҳм… гапи ёфтагиатона бинеду, – гуфт бо заҳрханд Халил Бӯрӣ. – Ба додари худаш чӣ кор кард, ки ба мо ҳамсояҳо кунад. Агар илоҷашро ёбад, э-ҳа, чӣ корҳое намекунад…

– Дина гӯед, – ба суханаш оҳанги тамасхур бахшида боз ба гап сар кард Карим бобо, – рӯинтан гард, шоҳид шав гуфта пеши ман омадааст. Ба куҷо гӯям, ҳуҷҷати ҳамон солҳо гум шудааст, ба идораи колхоз рафтем, мегӯяд. Шарм надошта, дар вақташ баробари шумоён кор кардаму нафақаи мегирифтагиям бист сӯм гуфт.

– Хайр, ба шоҳидӣ рафтед? – Мепурсад кадоме барои қисса шудани давоми нақли Карим бобо…

– Кӣ?.. Ман! – Сахт ошуфт пирамард. – Ман Мерган не, ки бало ба пасаш гӯям. Рӯирост гуфтам, ки он солҳо ҳуҷҷат не, худат гум шуда будӣ. Агар ихтиёр ба ман мебуд, ба ту барин наҳс бист сӯм не, ду сӯм ҳам намедодам…

Ҳозирон хислатҳои бади Осим Одилро ёд меоварданду мегуфтанд. Мегуфтанд, ки…

Касеро чашми дидан надорад...

Феъле, ки бо хун нишастааст, бо ҷон мебарояд…

Соле дар дашт барои як ҷувол гандум додарашро зада… ва дар деҳа навҳа андохта мегуфт, ки аз хар афтида мурд…

Ҳанӯз чили бародарашро надода, галабони кофурунӣ ба хонааш як аспу ду паллаи хӯрҷин бор овард ва … шабе истода янгаашро бурд…

Пас аз як ҳафта дар деҳа хабари ба дарё ғарқ шудани Ҳанифа овоза шуд. Ва ин хабарро ҳанӯз мардум таҳаммул накарда, ба деҳа хабари мудҳиштаре расид:

Ҷанг сар шуд! Ба сари мамлакат хатар омад…

Деҳа аз ҷавонмардҳо холӣ шуд. Моҳи аввали ҷанг Осим Одилро мардум қатори дигарон дар комиссариати ҳарбӣ дида бошанд ҳам, пас аз чанд моҳ ҳамон чӯпони солхӯрдаи

кофуруни̅ мегуфт, ки ӯро дар кӯҳи Чилдухтарон дидааст. Байнашон масофа дур бошад ҳам, ӯро аз аспи бар ивази Ҳанифа додааш шинохтааст…

Асп аз ночаспону дағал даст афшонда, арғушт рафтани Осим Одил ҳарросида, дар ҷои исташ тоб хӯрд.

– Ҳой, Осим, тентакӣ ҳам ба эбаш! – Аз ҷои нишасташ шиддат кард бибии Панирой ва дид, ки Осим Одил худро ношунид вонамуда ҳамон мерақсад, замин дошта, аз ҷой хест ва зина шумурда, рӯи ҳавлӣ фуромад. – Ба ман нигар! – Дасти шоф кардаи бибии Панирой қариб ба манаҳи бузриш расид. – Ҳар кор ҳадду андоза дорад.

– Охир ин тӯй ё…

– Тӯй, лекин тӯй аз тӯй фарқ дорад. Ҳамин ки келина ба хонаи ҷиянат бурдӣ, то мурданат рақс кун, фақат дар ин ҷо не!

Ман аз итоаткорона дам фурӯ бурдани Осим Одил дарк кардам, ки ягона одами бо алфози бад ранҷонда наметавонисташ ин бибии Панирой аст. Ва боз мешунавам, ки бибии Панирой маломатомез мегӯяд:

– Ба ману ту рақсу бозия кӣ мондааст. Аҳмақ набошӣ ин қадар ҷавонҳо истода шутур барин ғамза мекунӣ…

Осим Одил ин маломатро низ лом нагуфта ҳазм кард. Дарде, ки ба дилам панҷа зада буд, аз ин амали ба харҷ додаи бибии Панирой бардошта шуд. Ба назарам ӯ аз Карим бобо оқилтару аз падарам ҳам бузургтар намуд. Аҷиб, чаро инро ман имрӯз дарк кардам? Охир бибии Панирой-ро ба қавле аз чиллаю чилрӯзагиам мешиносам ва медонам, ки тамоми хурду калони деҳа ба суханаш гӯш медиҳанду ягон маъракаи Гулдара бе маслиҳати ӯ намегузарад. Наход бузургии ӯ дар мулзам кардани Осим Одил бошад? Ҳа, бибии Панирой бузург аст. Имрӯз ӯ шахсеро танбеҳ дода, мулзам кард, ки тамоми мардуми Гулдара бо андешаи «аз девори каҷ ҳазар» чизе гуфта наметавонанд. Ана Осим Одил боз чашми бибии Паниройро дур дида, дар ғайбаш ба падарам нештар мезанад:

– Ба хаёлам ин кӯри Шариф қишлоқа як умр мотам гирондани̅.

Осим Одил болои кати назди суфа каҷпаҳлӯ зада, аз рӯи дастурхон пораи калони нон гирифт. Давоми суханаш аз луқмаи даҳонаш ҳам вазнинтар омад:

– Ин номусулмона дар гӯр ҳам хирс нахӯрде.

Соле зимистон сарду сербарф омад. Галаи гург қариб ҳар шаб ба чорвои деҳаи Гулдара ҳуҷум мекард. Падарам шикорчии номи̅ буд ва мардум барои аз ин бало ворастан ба наздаш бо илтиҷо меоянд. Бо вуҷуди барфпӯшу яхбаста будани роҳу пайраҳаҳо падарам ба шикори гургҳо баромада, дар сари пайраҳае, ки кӯҳи Фарҳоду Гулдараро ба ҳам мепайваст, камин гирифт. Ва гӯё даррандаҳои хунхор аз ин азми ӯ огоҳи̅ ёфта бошанд, ҳамон шаб ба деҳа нафуромаданд. Падарам шунидааст ва медонад, ки шабохуни гург аз як поси шаб то дами субҳ аст. Агар ин ҷо боз соате камин гирифта шинад, субҳ медамад ва гургҳо ҷасорати ба деҳа фуромадан намекунанд. Аҷаб не, ин шаб туъмае доштанду қаноат карданд. Падарам бо ҳамин андешаҳо бо пайраҳаи оҳугузар, қад-қади ҷари пуртаҳлуқа рӯболо шуд. Ҳар қадаре боло мерафт, сармо ҳамон андоза шиддат мекард. Шабҳои беабри зимистон пас аз як поси шаб аёс мекунад. Он шаб аз шиддати сармо ҳатто моҳуситораҳо дар осмон гӯё карахт шуда буданд, ки рахшандатар ба назар мерасиданд.

Падарам дар пайраҳаи яхбаста бо эҳтиёт қадам бардошта, ба чаҳор тараф зиракона назар мекард. Баъди тахминан ним соат роҳ паймудан ӯ ба камари Чилдухтарон баромад. Аз ин мавзеъ ҳам пайраҳаи деҳаҳои Хубону Тӯда ва ҳам пайраҳаи касногузари Оҳударaро, ки қад-қади вартаҳои ваҳмангез мегузарад, нағз мушоҳида кардан мумкин аст. Падарам бо тақозои касб ин пайраҳаи пурхавфу хатарро борҳо тай кардааст ва ҳар як гардишу санги онро чун панҷ панҷаaш хуб медонад. Бо манзури ҳамин донандагии роҳу пайраҳа баробари дар самти муқобил

сиёҳии даррандаҳоро дидан бе ҳеҷ дудилагӣ худро ба пайраҳаи Оҳудара зад. Ӯ бо гирумони хоссаи шикорчиҳо хамида-хамида ва айни ҳол қариб бо дав масофаро хело кӯтоҳ кард ва паси харсанги пайраҳа камин гирифт. Садои пай дар пайи тир сукунатро рахна зад, куҳҳо акси садо доданд. Гурги тиррасида ғел хӯрда, ба варта рафт ва ду гурги дигар аз ваҳм пайраҳаро монда, ба тани шах часпиданд. Аммо панҷтираи шикорӣ бе хато нишон мегирифт. Се тири дигар гургҳои гурезаро аз пой афтонду падарам хотирҷамъ сари по шуд ва аз қазо пояш рӯи санге лағжиду аввал мисли дорбози бе лангарчӯб лаҳзае мувозинаташро гум карда дасту по зад, сипас шаху арчаҳои кӯҳ пеши назараш мисли фирфираки бачаҳои деҳа чархгардон шуданд. Садои ба ҳам бархӯрдани сангҳо ва ниҳоят даҳшати беҷо шудани тарма кӯҳро ба ларза овард. Падарам аз сангу буттаҳо саду як лат хӯрда, дами ғори ваҳмангезе афтоду фурсате нагузашта тармаи аз боло кӯчида ба даҳони ин ғор нишаст. Вай ин ҳодисаи ногаҳон дар фурсати як мижа таҳ задан рухдодаро дарк накарда аз ҳуш рафт ва ба худ омада, эҳсос намуд, ки банди пою китфи росташ сӯзиш дорад. Дарди ҷонкоҳ илоҷи озод нафас кашидан намедод. Лаб зери дандон гирифта, бо илоҷе худро даруntари ғор кашид. Чашмаш ба торикии ҳавлангези ғор, ки ҳавои рутубатноку бадбӯ дошт, оҳиста-оҳиста одат мекард. Ӯ дар пешгоҳи ғор суроби хирсро дида, ба куҷо афтоданашро пай бурд.

Дар торикистони ҳавлангези ғор барои ӯ шабу рӯз якранг буд. Вай барои аз ин «қабр» раҳо ёфтан кӯшиши бисёреро ба харҷ дод, аммо муроде ҳосил нашуд. Барои аз дами ғор бардоштани тармаи азим оҷиз буду аз дарду алами нотавониҳо дандон соида бесадо менолид. Муддате бо корди шикорӣ тарматарошӣ кард ва дид, ки ин амалаш бо сӯзан чоҳ канданро мемонад, аз баҳри тармаканӣ баромада, ба тақдир тан дод. Ёд надошт, ки аз гирифториаш ба ин бало чанд рӯз гузашт. Меъёри вақтро аз гурусна мондан ҳисоб карда, рӯз мешумурд. Нону талқони миёнбан-

дашро сад сарфа карда бошад ҳам, ба чанд рӯз расиду бас. Ӯ бо вазъи зиндадаргӯрӣ гоҳ-гоҳ ба вартаи ноумедиҳо афтода, маргро тан мегирифт. Ва бо вуҷуди ба марг таслим шудан бо шарораи кадомин умедвориҳо бесадо фиғон мекард: «Наход дигар дунёи равшанро набинам? Наход ҷасадам луқмаи даррандаҳо шавад? Не, хирс одам намехӯрад». Падарам инчунин медонад, ки агар ба хирс зарар нарасонӣ, сад сари сол ба ту коре надорад. Ва боз умеди падарам баҳри зинда мондан ҳамин хирс буд. Вай медонист, ки як рӯз не, як рӯз хирс аз хоб бедор шуда, тармаро аз дами ғор дур хоҳад кард. Худоё, ин рӯз кай мерасида бошад? Аз чиллаи хурди зимистон чанд рӯз гузашт? Баҳор кай мерасад, ки…

Ва рӯзе садои хашмгини дарранда падарамро, ки дар гӯшае панаҳ бурда, мехобид аз хоб бедор кард. Хирс бо хашм тармаи даҳони ғорро тела медод ва аз омад накарданикораш дам ба дам наъра кашида, бо азми бештаре талош мекард. Аз ин азму ғайрати хирс дар дили падари зиндадаргӯрам шарораи умед барқ зад. Хирс ҳамон бо тармаи дами ғор дар мубориза буд ва ниҳояти кор ғолиб омад. Баробари аз дами ғор дур шудани хирс падарам бехабар аз теғи офтоб худро аз олами зулмот ба берун зад. Дурахши офтоб чун барқ бар чашмонаш бархӯрду замину осмон ба ду лаълии оташ табдил ёфта, дар гавҳараки чашмонаш чархгардон шуданд. Падарам мисли одами аз ақл бегона саросема ба ағба часпид ва то афтону хезон ба пайраҳа баромад, ки лаълиҳои оташбори чашмонаш дар пардаи зулмоти бепоён ғайб заданд.

Рӯзе, ки чӯпонҳо аз кӯҳ ӯро оварданд, гули бойчечак зеби баногӯши духтарон буду мардуми Гулдара руҳи падарамро ёд оварда, дар чилаш оши худоӣ мехӯрданд. Вай ҳам ин оши худоиро бо шукронаи зиндагӣ хӯрд. Бибии Панирой тайи як ҳафта чашми падарамро бо барги зуф табобат мекунад ва пас аз нуҳ рӯзи бино шудани ӯ ман ба дунё меояму мениҳанд Некрӯз номам.

– Некрӯзҷон, канӣ аспро наздики суфа биёр!

Агар каси дигар ин амрро медод, иҷро намекардам. Азбаски бибии Панирой мегӯяд, ноилоҷ гардан фуроварда, итоаткорона Лочинро назди суфаи баланд бурдам. Болои суфа боз сандалӣ монданд, то янгаам осон ба асп савор шуда тавонад.

Бибии Панирой янгаамро болои суфа мебарорад, аз дасташ дошта мебарорад. Худаш ҳамин хел хост, ба келинам гапи гуфтанӣ дорам гуфта, занҳои дигарро намонд. Ва ман баробари ба сандалӣ наздик шудани онҳо гапи гуфтании бибии Паниройро шунидам:

– Бо нияти нек, бо пои рост ба сандалӣ баро, духтарам, – инро гуфта ва ҳанӯз янгаам ба сандалӣ по намонда, илова кард. – Агар Худо диҳаду поят вазнин шавад, номи Хусравҷонамро ният кун. Ба Даврон муаллим васияти бибиам буд гӯ, не намегӯяд, нофашро ман худам бурида будам.

Янгаам бо пои рост, ба чашм об гирифта, болои сандалӣ баромад. Аз чашми бибии Панирой низ ду қатра ашк канда шуда байни чинҳои рухсори пурожангаш ғайб зад.

– Қошу қавоқатро кушо, келин, имрӯз тӯй! – Аз назди пешайвон овоз баланд кард Осим Одил. – Ҳамин ки аз дари ҷиянам даромадӣ, аз сарат қанду қандалот мепошем, дойра зада, пойандоз меандозем.

Ман дилтанг ба гирду атроф назар андохтам. Чаро падарам наменамояд? Куҷост ӯ, ки ба даҳони бефаровези ин одам фаровез бандад. Аз ҳамон соате, ки «очаҷон»-ашро таскин дода, ба хона гирифта даромад, ӯро дигар на дар рӯи ҳавлӣ дидаму на дар пешайвон. Маро пайваста насиҳат мекард, ки тақдир ҳамин будааст, таомул чунин аст. Худаш бошад ба келинбаророни имрӯза тоб наоварда, ба хона даромад. Ба фикрам на бинаму на сӯзам мегӯяд. Гумонаш ман намесӯзам? Боз ин гапҳои Осим Одил болои сӯхта намакоб аст. «Додоҷон куҷоед шумо? Бароед аз хона, вагарна ҳозир ҷилави Лочинро сар медиҳаму ба сари ин ҷоҳил сад қамчин мезанам»... Хайрият, гӯё арзамро

шунида бошад, падарам бо сари хам аз хона баромад ва рост ҷониби суфа омад. Апаам ҳам аз қафояш омад.

– Келинҷон, ту ба мо фарзанди ҷигарбанд ҳастӣ, аммо чӣ илоҷ, қисмат ҳамин будааст. То охири умр ба ту падарӣ карда натавонистам, – овози падарам ларзид ва бо ларзиши бештаре афзуд. – Дар хонадони нав. илоҳо, бахту саодат бинӣ.

Аз суханони падарам дар гулӯи ман гиреҳ афтод. Лочин аз интизории зиёд бетоқат шуда пой кӯфт. Ҷилавро кӯтоҳтар доштам. Сар хам карду ором шуд. Сухани апаам низ дард буду ғам:

– Моро фаромӯш накунед, янгаҷон.

Янгаам болои сандалӣ бо сари хам хомӯш буд. Аҷаб не гиря мекард, агар не, чаро ҷуссаи наҳифу дилкашаш меларзад. Шояд гиря намекарду ин ларзиш аз ҷунбиши сандалии корхӯрдаи пойҳояш ноустувор аст? Рӯймоли дувоздаҳчорякаи ғиҷим рӯяшро пӯшонда асту ман чашмони янгаамро намебинам. Ҳа, танҳо ба умқи чашмони инсон назар андохта, пай мебарӣ, ки гиря дорад ё … «Ҳар чашми наму оби дида гиря нест» инро ман не, кадом рӯз бибии Панирой гуфта буд.

– Канӣ, духтарам, савор шав, – бибии Панирой ба ҳар эҳтиёт сандалиро медорад. – Осим одами бадгап бошад ҳам, дуруст мегӯяд, рӯзи тӯй одам оби дида намерезад, хосияташ нағз не.

Янгаам болои асп рӯи ҳамон ҷойпӯши гулдӯзие, ки то имрӯз болои ҷойхоби худашу Хусрав овезон буд, нишаст. Болои аспе нишаст, ки соле аз ин пеш ӯро бо гашти хоссаи аспҳои зотӣ хиромон-хиромон ба ҳамин ҳавлӣ оварда буд. Он рӯз Лочинро ман бо як олам шавқу завқ ҷилавдор будам. Имрӯз бо як олам дарду ғам ҷилавдорам ва алҳол намедонам, асп янгаамро аз ин ҳавлӣ чӣ хел мебарад. Агар ёди Хусрав аз сараш рафта бошад, бефарқ мисли ҳамон аспҳое, ки келин мебаранду меоранд, янгаамро ба хонаи Даврон муаллим мебарад. Ва агар ҳанӯз дар дилаш хумори

Хусрав нашикаста бошад, ҳамон ашк ашки дӯст бошад…

Лочин баробари маҳмез додани Хусрав бошаст пеш давида, аз байни тӯдаи аспҳо ба худ раҳ кушод. Ба осонӣ не, раддаро шикаста, раҳ ёфт ва баробари ба ҷасади ҳанӯз гарми маслуқ наздик шудан зону зад. Хусрав, ки ин мадади Лочинро медонист, ба пои маслуқ чанг андохта, бо чолокии ба чавандозҳо хос онро аз замин бардошт. Ва Лочин зуд сари по шуда боз шаст гирифт. Аз чаҳор тараф садои «ҳалол-ҳалол»-и мардум бо овози қийғосии чавандозҳо даромехта, ба шасти Лочин шаст бахшид. Ин лаҳза барои Лочин пастию баландӣ вуҷуд надошт. Дар сари роҳи худ ҳатто сангҳои ҳар ҷо-ҳар ҷо паҳну парешони даштро намедид. Асп намедавид, парвоз мекард. Ҳа, яқин парвоз мекард ва барои аз замин канда шудани пояш ҷасади ҷавонае, ки Хусрав банди пои онро маҳкам медошт, халал мерасонду бас.

Аз қафо чанд аспи дигар бо ҳамин суръату шиддат ӯро таъқиб мекунанд. Лочин садои сум, ҳатто номураттаб нафаскашии ҳарифони худро мешунавад. Маълум, ки ҳариф хеле наздик аст ва ҳоло ҳозир ба вай баробар шаваду боз часпу талоши чавандозҳо оғоз меёбад. Хусрав барои аз таъқиби ҳариф дур шудан Лочинро қамчин намезанад. Лочин корозмуди майдони дав асту ҳоҷат ба қамчин нест. Хусрав хуб медонад, ки Лочин борҳо дар вазъиятҳои аз ин ҳам душвортар ба худ роҳ ёфта, соҳибашро ба марра расондааст. Ана, ҳоло низ чунин ҳолат рух дод. Лочини мисли бод даванда, якбора, бо шаст ба самти чап гашт. Аз ин гашти гирдбодмонанди асп қариб буд Хусрав мувозинаташро гум кунад. Аспҳои таъқибгар, ки чунин чапғалати гирдбодмонандро интизор набуданд, бо шаст гузашта хеле дур рафтанд. Лочин мисли тӯғёни баҳр ба ҳамон самте, ки дар як мижа задан тай карда буд, қафо гашт. Суръати ӯ дар ин лаҳза суръати ситораи парронро мемонд, ки аз як манзил ба манзили дигар расиданашро бо вусъати нигоҳ фаро гирифтан муҳол аст.

Чанд чавандози аз таъқиб ақибмонда гӯё ҳамин лаҳзаро интизор буданд, ки баробари ба қурра наздик шудани Лочин аспҳояшонро маҳмез дода, Хусравро пешвоз баромаданд. Хусрав ҷилавро ба рост кашид. Боз садоҳои «ҳалол-ҳалол»-и мардум, қию чуви чавандозҳо ба фазо печид. Лочини арақшору аз шасти дав нафасгардонро тамоми нерӯ сарфи суръат буд. Аспҳо вайро аз ду паҳлӯ таъқиб мекарданд. Илоҷи ба чапу рост тоб хӯрдан набуд. Танҳо ба пеш ва аз пеш садои одамон ба гӯш мерасад. Баробари паси сар шудани теппа давраи одамон пеш омаду Лочин зиракона роҳашро саҳле дигар кард. Ду писарбача худро дур гирифтанӣ шуда аз саросемагӣ пеши пои асп афтиданд. Аз ин манзара Хусравро даҳшат гирифт. Аз тарс чашм пӯшид, то зери пои асп мондани бачаҳоро набинад. Лочин лаҳзае саросема шуд. Аз самти рост аспҳои бисёре таъқиб мекарданд. Тарафи чап варта. Ва Лочини бодпо таги по афтидани одамро дида, бо тамоми қувва парид. Хусрав, ки ҷасади ҷавонаро ҳанӯз ҳам аз даст раҳо надода буд, мувозинаташро гум карда, бо маслуқ сарозер рафт ва одамони аз чунин ранг гирифтани воқеа бехабар «ҳалол шуд, ҳалол» гӯён фарёд мекарданд. Бачаҳои аз фалокат эминмонда ба чавандози мадҳушу Лочини дар атрофи ӯ чархгардон ҳайрон-ҳайрон менигаристанд.

Чанд нафар гирди Хусрав ҳалқа заданд. Лочин чархгардону покӯбон шиҳа кашид. Асп умедвор буд, ки ҳоло ҳозир соҳибаш бармехезаду ӯро савор шуда боз маҳмез медиҳад. Аммо ин тавр нашуд. Одамон чавандозро рӯи даст бардошта, ба мошин андохтанд.

Аспи бодпо дар фарози теппа танҳо монд ва шиҳа кашид. Ба дард шиҳа кашид, ки чаро аз дави майдон дар канор аст? Хусрав куҷост? Одамон ӯро куҷо бурданд? Мошин чаро аз фарози теппа хазида мефурояд?..

Аз домани деҳа шамолаки сабуке вазида, синаи фароху арақшори Лочинро навозиш кард. Насим не, гӯё бӯи Хусрав навозиш кард. Бӯи соҳибаш аспро бетоқат намуд. Ва ҳини ҳамин бетоқатӣ касе ӯро ҷилав гирифт. Асп дид, ки

даст дасти бегона шиҳакашон чароғпоя шуд. Ба димоғаш боз бӯи махмуркунандаи Хусрав омад. Оғӯшта бо бӯи хун омад. Ин бӯ аз ҷониби деҳа, аз самти мошинрафта меомад…

Лочин аз ҷои исташ парид. Ҷилавдор такконе хӯрда, раҳояш кард. Асп дар як лаҳза ба мошине расид, ки аллакай ба роҳи ҳамвор фуромада, бо чароғҳои фурӯзон ҷониби беморхона шитоб дошт. Ҳарчанд бо чароғҳои фурӯзону бо шасти баланд мерафт, суръаташ аз суръати Лочин беш набуд. Асп бо мошини барқсуръат паҳлӯ ба паҳлӯ мерафт. Лочини пуртаҳлукаю лаҷомгусаста мехост донад, ки соҳибашро куҷо мебаранд. Чаро рӯи даст, бе Лочини бодпо мебаранд? Ин ду нафаре, ки Хусравро мебаранд аз куҷо донанд, ки бо худ ҷони Лочини лаҷомгусастаро мебаранд.

Ҳамон рӯз Лочинро аз назди беморхона банд андохта оварданд. Бетоқат буд. Асп пайваста пой мекӯфту шиҳа мекашид. Аз чизе ҳаррос дошт Лочин. Ман ҳам дар хона тани танҳо ҳаррос доштам. Тарсам аз торикии шаб не, аз аҳволи бади Хусрав, аз фарёди бехудонаи апаам буд. Дар ҳоле ки Лочинро банд андохта оварданд, апаам сар мешуст. Аспро бесавору Ҳалимчовандозро ғамгин дида, ҳуш аз сараш парид. Ва бо парешонӣ ҳатто ба сар рӯймол нагирифта, ҷониби беморхона давид. Падарам дар ҷои кораш хабар ёфт. Янгаамро, ки ҳанӯз келини чилладор буд, ба назди Хусрав бибии Панирой бурд. Рӯйканону мӯйканон бурд.

Касеро ба назди Хусрав даромадан намемонданд. Танҳо апаам он ҷост. Хусрав аз духтури навбатдор хоҳиш кардааст, ки «очаҷон»-ашро иҷозат диҳанд… Ва боз ҳамин духтур ба бибии Панирой гуфтааст, ки аҳволи Хусрав вазнин, хеле вазнин, мағзи сутунмӯҳрааш кандааст. Бибии Панирой ба касе чизе намегӯяд. Гиря ҳам намекунад, аммо чашмони намаш гувоҳ, ки чун ҳезуми тар месӯзад.

Маро ғанаб мебарад ва дар ин фосила аз покӯбии бетоқатонаи Лочин хобам мепарад. Пушти хона саисхона

аст. Асп бошиддат по мекӯбад, гӯё нафасгардон шуда бошад, фашшос мезанад. Наход ба ресмон печида бошад? Чароғро гиронда дари саисхонаро кушодам ва дидам, ки Лочин ба коҳу ҷави охур ҳатто даҳон назадааст. Бо нияти навозиш ба пешонаи қашқааш даст бурда ҷо ба ҷо карахт шудам. Аз чашмони Лочин ашк метаровид, бе садо метаровид, бо дарду андӯҳи гарон метаровид… Пас аз соате субҳ дамиду ситораи саҳар тобон шуд ва Хусравро бо фиғони «очаҷон»-ашу нолаҳои ҷонсӯзи падарам аз беморхона оварданд…

– Оварданд, оварданд!

Бачаҳое, ки то ин дам назди дарвоза ва сари кӯча бозӣ доштанд, афтону хезон ҳамдигарро китф задаю пеш гузашта, мисли селаи гунҷишк худро ба дарвоза заданд ва бо ҳаёҳуй ҳавлиро ба сар бардоштанд.

Ду марди паҳлавонсурат аз хешони Даврон муаллим аз мошини боркаш ду сатил нишолою як каҷова кулча фуроварда, ба дасти бибии Панирой доданд. Бачаҳои деҳа ба атрофи бибӣ ҳалқа шуданд. Дар Гулдараи мо таомул чунин аст: то ба ҳамаи бачаҳои деҳа ба рӯи кулчаи ширмол як кафлес нишоло молида надиҳанд, арӯсро аз ҳавлӣ намебароранд ва боз пеш аз баровардани арӯс дами дарвоза бо нияти дилгармиҳо гулхан меафрӯзанд.

Бачаҳо барои кулчаю нишоло талош доранд. Гулхани дами дарвоза афрӯхтаи Карим бобо забона мезанад ва ман ба тақдир тан дода, Лочину янгаамро ҷониби оташе мебарам, ки мисли дилам месӯзад. Фақат фарқ ин ки гулхани дами дарвоза забона мезаду дили ман кӯрдуд мекунад. Тамоми роҳ бо дарду алам дуд мекунад.

Хонаи Даврон муаллим чандон дур нест. Ҳамин ки китобхонаи деҳаро гузаштед, дар тангкӯчаи тарафи рост, чор хона поёнтар аз ҳавлии Осим Одил. Тангкӯчаро аз сари роҳи калон то ҳавлии Даврон муаллим об зада рӯфтаанд. Ба димоғам боз бӯи дуд зад. Азбаски кӯрдуди дил ба вуҷудам вазн оварда, табъамро хира медошт, аз болои гулхани дами дарвозаи Даврон муаллим бефарқ гузаштам.

Ба пешвозам дар тан ҷомаи беқасаб, дар сар тӯпии рахаш нашикастаи чустӣ худи Даврон муаллим баромад. Ба пешвози ман не, ба пешвози янгаам баромад. Ҳозир ӯ янгаамро аз болои асп мегирад, ба хонаи гӯшагардони бо сӯзаниҳои бисёру сардевориҳои ранг ба ранг мунаққаш мебарад, паси чодар мегузарад ва… Гулрӯ барои ман, апаам, падарам як умр бегона мешавад…

«Не!»

«Тақдир ҳамин будааст, бачем».

Аммо мани бахтгумкарда ба тақдир тан доданӣ не, ҳарчанд медонам, ки тақдирро тадбир нест.

Даврон муаллим ҷониби янгаам даст дароз кард. Ҳофизи тӯйгард гӯё ҳамин лаҳзаро интизор буд, ки овозашро батамом сар дод:

*Рӯзи васли дӯстдорон, ёд бод,*
*Ёд бод он рӯзгорон, ёд бод…*

Дигар нафаҳмидам, ки ҳофиз чӣ хонд. Фақат ҳамин қадар дарк кардам, ки Лочин ҳарросон шуд. Шояд ӯ низ мисли ман умедвор буд, ки муъҷизае рух медиҳаду ба сарвати хиромон овардааш Хусрав пешвоз мебарояд? Ҳамон хел пешвоз мебарояд, ки соле пеш аз ин пешвоз баромада буд. Лочин дар ҷомаи беқасаб, ки айнан ранги ҷомаи Хусравро дошт, ба ҷои соҳибаш каси дигарро дида, бетоқат шуду ҷилав кашид ва ин лаҳза қомати мавзуни янгаам хам хӯрду дасти Даврон муаллим ба куртаи атласи ҳафтранг расид. Аз фиғони дар гулӯям печида кӯрдуди дилам чун гулхан забона заду ҷилави асп аз дастам раҳо ёфт. Лочин гӯё ба сараш ногаҳ тозиёна хӯрда бошад, дар ҷои ист чарх заду чароғпоя шуд. Ҳарчанд бо шаст чароғпоя шуд, янгаам оҳиста лағжиду нарм афтид. Ба замин не, аз рӯи дастони ҷонибаш дароз кардаам ба оғӯши ман афтид. Аз пайкари ларзону мӯи мушкинаш ба машомам бӯи Хусрав омад. Лочин шиҳа кашиду боз чароғпоя шуд. Ва бо ҳамон шасту баст худро ба кӯча зад. Дар оғӯшам янгааму дар машомам

бӯи Хусрав дидам, ки аз зарби суми Лочин гулхани дами дарвоза хомӯш шуд ва фурсате нагузашта, лахчаҳои паҳну парешон кӯрдуд кард.

Рӯзҳо гузаштанд. Моҳҳо низ паи ҳам сипарӣ шуданд. Аммо лахчаи дили ман ҳанӯз ҳам ба ёди Хусрав, янгаам, бибии Панирой ва Лочин кӯрдуд мекунад.

Ба хонаи мо аз янгаам гоҳ-гоҳе ин ё он хабар меоранд. Ба зиёрати Хусраву бибии Панирой дам ба дам меравем. Аммо аз Лочин дараке нест.

Ҳар кас ҳар чӣ мегӯяд.

Мегӯянд, ки Лочинро бо зину афзолаш дами субҳи содиқ назди қабристон дидаанд…

Мегӯянд, ки дами шом пас аз бузкашӣ дар фарози теппаи Ҷаҳоннамо дидаанд…

Ва боз мегӯянд, ки дар қаъри вартаи Оҳудара асперо дидаанд, ки зину лаҷом дорад.

Ман мегӯям, ки пас аз як сол Лочинро дар саисхонаи худамон дидам. Танҳо не, бо Хусрав дидам. Лочин мисли ҳамон шаб ба коҳу ҷав даҳон назада, ашк мерехту Хусрав табассум мекард. Ва ҳамон шаб боз хоб дидам, ки бибии Панирой аз ҷомаи алочаи рангпарида пӯшидани ман хурсанд асту гиря мекунад.

## АТРИ КАФАН

Аз зарбаи ногаҳонӣ Ҷӯра Камолро ханҷаре ба дил нишаст ва гӯё неши ин ханҷар ба умқи майнааш панҷа зад. Забон ба ком фурӯ рафта, ба роҳи нафасаш гиреҳ афтод. Бемадор аз зарба, нафасгардон аз дарди ҷонкоҳ хост илоҷе карда худро ба рахти хоб расонад, натавонист. Калавида лаби мизро, ки Файз рӯи он барои хӯроки шом дастурхон густурда буд, дошт ва агар ин лаҳза хизматгор ба мададаш намерасид, чун сайди тирхӯрда рӯи фарш афтиданаш аниқ буд.

– Ба хайр, бобо? – Саросема хӯҷаинро такядор шуд хизматгор.

Ҷӯра Камол дар чашмони чун ситора дурахшони Файз як олам меҳру муҳаббатро омехтаи ҳаррос дид. Гумон кард хизматгор не, фарзанди яккаву ягонааш такядор аст ва сари ҳамин андеша пурсиши Файз ба гӯшаш фораму таскинбахш нишаст.

– Бобо, ба шумо чӣ шуд?

Худи Ҷӯра Камол аз ин ҷавонмарди лоҳурӣ хоҳиш кардааст ба ҷои ҷаноб ӯро бобо гӯяд. Як замоне худи Ҷӯра Камол ба падар ҳамин тавр муроҷиат мекард ва феълан умраш ба ҳафтод дакка зада бошад ҳам, сахт хумор аст ба ин ному меҳри падар.

– Бобо, бобо… – аз лаҳза ба лаҳза ранг коҳидану аз чашмон нур паридани хӯҷаин ҳаросон шуд хизматгор.

Ҷӯра Камол аз шиддати дард аранге лаб газида, ишора ба рахти хоб кард. Файз ӯро бо эҳтиёт ба рахти хоб расонида, боз ғамхорона пурсид:

– Духтур ҷеғ занам, бобо?

Ҷӯра Камол бо аломати инкор сар ҷунбонд. Ӯ хуб медонад, ки аз қабзаи саввуми сакта ҳеҷ дилеро раҳоӣ нест. Бояд ба тақдир тан дод. Ашки дар чашмаш ҷӯшида аз ду кунҷи чашм шорид ва худаш ҳам дарк накард, ки ин ашк аз шиддати дард аст ё риққат.

Файз курсии бепуштаки назди ойинаи барқадро ба рахти хоби Ҷӯра Камол ҷафс намуда, нишаст ва бо сачоқи барфосо ашки аз чашмони хӯҷаин таровидаро нарм пок кард. Нигоҳи нотавону лабони карахти Ҷӯра Камол чизе мегуфт. Файз ҳарчанд мутаваҷҷеҳ гардида, кӯшиши фаҳмиш ба харҷ дод, чизе сарфаҳм нарафт. Нигоҳи маҳзуну дардолуди хӯҷаин ҷевони пур аз булӯру чиниворро, ки ҳар кадом ба сари худ асари санъату ёдгории таърихӣ аз кишварҳои мухталиф буданд, мепалмосид. Файз дар токчаи аз ҳама баланди ҷевон паҳлӯи хӯсаи тиллоӣ Қуръони ҷилдаш зарҳалинро дида, бошитоб аз ҷой бархест. Ӯ шод буд, ки нигоҳи умедвори хӯҷаинро дарк кард. Охир, Ҷӯра Камол, мусулмон аст, суннати исломро бояд ба ҷо оварад. Файз қабл аз он ки китоби муқаддасро

саҳифа кушояд, мисли ҳар мусулмони комил онро се бор ба чашм молида, бӯсид ва ба назди бобо баргашта, рӯи фарш чорзону зад.

Ба назари Ҷӯра Камол чунин расид, ки садои марғуладори Файз ин дару хонаи баландошёнаи шаҳри азимро пур карда, то дуриҳои дур – деҳаи Сароб расид ва мардуми бисёр ҷамъ омада, гӯш ба тиловати сураи Ёсин медиҳанд. Ва боз дарк намуд, ки овози Файз ба овози ҳамон ҳофизе, ки чанд баҳору хазонрез қабл аз ин меҳмонаш буд, хеле ва хеле монанд аст. Гӯё ҳамон ҳофизи номии Тоҷикистон дар васфи Ватан суруд хонда мегӯяд:

– Мулло амак хоҳишатонро ба ҷо овардам.

Ӯ инро гуфта, даст ба ҷайб мебарад ва тугунчаи суфро ба мулло амак дароз мекунад. Ҷӯра Камол ғайри ихтиёр зону зада, тугунчаро мекушояд ва як каф хоки онро бӯсида, ба дида мемолад.

– Аз худи Сароб? – Чашм ҳавзи об мепурсад Ҷӯра Камол.

– Ҳа, аз қабристони қишлоқ…

– Дар сарҳад чизе нагуфтанд?

– Пурсиданд, гуфтам, ки хок. Ҳайрон шуданду хандиданд.

Ҷӯра Камол дар ҷавоб чизе нагуфт, аммо дилаш аз беғамиҳои бедардон, ки аз қадру қиммати хоки Ватан бехабаранд, нолид. Ва ҳоло пас аз чанд соли ин нола Файз низ бо ҳамон оҳанг менолад. Аммо аз ин нолае, ки тиловати ояти раббонӣ аст, дилу дида равшан шуд бобоаро. Агар ҳамин тавр не, аз куҷо деҳаи дурдасти Саробу ҳофизи тоҷикистонӣ дар дилу дида эҳё шуд ӯро. Вай медонад, ки сураи Ёсинро дами сакарот сари бистари бемор мехонанд. Аз қудрати ин сура низ огоҳ аст Ҷӯра Камол. Ё ин тараф ё он тараф. Худоё, чаро Файз аз дили ӯ огоҳ нест, илтиҷои нигоҳи суоломезашро дарк намекунад? Завҷааш Саманта ва фарзанди яккаву ягонааш Жорж куҷост? Онҳо паи сомони корҳои ширкат ба Лондон рафтаанд ва Худо медонад, кай бармегарданд. Не, не, ин муҳим нест. Агар болои

сараш ҳозир бошанд ҳам, он чизе, ки вай мехоҳад, ба ҷо нахоҳанд овард ин ашхоси бегонамазҳаб. Кош ин лаҳза ба ҷои ин қасри боҳашамат дар кулбаи ба равоқаш дуднишастаи бобоӣ мебуд. Чаро ин ҳавас дами вопасин ба сар омад ӯро? Наход рӯҳаш дар қуттии махмалпеч сарсон монад то абад. Не, не, ту бояд ҳама суннатро ба ҷо орӣ, Файз ва донӣ, ки дар тоқчаи баланди ҷевон…

Дар ҷавоб овози марғуладори Файз форамтар ба гӯш омад Ҷӯра Камолро. Аз сураи Ёсин, ки Файз чашм пӯшида мехонд, ҳама чиз ба фаромӯшиҳо рафт бобоеро ба ҷуз тоқчаи баланди ҷевону андешаи кафан. Хайр дарду иллатро ирсияту меросӣ гуфтаанд, наход бе кафан мурдан ҳам барои инсон меросӣ бошад? Падараш ҳам дар кишвари бегона, ҳангоми убури сарҳад баногоҳ аз сактаи дил мурд. Бача бошад ҳам нағз ёд дорад он азобу даҳшатро. Азбаски кафанворӣ наёфтанд, ба бӯрё печонда, ба хок супурданд падарашро.

Пас аз сарсониҳои зиёд дар кишварҳои бегона он қадар давлату сарватро соҳиб шуд, ки Саробу ҳафт ҳамсояқишлоқи онро хӯрондаву пӯшонда метавонад. Худоё, наход соҳиби ҳамин қадар сарвату давлатро бекафан гӯронанд. Не, Файз набояд иҷозат диҳад, ки ӯро бо шиму костюм ва гарданбанд ба қуттӣ гузошта… Аз ин андеша нафас танг омад Ҷӯра Камолро… «Файз, Фа…йз… ту бояд…» нола мисли обе, ки болои реги тасфон мерезанд, дар қаъри дил нишаст бобоеро. Нури чашмонаш ҳарчанд тавоне надошт, андармон буд ба тоқчаи баланди ҷевон…

Файз аз китоб сар бардошта дид, ки нафасҳои вопасин дар синаи бобо бо азобе дар рафтуо аст, хам хӯрда ба гӯши Ҷӯра Камол пичиррос зад:

– Калима арз кунед, бобо, – ва инро гуфта, худ калимаи Шаҳодат ба забон овард.

Лаби сарду хунгурехтаи бобо аранге ба ҳам омаданд ва фарқ кардан муҳол буд, ки ин ҷунбиш аз шиддати дард аст ё аз ҳарфи ба забон наомадаи бемор. Ба ҳар эҳтимол Файз калимаи Шаҳодатро дубора арз кард ва муддате интизор

шуд. Ҳушкашолие дорад бобо, аз дил гузашт хизматгорро ва мувофиқи дидаву шунидаҳояш дубора хам хӯрда, ба гӯши Ҷӯра Камол пичиррос зад:

– Писаратон омад, – ва бо дурӯғи дигаре афзуд. – Хотирҷамъ бошед, бобо, янга ҳам ин ҷост.

Аммо нафас ҳанӯз гардон буд дар сина Ҷӯра Камолро ва нигоҳи умедвораш банди тоқчаи баланди ҷевон. Файз намедонист боз чӣ амале ба харҷ диҳаду барои таскини бобо чӣ гӯяд, ки вай ин дунёи фониро бедилкашолӣ осуда тарк кунад. Ва ин лаҳза чун нур дар зулмат ба ёд омад ӯро кадом як китоби дар мактаб хондааш, ки саропо панд буду ҳикмат. Файз дасти аллакай сардгаштаи боборо ба каф гирифта, гӯё масъулияти бузургеро ба уҳда мегирифта бошад, то андозае мутантан изҳор кард:

– Осуда бошед, бобо, ҳама суннатро ба ҷо меорам.

Аз ин сухан Ҷӯра Камолро талхии ҷон кандан осон шуд. Гумонаш Файз вопасин хоҳиши ӯро аз ишораҳои такрор ба такрор дарк кард ва як мушт хоки Ватан, иншооллоҳ, ӯро атри кафан мешавад. Ва Файзи бехабар аз ин андешаву талвоса ҳанӯз дасти Ҷӯра Камолро аз даст раҳо надода, бо таҳайюр дид, ки нафас дар синаи бобо сокин шуд. Ӯ бо фиғон боборо манаҳ баста ӯрён кард, болояш ҷойпӯш кашид ва бо нияти теғ оварда тани хӯҷаинро пок кардан ҷониби ташноб рафт…

Пас аз ҳафт рӯзи азодорӣ завҷаи Ҷӯра Камол аз Олмон ба Лондон кӯч баст ва хизматгорон ҳини бо эҳтиёт ҷо ба ҷо кардани зарфҳои булӯрину чинии нодири ҷевон паҳлӯи хӯсаи тиллоӣ халтачае ёфтанд, ки як каф хок дошт.

– Ин чӣ бошад?

– Кай донам, – бепарво ҷавоб дод дигаре ва муддате ба хок зеҳн монда, шиддат намуд. – Зудтар ҷумб, як чизи беҳуда, дупула арзиш надорад. Ӯ барои олуда нашудани фарш халтачаи хокро аз тирезаи нимроғ берун афканд.

Ва як мушт хоки ҳамчун чизи беарзиш ба кӯча афкандаи марди олмонӣ хоки деҳаи Сароб буд, ки рӯи раҳ пош хӯрда, зери чархи мошинҳои шаҳри азим парешон гашт.

# МАРГИ ДУ ТАН

– Оча!

– Ҷони оча.

– Таъбири норбони дарозу баланд чӣ бошад?

– Чӣ-ӣ? – Модар хавотир кашида, бо андешаи мабодо боз ҳарорат карда бошад, даст ба ҷабини араќи сард нишастаи Гурдофарид бурд. – Туро ба норбони баланду паст чӣ кор?

– Не-е, донистаниям, ки агар одам дар хоб норбони дарозу баланди ба осмон мерасидагӣ бинад, чӣ мешавад? – Чашмони нурпаридаи Гурдофарид ба чеҳраи аз ташвишҳои зиндагӣ коҳидаи модар суоломез мутаваҷҷеҳ шуд.

– Нағз, иншооллоҳ, сиҳат мешавӣ, ҷони оча, – Гурдофариди ранҷурро таскин дод модар, вале худ шитобзада ба хонаи дигар гузашта, китоби аз даст задану саҳифа гардондан фарсудаи «Хобнома»-ро ёфта, саҳифа кушод. Ва аз чизе, ки хонд заҳракаф шуд… Худоё, ин чӣ хобе буд, ки Гурдофарид дид. Наход ҳамин таъбире, ки ин ҷо нигоштаанд, дуруст бошад? Не, не, Худо нигаҳбон бошад. Ӯ кариму раҳим аст, ба Саодати сарсахт аз ин беш бадбахтӣ раво намебинад, ягона дилбанди ранҷури ӯро шифо мебахшад. Ҳа, ҳа, дар ин китоб таъбир ғалат аст. Модар-калонаш дар хоб бо норбон ба болохона, умуман ба баландӣ баромадан хуб аст, одам обрӯю мартаба меёбад, мегуфт. Ҳа, модаркалонаш одами саҳл набуд, бибиотун, аз занҳои донову бинои Бухорои Шариф буд. Аз ҳама таъбиру тақдир огоҳӣ дошт, аз даму дуояш мардум шифо меёфтанд… Худоё, Худовандо Гурди маро шифои комил ато кун. Ин таъбиру духтуру дору ҳама гапанд. Тану ҷони сиҳат, ҳама ранҷу

ғам аз қудрати худат аст. Ай, Худои аззаву ҷалла…

– Намоз мехонӣ, оча? – Аз хонаи шафат ба гӯш расид овози Гурдофарид.

– Ҳа, ҷони оча, намоз мехонам, – дурӯғ посух дод модар ва қабл аз он ки китоби «Хобнома»-ро ба ҷевон гузорад, бо андешаи баногоҳ Гурдофаридро назар ба таъбири норбони баланд наафтад, ҳамон саҳифаро бо ангуштони ларзон кандаву маҷақ карда ба ҷайби хилъаташ андохт.

– Намози аср мехонӣ?

– Ҳа, намози аср мехонам, – бо ҳамон шитобзадагӣ ҷавоб дод модар.

– Ин ман дами намози аср хоб рафта будам, ки хобҳои ҳархела дидам, – гуфт Гурдофарид ва дар бистар паҳлӯ гашта, ба намозхонии модар шубҳа кард. – Оча, офтоб пар-паррон нашуда чӣ хел намози аср хондӣ?

– Зарур бошад, раво бошад, гуфтаанд. Баъзан барвақт ҳам хондан мумкин, ҷони оча, – модар инро гуфта, болои сари Гурдофарид ҳозир шуд ва ба хотири дигар аз хобу хоббинӣ ҷӯё нашудани духтараш бо табассуми зӯрбазӯракӣ пурсид. – Аз куҷо донистӣ, ки офтоб ҳанӯз пар – паррон нашудааст?

– Намебинӣ, офтоб болои сари ман аст, – Гурдофарид бо ҳавас панҷаи дасти лоғарашро ба як қабза нури хуршед, ки аз чашмаки болои тиреза рӯи бистар мерехт, андармон кард ва сари ҳамин ҳавас пурсид: -Маро дигар духтур намебарӣ?

– Мебарам, ҷони оча, ҳамин ки пул ёфтам, мебарам.

– Боз пеши ҳамон духтури каллакалон мебарӣ?

– Не, ба назди духтури аз ҳама зӯр мебарам, – модар инро гуфта, Гурдофаридро таскин дод. – Ҳамин ки ду-се укол кард, гул барин шукуфта, сиҳат мешавӣ.

– Пули набудагиро аз куҷо меёбӣ? – Бо садои маҳзуну хаста ба таскину тасаллои модар шубҳа кард Гурдофарид.

– Гуфтам-ку меёбам, ҷони оча. Худамро мекушаму меёбам.

– Худатро накуш, оча, мани касал бе ту чӣ кор мекунам?

Саодат сари Гурдофаридро ба оғӯш гирифт, то духтари ранҷураш ашки дар чашмони модар ҷӯшидаро набинаду беш аз ин насӯзад.

Расо як моҳ аст, ки Гурдофарид дард мекашад. Аз куҷо ин бало ба тани духтараки ноболиғ часпид, намедонад. Рӯзе аз дарс омаду ҳарорат кард. Се рӯз дар ҳарорати баланд сӯхту сӯхт. Модар гумон кард сулфаю оини муқаррарӣ асту мегузарад. Дар воқеъ ҳарорату сӯхтани Гурдофарид гузашт, аммо ранҷу дардаш як бар даҳ афзуд. Вақте мадори духтарак рӯз то рӯз хушк шуда, нур аз чашму ранг аз рухсор паридан гирифт, модар дари дармонгоҳро охурча кард. Духтурон пас аз ташхиси якҳафтаина гуфтанд, ки сутунмӯҳраашро ҷарроҳӣ мебояд. Баробари шунидани ин гап модарро ҳуш аз сар парид ва ёд надорад, ки роҳхати дармонгоҳ дар даст чӣ тавр афтону хезон то беморхона расид. Гурдофарид мадори роҳ гаштан надошт. Модар гоҳ ӯро пуштора мекарду гоҳе бағал мегирифт ва ҳини аз ин амал нафасгардониҳо дар ин ё он харакки бепуштакии роҳ дам мегирифт ва пас аз ба қабати саввум баровардани бемор дарк кард, ки ҳоли палатаи урёни беморхона аз харакҳои сари роҳ ҳам табоҳтар аст.

– Беморхона имрӯз ана ҳамин чор девор дораду халос, хоҳар, – гуфт духтури навбатдор аз нигоҳи пурҳарросу илтиҷоомези Саодат маънӣ бардошта. – Аз рахти хоб то хӯроку доруро ҳар кас худаш меорад. Ва боз барои ҷарроҳӣ медонӣ чӣ қадар дорую дармон лозим? Эҳа…

Духтури навбатдор бо алам даст афшонда, аз ҷой бархест. Аз чӣ бошад ин марди сарсафеду то андозае қоматхамида ба назари Саодат аз худаш ҳам бечоратар расид. Шояд аз раҳмдилӣ буд ё худ забонаш нагашт, ки лоақал тахминан чанд сомонӣ шудани нархи дорую дармонро нагуфт. Аммо рӯзи дигар ҳамон духтури каллакалони Гурдофарид ёд оварда дақиқ гуфт. Ҳам нархи дорую дармон ва ҳам хизматонаи ҷарроҳро бо таҳлили доманадор чунон батафсил нақл кард, ки аз шуни-дани он Саодатро ҳуш аз сар парид. Ва агар он лаҳза марди солхӯрдае

бо доду фарёд духтури каллакалонро гиребонгир намешуд, аҷаб не, Саодати бечора дар сарҳисоби маблағи шунидааш соатҳо раҳгум мезад.

– Он ҷо набераам таги теғ ҷон додаасту ту худобехабар аз ман ҳазор сум гирифтӣ?! – Дар гулӯ гиря дар даст гиребони духтури каллакалон фарёд мезад пирамард. – Заҳри танат шавад, гови дари хонаро фурӯхта будам…

Саодат дигар нашуниду надид, ки мӯйсафед боз чиҳо гуфту духтури каллакалон чӣ тавр аз қабзаи ӯ халос шуд. Вақте ба худ омад, Гурдофаридро дар бағалу худро рӯи ҳавлии беморхона дид. Дар гӯшаш овози мӯйсафед «ӯ таги теғ ҷон дод, ӯ таги теғ ҷон дод» такрор ба такрор садо медод. Ва гӯё ин ҳарфи ваҳшатборро ба ӯ мегуфта бошанд, баробари ҳар қадам бардоштан зери лабу дандон «Худо нигаҳ дорад, Худо нигаҳбон бошад» гӯён менолид модар. Бо ваҳму ҳаррос дар бағал Гурдофариди аз худаш ҳам ҳарросонтар шитобзада ба хона расид ва рӯи бистари ноғундоштаи духтараш паҳлӯи ӯ дароз кашид. Фиғони дар гулӯ печида лаҳза ба лаҳза вазн меовард ба дили модари сарсахт ва ҳини ҳамин нафастангию бесадо нолиданҳо мувофиқи ҳоли ӯ аз хонаи ҳамсоя садои ҳофиз ба гӯш расид, ки мехонд:

*Нола ба дил шуд гиреҳ, роҳи найистон куҷост?*
*Хона ба ман шуд қафас, тарфи биёбон куҷост?*

Худоё, ин ҳофиз кӣ бошад? Садояш ба хониши Собир хеле монанд. Ӯ ҳам айнан ҳамин хел сурудҳои дардолуд мехонд, фақат барои худаш дар танҳоиҳо мехонд. Аммо барои мардум дар базму тӯйҳо сурудҳои дигар мехонд. Сурудаш мазмун дошт, надошт одамон аз шавқи оҳангу кайфи шароб дастафшону покӯбон арғушт мерафтанд ва Собир аз ин рӯҳ гирифта, садояшро баландтар сар медод, то базм осмонкаф бошад. Даҳ сол бо чунин амал ғундошту мошин харид, кайфу сафо кард ва Саодат имрӯз пас аз сари шавҳар андеша дорад, ки шояд дар он тӯйгардиву

ғундоштанҳои Собир ҳаққи кадомин сағираву бечорае будааст, ки на мошин насиб карду на худаш рӯз дид. Ба тӯйи кадом як шиносаш мошинсавор рафту дигар барнагашт. Ду рӯзи аввал Саодат бо андешаи шояд аз тӯй ба тӯйе рафта бошад, худро таскин дод ва чун фаҳм кард, ки дар ҳеҷ тӯй ҳофизро се шабу се рӯз нигоҳ намедоранд, ҷаҳон ба назараш торик шуд. Гурдофариди дусола сари китф одами напурсидаашу идораи мурочиат накардааш намонд. Аз ҷустуҷӯ ва арзу шикоят муроде ҳосил нашуд. Ба тақдир тан дода, бо маслиҳати ҳамсояҳо азокушоён карданӣ буд, ки ҷасади Собирро бо захми чанд тир аз кадомин обпартои Ҳисор ёфтанд…

– Оча, хобат бурд?

– …

– Туро хеле азоб додам… – овози Гурдофарид ба гӯши модар узрхоҳ нишаст.

– Ин хел нагӯ, ҷони оча, – Саодат дасти навозиш ба сари Гурдофарид бурд. – Фарзанд калон кардан қарз аст, қарзи падару модар.

– Агар отаам зинда мебуд, маро ба духтури Москва мебурд?

– Мебурд, духтарам, ба духтурҳои аз Москва ҳам зӯртараш мебурд, – модар инро гуфта, ба мӯйҳои парешони Гурдофарид бо меҳр панҷа зад. – Отаи кӣ духтараша Москва бурдааст, ки туро ҳавас омад?

– Отаи Рухшона.

– Киро бурдааст?

– Писараш Ҷаҳонгирро.

– Кӣ гуфт?

– Холаи Анзурат. Дирӯз баъди бозор рафтани ту, як коса мастоба оварду то хӯрокро хӯрданам ҳама ҳамсояҳоро аз ғалбер гузаронд.

– Чиҳо гуфт? – Бо табассум пурсид модар.

– Ҳамаашон duzdҳои ҳаққи мардумхӯр гуфт.

– Як чизро надониста нагӯ, духтарам, – фавран эрод гирифт модар. – Гумон одама аз имон ҷудо мекунад. То дуз-

дро аз дасташ нақапӣ, дузд не.

– Ман не, ин гапро холаи Анзурат гуфт. Ҳамаашон фиребгару порахӯр гуфт. Агар дузд набошанд, аз кучо ин қадар қаср сохта, ҳар сол бо зану бачаҳояшон ба чаҳор тарафи дунё рафта меоянд, гуфт.

– Майлаш, холаи Анзурат гӯяд, лекин ту нагӯ, духтарам, – Гурдофаридро насиҳат кард модар. Ҳама чизро Худо медиҳад, ҳам давлатро ҳам ғамро. Ба худододагон ситеза намекунанд, чунки ба онҳо Худо додааст.

Ва сари ҳамин андеша Саодатро давлати худододи Бекаҳмади Сангак пеши назар омада, дар як гӯшаи дилаш умедворие ба наҷоти духтараш пайдо шуд. Наход қарз надиҳад? Барои чунин сарватманд чӣ арзише дорад дусад доллар. Ҳамсояҳо мегӯянд, ки барои нигоҳ доштани сагаш ӯ ҳар моҳ ҳамин миқдор маблағ сарф мекунад. Ҳамсоя ба ҳаққи Худо баробар гуфтаанд. Наход қадри ҳамсояи дармондаро баробари сагаш надонад? Бо ҳамин андешаву умедворӣ Саодат пас аз адои намози аср ба хонаи Бекаҳмади Сангак омад. Ба садои занг аввал саг бо аккоси ваҳмангез сипас овози ношинос ҷавоб дод:

– Кист?

– Ман ҳамсоятон, – беҷуръатона садо баровард Саодат.

Пас аз чанд бор дар қулф тоб хӯрдани калид дари оҳанин нимроғ гардида, ҷуссаи ҳузарби ҷавони палангинапӯш намудор гашт.

– Чӣ гап дорӣ?

– Ба акаи Бекаҳмад кор доштам.

Ва ҳанӯз фурсати аз Бекаҳмади Сангак иҷозат пурсидани ҷавони палангинапӯш нашуда, аз хонаи дарун овози худи ӯ ба гӯш расид:

– Мон дарояд.

Баробари ба долон ворид шудани Саодат дари оҳанин ба ҳамон садо қулф шуд ва ин садо бо ғурриши хашмгини саг ба дили Саодат ваҳм андохт.

– Бишин, ҳамсоя, – ба курсии роҳати рӯ ба рӯяш ишора кард Бекаҳмади Сангак ба саломи Саодат бо сарҷунбонӣ

алейк гирифта.

Саодат бечуръатона ба курсии роҳат, ки мутаносиби қолини фарши хона рӯйкаши қаҳваранг дошт, амонат нишаст ва бо ангуштони саҳле ларзон чойи нимсарди дароз кардаи соҳибхонаро гирифт.

– Ин чӣ хел шуд, ки ба хонаи мо омадӣ? – Бо ҳамон оҳанги ҳавобаландӣ гӯё ҳол пурсид Бекаҳмади Сангак.

– Ҳамсоя аз хеши дур беҳ гуфтаанд, – Саодат ба пурсиши нописандонаи Бекаҳмади Сангак чӣ посух доданашро надониста, бо ёд овардани масали обшуста забон хоид.

– Ҳа, албатта, – нимғурма тасдиқ кард суханони Саодатро Бекаҳмади Сангак ва дар доираи ақлу фаросати худ афзуд. – То хешу табори дур хабар меёбад, ки ҳамсоя дар зарурат гӯру чӯбат мекунад.

Аз шунидани ин сухан гӯё ҳоло ҳозир воқеае рух медода бошад Саодатро дил таҳ кашида, вуҷуд ларзид ва ҳарфи гуфтаниаш чун дуо ба забон омад:

– Аз рӯзи бад Худо нигаҳ дорад.

Аҷаб не, ин садои саҳле ларзони зан Бекаҳмади Сангакро ба гӯш форам нишаст, ки аз тамошои телевизор чашм канда, ба Саодат мутаваҷҷеҳ шуд. Ва бо ҳамин таваҷҷуҳ пас аз ин қадар солҳои ҳамсоядорӣ дарк кард, ки зани рӯ ба рӯяш маъюсу сархам нишаста дар ҳусну латофат аз ун занҳое, ки барояшон беҳисоб пул сарф мекунад, чанд сару гардан беҳтар аст. Фақат фарқ ин ки онҳо дар тан куртаҳои сари сина кушодаи то сурун чок доранду ҳини сӯҳбат бо нозу карашма табассум мекунанд. Ва боз соҳибхона бо назари харидорӣ эҳсос кард, ки чашмони ғамнишастаи Саодат аз чашмони ун занҳо фаттонтару лабу дандон тару тозатар аст. Бекаҳмади Сангак ғарқ дар маҷрои ҳамин қиёсу андешаҳо лаҳзае Саодатро пас аз гармоба дар хилъати патдору пешкушода тасаввур намуд. Дар дил ҳамин ҳавасу дар сар хаёли дом андохтан Саодатро ҳол пурсид:

– Зиқ менамоӣ, ҳамсоя? – Ва фурсати ба Саодат ҷавоб гуфтан надода, ғамхорона афзуд: – Ба ман ягон хизмат

буд?

– Ҳа, ака, – нигоҳашро ба нӯги ангуштон андармон намуда, аранге ба забон овард Саодат.

– Хӯш, гап зан, ҷони ширин, – бештар ғамхор шуд Бекаҳмади Сангак. – Мо ҳамсояем. Ҳамсоя ба ҳаққи Худо баробар гуфтаанд.

– Духтарчама тобаш не, ака.

– Хайр ба духтур бар, – маслиҳат дод Бекаҳмади Сангак.

– Бурдам, ака, лекин боз овардам.

– Чаро?

– Дорую дармони бисёр фармуданд. Боз барои ҷарроҳӣ пул гуфтанд.

– Наход? – Худро ҳайратзада вонамуд кард Бекаҳмади Сангак ва зиёда аз он ба мазамати ворисони Сино пардохт. – Беинсофҳо, наход қасами хӯрдаашон ба ёдашон нарасад?!

– Э, ака, ҳоло қасам ба ёди кӣ мерасад, ҳама қасамзадаанд, – гуфт Саодат изҳори таассуфи мусоҳибашро самимӣ пиндошта. – Як замоне шуд, ки сари калобаи ҳама гум, на ба хизмати дӯст мерасию на ба қасди душман.

– Рост гуфтӣ, замона ҳамин хел шуд, лекин чӣ илоҷ осмон баланду замин сахт, – суханони Саодатро қувват дод Бекаҳмади Сангак ва аз оғози сӯҳбати бадард дарк намуд, ки агар кӯшиш ба харҷ диҳад, ба ҳаваси лаҳзае қабл дилашро тасхир карда комёб хоҳад шуд. Бо ҳамин мурод ҷавони палангинапӯшро, ки дар хонаи шафат телевизор тамошо мекард, даъват намуда, супориш дод, ки бадав аз тарабхонаи «Гулдаста» ягон чизи хӯрданӣ биёрад ва барои гумони бад набурдани Саодат сабаб овард. – Янгаат расо як ҳафта шуд, ки бо бачааш дар Масква, барои ҳамин ҳам хӯрду хӯрокамон аз ресторан.

– Худо давлататона аз ин ҳам зиёда кунад, ака, – даст ба дуо бардошт Саодат.

– Саломат бош, ҳамсоя, – қаноатманд аз ҷои нишасташ ба шишаи коняк даст дароз кард Бекаҳмади Сангак ва ба қадаҳи булӯрини рӯи миз ишора намуда, пурсид. – Камтар резам?

– Чӣ? – Ба пурсиши Бекаҳмади Сангак сарфаҳм нарафт Саодат.

– Камтар коняк резам, менӯшӣ? Коняки асил, хуна тоза мекунад.

– Не, не, акаҷон, Худо нигоҳ дорад, – гӯё ин амал ба вуқӯъ пайваста бошад, саросема бо ҳаррос аз ҷой бархест Саодат.

– Бишин, туро ҳеҷ кас маҷбур накардааст, – аз рустоитабиатии Саодат завқ бурда, бо табассум қадаҳи худро ба даст гирифт Бекаҳмади Сангак. – Ба хотири меҳмониат пешниҳод кардам, нахоҳӣ ихтиёрат.

Саодат умедвори ҳиммати ҳамсоя дубора ба курсӣ амонат нишаст. Бекаҳмади Сангак пас аз коняк нӯшидан як кулча шаколадро ба даҳон партофта, пурсид:

– Чанд сол аст, ки дар шаҳр зиндагӣ мекунӣ?

– Даҳ сол шуд, ака, – мисли одами гунаҳгор ҷавоб дод Саодат.

– Даҳ сол дар ҳамин хел шаҳри азим зиндагӣ карда, ҳоло ҳам роҳу равиши зиндагиро ёд нагирифтаӣ?

– Чӣ хел? – Ҳайрон шуд Саодат ба эроди ҳамсӯҳбаташ.

– Ту барин занҳо медонӣ ҳар шаб чӣ қадар пул кор мекунанд?

– Не, ака, – соддалавҳона посух дод Саодат.

– Сад – дусад доллар кор мекунанд.

– Чӣ хел кор, ака? – Боз маънӣ дарк накарда пурсид Саодат.

– Акат садқа, ту ҳам кор кун, – аз пайваста акагӯиҳои Саодат рӯҳ гирифта, бо андарзи бештаре афзуд Бекаҳмади Сангак. – Роҳу равиши зиндагиро ёд гир. Ту барин занҳо бо ин ҳусну ҷамол ҳар шаб ун қадар пул меёбанд, ки ҳамун духтури гуфтагиат академик бошад ҳам, дар хоби шабаш надидааст.

Саодати рустоитабиатро аз ишораи маънидори мусоҳибаш ҳуш аз сар парид. Аз хиҷолат ба гунаҳои рангпаридааш хун дамида, нафас дар гулӯяш гиреҳ зад. Хост бархезаду гурезад, аммо домангираш шуд Гурдофариди наҷотталаби рӯи бистар. Пеши назар фарзанди дардманду дар гӯш суханони маънидори ҳамсоя бори дигар тавалло кард ба Бекаҳмади Сангак.

– Ҷон, ака, агар тавонед қарз диҳед, бармегардонам. Мемураму қарзатона меканам.

– Қарз? – Ба қадаҳи булӯрин коняк рехт Бекаҳмади Сангак ва қабл аз он ки қадаҳро ба лаб барад, бо нешханд афзуд. – Ва ту ин қарзро бо маоши ҳафтсомонаат меканӣ? Ҳой, занаки содда, ҳеҷ фикр накардӣ, ки ин қарзро чанд сол меканӣ, бо чӣ азоб меканӣ… Ба ту фарқаш чӣ, шавҳар надошта бошӣ, ки…

– Арвоҳи шавҳарамро безобита накунед, – илтиҷо кард Саодат. – Вай, вай…

– Гумонат фаришта буд вай? Ба ту хиёнат намекард? – Бекаҳмади Сангак ин гапро бо зарда гуфта, бо ханда афзуд. – Ҳой, занаки содаи қишлоқӣ, вай ҳар шаб ду-се raққосаи таннозро пешандоз карда, тӯй ба тӯй мегашт. Бо занҳои бегона он қадар хобу хез кардагӣ, ки ҳисобаш гум. Ту бошӣ панҷ сол боз худатро обу адо карда, бо нони қоқ рӯз мегузаронӣ.

– Не, не, ака… – Саодат чашм ҳавзи об аз ҷой бархест.

– Бишин! – Бекаҳмади Сангак ҷасорат намуда мусоҳибашро банди даст гирифт. – Агар пул даркор бошад, пас аз як соат биё…

Ва Саодат ҳини калавида аз дари оҳанини чанд қулфдор баромадан боз шунид, ки Бекаҳмади Сангак мегуфт:

– Ҳар қадаре хоҳӣ, медиҳам, ҳатман биё…

Саодат бо ҳаррос аз хоб бедор шуда, чашм ба тирезаи нимроғи хона дӯхт. Субҳ ҳанӯз надамида буд, ситораи Корвонкуш дар осмони ҷо-ҷо абр лангар андохта дурахши чашмгире дошт. Баробари чароғро гирондан Саодатро аввал назар ба бандчаи пули аввали шаб овардааш, сипас

ба чеҳраи рангпаридаи Гурдофарид афтид. Ранги рӯи духтараш шабеҳи ранги мармари гармобаи Бекаҳмади Сангак тирафом буд. Ҳарросон даст ба ҷабини Гурдофарид бурда, қариб буд фарёд кашад. Лаҳзае карахт шуд ва сипас бо ҳамин карахтию фарёди дар гулӯ печида ҳаросону ларзон дари хонаи Анзуратро думушта кӯфта, имдод талабид. Ва пас аз лаҳзае ҳамин Анзурати гармию сардии рӯзгордида болои сари Гурдофарид хам хӯрда гуфт:

– Ба тақдир тан деҳ, Саодат.

– Не! – Аз ин садо хона ларзиду дил таркид Саодатро. – Не, не! – Мадҳушона шак меовард ба хости Парвардигор ва бо тамоми овоз фарёд мекашид. – Гурд!.. Гурд!.. Гурд!.. Ба хотири дарду дармони ту ман чӣ гуноҳи азиме кардам…

Анзурат бо гардичаи сараш Гурдофаридро манаҳ баста, рост шуд, то модари сарсахтро такядор шавад. Аммо аз Саодат дараке набуд... Пас аз соате ҳамсояҳо ҷасади ҳанӯз гарми ӯро рӯи роҳрави бинои баландошёна ёфтанд.

Рӯзи дигар баробари тулӯи офтоб рӯи ҳавлии хонаҳои қатор андар қатори баландошёна аз мошинҳои хориҷию ватанӣ ва мутаносиби ин мошинҳо аз одамони гуногунмартаба пур шуд. Одамон гурӯҳ-гурӯҳ ҷониби бинои рӯ ба рӯ мерафтанд то ба Бекаҳмади Сангак барои имшаб дар садамаи ҳавоӣ ҳалок гардидани зану фарзандаш таъзия баён кунанд. Аз байни ин издиҳом фақат як нафар бо қомати хамзада ба самти муқобил рафт. Ин мард ҳамон духтури сарсафед буд, ки пас аз ҷустуҷӯи бисёр манзили зисти Саодатро дарёфта, бехабар аз марги ду тан баҳри мадад шитоб дошт.

## ҶАРОҲАТ

– Додо натарсед, ҳамааш хуб мешавад.

Манучеҳр падарро тасалло медиҳад, аммо худаш меларзад, сахт меларзад, аз тарс меларзад.

– Мард бош, писарам! – Пирамард болои сари фарзанд

хам мехӯрад. Лабони парсинбастааш ба рӯи коҳидаю рангпаридаи Манучеҳр нарм мешинад. Бобои Ҳаким ашкашро фурӯ мебарад, то фарзанд чашмашро нам набинад.

Ӯро мебаранд. Ба куҷо мебаранд? Киҳо мебаранд?.. Манучеҳр намедонад. Аҷиб, соате аз ин қабл эҳсос мекард дарду ҳарросро ва ҳоло…

Аробача меларзад. Ҷуссаи Манучеҳр ҳам меларзад. Аммо ин ларзиш акнун аз тарс не, аз ҷунбиши аробача… Болои сараш сақфи хона аст, ё осмон?..

– Шумор!

– Як, ду…

Нафаре боз амр мекунад:

– Шумор!

– Як, ду, се…

Садои шумораш аз дуриҳои дур, аз оғӯши кӯҳу дара меояд ва хоби гарон ба ҷисмаш вазн меорад. Олами торикистоне оғӯш мекушояд ва ӯ аз дарди ҷонкоҳи захм раҳо меёбад. Наход маргаш ҳамин бошад?

– Додо!..

Ва аҷабаш омад, ки чаро фарёди имдодталабонаашро ҳатто худаш намешунавад. Дар фазои бекарони торикистон аранге эҳсос мекунад, ки нафаре бо ҳаррос фарёд дорад…

* * *

– Ваҳ! – Манучеҳр дудаста шикам дошта, рӯи миз хам хӯрд.

– Чӣ шуд? – Ҳалим сар аз таом бардошта, саволомез ба ӯ нигарист ва бе шарҳу баён ҳоли рафиқашро аз ранг бохтани ӯ дарк намуда, Манучеҳрро коҳиш кард: – Ба ту каллаварам сад бор фаҳмондам, ки ба сарат санги осиё гардад ҳам, ба дарс нонушта карда рав.

– Дарси Сабурзода аз санги осиё ҳам вазнинтар, – бо табассуми дардолуд гапро ба ҳазл бурданӣ шуд Манучеҳр. Аммо аз хурӯҷи дард табассумаш дар хами лаб шикаста, рангаш мисли девори ошхона канд.

Ҳалим бо ташвиш аз ҷой хеста, паҳлӯи Манучеҳр нишаст ва ғамхорона пурсид:

– Сахт дард мекунад?

– Ҳа, ин навбат қаттолтар, – аранге ҷавоб дод Манучеҳр ва барои таскини дард лаб газид.

– Хез, рафтем!

– Куҷо?

– Ба духтур.

– Ҳафтаи гузашта будам…

– Чӣ гуфт?

– Захми меъда.

– Инро медонам.

– Ба беморхона роҳхат дод.

– Пас чаро нарафтӣ?

Манучеҳр аз шиддати дард ҳамоно лаб мегазид. Рангаш кабуд ва гирди лабонаш сиёҳ шуд. Сабаби ба беморхона нарафтанашро оҳиста ба забон овард:

– Вақти имтиҳон…

– Имтиҳон гуфта худатро мекушӣ? – Ҳалим бо ситеза ӯро банди даст гирифт. – Ҷони сабил пудина не, ки ҳар сол лаби ҷӯй сабзад. Хез, рафтем!

– Наметавонам, пас аз ду рӯз имтиҳони охирин. Худат медонӣ…

– Хайр, биё аввал назди Сабурзода меравем, баъд ба беморхона. Як бор панҷ нагирӣ осмон ба замин намечаспад.

Ба ҷабини пурчини муаллим боз чанд чини дигар нишаст. Вай бо ҷаҳл портфелашро тела дод. Айнаки шишаҳояш ғафс, ки дар гӯшаи миз меистод, афтид. Ҳалим айнаки муаллимро аз замин бардошта, паҳлӯи Манучеҳр нишаст. Сабурзода хомӯш буд. Нақли Ҳалимро низ хомӯш гӯш кард. Дар ҷавоби имтиҳонро барвақт гирифтан низ чизе нагуфта, сигори нав гиронд. Дар пардаи дуди тамоку чеҳраи тираи муаллим тиратар тофт. «Наход одамгарӣ накунад?» аз дил гузашт Ҳалимро. «Ҳеҷ гап не, боз ду рӯзи дигар тоқат мекунам» худро таскин дод Манучеҳр.

– Манучеҳр.

Манучеҳр сар бардошта, ба муаллим нигарист. Нигоҳи муаллим аз тиреза ба шохи пурбарфи сафедор андармон буд. Гунҷишке ба нӯги шох нишаст. Шох андаке ларзиду барф канда шуд. Гунҷишк бо ҳаррос парид.

– Гӯшам ба шумо, муаллим.

– Аз ту ин хел умед надоштам.

– Ман ҳам омаданӣ набудам, муаллим, – забон хоид Манучеҳр «умед»-и Сабурзодаро ба таври худ фаҳмида. – Ҳалим ба ҷону ҳолам намонд.

Ҷуссаи муаллим бошаст тарафи Манучеҳр тоб хӯрд. Нигоҳаш тез буд. Ба назари Манучеҳр чунин расид, ки дар барқи чашмони муаллим лаҳзае акси худро дид, ранҷуру маҳзун дид…

– Пеш ҳам дард мекард?

– Чӣ, муаллим?

– Меъдаат.

– Ҳа, муаллим, аммо эътибор намедодам.

– Порсол вақти саёҳат девори мадрасаи Қалъаро дида будӣ?

– Ҳа…

– Панҷ-шаш сол пеш аз ин бояд таъмир мекарданд. Лекин бо ҳар сабабу баҳона таъмирро кашол доданд… Оқибат кори ношуданӣ шуд.

– Чӣ шуд, муаллим?

– Баъди барфи дирӯза чаппа шуд. – Муаллим портфелашро наздиктар кашида, аз даруни он қалам гирифт. – Агар дар вақташ таъмир мекарданд, аз барфу борон осеб намедид… Канӣ дафтарчаат?

– Кадом дафтарча?

– Кадом дафтарча мешуд… Дафтарчаи имтиҳонат.

– Дар хобгоҳ, муаллим.

– Дав, рафта биёр. – Сухани муаллим оҳанги хоҳиш дошт. – Не, ту нарав, Ҳалим меорад.

Ҳалим хурсанд ҷониби хобгоҳ давид. Манучеҳр баръакс ғамгин буд.

– Муаллим.
– Чӣ мегӯӣ?
– Чаро намепурсед?
– Чиро?
– Дарсро, саволҳои имтиҳонро.
– Ба инаш корат набошад!

Манучеҳр фаҳмид, ки хотири муаллим ошуфта аст. Бо зарда, аммо ғамхорона гап мезанад. Ӯ аз чӣ ранҷида бошад?

– Туро ман мисли фарзанд медонистам, – овози муаллим саҳле ларзид. – Наход ҳамин қадар рӯз нотоб бошию як даҳон нагӯӣ? – Ва мисли одами аз касе домангир ғур-ғур кард. – Дар ин синну сол ба ту дардро кӣ мондааст… Шикамсерӣ нон нахӯрдаасту захми меъда!

Сабурзода вазнин аз ҷой хест. Ин лаҳза қомати хамхӯрдаи ӯ ба назари Манучеҳр хамтар расид. Муаллим ба курсии роҳат амонат нишаста, телефони болои мизро наздиктар кашид. Сигори лабашро, ки кайҳо хомӯш шуда буд, аз нав оташ дода, дудро ҳарисона фурӯ бурд ва сипас рақам чинд.

Ҳалим нафасгардон даромада, дафтарчаро назди муаллим гузошт. Сабурзода бо касе ҳолпурсӣ намуда, таъкид кард, ки ҷое наравад, худи ҳозир меояд. «Ҳозир равад, имтиҳон ба рӯзи дигар монд» ба ҳамин андеша Ҳалим чизе гуфтанӣ шуд, аммо суханаш дар даҳон монд. Муаллим ба Манучеҳр ҳатто нигоҳ накарда, ба дафтарча баҳои аъло гузошт.

– Ташаккур, муаллим, – ба ҷои Манучеҳр миннатдорӣ кард Ҳалим ва хушҳол ба рафиқаш рӯ овард. – Хез, рафтем.

– Ба куҷо? – Аз Манучеҳр пештар муаллим аз ҷой хест.

– Гуфтам-ку, ба беморхона роҳхат дорад.

– Ташвиш накаш, ман худам ӯро ба назди Бобоҷонов мебарам. Ӯ моро интизор аст.

Манучеҳр профессор Бобоҷоновро ғоибона мешинохт ва медонист, ки ӯ дӯсти Сабурзода аст.

– Муаллим, ман ҳам бо шумо равам, – хоҳиш намуд Ҳалим.

– Ихтиёрат.

Онҳо пасопеш ба саҳни донишгоҳ баромаданд. Нури офтоб мисли одами дардманд тавоне надошт. Бо вуҷуди ин аз ҳарорати андаки он барфи зери пой об мекушод. «Барфи хеле баланд шуд» гуфт худ ба худ Манучеҳр.

– Чӣ гуфтӣ? – Пурсид роҳравон Ҳалим.

– Мегӯям, ки ҳарорат чизи хуб аст, ҳатто аз андакаш дили одам гарм мешавад.

Муаллим бо меҳр ба Манучеҳр нигарист. Ҳалим маънӣ дарк накард ва гапро ба ҳазл бурда, чизе гуфтанӣ буд, ки тролейбус барфобаи рӯи роҳро пош дода, дар истгоҳ қарор гирифт.

* * *

Об… Аз куҷое садои об меояд. Садои оби дарё! Ба садои он тапиши дили Манучеҳр ҷӯр шуд. Аввал оҳиста тапид, сипас мисли оби барфи кӯҳ, ки аз таровиш ҷӯйборча ва ниҳоят рӯду дарё гардида, ба тӯғён меояд, сахт тапид…

Ӯ лаби дарё садои обро мешунавад, туғёни мавҷро мебинад. Сахт ташна аст, аммо нӯшида наметавонад. Ҳарисона дами дарёро бо ҷуссааш мебандад, аммо ҳалқаш қоқу лабаш лоақал нам нест. Ин чӣ ҳол аст, ки дар лаби дарё аз ташнагӣ метападу об нӯшидан намемонанд. Манучеҳр илтиҷо мекунад:

– Муаллим, ин оби барфи роҳ не, оби дарё…

Қомати Сабурзода хам мехӯрад, кӯзаи дасташ дами дарёро мегирад. Манучеҳр боз илтиҷо мекунад:

– Об…

Ба лабаш об омад. Бо кӯза не, бо пахта. Пахтаи тар ду бор нарм ба лабаш нишасту ташнагиаш то андозае шикаст. Чашм кушода, болои сараш ба ҷои муаллим ҳамшираи шафқатро дид. Чашмонаш ранги оби дарёе буд, ки ташнагиашро шикаст… Дасти ҳамшира ба ҷабини Манучеҳр фуромад. Докаи дасташ араҳи сардро ҷабид ва

нарм ба рӯю гардани бемор лағжид. Ҳамшира табассум намуд. Манучеҳр дар табассуми ӯ зебоии оламро дида, шукронаи зиндагӣ кард…

* * *

– Ҳоло ман студент гӯй, – Ишкам дар ҷои хобаш паҳлӯ гашта, фитаи магнитофони хурдакаки япониро иваз кард.

Манучеҳр аз саҳифаи китоб чашм наканда «ҳа» гуфт. Медонад, ки ин кораш аз рӯи одоб нест, лекин Ишкам дар зарфи ду соати ин ҷо будан бори севвум аст, ки ҳамин гапро мегӯяд. Тамасхуромез ва нописандона мегӯяд.

Палатае, ки ӯро хобонданд, дар чор гӯша чор кат, дар мобайн як мизи мудаввар дорад. Беморони ин палатаро бевосита худи профессор муоина мекунад. Дар ин ҷо беморони хобанд, ки ҳатман бояд ҷарроҳӣ шаванд.

– Ҳой, студент, ин қадар мехонӣ?! О, бин, аз хондан ба чӣ ҳол расидаӣ.

Шояд инро Ишкам насиҳатомез гуфт, аммо ба Манучеҳр таҳқиромез расид.

– Аз хондан зиёне нест.

– Хайр, ана хон! – Ишкам тугмаи магнитофонро пахш кард. Кадом як ҳофизи тӯйгард ғазали машҳури Ҳофизро аз сарбайт ғалат хонд:

«Даст аз талаб нагузорам, то ками ман барояд…»

– Овоза дидӣ, акаи Саид, – Ишкам ба марди тахмин шастсолае, ки кати хобаш назди тиреза буд, муроҷиат кард. – Аз ҳофизҳои навбаромадаш, дигаронро ба як нӯл зад.

Акаи Саид ба хурӯҷи дард тоб наоварда, паҳлӯ гашт ва лаб газид. Манучеҳр бо як назар дарк кард, ки пирамард барои ноларо фурӯ бурдан лаб газид.

– Ҳа, чӣ дамат гашт, акаи Саид? Ё нафорид?

Акаи Саид чизе нагуфта, боз паҳлӯ гашт. Ишкам дасташро пушти сар ҳалқа кард.

– Овозаш бад нею ғалат мехонад, – газетаро таҳ кардаю айнак аз чашм гирифта, байн даромад Мирзода.

– Аҷаб содда будаед, домулло, – эрод гирифт Ишкам. – Ба ғалаташ чӣ кор доред, овоза бинед!

– Ҳар овозе бошад, агар ғалат хонӣ, ба мардум хуш намеояд.

– Эҳа, ана гапу… Бе дуҳазор ба ягон тӯй намеравад. – Ишкам баҳсталаб рӯи ҷойгаҳ нишаста, пояшро аз кат овезон кард. Ишками мисли деги нимпуда дамидааш рӯи зону фуромад. «Дар ҳақиқат ғайр аз ишкам чизе надорад» аз дил гузашт Манучеҳрро.

– Хайр, баъзан одамони серпул нафаҳмида…

– Не! – Сухани Мирзодаро бурид Ишкам. – Серпулу бепул, ҳама талош доранд. Шахсан худам ӯро ба тӯйи ҷиянам ду ҳазор киро кардам.

– Ҳамаро бо як чӯб чен накунед. Баъзеҳо соле дувоздаҳ моҳ заҳмат кашида, ду ҳазор намеёбанд.

– Одам барин ҷунбанду ёбанд-да! Кӣ дасту пои онҳоро баста мондааст?

Манучеҳр аз китоб сар бардошта, ба Ишкам нигарист. Ӯ берабт, аммо аз дигарон худро як сару гардан боло гирифта, гап мезад…

– Ҳӯ, худи калонатон гуфт, ки ҳар кас ҳисоби зиндагиашро худаш ёбад. Агар дастатон бафайз бошад, баракаташа Худо мерасонад. Мошин, хона, фарзанд… Акаи Саид чанд фарзанд дорӣ?

Аҷаб не, хурӯҷи дард басанда шуда буд, ки пирамард бе ҷавоб мондани ин саволи Ишкамро раво надониста, то андозае бо ифтихор посух дод:

– Шукр дувоздаҳ нафар.

– Дидед, домулло, даҳ сол ба дидори фарзанд зор буд. Хости Худо-дия, оқибат соҳиби дувоздаҳ фарзанд шуд. Порсол муносиби худаш кенҷаписарашро тӯй кард.

Аҷиб, байни тӯйи «ба худ муносиб» ва «бодабдаба» чӣ қадар тафриқа бошад? Ҳазор сӯм ё ду ҳазор? Не, зиёдтар будагист. Ишкам танҳо ба ҳофизи ғалатхон ду ҳазор додааст. Одамон ин қадар пулро аз куҷо меёфта бошанд? Ва гӯё Мирзода ин андешаи Манучеҳрро пай бурда бошад, гардан ёзонда пурсид:

– Акаи Саид, чӣ қадар маош мегиред?

Пирамард ба ин саволи ғайричашмдошт чӣ ҷавоб дода-

нашро надониста, нимхез шуд. Нигоҳи ҳайратзадааш беҳаракат буд.

– Чӣ шах шуда мондӣ, гап зан! Ин кас журналист, нависанда… Китобҳои бисёр навиштагӣ, аҷаб не, дар бораи ту ҳам нависанд, – гуфт Ишкам ҷониби Мирзода чашмак зада.

Муомилаи ӯ тунд буд. Бо шиддат, нописандона гап мезад. «Садқаи одоб шавӣ!» Манучеҳр лаб газид. Агар лаб намегазид, ин сухан яқин аз даҳонаш меҷаст. Шояд Мирзода низ аз пургӯиҳои Ишкам ба танг омада буд, ки киноя кард.

– Ҳар гапу кор ба навиштан намеарзад. Ман ҳамин хел дар омади гап пурсидам.

– Шумо одами пухта, домулло, – лаб инҷ карда, дандонҳои тиллояшро нишон дод Ишкам. – Чӣ қадар даромад доштани колхозчиро нағз медонеду боз гулпурсӣ мекунед.

– Медонаму ҳеҷ фаҳмида наметавонам, ки ин қадар тӯю таъзияҳои серхарҷу хароҷотро чӣ тавр уҳда мекунанд.

– Ана гапу… Шукр, хешу табор, ёру ошно, ҳамқишлоқиҳо ҳастанд. Ҷамъ мешавем, маслиҳат мекунем, лозим бошад, қарз медиҳем. – Ишкам ба пирамард рӯй оварда, гӯё байнашон масофа дур бошад, бо овози баланд пурсид: – Ана худат гӯй, акаи Саид, ман барои тӯят чанд сӯм қарз додам?.. Ҳа, чаро дамат ба дарун зад, гап зан!

Пирамард мисли одами дар вақти ҷиноят ба даст афтода бо азобе гуфт:

– Ду ҳазор…

– Дидед! – Бо ифтихор нидо кард Ишкам. – Гардан каҷ карда ба наздам омад, не гуфта натавонистам. Қарздор шуда бошад ҳам, байни халқ обрӯ гирифт.

Манучеҳр бо ҳайрат аз китоб сар бардошт. Мирзода базӯр аз ҷояш хеста, аз обгина об нӯшид. Дасташ андаке ларзид. «Асабӣ шуд», - аз дил гузашт Манучеҳрро ва бо ҳамин андеша ҷониби Ишкам назар партофт. Вай ба пушт,

бепарво мехобид. Хаёли Манучеҳр ба синфхонаи пур аз донишҷӯён рафт ва садои Сабурзодаро шунид:

*Тани одамӣ шариф аст ба ҷони одамият,*
*На ҳамин либоси зебост нишони одамият.*
*Агар одамӣ ба чашм асту даҳону гӯшу бинӣ,*
*Чӣ миёни нақши девору миёни одамият.*

– А, студент, дар шеърхонӣ ҳам бало будай-ку! – Аз ҷои хоб гап партофт Ишкам. Давоми ҳарфаш боз ҳам вазнинтар омад. – Лекин дониста мон, ҷӯра, бо китобу шеърхонӣ косаат сафед намешавад.

Мирзода ба Ишкам чизе гуфтанӣ шуд, аммо гапаш дар даҳон монд. Ба палата ҳамшираи навбатдор даромад ва Манучеҳрро бо як назар барқе гузашт аз пайкар. Духтарро чашм ранги осмону қомат нусхае аз сарв буд. Манучеҳр бо ҳавас чашм пӯшид ва дар олами орзуҳо боз ҳамин рангу сарвро дид.

* * *

Рангҳо ба ҳам омезиш ёфта, оқибат ранги осмон ғолиб омад. Ин ранг он қадар дилкашу зебост, ки аз тамошояш ҷон роҳат мекунад. Манучеҳр тарсид, ки агар чашм кушояд, ранги ҷонбахш ғайб мезанад. Наход ғайб занад? Оҳиста ба умед чашм кушод ва он ранги ҷонбахшро болои сараш дид. Нигоҳи хоҳари шафқат пурмеҳру хайрхоҳ буд.

– Шумо навбатдор?

Духтарак бо аломати тасдиқ сар ҷунбонд. Манучеҳр фикр кард, боз чӣ пурсад. Гап наёфт. Аз таъсири наркоз чашмонаш ғайриихтиёр пӯшида мешуданд. Аммо барои сер дидани дидори хоҳари шафқат бо хоб дар мубориза буд. Боз чӣ пурсад, ки ин моҳҷабини аз ӯ сабру қарор рабурда дар сӯҳбат бошаду аз тамошои чашмони осмонранг ҷисму ҷони ранҷураш роҳат кунад.

– Соат чанд?

Духтарак ду ангушт нишон дод. «Саволи аблаҳона» аз дил гузашт Манучеҳрро. «Ба лексия шитоб надошта бошӣ. Бо ин аҳвол туро ба соат чи кор?»

– Чаро фақат бо ишора гап мезанед? Оё ба шумо гап задан мумкин не?

Аз ин сухани ҳазломези Манучеҳр дар хами лабони хоҳари шафқат табассум дамид.

– Баръакс, пас аз ҷарроҳӣ ба шумо гап задан мумкин нест. – Ӯ инро гуфта ҷабини Манучеҳрро бо дока нарм пок кард. – Бихобед.

Ба вай ҳамшираи шафқат не, гӯё одами хеле наздику азизаш гап зад. Не, гап назад, навозиш кард, хоҳиш кард. Ҳар ҳарфаш ҳамчун садои рӯҳпарвари мусиқӣ гӯшнавоз буд.

* * *

Профессор ба тапиши дили Мирзода бо диққат гӯш дод. Гаштаву баргашта ва дуру дароз гӯш дод.

– Номураттаб мезанад? – Чашм аз сақфи палата наканда, пурсид Мирзода.

– Андак, – ӯро тасаллӣ дод профессор.

– Ба ҷарроҳӣ тоб намеорад?

– Чаро тоб намеовардааст? – Хандид Бобоҷонов. – Чунон тоб меорад, ки… Фақат ҳамин қадар, ки аввал дилатонро табобат мекунем, баъд меъдаро. – Профессор курсиро бардошта, назди кати пирамард омад. – Хӯш, ҳамном, аҳвол чӣ хел?

– То накафонед, рӯзам сиёҳ, духтурҷон…

– Ана гапу, – даст ба набзи бемор бурда, эрод гирифт профессор. – Беозор ҷарроҳӣ мекунем. Дар як ҳафта гул барин мешавед.

– Кошкӣ, духтурҷон, – чашмони пирамард об гирифт. – Рӯи хона дувоздаҳ лӯлак, калониаш понздаҳсола…

– Осуда бошед, ҳамааш хуб мешавад. – Профессор ба варақаи вазъи бемор нигариста, пурсид: – Аз ин пеш дар ягон ҷо меъдатонро табобат карда будед?

– Дар беморхонаи район ду моҳ хоб кардам. Лекин бадтар шудам…

– Не, ман пурсиданӣ, ки дар ягон санатория будед?

Пирамард ба профессор бо ҳайрат нигарист. Ишкам хунук табассум намуда, гуфт:

– Ба колхозчӣ курортро кӣ мондааст?

Аз теғ кашида нигоҳ кардани профессор Ишкам хиҷолат кашид. Ва Манучеҳр аз ин ҳол мамнун шуд. «Хайрият, дар ниҳодаш андак ҷавҳари одамӣ будааст».

– Дувоздаҳ бача дорад, – худро сафед кард Ишкам. – Хӯрондану пӯшондани онҳо осон не. Порсол тӯй карда буд.

– Маълум, – бо таассуф сар ҷунбонд профессор. – Умре бо ташвишҳои беҳуда зиндагӣ мекунем, ҷон коҳонда меғундорему дар як рӯз ба бод медиҳем, – ва гӯё дар таҳлили ин амали ношоям дар монда бошад, ба Мирзода рӯ оварда пурсид. – Кай мо одам барин зиндагӣ карданро ёд мегирифта бошем?

Мирзода бо гӯшаи чашм ба Ишкам нигарист. Ҳайрон шуд, ки чаро ӯ хомӯш аст. Маълум, аз Furthermore Бобоҷонов истиҳола дорад. Агар ин гапро профессор не, каси дигар мегуфт, эҳа, ҳоло пойҳои калтаашро аз кат кашол карда, берабт ягон соат насиҳат мехонд.

Дили Мирзода хала зад. Пештар ҳам хала мезад. Аммо ин навбат сахт хала зад. Ба профессор гӯяд? Не, беҳтараш тоқат мекунад, мегузарад. Гуноҳи худаш. Аҷаб одати баде дорад. Ҳама чизро ба дил мегирад. Аз рафтори аблаҳонаи одамон, зиндагии бесару сомони онҳо дилтанг мешавад. Яке муаллим асту шеърро намефаҳмад, дигаре моҳияти зиндагиро танҳо дар пулу сарват мебинад, севвумӣ бемағз, лекин мисли Ишкам ончунон донотарош аст, ки ҳайрон мемонӣ. Ҳамаи инро ӯ ба дил мегирад. Борҳо кӯшид, ки бепарво бошад, нашуд. Охир зиндагии акаи Саид барин одамону даҳанкалонии Ишкам барин савдогарҳоро бо чашми сар дида, чӣ хел бефарқ будан мумкин?! Кош онҳо як – ду нафар мебуданд. Яке пули бедарди миён меёбаду

чанд шабу чанд рӯз тӯй медиҳад. Бо мақсади худнамоӣ ҳазорҳо сӯмро дар як шаб ба дами бод меандозад. Дигаре надорад, аммо баҳс карда, аз Ишкам баринҳо қарз мегирад, то обрӯ ёбад! Марги ҳамин обрӯ, ки баъди тӯй кӯдаконат соле дувоздаҳ моҳ нону чой хӯранду ту қарз канӣ. Профессор дуруст мегӯяд, кай мо одам барин зиндагӣ карданро ёд мегирем? Наход ҳамин бефарҳангии мо урфу одат бошад? Не, ин урфу одат не, ҷароҳат аст. Ҷароҳате, ки ҳатман ҷарроҳӣ мебояд.

– Хотирҷамъ бошед, аз ҷароҳат ному нишон ҳам намемонад, – профессор ба китфи акаи Саид бо навозиш даст партофта, аз ҷой хест. – Иншооллоҳ ҳамин ҳафта ҷарроҳӣ мекунем.

Авзои акаи Саид тағйир ёфт. Ҳамшира аз қафои профессор дари палатаро бесадо пӯшид. Пайкари зебои ӯ аз паси шишаи дар хира тофт. Ишкам бепарво паҳлӯ гашта гуфт:

– Натарс, акаи Саид, дасти профессор сабук, кампират бешӯ намемонад.

Ишкам табассуми хунук кард. Манучеҳр оҳ кашида, китобро саҳифа гардонд. Байни абрувони Мирзода гиреҳ афтод. Ба назараш чунин расид, ки Ишкамро аз ин пеш дар кучое дидааст. Ё ба ӯ монанд касеро дида буд? Аммо дар куҷо? Кай? Кӣ мисли ӯ бефарқ, бедард гап мезад? Амакбачааш? Ҳа, амакбачааш Ҳамид махсум. Хотираҳо рӯй заданд. Рӯзи дафни падарашро ёд овард. Бо алам, бо ҳасрат ёд овард.

* * *

Баробари ба ҳавлӣ ворид шудан дили Мирзода таҳ кашид. Ҳамид махсум бо навҳа ӯро оғӯш гирифт. Агарчӣ «во амакам!» гӯён фиғон дошт, чашмаш лоақал нам набуд. Мирзода аз оғӯши амакбачааш раҳо ёфта, ба оғӯши гарме афтод. Дӯсти бачагиаш Раҳим Хурсанд навҳа намекард, аммо чашми тару нигоҳи бадард дошт. Ӯ Мирзодаро то дами дар такядор шуд. Модару хоҳар фиғон бардоштанд.

Мирзода ба пои падар сар андохт.

Пас аз як соати бесадо гиристану бо алам дард фурӯ бурдан Мирзодаро ба ҳавлии ҳамсояи деворандармиён ҷеғ заданд. Болои кати рӯи ҳавлӣ амакбачааш бо мулло Ҳалим менишаст.

– Дилатон ганда нашавад, домулло, бандагӣ-дия, бандагӣ, – Мирзодаро таскин дод мулло Ҳалим. – Чӣ илоҷ, аз дасти аҷал касеро халосӣ нест. Шукр падаратон солашонро дидаю ошашонро хӯрда гузаштанд. Раҳматӣ одами баобрӯи деҳа буданд.

– Насиб бошад, мурдаашон ҳам баобрӯ мешавад, – калонгирона гуфт Ҳамид махсум. – Аз гирду атроф ин қадар халқ омадааст, ки… Як гов куштем, паси гӯшт аллакай сабук шудагӣ барин.

– Албатта, ҳамроҳатон пул-мул овардагистед? – Пурсид мулло Ҳалим.

– Ҳа, овардам, – гуфт Мирзода бо назардошти ҳазор сӯм барин пули саросема аз сандуқ гирифтаи завҷааш.

– Интӯ бошад, махсум, – ба Ҳамид махсум рӯй овард мулло, – даставвал панҷсад сӯма пули майда карда монед.

– Чаро? – Ҳайрон шуд Мирзода.

Мулло бо тааҷҷуб ба махсум нигарист.

– Домулло одами шаҳр, аз деҳа баромаданашонро бисту панҷ сол шуд, – ба таври худ амакбачаашро тарафдорӣ намуд махсум. – Расму таомули қишлоқро нағз намедонанд.

– Ҳеҷ гап не, ҳамин хел, ба мурдаю зинда шарик шуда истанд, мефаҳманд…

Мулло Ҳалим гап мезаду Ҳамид махсум даст пеши бар гирифта, тасдиқ мекард ва ба харҷу хароҷоти ба забон овардаи мулло бепарво харҷи дигаре зам мекард. Аз ҳама аҷибаш аз номи Мирзода гап мезад. Аз шунидани суханони махсум лаҳза ба лаҳза ҳуш аз сар мепарид Мирзодаро. Худоё, ин амакбачаи бедардаш чиҳо мегӯяд?! Ва мулло суханони махсумро қувват медод:

– Хайр, ҳар каса ҳимматаш. Шукри Худо, домулло, шу-

мо олими як шаҳри азим.

– Дуруст мегӯед, мулло, пули дунё ёфт мешавад, дар байни мардум обрӯ гирифтан даркор, обрӯ!

Чаро амакбачааш аз номи ӯ ин қадар бепарво ҳарф мезанад? Лоақал намепурсад, ки «олими шаҳри азим» харҷу хароҷоти нописандона ба забон овардаи ӯро аққалан дар хоби шабаш дидааст ё не?

Ба роҳи нафаси Мирзода гиреҳ афтод. Дилаш хала зада, овози Ҳамид махсум ба гӯшаш бегона расид:

– Ҳа, тақсир, ҳар бандаи мӯъмин якрӯза мурдаам обод шавад гуфта, ба умед фарзанд калон мекунад…

Мирзода дигар чизе намешунид. Ба дилаш чизе сахт халид. Пеши чашмаш пардаи торик фуромад. Пас аз фосилае боз халид. Аммо ин навбат бо дарди даст халид. Ва … Мирзода чашм кушода, худро дар оғӯши Раҳим Хурсанд, болои сараш духтурро дид. Ҳамшираи солхӯрда ба ҷисми ӯ бо сӯзан дору мегузаронд.

– Хайрият.

Раҳим Хурсанд араќи ҷабини дӯсташро пок кард. Духтур нафаси сабук кашид. Мулло тасбеҳ мегардонд. Овози мулло ба гӯши Мирзода аз садои тасбеҳ ҳам пасттар расид:

– Худатона эҳтиёт кунед, домулло, падару модар гӯрондан мерос…

Чашмони Мирзода об гирифт. Нигоҳи Раҳим Хурсанд бо меҳр болои ин об нишаст. Нигоҳи дӯсташ маънидор буд. Гӯё ҳарф мезад, бесадо, пурмаъно гап мезад: Дуруст, падару модар гӯрондан мерос аст. Аммо на ба тарзе, ки муллоию махсум талқин мекунанд. Куҷо диди, ки мурда рӯи хонаву гову гӯсфанд кушта, дег-дег шӯрбо ҷӯшонанд ва ба мардум даста-даста пул тақсим кунанд?..

Мирзодаро бо маслиҳати духтур ба айвон гузаронданд. Соҳибхона ба ҳурмати ӯ болои диван ду қабат кӯрпа густурда, ҷойпӯши оҳараш ношикаста партофт. Махсуму мулло боз аз паи «маслиҳат» шуданд. Раҳим Хурсанд ба назди онҳо рафта, бо хеле ҳарфу гапи гуфтанӣ паҳлӯи мул-

ло Ҳалим нишаст.

* * *

– Додо!

– Шин, шин, нахез, писарам, – дастони пирамард ба гардани Манучеҳр ҳалқа шуд. Аз ғояти шавқ буд ё ғами ранҷурии писар, ки чашми падар об гирифт ва аз туғёни ҳиссиёт ба гулӯи Манучеҳр гиреҳ афтод.

Мирзода ба риққат омад. Ӯ курсиро назди кати Манучеҳр гузошта, аз пирамард хоҳиши нишастан кард. Барои Сабурзода ҳам аз гӯшаи дигари палата курсӣ овард.

– Ташаккур, – Сабурзода сипосгузорӣ намуда, курсиро наздиктари кати Манучеҳр, рӯ ба рӯи пирамард гузошт. – Дидед, аҳволаш бад нест. Шумо роҳи дароз ғам мехӯрдед, ки…

– Ногаҳон, ки хабар шуд, дилама гургҳо тала карданд.

– Чӣ хел ногаҳон буд, хабари бемории Манучеҳрро баъди сӯҳбати дуру дароз, ҳамтӯ дар омади гап шунидед-ку.

– Ба ҳар ҳол, муаллим, аз дилам саду як тахмин гузашт.

– Додо, шуморо кӣ хабар кард? – Чӣ тавр хабар ёфтани падарашро дуруст сарфаҳм нарафта, пурсид Манучеҳр. – Охир, ман аз Ҳалим хоҳиш карда будам, ки…

– Не, писар, – пеши сухани Манучеҳрро гирифт Сабурзода, – аз падар баҳои бад гирифтанро пинҳон доштан мумкин. Лекин ҷарроҳиро… – Муаллим беихтиёр даст ба киса бурд ва беморхона будани ин ҷоро ба хотир оварда, қуттии сигорро боз ба кисааш андохт.

– Муаллим дуруст мегӯянд, наход туро ҷарроҳӣ мекунем, гӯянду ту ба рафиқат таъин кунӣ, ки ба ман хабар нарасонад, – пирамарод ашки ҷӯшидаи чашмашро бо ду ангушт нарм пок карда, сипосгузорӣ намуд. – Барака ёбанд муаллим, ки ҳамин қадар роҳ рафтанд, пурсида-пурсида хонаамонро ёфтанд. Бо ҳамун мошини рафтагиашон маро гирифта оварданд.

Манучеҳр намедонист ба муаллим барои ин ташвишу ғамхориҳояш чӣ тавр миннатдорӣ кунад. Ба назараш «та-

шаккур» гуфтан кифоя набуд. Сухани беҳтаре ҷуст, то сипосу эҳсосашро ба забон оварад. Аммо ҳарфи муносибе ёфта натавонист. Ба Сабурзода фарзандвор нигарист. Ончунон гарм нигарист, ки дар ҷабини пурчини муаллим дурахши қатраҳои арақро дид.

– Хайр, хотиратон ҷамъ шуд, – бо табассум даст ба китфи падари Манучеҳр бурд Сабурзода ва ба шогирдаш чашмакӣ зад. – Бинед, ранги рӯяш тоза, ба хаёлам андак фарбеҳ ҳам шудагӣ барин.

– Раҳмат, муаллимҷон, раҳмат, – гӯё ба тозагии ранги рӯи писараш Сабурзода сабаб бошад, миннатдорӣ кард мӯйсафед.

– Канӣ, акнун рафтем, – аз ҷой бархест муаллим. – Ба мо ҳамагӣ панҷ дақиқа иҷозат дода буданд. Боз ба назди профессор медароем. Чой дошта бошад, як пиёла менӯшем, кай ҷарроҳӣ карданашро мефаҳмем.

Манучеҳр ба ҳурмати онҳо аз ҷой хестанӣ шуд, аммо Сабурзода ӯро китф дошта, шинонду пирамардро оринҷ гирифт. Онҳо пасопеш аз палата баромаданд. Ишкам аз болин сар бардошт.

– Ришаш-ку отат будааст, айнакиаш кӣ буд?

Вуҷуди Манучеҳр аз ғазаб ларзид. Андак монд, ки китоби дасташ ҷониби Ишкам парад, аммо рӯи фарш афтид. Хам хӯрда, гирифтанӣ шуд, лекин Мирзода, ки назди миз рост меистод, пешдастӣ кард. Китобро боэҳтиёт бардошта, мӯи парешони Манучеҳрро бо панҷа шона зад.

– Ором шав, писарам, ин кас олимҳоро нағз намешиносанд, фақат корафтодаҳои тоифаи худашонро мешиносанд.

– Киноя накунед, домулло, – бепарво ҷавоб гардонд Ишкам. – Зарур шавад, аз ин айнакӣ калонтараш ҳам гардан каҷ карда меояд. Ҳӯ, як шоиратон гуфтагӣ, ки ойина мӯҳтоҷи хокистар мешавад.

«Ҷавоби аҳмақ сукут», бо ҳамин андеша Мирзода рӯи бистар дароз кашида, ба газета чашм давонд. Кадом як хабарро ду бор хонд. Азбаски бо хашм ва дар банди анде-

ша мехонд, чизе нафаҳмида, боз хонд… Ин тоифа мардум кай ба қолаби инсонӣ меомада бошанд? Маълумоти миёна дорад ё не, Худо медонад, лекин имон дорад, ки ҳама бо гардани каҷ наздаш меоянд. Худоё, ин ҷомеа то кай дар қабзаи ҳароми чунин дузду ғоратгарон бо олудагиҳо умр ба сар мебарад?! Наход ойина абадулдаҳр мӯҳтоҷи хокистар бошад?..

* * *

Манучеҳр дар ойина аввал офтоб ва сипас ӯро дид. Нури офтоб аз тиреза рехту хоҳари шафқат аз дар даромад. Акси ҳар ду ҳам муддате чашм бурд. Яке бо нури тиллоӣ дигаре бо акси дилҷӯ. Хоҳари шафқат рӯ ба рӯи ойинаи девори болои дастшӯ қарор гирифт. Нури офтоб аз ойина канда шуда, ба мӯи тиллоранги ӯ панҷа зад. Худоё, дар як палатаи кунҷакӣ ин қадар зебоӣ!

– Кадом зебоӣ? – Даст аз шустушӯи сӯзандоруҳо боздошта, пурсид ҳамшира.

– Ойина доред? – Ба ҷои ҷавоб суол кард Манучеҳр.

– Чӣ лозим?

– Бо дасти шумо худамро дидан мехоҳам.

Сӯзандору аз дасти ҳамшира афтид. Муддате гӯё карахт шуд. Хост аввал сӯзандоруро бардорад, аммо дасташ беихтиёр ҷониби ойинаи девор рафт.

Манучеҳр акси худро дида ларзид. Аз ойина ба ӯ ҷавони рангпаридаи аз ғояти ранҷурӣ чашмонаш фурӯнишаста менигарист. Боз ларзид ва бо ҳайрат дарк кард, ки ӯ не, дасти хоҳари шафқат меларзад ва баробари он дар ойина акси вай ҳам меларзад.

– Шумо зебоед.

Духтарак бо аломати тасдиқ сар ҷунбонд.

– Чӣ ном доред?

Хоҳари шафқат ҳайрон шуд, ки ҳозир номашро пурсиду чаро боз мепурсад. Манучеҳр суолашро такрор кард. Духтар савол набудани пурсиши аввали ҷавонро дарк намуда, хиҷолат кашид.

– Гуфтам-ку, Зебо.

– Номатон ба худатон муносиб.

Хоҳари шафқат бештар хиҷолат кашид ва бо хиҷолат мавзӯи сӯҳбатро дигар кард:

– Падаратон омада буданд.

– Кай?

– Хоб будед. Бо профессор омаданд. Шуморо хеле дӯст медоштаанд, – ӯ инро гуфта, бо табассум илова намуд. – Гӯё гул бошед шуморо бӯ кашида, навозиш карданд. Ба назарам аҷиб намуд. Бори аввал дидам, ки ҷавони каппакалонро бӯ мекашанд.

– Ман ҳам ҳар боре ба деҳа равам, падарамро аввал мебӯяму баъд мебӯсам.

– Модаратонро чӣ?

Манучеҳр маҳзун шуд.

– Модарамро аз падарам ҳам бештар дӯст медорам, ба хаёлам, ӯ зеботарин зани дунёст. Лекин… ман ӯро умуман надидаам. Вақте ман ба олам чашм кушодам, ӯ чашм пӯшид…

Ойина сахт ларзид. Аз ларзиши он акси Манучеҳр ғайб зад. Ӯ беҷуръатона дасти гарми хоҳари шафқатро нарм дошт. Ойина аз ларзиш монд. Манучеҳр дар ойина ба ҷои акси худ чашмони осмониву рухи арғувонӣ дид.

* * *

– Ҳай, офати ҷон будааст-да!

Нигоҳи шаҳвонии Ишкам хоҳари шафқатро то дари палата гусел кард. Ба гапи ӯ касе эътибор надод. Мирзода китоб мехонд. Акои Саид пинак мерафт. Манучеҳр аз обдоруе, ки дар оҳанпояи болои сараш овезон буд, чашм намеканд. Дору қатра-қатра бо як маром мечакид. Бори севвум аст, ки ба ӯ бо чунин усул дору мегузаронанд. Профессор гуфт, ки глюкозу гемодез доруи қувват аст. Пеш аз ҷарроҳӣ ба бемор гузаронидани он ҳатмист.

– Кирои зан гирифтан, ҳамин хелашро гирӣ, – ҳарзагӯӣ мекард Ишкам. – Рӯз кор карда, пул меёбад, шаб пуштатро молида…

Аз нигоҳи ғазаболуди Манучеҳр давоми сухани Ишкам дар даҳон печид ва ӯ боислоҳ нимғурма ба забон овард:

– Агар бемор шавӣ, дорую дармон мекунад.

– Шумо духтари калон доред? – Пурсид Мирзода, аз саҳифаи китоб чашм наканда.

Манучеҳр аз саволи Мирзода маънӣ бардошта, авзои Ишкамро ба мушоҳида гирифт. Ишкам бепарво ҷавоб дод:

– Ҳа, порсол даҳа тамом кард.

– Нахонондед?

– Мехонондему рӯзгор калон, домулло, – сабаб овард Ишкам. – Ҳар рӯз меҳмон, моҳе ду-се маърака. Очааш танҳо.

– Ба шавҳар ҳам доданӣ нестед?

– Чаро намедодаем?.. Алҳол аз ягон ҷои муносиб даҳан назадаанд. – Ва аз рӯи одат ба сафсатахонӣ сар кард. – Духтар гуфтагиатон моли кас, домулло. Чанд соле бонӣ кунӣ, аз ду сар мебаранд.

– Одамро бонӣ не, тарбият мекунанд, ба воя мерасонанд, – ӯро нарм ислоҳ кард Мирзода.

– Хайр, мо адабиётчӣ набошем!

«Наход барои бо атрофиён одамвор гап задану муносибат кардан адабиётшинос шудан шарт бошад?» Манучеҳр ба шишаи болои сараш нигарист. Дору мисли пештара қатра-қатра мечакид ва аз он ба танаш дармон медамид.

– Ҳа, домулло, хоҳ бонӣ кунед, хоҳ тарбия, духтар моли кас!

Аз овози Ишкам пинаки акаи Саид парид, муддате ба баҳси Мирзодаю ҳамдеҳааш гӯш дода, рӯи чойгаҳ чорзону нишаст.

– Ана, боз акаи Саид гӯяд, вай якта-дута не, ҳафт духтар дорад.

– Хоҳ духтар, хоҳ писар, ҳамааш фарзанд – ҷигарбанд, – гуфт дар ҷавоб пирамард.

– Адабиётчӣ шаву рав-э! – Писханд зад Ишкам. – Мо ҳам ҷигарбанд буданашро медонем. Ту гӯй, ки духтар моли кас ё не?

– Моли кас не, фарзанди кас, – Ишкамро ислоҳ кард Мирзода.

– Гапатон маъқул, домулло, лекин ин фарзанда харҷу хароҷоташ ба даҳ шутур бор мешавад.

– Бар ивази духтар даҳ шутур бор гирифтан шарт набудагист, – гуфт Мирзода.

– Шарт! – Паҳлӯ гашта, овоз баланд кард Ишкам. – Бе даҳ ҳазору дувоздаҳ ҳазор духтардор ба дари хонааш роҳ намедиҳад.

Ин дарди бедармонро, ки қалин ном аст, Мирзода хуб медонад. Дар ин мавзӯъ ба редаксия даста-даста мактуб меояд. Борҳо навиштанду дар ҷамъомадҳо муҳокима карданд. Аммо қолаби ҳамин расми бемаънӣ нашикаст, ки нашикаст. Ва аз ҳама аҷибаш чунин маблағи гӯшношунидро оддӣ карда, «ҳаққи шир» мегӯянд. Инро Мирзода медонад. Медонад, ки дар интизории «ҳаққи шир» синну соли бисёр духтарон ба ҷое расида, оқибат пирдухтар мешаванд.

* * *

Шоҳинаки тарозу аз номувозинатии паллаҳо рақс мекард. Манучеҳр дар бозору дӯконҳо тарозуҳои хурду калонро бисёр дидааст. Аммо чунин тарозуи калонро то ҳол надида буд. Сохташ ҳам аҷиб. Паллаҳои он кӯли пуроб аст. Обаш чунон шаффоф, ки дар он осмону офтоб акс ёфтааст. Аз қаъри ҳамин об бо пероҳани арӯсӣ Зебо пайдо мешавад. Ба паллаи дигари тарозу Ишкам тилло мепартояд. Шумурда, дона-дона мепартояд ва ҳарисона ба шоҳинаки тарозу менигарад. Шоҳинак рақс мекунад, Зебо ба ҳоли Ишкам механдад. Аз куҷое падари Зебо пайдо шуда, дасти Ишкамро дошта, сахт метобад. Халтача аз чанги Ишкам раҳо гардида, тиллоҳо ба об мераванд. Ишкам оҷизона рӯи хок мешинад, падар ҷониби Зебо даст дароз мекунад. Онҳо мисли мурғони сабукбол ба парвоз меоянд. Манучеҳр ба духтар илтиҷо мекунад. Падари Зебо бо ҳайрат ба ӯ менигарад ва аз духтараш мепурсад:

– Ин ҷавон кист?

Зебо аввал ба падар, сипас ба Манучеҳр менигарад. Падар саволро такрор мекунад. Зебо бо хиҷолат посух медиҳад:

– Бемори ман, аз палатаи кунҷакӣ.

– Чаро ӯ парвоз намекунад?

– Чунки бемор аст.

– Ман бемор не! – Дод мезанад Манучеҳр.

Падари Зебо бо лабханди ширин мегӯяд:

– Пас биё, ту ҳам парвоз кун.

Манучеҳр даст кушода, мисли парранда бол мезанад. Аммо пояш аз замин канда намешавад. Вай боз зӯр зада, бол меафшонад, лекин кадом як қувва ӯро ба замин побанд кардааст. Зебо бо парвози дилкаш ба қурси офтоб баробар мешавад. Нури офтоб чашм мебарад. Манучеҳр аввал илтиҷо мекунад, сипас бо тамоми овоз фарёд мекашад:

– Маро ҳам баред!..

– Ба шумо чӣ шуд?

Манучеҳр чашм кушода, болои сараш Зеборо дид, ки бо ҳайрат ба ӯ менигарад.

– Хоб дидам, – гуфт Манучеҳр ва пурсид. – Дод задам?

– Не, фақат нолидед, – бо табассум посух дод хоҳари шафқат. – Чӣ хоб дидед?

– Шуморо хоб дидам, – беҷуръатона ба забон овард Манучеҳр.

– Маро? – То баногӯш сурх шуд Зебо.

– Ҳа, шуморо, падаратонро ва боз…

Дари палата бошаст кушода шуд. Сухани Манучеҳр дар даҳон монд. Профессор хушҳол буд. Ӯ як даста коғазу аксҳои ренгенирo рӯи миз гузошта, назди кати Манучеҳр омад.

– Ҳанӯз ҳам хобӣ?

– Не, бедорам…

Бобоҷонов аз он ки ҷавон мақсадашро нафаҳмид, табассум кард. Бо диққат набзи Манучеҳрро санҷида гуфт:

– Канӣ, хестем!

Сухани Бобоҷонов омирона бошад ҳам, оҳанги меҳрубонӣ, илтифоти шахси ба дил наздикро дошт. Манучеҳр бо ҳайрат ба профессор нигарист. Шӯхӣ мекарда бошад? Охир, ба ҷарроҳӣ карданашон ҳанӯз ду рӯз нашудааст. Бо ин аҳвол чӣ хел ба по меистад?

– Ҳа, чӣ ин қадар ба ман менигарӣ? – Бобоҷонов давоми гапро ба шӯхӣ бурд. – Ё афту андомам ба масхарабозҳо монанд?

– Не, чаро, муаллим, – Манучеҳр хиҷолат кашид. – Охир, бо ин аҳвол чӣ тавр…

– Аҳволатро чӣ шудааст? – Эрод гирифт профессор. – Асп барин ҷавони дуп-па-дуруста гапаша бинед, – Бобоҷонов меҳрубонона аз оринҷи Манучеҳр гирифта, ба хоҳари шафқат рӯ овард. – Канӣ, Зебоҷон, ёрдам кун. Ана ҳамин тавр, боракалло!

Манучеҳр ба по рост шуда, худро дар такяи хоҳари шафқат дид ва дилу дидааш ба ранги дигар равшан шуд. Ӯ дарк карда натавонист, ки ларзиши дасту пояш аз беқувватӣ аст, ё аз ғояти ҳаяҷон. Агар ҳаяҷон не, пас чаро дилаш ин қадар бошиддат мезанад? Чунон метапад, ки садояшро ҳатто худаш мешунавад. Аҷаб не, хоҳари шафқат ҳам мешунавад. Охир ӯ қариб ки дар оғӯши Манучеҳр аст.

Зебо дасти Манучеҳрро болои китф гирифта, бо дасти рост ӯро аз миён медорад… Ин чӣ лутфу меҳрубонист? Манучеҳрро аз ғояти шавқ ва илтифоти духтар сар хаёле чарх мезанад, гӯё ҳозир аз пой меафтад. Аммо биме надорад, чунки ӯро орзую ҳавасҳояш, қуввати дилу дидааш такядор аст.

Зебо боэҳтиёт қадам мемонад. Ҳар қадамро шумурдаю баҳра бурда мемонад.

– Дидӣ! – Хушҳолона нидо мекунад профессор. – Боз мегӯяд, ки бо ин аҳвол чӣ хел ба по меистам! Пагоҳ мумкин ҳатто давида гардӣ…

Бале, ӯ медавад, лозим бошад, парвоз мекунад. Ба шарте Зебо такядораш бошад.

Манучеҳр бо мадади ҳамшираи шафқат то назди тиреза омад. Профессор гуфт, ки имрӯз ду-се бори дигар ҳамин хел сабук гардиш кунад, пагоҳ ба палатаи умумӣ мегузаронанд.

Нигоҳи сипосгузори Манучеҳр Бобоҷоновро то дами дари палата гусел кард. Ҳарчанд ӯ қуввати рост истодану гаштан дошт, дасташ ҳанӯз дар китфи хоҳари шафқат буд. Дилаш мисли пештара метапид. Наход ин тапишро Зебо намешунида бошад? Охир, Манучеҳр ӯро ҳангоми ташнагӣ чун дарё, дами нафастангӣ мисли ҳаво бо орзуҳои ширин аз авҷи афсонаҳо ёфтааст!..

Зебо ин руҷӯро аз тапиши дили Манучеҳр хонда, то баногӯш сурх шуд. Манучеҳр бо як ҷаҳон шодмонӣ пай бурд, ки дили хоҳари шафқат низ ноором метапад. Зебо бо муроди аз хиҷолат ворастан аз тиреза ба саҳни беморхона назар кард. Рӯи харак падари Манучеҳру Ҳалим суҳбати гарм доштанд. Зебо бо ҳавас гуфт:

– Падаратон одами нағз будаанд.

– Падари шумо ҳам.

– Падари маро аз куҷо медонед?

– Гуфтам-ку, хоб дидам.

– Барои ҳамин тарсида бедор шудед?, – шӯхӣ кард Зебо.

– Не, ман аз дигар чиз, аз рафтори Ишкам тарсидам.

– Ишкаматон кӣ? – Ҳайрон пурсид хоҳари шафқат.

– Аз палатаи худамон, номашро намедонам. Мирзодаю амаки Саид ба ӯ «раис» гуфта муроҷиат мекунанд.

– Ҳа, Маҳмудовро мегӯед? – Зебо ҳампалатаи Манучеҳрро ба хотир оварда, бо табассум илова кард. – Лақаби аҷиб ёфтаед.

– Лақабаш ба худаш муносиб.

– Рост, – бо аломати тасдиқ сар ҷунбонд хоҳари шафқат. – Профессор мегӯянд, ки аз пурхӯрӣ захми меъда шудааст.

– Акои Саид аз кам хӯрдан... – бо таассуф гуфт Манучеҳр.

– Худи шумо чӣ? – Бо ҳазл пурсид Зебо.

– Ё ҳар ду, – ҳозирҷавобӣ кард Манучеҳр.

Зебо бо табассум беморро то рахти хоб такядорӣ намуда, ҳавас кард, ки кош дасти Манучеҳр умре ба гарданаш ҳамин хел ҳалқа бошад.

## НОЛА

Нодир аз қаҳ-қаҳи кабк бедор шуд. Муддате ба хониши кабк гӯш дода, дар бистар паҳлӯ гашт. Офтоб тулӯъ накарда бошад ҳам, теғи шахи рӯ ба рӯи табобатгоҳ ранги арғувонӣ дошт ва ин ранг алорағми тирафомие, ки дар бағали кӯҳ нишастааст, лаҳза ба лаҳза густариш ёфта, арчаҳои зумурадгунро ба ранги дигар мунаввар мекард. Нодир дар чашм ҳамин рангу дар дил ҳавасҳои ҳанӯз комилан ношикаста попӯшро нӯги по гирифта, ба айвонча баромад. Аз салқинии ҳаво ба тани нимурёнаш мурғак дамид. Аз ранги шаху садои кабк ҷон ҳузур кард Нодирро. Қаҳқаҳи кабк такрор шуд. Ин навбат баландтар ва хаёле бадардтар хонд кабк. Аз бехи кадом як арча, аҷаб не, бутта ба қаҳқаҳи бадард ҷавоб омад. Хониши зери бутта, аҷаб не, арча ба гӯши Нодир нисбати қаҳқаҳи шахи баланд форам нишаст. Аз он ки ҳамин хониш кабки тани шахи баландро ба қиём овард, Нодир ҷинси латиф будани садоандози қаҳқаҳи форамро дарк кард.

Ду кабк аз ду самт қаҳқаҳ мезаданд. Яке аз тани шах нолаю фарёд дошт, дигаре аз таги бутта, аҷаб не, арча нозу истиғно. Ва гӯё маҳз аз ҳамин нолаю ноз ҳавои салқини дара майл ба гармӣ, қулла рӯ ба зардӣ оварда, аз нури офтоб олам ба ранги дигар мунаввар мешуд. Дили то дами субҳ хумор шикастаи Нодир боз ба оғӯши гарму сухани нарм, чашмони пурхумору лабҳои бӯсахоҳ майл кард. Бо ҳавас лаби бистари ҳанӯз гарм нишасту чашм пӯшид. Акси дилҷӯи хуморшикани то субҳи содиқ оғӯшашро чун офтоб гармдошта ба ҷилва омад ва бо ҳамин ҷилваи ҷонситон садои Фозиларо шунид, ки бо нозу истиғно мисли кабки таги бутта, аҷаб не, арча такрор ба такрор мегуфт:

– Бас, ба..с.., б…а…с…

Не, не ин нозу истиғноро Фозила аз кабк не, балки кабк аз Фозила омӯхт. Ҳа, Нодир нағз ёд дорад, ки аввал ҳарфи пурнози Фозиларо шунид, сипас нолаи кабкро…

Аҷаб шабе буд дишаб. Руҳпарвару хуморшикан, дилнавозу шерафкан. Шаб не, афсона буд. Афсонае, ки Нодир дар олами орзуҳои бекарон чун донаи умед парвариш медод ва ин парвардаи ҳавасҳои ӯро фариштае бо номи Фозила бо ҳаваси дигар самар дод. Ончунон самар дод, ки дар фасли хазонрез мисли гулҳои наврӯзӣ бишкуфт ва аз накҳати ин гулҳо кӯҳу дараи Хоҷаобигарм муаттар гашт.

Нодир дар бораи табобатгоҳи Хоҷаобигарм бисёр ривоятҳо шунидааст. Одамон обу ҳавои онро ба муъҷиза баробар мекунанд. Ва Нодир дар оғӯши ҳамин муъҷиза муъҷизаи дигаре дида, дил бохту имон овард ба афсонае, ки фарҷомаш мурод аст. Ӯ ин олиҳаи ҳусну латофатро дар афсонаҳои рангини хеш бо рангу бӯи сад гулу чаман офарида, ҳар шаб аз гесувони шабрангаш машом муаттар мекард.

Худоё, орзую ҳавасҳояш пас аз солҳои сол, дур аз шаҳри азиму меҳри аҳли байт дар оғӯши кӯҳи баланд чун офтоб тулуъ кард. Ва Нодир ин офтобро, ки Фозила ном аст, ҳар рӯзу соат бесаброна интизор буд, то дили умре офтобталабашро мунаввар гардонад. Аммо сабабе даст намедиҳад, ки ин офтобро ба ӯтоқи худ хонад. Ва ин орзуро худи Фозила туҳфа овард:

– Мумкин?

– Марҳамат.

Ба назари Нодир чунин расид, ки дарро Фозила не, орзую ҳавасҳо чун офтоб кушод.

– Агар иҷозат диҳед, бо чойнакатон об ҷӯшонам, – хоҳиш намуд Фозила.

– Иҷозат намедиҳам, – хушгӯӣ кард Нодир. – Чунки метавонам ман худам бо як ҷаҳон ҳавас ин хизматро барои шумо ба ҷо орам.

Дар лаби нозуку чашмони то андозае маҳзуни зан

нақши табассум падид омад. Нодир, ки аз рӯзи аввали ин ҷо омадан ӯро пайваста ғамгин медид, бо нияти хушҳолии бештари олиҳаи ҳусн афзуд:

– Ба шарте инро шумо хоҳеду чойе, ки бароятон дам мекунам, то ҷуръаи охирин нӯшед.

– Менӯшам, – табассум дар лабони зан гул кард. – Чунки сахт ташнаам.

Нодир низ ташна буд. Ташнаи ҳавасҳо, ташнаи васл, ташнаи хумор…

Аз чойи хушбӯ Фозиларо ташнагӣ шикаст, аммо Нодирро аз тамошои дидор ва сӯҳбати доманадор хумор нашикаст…

Як поси шаб аз кадомин гӯшаи дара садои кабки хумор омад, бо нолаву дарди зор-зор омад. Нодир ҳам ба худ нолид:

«Дӯстон имшаб давои ҷони маҳзунам кунед,
Бар сарам афсонае хонеду афсунам кунед…»

Нодир афсун шуду бисмил. Бехуд аз худу олам сари тобу таб пурсид:

– Чанд рӯз аст, ки инҷоед?

– Ду ҳафта, – шояд бо нияти чашмаш ба чашми Нодир наафтодан мижгони ба ҳам нишастаашро накушода, зери лабу дандон посух дод Фозила.

Ба назари Нодир лабони нозуку аз бӯсаҳои пай дар пай ранговардаи Фозила ташнаи ташна намуд ва баробари боз лаб ба лаби бӯсахоҳ бурдан, ду дасти нозук мисли навдаи боровардa ба гарданаш ҳалқа шуд.

– Бас, ба…с, б…а…с…

Аҷиб, ин садои кабк аст ё нози хуморшикани оғӯшаш?

– Бас, ба…с, б…а…с…

Ҳамин нозу истиғно Нодирро бо ҳавасҳои бештаре ба лабҳои гарму бӯсахоҳи Фозила бо сад ҳаваси дигар ташна мекард. Нодир дар ҳайрат, ки ин муъҷизаро чӣ дарде ба ин табобатгоҳи дурдаст оварда бошад?

– Дарди ишқ, – мижгони баҳамнишастаро накушода посух дод хуморшикани оғӯши Нодир.

– Ин дард дарди бани башар аст, – дасти навозиш ба мӯи шабранг мебарад Нодир. – Ба сад алфоз гуфтанд, илло дармоне наёфтанд.

– Ба назарам, ман дармон ёфтам, – рухсораи Фозила аз иқрори ба забон овардааш ранги арғувонӣ гирифт.

– Аз ишқҳои новарзидаи ман? – Нодир бо ҳавас лаб ба рухсораи арғувонии Фозила бурд. – Ё аз оби шифои табобатгоҳ?

– Ё ҳарду, – хушгӯӣ намуд Фозила чашмони пурхуморашро кушода.

Ва Нодир дар гавҳараки ин чашм акси худро дида, чун ташнаи ба дарё расида бишкуфт. Фозила боз чашм пӯшид, то ин акси дилҷӯро ба хонаи дил кӯчонад. Ҳамон диле, ки даҳ сол ҳаваси фарзанд дошту ҳамин акси дилҷӯ яқин ин лаҳза онро ато кард.

Дами субҳи содиқ, қабл аз он ки Фозила ӯтоқро тарк кунад, боз нолаи кабк ба гӯш расид. Кабки тани шах нола мекарду кабки таги бутта, аҷаб не, арча нозу истиғно. Нодир низ аз дарди ишқ ҳай менолиду меболид. Бехабар аз он менолиду меболид, ки пас аз бист сол писараш Ховар ба духтаре ҳамхона мешавад, ки модар ба ӯ борҳо қиссаи нолаҳои кабки тани шах ва нозу истиғнои кабки таги бутта, аҷаб не, арчаро ҳикоят кардааст…

## БОРИ ГАРОН

Дасте болои сараш дароз шуд. Чунон дароз шуд, ки аз хонаи хоб гузашта, ба болори кандакории меҳмонхона расид ва…

Ва ӯ бо ҳаррос бедор шуд. Даст дар фазои нимторики хона ғайб зад. Чашмаш ба торикӣ одат карда, дар гӯшаи дигари хона гаҳвора ва назди он ҷойхоби завҷаашро дид. Ин хоб буд ё… Ба дилаш бештар раҳ ёфт ваҳм. Наход касе дида бошад? Не, надида буд. Дида бошад чӣ? Тирезаи меҳмонхона панҷара надорад. Болокории ин ҳарду тире-

зааш аз ҷониби дарвозахона. Худаш ҳамин хел сохт. Барои маҳрамии ҳавлию даробарои бемалоли меҳмон.

Усто Барот сари ҷойгаҳ ба андеша рафт. Рафта хабар гирад ё хоб кунад? Не, хоб мекунад. Азбаски пеш аз хоб ҳамин тахминро дар сар дошт, хоб дид. Аҷаб не ба назараш намуд. Ҳа, ба назараш намуд. Хоб мекунад. Аммо хоб дигар ба чашмаш наомад. Паҳлӯ гашта, худро тасалло дод: тахмину ҳарроси беҳуда. Касе ҳад дорад, як поси шаб ба хона даромада, вассаҳои шифтро кобаду… Синнаш ба ҷое расида, то ҳол нашунидааст, ки дар деҳа ба хонаи касе дузд даромада бошад. Ҳа, тахмини беҷо, воҳимааш бофтаи андешаҳои махшуш. Ҳеҷ гап нашудааст. Дастеро ҳам надидаасту зери вассаи шифти меҳмонхона низ чизе нест. Ҳа, ҳеҷ чиз нест! Осуда хоб кардан лозим. Як, ду, се… даҳ, …чил…Аз куҷое шунида буд, ки агар хоб парад, то сад шумурӣ… Бори чорум аст, ки ӯ то сад мешуморад, аммо хобаш намебарад. Паҳлӯ гашту боз шумурд, такрор ба такрор шумурд. Дид, ки ин кораш беҳуда, дарро бесадо кушода, рӯи ҳавлӣ баромад. Нури моҳ чунон равшан буд, ки ҳатто масофаи дур нағз дида мешуд. Ва усто Барот дид. Дид, ки дари меҳмонхона нимроғ аст. Муддате карахт шуд. Меҳмонхона пури чизу чора: ду таҳмон кӯрпаю кӯрпача, чаҳор қолини ҳанӯз қаташ нашикаста, ду сандуқ лаболаби матоҳои қиматбаҳо, телевизори ранга… Усто ин чизҳоро ба гӯшаи хаёл ҳам намеовард. Ҳушу ёди ӯ ба вассаҳои кандакории меҳмонхона банд буд. Наход?.. Бо ҳаррос ба гирду атроф назар андохт ва чашмаш ба табари назди зинапояи айвон бархӯрд. Дилаш бо шиддат мезад. Садои онро бараллo мешунид. Барои ногаҳон дастгир кардани дузд дари нимроғи меҳмонхонаро оҳиста кушод ва бо шаст худро дарун гирифта, чароғро гиронд. Дар меҳмонхона аз дузд ному нишоне набуд. Дар сақфи ёздаҳболораи саросар кандакорӣ низ нақши дасти ғоратгар ба назар намерасид. Усто андаке осуда шуда бошад ҳам, дилаш ҳанӯз бошиддат мезад. Вай оҳиста рӯи диван нишаст ва назараш ба Мошони пешгоҳи хона афтода,

ба асрори нимроғ шудани дари меҳмонхона сарфаҳм рафт. Усто ба ҳафт авлоди гурба лаънат хонда, ба ҳоли худ табассум кард. Дар лаб табассуму дар дил ҳанӯз ҳам ҳарроси тахмину шубҳа рӯи диван дароз кашид. Нигоҳаш боз ба ҳамон чанд вассаи имрӯз канда, аз нав ҷо ба ҷо кардааш мутаваҷҷеҳ шуд. Ба назараш чунин расид, ки вассаҳоро пас аз ӯ касе даст задааст. Агар ҳамин тавр не, чаро вассаи чорум нисбати вассаи севвум поёнтар фуромадааст? Ё ба назараш ҳамин хел мерасад? Не, касе онро кушода аз нав ҷо ба ҷо кардагӣ барин. Аз ҳамин тахмин ба дилаш боз шубҳа раҳ ёфту сари по шуд. Ба таҳхона фуромада табарчаву мехкашак овард. Курсиро болои миз монда, рӯи он баромад ва бо эҳтиёт се вассаи ба болори зарандуди гулкорӣ андармон кардаашро кушод. Аз таги вассаи кандакорӣ сақфи тахтапӯши хона ва рӯи он каф барин халтачаи бо мехча ба чӯб парчамгардида намудор шуд. «Хайрият» нафаси сабук кашид ва халтачаро бо эҳтиёт кушод. Дар партави чароғ рӯи кафи ӯ чор тангаи зард ҷило дод…

Ин тангаҳои зард имрӯз дар дасти холаи Садқа ҷило дода буд. Аз нури чароғ не, аз нури офтоб. Усто охирин тирезаи хонаи навро, ки барои тарҳу шакл гирифтанаш ду моҳ банд буд, устувор мекард. Аввал ӯ ба ин ҷило бепарво назар кард. Ва бо ҳамон бепарвоӣ ба паҳлӯчӯби тиреза мех кӯфта, пурсид:

– Хола, ин тангаҳоро аз куҷо ёфтед?

– Ин танга не, садқа, тилло, – ва шояд барои қуввати фикр ё худ қадри баланд доштани тангаҳо буд, ки илова кард. – Тиллои асили Бухоро.

– Асилу ноасилиашро аз куҷо медонед? – Бо ҳамон бепарвоӣ табассум кард усто.

– Аниқ медонам, садқа. Раҳматӣ модарам ҳар тангаро се-чор бор дандон зада, мефаҳмонданд. Ҳамин чор тиллои асил аз модаркалонам мерос мондагӣ.

– Ӯҳӯ, тиллои таърихӣ гӯед.

– Ҳа, садқа, таърихӣ.

– Таърихӣ бошад, эҳтиёт кунед, – гуфт усто ва гапро ба ҳазл бурда, илова кард. – Агар ягон вақт археологҳо кофта ёбанд, зеби осорхона мешавад.

– Тилло зеби осорхона не, зеби мард дорад. Ҳа, садқа, ба гапам бовар кунед, қуввати миён аст, тилло. Раҳматии бобом то навадсолагиашон асо гирифтагӣ не.

– Ӯҳӯ, умри бобаракат дида будаанд, – гуфт усто Барот ва устувории тирезаи шинондаашро бори дигар санҷида, илова кард. – Ана, хола, хона ҳам тайёр, фақат рангу бораш монду халос.

– Инаш аз дасти худи Нозирҷон меояд, садқа. Ҳамин ки омад аз пояш мешавад. Илоҳо барака ёбед, давру даврони наберaю абераҳоро бинед, – холаи Садқа дар лаб дуо, дар даст тилло ба пешайвон баромад ва ҷомаи беқасабро ба китфи усто партофт. – Муборак бошад, садқа, – холаи Садқа инро гуфта, ба кафи дасти усто ҳамон чор танга тиллои сифаткардаашро гузошт.

– Инаш чӣ, хола? – Ҳайрон шуд усто.

– Ҳаққи хизмататон, садқа.

– Охир…

– Як тин пул надорам, садқа. Буду набудам сарфи Нозирҷону хонааш шуд.

– Хайр ҳеҷ гап не, кадом вақте пул ёфтед, медодед. Охир ман ин тангаҳоро чӣ кор мекунам?

– Боз танга гуфтед. Танга не, тилло, садқа, тилло! Шукр шумо одами ҳунарманду бадавлат. Пули бисёр доред, аммо тилло гапи дигар. Пул қоғаз асту дам ба дам мешиканад. Тилло давлат асту насл ба насл мемонад.

Усто Барот хост чор тангаи зарди холаи Садқаро, ки аллакай ба кафи ӯ гузошта буд, ягон сабаб оварда баргардонад. Аммо нашуд. Дар дами дарвоза Салом милиса пайдо шуду сухани ба даҳон овардаи усто ногуфта монд. Ӯ бо ҳаррос даст ба кисса бурд. Аввалин бор аз музде, ки бар ивази меҳнати ҳалол аз мардум мегирад, ба дилаш ҳаррос раҳ ёфт. Ва ҳарросаш аз суханони сарбастаи Салом бештар шуд.

– Боз ин чӣ нағма?

– Чӣ, садқа? – Аз усто ҳам бештар дар ҳаррос шуд холаи Садқа. Ҳарроси ӯ аз тиллои ҳамчун музди меҳнат ба усто додааш не, аз ваҷҳи писараш буд. Нозир чор сол аст маҳбус. Аслан ӯро барои авбошӣ ба муддати як сол аз озодӣ маҳрум карда буданд. Ва ин муддатро адо накарда, боз аз як гуноҳи дигар ба мӯҳлат се сол зам шуд. Ҳар ду дафъа ин хабарро Салом милиса оварда буд.

Салом ба ваҷоҳати пурташвиши холаи Садқа заррае эътибор надода, зинапояҳоро шумур мекардагӣ барин бо виқор як-як қадам монда, боло баромад ва шапкаашро аз сар гирифта, рӯи панҷарачӯби айвон нишаст.

– Чӣ, рӯзатон намегузарад?

Саволи милиса аз пурсиш дида бештар оҳанги таҳдиду иддао дошт. Усто боз сарфаҳм нарафт, ки ӯ чӣ мехоҳад. Аз виқору пӯписаи Салом ғашаш омада бошад ҳам, нарм пурсид:

– Чӣ гап, мулло Салом?

Салом ба ҷои ҷавоб ба холаи Садқа савол дод:

– Чанд пул додед?

– Ба кӣ, садқа?

– Ба кӣ мешуд, ба усто!

– Чорсад сӯм, садқа, – гуфт холаи Садқа бо назардошти чор тангаи ҳозир ба усто додааш. – Расо ду моҳ шабу рӯз нагуфта кор карданд. Ба иззаташон расида натавонистам. Гӯр беваю бечорагӣ шавад.

– Дидед, усто, боз «чӣ гап» гуфта, гулпурсӣ ҳам мекунед.

Усто Барот боз нафаҳмид, ки ин ҳомии қонун «дидед» гуфта, ба чӣ ишора дорад. Агар гап дар сари ҳаққи хизмат бошад, усто он коре, ки ин ҷо кард, барои дигарон ба шашсад – ҳафсад сӯм ҳам намекунад. Охир аз пойдевор то дару тиреза аз даст баровардани се хонаи пешайвондор кори саҳл нест. Ин хел хонаро як бригадаи бинокор қариб як моҳ месозад. Ин корро ӯ ба хотири беваю бечорагии холаи Садқа кард. Усто медонад, ки хола ба ҷуз Нозири авбош касе надорад. Ҳамин писари яккаву ягона низ дар

маҳбас аст. Модари бечора бо орзую ҳавас хона рост кард. Ба он умед машаққат мекашад, ки пагоҳ – фардо писараш бармегардад ва ба хонаи нав келин меораду орзую ҳавас мешиканад. Бо ана ҳамин андешаҳо усто хонасозиро ҳатто киро накарда, ба кор шурӯъ кард. Беш аз ду моҳ чӯб бардошта, теша зад, арра кашида, ранда кард ва соҳиби чор танга шуда, ҳоло ҳозир аз забони худи холаи Садқа фаҳмид, ки ин чор танга чорсад сӯм арзиш доштааст. Аслан ҳамин чор тангаро ҳам гирифтанӣ набуд. Агар Саломи хомтамаъ ногаҳон пайдо намешуд, ӯ тангаҳои холаи Садқаро баргардонида мерафт. Кадом вақтҳе пул ёбаду чанд сӯме ҳиммат кунад, лом намегуфт. Охир усто дар бист соли касабадорӣ ба мардуми деҳа кам хизмат накардааст, сари ҳиммат аз бисёр беваю бечораҳо ҳатто ҳаққи хизмат нагирифтааст. Хайр, хизмати холаи Садқаро ҳам аз ҳамин қабил медонисту бо ҷомаи ҳоло ҳозир сари китф партофтаи ӯ қаноат мекард.

– Чашми баднафсро хоки гӯр сер накунад, қаноат сер…

– Ин чӣ гуфтаниат?! – Аз ғазаб усто ба худ печид. Сухани бемулоҳиза ба забон овардаи милиса чун дарафш аз ҷисму ҷонаш гузашт. Ҷомаи ба китфаш андармон кардаи холаи Садқа рӯиаррамайдаю параҳаҳои пешайвон афтид.

– Чӣ аз сиёсати давлат бехабаред?! – Милиса ҳам паст наомада, аз ҷой хест ва шапкаашро якшоха ба сар монда, сахттар иддао кард. – Барои ҳар кор андоз супурдан лозим. Дигар ба муфтхӯрию даромади бедарди миён роҳ нест.

– Даромади ман бедарди миён? – Аз дарду алам нафас дар гулӯ печида, гунаҳо суп-сурх шуд усторо. – О, аввал ту, ҳомии қонун, як чӯби ин болорро бардошта бин! – Ӯ даст шоф карда, болорҳои ялаққосии пешайвонро нишон дод. – Ҳар кадоми ин на камтар аз шаст кило вазн дорад. Шабҳое, ки ту бо Тилло магазинчию Ато буфетчӣ арақ нӯшида, «Сабзаҷонам сабза» мехондӣ, ман то субҳ чӯб метарошидам. Э, агар донистан хоҳӣ, худи ту…

– Ҳой, садқа, оҳистатар, мардум мешунавад, айб меша-

вад, – байн даромад холаи Садқа ва Саломро гилаомез сарзаниш кард. – Айбу шарм ҳам хуб гап, наход даромади усторо бедарди миён гӯед. Нисфи иморати қишлоқ ҳунари усто-ку, садқа. Пули аз халқ мегирифтагиашон аз шири модар ҳам ҳалолтар.

– Ман участкавой, хола, вазифадорам, ки…

– Наход вазифаатон одамро ҳақорат кардан бошад? – Боз гилаомез пеши сухани Саломро гирифт холаи Садқа. – Бозору магазина бинед, садқа. Савдогару арақхӯрҳоро сарзаниш кунед. Наход омада-омада коратон ба чӯбтарошию хонасозии усто Барот монда бошад?

Саломи аз гуфта пушаймон дар ҷавоби суханони хола узру маънӣ карданӣ буд, ки усто халтачаи пур аз асбобро гирифта, бошаст аз зинапоя фуромад ва дами дарвоза овози холаи Садқаро шунид, ки мегуфт:

– Ҳой, садқа, ҷомаатон монд. Ба нияти худатон дӯхта будам-а.

Усто Барот ба сақфи кандакории хона чашм дӯхта, ҳеҷ тасаввур карда наметавонист, ки ҳирси тиллодорӣ чӣ тавр ба дилаш роҳ ёфт. Ҳирс не, ҳаррос аст. Не, ҳирс аст. Аз ҳамин ҳирс дар замираш, ақлу шуураш ҳаррос лаҳза ба лаҳза қувват мегирад. Агар не чаро хоб дид ва ҳатто табар ба даст гирифт. Аҳмақӣ! Наход қудрати ин тангаҳои зард аз хиради одамӣ болотар бошад? Сари ҳар чанд вақт дар вайронаҳо аз зери хок кӯзаҳои тилло ёфт мешаванд ва аҷаб не ин кӯзаҳоро низ одамон камон дар китфу табар дар даст посбонӣ карда бошанд. Ва кӣ гуфта метавонад, ки бархе аз ин посбонони сарват аз гуруснагӣ намурдаанду бекафан аз дунё нарафтаанд? Ҳа, усто бисёр ривоятҳо шунидааст ва ҳоло ҳозир дарк кард, ки ин нақлҳоро бепарво мешунидааст. Усторо сари ҳамин андеша марги фарроши бозор ёд омад.

Пирамард касе надошт. Шабу рӯзаш дар бозор мегузашт. Ӯ ба ҷуз растаҳои қатор андар қатори бозор хонаи хоби сабзифурӯшҳои Ӯротеппаю себфурӯшҳои Қаротегин,

харбузафурӯшҳои Мирзочӯлу ангурфурӯшҳои Ҳисорро рӯбучин мекард. Барои савоб не, албатта, ҳарчанд дигарон ҳамин тавр мепиндоштанд. Дар бозор низ лаҳзае оромӣ надошт. Гоҳ қуттиҳои калон-калони ангурфурӯшҳоро, ки дутояш якхара бор буд, мебардошту гоҳ ҷуволҳои қадди одамро пуштора мекард ва ин кор ҳам бемузд не, албатта. Ҳатто барои носфурӯшҳо китобҳои оҳараш нашикаста пайдо намуда, ҳамроҳашон соатҳои дароз носпечонӣ мекард ва ин ҳам бетамаъ не, албатта. Мардум гиру мон, сару либос ва хӯрду хӯроки ӯро дида, «бечораи берӯзӣ» мегуфтанд. Баъзеҳо ҳатто сари ҳиммат пас аз хариду фурӯш як сӯм – ним сӯм садақа мекарданд.

Дар яке аз рӯзҳои сарди тирамоҳ фаррош аз бозор ғайб зад. Ва мардум, пеш аз ҳама бозоршинҳо дарк карданд, ки бо вуҷуди серодамию мағал дар бозор касе намерасад. Рӯзи дигар одамон ин норасоии бозорро дар кулбаи фақирона, рӯи кӯрпачаи ҷандаю чиркин, бо риши кайҳо рӯи теғ надидаю чашми кушод пайдо карданд. Чашмони карахту ба назар то андозае ҳайратзадаи фарроши бозор гӯё аз шифти дудзадаи хона чизеро меҷуст. Ду нафар ҷавонмард ҷасади сарди ӯро рӯи тахта гирифтанд ва чанд нафари дигар ҳангоми ҷойхоби рӯи хонаро ғундоштан диданд, ки аз қабати кӯрпачаи ҷанда даста-даста пули қаташ нашикаста мерезад. Рӯзи дигар пеш аз бардоштани тобути фарроши бозор имоми масҷид ба мардум хабар дод, ки ба ҷуз харҷу хароҷоти маросими дафн бисту панҷ ҳазор сӯми марҳум моли масҷид дониста шуд. Ва боз… ду рӯз пеш аз чили фарроши бозор овозаи дигаре паҳн шуд. Ҳамсояҳои марҳум, ки бо нияти кори хайр кулбаи ӯро ба тартиб меоварданд, ҳангоми шифти дудзадаи хонаро тоза кардан аз ковокии болоре ҳамёни пур аз тилло меёбанд. Ин дафъа имом бозёфти навро аз моли масҷид эълон кардан мулоҳиза намуда, маслиҳат дод, ки ба давлат супоранд…

Мушти гиреҳкардаи усто Барот гӯё оташ гирифт. Беихтиёр кафашро кушод. Тангаҳои зарди рӯи кафаш аз нури чароғ дурахшиданд. Ё ба назар ҳамин тавр намуд. Не, ду-

рахшиданд, агар не, чаро чашмонашро нимпӯш кард. Нигоҳи усто боз ба шифти вассаҳояш кандакорӣ мутаваҷҷеҳ шуд. Ва аз тарс вуҷудаш ларзид. Аз роғи вассаҳои муддате аз ин пеш ҷо ба ҷо кардааш ба ӯ чашмони фарроши бозор бо ҳамон карахтию ҳайратзадагӣ менигарист. Аз ваҳм чашмони усто калон кушода шуду нигоҳи ҳайратзадаи фарроши бозор ғайб зад. Пеш аз он ки ғайб занад, вассаҳои кандакорӣ хаёле ларзиданд ва аз ин ларзиш тангаҳои рӯи кафи усто пеши пояш рехтанд.

Рӯзи дигар усто Барот баробари бедор шудан аз ҳамсараш таъна шунид:

– Наход кӯдак барин шиматона накашида хоб кунед?

Аз ин таъна усто ҳушёр шуд ва саросема даст ба киса андохт «хайрият, дар ҷояш». Ӯ хотирҷамъ рӯи ҷойгаҳ боз дароз кашиданӣ буд, ки овози завҷааш баланд шуд:

– Хезед, гова ҳай кунед, ки вақти подабаро шуд.

Усто Барот раҳораҳ беихтиёр ба ҷайбаш даст андохта, тангаҳоро боз даст-даст кард, палмосид ва ҳамин лаҳза бо изтироб дарк кард, ки дар сараш ба ҷуз андешаи ин тангаҳои зард ба андешаи дигаре роҳ намондааст. Раҳравон пичиррос зад, мисли одами зери бори гарон монда бадард пичиррос зад: «Худоё, ин чӣ балое буд, ки ба сарам омад. Ҳатто хобу қарорам гум шуд. Буду шуд чор тангаи зарду ин қадар ваҳму ташвиш» Усто пулҳоии калонро кам надидааст. Ба қавли холаи Садқа, шукри ҳунараш, бадавлат аст. Чанд моҳ аст, ки дар ҳамон меҳмонхонаи шаб бо воҳимаи ин чор танга табарбадаст нишастааш, дар як гӯшаи ҷевони либос ду ҳазор сӯмина заём рӯшод хоб аст. Агар гап дар арзиш бошад, пас ин воҳима ба хотири чӣ? Усто фикр кард, аммо ҷавоб ёфта натавонист. Ба ин савол шояд соҳибони ҳамон кӯзаҳои имрӯз аз зери хок пайдогардида низ ҷавоб наёфта бошанд. Ва аҷаб не, боз бисёр одамон ҷавоб намеёбанд.

Аз ин андеша ҳузне бо дили усто соя андохт. «Наход қадру қиммат ва маънии умри одамро ҳамин тангаҳои зард муайян кунанд? Не, не, ин фикр ботил аст! Ботил? Агар бо-

тил бошад, чаро инсон тиллоро ин қадар мепарастад ва барои он ба ҳар гуна разолат қодир аст?» Ва алорағми ин андеша дар як гӯшаи дили усто ҳисси дигаре бедор шуд. Аз ин ҳисси то ҳол барояш ноошно ба дигар андешаҳо ҷо намонд. Хайр чӣ, чор тангаи зард ба кӣ зарар кард, ки ба ӯ зарар оварад. Охир ин подоши меҳнати ҳаққу ҳалол аст.

Усто говро аз шохбанд кушода, нушхӯрди охурро ба тағора бардошт ва ҳангоми онро дар пешгоҳи молхонаи нимторик болои нушхӯрдҳои чандрӯза рехтан ногоҳ фикре ба сараш омад: тангаҳои зардро ҳамин ҷо дар ягон роғи девор руст кунад-чӣ? Ба гӯшаи хотири кӣ меояд, ки дар молхона тилло ҳаст. Ӯ саросема говро аз дарвоза берун кард ва аз сари оташдон латтапорае пайдо намуда, боз ба оғил даромад.

Усто Барот мисли ҳарвақта хеле барвақт ба мактаб омад. То ба дарси меҳнат ҳозир шудани шогирдон устохонаро рӯбучин, асбобу анҷоми дуредгариро ҷо ба ҷо кард. Ва арраҳоро наздаш гузошта, дандон мечинд, ки посбони мактаб Маҳмудхон ҳозир шуд. Посбон ба ҷои он ки чун ҳарвақта аз вазъи обу ҳаво ва дарди даст шикоят кунад, гапро аз намоиши дирӯзаи телевизор сар кард:

– Усто, шаб телевизор тамошо кардед?

– Не-ку, – ба дандонҳои арра сӯҳон давонда, бепарво посух дод усто.

– Э, тоза зӯр шуда, – бо шавқ ба нақл пардохт посбон. – Муттаҳамҳоя расво карданд.

– Кадом муттаҳамҳоро? – Мароқ зоҳир намуд усто.

– Яктааш раиси ширкату дигараш директори заводи пахта будааст. Аз хонаи ҳар кадомаш чор киллоӣ тилло ёфтанд.

– Чор тилло? – Овози усто ба гӯши худаш бегона расид.

– Чор тилло не, чор килло, – усторо ислоҳ кард Маҳмудхон ва бехабар аз тағйир ёфтани авзои ҳамсӯҳбаташ бо тааддӣ илова намуд. – Ҷамъулҷамъ ҳашт килло! Тавба, аҳмақ набошӣ, ин қадар тиллоро чӣ кор мекунӣ?! Хайрият, ки одамони давлат ёфтанд. Агар дуздҳо

хабар меёфтанд, пеш аз тиллоро duздидан худи тиллодор-ро мекуштанд.

Бар асари суханони посбон буд ё андешаи ояндаи тиллодорӣ, дар ҷабини усто Барот қатраҳои арақ дурахшид. Сӯҳони дасташ қариб ба ӯ итоат намекард. Маҳмудхон бо ҳамон бепарвоӣ ғоратгарони моликияти ҷамъиятиро маломат мекард.

– Ба ҳафт пушташон доғи лаънат овараданд, ҳарисони ҳаромхӯр, – посбон курсиро наздиктари усто лағжонда гӯё асрореро ошкор карда бошад, пичиррос зад. – Медонед, тиллоро аз куҷо ёфтанд? Ақли одам намегирад-е, аз молхона…

Сӯҳон аз дасти усто афтид. Араќи тахтапушташ гӯё ях баст. Рангаш мисли девори устохона канд. Маҳмудхон саросема назди ҳамсуҳбаташ зону зада, хавотиромез пурсид:

– Ба шумо чӣ шуд, усто?

– Ҳеҷ чиз, ҳамтӯ…

– Саратон чарх зад? – Ғамхорона пурсид посбон.

– Ҳа, ба хаёлам камтар…

– Ҳеҷ гап не, мегузарад, – усторо таскин дод Маҳмудхон. – Тирамоҳ вақти хазонрез, миҷози одам тағйир меёбад. Ман дар қаровулхона чойи гарму як лӯнда набот дорам. Ҳозир меорам.

– Лозим не, амак, ташвиш накашед.

– Якравӣ накунед, усто, – посбон ба китфи ҳамсуҳбаташ ғамхорона даст партофта, аз ҷой хест. – Гуфтам-ку фасли хазонрез, миҷози одам тағйир меёбад. Хунукиатон гузаштагӣ барин. Аз ман насиҳат, ҳар саҳар наботчой хӯред. Ман ҳозир…

Наботчойи Маҳмудхон усторо базӯр аз гулӯ гузашт. Машғулият бо шогирдон ҳам мисли ҳаррӯза завқбахш набуд. Ҳушу ёди усто ба молхона, аниқтараш ба похсадевори болои охури гов банд буд. Кӯшиши худро ба кору андешаи дигар машғул доштан кард, нашуд. Ба ҷои дастгоҳҳои қатор андар қатори устохона молхона ва аз дами арраю ранда роғи деворро медиду бас.

Усто аз кор хастаю парешон баргашт. Баробари ба

ҳавлӣ даромадан ба молхона рост шуд. Аз пешайвон овози ҳамсарашро шунид, ки мегуфт:

– Оғил тоза, бачаҳо пагоҳӣ рӯфта буданд.

Аз ин сухан ба дили усто оташ афтод. «Баногоҳ бачаҳо латтапораи роғи деворро дида бошанд?» Ва бо ҳамин андеша қадаммониашро тезонд. Чунон тезонд, ки ба пештахтаи дари молхона пешпо хӯрда афтид. Аз нури офтоб молхона хело равшан буд. Дили усто низ аз барҷо дидани латтапораи роғи девор равшан шуд. Ва дар партави ҳамин равшанӣ фикр кард, ки чаро ин роғро бо ягон чиз маҳкам накард. Бо чӣ? Лой. Не, хушк, ки шуд, ҳамранги девор мешавад, ана сонӣ ёбу гир! Беҳтараш бо таппак. Ҳа, бо таппаки гов.

Усто ҳини аз зинапоя баромадан ҳис кард, ки завҷааш ба дасти олудаи ӯ бо ҳайрат менигарад. Барои пешгирӣ кардани пурсуҷӯ зуд сабаб овард:

– Об биёр, афтидам.

– Вой, мурам, ҳоло либосам ҳам олуд гӯед.

– Не, бо даст афтидам, – гуфт нигоҳашро аз ҳамсараш гурезонда, то чашмаш дурӯғии ҳарфро ошкор накунад.

Усто Баротро имшаб ҳам хоб набурд. Ҳамин ки ғанаб мерафт, Салом милисаро медид, ки бо чанд нафар девори молхонаро роғ ба роғ мекобад ва боз аз ҳар роғ чашмони карахту ҳайратзадаи фарроши бозорро медид. Аз ҳарросу бехобӣ ва фикру андешаҳои гарон сараш ба дард омад. Бо ҳамин дарду ваҳм қарибиҳои субҳ хобаш бурд. Дами теғи офтоб завҷааш ӯро бедор кард.

– Ҳой, саҳархез, хезед. Ба шумо чӣ шуд?

Усто хест. Сараш хонаи замбӯр буду аз гаронӣ ба гарданаш вазн меовард. Аз тиреза рӯи ҷойгаҳ нури офтоб мерехт. Дар қиёси ҳамин нур чор тангаи роғи девор ба ёдаш расиду саросема сари по шуд ва ҳатто ҷомаашро сари китф нагирифта, ҷониби оғил шитофт. Дар молхонаи нимторик фиғони усто дар гулӯ печиду мисли латтаи ба об афтода рӯи халтаи кунҷола нишаст. Девори болои охури гов саросар таппак буд. Тилло дар таги кадоми ин таппакҳо бо-

шад? «Ё?.. Не!» Усто бо ҳамин нидо аз ҷой бархеста, бо тахмин барои роғи дирӯз тилло руст кардаашро муайян намудан ба таппакканӣ сар кард. Аз олудани либосаш парвое надошт.

Ниҳоят ёфту хотирҷамъ саҳни ҳавлӣ баромад. Усторо ба ин ҳол дида, аз ҳайрат забони ҳамсараш лол монд. Усто боз баҳонае овварданӣ шуд, аммо натавонист, хомӯш ҷониби обрез рафт. Ҳамсараш низ хомӯш, аммо ҳайратзадаю андешаманд ба хона даромада, сачоқу куртаи тоза овард…

«Кифоя! Худи ҳозир ба милисахона меравам. Месупораму ҷонам халос!» Ва аз оби хунук ҳушёр кашида, боз андешид: «Аз куҷо ёфтӣ?» «Аз куҷо мешуд, аз назди бинои куҳна!» «Наход, дар бинои вайрона ҳамагӣ чор танга тилло бошад? Боқимондааш канӣ? Албатта, дар кӯза будагист? Не, усто ин нағмаро монеду тилло ёфта бошед, ҳамаашро биёред, бо кӯзааш биёред». «Ман тилло наёфтаам». «О, ҳозир гуфтед, ки ёфтед ва ҳиммат карда чор донаашро овардед»… Не, ба милисахона намеравад. Беҳтараш холаи Садқаро ёфта, ин тангаҳои зормондаро ба худи ӯ бармегардонад. Вай бо ҳамин мақсад ба кӯча баромада, бо роҳи калон рӯболо шуданӣ буд, ки сари пули Ёмчин назараш ба мошини пурбор ва Салом милиса афтод. Усто бо як назар дид, ки ронанда ба дасти милиса пул қапонда, таваллo мекунад:

– Буду шудаш ҳамин, дигар надорам, додарҷон.

Салом усторо дида саросема дасташро аз дасти ронанда раҳо карданӣ шуд, аммо мусоҳибаш мақсади ӯро пай набурда, гаштаю баргашта мегуфт:

– Ман аз шумо қарздор, додар, ҳамин ки аз сафар баргаштам…

Усто Барот худро ба нофаҳмӣ зада, аз назди онҳо гузашт ва ҳанӯз даҳ қадам дур нарафта, садои Саломро шунид:

– Усто, як дақиқа…

«Боз ин хомтамаъ чӣ мегуфта бошад?» Усто аз роҳ бо-

зистода, милисаро интизор шуд.

– Шумо, усто, аз ман хафа, – ба ҷои саломалейк лаб инҷ кард Салом. – Чӣ илоҷ, вазифа…

– Хотирҷамъ бошед, агар халқи қишлоқ бе сарпаноҳ монад ҳам, дигар як чӯб намебардорам.

Салом бо ҳамон лабханди хунук чизе гуфтанӣ буд, ки мошини роҳгузар замин газида назди онҳо қарор гирифт. Аз он саросема холаи Садқа фуромад.

– Ҳа, садқа, бахайр? – Холаи Садқа онҳоро боз дар мунозира пиндошта хавотир кашид.

– Ҳамтӯ, ҳолпурсӣ дорем, – гуфт дар ҷавоб милиса.

Холаи Садқа хотирҷамъ баргашта ба мошин нишастанӣ буд, ки усто пурсид:

– Сафар бахайр, хола?

– Шаб Нозирҷона хаташ омад, садқа. Пас аз як ҳафта меомадааст, – дар чашм ашк холаи Садқа хандон илова кард. – Келинкобӣ то Шӯрсой рафта биём мегӯм.

– Хола, ман ҳам ба ҳамон тараф, – гуфт усто Барот ва дари қафоро кушода ба мошин нишаст.

Мошин суръат гирифт. Салом милиса байни роҳи калон бо узри ба забон наоварда танҳо монд.

Пас аз чоряк соат роҳ паймудан мошин деҳаҳои Шаҳидону Сафедоронро ақиб гузошта, ба дара расид. Дар даромадгоҳи ҳамин дара чашмае ҳаст, ки роҳгузарон ҳатман назди он ист карда, аз оби ба қавле ба сад дард шифобахшаш менӯшанд. Мошини онҳо низ назди чашмаи Шифо қарор гирифт. Пас аз нӯшидани об усто Барот латтапораро аз киссабағал бароварда, ба холаи Садқа дароз кард.

– Хола, ҳамун амонататонро гиред.

– Чӣ хел амонат, садқа?

– Тангаҳои меросиатон. Бовар кунед, ман ба ҳурмати мӯи сафедатон бахшидам. Дар иморати сохтаам, илоҳо гаҳвораи набераю абера ҷунбонед.

Дар чашмони холаи Садқа ашк ҳалқа зада, лабонаш пир-пир ларзиданд. Усто дарк карда натавонист, ки хола ранҷид ё аз дуои нек ба риққат омад.

– Мани бекасро наранҷонед, садқа. – Холаи Садқа бо нӯги қарси сафед ашки ҷӯшидаи чашмонашро пок кард. – Дар бисотам ҳамин чор танга доштам.

– Хола, ман инро чӣ кор мекунам? Гиред, ҳамун мерос ба набераю аберaҳо…

– Ба сари писари яккаву ягонаам қасам, ки намегирам, – ва бо ҳамин қатъият пеш гузашта гуфт. – Рафтем, садқа, насиб бошад, рӯзҳои нек дар пеш.

Усто Барот чӣ гуфтанашро надониста, мисли одами сари калоба гумкарда лаби чашма нишаст ва дид, ки ронандаю холаи Садқа интизори ӯ истодаанд, аз ҷои нишасташ овоз дод:

– Равед, ман ба қишлоқ бармегардам.

Фурсате нагузашта «Москвич»-и ҳаворанг дар хамгашти дара ғайб зад. Усто бо ҳамон карахтӣ ба оби чашма, ки аз чуқурии бетаг ҷӯшида мебаромад, сангчае партофт. Сангча ҳатто садо набароварда фурӯ рафт. Ва аз ҳамин бесадо ба қаъри об ғайб задани сангча гӯё фикри усто равшан шуд. Вай латтапораро кушода, чор тангаи зардро ба чашма партофт. Тангаҳо низ мисли сангча бесадо ба об фурӯ рафтанд. Чашма бори гаронеро, ки ду рӯз ин ҷониб бар дӯши усто буд, дар як мижа таҳ задан фурӯ бурд. Ва ин лаҳза аз хамгашти дара мошини боркаше намудор шуд. Усто Барот мисли одами аз банд раҳо ёфта дастафшон ҷониби мошини роҳгузар дав гирифт.

## НАМАКИ БОБОӢ

Шоҳназар чашм кушода болои сараш шишаи овезон ва пасттар аз он қуттии ҳаворанг дид. Чӣ бошад ин шишаву қуттӣ? Ӯ дар куҷост? Ӯтоқе, ки сархуш даромад, чунин тарҳ надошт. Кӯшиш кард ҳар чизе рух дод, ёд оварад. Натавонист. Ҳарчанд вуҷудаш саропо карахту сард буд, дар сандуқи сина дарди ҷонкоҳеро эҳсос кард. Хаёлаш ханҷари Аҳмади Лафлафа ҳанӯз ҳам дар сандуқи сина парчам аст.

Имдодталаб ба атроф назар кард ва дид, ки шишаи болои сараш ва қуттии ҳаворанг бо рӯдаву симҳои бисёр ба ҷисмаш пайванд аст. Ақрабаки қуттӣ саҳл-саҳл меларзид ва бо ҳамин ларзиш аз шиша ба рӯда, аз рӯда ба ҷисмаш дору мечакад. Инчунин дид, ки ду тан дуртар аз ин қуттӣ як қуттии дигарро назорат мекунанд ва паст – паст ҳарф мезананд.

Аввалин чизе, ки дарк кард, дард буд, сипас эҳсос намуд, ки ӯ дар беморхона аст. Чаро ӯ аз зарбаи нобаҳангом намурд. Ва агар дар ин ҷо ҳам намурад, чӣ тавр зиндагӣ хоҳад кард? Худоё, мадад кун. Ӯ борҳо ба худ марг талабидани одамонро шунида, худкушии баъзеҳоро дидааст. Аммо дарду ҳаваси онро ба гӯшаи хотир ҳам наоварда буд. Ва ҳоло пай бурд, ки ба худ марг талабидан чӣ дарду ҳавасе будааст. Ҳа, ҳавасе, ки на ҳамеша ба кас даст медиҳад. Одами аз адабиёт бебаҳраву аз китоб бехабар бошад ҳам, ин лаҳза ҳикмати «ба дари дигарон нохун назан, ки дари туро бо мушт кӯбанд» аз фикраш гузашт. Ва аз ин андеша дард хурӯҷи тоза кард. Гӯё аз зарби ханҷари Аҳмади Лафлафа дар синааш ҷароҳати нав пайдо шуд ва ба ин ҷароҳат намак пошиданд. Намаки бобоӣ. Ҳамон намаки қаҳраборанги сангин, ки дар чарогоҳи Лоҳур назди коҳчари чӯпон дида буд. Не, не, аввал ӯ келини чӯпонро дид, ки шаппадари коҳчарро тамба мезад. Зан не, парӣ буд, ки бо амри тасодуф аз назарҳо дур ба ин гӯшаи дурдаст афтидааст. Бо баҳонаи пурсупос чашмашро аз ҳусни нотакрор об дода, оқибат ба қавли Аҳмади Лафлафа аз «тиллои ба хокрӯба афтода» хоҳиш кард, ки илоҷаш бошад як коса ҷурғот диҳад, онҳо барои дамгирӣ ба ин мавзеъ омадаанд. Аслан барои пашму пӯст харида, онро ба тоҷирҳои афғон бо нархи дучанд фурӯхтан ба ин чарогоҳи дурдаст омада буд.

… Шоҳназар мисли сад дари ангушт задааш ба дари ҳамин чӯпони умре ба ҷуз дашту рама чизи дигаре надида низ нохун зад. Аз ибтидо дар зиндагӣ ҳама чиз барояш дастрас ва ҳама кор раво буд. Ба ҳар куҷо даст дароз кунад,

дасташ мерасад. Аз ҳама муҳимаш мансаб, пул, ёру рафиқи бисёр ва Аҳмади Лафлафа барин хизматгорони содиқ дорад. Аз ин рӯ ба ҳар кучое мехост бебокона даст дароз мекард ва ҳамин дасти пулдор то хаймаи аз назарҳо дур афтодаи чӯпон низ расид.

– Дастатонро начунбонед!

Ин амри милиса не, хоҳиши ҳамшираи шафқат аст, ки бо нияти намаки сангини дари коҳчарро аз сандуқи синаи Шоҳназар бардоштан сӯзандору мегузаронад. Баробари рафъи вазни намаксанг сӯзиши қафаси синааш низ то андозае басанда шуд. Аммо ханҷари Аҳмади Лафлафа ҳанӯз дар мағзи дилаш парчам асту маҷоли озод нафас гирифтану фикр кардан намедиҳад. Ин ханҷарро бо як таппонча худи Шоҳназар барои Аҳмади Лафлафа пайдо кардааст, то баробари хизматгор будан муҳофиз низ бошад. Дар кадомин гӯшаи майнааш хотираҳо парешон, дарҳам-барҳам рӯ мегирифт, аммо аз дарди ҷонкоҳ қудрати рӯшан эҳё шудан надоштанд.

Худоё, чунин ханҷарро дар синаи кӣ дида буд? Ҳа, ба ёд овард. Дар хонаи бевазани Роҳила дар синаи Шарифи кӯкнорӣ. Он шаб ӯ меҳмони рафиқаш – сардори бахши ҷустуҷӯи ҷиноӣ Рашид Қиём буд. Як поси шаб сим зада, Рашид Қиёмро фавран даъват карданд. Ӯ низ ҳамроҳ шуд. Писари силоҳбадасти Роҳила мадҳуш аз банг рӯшан гуфта наметавонист, ки чаро ба синаи рафиқаш корд зад. Он шаб ҳушу ёди ҳама банди қотилу мақтул ҳарчӣ мегуфтанду мешуниданд ва дар ин байн танҳо ӯ побанди андешаи дигар чашм аз хоҳари қотил намеканд. Духтаракро ранг аз тарс ранги девор буд ва пеш аз он ки қотилро даст баста баранд, Шоҳназар фурсат ёфта дасти мисли гул нарми ӯро дошта, гӯшзад кард:

– Пагоҳ наздам оед, ёрдам мекунам.

Ӯ ба омадани духтар имон дошт, аммо гумон надошт, ки вай бо модараш меояд. Нигоҳи онҳо имдодхоҳ, пурилтиҷо буд. Шоҳназар онҳоро таскин дода, гуфт, ки ба хотири беваю бечорагии модари мусибатзада ҳар ҳунаре

дорад, ба харҷ медиҳад. Ва боз таъкид кард, ки онҳо низ мебояд кӯшиш ба харҷ диҳанд, яъне рӯз андар миён ӯро хабар гирифта истанд ва барои ин модарро овора кардан шарт нест, худи духтарак ояд мешавад... Ва духтарак омад. Як бор не чанд бор омад. То ҳамон рӯзе, ки ҳамроҳи Шоҳназар ба гармобаи ҳавздор рафт, ҳар рӯз омад...

– Офарин, расо хизмати хоҳарона кардед?

Ин сипоси Шоҳназар ба хоҳари қотил не, миннатдории духтур ба хоҳари шафқат аст, ки шабро дар сари бистари бемор рӯз кардааст.

Вай ҳам бисёр шабҳоро рӯз кардааст дар хилватхонаҳои шаҳр, талу теппаҳои беодам, хаймаҳои лаби дарё. Ва ин лаҳза аз куҷое ба гӯшаш садои дарё омад. Эҳсос кард, ки ташна аст. Худоё, ӯ дар лаби дарё аз ташнагӣ мемурад, аммо нафаре об намедиҳад. Наход шиканҷи марг ин қадар сахт бошад? Чаро ин ноинсофиҳо ба Шоҳназар дами марг лоақал як чакра об намедиҳанд? Куҷост Аҳмади Лафлафа, ки ин ханҷари зормондаашро аз мағзи дили ӯ бигираду аз дарё барояш об биёрад...

Аз садои оби дарё дар як гӯшаи хотираш, ки ҳанӯз ҳам комилан дар итоати Шоҳназар набуд, воқеаи дирӯза эҳё гардид. Аҳмади Лафлафа барои ӯ дар бӯстонсарои кадомин савдогар зиёфати ҷамшедонаи танҳо ба танҳо орост. Ба хотири он танҳо ба танҳо орост, ки як филми тозаи маҳрамонаро бо ҳам бинанд. Диданд ва аз тамошои филм Шоҳназарро ҳаваси шаҳру чӯҷаҳои Мамароза ба сар омад.

Аҳмади Лафлафа, ки ҳамеша аз як назару ишора муроди хӯҷаинро дарк мекард, баробари ба шаҳр расидан «Волва»-и қаҳварангро назди бинои нуҳқабата қарор дода, дар ҷустуҷӯи Мамароза муддате ғайб зад. Ва баробари пайдо шудан Шоҳназар пурсид:

– Ёфтӣ?

– Ҳа.

– Чӣ мегӯяд?

– Тамоман ҷавон, озодаву покиза гуфт.

– Боз аз ҳамон Доқиюнус мондагиҳояш набошад?

– Не, не, қасам хӯрд, ки тамоман ҷавон, студентка. –

Аҳмади Лафлафа инро гуфта, бо оҳанги дигар афзуд. – Ҳамин ҳафта пайдо кардааст, аз карру фарраш, аҷаб не, духтари ягон калоншаванда бошад мегӯяд.

– Рез! – Амр кард Шоҳназар

– Чиро? – Бори аввал муроди хӯҷаинро нафаҳмид Аҳмади Лафлафа.

– Коняк, – қаноатманд табассум кард Шоҳназар ва таҳсиномез даст ба китфи хизматгори вафодор партофт.

Пас аз фурсате Аҳмади Лафлафа Шоҳназарро ба хонае овард, ки чароғи хирасӯз роҳравро аранге равшан мекард. Мамароза – зани миёнаумр, қабл аз он ки Шоҳназарро ба дари ӯтоқи шафати ошхона ворид кунад, хотиррасон намуд:

– Хона чароғ надорад, – ва баргашта даст ба гардани Аҳмади Лафлафа андохт. – Рафтем!

Як даста нуре, ки аз тиреза ба хона мерехт, кати ҷойпӯшаш барфосоро саҳле рӯшан мекард. Шоҳназар пас аз мастомаст либос кашидан бо ҳавас ҷойпӯшро бардошт. Аз тани урёни чун барф сафеди духтар хона ранг гирифт. Шоҳназар сархуш аз маю ҷунун аз ҳирс тани пурҳароратро ба оғӯш гирифта, даҳон ба пистони нор бурд ва ҳарисона пардохт ба ҳунар.

– Оҳистатар, – бо ноз дасте болои шонааш лағжид.

Баробари шунидани овози саршори ноз байни шонаҳои Шоҳназар мурғак дамиду ваҳшатзада рӯи ҷойгаҳ рост шуд. Духтар низ бо ҳайрат аз болин сар бардошта, мӯи парешонашро пушти сар партофт. Шоҳназар рӯ ба рӯяш духтарашро дида, девонавор фарёд зад:

– Аҳмад!

Дар ҷавоб ба ҷои «лаббай» гӯё ханҷари Аҳмади Лафлафа ба мағзи дилаш фурӯ рафт…

– Чашм кушоед, ҳушёр шавед, – ин илтиҷои Аҳмади Лафлафа не, амри духтур аст, ки аз чунин сактаҳои марговари дил бисёр одамонро наҷот додааст.

Ва ҳоло ҳамин духтури наҷотбахш бо мадади чанд тан одамони хилъатпӯш ӯро рӯи ароба хобанда, куҷое меба-

рад. Аз роҳи дур, ба тахмин аз хаймаи чӯпони дашти Лоҳур садое аранг ба гӯшаш мерасад. Эҳсос мекунад, ки ин садои дил аст. Ҳамон диле, ки дар он ханҷари Аҳмади Лафлафа парчам аст. Ва боз ранги хиратобе мебинад ҳамранги равшании гармобаи ҳавздор. Модоме дилаш мезанаду чашмаш мебинад, пас ӯ зинда аст. Ӯро куҷое мебаранд? Аз зинда мондан Шоҳназарро ваҳм гирифт. Дар роҳрави беморхона паҳлӯи кадом як дари баста назараш ба сими урёни барқ афтода, осемавор ба он даст зад ва аз зарби пуршиддат рӯи толори беморхона ба даҳон афтид.

## ХУНИ НОҲАҚ

Дарро аввал нарм кӯфтанд, чун ҷавоб нашуд, сахттар кӯфтанд. Мурод бо ҳаррос ба хонаи хоб гузашта, дари онро низ қулф кард ва муддате лаби кати хоб амонат нишаста, гӯш ба қимор шуд. Кӣ бошад дар ин шаби ялдои зимистон? Дӯст ё душман? Ҳм, дар ин шабу рӯз дӯстро аз куҷо ғайрати хабаргирии дӯст. Дар кӯчаҳои шаҳр сари ҳар қадам силоҳбадасту ғоратгар. Ҷасорат карда ба кӯча барову қандата зан. Ҳа-а, гузашт он даврони то як поси шаб ба хонаи дӯстон ташриф овардану гирди хони пурнеъмат ҳол пурсиданҳо…

Аҷаб замоне шуд, дӯстро аз душман фарқ карда наметавонӣ. Сари дастурхон қадаҳ мебардоранд, лофу ҳарфи бародархондагӣ мезананд, чун ба хилват мераванд…

Дарро боз кӯфтанд. Ин навбат дари берунро не, дари хонаи хобро кӯфтанд ва Мурод бо даҳшат ҳис карду шунид, ки аз пушти дар шарфаи по ба гӯш мерасад. Муродро дил ларзиду ранг канд. Бо ҳарросу ларза чашм ба қулф дӯхт. Калид ду бор дар қулф тоб хӯрд ва дар бесадо кушода шуд. Мурод дами дар Маҳмудро дида, ҷо ба ҷо карахт, зиёда аз он чашмони ҳарроснишастааш шаҳкоса шуд. Маҳмуди кафанпӯш хомӯш ҷониби Мурод қадам бардошт

ва соҳибхона бо тамоми овоз дод зад:

– Не!..

Арақшору нафасгардон аз хоб бедор шуда, акси фарёди худро аз сақфу девори хона шунид. Муродро дил мисли барги бед меларзид. Аз як қабза нури чароғи симчӯби кӯча аранге равшан буд хона ва ба назари Мурод чунин расид, ки Маҳмуд назди ҷевони либос дар курсии роҳат нишаста, ҳама ин гирумони пурҳаросро назора дорад. Хост чароғро гиронад, натавонист. Пояш кундаи ҷувоз буду дасташ мадоре надошт, ки ҷунбонад. Садои дил аз қафаси сина ба гӯшаш чун зарби путки оҳангар менишаст. Хаёлаш ҳоло ҳозир дил дар сина метаркаду хона ба сели хун ғарқ мегардад. Худоё, хоб аст ё бедор? Бо ҳамин андеша бештар мутаваҷҷеҳ шуд, ба курсии роҳат то аниқ кунад, ки аз ростӣ он ҷо Маҳмуд нишастааст ё ҳанӯз ҳам хоб мебинад. Не, не, ӯ бедор аст ва дар курсии роҳат касе ғӯта зада нишастааст. Ҳа, одами резаҷуссае ба касеву чизе эътибор надода нишастааст. Дар ҷаласаҳо айнан ҳамин тавр менишаст Маҳмуд. Худоё, чӣ тавр Маҳмуди ҳафт рӯз қабл аз ин фавтида нимашаб бе калиду бесадо ба хонаи ӯ роҳ ёфта, дар курсии роҳат мешинад?..

Мурод шунидааст ва имон ҳам дорад, ки арвоҳ ғоиби ҳама ҷо ҳозиранд. Ба ҳамин хотир вақти сафар, ҳини мушкилот, дами парешонию дармондагӣ гузаштагонро бо дуою фотеҳа ёд оварда, мадад металабанд аз арвоҳ. Ӯ ҳам борҳо мадад талабидааст, ҳарчанд коммунист буду худобехабари гузаро. Ёд дорад, ҳатто ҳини ба мактаби олии ҳизб шомил шудан, пеш аз суҳбат бо котиби аввал мадад талабид аз арвоҳи бобою бобокалонаш… Боз ёд овард падаршро, ки боғбон, марди худоҷӯву худотарс буд.

Муроди аз арвоҳ мададталабро ба назар чунин расид, ки Маҳмуди дар курсии роҳат ғӯтазада сахле ҷунбид. Аз ин ҷунбиш дили Мурод бештар ларзиду ваҳшатзада аз ҷой бархеста, даст ҷониби чароғгиронак бурд ва … дар курсии роҳат палтою кулоҳи аввали шаб мастомаст кашидаи худро дида, беҳолу мадор такя ба девор дод. Вай рӯшан дарк

накард, ки девори сард чанд муддат такядораш буд. Ба назараш моҳу солҳо, ҳатто умре гузашт ва гӯё пас аз гузашти ҳамин умр эҳсос намуд, ки ларзиши дасту пояш басанда ва дил низ ба мақоми хеш омада, нафас дар сина осуда аст. Арақи сарди сару рӯяшро бо домани куртааш пок карда, назди курсии роҳат омад ва кулоҳу палторо гирифта, бо кароҳат рӯи фарш афканд. Баробари ба курсӣ нишастан аз кучое аранг-аранг нолиши занона шунид. Ба мизи паҳлӯи рахти хоб чашм андохта, соатро сеи шаб дид. Садо аз қабати шафат, аз манзили ҳамсоя буд. Пайдост, ки имшаб низ мисли шабҳои гузашта видеофилм тамошо дорад ҳамсоя. Қариб як сол аст, ки Мурод ҳар рӯз бо онҳо дучор меояд. Зану шавҳар ҳар саҳар бо халтаҳои пурбор мераванду қарибиҳои шом боз бо ҳамон халтаҳо пайдо гардида, дарро қулф мезананд. На рӯи ҳавлӣ мебароянд, на ба хонаи касе даробаро доранд. Барои онҳо нисбат ба хонаи ҳамсоя Туркиёву Ирон, Чину Покистон наздиктар аст. Ҳафта андар миён зану шавҳар бо навбат ба ин ё он кишвар сафар мекунанд. Ҳамсояҳо медонанд, ки мурод аз ин сафарҳо савдою савдогарист, вагарна дар як сол се бор ба кишвари Чин сафар кардан чӣ маънӣ дорад? Ин қадар пулу молро чӣ кор мекарда бошанд ин ҳарисон? Ба хотири чӣ ин қадар тапу тозу ҷонканиҳо? Ба ин пурсиши хеш ҳанӯз ҷавобе наёфта, Муродро суоли дигаре ба гӯш нишаст: «Тапу този ту ба хотири чӣ буд?!» Худоё ин овози Маҳмуд аст. Ҳа, Маҳмуде, ки як лаҳза қабл аз ин дар ҳамин курсии роҳат нишаста, гирумони Муроди ҳаросону нафасгардонро назора дошт.

– Не, ман қотил нестам! Ман не, дигарон…

Мурод ин навбат Маҳмудро рӯи бистар дид, ки кӯрпаро болои сар кашида, мегуфт:

– Ту шарик будӣ, зиёда аз он роҳнамо.

Мурод намедонист, аз ин шабаҳу садо ба кадом гӯшаи чордевори бетонӣ паноҳ барад. Барои ба рӯяш як панҷа об гирифта ҳушёр шудан ба ташноб даромад. Ба назараш тағораи аввали шаб об гирифтааш пурхун намуд ва ба

машомаш бӯи ғализе нишаста, дилаш беҳузур шуд. Бо ҳаррос дарро пӯшид ва дар ойинаи барқади долон ба ҷои акси худ Маҳмудро дид, ки нигоҳи суоломезаш маҳзун буд ва ин нигоҳ мепурсид:

– Чӣ гуноҳе доштам, ки бо чунин…

Маҳмудро дар хонааш аз паси мизи корӣ ёфтанд. Силоҳбадастонро Мурод роҳбалад буд. Ин корро Мурод ба хотири чӣ кард худаш ҳам намедонад. Ҳамин қадар, ки вай ба Маҳмуд хусумат дошт ва ин кина аз нотавонбинӣ буд. Шояд худаш ҳам гумон надошт, ки Маҳмудро бо чунин ваҳшоният мекушанд.

Чанд сол қабл аз ин Мурод бо сад умед мактаби сиёсатмадориро хатм намуда, имон дошт, ки ӯро сардори идора таъин мекунанд. Аммо боз ҳамон вазифаеро пешниҳод карданд, ки то ба мактаби давлатдорӣ шомил шудан ба уҳда дошт. Ӯ аз алам, аз ғазаб ба худ печида, ҳеҷ тасаввур карда наметавонист, ки вай, дастпарвари мактаби Маскав зердасти Маҳмуд бошад. Аз ҳамин андеша дар ниҳодаш хусумат қувват мегирифт ва талқин мекард ба ниқор. Чанд карат ба идораҳои боло шикоят навишт, аммо муроде ҳосил нашуд ва аз нобарорӣ ғазабу нафраташ бештар гашт ба Маҳмуд. Пайваста маслиҳатгар мехосту такядор меҷуст. Вале ба ҷуз иғвою ниқор дигар чизе набуд дар ихтиёраш. Ва ниҳоят коми дил шуд носомониҳои кишвар Мурод барин ашхосро. Ҷанг фарқ накард гунаҳкору бегуноҳро. Баробар сӯхт хушку тарро, аз ҷумла Маҳмудро.

Боз садои нолиш ба гӯш расид. Не, ин нолаи Маҳмуд нест. Ин нолиши боҳаловати занона аз ӯтоқи шафат, аз хонаи ҳамсоя аст. Аҷаб мардуми бедарданд ин савдогарҳо. Оламу одам месӯзад, онҳо рӯи рахти пул ғарқ ба ҳирси шаҳвонӣ майгусорӣ мекунанд… Мурод бо андешаи таскин ёфтан як пиёла арақро бо як нафас дам кашида, дубора ба ташноб даромад. Ва аз бӯи ғализи тағораи пурхун нафас танг омада, рӯ ба рӯяш Маҳмудро дид, ки оғӯшта ба хун паси девори кадом як бинои вайрона меафтад.

– Не, не, ман намехостам! – Фиғон кард Мурод.

Аммо аз ҷониби Маҳмуд ҷавобе нашуд. Ӯ бе нолаву фиғон барфи заминро оғӯш гирифт. Хуни гармаш барфро об карда, ҷӯйбори рангин шуд ва чанд рӯз аст, ки ин рангу даҳшат Муродро пеши назар аст.

Дар дида ҷӯйбори хун, дар машом бӯи ғализи ташноб то субҳ ба чашм хоб наомад Муродро. Баробари сафедӣ пайдо кардани домани уфуқ аз хона баромад ва рӯи барфи тоза нақши каҷмакаҷ гузошта, ҷониби талу теппаҳое рафт, ки онро ном қабристон аст. Зери барфи баланд мадфанҳои наву куҳна якранг метофтанд. Мурод ба атроф чашм давонда, дарахти себи шохшикастаро ҷуст ва бо пайраҳаи фароз рӯболо шуд. Баробари ба сари қабри Маҳмуд расидан мадораш хушк шуда танаш арақи сард кард. Хост зону зада оят хонад, аммо аз бӯи ғализе, ки аввали шаб дар ташноб ба димоғаш нишаста буд, дилаш боз беҳузур шуда, сараш чарх зад. Аз банди ҷигараш ҳалоиле ба даҳон омад ва чархгардон рӯи барфу хоки нарми қабр афтод.

## ИМОН

Ҷарроҳӣ беш аз чаҳор соат тӯл кашид ва Беҳрӯз, ки тайи ин фурсат барои наҷоти тифлаки навзод дар талош буд, ҳоло ба ҷуз фикри ҳарчи зудтар ба хона расида худро ба бистар афкандан дигар андешае надошт. Аммо ҳини аз назди тарабхонаи «Душанбе» гузаштан сабади гул диду беихтиёр по ба фишанг бурд. Шунидааст, ки дидори дӯст дардро, гул асабро таскин мебахшад. Ёд надорад, ин андарзро аз кӣ шунида буд. Муҳимаш имон дорад ба ин сухани ҳакимона. Эътиқодаш он қадар қавист, ки ҳатто вақти ҷарроҳӣ аз хоҳари шафқат хоҳиш мекунад, назди тиреза гул гузорад. Ин гулро аксар вақт худаш аз гулзори назди беморхона мечинад ё сари роҳ аз гулфурӯшон мехарад.

– Марҳамат, писарам, – аз сабади калон як даста гул гирифта, ба духтур дароз кард пиразан.

Беҳрӯзи маҳз барои гулхарӣ мошинро қарор дода ин лаҳза на гулро медиду на сухани гулфурӯшро мешунид. Худоё, ҳамагӣ чанд қадам дуртар аз гулфурӯш Бунафша дар лаб саҳле табассум ба ӯ менигарист. Духтур аз ин тасодуфе, ки ақл намегирад, лаҳзае лол монд, зиёда аз он карахт шуд. Ё, наузамбиллоҳ, хоб аст ё бедор? Охир Бунафша чанд сол аст, ки... Пас кист ин зани дар шабоҳат як себи ду кафон? Наход одам ба одам ин қадар монанд шавад? Ҳатто табассуми лабу даҳонаш айнан табассуми Бунафша. Беҳрӯз аз ғояти карахтӣ нархи ба забон овардаи гулфурӯшро рӯшан нашунид ва аз ҷайб як панҷсӯма баровварда пурсид:

– Кист ин зан?

– Намедонам, хеле вақт шуд, ки ҳамин ҷост, – гулфурӯш бо эҳтиёт пулро дар ҳамёни фарсудаву рангпарида ҷо карда, тахминашро ба забон овард. – Ба назарам касеро интизор аст. Чашм аз дари ресторан намеканад. Аз чанд кас чизе пурсиданӣ шуд, аммо натавонист.

Аҷиб, аз роҳгузарон чӣ пурсише дошта бошад ин зани ба Бунафша монанд? Мусофир бошад? Не, парвардаи обу хоки ҳамин шаҳри азим аст ин занак. Аз бебокона ҷониби марди ношинос табассум карданаш пайдост, ки ... Наход ӯ ... Не, не, ҳеҷ мумкин нест, ки инсони ба Бунафша монанд зани сабукпо бошад. Ин андешаи ғалат, фикри ботил аст. Зани шабеҳи Бунафша боз ҷониби Беҳрӯз табассум кард. «Шояд маро ба касе монанд кард?». Сари ҳамин андеша Беҳрӯз ҷасорат намуда, бо нияти аз забони зан лоақал, ҳарфе шунидан пурсид:

– Хонум, касеро интизоред?

– Ҳа, – бо табассуми фаррохтар иқрор овард хонум ва зиёда аз он Беҳрӯзро лол намуда, афзуд. – Чоряк соат аст, ки интизори шумоям.

Беҳрӯз, ки чунин посухро чашмдор набуд, имдодталаб ҷониби гулфурӯш нигарист.

– Шумо, ҷавонҳо, бало, – маънидор сар ҷунбонд гулфурӯш. – Баҳои маъшуқаатонро аз дигарон донистан

мехоҳед.

– Бовар кунед, холаҷон, ман мехостам…

– Бовар кардам, писарам, парӣ барин будааст, ба хироҷи мамлакат меарзад.

– Дидед, холаи гулфурӯш дар хушомад задан аз шумо баҳунартаранд, – бо ноз Беҳрӯзро таъна зад «хироҷи мамлакат» ва қадам бардошта, бо ҳамон оҳанг афзуд. – Наход, ҳанӯз ҳам имон наовардед, ки шуморо интизор будам.

– Не, чаро, дар зиндагӣ бисёр тасодуфҳо рух медиҳанд, – забон хоид Беҳрӯз ва ин лаҳза димоғаш аз бӯи атри зани Бунафшамонанд муаттар гашта, дилаш гум зад ба ёди он рӯзҳо ва ҳини ҳамин махмурӣ шунид, ки «хироҷи мамлакат» маънидор мегуфт:

– Лекин ин, тасодуф кам дар кам рух медиҳад.

– Шояд, – иқрор овард Беҳрӯз.

– Не, аниқ, – имодорона ҷониби Беҳрӯз қадам бардошт зани Бунафшамонанд. – Ҳоло ҳам бовар накардед, ки ман интизори шумо будам?

– Бовар кардам, – гуфт Беҳрӯз аз чунин ҷасорат дар ҳайрат монда. – Агар интизори ман будед, пас ин гулдаста ба шумо.

– Ташаккур, – овози зан аз ҳунари сохтакорона ба харҷ додааш саҳле ларзид ва аз тарси он ки чашмаш ин асрорро ошкор накунад, нигоҳашро андармони гулдаста кард. – Ин қадар гулҳои зебо…

– Дар боғ бехабар аз ҳусни шумо лофи зебоӣ мезад ва холаи гулфурӯш онро дасту по баста, назди шумо овард, то бубинад, ки …

Аз ин лутфи Беҳрӯз, ки мазмун аз кадом як ғазал аст, гулфурӯш қаноатманд табассум кард, дили зани Бунафшамонанд мисли боғ бишкуфт ва ҳини ҳамин шукуфтан дар ниҳодаш боз ҳамон ҷасорате, ки лаҳзае қабл аз ин шикаста буд, эҳё гашт.

– Акнун баста бурдан навбати шумо.

– Чиро? – Сарфаҳм нарафт Беҳрӯз.

– Ману гулдастаро, – беибо посух дод зан.

Беҳрӯз дар муносибат бо ҷинси латиф чандон беҳунар нест. Ба қавле дар бисёр дарёҳо даст шуста, дар чандин соҳилҳо дам зада бошад ҳам, ин андоза урёнбаёниро бори аввал мешунид ва аз ин рӯ намедонист ба ин даъвати бебоконаи паричеҳра чӣ ҷавоб диҳад.

– Тарс доред, ки ин берӯ кӣ бошад? – Тахминашро ба забон овард паричеҳра. – Натарсед, инсонам ва зиштрӯ ҳам нестам.

– Не, чаро… – боз лоҷарам забон хоид Беҳрӯз ва барои осудагии хотири мусоҳибаш илова кард. – Ба назарам Офаридгор қудрати зиёда аз ин рангу рӯ офаридан надорад.

– Пас рафтем!

Ва саҳл монд, ки Беҳрӯз боз бипурсад «куҷо?», аммо ба мададаш ақл расиду худро маломат кард: «гӯсола, наход куҷо бурданро надонӣ!»

Тамоми роҳ онҳо хомӯш буданд. Беҳрӯз аз ин амалу рафтори зани ношинос ҳайрон буду намедонист аз ӯ чӣ пурсад. Дар сар саду як саволу тахмин дошту ин пурсишу тахминҳо ҳар лаҳза радду бадал мешуданд: «Зани сабукпо? Не, нозу ишваҳои дигаре доранд он тоифа. Эшон бо як назар мардҳои серпулро аз муфлис фарқ мекунанд. Беҳрӯз барин ашхос манзурашон нест. Пас кист ин паричеҳраи Бунафшамонанд? Зани беақл? Аз сухан, аз гиру монаш пайдост, ки ақли сад занро дорад. Дуруст бо як дидану чанд ҳарф шунидан инсонро шинохтан душвор ва беҳуда аз ҳама илмҳо илми одамшиносӣ душвор аст, нагуфтаанд. Баъзан солҳои сол дар иртибот, ҳатто дар муносибати маҳрамона бошӣ ҳам ғалат мекунӣ…» Ва сари ҳамин андеша Беҳрӯзро боз аз дил гузашт: «зани сабукпо нест ин паричеҳра. Дар дил дарду алами нуҳуфтае дорад». Беҳрӯз бо нияти аниқ намудани ҳамин тахмин баъди чанд кӯчаву танкӯчаро гузаштан гулпурсӣ кард:

– Маро дер боз мешиносед?

– Аз рӯзе, ки ақламро мешиносам, – паричеҳра дарк кард, ки посухаш барои Беҳрӯз сарбаста омад, ангуштони ларзонашро буғум кушода, илова кард. – Пас аз солҳои

сол зиндагӣ кардан имрӯз аҳлам даромад ва шояд акнун дар ин дунёи рӯшан ҳам худамро ва ҳам дигаронро шиносам.

Беҳрӯз ба тахмини хеш хато накард. Аз сарбаста ҳарф заданаш пайдост, ки табиати беолоишу шоирона дорад ин паричеҳра. Ҳар ҳарфаш саропо дард асту тақозои дарки маънии баланд дорад. Зани сабукпо ҳеҷ гоҳ ҳунари чунин сухан гуфтан надорад, фарсахҳо дур аст аз чунин ҳарфу дард. Пас кист ин зан, ки Беҳрӯзро бо як назар ба дилу дида нишаст? Ва Беҳрӯз чашм ба роҳу ҳушу ёд ба тахминҳо ба ҳар эҳтимол пурсид:

– Агар имрӯз маро намедидед, чӣ кор мекардед?

– Дигареро меёфтам!

Мошин қариб бо фиғон замин газид. Паричеҳра нишастгоҳи пешро дудаста дошт, то мувозинаташро гум накунад. Дар чорроҳаи навбатӣ чароғаки сабз чашмак мезад ва Беҳрӯз худ нафаҳмид, ки чаро ба фишанг ин хел сахт фишор овард. Чанд мошине, ки думболи мошини Беҳрӯз меомаданд, то сурх шудани чароғак гузаштанду рафтанд. Беҳрӯз то сабз шудани чароғак хост ба паричеҳра зеҳн монда, бубинад, ки ин лаҳза, пас аз ибрози чунин сухан чеҳраи ӯ ранги Бунафшаро дорад ё не? Аммо натавонист, тарсид, ки ҳаваси соате қабл аз ин пайдо кардаашро гум мекунад ва байни ин зани Бунафшамонанду фоҳишаи назди меҳмонхона фарқе намемонад.

– Чӣ ном доред? – Пас аз убур намудани чорроҳа пурсид Беҳрӯз.

– Гулчеҳра.

– Исматон ба ҷисматон муносиб.

Гулчеҳра, ки тағйир ёфтани ваҷоҳати Беҳрӯзро ҳанӯз ҳини ногаҳон бо фиғон замин газидани чархи мошин дарк карда буд, аз ин лутфи сухан нашукуфт, баръакс то андозае киноомез посух дод:

– Исми ҳама занҳои сабукпо ба ҷисмашон муносиб аст.

Беҳрӯз аз ҳарфи бо лутф ба забон овардааш пушаймон шуд. Вай гумон надошт, ки чунин посух мешунавад. Ба

ивази лутф ҷавоби тунд шунида бошад ҳам, Беҳрӯзро бовар наомад ба сабукпоии зан. Чун офтоб рӯшан аст, ки дарде дорад ин паричеҳра дар дил. Алами ин дард аз ҳар ҳарфи ба забон овардаи ӯ пайдост. Аҷиб, чӣ дарде домангираш бошад? Мошинро назди бинои чорошёна нигоҳ дошта, қабл аз он ки фурояд, ба Гулчеҳра рӯ овард:

– Шумо беҳуда худро дар қолаби дигарон вонамуд мекунед. Аз гандумнамоиатон пайдост, ки ҷавфурӯш нестед.

– Зарур бошад, раво бошад, – ҳозирҷавобӣ намуд Гулчеҳра ва дар лаб табассуми то андозае дардолуд пурсид. – Хӯш, ба манзил расидем?

Аз ин пурсишу табассум дил обу адо шуд Беҳрӯзро. Бунафша ҳам айнан чунин пурсишу табассум дошт. Ҳамон солҳои навхонадорӣ ҳар ҷое мерафтанд, қабл аз мошин фуромадан бо табассум чунин пурсишро ба забон меовард.

– Шумо ин қадар тарсончак. Наход мардак…

Ин таъна барқе буд аз ҷисму ҷон гузашт Беҳрӯзро. Бунафшаи бо ҳавас ёд овардааш ғайб заду эҳё гашт зани сабукпое, ки ҳирс меҷӯяду тамаъ дорад. Ва бо алами ҳамин рӯъё нола кард: «Худоё, чаро ба ин зан дучорам кардӣ?! Агар ин сухан дар ҳақиқат амалаш бошад, имрӯз ба кулли инсон эътиқодам мешиканад». Ва ӯ боз аранге шунид, ки эътиқодшиканаш мепурсад:

– Ин ҷо хонаи худатон ё…

– Ҳа, хонаи худам, – базӯр ҷавоб дод Беҳрӯз.

– Занатон дар хона?

– Не.

– Наметарсед, ки баногоҳ…

– Не, ман аз дигар чиз метарсам.

– Аз чӣ?

– Баъд мегӯям.

Гулчеҳра ҳарчанд кӯшиш ба харҷ дод, аммо аз нигоҳи маҳзуни Беҳрӯз маъние дарк накарда, тахминашро ба забон овард:

– Метарсед, ки пас аз ду -се рӯз мубталои дард, ба духтур муроҷиат мекунед?

– Не, ман худам духтур. Одами солиму беморро нағз фарқ мекунам, – гуфт бо тундӣ Беҳрӯз ва бо оҳанги сард хоҳиш кард. – Рафтем.

Беҳрӯз пешопеш Гулчеҳра чанд қадам ақиб ба қабати саввум баромаданд ва ҳини дарро кушодани соҳибхона меҳмон шӯхӣ кард:

– Рақами хонаатон бехосият будааст.

– Дигарон ҳам ҳамин хел мегӯянд, аммо шумо ба ин гапҳои беҳуда бовар накунед, – инро гуфта Беҳрӯз бо ҳазл афзуд. – Агар рақами сенздаҳ бехосият бошад, чаро ҳама маоши сенздаҳумро дӯст медоранд. Марҳамат, дароед.

Гулчеҳра бо бӯи хушу мӯи хушу рӯи хуш бори дигар дар дидаи Беҳрӯз сурати Бунафшаро эҳё намуда, бехабар аз туғёни дили соҳибхона пеш гузашт.

– Қаҳва менӯшед ё коняк? – Баробари ба диван нишастан пурсид Беҳрӯз.

Гулчеҳра аз ин пешниҳод ҳарросида бошад ҳам, худро бепарво вонамуд кард.

– Ҳар чизе худатон хоҳед.

Беҳрӯз аз яхдон ҳасибу панир, аз ҷевон ду қадаҳу шишаи нимабаланди коняк гирифта, паҳлӯи меҳмон нишаст.

– Узр, ҳунари пазандагӣ надорам.

– Боке не, ман ҳунари хубе дорам, – андаке аз соҳибхона дуртар лағжид Гулчеҳра.

– Аммо ман ҳеҷ гуна масолеҳи пухту паз надорам, – бо ханда узр овард Беҳрӯз ва ба ду қадаҳ коняк рехта, меҳмонро хайрамақдам гуфт. – Барои қадами мубораки шумо. Бигзор ба ин манзил сафо орад.

Гулчеҳра лаҳзае надонист чӣ кор кунад. Дар тӯю маъракаҳо бисёр дидааст анвои нӯшокиро, аммо боре ҳам ба лаб набурдааст ва намедонад чӣ лаззате доранд нӯшокиҳои ранг ба ранги махмуркунанда. Беҳрӯз бо як назар дар ин амал сирф беҳунар будани меҳмонро дарк кард ва хушҳол пешниҳод намуд:

– Агар ба нӯшидан майлатон набошад, метавонам бароятон қаҳва тайёр кунам.

– Не, не, ташвиш накашед, – саросема ҷониби қадаҳ

даст дароз кард Гулчеҳра. – Аз қаҳва доим дарди сар мешавам, – ва дар лаб табассум бо дурӯғи маҳз афзуд: – Коняк дӯстдоштатарин нӯшокии ман аст.

Ба назари Беҳрӯз чунин расид, ки меҳмон коняки хуштамъ не, заҳри ҳалоил қулт кард. Нӯшокиеро, ки дигарон бо ҳавас роҳат карда менӯшанд, ӯ бо азоби алим як ҷуръа фурӯ бурд. Аз лаззати коняку хумори қаҳва бебаҳра буданаш аз ҳарфи наандешида ба забон овардааш пайдост. Шахсе, ки одати конякнӯшӣ дорад, ҳеҷ гоҳ аз қаҳва дарди сар намешавад. Аҷабо, чаро ин паричеҳра худро бадахлоқ вонамуд кардан мехоҳад? Барои исботи ин ҳар амалу ҳунаре, ки аз дигарон дидаасту шунидааст, ба харҷ медиҳад. Аммо аз гирумонаш пайдост, ки актёри беҳунарест дар ин ҷода. Не, дарде дорад ӯ. Аз чӣ бошад сари ҳамин андеша суханони ҳазрати Муҳаммад (с) аз дил гузашт Беҳрӯзро: «Раҳм кунеду меҳр оваред, бар азизе, ки залилу хор шуда бошад»... Аз гирумонаш, нигоҳи чашмони маҳзунаш пайдост, ки озор дидааст ин паричеҳра ва бар асари ҳамин озор хору зор аст. Аҷаб не, ҳамин озору алам сабаб аст, ки худро ба оғӯши ҳар марде рост ояд, андохтан мехоҳад? Дар роҳ рӯшод гуфт, ки агар ту намебудӣ, дигареро меёфтам. Мабодо бо амри тасодуф ба ҷои Беҳрӯз бадахлоқе мебуд? Наход оқибати чунин амалро ин паричеҳраи дар рангу бӯ нусхабардори Бунафша наандешида бошад? Аз ин сабукмағзӣ, аҷаб не, имшаб дар кадомин гӯшаи шаҳр боз як Бунафшаи дигар кушта мешуд. Аз ин андешаи ваҳмангез Беҳрӯзро нафас танг омад дар сина. Ӯ қадаҳи дасташро бо як дам холӣ карда, ба хонаи хоб гузашт. Гулчеҳра, ки ҳанӯз ҳам дар кӯшиши ҳунар ба харҷ доданҳо буд, ин амали соҳибхонаро пешниҳод пиндошта, аз қафои ӯ рафт. Аммо марде, ки мебоист ӯро рӯи рахти хоб интизор бошад, дар айвончаи дараш нимроғ, сигор дуд медод. Гулчеҳра лаби кати болопӯшаш гулдӯзӣ амонат нишаст ва ин лаҳза назараш ба сурати девори хона афтода, ҷо ба ҷо карахт шуд. Аз чорчӯба ҷониби Гулчеҳра худи ӯ менигарист. Худоё, чашму абрӯ, лабу даҳон, ҳатто холи хами гарданаш айнан азони ӯст. Кӣ бошад соҳиби ин акс?

Занаш? Маъшуқааш? Аҷаб не, хоҳараш? Ба ҳамин монанд, чизе пурсид аз Беҳрӯз, аммо ҷавобе нашунид. Соҳибхона рӯ ҷониби уфуқи пурғубори шаҳр хомӯш сигор дуд медод. Гулчеҳра аз ҷой бархеста, бесадо назди дари айвонча омад ва ба паҳлӯчӯбӣ он такя зада, нарм пурсид:

– Сурати завҷаатон?

Пурсиши Гулчеҳра чунон гӯшнавоз буд, ки Беҳрӯз гумон кард, ҳоло ҳозир баргашта рӯ ба рӯяш Бунафшаро мебинад.

– Худоё, одам ин қадар ба одам монанд мешудааст. Гумон кардам акси ман бошад.

– Бале, вай ба шумо монанд буд, – гуфт Беҳрӯз пасмондаи сигорро ба хокистардон пахш карда. – Барои ҳамин ҳам баробари шуморо дидан лаҳзае карахт шудам ва шумо бехабар аз ин ҳол маро пиндоштед марди булҳавас.

– Не, баръакс шумо маро ба хонаатон ҳамчун зани…

– Тахминатон хато, – эрод гирифт Беҳрӯз. – Дуруст, шумо худро ҳамин хел вонамуд кардан хостед, аммо кӯшишҳоятон беҳуда буд. Сари ҳар сухан дар ин ҳунари бароятон бегона ғалат мекардед.

Муддате хомӯш монданд онҳо. Дар ин фосила телефон чанд бор занг зад. Беҳрӯз ба садои он ҳатто эътибор надод. Гулчеҳра мисли шогирди дурӯғгӯе, ки назди устод мулзам шуда бошад, ба чӯби паҳлӯдарӣ такя дода, чашм аз сурати девор намеканд. Гумонаш ин сурат фариштаасту аз амали ба худ раво дидаи Гулчеҳра шармаш меояд.

– Чӣ ном дорад?

– Бунафша.

– Дар кор аст?

– Не, панҷ сол аст, ки аз кору фароғати ин дунё фориғ аст.

Баробари шунидани ин сухан Гулчеҳраро ҳатто паҳлӯдарӣ такядорӣ карда натавонист. Оҳиста рӯи фарш сари по нишаст ва Беҳрӯз дар лаб сигори нав болои сари Гулчеҳра ҳозир шуд.

– Ҳамон шаб ӯ дар хона танҳо буду ман дар беморхона навбатдор. Як поси шаб писари ҳамсоя бо чанд рафиқи

бадмасташ дар кӯфта шароб мепурсад. Ва бадахлоқони чанд карат маҳбасдида мехоҳанд, ки…

Беҳрӯз дудро ҳарисона фурӯ бурда, боз ба айвон баромад. Гулчеҳраи саропо ҳушу гӯш аранге шунид, ки Беҳрӯз гӯё барои худ зери лабу дандон мегуфт:

– Аммо вай зани баору номус буд. Дид, ки зӯраш ба авбошон намерасад, худро аз ҳамин айвон партофт.

Гулчеҳраро аз ин хабар ранг канду дил номураттаб зад. Лаҳзае худро ба ҷои Бунафша рӯи раҳ ва болои сараш одамони бисёре дид. Чашмаш ҳавзи об шуд. Азбаски ҷасад асту ба қавли Беҳрӯз ин дунё пуршӯру шарро падруд гуфтааст, аниқ дарк карда натавонист, ки ба ҳоли худ мегиряд ё ба марги Бунафша. Ва боз дар пардаи ҳарири ҳамин ашки талх шавҳари самбӯсафурӯшашро дид, ки «Ту фоҳиша!» гӯён дод мезанаду модарарӯсаш бо таҳқири аз ин ҳам қабеҳтар алфози писарро тасдиқ мекунад. «Худоё, аз дасти ин худобехабарон маро рӯз нест. Беҳтараш ба ин амали носавоб даст мезанаму ҷонам халос. Чаро дасти номаҳраме ба дастам нарасида, маро шавҳар бадном мекунад? Гуноҳе содир накарда, пайваста таҳқир мешунавам?! Ҳарчӣ бодо бод аз сад бадномӣ яке!..». Ва Гулчеҳра чашм кушода худро назди холаи гулфурӯш мебинад…

– Ба шумо чӣ шуд?

Баробари меҳрубонона ба китфаш расидани дасти Беҳрӯз аз вуҷуди Гулчеҳра барқе гузашту ҳушёр шуд.

– Ҳамтӯ ба хаёл рафтам, – гӯён бо ду ангушт нарм оби чашм пок карда, аз ҷой бархест Гулчеҳра ва лаҳзае нагузашта худро дар кӯча дид. Ҳарчанд пояш ҷониби ҳавлии самбӯсафурӯш мерафт, дилаш дар манзили Беҳрӯз буд. Ва ӯ мехост, бисёр мехост соҳиби ин манзил ҷисми Бунафшамонандашро бибӯсаду навозад, то Гулчеҳра низ бидонад, ки меҳру оғӯши гарм чист. Ҳар қадар аз манзили Беҳрӯз дур мешуд, хоҳиши дилаш ҳамон андоза туғён мекард.

# РИВОЯТҲО

## ТОҶИКПАДАР

***(Афсонаҳои Куҳандиёр)***

Буд набуд, як Тоҷикпадару ҳафт паҳлавонписар… Не, ҷони дада, буд ва ҳаст ҳам Тоҷикпадару ҳам паҳлавонписарони соҳибҳунару диловар.

Ана ҳамин Тоҷикпадар мисли ҳама падарони имрӯза дар баробари заҳматкашиҳои ҳамарӯзаю ризқрасон будани оламу одам содагию бафурҷагиҳои бисёре дошт. Содагӣ зиёда аз ин чӣ шавад, ки бо меҳнати ҳаққу ҳалол оламу одамро рӯзирасонӣ мекарду худаш манзилу сарпаноҳи дурусте надошт. Ва бафурҷагӣ аз ин беш чӣ шуда метавонад, ки пас аз шунидани хабари «шитобед, Худованд ба бандагонаш аз ҳар қитъаи олам замин тақсим мекунад» бо андешаи «хайр, дар насиби ман ҳам ягон чиз будагист» бафурҷа гашт ва танҳо пас аз соҳиби замин гардидани ҳама қавму миллатҳо назди Худо ҳозир гардид.

– Кистӣ? – Пурсид Худои азза ва ҷалла.

– Бандаи ту, тоҷикам, – посух дод Тоҷикпадар.

– Муродат чист?

– Шунидам, ки ба бандагонат замин бахшидаӣ, ман ҳам бо умед ба даргоҳат омадам.

– Ҳой, бандаи бафурҷа, дер кардӣ, ҳама манотиқи оламро тақсим кардам, дигар чизе боқӣ намонд.

– Ай, Худои бахшояндаву меҳрубон, ман ҳам бандаи ту ҳастам ва мебояд мисли ҳама қавму миллатҳоят дар ин олами фонӣ манзиле дошта бошам.

– Дуруст мегӯӣ, лекин вақти заминтақсимкунӣ куҷо будӣ? Магар худи ту зарбулмасали «оҳанро дар гармиаш кӯб»-ро нагуфтаӣ?

– Бале, ман гуфтаам, – иқрор овард Тоҷикпадар ва ба умеди бахшояндагию меҳрубонии Парвардигори ҳаждаҳ ҳазор олам афзуд. – Ва ин бандаат боз зарбулмасали «дер оянду шер ояд»-ро низ гуфтааст.

Ин лутфи сухан Худои бахшояндаву меҳрубонро писанд омад ва аз сари лутфу меҳрубонӣ бахшояндагӣ кард:

– Барои фароғати худ як порча замин нигоҳ медоштам, магар онро ба ту бахшам.

– Ту бахшояндаву меҳрубонӣ, – саҷда овард Тоҷикпадар назди Худо.

– То ба паҳнои кӯҳҳо расидану садои дарё шунидан ҷониби офтоббаро бирав, – амр намуд Худо ба Тоҷикпадар. – Ҳамин ки нури хуршедро дар қуллаҳои осмонбӯс ҳафтранг дидаву садои булбулро омехта бо садои шаршараҳо шунидӣ, таваққуф куну рӯи сабзаву себаргаҳо хайма зан. Боқӣ ҳама зебоию фаровонии он диёри домони гардун ҳавола ба ақлу фаросати туст.

Тоҷикпадар назди Худо саҷда оварда, бо сипосу шукри бисёр ба роҳ баромад. Чанд шабу рӯз, аҷаб не, чанд моҳу чанд сол дар регзори биёбонҳои пуртӯфон роҳ паймуда, оқибат ба мулке расид, ки кӯҳҳояш аз офтоб бузургтар ба назар мерасид ва оби дарёҳояш дар тангнои дараҳо сар ба соҳилу сангҳо зада, саду як наво тавлид намуда, чун оҳанги суруди азалӣ гӯш менавохт. Ҳама ҷо, аз домани дараю лаби дарё то фарози кӯҳҳо сабзаву себарга ва ин сабзаву себаргазор бо саду як гулу гиёҳ нақшин буд. Тоҷикпадар ба рамзи хушбахтию некурӯзиҳо ва сарсабзию муроди ворисон рӯи себаргазори соҳили дарё ба се ранг – сурху сафеду сабз хайма рост кард ва ба умеди ваҳдату саодати ҳафт қитъаи дар гармову сармо, тӯфону бӯрон тай

намудааш дар пештоқи хаймаи серанга аз сангҳои пурҷилои кӯҳистон ҳафт ситора насб намуд.

Ва ту, ҷони дада, бидон, ки ҳамон мулки афсонавие, ки Худои бахшояндаву меҳрубон ба Тоҷикпадар ато намуд ва Тоҷикпадар рӯи сабзаву себаргазори он бо се ранг хайма бунёд кард, ҳамин Тоҷикистони имрӯзаи мост.

Ба ҳама чиз, аз ҷумла аз ризқу бахти худодод мебояд ҳар субҳу шом шукрона кард. Дар урфият беҳуда нагуфтаанд:

*Шукр гӯӣ неъматат афзун шавад,*
*В-ар нагӯӣ, аз кафат берун шавад.*

Ва Тоҷикпадар мисли ҳама бандаҳои босипос ба лутфу марҳамати худодод шукрона дошт. Ҳар субҳу шом саҷда меовард ба Худои бахшояндаву меҳрубон ва аз дами субҳ то шом заҳмат мекашид баҳри афзунии ҳусни ин диёри домони гардун. Дар даштҳо ғалла кошта, хирман мебардошт ва ҳама мусофирони раҳгузару бодиянишинони оворагардро нон медод. Дар доманакӯҳҳо боғу токзор бунёд намуда, сабад – сабад меваю сабзавот меғундошт ва паррандаву чарандаи бешуморро рӯзирасон буд.

Рӯзе аз рӯзҳо Тоҷикпадар лаби дарёи Варзоб дар боғи Шодмондара машғули ниҳолпайванд буд, ки дар фарози кӯҳ симурғе пайдо шуда, хеле болу пар зад ва билохир дар саргаҳи боғ дар шохи санавбаре нишаста, нолаи бадард сар кард. Тоҷикпадар, ки табиатан инсони раҳмдилу дардошно буд, назди симурғ ҳозир гардида пурсид:

– Ай мурғи тавоно, чӣ ғаму дард дорӣ, ки бо ҳама ин тавоноӣ дар шохи дарахти бесамар нишаста нола дорӣ?

– Ғамам ғами танҳоӣ, нолаам нолаи бесамарист, – посух дод симурғ ба Тоҷикпадар. – Худованд қудрати бузургу парвози баландам дод, аммо ҷуфти муносибам надод. Барои ҳамин ҳам ҳар сол вақти ҷуфт рафтани паррандаҳо дар шохи ин дарахти бесамар нишаста нола мекунам.

– Чаро ҷуфти муносибатро намеҷӯӣ?

– Гуфтам-ку, Худованд маро бо умри дароз бе ҷуфти муносиб тани танҳо офарид. Як зарра лаззати дунё начашида, аз меҳру муҳаббати ҷуфти муносиб баҳрае набардошта ҳазору сад сол умр мебинам ва бо нолаҳои ҷигарсӯз сӯхта, аз хокистари худам дубора эҳё мешавам. – Симурғ инро гуфта Тоҷикпадарро таъна зад. – Аммо ман, ай инсони хокӣ, ҳайрони туям, ки чаро аз ҷуфти муносиби худ дур, тани танҳо зиндагӣ мекунӣ? Худованд аз қабурғаи бобокалонат ҳазрати Одам барои ту ҷуфти аз худат ҳам зеботаре офарид. Имрӯз ту ҳар навъ ниҳолро пайванд намуда, боровар мекунӣ, аммо пайванди хешро намеҷӯӣ ва андешаи самари худро надорӣ. Охир мардро зану фарзанд мебояд.

Тоҷикпадарро аз ин суханони пандомез дил тапиду дида ба ранги дигар рӯшан шуд ва аз сари ҳамин шавқу ҳавас ба симурғ илтиҷо кард:

— Ай мурғи тавоно, бигӯ, куҷост пайванди ман ва ӯро чӣ тавр пайдо кунам?

– Қад-қади ҳамин дара то кӯҳи Хуросон меравӣ ва дар саргаҳи бешаи Палангон, дар хаймаи сайёди пир ҷуфти муносиби хешро хоҳӣ ёфт.

Тоҷикпадар аз ғаллаи дар даштҳо коштааш, аз меваи дар боғҳо рӯёндааш барои хеш тӯшаи роҳ тайёр намуд. Симурғ қабл аз он ки ба парвоз ояд, аз боли худ як пар канда гуфт:

– Ай фарзанди ҳазрати Одам, ҳар куҷо мушкиле пеш ояд, ин парро дуд деҳ, ман ба мадад ҳозир хоҳам шуд, – Ва болҳои азими нуқрафоми худро ба парвоз кушода таъкид намуд: — Бидон, Худо ҳама фарзандони ҳазрати Одамро дӯст медорад, бахусус туро, ки орийёӣ ҳастӣ.

– Орийёӣ кист? - – Пурсид Тоҷикпадар.

– Назаркардаи Худоро орийёӣ гӯянд, — симурғ парвоз кард ва аз фарози куҳ садояш ба гӯш расид, ки мегуфт. – Аспи сафеди хуросонӣ дар хизмати ту хоҳад буд.

Ва ҳанӯз суханони симурғи нуқрабол ба охир нарасида, аз қаъри дара аспи сафеди зину лаҷом заррин шиҳакашон назди Тоҷикпадар ҳозир шуд.

Тоҷикпадар, ки сифати чунин аспро дар афсонаҳо шунида, ҳини биёбонҳои гармову кишварҳои сарморо паймудан орзуяшро дар дил парварида буд, бори дигар Худоро шукр гуфт ва ба ёди ҷуфти муносиб дил беқарор ба аспи сафеди зину лаҷом заррини хуросонӣ чобук савор шуда, рӯ ҷониби офтоббаро овард.

Аспи сафеди зину лиҷом заррини хуросонӣ талу теппаҳоро мисли бод паймуда, дарёҳоро мисли моҳӣ убур мекард. Ва пас аз ҳафт шабу ҳафт рӯзи роҳ паймудан расид ба хаймае, ки дар саргаҳи бешаи Палангон, дар иҳотаи ҳафт кӯли обаш нуқрафом дар партави нури хуршед мисли гулхани навафрӯхта метофт. Дар хайма ба ҷои ҷуфти муносиби хеш пири нуроние дид, ки бо вуҷуди гармои тоқатфарсо назди оташдон нишаста, ба гулхани он танашро тоб медод. Пирамард аз омадани Тоҷикпадар ва муроди ӯ магар огоҳӣ дошт, ки рӯй аз оташ нагардонда гуфт:

– Ун ҷуфти муносибе, ки ту меҷӯӣ, духтари ман аст. Аммо бидон, ки саду як нуқси ҷисмонӣ дорад ва аҷаб не манзурат нашавад.

– Модоме Худованд ӯро ҷуфти ман офаридааст, чаро манзурам набошад, -гуфт Тоҷикпадар.

– Ӯ кӯр аст.

– Ду чашми ман дидаи бинои ӯ хоҳад шуд, – гуфт дар ҷавоб Тоҷикпадар.

– Ӯ маслуқ аст.

– Ду пои равони ман пои ӯ хоҳад буд, – изҳор намуд Тоҷикпадар.

– Ӯ гунг аст.

– Забони ман забони ӯ бошад, – посух дод Тоҷикпадар.

Сайёди пир муддате ба оташ таваҷҷуҳ намуда, хомӯш монд ва ниҳоят нидо кард:

– Офоқ!

Баробари ин нидо гӯё хуршед тулӯъ карда бошад, як гӯшаи хаймаи сайёди пир ба ранги дигар мунаввар шуд ва Тоҷикпадар маҳви ҷамоли Офоқи аз як гӯшаи хайма берунбаромада гардид. Офоқ баробари офтобе буд, ки ҳар субҳ дар соҳили дарёи Варзоб, дар оғӯши боғи пур аз мева бо як ҷаҳон орзую ҳавас Тоҷикпадар истиқбол мекард. Барқи чашмони Офоқ ситораи саҳарро, қадаммонияш хиромн оҳуи Шодмондараро, забони ба нидои падар лаббайгӯяш лаҳни булбули Зимчурудро мемонд. Сайёди пир ҳайрати Тоҷикпадарро дарк намуда, сифатҳои ба духтараш Офтоқ раводонистаашро шарҳ дод.

– Барои он кӯр гуфтам, ки чашмаш рӯи ягон номаҳрамро надидааст. Ба он хотир шал гуфтам, ки то ба имрӯз аз хаймаи падар берун по намондааст. Ба он сабаб гунг гуфтам, ки ба ҳама амру ҳарфи ман ба ҷуз хӯшу лаббай ҷавобе нагуфтааст.

Ана ҳамин тавр, ҷони дада, Тоҷикпадар ҷуфти муносиби худро аз бешаи Палангон, аз хаймаи сайёди пир, аз назди оташдони гулханаш муқаддас ёфт ва ба аспи сафеди зину лаҷом заррини хуросонӣ шинонда, ба мулки худ овард ва дар хаймаи бо се рангу ҳафт ситора мунаққаши хеш аз Офоқи нозанин соҳиби ҳафт писар шуд.

Соҳиби ҳафт фарзанд ва аз ҳар кадоми ин фарзандон ҳафт набера ва аз набераҳо сиву ҳафт абера ёфтани Тоҷикпадарро сайёди пир ҳанӯз вақти назди гулхани оташдони хаймаи бешаи Палангон нишаста, Офоқро талабгорӣ кардани Тоҷикпадар гуфта буд. Ва боз сайёди пир таъкид карда буд:

– Ҳафт фарзанди ту бо номҳои Баҳрому Самар, Хубону Фаромарз, Хурраму Суруш ва Қубод ҳафт мулкро бо номи Бухорову Самарқанд, Хӯталону Хуҷанд, Марву Сурхон ва Қубодиён шӯҳраи дунё хоҳанд кард ва умре зиён нахоҳанд дид. Фақат онҳоро насиҳат кун, ки дар иттиҳод бошанду аз макри душман андеша кунанд.

Тоҷикпадар ин андарзи сайёди пирро ҳалқаи гӯш намуда, кӯшиш ба харҷ дод, то фарзандон ҳамеша дар иттиҳоду

меҳрубонии ҳамдигар бошанд ва рамзи се рангу ҳафт ситораи хаймаи падариро ҳамеша сипос доранд. Аз посдорӣ ва иттиҳоди бародарон ҳафт мулки олам дар андак муддат дар ривоҷи илму фарҳанг, ҳунари меъморию кишоварзӣ, равнақи санъату амали кишваркушоӣ шуҳрати дунё шуданд. Ва аз ин байн меҳри Тоҷикпадар мисли ҳамаи падарон ба кенҷаписар – Қубоди кишваркушой хоса буд. Аз ин рӯ Тоҷикпадар ҳини ба ободии даштҳои бесамар камари ҳиммат бастани Қубод ҳамон пари симурғро ба кенҷаписар бахшида таъкид кард:

– Эҳтиёт кун, асои пир ба ҷои пир гуфтаанд. Ин пари симурғи накӯкорест, ки дар пайдо намудани модарат ба ман раҳнамо буд ва агар дар фатҳи биёбон мушкилие пеш ояд, ба туву фарзандонат низ мадад хоҳад кард.

Бо дастури падару ҳидояти Ҳудо Қубод ба ободии мулке камар баст, ки саросар дашти бесамар буд. Ин дашт дар лаби дарёи Ому доман кушода бошад ҳам, аз файзи он баҳрае надошт. Оби ҷонбахши кӯҳҳои осмонбӯси мулки падарӣ дар ибтидо ҷӯйча, сипас рӯдҳои шӯхоб ва оқибат дарёи пуртӯғён гардида , аз паҳлӯи даштҳои бесамари мулки Қубод мегузашт ва Қубод дар дили дашт корезҳо кофта, ба дашти бесамар об оварда, мулкро Қубодиён ном кард ва дар тақлиди Тоҷикпадар чунон боғу роғҳои пурсамаре бунёд намуд, ки мардуми ҳафт иқлим то ба имрӯз аз файзу баракати он баҳраваранд.

Қубод ҳам мисли Тоҷикпадар аз ҷуфти муносиби худ ҳафт писар ёфт ва ба онҳо аз мулки бародарон – Бухорову Самарқанд, Хӯталону Хуҷанд, Марву Сурхон арӯс хостгорӣ кард. Арӯсҳо ба мулки Қубод ба рамзи ҳунару санъати ҳамон даврон ҳар кадом мӯъҷизае ҷиҳоз оварданд. Агар арӯси бухороӣ бо худ ба Қубодиён илму фарҳанг оварда бошад, арӯси самарқандӣ ҳунари меъморӣ овард. Ҳамин тавр, дигар арӯсон низ аз Хӯталон ҳунари гулдӯзӣ, аз Марв санъати кишоварзӣ, аз Хуҷанд ҳунари хунёгарӣ, аз Сурхон ҳунари човандозӣ оварданд. Туфайли омезишу ривоҷи ин ҳунарҳо ва кӯшишу заҳмати ҳафт фарзанд дар

қаламрави кишвари Қубод боз ҳафт мулки дигар бо номи Вахшону Зарафшон, Раштону Бадахшон, Шодмону Ҳулқон ва Истаравшан обод ва дар соҳили Ому қасре бо номи тахти Қубод шуҳраи дунё шуд. Ва соҳиби ҳамин қасри шуҳраи дунё – Қубод шабе бобои худ, сайёди пирро хоб дид. Сайёди пир назди оташдон нишаста, кӯшиши гулхани онро қувват бахшидан дошт. Аммо муроде ҳосил набуд. Қубод ба мадади бобо шитофт ва ин лаҳза нури дигаре пайдо гардида, ӯро бо нардбони баланд ҷониби офтоб бурд ва ба гӯши Қубод садои сайёди пир расид, ки мегуфт:

– Ба фарзандонат бигӯ, баҳри дарёфти ману ту синаи кӯҳи Қатронро бишкофанд…

Қубод аз таъбири ин хоб дарк кард, ки умраш ба поён расидааст ва мебояд фарзандонро васият кард. Бо ҳамин мурод онҳоро наздаш хонда, ба ҳар кадом аз ниҳоли боғи дар соҳили Ому бунёдкардааш химчае дода гуфт:

– Бишканед.

Фарзандон амри падарро ба ҷо оварданд. Химчаҳоро бе ҳеҷ мушкилот бишкастанд. Сипас Қубод ба ҳар нафари онҳо ҳафт даста химча дода амр кард:

– Бишканед!

Фарзандон ҳарчанд кӯшиш ба харҷ доданд, дастахимчаро шикаста натавонистанд. Қубод бо назардошти ҳамин андарз фарзандонро насиҳат кард:

– Ҳамеша дар иттиҳод бошеду пуштибони ҳамдигар.

Қубод пас аз ибрози ин андарз ҳафт паҳлавонписарро ба манори баланди қаср бароварда, ҷониби кӯҳи Қатрон, ки байни мулки соҳили Ому ва кишвари ҳамсоя чун ҳисори азим афтода буд, ишора намуда гуфт:

– Ин кӯҳро аз ҳафт самт биканед, бузургтарин ганҷи дунё насибатон хоҳад шуд.

Қубод ин суханони сайёди пирро ҳамчун тадбири хоби дидааш ба фарзандон васият карда бошад ҳам, худ намедонист, ки дар синаи ин кӯҳ чӣ ганҷе ниҳон аст. Ва пас аз чанд рӯзи беморӣ дами сакарот мероси падар-пари

симурғи нуқрабол ба ёдаш расида, ба ҳафт паҳлавонписари кишваркушояш гуфт:

– Аз рӯзе, ки Худованди карим оламу одам офарид, инсонро ҳамеша рӯзи неку бад ёр аст. Дар рӯзи нек ҳамеша шукрона кунед ва агар дар рӯзи бад аз ҳад зиёд ба мушкил печидед, ин пари симурғи накӯкорро дуд диҳед.

Фарзандони Қубод пас аз сари падар, баъд аз чил рӯзи азодорӣ бо азми қавию сайъи комил ба шикофтани синаи куҳи Қатрон шурӯъ карданд. Ин амали онҳо ҳафт солу ҳафт моҳ аз ҳафт самти кӯҳи азим идома дошт. Дар ин муддат сиву ҳафт шоҳписари ҳафт бародар аз сиву ҳафт манотиқи кишвар ба худ арӯс интихоб намуда, бо дуои падарони дастандаркор ба мурод расиданд. Ҳафт бародарон салтанати ҳафт кишвари Қубодиёнро ба фарзандон вогузошта, шабу рӯз нақб кананд, то васияти падари бузургвори худро ба ҷо оваранд. Ниҳоят онҳо пас аз ҳафт солу ҳафт моҳу ҳафт рӯзи машаққат аз як нуқтаи кӯҳи азими Қатрон рӯ ба рӯи ҳамдигар шуданд. Нуқтае, ки бародарон аз ҳафт самт ба он ҷо расиданд, сурати гови чамбаршохро дошт ва дар нӯги ҳар шохи гов сандуқе овезон буд. Бародари аз ҳама бузург – ҳокими Зарафшон, хост ба шохи гов зоғнӯл зада, ба ганҷинаи падар ёдоварда роҳ кушояд, аммо додари хурдӣ, ҳамоне ки пари симурғ дошт, ӯро аз ин амал боздошта гуфт:

– Бародарон, эҳтиёт бошед, гов рамзи балои азим аст.

– Ҳар балое бошад, мо бояд ганҷи кӯҳи Қатронро ба даст оварем, – гӯён кадоме аз бародарон ба сурати гов гурзи гарон зад.

Баробари зарби гурз кӯҳи Қатрон аз бунёд ларзиду нуқтаи зарбрасида таркид ва аз ҳар пораи таркиш сад деву аждар берун омад. Бародарон бо гурзу шамшер ба набард бархостанд ва ҳафт шабу ҳафт рӯз мубориза бурданд. Қувваи деву аждарҳо даҳ баробари қувваи бародарон буд. Аз ҳар сари дар набард бо зарби теғу шамшер буридаи бародарон даҳ аждари дигар пайдо мешуд. Ҳар деви аз зарби гурз ба замин парчам шуда, пас аз лаҳзае аз мағзи хок

бармехест. Ҳарбу зарби нобаробар бародаронро беҳолу мадор кард. Додари аз ҳама хурдӣ дид, ки деву аждарҳо лаҳза ба лаҳза афзоиш меёбанд, дар гӯшае паноҳ бурда, пари симурғи накӯкорро дуд дод ва дар як они воҳид симурғи накӯкор ҳозир гардида, барои ҳимояи бародарон ба муқобили деву аждарҳо болу пар кушод. Дар ҳар боли симурғ сад лаълӣ гулхани оташдони сайёди пири бешаи Палангон аланга мезад. Аз забонаи гулхани оташдони бобоӣ деву аждарҳо сӯхта ба худ мепечиданд ва хокистар гардида, зери пои симурғ парешон мешуданд. Ва пас аз билкул сӯхта хокистар шудани деву аждарҳо аз синаи кӯҳ ҷониби Шарқ дарвозае во шуду гирду атроф мисли рӯз равшан гардид. Бародарон дами дарвоза ҳамон ҳафт сандуқи дар шохи гов овезонро дида нидо карданд:

– Наход, ганҷи бузурги кӯҳи Қатрон ҳамин ҳафт сандуқ бошад?

– Бале, ҳамин ҳафт сандуқ аст, – посух дод симурғи накӯкор. -Аз ин сандуқҳо ду сандуқ ба рамзи сад соли умри инсон сад ман вазн дорад. Панҷ сандуқи дигар алҳол вазне надорад.

Бародарони ҳафт солу ҳафт моҳу ҳафт рӯз ба умеди ганҷи кӯҳи Қатрон заҳмат кашида бо ҳайрат сандуқҳоро кушоданд ва аз дидани хоросанги дохили он бештар ҳайратзада шуданд. Дар ду сандуқ рӯи санги хоро ду андарз ҳаккокӣ шуда буд ва панҷ сандуқи дигар холӣ.

– Ин чӣ асрорест? – Пурсиданд бародарон аз симурғи нуқрабол.

– Ин ҷо асроре нест, – шарҳ дод симурғи накӯкор. – Асрор дар ҷанги шумо бо деву аждарҳо буд. Онҳо бо бадхоҳӣ ба инсон намехоҳанд, ки фарзанди одам ниёкони худро бишносаду аз ҳикмати эшон баҳра бардошта, соҳибмаърифат, зираку доно шавад. Ин ҳафт сандуқ рамзи ҳафт насл аст. Ҳар инсони комил бояд бо заҳмату омӯзиши ҳамарӯза ҳафт пушти худро бишносад ва аз худ нақше ба ёдгор гузорад.

– Чаро ду сандуқ андарз дораду панҷ сандуқи дигар холист? – Пурсид ҳамоне ки симурғи накӯкорро бо дуд додани пар ба мадад хонда буд.

– Ин ду сандуқ, ки андарз доранд, аз бобои шумо Тоҷикпадар ва падари шумо Қубод аст. Панҷ сандуқи дигар алҳол барои шумо ва фарзандону набераҳои шумо холист.

– Мо бояд чӣ андарзе гӯем? – Суол кард кадоме аз бародарон.

– Андарзро намегӯянд, эҷод мекунанд, – эрод гирифт симурғи нуқрабол. -Андарз самари умри рафтагону чароғи ҳидояти ояндагон аст. Пиндору гуфтору рафтори шумо тайи умри ба сар мебурдаатон андарз аст ва ин эҷоди шумо рӯзе рӯи тахтасанги хоро дар ин сандуқҳои маърифат сабт хоҳад шуд.

Аз ин суханони симурғ бародарон ба андеша рафта, мутаваҷҷеҳ шуданд ба навиштаҷоти хоросанги ду сандуқи маърифат:

*Кам бихӯру пайваста дар парҳез бош…*
*Кам бихобу ҳамеша ҳушёр бош…*

Ва ин андарз чун чароғ рӯшан кард зеҳну ақли бародарони сарватҷӯро. Онҳо азм намуданд, ки ба Қубодиён баргашта, дар амали давлатдорӣ бо пиндору гуфтору рафтори нек умр ба сар мебаранд. Ба симурғи ғайбдон ин азми бародарон аён гашт ва бо муроди аз ҷаҳолат вораҳонидани дигар кишварҳо набераҳои Тоҷикпадарро ба амали нек талқин кард:

– Дар ин олам ҳастанд кишварҳое, ки мардумашон аз амали накӯи инсонӣ,яъне пиндору гуфтору рафтори нек фарсахҳо дуранд. Ун кишварҳоро деву аждарҳо замоне ҷоду карда буданд ва то имрӯз нури маърифат роҳ наёфтааст. Сабаб ҳамин аст, ки дар он ҷо ҳатто писар падарро намешиносад. Ва рӯҳи бобои шумо – сайёди пир бо оташ-

дони меросиаш сарсону саргардон аст дар ун кишварҳои мардумаш бе мазҳабу бе суннат.

Бародарон аз чанги симурғи нуқрабол бо деву аждарҳои кӯҳи Қатрон дарк карданд, ки қувваи аҳриманӣ ҳазар дорад аз оташу нури маърифат. «Чӣ бояд кард?» аз худ пурсиданд бародарон ва симурғи ҳамаогаҳ маслиҳат дод:

– Ба амали некӯ чои истиҳола нест. Ба ун кишварҳо ҳамон ҳунару санъати бобоӣ, ки арӯсони шумо аз Бухорову Самарқанд, Марву Хучанд, Хӯталону Сурхон оварданд, бубаред. Ба мардум пиндору гуфтору рафтори нек омӯзонед, то рӯҳи сайёди пир шод шаваду мардум аз чаҳолат озод.

Ҳанӯз фурсати дуруст андеша кардан нашуда, бо амри симурғи накӯкор аз оғӯши кӯҳи Қатрон ҳафт аспи сафеди зину лачом заррини хуросонӣ ҳамон тавре ки замоне барои Точикпадар ҳозир гардида буд, пайдо шуд. Дар пешонии ҳар асп ойинае мисли нури офтоб медурахшид.

– Ин нур роҳнамои шумо хоҳад буд, – гуфт симурғ. – Ҳамин нур шуморо пас аз озодии кишварҳо аз чаҳолат то қадамгоҳи ҳазрати Одам – Сарандеб мебарад.

Аввалин кишваре, ки бародарон расиданд, даштҳои паҳно буду мулки одамони паканаву тангчашм. Онҳо аз нишасту хез ва гирумон муроди фарзандони Точикпадарро пай бурда, дар қасди чони эшон шуданд. Саркардаи қабилаи тангчашмон ба хизматгорон амр кард, ки ду навъ хӯрок тайёр кунанд ва пас аз тановули таоми аввал ба хӯроки дуввум заҳр андохта ба меҳмонон диҳанд. Азбаски дар зеҳни бародарон андарзи «кам бихӯру пайваста дар парҳез бош» сахт нишаста буд, ҳатто таоми аввалро то ба охир нахӯрданд. Сарвари қабила, ки пурхӯрию пурхобӣ амали ҳамарӯзааш буд, амри худро аз ёд бурда, таоми заҳролудро бо атрофиёнаш хӯрд ва дигар аз хоб нахест. Ва дар ин кишвар аз таблиғи пиндору гуфтору рафтори нек тилисмҳо бишкаста, қомати мардум баланд, чашмҳо рӯшан гардид. Падар писарро шинохту модар

духтарро ва дар маҷмӯъ ҳама ҳунар омӯхта, дами тундбоди биёбон гирифтанд.

Аспҳои сафеди зарринлаҷоми хуросонӣ бародаронро пас аз чанд шабу рӯз роҳ паймудан ба кишваре расониданд, ки дарёҳо ҳама ях баста манзилу кӯчаҳо пур аз барф буд. Одамони хирсшаклу сабзчашм дар ҳама маҳал даст ба гиребони ҳамдигар буданд ва ҳини аз чоҳҳои бадбӯйи қади роҳҳо об нӯшидан ба ҷангалу таҳхонаҳо мисли чорпо гаваккашон мерафтанд.

Бародарон дар ҳар маҳал ҷӯйбор канда, оби зулол оварданд, дар оташдонҳои сард гулхан афрӯхтанд. Ҳарорати гулхани оташдонҳо ва оби зулоли ҷӯйборҳо ба бархе аз одамони хирсшаклу сабзчашм писанд наомад. Онҳо сармову оби чоҳҳои бадбӯйро афзал дониста, аз паи нобуд кардани бародарон шуданд. Қарор доданд, ки бародаронро вақти хобашон дар оташдонҳои гулхан афрӯхтаашон бисӯзанд.

Бародаронро, ки андарзи «кам бихобу ҳамеша ҳушёр бош» ҳалқаи гӯш буд, шабҳоро бо хоби андаку ҳушёрии бисёр рӯз мекарданд. Ва шабе аз шабҳо бархе бо хумори оби чоҳҳои бадбӯй аз оташдони бо муроди нек барафрӯхтаи фарзандони Тоҷикпадар гулхан бардошта, ба манзили бародарон омаданд. Хостанд онҳоро оташ зананд. Аммо аз бедорхобию ҳушёрии бародарон бадхоҳон ба мақсад нарасиданд ва худ дар оташи барафрӯхтаи хеш сӯхтанд.

Ҳафт бародар – писарони Шоҳқубод пас аз ҳафт соли мусофирату соҳибмаърифат гардидани чанд кишвар таъйиноти симурғи накӯкорро дар хусуси то қадамгоҳи ҳазрати Одам – Сарандеб рафтан фаромӯш намуда, савори аспҳои сафеди зарринлаҷом баргаштанд ба Қубодиён. Онҳо аз самари заҳмати фарзандон кишварро ободу халқро дилшод диданд. Аз ҳафт нақби кӯҳи Қатрон ҳафт дарёи хурӯшон ҷорӣ ва аз файзи он ҳама манотиқи кишвар гулбасар буд. Қасрҳои нусхабардори Самарқанд дар партави гулханҳои оташдони бобоӣ мисли офтоб чашм ме-

бурд. Ҳама мадрасаҳо пур аз толибилмон, бозорҳо моломоли амвол, базмгоҳҳо лабрези рақсу тарона буд.

Ва дар яке аз чунин рӯзҳои пурнишоти зандагӣ субҳи солеҳон дар як гӯшаи боми қасри Қубод, ки манзили кенҷаписари шоҳ буд, зоғи сиёҳе нишаста қар-қар кард. Шоҳзода аз ин садои шумхабар дилсиёҳ шуд ва аз мунаҷҷимон таъбир пурсид. Онҳо ба сари кишвар расидани хатарро хабар доданд. Шоҳзода Ардашерро ин лаҳза ёд омад, ки ҳини сафар бародарон то қадамгоҳи ҳазрати Одам нарафтанд. Ва аҷаб не дар ин роҳ қавме мезист, ки аз пиндору гуфтору рафтори нек бебаҳра асту имрӯз аз ғояти ҷаҳолат лашкар кашидааст ба мулки Тоҷикпадар. Шоҳзода зуд ба ҳама гӯшаву канори мулки падарӣ ба бародарон қосид фиристод ва худ омодабоши хатар шуд. Ва баробари ба мадади додар расидани шаш бародару сиву ҳафт додарзода дар домани кӯҳи Қатрон мисли мӯру малах лашкари аҷнабӣ пайдо шуд. Аҷнабиён мардуми гургсурату зардчашми ҳамон биёбоне буданд, ки замоне Тоҷикпадар дар ҷустуҷӯи мулки худодод онро дар тӯли чанд моҳу сол тай карда буд.

Ғосибони гургсурату зардчашм он қадар лашкари беҳаду ҳисоб доштанд, ки дар фарозу пахнои кӯҳи Қатрон ва дашти Вахшон ҷои қадам мондан намонд. Ғосибон савори аспҳои ёлдарозу почакалта бо садоҳои қийғосӣ худро ба чаҳор ҳадду канор зада, кишвари обод ва сабзу хуррамро мисли биёбони шӯразори худ ба вайрона табдил медоданд. Ҳарбу зарби ҳафт бародар ва сиву ҳафт паҳлавонфарзанди онҳо бо аҷнабиёни гургсурату зардчашм чил шабу чил рӯз идома ёфт ва дар ин ҷанги нобаробар ҳама шоҳзодаҳо дар роҳи дифои кишвар ҳалок гардиданд. Ғосибони гургсурату зардчашм ҳама гӯшаву канори мулки Қубоду Вахшонро вайрона намуда, дороии онро мисли мӯру малах ба яғмо бурданд.

Рӯзи дигар ҳафт модару сию ҳафт арӯс дар сари ҷасади шоҳзодаҳои шаҳид он қадар навҳа кашиданд, ки аз нолаа-

шон кӯҳи Қатрон сияҳфом ва аз оби чашмашон дар набардгоҳ чилу чор чашма пайдо гардид. Ва оби нуқрафоми ин чашмаҳо ба ҳам даромехта, шуд чашмаи бузурге бо номи Чилучорчашма. Ҳафт модару сиву ҳафт арӯси нозанин чилу чор ҷасади шоҳзодаҳоро оғӯш гирифта худро ба оби ин чашма андохтанд ва бо амри яздонӣ ҳама моҳӣ шуданд.

Ва аҷаб не ҳамон рӯз боз дар ду сандуқи дигари кӯҳи Қатрон ду андарзи дигар дар хоросангҳои кишвар сабт ёфт, ки ману ту аз мазмуни он то ҳол огоҳӣ надорем, ҷони дада.

Ва боз, ҷони дада, бидон, ки ривояти Чилучорчашма афсона не, ҳақиқат аст. Ҳақиқатест аз соҳибфарҳангию диловарӣ, накӯкорию вафодориҳои фарзандони Тоҷикпадар.

## ХОҶАОБИГАРМ

Буд набуд, як табиби масеҳодам ва саду як бемори… Не, ҷони дада, дар ҳама давру замон буданд ва ҳастанд табибони масеҳодаму беморони дардашон бедармон…

Ана ҳамин табиби масеҳодамро, ки дар Ҳирот ба дунё омада, бо нону намаки Самарқанд ва илму фарҳанги Бухоро ба камол расидааст, Мунтасир ному лақаб-Хоҷаи бузургвор буд. Табиби масеҳодамро мардум бо он хотир бо лақаби Хоҷаи бузургвор ном мебурданд, ки аз ҳама манотиқи кишвар ҳар рӯз саду як дардманд наздаш омада, аз табобати ӯ шифо меёфтанд.

Ин табиби масеҳодам, ҷони дада, на хизматгор дошту на дастёр. Хизматгорию дастёриро дар манзили ӯ мардум аз эҳтироме, ки ба Хоҷаи бузургвор доштанд, ба хотири шифо ёфтани одамон холисанлиллоҳ ба ҷо меоварданд. Ҳар субҳ яке ҳавлиро аз остонаи хона то кӯча об зада мерӯфту дигаре бо дастури Хоҷаи бузургвор дар дегҳои хурду калон гиёҳҳои аз кӯҳ ҷамъ овардаи табибро

ҷӯшонда, барои бемороне, ки баробари кафидани чашми рӯз дами дарвоза ҳозир мешуданд, дору тайёр мекард.

Ҳар саҳар одамони бисёр аз ҳар гӯшаву канори диёр дами дарвоза қатор мешуданд ва то вақте ки хизматгорон ҳавлиро об зада нарӯбанду дарвозаро худашон накушоянд, ҳеҷ корафтода дар намекӯфт. Як саҳари солеҳон дарвоза тақ-тақ шуд ва ин садо ба гӯши табиби масеҳодам, ки гиёҳ талқон мекард, нисбат ба дигар садоҳо форам нишаст.

– Кист? – Пурсид оне, ки ҳавлӣ меруфт.

– Ба Хоҷа бигӯ, ки аз роҳи дур бо дастур омадам.

Ва табиби масеҳодам фиристодаи олами ғайбро аз садои марғӯладор аниқ карда, шитобзада дами дар ҳозир шуд ва баробари во шудани дарвоза шунид, ки пирамарди нуронии дар даст асо мегуфт:

– Ҳар гиёҳро ба номи ҳар дарде, ки бо амри Худованд шифо мебахшӣ, номнавис кун. Ин дастур ба насли ҳафтуми ту, ки дар илми тиб бо номи пури Абдулло шуҳраи офоқ мегардад, мададгор хоҳад шуд.

Хоҷаи бузургворро ҳанӯз фурсати чизе пурсидан нашуда, пирамард ғайб зад ва аз дуриҳои дур садои ӯро шунид, ки мегуфт:

– Нигар ба он ҷавоне, ки озурдӣ. Ӯро ҳол бипурсу дар амал шитоб накун, ки шитобкорӣ пешаи шайтон аст.

Табиби масеҳодам баргашта ҷавони гунаҳо сурх, пайкаррасоро дид, ки моҳе қабл аз ин рангу рӯ хокистару ҷусса риштаи дутоб ба ин манзил ба нияти шифо омада буд. Хоҷаи бузургвор аз санҷиши набз аниқ кард, ки дарди ӯ саратон ва ин дард бедармон аст. Аз ин рӯ ҳарфе нагуфта назди бемори дигаре рафт, то нигоҳи умедвори ҷавони маҳкум ба маргро набинаду насӯзад... Ва имрӯз ҳамон ҷавони дардаш бедармон бо гунаҳои арғувонию чашмони рахшон рӯ ба рӯи табиби масеҳодам даст пеши бар меистод.

– Ман туро озурдам? – Пурсид Хоҷаи бузургвор аз ҷавон суханони навакак аз дуриҳои дур шунидаашро ба ёд оварда.

– На, Хоҷаи бузургвор, – посух дод ҷавон. – Ман ба тақдир тан дода будам. Аз ҳарфе ба забон наовардани Шумо дарк кардам, ки дардам бедармон аст. Азбаски дилсӯзу ақрабое надоштам, рӯ ба саҳро овардам, то дур аз одамон дар ягон гӯшае… Аммо дар роҳ мадорам рафт, қуввати роҳ гаштан намонд. Илоҷе карда худро ба оғӯши боғе гирифтам ва дар сояи дарахте паноҳ бурда, аз ҳуш рафтам ва ёд надорам, ки чанд рӯз ба ин ҳол будаам. Ҳамин қадар медонам, ки аз лаззати шарбате, ки ба лабам мечакид ба худ омадам.

Ин шарбати меваи чун ҳалво расидаи ҳамон дарахте буд, ки зери он бо нияти ҷон ба Ҷаббор супоридан паноҳ бурда будам. Аз ин шарбат лаҳза ба лаҳза дар танам дармон медамид ва батадриҷ мадори аз ҷой бархеста, мева хӯрдан пайдо кардам…

Хоҷаи бузургвор ин қиссаро аз ҷавон шунида хоҳиш кард, ки ӯро ба ҳамон боғ бубарад, то ба чашмони хеш бинад, ки он меваи мӯъҷизаовар чӣ рангу намуде дорад. Ва ҷавон табиби масеҳодамро ба боғе, ки дар кадомин давру замон, дар лаби дарё бунёд гардида буд овард. Хоҷаи бузургвор дарахти азиме дид, ки меваҳои тиллоранги мисли ҳалво пухта расидааш дар партави нури офтоб чашм мебарад.

Табиби масеҳодам аз алами он ки ин мӯъҷиза метавонист дарди садҳо дардмандони бедармонро шифо бахшад, осемавор даст ба дуои бад бардошт:

– Илоҳо, чун алами ман ба худ печида, дурушту бадрӯ шавӣ.

Азбаски дуои Хоҷаи бузургвор мисли талаби ҳама авлиёҳо кора мекард, меваҳои тиллоранги чун ҳалво пухта расидаи дарахти азим дар як лаҳза ба худ печида, аз фишори сахт ранг бохтанду дурушт шуданд ва мардум, ҷони дада, бо мурури сол ба умеди беҳталабиҳо ин меваи биҳиштиро биҳӣ ном карданд.

Ва ҳамон рӯз дарахти мевааш бо дуо сахту дурушт гардида нолиду гуфт:

– Ай Хоҷаи бузургвор, мисли ҳама фарзанди инсон рӯзе аз карда пушаймон хоҳӣ шуд. Бехабарии мардум аз шаҳди меваам гуноҳи ман набуд. Лаби ин дарё садсолаҳо умр дидам ва агарчи меваҳоям дар шаҳд ангубин буд, аз бепарвоиҳои одамон манзури касе набудам. Ва имрӯз ту ба ҷои маро кашф кардан бо дуои бад ба чунин ҳол гирифторам кардӣ.

Ва Хоҷаи аз карда пушаймон аз дарахти нолон пурсид:

– Бигӯ, дар ин мавзеи аз назарҳо дур афтода бо кадомин қудрат пайдо шудӣ?

– Худам ҳам аниқ намедонам, – посух дод дарахт. – Симурғи нуқрабол мегуфт, ки ман дар лаби ин дарё дарахти камҳосиле будам ва як инсони бузург бо номи Тоҷикпадар ҳини сафараш дар ҷустуҷӯи кишвари худодод маро ба ниҳоли кадомин кишвари дурдаст пайванд кард. Ҳар боре симурғи нуқрабол аз ҳолам хабар мегирифт, ёдам меовард, ки асли пайванди ман аз ниҳоли муқаддаси биёбонест, ки бе обу ғизо бо амри парвардигор нумӯ дорад дар дили регистону чашми офтоб.

– Симурғ боз чиҳо мегуфт? – Ба умеди дарёфти роҳи он биёбон бесаброна пурсид табиби масеҳодам.

– Боз мегуфт, ки ҳар нафаре агар дар дил меҳру муҳаббати азалӣ дорад, аз бурҷи ситораҳо роҳи ин биёбонро меёбад.

Ва Хоҷаи бузургвор бо тӯғёни меҳри азаливу фаросати баланди ситорашиносӣ ба роҳ баромад. Ӯ дар ҷустуҷӯи ниҳоли мӯъҷизаи биёбон чил шабу чил рӯз роҳ паймуда, бо азоби алим дашти Армонро убуру бо машаққати зиёд кӯҳи Қатронро фатҳ кард ва бо ранҷу заҳмати аз ин бештаре саҳрои Карбалову талҳои Сафоро паймуда, оқибат расид ба кишваре, ки мардум таманнову талоши оламу одами дигар сохтан доштанд. Табиби масеҳодам аз ин таманнову талош ба ҳайрат афтода нидо кард:

– Ҳой бародарон, бидонед, ки ба одам офаридан фақат Парвардигор қодир аст!

– Мо ҳам инро медонем, -нарм посух дод марди нуро-

ние, ки дар ин амал мардумро сарвар буд. -Ҳамин қадар ки мо бо амри худаш одамонро аз гуноҳҳо пок ва ба ин васила оламро аз фалокат наҷот доданием. Ва шояд, ки ту низ, ай марди накӯкор, дар ин амал ба мо мададгор шавӣ.

– Ман? – Ҳайрат бештар шуд Хоҷаи бузургворро.

– Бале, ту барин табибони масеҳодам дар ҳар кишвар барои мардум чун обу ҳаво заруранд. Агар нафаре ранҷур шуд, табобат мекунӣ ва мардум имон хоҳанд овард, ки фарзанди инсон бо амри Парвардигор ба ҳар кор қодир аст.

– Охир, дар кишвари шумо меваи мӯъҷизаофаре ҳаст, ки ҳатто ба дардҳои бедармон давост. Чӣ ҳоҷат ба табибе, ки…

– Ин андеша ғалат аст, табиби масеҳодам, – эрод гирифт марди нуронӣ. – Бузургтарин мӯъҷизаву офариниши Парвардигори ҳаждаҳ ҳазор олам одаму сухан аст. Аз ин рӯ аввалин дармони ҳар дарди фарзанди инсон аз сеҳри сухан аст, ки Худованд онро танҳо насиби одам гардонидааст.

– Ман ба чашми худ дидам, ки одами дардаш бедармон аз истеъмоли мевае, ки ин ҷо бе обу ғизо дар чашми офтоб мерӯяд, шифо ёфт.

– Дардро ҳам Худо медиҳаду шифоро низ худаш, – гуфт дар ҷавоб марди нуронӣ. – Боқӣ ҳама гиёҳу мева ва табобати ту барин табибони масеҳодам сабаб аст. Ва боз бидон, ки ҳама кори дунё аз сабаб то оқибат сурат мегирад. Ҳар дард сабабе дораду шифои комили он оқибати кор аст. – Ва ӯ инро гуфта ба чор тан ёроне, ки дар паҳлӯяш чун шоҳсутун буданд, рӯ овард. – Мо ҳама дар ин дунё мусофирем. Аммо ин табиби масеҳодам аз мо ҳам мусофиртар аст. Роҳи дур паймуда, аз мулки Аҷам баҳри давои дарди одам омадааст. Бо меваи дарахти ҳаваскардааш зиёфат кунед ва дар манзили беҳтарини кишвар ҷояш диҳед.

Хоҷаи бузургворро чанд тан хизматгорон ба манзиле бурданд, ки аз хона дида бештар ба гумбад шабоҳат дошт.

Даруни ин гумбад дар гӯшае аз рег бистари хоб ва аз санг таксарӣ омода карда буданд. Аз сақфи гумбад болои ин бистар рӯзона анвори офтобу шаб нури моҳтоб мерехт. Бо ҳарорату рангу нури дигар мерехт. Ҳайрати Хоҷаи бузургвор боз аз он буд, ки бистари регину таксарии сангин аз пари қу ҳам нармтар буду ҳар шаб афсонаҳои дар бачагӣ аз бобояш шунидаро хоб медид. Хоб медид, ки кӯчаҳои Бухоро гулзор шудаанду гумбадҳои Самарқанд тиллокорӣ. Ва боз Ҳиротро хоб дид, ки манораҳояш ба осмон сар кашида, оламро бо ранги дигар рӯшан мекунанд.

Ва дар яке аз чунин шабҳо, ҷони дада, Хоҷаи бузургвор пас аз кӯчаҳои Бухорову гумбадҳои Самарқанд ва манораҳои Ҳирот ҳамон пирамарди нуронии асобардастро хоб дид, ки ба ҷои таъна насиҳат мекард:

– Ай ғафлатзада, кам бихоб, ки хоб ҳам як навъи марг аст.

– Дуруст, лекин ба фарзанди одам роҳат ҳам лозим. – гуфт дар ҷавоб Хоҷаи бузургвор. – Хоб магар фароғат нест?

– Ай инсони танпарвар, бидон, ки роҳати ҳар ду дунё дар бедорию ҳушёрии одам аст. Барои ҳамин ҳам фариштаҳо хобро марги саҳлу маргро хоби гарон гуфтаанд, – пирамарди нуронӣ инро гуфта нидо кард: – Чашм кушову ба осмон нигар, то умре дар ғафлат намонӣ…

Ва Хоҷаи бузургвор чашм кушода аз равзанаи гумбад ба осмон нигарист. Нигаристу якбора ҳушёр шуд. Бо ҳайрат рӯи бистари регин, ки аз пари қу ҳам нармтар буд, зону зада гиребон дошт ва зикри Худованд кард:

– Ай Парвардигори ҳаждаҳ ҳазор олам, аз қудратат гардам, ин чӣ мӯъҷизаест?

Дар осмони аз нури моҳтоб мисли шир рӯшан ҳамон марди нуронӣ, ки чанд рӯз қабл аз ин бо луфту меҳрубониҳо дар ҳалқаи чаҳор ёр бо мардум суҳбат дошт, савори аспи сафеди хуросонӣ ҷониби моҳ парвоз мекард. Аспи зарринлаҷому марди савор ончунон ба ҳам мутано-

сиб буданд, ки аспи афсонавӣ аз савораву савора аз аспи афсонавӣ нур мегирифтанд... Ва аз ҳамин нур дар дили Хоҷаи бузургвор низ шарорае оташак заду як они воҳид вуҷудашро аз нӯги по то фарқи сар бо ҳарорати дигар мунаввар кард.

Рӯзи дигар Хоҷаи бузургвор баҳри аниқ кардани он чизе, ки дид, хоб буд ё бедорӣ, ба ҷустуҷӯи марди нуронӣ баромад. Ва одами шаб дар осмон савори аспи зарринлаҷоми хуросонӣ дидаашро дар ҳалқаи мардум саргарми суҳбат дарёфта, бо ҳайрати бештаре қатори дигарон мутаваҷҷеҳи суханони ӯ шуд. Офтоби ба қиём омада қариб, ки ҷисму ҷон месӯхт. Аммо Хоҷаи бузургвор дид, ки болои сари он марди нуронии шаб дар осмон аспсавор дидааш симурғи накӯкор бо боли нуқрафоми худ соя меандозад ва ин сояву симурғро аз ҳозирини суҳбат касе намебинад. Ҳар ҳарфи марди нуронӣ кашфи асрор буду ба ақлҳо баҳри дарки ин оламу одам чун нур кора мекард. Ва дар партави ҳамин нур дар равзанаи хаёл ҳама муқадасоти олам эҳё гардида, суханшунаврo дил ба ранги дигар рӯшан мешуд.

Аз шунидани суханони марди нуронӣ Хоҷаи бузургворро дил ба ёди Ватан гум зад. Ӯ бо азми қатъии сафар пас аз сипоси нону намак ба марди нуронӣ сабаб овард:

– Аз ин ҷо будани ман ба мардум нафъе нест.

– Чаро ин тавр мегӯӣ, табиби масеҳодам?

– О, ман чӣ табибам, ки тайи як моҳ нафаре дари манзилам накӯфтааст.

– Сабаби моро тарк карданат ҳамин аст? – Бо лабханд пурсид марди нуронӣ ва худ шарҳ дод. – Ин қавм аҷаб одате доранд; то сахт гурусна нашаванд даст ба таом набаранд ва қабл аз он ки сер шаванд даст аз таом бардоранд. Аз ин рӯ кам ниёз ба табибон доранд.

Ва табиби масеҳодам боз як фазилати дигари мардуми биёбонро дарк намуда, азмашро бо сипоси бештаре баён кард:

– Ин ҷо бисёр чиз омӯхтаму донистам. Аммо ман бояд

ҷое бошам, ки мардум ниёз доранд. Ва боз… чӣ кунам, ки ба ёди ватан дилам гум мезанад.

– Дар ин амал соҳибихтиёрӣ, бародар, – ба эҳтироми Хоҷаи бузургвор аз ҷой бархост марди нуронӣ ва афзуд: – Беҳуда хоки Ватанам аз тахти Сулаймон хуштар нагуфтаанд. Ҳар фарзанди ҳушдор ду муқаддасот дорад. Яке ватан, дигаре модар…

Ва табиби масеҳодам дар гӯш ҳамин сухан боз ҳама он талу саҳро, кӯҳу биёбонро тай намуда, ба як сабат меваи дарахти биёбонӣ, ки дар дили регистону чашми офтоб нумӯ дошт, ба ватан баргашт. Баробари ба ватан баргаштан кенҷаписари худ – Манучеҳрро дар бистар гирифтори дарди бедармон дарёфт. Табиби масеҳодам ба умеди шифо ёфтани фарзанди дӯстрӯяш ҳама он меваи аз кишвари дур ба нияти шифо овардаашро ба бемор хӯронд. Манучеҳри ба ҷон пайванди падар як сабат меваи мӯъҷизаофари биёбонро хӯрда бошад ҳам, дард тани ранҷури ӯро тарк накард. Табиби масеҳодам лоҷарам ба ҳамон боғе омад, ки дур аз назарҳо лаби дарё воқеъ буд. Баробари ҳозир гардидани табиби масеҳодам дарахти бо дуои Хоҷаи бузургвор биҳӣ гардида ба забон омада пурсид:

– Барои кадом ҳоҷат омадӣ, Хоҷаи бузургвор?

– Умре дарди ҳамаро дармон бахшидам, имрӯз ба дарди бедармони худ ҳайрон мондам, – посух дод табиби масеҳодам. – Назди ту ба умеди наҷоти фарзанди ба ҷон пайвандам омадам.

– Гуфта будам-ку, фарзанди инсон ҳатман рӯзе аз амали осемавори худ пушаймон мешавад.

– Ҳақ бар ҷониби туст, – иқрор кард Хоҷаи бузургвор. – Ба ҳар ҳол шояд…

– Не Хоҷаи бузургвор, он қудрате, ки доштам, дигар бо ман нест. Инро пас аз тановули мева симурғи нақӯкор гуфт.

Хоҷаи бузургвор сар бардошта дар шохи баланди дарахт ҳамон симурғеро дид, ки дар биёбон болои сари марди нуронӣ бо боли нуқрафомаш соя меандохт. Симурғи

нуқрабол бо оҳанги нарм, вале қатъӣ аз Хоҷаи бузургвор пурсид:

– Ай табиби масеҳодам, ин туӣ, ки аз ғояти бузургии илму дониш меваи ҳалвоиро дандоншикан кардӣ?

Ва Хоҷаи бузургвор дар умри худ бори аввал дар посухи суол хомӯш монд. Симурғи накӯкор боз бо ҳамон оҳанг афзуд:

– Оё медонӣ, ки бо ин амал заҳмату мероси бобоиро ботил кардӣ?

– Бобоям боғбон не, лашкаркаш буд.

– Ӯ лашкаркаш не, кишваркушой буду асосгузори ҳамин мулк, – эрод гирифт симурғи накӯкор. – Ва падари ӯро ном Самар буду бо ақлу заҳмати фаровон манзил обод намуд ва ин манзилро Самарқанд ном кард. Инсон бояд ҳафт пушташро ном ба ном бидонаду ҳар субҳу шом бо дуо ёд оварад.

Хоҷаи бузургвор марбут ба андарзи симурғи накӯкор чизе гуфтанӣ буд, ки паррандаи нуқрабол боз пурсид:

– Оё медонӣ, ки Самарро бобокалон кӣ буд?

Табиби масеҳодам ҳарчанд саду як тазкираю шаҷараи хондаашро ёд оварду аз хотираи қавии хеш мадад талабид, аммо дар ҷавоб дармонд.

– Бидон, ки ӯро ном Тоҷикпадар буд, – ва қабл аз он ки бол афшонда ба ҳаво хезад, илова кард. -Манзили ӯро дар дар мулки худодод, дар оғӯши кӯҳҳои осмонбӯс биҷӯ. Дар қарибиҳои хаймаи ӯ барои наҷоти Манучеҳр оби шифо хоҳӣ ёфт. Ҳамин ки ба мурод расидӣ, ҳатман бояд каломи аввалат сипоси Худованд бошад.

Ба назари Хоҷаи бузургвор чунин расид, ки болҳои нуқрафоми симурғ лаҳзае рӯи осмон чашми офтобро гирифт ва бо самти парвози худ ба табиби масеҳодам роҳ нишон дод. Дар тақвияти ин раҳнамоӣ дарахти бо дуои бад биҳӣ кардаи Хоҷаи бузургвор аз табиби масеҳодам хоҳиш кард:

– Як шохи қавиамро бибуру асо кун. Ин асо туро ба манзили пайвандгарам мерасонад.

Табиби масеҳодам дар даст асову дар дил ёди Худо ба роҳ баромад. Ӯ пас аз ҳафт шабу ҳафт рӯзи сафар ба соҳили дарёе расид, ки садои обаш чун навои Борбади ромишгар гӯш навохта, дил рӯшан мекард. Ва ӯ қад-қади соҳили ҳамин дарё рӯ ҷониби офтоббаро рафта хаймае дид, ки бо се ранг мунаққаш буд. Хоҷаи бузургвор ранги сурхро рамзи шуҷоат, ранги сафедро рамзи покӣ ва ранги сабзро умеду орзуҳо пиндошта, рӯ ҷониби шаххҳои баланд овард. Дар ҷустуҷӯи оби шифо харсангҳоро ханҷол зада аз шах ба шахе мебаромад, аз кӯҳ ба кӯҳе мегузашт. Ва оқибат ба шахи аз ҳама баланд баромада, тобасангро аз ҳарорати оби шифо гарм диду насиҳати симурғи накӯкорро фаромӯш намуда, аз шавқи бозёфт нидо кард:

– Ёфтам!

Ин лаҳза кӯҳҳо низ чун шарики шодмонии табиби масеҳодам акси садо доданд:

– Ёфтам… ёфтам… ёфтам…

Баробари асо ба санг задани табиби масеҳодам аз дили шахи баланд оби шифо фаввора зад ва Хоҷаи бузургвор бо шавқи бештаре бехабар аз варта қадаме пеш партофт. Ҷасади аз санг ба санг бархӯрдаи Хоҷаи бузургвор кайҳо дар бағали кадомин харсанг даромада бошад ҳам, кӯҳҳо гӯё бозёфти бузурге пайдо карда бошанд ҳанӯз акси садо медоданд:

– Ёфтам…ёфтам…ёфтам…

Ва мардуми қадршиносу босипос, ҷони дада, ин мавзеи бар ивази ҷон ёфтаи табиби масеҳодамро Хоҷаобигарм ном карданд.

Аз ин оби шифо на танҳо кенҷаписари Хоҷаи бузургвор, балки тайи садсолаҳо бисёр дардмандони дардашон бедармон шифо ёфтанд… Ва боз садсолаҳои дигар шифо хоҳанд ёфт.

## ИСКАНДАРКӮЛ

Буд набуд як хунёгари хушсадо ва духтараки маҳлиқо… Не, ҷони дада, то меҳр ҳасту зиндагӣ, ишқ ҳасту суруд ва бисёр хоҳанд буд хунёгарони хушсадову духтарони маҳлиқо.

Ана ҳамун хунёгари хушсадоро Искандар ва духтараки маҳлиқоро Қамар ном буд. Қамар духтари мири Сароб ва Искандар чӯпонбачае буд аз деҳаи Тагоб.

Сароб тавре аз номаш пайдост, дар баландиҳои баланд, дар саргаҳи обу ҳалқаи кӯҳҳои осмонбӯс бо қасру манзилҳои мирнишин ва Тагоб дар хамгашти ағба, дар он ҷое, ки чандин рӯдҳо ба ҳам даромехта дарё мешаванд, воқеъ буд.

Ҳамон баҳоре, ки дар оғӯши Шодмондара чӯпонбачаи тагобӣ нахустин мақом навохту духтари мири Сароб ба садои хунёгар дил бохт, Искандар ҳабдаҳ сол ва Қамар чордаҳ сол дошт. Искандар қабл аз он ки мақом навозад, ин офариниши бузургро дар хоб дид. Хоб дид, ки мисли ҳама рӯзҳои худодод рамаро барои чаро ба Шодмондара бурдааст ва осмони дара бо дувоздаҳ ранг мунаққаш асту ҳар ранг дар омезиш бо нури хуршед сад ранги дигар тавлид мекунад. Аҷабаш омад, ки офтоб сари теғи қулла мисли пирамарди нуроние чорзону зада, омезиши рангҳоро бо ҳавас назора дорад. Ва боз Искандар дид, ки дар оғӯши рангҳо духтараке дар ҳусн офтоби дигар гоҳ-гоҳе пайдо гардида, бо шавқ арғушт меравад…

Субҳидам, қабл аз тулӯи офтоб, ҳини наҳорӣ Искандар хоби дидаашро ба модар нақл карда таъбир пурсид. Модар дасти навозиш ба сари писар бурда, бо табассум гуфт:

– Ба балоғат расидаӣ, бачем, акнун дам ба дам чунин хобҳои зебо мебинӣ.

Искандар ҳамон рӯзи баҳорон, ки кӯҳу дара бо гулу сабза мисли қолини дар афсонаҳо шунидааш бо сад ранг

нақшин буд, бо андешаи хоби дидааш рамаро ба хамгашти Шодмондара бурд ва табассуми маънидори модарро ёд оварда, лаби дарёчаи шӯхоб суруди ҳамарӯзаашро бо шавқи дигаре хонд. Ба назараш чунин расид, ки ба хонишаш шаххҳои баланд ҷӯр гардиданду садояш назар ба рӯзҳои дигар марғуладортар аст. Ва… ҳини авҷи суруд дид, ки пирамарди дар хоб чун офтоби сари қулла дидааш рӯ ба рӯяш нишаста, таҳсиномез сар меҷунбонад. Искандар дар умри кӯтоҳи худ дар Тагобу деҳаҳои гирду атрофи он бисёр пирамардони нуронию хушлибос дидааст, аммо одамро бо ин нуру сару либос бори аввал медид. Бо қаду қомат, тарҳи рӯ, сару либос пирамард назар ба бандаи хокӣ бештар ба фаришта шабоҳат дошт. Искандарро аз ин дидори ғайричашмдошт садо дар гулӯ печиду бо ҳайрат аз ҷо бархоста, бо эҳтиром даст пеши бар гирифт.

– Чаро сурудро бисмил кардӣ? – Аз ҷои нишасташ эрод гирифт пирамард.

– Шумо фариштаед? – Бо ҳамон ҳайратзадагӣ ба ҷои посух суол кард Искандар.

– Дар ин олам ҳама инсонҳо фариштаанд, ба шарте, ки пок бошанд, – гуфт пирамарди фариштасурат бо табассум ва аз ҷой бархоста афзуд: – Магар намебинӣ дар асл табиат чи гуна пок асту зебо, инсон ҳам чунин аст.

Ва Искандар ба осмон назар андохта, дид ки ҳама он рангҳои шаб дар хоб дидааш ба ҳам омезиш ёфта, Шодмондараро нури дигар бахшидаанд. Аз ин кароматы осмонию зебоии дара ҳанӯз ба худ наомада боз шунид, ки пирамарди фариштасурат мегӯяд:

– Ба дарку фаҳмиши ин рангу зебоӣ на ҳар фарзанди инсон қодир аст. Онро ҳамоне мебинад, ки Худои азза ва ҷалла бо дилу дидаи бедор офаридааст.

– Ман ҳама рангҳои зебои осмонро мебинам! – Ба шавқ нидо кард Искандар.

Аз ин шавқи Искандар пирамарди фариштасуратро дил шод гашт ва чун шахси ба муроди хеш комёбгардида қаноатманд пурсид:

– Бигӯ, дар осмони мусаффои дара чанд ранг мебинӣ?

– Дувоздаҳ ранг, – фавран посух дод Искандар ва бо ҳамон шавқ афзуд. – Ҳар кадом аз дигаре дилкашу зеботар. Ранг не, гӯё оҳанг асту суруд.

– Шукри Худо, ки рӯҳи ниёконат мададгорат шуданд, – гуфт пирамарди фариштасурат. – Онҳо дар зиндагӣ мақоми баланд доштанд ва ту бояд мартабаи онҳоро дарёбӣ.

– Гузаштагони ман мартабае надоштанд, ҳама чӯпон буданд, – иқрор овард Искандар ба касабаи додову бобои худ.

– Ғалат мекунӣ, писар, дар кадомин давру замон бобокалони ту хунёгари бузурге буд, – эрод гирифт ба ҳарфи чӯпонбача пирамарди фариштасурат. – Афсӯс ки ту низ мисли дигарон гузаштагони худро насл ба насл намедонӣ. Намедонӣ, ки…

– Пас ман фарзанди…

– Бале, ту абераи хунёгари бузург ҳастӣ, – пирамарди фариштасурат инро гуфта, амр кард. – Пеш ову бо ихлос дасти рости маро бигир!

Амри пирамарди фариштасурат ба гӯши Искандар чун амри падари раҳматиаш форам нишаст ва баробари ба соҳибамр даст додан дар вуҷудаш гӯё барқ кора кард, ки дилу дидааш ба ранги дигар рӯшан гардид. Аз ин каромат лаҳзае карахт шуд Искандар ва чун дид, ки пирамард ҳарфе нагуфта ҷониби шахи баланд меравад, ӯ низ бо меҳру ихлос қадам бардошт ҷониби шах. Ҳар қадаре онҳо рӯболо мерафтанд, ҳамон андоза ҳавои Шодмондара муаттар гардида, гулу гиёҳҳои домани кӯҳ зеботар ҷилвагар мешуд. Искандар масти зебоиву махмури ҳавои муаттар ҳайрон буд, чаро то имрӯз ин ҳусну малоҳатро дарк накардааст ва ба ин ранги чашмгиру латофати беназир назари дигаре дошт. Ниҳоят пирамарди фариштасурат назди бурси пире, ки бо мурури солҳо ҳама шоху навдаҳояшро мисли умри инсон бохта, дар сурат чун кундаи ҷувоз буд, таваққуф кард. Ӯ бо теғи ғайриоддии дурахши дамаш чун

ҷилои барқ аз кундаи бурс порае бурид ва бо ҳамон чолокии ҳайратангез асбобе сохт, ки Искандар чӣ асбоб будани онро сарфаҳм нарафта пурсид:

– Ин чист?

– Уд аст. Агар ҳунар ба ҳарҷ диҳӣ, аз мағзаш наво мехезад, – посух дод пирамарди фариштасурат ва рӯйи косахонаи уд тор кашида афзуд. – Ин асбобро аз дарахте сохтам, ки сад сол ганҷи кӯҳро бо садои дарё, нури офтобро бо нафосати осмон дар мағзи ҷон ҷо додааст. Аз ин рӯ садои он бунёдгари ҳама ин сарвату зебой хоҳад буд.

– Магар чӯб ин қадар қудрат дорад? – Искандар бо ҳайрат ба асбоби аз як пора кундаи бурс сохтаи пирамарди фариштасурат нигарист.

– Қудрати чӯб аз хиради инсон аст, писар, – посух дод пирамарди фариштасурат. – Аз он ҳам гаҳвора месозанду ҳам тобут. Ва боз минбари воизону пояи дор низ аз чӯб аст. Қудрат зиёда аз ин чӣ буда метавонад, ки аз чӯб ҳам уди рӯҳнавоз месозанду ҳам камони одамкуш. Ва тасодуфро бин, ки яке садои зиндагӣ эҷод мекунаду дигаре оҳанги марг.

– Пас эҷодгари ҳамаи ин оҳангҳо худи инсон аст? – Андешаашро ба забон овард Искандар.

– Бале, умри инсон аз гаҳвора то тобут саропо оҳанг аст. Оҳанге, ки аз ҳар рӯзи зиндагӣ тавлид меёбад, – пирамарди фариштасурат ин андарзро гуфта бо шавқ нидо кард. – Нигар ба ин кӯҳу дарё, дашту саҳро ҳама саропо рамз асту оҳанг!

– Магар кӯҳ ҳам оҳанг дорад?

– Агар намедошт ин қадар ганҷу тамкине, ки кӯҳ дорад, аз куҷо буд?! Кӯҳ оҳангҳои марғуби хешро дар оғӯш чун гавҳари баҳр ниҳон медорад. Онро бо ақлу заҳмат мебояд чун мақом дарёфт.

Аз суҳбати пирамарди фариштасурат Искандарро лаҳза ба лаҳза дар ниҳод нерӯе тавлид мешуд, ки худаш ҳанӯз ба чӣ қодир будани ин қудратро сарфаҳм намерафт. Пирамарди фариштасурат магар инро дарк кард, ки гуфт:

– Ту бояд ба поси хотири ниёкон бо ин асбобе, ки бароят сохтам, дувоздаҳ мақом офарӣ.

– Ман?

– Бале, ту! Ин дувоздаҳ мақом мебояд дар иртибот бо зебоии олам баёнгари орзую ҳавасҳо ва дарду доғҳои инсон бошад.

– О, ман ҳатто намедонам мақом чист? – Дар комёбӣ ба ин амал шубҳа пеш овард Искандар.

– Мақом дар амалу мавқеъ устувор будан аст, – посух дод пирамарди фариштасурат. – Ту бо истеъдоди худодод дар ҷодаи хеш устуворӣ.

– Дар навохтан ҳунаре надорам, – боз узр овард Искандар.

– Дар ин амал рӯҳи аҷдодат мададгоранд. Бидон, ки истеъдод меросӣ аст ва ҳеҷ шунидаӣ, ки фармудаанд:

*Борон, ки дар латофати табъаш хилоф нест,*
*Дар боғ лола рӯяду дар шӯразор хас.*

Ва Искандар аз ин андарз рӯҳ гирифта, даст ҷониби уд бурду ба торҳои он нохун зад. Бо қудрати илоҳию истеъдоди фитрӣ дар оғӯши Шодмондара навое танинандоз гардид, ки баёнгари садои дарёву тапиши дилҳо, навозиши нури офтобу шукуфтани гулҳо буд. Ҳар қадаре садои уд авҷ мегирифт, оғӯши Шодмондара ҳамон андоза бо рангу бӯйи дигар муаттар гардида, ҳусни тозае тавлид мееёфт. Искандари махмури ҳусну наво, ки аз ғояти шавқ чашм пӯшида уд менавохт, бо нияти сипос чашм кушода ба пирамарди фариштасурат рӯй овард. Аммо аз ӯ ному нишоне надида бо ҳайрат сари по шуд. Оҳанги навохтааш ҳанӯз аз оғӯши шаххҳои баланд бо ҳамон назокату латофат акси садо медоданд. Ва Искандарро ин лаҳза овози пирамарди фариштасурат омехта бо садои дарё аз кадомин гӯшаи шахи баланд ба гӯш расид, ки мегуфт:

– Ҳама роҳҳо дар олами имону эътиқод сироталмустақиманд. Туро имрӯз мақоми «Рост», ки навои

аввали дувоздаҳмақом аст, бо мадади ман даст дод. Ёздаҳ мақоми дигарро бо ақли худододу заҳмати ҳамарӯза дарёб, ки ҳар кадоме аз ин мақом ҷавобгӯи саду як достони зиндагӣ аст.

Искандар ба умеди дигарбора дидани ҷамоли муборaки пирамарди фариштасурат ҷониби шахе, ки садо меомад, шитофт. Пас аз хеле нафасгардию заҳмат кашиданҳо ба фарози шахи баланд баромада, ба ҷои пирамарди фариштасурат дар самти муқобил боғи дилкушо ва дар оғӯши ин боғи сердолу дарахт қасри зебою иморатҳои хушсохт дид. Дар оғӯши боғи аз лаби дарё то қуллаҳои барфпӯш доманкушуда қасри пурнақшунигор чун холи зебое афтода буд. Ва ин холи зеборо пайраҳаи сангине чун хати абрӯ ба соҳили дарёчаи шӯхоби Сароб пайваста, ба ҳуснаш ҳусни дигар зам мекард. «Аҷаб не, пирамарди фариштасурат сокини ҳамин манзил бошад?». Бо ҳамин тахмин Искандар шахи баландро фуромада, ба боғи дилкушо наздик шуд. Баробари дарёчаи шӯхобро убур карда, ба пайраҳаи сангин қадам ниҳодан рӯ ба рӯяш нозанине чун офтоб тулӯъ кард ва аз ин тулӯъ духтараки дар хоб дидаашро ёд оварда, ба ҷои он ки нозанини маҳсуратро салом диҳад, забон лолу ақл ҳайрон пурсид:

– Кистӣ? -

– Қамар.

– Пайдост, ки дар ҳусн Қамарӣ, лек ман исматро пурсидам.

– Исмам Қамар аст, – бо табассум посух дод нозанини рӯ ба рӯи Искандар ногоҳ чун офтоб тулӯъ карда.

– Бори аввал мебинам, ки ҷисм ба исм ин қадар мутаносиб афтода, -гуфт Искандари бо як назар ба Қамар дилбохта.

– Аммо ман садои туро ҳар рӯз мешунидам.

– Садои ҳой-ҳойи чӯпониамро?

– Не, не, садои сурудатро, – тахмини ғалати Искандарро фавран ислоҳ кард духтар. – Лаби ин дарё ҳар субҳ гӯш ба садоят дода, яқин доштам, ки соҳиби чунин овози хуш

ҳатман ҷавони зебоест, ки...

– Рӯзе ба суроғат меояд? -Давоми сухани Қамарро гирифт Искандар ва бо шавқи бештаре афзуд: -Ман ҳам туро дар хоб дида будам. Дидам, ки дар оғӯши дувоздаҳ ранг мӯъҷизаи олами орзую ҳавасҳои ман мисли фариштаи осмон аргушт мерафтию пирамарди фариштасурат мегуфт...

– Чӣ мегуфт? – Бесаброна пурсид Қамари чордаҳсола.

– Мегуфт, ки Қамари орзую ҳавасҳоятро бо мақоми сегоҳ дарёбу дар васфаш «Ушшоқ»-е офар, ки мардум бо тобу тавони ишқ бишкуфанду аз дарду фироқи он биноланд.

Ва Искандари дилбохтаву тобу тавон аз даст дода, лаби пайраҳаи сангини боғи Қамар зону заду навохт. Аз қудрати ишқу дарёфти кӯи мурод тавлид шуд мақоми «Сегоҳ»:

*Моҳ мекунад таназзул дар чордаҳ, валекин,*
*Ҳар лаҳза дар тараққист он моҳи чордаҳсола...*

Садои марғуладори Искандар дили бе ин ҳам таслим гардидаи Қамари нозанинро бештар тасхир намуда, ба парвоз омад ва ба гӯши мири Сароб, ки ин лаҳза дар боғ сайру гашт дошт, форам нишасту аз худ суол кард:

– Аҷабо, кӣ бошад соҳиби ин садои гӯшнавоз, ки аз шунидаш роҳат мекунад ҷон? ..

Ва мир фавран ба сари хунёгаре, ки бехабар аз оламу одам суруд мехонд, одам фиристод. Надимон пас аз лаҳзае хунёгари дар ҳусн рашки қамарро бо Қамари нозанин пешандоз намуда, назди мир оварданд. Мири Сароб, ки соҳиби ақлу фаросати баланд буд, бо як назар дарк кард, ки духтараш дилбохтаи ин ҷавони навхат асту дар оташи ишқ метапад. Аз ин рӯ бо меҳрубонии падарона нарм пурсид:

– Кист ин ҷавон?

– Ҳамон хунёгаре, ки ҳар субҳ дами тулӯъи офтоб шаххҳои баланд акси садояшро аз дуриҳои дур меоварданд.

– Ва ту ун садоро мешунидӣ? – Маънидор пурсид падар.

– Бале, – иқрор овард духтар ва барои аз хиҷолат ворастан илова кард. – Ёд доред, Шумо низ ба ин садо бо ҳавас гӯш медодед.

– Мудоме ҳаваси мо бо пои худ ба ин даргоҳ омадааст, бигузор дар хизмати дарбор бошад.

Ва ин хоҳиши мири Саробро Искандар бо дилу ҷон пазируфта, назди падари Қамар таъзим кард.

Акнун ҳар рӯзи Искандар дар Тагоб бо рама не, дар Сароб бо эҷоди суруду наво мегузашт. Дар ин амал меҳри азалӣ ва хаёли рангин мададгораш буд. Аз домани андешаҳои беохир ҳавасҳои ширин тавлид ёфта, дар рӯъёи он шаҳрҳои азиму қасрҳои чашмгир, даштҳои беканору баҳрҳои азим, маҳфилҳои бошукӯҳу баҳсҳои беохирро медид. Овозаи ҳунараш бо эътибори истеъдоди худодод берун аз қаламрави мири Сароб ба кишварҳои дуру наздик рафт. Ва рӯзе аз рӯзҳо аз мири Хуросон қосид ба талаби Искандар омад, то ки ин хунёгари хушсадо муддате дар Хуросон маҳфилорои базмҳои ҷамшедӣ бошад.

Ба мулки дигар ҳамчун хунёгари маъруф даъват шудани ҳунарманд нишони эътирофу эҳтироми бузург бошад ҳам, Искандар бо хотири мушавваш дилгармие надошт ба сафар. Дили ӯ побанди Сароб, аниқтараш дар каманди гесӯи Қамар буд. Ӯ ҳатто лаҳзае дур буданро аз обу хоке, ки чунин нозанинро парвардааст, тасаввур карда наметавонист. Ба назараш чунин мерасид, ки эҷоди ҳама суруду навоҳояш аз таҷаллии ҳусни Қамару меҳрҳои ҳанӯз наварзида аст. Ва чи тавр метавонад бандаи ин ҳусну гадои ишқ аз расанди дилхоҳи мулки шоҳаншоҳи ишқ дур, ғариби дидор бошад. Аммо мири Сароб ба эҳтироми мири Хуросон бо назардошти эътибори мулки худ ба Искандар амр кард, ки барояш фироқи Қамар гарон бошад ҳам, бояд ба Хуросон равад, бо он мақомҳои бузурге, ки эҷод кардааст, Мовароуннаҳрро эътиборбардор гардад. Ва Искандар бузургтарин дороии хеш дили саршори меҳру муҳаббатро дар Сароб ба дасти Қамар супурда, бо чанд тан хуросоние, ки бо пайғом омада буданд, ба роҳ баромад.

Хунёгари умре аз Тагобу Сароб қадаме берун наниҳода ҳини тайи дашту биёбон ва шаҳру деҳот бо чашми сар диду дарк кард, ки ин ҷаҳон турфа оламе будааст бо гирумони шоҳу гадояш, қавмҳои нодону донояш ва ашхоси оқилу ҷоҳилаш. Ҳар рӯзи сафар барояш дарсе буд аз мактаби зиндагӣ, ки илло он сабақро ҳеҷ гоҳ наметавон гирифт аз ҳеҷ як омӯзгор.

Пас аз ҳафт шабу ҳафт рӯзи сафар Искандар бо роҳбаладони хуросонӣ расид ба қалъаи нимвайронае, ки воқеъ буд дар саргаҳи ҷангали анбӯҳ. Роҳбаладон бешаи анбӯҳро бешаи Мозандарон гуфта, қалъаи нимвайронаро ҳамчун макони муқаддаси ниёгон ёд оварданд. Ва боз гуфтанд, ки ҳар мусофире аз ин мавзеъ роҳгузар шавад, мебояд шабро дар ин манзили вайрона рӯз кунад.

– Чаро? – Сабаб пурсид Искандар ва бо андешаи посух ёфтан мутаваҷҷеҳ шуд ба тарҳу сохти қалъаи нимвайрона.

– Шабро дар ин манзил ба сар набурда, сафар кардан гӯё хосияти хуб надоштааст, – посух дод кадоме аз роҳбаладон. – Ривояте ҳаст, ки сокинони ин макон дар кадомин давру замон чаҳор унсури зиндагиро кашф намуда, бо се амали накӯ ба бақои олам асос гузоштаанд. Аммо ба назари ман шаббоши мусофир дар ин макон танҳо эҳтиром ба ниёкон асту бас.

Искандар гӯш ба суханони роҳбалад дода дид, ки дохили қалъа чаҳор бурҷу се шоҳсутуни кандакорӣ дорад. Дар ҳар бурҷ оташдонҳои билкул бехокистару бо мурури солҳо осебдида ба назар мерасид. Нақшу нигори шоҳсутунҳо низ кайҳо рангу ҷило бохтаанд ва дарки ун санъати асиле, ки дар тани онҳо эҷод шудааст, ҳарф аст ё нақш амри муҳол буд.

– Агар дар ин манзил мусофирон шабро рӯз мекарда бошанд, пас чаро оташдонҳо сарданд? – Мароқ зоҳир намуд Искандар.

– Дар манзили вайрона оташ афрӯхтан амали носавоб аст, – гуфт дар ҷавоб роҳбалад ва сабаб овард. – Домани ин қалъа бешазор аст, аз ғафлати андаке метавонад сӯхтор

ба амал ояд.

– Хайр мо эҳтиёт мешавем, – гуфт Искандар бо андешаи шабро дар қалъа рӯз кардан.

– Ҳоҷат ба эҳтиёт нест, – гуфт роҳбалад. – То Машҳад андаке роҳ монд. Мо бояд имшаб базми орифонаи мири Хуросонро дарёбем.

Аз он ки шабро дар қалъаи нимвайрона нагузаронида ба роҳ баромаданд, Искандарро дил хиҷил шуд. Ҳар қадаре ки савораҳо бо муроди ҳарчи зудтар ба манзил расидан шаст мегирифтанд, Искандарро ҳамон андоза дил ба ёди қалъаи нимвайрона ғубор мегирифт. Ва ин ғубор пас аз чанд фарсах роҳ паймудани онҳо аз ҷониби шаҳр низ бархоста, мусофирони ба базми мири Хуросон шитобзадаро дар ҳайрат гузошт. Аввал гумон карданд, асари тундбод аст, аммо диданд, ки ғубори ҳавлангез ҳар ҷо-ҳар ҷо ба дуду оташ омехта бо нолаву фиғони мардум ба фалак мепечад.

– Ҷанг! – Беихтиёр нидо кард кадоме аз роҳбаладон ва бо ҳамон оҳанги ваҳшатзадаву ғазаб афзуд. – Боз бодиянишони турк ҳуҷум овarданд.

– Худоё, аз дасти ин гургон халоиқро рӯз нест! – Нолид роҳбаладӣ дигар ва бо ғазаб аз камар ханҷар кашида, аспро маҳмез зад. – Марг бар душман!

Ва дар тақлиди ӯ дигарон низ бо ғазаби фаровону ханҷарҳои урён ҷониби шаҳри ба дуду ғубор печида дав гирифтанд. Искандар дар домани тали куҳони уштурмонанд, ки байни шаҳри азиму қалъаи нимвайрона чун ҳисори баланд афтода буд, тани танҳо монд. Ҳанӯз фурсати таҳаммули ин рӯйдоду гирумон нашуда хунёгари мусофир дид, ки як тан сарбози хачирсавори тангчашм пирамарди нурониеро гардан баста кашон-кашон меорад. Искандар бо як назар пирамарди фариштасуратро шинохт ва осемавор аз асп пиёда гардида, ҷониби сарбоз нидо кард:

– Ай бадбахт, ин пири хирад чӣ гуноҳ кард, ки чунин хорию зорирo раво дидӣ?

– Ту худат кистӣ? -Бо чашмони хунполо ҷониби Искан-

дар нигарист сарбози хачирсавор.

– Ман ҳофизам, суруд мехонам, базмҳои шоҳу гадоро гарм медорам,-посух дод Искандар ва ба умеди нарм кардани дили сарбози хуношом пирамарди фариштасуратро муаррифӣ кард. – Ин шахсе, ки бар гарданаш таноб баста мебарӣ инсони бузург, зиёда аз он фаришта аст.

– Ҳар касе бошад, ин мард ғуломи ман аст, – бепарво ҷавоб дод сарбози хачирсавар. – Шаҳрро ғорат кардем. Ҳар касе чизе хост бурд. Ба ман ҳамин ғуломи пир расид, метавонам ба ту бифурӯшам.

– Бифурӯш! – Тавалло кард Искандар.

– Чанд динор медиҳӣ? -Пурсид сарбози тангчашм.

– Дар ҷайб сад динор дорам, ҳамааш аз они ту! – Искандар шитобзада ҳамиёни зар пеши пои сарбози хачирсавор андохт.

Сарбози турк авом бошад ҳам, шунидааст ва медонад, ки дар бозор қимати ғулом беш аз панҷ динор нест. Аз ин рӯ бо ҳайрат аввал ба Искандар сипас ба пирамард нигарист. Пирамарди фариштасурат ба сарбози тангчашм бо аломати инкор сар ҷунбонида гуфт:

– Мафурӯш, ки арзон савдо кард.

Ва ҳанӯз сарбози хачирсавори турк ба хулосае наомада аз тали баланд деҳқоне бо ду тӯрбаи коҳ маркабсавор фуромад ва пирамарди фариштасуратро ба ин ҳоли зор дида, пас аз саҷдаи бисёр сарбози тангчашмро тавалло кард:

– Ба номи парвардигори ҳаждаҳ ҳазор олам ин бузургворро раҳо кун, ҳар чӣ хоҳӣ мебахшамат.

– Харидорӣ кун, чӣ медиҳӣ? – Маслиҳат овард сарбози хачирсавори турк ба умеди қимати баландтаре ситонидан.

Деҳқони маркабсавор муддате ҳайрон монд ва шарманда аз тиҳидастии хеш тавалло кард;

– Ду тӯрба коҳ дорам, бигиру раҳояш кун.

Сарбози хачирсавори турк суоломез ба ғуломи таноб андаргардан нигарист ва пирамарди фариштасурат дар лаб табассуми малеҳ қаноатманд гуфт:

– Савдои хуб кард. Фавран бифурӯш, ки арзиши ману ту аз ин беш нест. Мо ҳама мисли ин коҳ аз хок шудему бар хок шавем.

Ин савдову посухро сарбози турк тамасхур пиндошта мисли ҳама ҷоҳилони олам барошуфту бо ғазаб шамшер кашид ва бо чаҳолати ба ҳама сарбозони бодиянишин хос аввал сари деҳқон, сипас сари пирамарди фариштасуратро аз тан ҷудо намуда, ба Искандар амр кард:

– Пеш дарo, вагарна сари туро ҳам ҳол чунин хоҳад буд!

– Маро куҷо мебарӣ? – Ҳайрон шуд хунёгари бузург.

– Ҳар куҷое хоҳам, мебарам, – бедимоғ ҷавоб дод сарбози чашм хунполо. – Акнун ба ҷои ун мард ту ғуломи манӣ, ба ҳар касе хоҳам мефурӯшамат.

– Ҳофиз хизматгори халқ аст, ӯро ҳеҷ кас ба ғуломӣ намехарад.

– Ин тавр бошад туро барои дилхушӣ назди сипаҳсолорам мебарам. Барояш дар базм суруд мехонӣ.

– Ман назди сипаҳсалори ту ҳеҷ гоҳ суруд нахоҳам хонд!

– Намехонӣ? – Бо тамасхур лаб инҷ кард сарбози хачирсавор. – Мехонӣ. Чунон хонӣ, ки худат ҳайрон монӣ. Ту ҳанӯз бо собуни сипаҳсолори турк ҷомашӯӣ накардаӣ, – сарбози хачирсавори тангчашм инро гуфта, бо як чолокии ба ҳама сарбозони турк хос бар гардани Искандар ҳалқа андохт ва таноби дигарро дар ҳаво алвонҷ дода, бо садои қийғосӣ хунёгари бузургро бо аспаш пешандоз ҷониби биёбони бесамар бурд.

Ҳамон рӯзе, ки мулки Хуросон аз ҷанги туркон ба ғубор печид, ин аҷнабиёни гургсират аз самти дигар ба мулки Сароб низ ҳуҷум оварда буданд. Онҳо дар домани кӯҳи Саробу деҳаҳои гирду атрофи он чун мӯру малах паҳн гардида, ҳар касеву чизе пеши роҳашон меомад, мекуштанду оташ мезаданд. Аз ҷасорату қаҳрамонии сарбозони мири Сароб ва ҷаҳолату қийғоси ғоратгарони аҷнабӣ кӯҳҳо ба ларза омада, манзилҳои обод дар коми оташ месӯхтанд.

Дар ин набарди нобарор мири Сароб қатори садҳо на-

фар сарбозони содиқаш ҳалок гардид. Рӯзи ҳафтуми қаҳрамонии саробиҳою хунрезиҳои аҷнабиён ҳамон шахи баланде, ки пирамарди фариштасурат паноҳ бурда буд, ба ин дарду ғам тоб наоварда, ба дами дарё афтод. Оби дарё ба харсангҳои дами шасташ сар задаву тӯғён намуда кӯли азиме шуд. Ва рӯзи дигар шабона Қамари нозанин аз таъқиби чанд тан сарбозони турк раҳо ёфта, бо ҳамон пайраҳаи сангине, ки Искандарро ёфта буд, лаби кӯл омад. Қабл аз он ки худро ба об афканад, дар кӯл акси моҳи чаҳордаҳшабаро дида тавалло кард:

– Ай фариштаи зебои осмон, маро ба оғӯши покат бигиру аз ин гургони хуношом наҷот деҳ…

Акси дилҷӯи моҳ лаҳзае рӯи мавҷҳои об тапиду ларзид ва Қамари нозанин ин ларзишро пазирои̣ пиндошта, бо нияти то рӯзи қиёмат ба Искандар содиқу вафодор мондан худро ба оби мусаффои кӯл афканд. Ҳини ин амали духтари покдоман бо амри илоҳӣ як қабза нури моҳи шаби чаҳордаҳ мисли дасти тавоно рӯи кӯл фуромад ва Қамарро ба авҷи само бурда, дар оғӯши қамари осмон ҷо кард. Он шаб аз роҳи нур бо суръати барқ ба осмон рафтани Қамари покдоманро танҳо як пирамарди фариштасурате дид, ки сари бурида дар бағал бо нолаву тиловати фаровон аз Машриқ ҷониби Мағриб мерафт. Ва аз оҳи бар нокомии Қамари нозанин кашидаи пирамарди фариштасурат рӯи моҳ доғи маҳине афтод, ки он чун доғи дили фаришта то имрӯз боқист.

Он шаб Искандари дур аз ёру диёр, дар биёбони бесамари аҷнабиён, дар иҳотаи одамони гургсират ин доғро дар рӯи моҳи шаби чордаҳ дида, аҷабаш омад, ки ин ғубор ба рӯйи муъҷизаи олам аз кадомин дард нишаста бошад. Наход моҳу ситораҳои осмон низ мисли фарзанди инсон ҷабр бинанду дард кашанд? Чаро не, онҳо низ мисли инсон офаридаи парвардигори ҳаждаҳ ҳазор оламанд ва ҳар чизе ун зоти пок офаридааст, бояд ранҷ бинаду дард кашад. Агар ҳамин тавр аст, пас чаро ин сарбозони тангчашму

қийғосисадо аз дарду ранҷ бехабаранд, ба ҷуз ғорату куштор шуғли дигаре надоранд…

– Канӣ, пеш даро! – Кадоме аз соҳибони ин шуғл бо садои гӯшхарош Искандарро аз олами андешаҳо ба худ овард.

Хунёгари танобдаргарданро назди сипаҳсолор оварданд, ки дар сухану сурат аз сарбозонаш ҳам бадгуҳару турӯштар буд.

– Бихон! – Ба ҷои хоҳиш амр кард сипаҳсолор.

– Таноб дар гардан хонам? – Арзи ҳол намуд Искандар.

Вақте бо амри сипаҳсолор танобро аз гардани Искандар кушоданд, хунёгари бузург тамасхуромез пурсид:

– Чӣ хонам?

– Суруд хон! – Бо ғазаб пеш омад кадоме аз сарбозони тангчашм.

– Наметавонам, – узр овард хунёгари бузург. – Суруд парвардаи ақлу ҷон аст, ман онро барои одамон мехонам.

– Чӣ, ба фикри ту мо одам нестем?! – Бонг зад сипаҳсолор ва бо хашми беандоза амр кард. – Баред ӯро ба зиндон! Агар субҳ дар базми мо нахонад, пеши пои фили маст андозед ин лаъинро.

Бо амри сипаҳсолори пурғазаб Искандарро кашон-кашон ба таҳхонаи сангин бурданд ва дари онро тамба зада, чанд посбон монданд. Хунёгари таҳқирдидаву ғамзада ҷазои барояш раво дидаи одамони гургсиратро тасаввур намуда, нақли пирамарди фариштасуратро ёд овард, ки гуфта буд: «Бобокалонат-ромишгари бузург Борбад барои он ки дар базми аҷнабиёни ғосиб нанавозад, панҷаҳои худро бо теша кӯтоҳ кард»... Наход пас аз садсолаҳо ин қисмат боз такрор шаваду Искандари хунёгар дур аз диёру Қамари нозанин, дар биёбони бесамар зери пои фили маст зору ҳақир бимирад? Шояд бихонад?.. Не, суруд барои баҳрабардории инсон аст, на барои фароғати мастонаи гургон! Барои ҳамин номус бобокалонаш аз баҳри дасти нағмапардоз бигузашт, чаро ӯ аз баҳри ҷон нагузарад...

Субҳи дигар сарбозони хуношом боз кашон-кашон ӯро

назди сипаҳсолор бурданд ва чун диданд, ки муроде ҳосил нест, ба фил чанд машк шароби бадбӯй дода, Искандару фили мастро ба майдон овварданд. Ва... фил ҳанӯз наъра накашида рӯи осмони биёбонро ғубор гирифт ва дар пардаи ҳамин ғубор хунёгари дасту по баста худро рӯи боли паррандаи азиме дар осмон дид. Искандар аз домани хотираҳои бачагӣ паррандаи накӯкору нуқраболи дар афсонаҳои модар шунидаашро шинохт. Симурғи накӯкор пас аз хеле парвоз кардану аз оғӯши биёбони бесамар раҳо ёфтан дар домани марғзоре тавaққуф намуда, дасту пои хунёгари бузургро аз банд раҳо карду гуфт:

– Ба хотири бузургии миллат умре ба ҳама насли ориёӣ мадад кардам. Бо хости парвардигор ин мадад насиби ту ҳам будааст.

Ва ҳанӯз Искандар бахри сипос лаб ба сухан боз накарда Симурғи накӯкор мададе дигаре пеш овард:

– Ин аспи зарринлаҷоми хуросонӣ, ки дар марғузор мебинӣ, туро ба манзил мерасонад. Боқӣ қисмату насибат.

Симурғи накӯкор пас аз ин сухан, ҳамон тавре ки аз само ногаҳон пайдо гардида буд, ҳамон тавр дар фазои осмони нилгун ғайб зад ва Искандари пазмони ёру диёр савори аспи зарринлаҷоми хуросонӣ ба роҳ баромад.

Хунёгари бузург пас аз чанд рӯз роҳ паймудан ба Сароб расида, онро бо деҳаҳои гирду атроф дар хуну хокистар, қасри миру боғи дилкушои онро харобу валангор дид. Дарду ғами ғайб задани Қамари нозанин барои Искандар аз ваҳшати ин хуну хок ҳам гаронтар буд. Нафаре мегуфт, ки баъди дар муҳорибаи беамон ҳалок гардидани миру сарбозон Қамарро дар боғ дида буд. Дигаре хабар дод, ки духтари мир аз таъқиби аҷнабиён наҷот ҷуста бо пайраҳаи сангин ҷониби дарё рафт ва аҷаб не наҷоти худро дар қаъри кӯли азим ҷуст...

Ва Искандари дунёгумкарда бо дарду андӯҳе, ки тобу тавонашро ҳатто кӯҳи Сароб надошт, ҷониби кӯли азим рафт. Хунёгари бузург сари шахи баланде, ки болои оби чун ашк мусаффои кӯл сояафкан буд, ба умеди дидор мас-

кан гузида, ҳамарӯза дар фироқи ёри бовафояш суруд мехонд. Оҳанги уд ифшогари ҳама дарду ғамҳои олам буду сурудаш аз мағзи ҷон берун меомад. Ба ҳамин минвол аз ғайб задани Қамари нозанин як моҳи пурра гузашт ва Искандари дар фироқи ёр ақлбохта шаби чордаҳрӯзагии моҳи мунир акси дилҷӯи Қамари нозанинро бо ҳусну малоҳати нотакрор дар оғӯши кӯл дида, бо як ҷаҳон ҳавас худро ба об андохт. Аспи сафеди зарринлаҷоми хуросонӣ низ ба рамзи садоқат шиҳакашон дар ҷустуҷӯи Искандар ба қаъри кӯли азим рафт...

Ана ҳамин тавр, ҷони дада, бо мурури солҳо мардум ин кӯли азимро, ки байни кӯҳҳои сар ба фалак кашида чун шоҳкосаи бузург афтодааст, ба хотири хунёгари бузургу ишқи поки ӯ Искандаркӯл номидаанд. Ва боз мардум пас аз шунидани он ки моҳ Қамари нозанинро дар оғӯши хеш ҷой додааст, ин мӯъҷизаи осмонро Қамар ном карданд.

Баъд аз қиссаи Искандари хунёгару Қамари нозанин боз саду як достони дигари ишқу садоқат тавлид ёфта бошад ҳам, ривояти Искандару Қамар дар вафодорӣ ҳамтое надорад. Шояд бузургии ҳамин садоқату вафодорист, ки ҳар боре акси моҳи чордаҳшаба ба оби мисли ашк мусаффои кӯл афтад, аз қаъри Искандаркӯл аспи сафеди зарринлаҷоми хуросонӣ бо хунёгари уднавоз бармехезад ва дар тани шаххҳои баланд лаҳзае мақоми «Ушшоқ» танинандоз мегардад.

# АФСОНАҲО

## ЧАШМАИ ҶОДУ

Буд набуд, як бачаи донову чаққон ва модари ғамхору меҳрубон…. Не, ҷони дада, буд, ҳаст ва бисёр хоҳанд буд, бачаҳои донову чаққон ва модарони ғамхору меҳрубон.

Ана ҳамин бачаи донову чаққон дар оилаи деҳқон, дар деҳаи дурдасти кӯҳистон пас аз соҳиби ҳафт духтар гардидани падару модар ба дунё омад ва волидайн бо нияти он ки сараш аз санг бошаду шери Худо – ҳазрати Алӣ мададгораш, ӯро Сангалӣ ном карданд.

Дар урфият беҳуда «нияти нек-ними давлат» нагуфтаанд. Сангалӣ хеле зираку доно, ба ҳар дарду мушкилот тобовару тавоно ба камол мерасид. Мӯйсафедони деҳа ӯро ҳанӯз дар синни ҳафтсолагӣ ақлу фаросати одами ҳафтодсоларо дорад, мегуфтанд.

Сангалӣ низ мисли ҳама бачаҳои боақлу доно афсонаро дӯст медошт ва ҳар шаб аз модари ғамхору меҳрубонаш талаб мекард, ки барояш афсона гӯяд. Модар ба ӯ афсонаҳои аз модару модаркалон шунидаашро қисса мекард. Ва Сангалӣ қабл аз он ки афсона шунавад, дар сар хаёли рангин, дар дил орзуҳои ширин аз модар мепурсид:

– Оча, ёқути гарданат куҷо шуд?

– Ҳамон соле, ки қавми мирсобирӣ бо мирҳайдариҳо ҷанҷол карда, дастбагиребон шуданд, ба деҳа аз ким – куҷо халосгарони бисёр омаданд. Бархе аз ҳамин маҳалҳои гирду атроф буданду дигарашон аз кишварҳои дуре, ки ҳатто номашонро нашунида будем. Ана дар ҳамин ҷангу моҷаро ҳам ёқути ман гум шуду ҳам китоби додот. Ун

ёқуту китоб меросӣ буд, бачем. Барои ҳамин ҳам хона ба хона, кӯча ба кӯча хоки деҳаро бод карда кофтем, аммо наёфтем.

– Мероси пурарзиш бошад, шояд дуздиданд?

– Аҷаб не, лекин аз ҳамон рӯзе, ки ун китобу ёқут гум шуд, ҳама қавмҳо ба саду як бало гирифтор шуданд...

Ана ҳамин тавр, ҳар шаб Сангалии донову чаққон дар сар хаёли ёқуту китоби меросӣ гӯш ба афсонаи модар медод, ки чунин оғоз мееёфт:

– Дар замонҳои хеле қадим, дар ҳамон давроне, ки Бойсуни мо ҷуз тали сурху дарёчаи шӯхоб чизи дигар надошт, се бародар – Мирсобиру Мирҳайдару Мирёқуб аз як шаҳри азими дунё ба сафар баромаданд...

Сангалӣ ин афсонаи борҳо шунидаашро қариб азёд медонад. Медонад, ки бародарон — амирзодаҳои Бухоро Бойсунро бо ақлу хиради баланд обод ва дар тиҷорат шуҳраи дунё мекунанд. Аммо аз ноаҳлии аҷдоди амирзодаҳо ва бо ҳамдигар муросо накардани онҳо оқибат Бойсуни дар кишоварзию тиҷорат шуҳраи дунёро аҷнабиён соҳиб мешаванд.

Ва имшаб пас аз анҷоми афсона Сангалиро дил ба ёди падар гум зада, сари ҳамин пазмониҳо пурсид:

– Оча, додом аз кадом авлоди ин амирзодаҳо буд?

– Ба назарам аз авлоди мирёқубиҳо.

– Аниқ намедонӣ?

– Не, бачем, одам ҳазор кӯшиш кунад ҳам, базӯр ҳафт пушташро медонад. Афсонае, ки ба ту гуфтам, таърихи ҳазору садсола дорад.

– Чаро мондӣ, ки баъд аз ҳазору сад сол додома баранд?

– Онҳо ҳама аспсавору шамшербадаст буданд. Аз дасти мани муштипар чӣ ҳам меомад?

– Домодҳоят ҳам мадад накарданд? Ба қавли худат, шукри Худо, онҳо ҳафт нафар буданд.

– Буданд ва шукри Худо ҳастанд, аммо ба ҷонаш ҷонатро пайвандӣ ҳам, домод ба ҷои фарзанд нест.

– Хайр, худат доду фиғон мекардӣ, рӯю мӯй мекандӣ, чи хеле дар мурдаи тағоям кардӣ.

– Одам то мурдаро ба чашм набинад, рӯю мӯй намеканад, бачем. Додот беному нишон шуд. Даҳ сол аст, ки ба ҷои рӯю мӯй ҳар рӯз ҷон меканам. Ҳар рӯз сад бор мемурам ва аз нав зинда мешавам.

*Зиндагӣ кардани ман мурдани тадриҷӣ буд,*
*Он чӣ ҷон канд танам, умр ҳисобаш кардам…*

– Гиря накун, оча, ман албатта ӯро меёбам. Кофта — кофта то Ҳулбуку Бухоро меравам. Агар аз Ҳулбуку Бухоро наёбам, тамоми дунёро мекобаму меёбам.

Ва рӯзи дигар Сангалӣ аз модар дуо гирифта, дар ҷустуҷӯи падар ба роҳ баромад. Модар ба хӯрҷини аз бобокалон меросӣ барои ӯ тӯшаи роҳ андухта, гуфт, ки саворони шамшербадаст падаратро ҷониби офтобнишин бурда буданд.

Ҳамин тавр Сангалӣ дар кифт тӯшаи роҳ, дар по мӯзаи додо, дар дил меҳри Худо аз деҳаи чор ҳаддаш бо шахҳои азим ҳалқабанд баромада, рӯ ҷониби офтобнишин рафт. Чанд шабу чанд рӯз роҳ паймуда, чанд қуллаву ағбаро убур карда, оқибат гуруснаву ташна расид ба домани кӯҳи Анзоб. Кӯҳ аз оғоз то фароз сангистон бошад ҳам, он қадар сабзу хуррам буд, ки ҳар роҳгузарро мафтун мекард ва Сангалӣ мафтуни арчаҳои сарсабзу сангҳои пурҷило ба нияти каме фароғат зери арчаи азим лаби чашмае нишаст. Оби чашма он қадар мусаффо буд, ки ҳатто сангҳои қаъри он бо дурахши рангҳои зарду бунафш чашм мебурданд. Азбаски сахт гуруснаву ташна буд, як пора нони тӯшаи роҳ гирифтаашро ба оби чашма тар карда хӯрданӣ шуд. Баробари ӯро аз дил гузаштани ин андеша оби софи чашма худ аз худ лойолуд шуд. Сангалӣ дид, ки симурғи нуқраболе минқор зада оби чашмаро лойолуд мекунад.

– Ай паррандаи нуқрабол, ман сифати туро аз афсонаҳо шунидаам, – гуфт Сангалӣ ба симурғи накӯкор. – Мон, ки дар ин оби зулол нон тар карда хӯрам.

– Аз ин об нанӯш, заҳролуд аст,— гуфт симурғи нуқрабол ва бо боли зебои худ ҷониби ду пайкараи сангин, ки дар пайраҳаи оҳугузар даст ба гиребони ҳамдигар бу-

данд, ишора кард. – Магар намебинӣ аҷдоди ту аз нӯшидани ин об ба чӣ ҳол гирифтор шуданд?

– Ҳамин одамони сангин аҷдоди мананд? – Бо ҳайрат аз ҷой бархоста ба пайкараҳои сангин зеҳн монд Сангалӣ.

– Бале, аҷдоди туянд, – гуфт дар ҷавоб симурғи нуқрабол ва шарҳ дод. – Онҳоро гоҳе бо фиребу найранг, гоҳе бо таҳдиди теғу туфанг ба ин ҷо меоваранд, то аз оби ин чашмаи ҷоду бинӯшанду ба хуни ҳамдигар ташна шаванд.

– Оби ин чашма аз ибтидо ҷоду буд?

– Не, писари доно, оби худодод аз ибтидо ҷоду буда наметавонад, -посух дод симурғи нуқрабол. – Одамони худобехабар аз рӯи ғаразу бадхоҳӣ неъмати худододро ҷоду мекунанд.

– Кадом худобехабар ин корро кард?

– Кӣ мешуд, душман. Ҳамоне, ки бадхоҳи ту асту ҳазору сад сол инҷониб ба аҷдодат бо ҳар роҳу тариқа зиён мерасонад.

– Чӣ мехоҳад ун лаънатӣ?! — Аз ғазаб фиғон дар гулӯ печид Сангалиро.

– Чӣ мехост, сарвату давлат ва боқимондаи мулки аҷдодиятро, ки кайҳо инҷониб дар қасдаш аст.

– Мулки бобоиям буду шуд кӯҳ асту як мушт хок. Наход ин ҳарисони...

– Бале, ҳарисони сарват чашми серӣ надоранд, — пеши сухани Сангалиро гирифт симурғи нуқрабол. – Барои ҳамин ҳам «чашми танги марди дунёдорро ё қаноат нур кунад, ё хоки гӯр» гуфтаанд.

– Наход аз ин чашмаи ҷоду фақат бобою додои ман об нӯшида бошанд? – Бо алам пурсид Сангалӣ аз симурғи нуқрабол.

– Не, дигарон ҳам нӯшидаанд. Ҳазору сад сол аст, ки аҷдодат аз ин чашмаи бо макру найранг ҷоду кардаи душман об менӯшанду бо ҳамдигар мешаванд дастбагиребон ва аз ғазаби Худо мегарданд санг, – симурғи нуқрабол инро гуфта наздики Сангалӣ омад ва бо боли зебояш ба паҳнои кӯҳи Анзоб ишора кард. – Дар домони ин кӯҳ

ҳазорҳо пайкараи сангин бо ҳамдигар дастбагиребонанд.

Сангалӣ ба паҳнои кӯҳ ҳарчанд зеҳн монд, ба ҷуз ду пайкараи сангини пайраҳаи оҳугузар дигар пайкарае надид. Симурғи нуқрабол инро дарк намуда, шарҳ дод:

– Ту ба ҷуз пайкараи падару бобоят дигар пайкараҳоро намебинӣ. Одамони аз оби чашмаи ҷоду сангшуда туфайли меҳру муҳаббати азалӣ танҳо ба назари фарзандони худ менамоянду бас.

Сангалиро дил ба ҳоли додою бобо сӯхт ва гирён аз симурғи нуқрабол гила кард:

– Чаро оби чашмаи ҷодуро барвақттар лойолуд накардӣ? Шояд додому бобоям ман барин об намехӯрданду…

– Не, писари доно, калонсолон одати дигар доранд. Дидану хӯрдани ҳар чизеро манъ кунӣ, агар заҳр бошад ҳам, ба ҳар роҳу восита ҳатман мечашанду мебинанд. Ғайр аз ин онҳо ҳама пурғазаб ва дар ҷаҳолат буданд. Ту хуб медонӣ, ки ман аз ғазабу ҷаҳл ҳазар дорам.

Сангалии ба дидори падар пазмону дар ҷустуҷӯяш сарсон намедонист чӣ кор кунад. Оби чашмаи ҷоду кори худро карда буд. Падару бобояш кайҳо дар пайраҳаи оҳугузар аз ғазаби Худо санг шуда буданд. Наход гиребони падараш дар қабзаи панҷаҳои сангини бобояш ҳамин тавр абадудаҳр бимонад?

– Не, писари доно, агар ту кӯшиш ба харҷ диҳӣ, онҳо аз ин бало раҳо хоҳанд ёфт, – гуфт симурғи нуқрабол чашмони Сангалиро наму чеҳраашро пурғам дида.

– Наход?! – Хушҳол нидо кард Сангалӣ.

– Бале, – ӯро таскин дод симурғи накӯкор. – Барои ин ту бояд то гӯшаи дигари дунё сафар кунӣ, ҳар мушкилие пеш ояд, написандӣ ва ёқуту китоби меросии волидайнатро пайдо намоӣ.

– Ман бо дилу ҷон розӣ! – Шитобзада аз ҷой хест Сангалӣ. – Бигӯ, симурғи накӯкор, ба кадом самт равам?

– Дар ҳеҷ амал шитобзада мабош, писари доно, – Сангалиро панд хонд симурғи накӯкор. – Аҷдоди ту ба ҳама балоҳо аз ҳамин шитобзадагию кӯтоҳандешиҳо гирифтор

шуданд.

– Ман шитобзада нестам, аммо намедонам куҷо равам, аз кӣ мадад талабам, – ба нотавонии худ иқрор овард Сангалӣ.

– Мададгори ҳама одам танҳо Худост, – посух дод симурғи нуқрабол. – Ту, писари доно, имшаб зери ҳамин арчаи ҳазорсола дам гир ва рӯзи дигар қиссаи зоғу оби ҳаётро ёд оварда, баробари тулӯи офтоб ҷониби даштҳои паҳно рав. Ун кишвари паҳно бо ҳама қасру манора ва мадрасаву расадхонаҳо замоне мулки бобоият буд.

Азбаски Сангалӣ ҳанӯз бача ва дӯстдори афсона буд, ба ҷои пурсиши қасру манораҳои бобоӣ бо андешаи баҳрабардориҳои бештаре аз афсона ба симурғи нуқрабол суол кард:

– Қиссаи зоғу оби ҳаёт чӣ афсона аст?

– Афсонаи бенасибиҳои бобокалони ту ва шумхабариҳои зоғ, – гуфт дар ҷавоб симурғи нуқрабол ва қабл аз он ки Сангалии аз кӯфти сафар хастаро зери арчаи ҳазорсола хоб барад, қисса кард:

– Ривоят ҳаст ки Тоҷикпадар бандаи назаркардаи Худо, яъне ориёӣ буд ва бо марҳамату лутфи Парвардигори ҳаждаҳ ҳазор олам амр шуд, ки ба ӯ оби ҳаёт баранд. Ин амал аз тасодуф буд ё амри тақдир ба ӯҳдаи зоғ афтод.

Зоғ дар нӯл кӯзачаи оби ҳаёт чанд шабу чанд рӯз парвоз намуда, дар биёбонҳо зери буттаҳо, дар марғзорҳо дар оғӯши гулзорҳо дам гирифта оқибат расид ба ҳамин кӯҳе, ки онро имрӯз Анзоб ном аст. То манзили Тоҷикпадар мебоист зоғ боз ду кӯҳу як дарёи дигарро убур мекард. Аломати хастагии парранда буд ё бенасибии Тоҷикпадар, ки зоғ хост назди ҳамин арчаи шахи баланд лаҳзае дам гирад. Ҳини ба замин нишастан рӯи санг пояш лагжиду кӯзачаи оби ҳаёт зери дарахт рехт. Зоғ бо фиғон кӯзачаро бардошт, аммо дер шуда буд. Ҳини кӯзачаро бардоштан аз оби ҳаёт зоғро нӯл тар шуду боқӣ ҳама нӯши ҷони арчаи тани шахи баланд гардид.

Аслан зоғ паррандаи сиёҳ ва садояш низ гӯшхарош набуд. Вай паррандаи сафеду зебо ва хушсадое буд. Аз дарду

алами оби ҳаётро то ба манзили Тоҷикпадар нарасонидан худаш сиёҳ ва аз фиғони пайваста барои ин гуноҳ садояш гӯшхарошу шумхабар шуд...

Сангалӣ то ин қиссаву чанд афсонаи дигар шунид, ки субҳ дамид ва қабл аз тулӯи офтоб дар партави шафақи лолагун лаби чашма аспи сафеди зарринлаҷом дид.

– Ин асп маҳтали туст, – гуфт симурғи накӯкор. – Савор шаву баробари тулӯи офтоб ба роҳ баро. Туро ин аспи хуросонию тӯшаи роҳ ба мурод мерасонад.

Сангалӣ бо як ҷаҳон ҳавасу ғайрат ҷониби аспи зарринлаҷоми хуросонӣ рафт ва симурғи накӯкор қабл аз он ки бол ба парвоз кушояд, таъкид кард:

– Ҳамин ки бо ёқуту китоби меросӣ баргаштӣ, ёкутро ба оби ин чашма андоз. Аз қудрати он тилисми ҷоду шикаста, оқибати корҳо бахайр хоҳад шуд.

– Ин некиятро ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳам кард, симурғи накӯкор, – бо арзи сипос даст пеши бар гирифт Сангалӣ ва қабл аз он ки савори аспи зарринлаҷоми хуросонӣ ба роҳ бароял, пурсид. – Бигӯ, манзили ту куҷост, то баъди сафар баҳри сипос наздат оям.

– Ман мурғи ҳавоям, манзилам дар дилу дидаи олам аст, – садо омад аз авҷи само. – Достони маро бобокалони ту Тоҷикпадар ва аз ӯ ҳам хубтар Золи Зару пури ӯ Рустам медонад.

– Кадом Рустам?

– Ҳамон Рустаме, ки худованди сухан бо достон тобу тавон бахшид ва рӯҳи ин паҳлавон дар ин сафар туро мададгор хоҳад буд.

Ва Сангалӣ бо тобу тавони рустамона рӯ овард ба кишварҳои мардумаш афсунгар. Ӯро дар ин сафар рӯҳи Рустами достон мададгор, аспи зарринлаҷоми хуросонӣ хизматтор буд. Вай пас аз чанд шабу чанд рӯз роҳ паймудан ба кишваре расид, ки дувоздаҳ дарвоза дошт ва дар ҳар дарвоза каллаи се махлуқи хачирмонанд ба ханҷарҳои тез устувор буд. Ба садои Сангалӣ яке аз дарвозаҳоро одамоне кушоданд, ки айнан қаду басти хачирро доштанд. Даставвал хостанд Сангалиро бандӣ кунанд, аммо чун ди-

данд, ки дар хӯрҷин ба ҷуз як банд ҳазориспанду ойина ва як мушт намак чизи дигаре нест, «сафи ғуломони кишвар боз як нафар зиёд шуд» гӯён раҳояш карданд.

Сангалӣ дар ин кишвари хачирпарастони рафидарӯй, ки саросар дашт буду чарогоҳ, аз ҳавои ғализ нафасгардон, аз садоҳои гӯшхарош гурезон мерафту мерафт ва ҷо – ҷо дар ғубори аз суми порпоёну даву ғеҷи рафидарӯён бархеста иморатҳои нақшину гумбадҳои нилгун, тоҷу тахтҳои тиллоиву нуқрагун дида ҳайрон мешуд. Ҳама ин қасру иморатҳо, масҷиду мадрасаҳо гӯё бахше буд аз афсонаҳои модараш дар бораи се тан амирзодаҳо.

Сангалӣ нафасгардон аз ҳавои ғализ, ҳайрон аз рӯъёи қасру тахтҳо дар даштҳои паҳнои рафидарӯйҳо чӣ қадар сарсону саргардон гашт, ёд надорад. Ҳар қадаре роҳ мепаймуд, ҳамон андоза ҳолаш табоҳ мешуд аз ҳавои ғализу гирумони рафидарӯйҳо. Ва рӯзе аз рӯзҳо эҳсос кард, ки дигар мадори нафас кашидану тобу тавони роҳ паймудан надорад. Дар қабзаи нафасгардониҳо ӯро тӯшаи роҳ ба ёд омад ва аз хӯрҷин ҳазориспанд бароварда дуд андохт. Дуди ҳазориспанд ба бӯйи ғализи кишвари рафидарӯйҳо ғолиб омад ва аспи зарринлаҷоми хуросонӣ роҳ ҷониби қасри ҳафтранге гирифт, ки то ин дам дар оғӯши ҳавои ғализи дашт чун сароб ба назар мерасид. Сангалӣ баробари ба қаср расидан ҳама он нақшу рангҳоро, ки модар ҳар шаб бо ҳавасҳои беохир ҳикоят мекард, шинохт, аммо аз он ҳарфу навиштаҷоте, ки қиссагӯ ёд меовард, ному нишоне набуд. Дар пештоқи қаср ба ҷои ун андарзҳои аз китобҳои муқаддас ҳаккокигардида акси махлуқони хачирмонандро насб карда буданд. Сангалӣ худ ба худ андешид: «Наход қасри Манучеҳршоҳро ба чунин ҳол гирифтор карда бошанд?» ва бо нияти аз ҳоли китобхонаи шоҳаншоҳӣ огоҳӣ ёфтан вориди қаср гардиданӣ буд, ки чор тан аз посбонони манзил пеши роҳашро гирифтанд.

– Куҷо меравӣ?

– Куҷо мешуд, ба тамошои қасри бобокалонам, – посух дод Сангалӣ.

– Кадом бобокалон? – Писханд заданд посбонони

рафидарӯй.

– Ҳамоне ки ин қасрро бунёд кардааст! – Нидо кард Сангалӣ ва бо ифтихор афзуд. – Ӯро Самару абераро Манучеҳр ном буд ва ман абераи Манучеҳршоҳам.

– Ту дохундаро ба шоҳу қаср чӣ кор?! – Бо ғазаб шамшер кашид яке аз посбонҳои рафидарӯй.

– Бачаи ҳушёр барин, – андешаашро ба забон овард посбони дигар ва ба ҳамроҳони шамшербадасташ маслиҳат дод. – Мағзи сари ин сағираро ҳам мебояд мисли аҷдодаш дар офтоби тамуз хушк кард.

– Яъне манқурташ кунем? – Маслдиҳатомез сухани ӯро тақвият дод посбони шамшербадаст.

– Бале!

Ҳанӯз фурсати ин гапро гуфтан нашуда, чанд тан одамони рафидарӯй, ки дуртар аз посбонҳои шамшербадаст ин гирумонро назора доштанд, мисли лошахӯрони дашт ба Сангалӣ ҳуҷум оварданд. Вале чобуксавори аспи зарринлаҷоми хуросонӣ ба рафидарӯйҳо имкони дасту пояшро бастан надода, бо як ҷаҳиш худро болои зин гирифт ва асп аз ҷои ист мисли тир парид. Аз ин амали барқосои Сангалию аспи зарринлаҷом қийғоси одамони рафидарӯй ба фалак печид. Онҳо бо ғазаби беамону шамшерҳои урён Сангалии чобуксаворро то боғу роғҳои гулбасар думболагирӣ карданд.

Ва ту, ҷони дада, бидон, ки дар ҳама давру замон бодиянишинон аз боғу роғҳои гулбасар ҳазар доштанд. Аз ин рӯ баробари дар оғӯши боғи пур аз меваи чаҳор ҳаддаш гулзор паноҳ бурдани аспи зарринлаҷоми хуросонӣ рафидарӯйҳои шамшербадаст таъқибро бас намуда, баргаштанд ба ун манзилу қасрҳои замоне ғасб кардаашон.

Дар боғи пур аз меваи чаҳор ҳаддаш гулзор ҷон роҳат кард Сангалиро. Аспи зарринлаҷоми хуросонӣ низ пас аз шасту дави роҳи дурудароз солор-солор қадам бардошта, кӯфти роҳ мешикаст. Ҳар қадар савор бо аспи зарринлаҷом пеш мерафт, боғҳои ғарқи меваю гулзорҳои рангбаранг ҳамон андоза фарохтар доман мекушоданд. Ҳайрати Сангалӣ аз он буд, ки дар ин боғу роғҳои гулбасар ва манзилҳои ободу мунаққаш аз одам ному нишоне

набуд.

Сангалӣ таъиноти симурғи накӯкорро ёд оварда, ба ҳамон самте мерафт, ки офтоб менишаст. Ӯ пас аз хеле раҳ паймудан расид ба саргаҳи боғе, ки чанд тан мӯйсафеди барҷомонда назди кулбаи бомаш фатарот давра гирифта суҳбат доштанд. Ӯ ба эҳтироми мӯйсафедон аз асп фуромада, салом дод ва сабаби бесоҳибии ин қадар манзилҳои ободу боғҳои доманфарохро пурсон шуд. Мӯйсафедон посух доданд, ки ҳама хурду калон бо ташвиқу ҳидояти марди рӯбаҳсурате ба кишвари афсонаҳо рафтанд.

– Кишвари шумо худ афсона аст, – эрод гирифт Сангалӣ. – Магар зебоии афсона аз ободиҳои ин мулк бештар буда метавонад?

– Онҳое, ки дунболи ҳамун марди рӯбаҳсурати аҷнабӣ рафтанд, мегӯянд, ки фароғати ун кишвари афсонаҳо аз зиндагии ин мулк волотар аст, – гуфт мӯйсафеде, ки бо қомати хамида такя бар асо дашт.

– Ин хел бошад, чаро шумо нарафтед? – Мароқ зоҳир намуд Сангалӣ.

– Моро умр ба ҷое расид, писар, – посух доданд мӯйсафедон. – Тобу тавони ун рақсу бозиҳое, ки онҳо мекунанд, надорем.

– Ун кишвари афсонаҳо куҷост? – Пурсид Сангалӣ бо андешаи пайдо намудани мардуми раҳгумзада.

– Дар лаби баҳри азим, ун ҷое, ки офтоб ғуруб мекунад, – посух дод кадоме аз мӯйсафедон.

Ва Сангалӣ рӯ овард ба баҳр, ҷониби офтобнишин. Азбаски дами ғуруби офтоб буд, шитоб кард ва бо аспи зарринлаҷоми хуросонӣ муддате нагузашта расид ба соҳили баҳри азим. Ҳавои соҳил нарму форам буду садои мавҷҳои хурӯшон омехта бо навоҳои шӯх гӯшнавоз. Аммо торикистони соҳилу гирумони одамон ваҳмангез ба назар мерасид. Чароғҳои хирасӯзи соҳил рӯшание надоштанд. Одамон ҳар ҷо гурӯҳ – гурӯҳ давра гирифта, меваҳои ширин мехӯрданд ва хурду калон бараҳна бе ҳеҷ ибо дар оғӯши ҳамдигар арғушт мерафтанд. Ҳанӯз фурсати таҳаммул кардани ин гирумони аҷоибу ғароиб нашуда аз як гӯшаи торикистони соҳил марди рӯбаҳсурате пайдо

гардида Сангалиро пазирой намуд:

– Хуш омадӣ, писар.

Сангалӣ марди рӯбаҳсурати аҷнабиро бо як назар шинохта бошад ҳам, гулпурсӣ кард:

– Ин ҷо чӣ кишварест?

– Кишвари афсонаҳо, ки ҳама орзуяш мекунанд, – посух дод марди рӯбаҳсурат. – Бубин одамон чи гуна хушҳоланд, фориғ аз ҳама ғаму ташвишҳо арғушт мераванд, беибо ба висоли ҳамдигар мерасанд, парвои дунё надоранд.

– Инҳо ҳама сокинони ҳамун боғу роғҳои дилкушоянд? – Тахминашро аниқ карданӣ шуд Сангалӣ.

– Бале, сокинони ҳамун мулканд, – гуфт дар ҷавоб марди рӯбаҳсурат. – Лекин, бигӯ, онҳо дар ун боғу роғҳои дилкушо ба ҷуз заҳмати миёншикан чӣ дида буданд? Бубин ин ҷо ҳама соҳибихтиёранду аз шаҳди меваи махмур фароғат доранд. Ту ҳам метавонӣ аз лаззати ин мева баҳрабадор бошӣ.

– Не, ман бояд ба мулки офтобнишин равам, – гуфт Сангалӣ.

– Кӯшиши беҳуда, – эрод гирифт марди рӯбаҳсурат. – Ту ба кишваре расидӣ, ки на офтоб дораду на маҳтоб. Барои ин кишвар нур бегона аст.

– Чӣ тавр бе нур метавон зист?! – Беихтиёр нидо кард Сангалӣ ва ҳини ҳамин нидо ӯро тӯшаи роҳ ба ёд омад.

Баробари аз хӯрҷини бобой баровардани ойина дар соҳили баҳр гӯё офтоб тулӯъ карда бошад, атроф мисли рӯз рӯшан шуд. Дар партави ҳамин нур марди рӯбаҳсурат ғайб зад, одамони мадҳуш ҳушёр гардида, осемавор сару либос пӯшиданд ва Сангалӣ рӯи мавҷҳои хурӯшони баҳр киштии бузурги Шоҳанбарро дид, ки сифати онро аз симурғи накӯкор шунида буд.

Ва ин киштии азим Сангалию аспи зарринлаҷоми хуросониро пас аз чанд шабу чанд рӯз ба кишваре расонид, ки бо иморатҳои шишагину оҳанинаш афсона ва ҳама сокинонаш рӯбаҳсурат буданд.

Сангалӣ дар ин кишвари афсонавии рӯбаҳсуратон дар ҷустуҷӯи ёқути модару китоби падар чанд муддат гашт, ёд надорад. Одамони рӯбаҳсурат аз ӯ шубҳа доштанду ҳар

қадамашро назора мекарданд.

Рӯзе аз рӯзҳо Сангалӣ дар яке аз таҳхонаҳои қасри оҳанин зери саду як қабат шишаҳои тилисмшуда ёқуту китоби меросиро дида фарёд кард:

– Ёфтам!

Рӯбаҳсуратон, ки дар ин ҷо низ ӯро назорат мекарданд, ба ҳолаш писханд заданду гуфтанд:

– Хайр чӣ? Ҳеҷ андеша накардӣ, ки онро аз зери саду як қабат шишаи сеҳрнок чӣ тавр берун меорӣ?

Ин лаҳза Сангалиро тӯшаи роҳ ба ёд омад ва фавран ҳамон як мушт намаки кӯҳи Хоҷамуъминро гирифта, рӯйи шишаҳои сеҳрнок пошид. Бо қудрати намаки диёру амри Парвардигор шишаҳо аз ҳам фурӯ рехта, ёқуту китоби меросӣ дар як лаҳза ба хӯрҷини Сангалӣ ҷо шуд ва аспи зарринлаҷоми хуросонӣ ҷониби киштии азими Шоҳанбар шасту дав гирифт. Ҳарчанд тамоми сокинони рӯбаҳсурати шаҳри тилисмҳо ба по хеста, ӯро таъқиб карданд, дастгир карда натавонистанд. Сангалӣ бо аспи зарринлаҷоми хуросонӣ савори киштии азими Шоҳанбар то боғу роғҳои пур аз мева расид ва одамони соҳили баҳрро машғули кор дида хурсанд шуд. Даштҳои бесамари кишвари рафидарӯйиҳоро низ ба шарофати дуди ҳамон ҳазориспанд бехавфу хатар гузашта, пас аз чил шабу чил рӯз хушҳолу чаққон назди чашмаи кӯҳи Анзоб ҳозир гардид. Баробари ба чашма андохтани ёқути меросӣ оби он хушк шуд ва фурсате нагузашта он аз нав ҷӯш зад. Сангалӣ таъиноти симурғи накӯкорро ёд оварда, як панҷа оби чашмаро ба рӯйи пайкараҳои сангини падару бобояш пошид. Пайкараҳои сангин ларзиданду падару бобои Сангалӣ эҳё гардида, гиребони ҳамдигарро сар доданд ва бо хандаву гиря якдигарро оғӯш гирифтанд. Ва Сангалӣ қабл аз он ки китоби меросиро ба бобояш диҳад, онро саҳифа кушода дид, ки баробари саду як андарзи бузургон чунин навиштаҷот сабт аст:

«Ҳар нафаре тилисми чашмаи ҷоду бишканад, об ҳамранги номи ӯ шавад»...

Ва падару бобои Сангалӣ бо ҳайрат диданд, ки оби ҷонбахшу мусаффои чашма пас аз чанд ваҷаб ҷорӣ шудан

батадриҷ санг мешавад, санги сафеди хокмонанд.

Ана ҳамин тавр, ҷони дада, ин чашмаро мардум ба хотири шуҷоат ва ақлу заковати Сангалӣ бо эҳтиром ба номи ӯ мартабаи хоҷаро зам намуда Хоҷасангхок ном карданд.

Ва ҳар гоҳ туро, ҷони дада, гузар ба ағбаи Анзоб афтад, ҳатман аз оби чашмаи Хоҷасангхок нӯш кун, ки ҳузури ҷони одам аст.

## НЕКӢ КУНУ БА ДАРЁ АНДОЗ

Буд набуд як деҳаи обод… Не, ҷони дада, буд. Он солҳо, ки ман мисли ту бача будаму афсонашунав ҳама чиз буд. Деҳаҳои ободу киштзорҳои шукуфон , нозу неъмати фаровону хандаи бозии кӯдакон. Ана дар ҳамон давру замон дар деҳаи Боғистон ҳама кор мекарданд. Дар саҳро ва боғу токзори колхоз. Барои фаровонии ғалла , мева ва сабзавот, ки файзи дастурхони халқ аст, дар қатори калонсолон дар саҳро ва боғу токзор бачаҳо низ кор мекарданд.

Фасли заррини сол – тирамоҳ буд.Ту,ҷони дада, бояд донӣ, ки дар ин фасли сол ҳосили киштҳо пухта мерасанд, боғҳо ба худ ранги тиллоӣ мегиранд ва барои ҳамин ҳам ин фасли солро тирамоҳи заррин мегӯянд.

Ана дар яке аз ҳамин рӯзҳои тирамоҳи заррин, қаҳрамони афсонаи мо Рустам, қатори калонсолон дар замини калони назди деҳаашон –Боғистон картошка меғундошт. Азбаски калонсолону бачаҳои деҳа тамоми фасли тобистон замини картошкаро нағз обу ғизо дода, табъи дил каланд карда буданд, ҳосил он қадар фаровон руйида буд, ки бо ғундоштан адо намешуд.

Ана дар ҳамин рӯзҳои фаровонии ҳосил дуртар аз деҳаи Боғистон дар яке аз ғорҳои кӯҳи Ҷаҳоннамо хирсе бо се хирсбачааш азоби гуруснагӣ мекашид. Ҳамон рӯз хирс бо мақсади барои бачаҳояш чизе пайдо кардан аз кӯҳ фуромад ва дар назди деҳа одамонро машғули ҳосилғундорӣ дида хурсанд шуд. Аз он хурсанд шуд, ки модоме, ки ҳосил меғундоранду ҳосил фаровон аст, ба ӯ ҳам чизе мерасад ва

бачаҳояш аз азоби гуруснагӣ раҳо меёбанд. Бо ҳамин умед хирс мудате гирумони картошукағундорҳоро назора кард ва бо нияти мавриди муносиб пайдо кардаи паси дарахти чинор пинҳон шуд.

Бачаҳо картошкаҳои аз дами каланди калонсолон баромадаро чақон мечиданд ва ҳамин ки сатилашон пур мешуд, ба сари марза баровarда, ба халтаҳо холӣ мекарданд. Ногаҳон кадоме аз бачаҳо: – «Хирс, хирс!» – гӯён дод зад ва ҳама аз кор сар бардошта диданд, ки як хирси малла халтаи нимаро сари китф карда ҷониби кӯҳ медавад.

– Гурехт,гурехт! –Дод мезаданд ,бачаҳо.

– Дор, дор дуздро! – Фарёд мекарданд калонсолон .

Ҳама – хурду калон бо белу каланд аз паси хирс ҷониби кӯҳ давиданд. Он қадар давиданд. ки аз шасти дав арақшор гардида , хаста шуданд ва «бало ба пасаш» гӯён аз роҳашон баргаштанд.Танҳо Рустам , ки бачаи хеле чақону боғайрат буд, аз раҳаш барнагашт ва дар баландиҳои баланд ба хирси картошкадузд расида, ба сараш каланд бардошт.

– Маро назан, Рустам, -ба забон омада хоҳиш кард хирс. -Се хирсбачаам се рӯз аст, ки чизе нахӯрдаанд. Гуруснааду нола мекунанд.

– Дурӯғ мегӯӣ, – ба суханони хирс бовар накард Рустам.

– Бовар накунӣ, биё, бо чашмони худ бин, – хирс инро гуфта пеш даромад ва Рустам низ аз қафои ӯ роҳ гирифт.

Пас аз хеле роҳ рафтан ба назди дарахти бурси азиме расиданд, ки даҳ оғӯш ҳам ба танаш намеғунҷид. Хирс каме болотар рафта ба даҳони ғор ишора кард. Рустам хам шуда даруни ғор се хирсбачаи лоғару абгорро дид, ки аз гуруснагӣ замин ханҷол намуда, нола мекарданд. Рустамро дил ба ҳоли зори хирсбачаҳо сӯхт. Вай ҳарфе нагуфта, халтаи картошкаи аз хирс гирифтаашро назди хирсбачаҳо холӣ кард.

Рустам ба деҳа вақти офтобшинам баргашт, ба пурсиши рафиқонаш: «ба хирс чӣ кор кардӣ?» гуфт, ки пайяшро гум кардам, худам раҳгум задам. Ӯ ба андешаи «агар росташро гӯям, бачаҳо калонсолонро пешандоз карда ба сари

хирсбачаҳо бурданашон мумкин», дар умраш бори аввал дурӯғ гуфт. Дурӯғ гуфта бошад ҳам хурсанд буд. Аз он хурсанд буд, ки шиками хирсбачаҳо акнун сер аст ва онҳо аз гуруснагӣ ба замин ханҷол кашида, нола намекунанд.

Ва ҳамон рӯз дар кӯҳ, дар ғори аз бобою бобокалон меросӣ хирси малла низ хурсанд буд. Аз он хурсанд буд, ки як шахси раҳмдилу меҳрубон ёфт шуду хирсбачаҳояш аз азоби гуруснагӣ раҳо ёфтанд. Хирс рӯзи дигар саҳари барвақт боз аз паи ризқу рӯзии хирсбачаҳояш ба талу теппаи гирду атроф баромад. Рӯзи дароз гашт, аммо чизе пайдо карда натавонист. Бегоҳ ба ғори бобоӣ хаставу маъюс баргашта ҳайрон монд. Назди хирсбачаҳояш картошкаи бисёре буд ва онҳо бо завқ мехӯрданд. Ин кор боз чанд рӯзи дигар такрор ёфт ва ҳамин ки дар боғи колхоз мавсими себу ангурчинӣ сар шуд, ҳар бегоҳ дар ғори хирс, гӯё аз гайб бошад, як лаган себу ангур пайдо мешуд. Хирс хуб медонист, ки ин амали Рустами накӯкор аст. Ҳамон Рустаме, ки бо вуҷуди хурдсолиаш дили бузурги саршор аз меҳру шафқат дорад.

Ҳамин тавр рӯзҳои босаховати тирамоҳи заррин пай дар пай сипарӣ мешуданд ва дар ин давра дар дараҳои касногузари кӯҳ чормазғи бисёре пухта расид ва асал низ дар ковоки дарахтони арчаву бурс фаровон шуд. Хирс аз ин фаровонӣ хурсанд ва аз як чизи дигар дилтанг буд. Аз он хурсанд буд, ки Худо барои ӯ ва хирсбачаҳояш ризқи фаровон расонд ва аз он дилтанг буд, ки чандест аз Рустами накӯкор дарак нест. Ӯ барои хирсбачаҳо на себ меораду на ангур. Ҳарчанд ба ин кори Рустам дигар ҳоҷат набошад ҳам, хирси сипосгузор мехост ҳар рӯз ӯро бинад ва фаҳмад, ки ин бачаи накӯкор сиҳату саломат аст. «Худоё, ба ногоҳ бемор нашуда бошад? » -аз дил гузашт хирсро. «Ҳа, ӯ бемор шуд, вагарна дар байни се -чор рӯз лоақал як бор меомад»… Бо хамин андешаҳо хирс пас аз шом ба деҳа омад. Барои он пас аз шом ба деҳа омад, ки одамон ӯро набинанд ва ҳаёҳӯй набардоранд. Ба димоғи хирс бӯи Рустам нишаста буд ва дар димоғ ҳамин бӯю дар сар хаёли бачаи накӯкор кофта-кофта хонаи Рустаминоро ёфт. Хирси сипосгузор ба тахминаш ғалат накард. Рустам бемор буд. Хирс боэҳтиёт

ба тирезаи хонае, ки бемор хоб буд, наздик шуда шунид, ки духтури деҳа ба модари Рустам мегуфт:

– – Писаратон сахт шамол хӯрдааст. Рӯдаҳояш ҳам газак гирифтааст. Ҳар рӯз бояд ду бор асали кӯҳӣ хӯрад. Ва рӯз дар миён, пеш аз хобаш, донаи ҷав барин мумиёи асил диҳед.

– – О, духтурҷон , ман ин чизҳоро аз куҷо меёбам. Рустамҷонам падар надорад, ки бозор раваду ба кӯҳ барояд…

Модари Рустамро гиря гулӯгир кард. Хирс баробари таиноти духтурро шунидан боэҳтиёт аз ҳавлӣ баромад ва бо нияти кӯмак ба бачаи накӯкор бо шитоб ба дараи Хуросон рафт.

Ба бахти ӯ шаб маҳтобӣ буду дара ғарқи нури маҳтоб. Хирс дилпур аз як камар ба камари дигар мегузашт. Ӯ ҷои мумиёи асилу асалро аниқ медонист. Хирси сипосгузор мумиёи асили дастнораси бағали камарро санг андохтаву чӯб зада гирифт. Асали гиёҳдорро аз ковоки хело баланди арчаву бурусҳо пайдо намуд. Хулас, хирс «ба ивази некӣ – некӣ», – гӯён то субҳ заҳмат кашид ва ҳанӯз рӯз равшан нашуда ба деҳа расид.

Рустами масти хоб аз садои кушода шудани тиреза бедор шуд. Гумон кард , ки барои ҳавои хонаро тоза кардан модараш тирезаро кушод. Аммо модарашро дар хона надида бо ҳайрат аз ҷой хест. Дар токчаи тирезаи нимкушод асали тоза ва як лунда мумиёи асилро дида бештар ҳайрон шуд. Назди тиреза омада дарвозаи ҳавлиашонро ҳам нимроғ дида табассум кард .

Маълум, ки хирси малла аз бемории ӯ хабар ёфтааст.

## ЗОҒИ СИЯҲ

Буд набуд як подшоҳ буд ва ин подшоҳ понздаҳ фарзанд… Не, ҷони дада, ҳам подшоҳ буду ҳам понздаҳ фарзанди баркамол. Ва ин подшоҳу фарзандони аҳл мамлакати ободу зебое доштанд. Дар ин мамлакати ободу зебо мисли ҳама афсонаҳои ширин қариб шоҳу гадо баробар ва

ҳама гӯшаву канори кишвар бе хавфу хатар буд. Ва ин кишварро, ҷони дада, кишвари коргару деҳқон мегуфтанд. Ана ҳамин мамлакати ободон қадар кӯҳу дара ва шаршараю манзараҳои зебое дошт, ки агар соле дувоздаҳ моҳ шабу рӯз роҳ гарди ҳам онро саросар паймуда наметавонистӣ. Дар оғӯши ҳар кӯҳу дараи ин кишвари паҳно села-села кабкакони хушилҳому ҳушхиром фориғ аз ҳама дарду ранҷ ва хавфу хатар зиндагӣ мекарданд.

Дар фазои кӯҳҳои осмонбӯси ин диёр гоҳ-гоҳе лошахӯрҳо пайдо гардида, бо ҳавас ба манзараҳои дилфиребу кабкакони ҳушхиром назар мекарданд, аммо илоҷи тӯъма доштан наёфта, боз ба ҳамон дашти беҳосилу лонаҳои сарди худ бармегаштанд. Ту, ҷони дада, бояд бидонӣ, ки лошахӯрон ба кӯҳҳо фуруд омада наметавонанд. Агар фуруд оянд ҳам, туъма бардошта наметавонанд. Макони онҳо даштҳои сарду беҳосил аст. Ва ҳамин лошахӯрон дар лонаҳои сарди худ ором набуданд, баҳс мекардандду нақшаи ин ё он тадбирро мекашиданд. Муродашон бо ҳар роҳу воситае бошад, ба employees ҳушманзара фуруд омадану кабкакони ҳушхиромро туъмаи хеш кардан буд. Бо ҳамин ният чанд шабу рӯз, аҷаб не, чанд моҳу чанд сол баҳс карданд, тадбир ҷустанд ва оқибат ёфтанд.

– Ман гумон мекунам, ки ба ин кори мо танҳо зоғ мадад расонида метавонад, – андешаашро иброз дошт лошахӯри пир.

– Чи тавр? Ҳайрон шуданд лошахӯрҳои ҷавону камтаҷриба.

– Зоғ зоғ аст, – бо ҳамон андешамандӣ тадбири андешидаашро ба забон овард лошахӯри пир. –Ҳама низову иғвои дунё аз зоғ аст. Ҳатто бузургтарин офариниши Худованд – одам аз вай ҳазар мекунад.

– Хайр, зоғ барои мо чи хизмате карда метавонад? Ба тадбири андешидаи лошахӯри пир сарфаҳм нарафтанд дигарон.

– Хизмати бузурге хоҳад кард, – дилпур изҳор намуд лошахӯри пир. – Бо ваъдаву инъом дили ӯро ёфта, ба чанд дараи кӯҳистон мефиристем. Вай байни кабкҳои ҳушхиром

иғво меангезад. Он ҷое ки иғво роҳ ёфт, худ аз худ моҷаро пайдо мешавад. Ва чи будани оқибати моҷаро маълум. Ҳамин ки ҷанг байни кабкҳо ба кушокушӣ расид, мо соҳиби луқмаи тайёр мешавем.

– Офарин, ба ақлу заковатат! – гуфтанд лошахӯрони аз бетадбириҳо ба танг омада.

– Аҳсан, ба тадбират устод! – Нидо карданд лошахӯрони ҷавон.

Ҳамин тавр лошахӯрон хурду калон аз паи ҷустуҷӯи зоғ шуданд ва ин шумхабари иғвогарро зуд пайдо карданд. Зоғ баробари шунидан пешниҳоди лошахӯронро аз дилу ҷон пазируфта бошад ҳам, муддате нозунуз карда, музди хизматашро баланд бардошт. Ва оқибат бар ивази чанд дона чормағзу ду кулча собун ба хизмат камар баст.

Дар яке аз рӯзҳои баҳорон, ки тамоми пуштаву дараи кӯҳистон махмалину гулпӯш буд, зоғи сияҳ дар камари кӯҳи Ёсуман пайдо шуд. Кабкакони хушилҳому хушхиром ин паррандаи ангиштрангу шикастхиромро дида ҳайрон буданд, ки чи ҷонваре бошад. Онҳо бори аввал зоғро медиданд, чунки кӯҳу камар макони зоғу лошахӯрон не, манзили лочину мурғакони хушхон аст.

– Ту кистӣ? – Аз оғӯши арчаи ҳазорсола берун омада пурсид кабкаки гардан гулинор.

– Ман фиристодаи дунёи дигарам, – посух дод зоғи сияҳ. –Омадам то бубинам, шумо ҷонваракони мутеву беозор чӣ ҳолу рӯзгоре доред.

– Ҳолу рӯзгорамон мисли ҳама, – посух дод кабкаки гардан гулинор. –Ба ҳар соаташ шукрона дорем.

– Шукрона ба ҳамин ҳолу рӯзгор? – Худро ҳайратзада вонамуд кард зоғи сияҳ. – О, шумо як бор чашм кушода ба баландиҳо нигаред. Бубинед, ки кабкони он ҷо чи хел рӯзгори шоҳона доранд. Ҳама дар фароғат бо кару фар зиндагӣ мекунанд. Ҳатто лонаҳояшон аз лонаҳои шумо фарқ дорад.

– Фарқ дорад, гуфтед? – Кабкаки гардан гулинор бо шубҳа ба фарқи қулла нигарист. – Ба назарам онҳо ҳам мисли мо зери бурсу арчаҳои пир зиндагӣ мекунанд.

– Не, не, дурусттар, бо чашми хираду ақли солим нигар!

– Бештар шӯр ангехт зоғи сиёҳ. – Наход намебинӣ, ки он арчаҳо нисбат ба ин арчаҳое, ки шумо зери он лона гузоштаед, ҷавону сабзтар аст. Ба ҷуз ин обу ҳаво ва ғизои он мавзеъ дигар аст. Озод нафас мекашию осуда мехобӣ. Барои ҳамин ҳам кабкчӯҷаҳои онҳо солиму бақувват ба камол мерасанд.

– Гапи ин меҳмони сиёҳбол ҷон дорад, – ба гап ҳамроҳ шуд кабки дигаре, ки акнун аз лона баромада ба суханронии зоғи сиёҳ мутаваҷҷеҳ шуда буд. –Ҳамин қадар сол дар ин ҷо зиндагӣ карда, як бор ақламон нагирифт, ки сар бардошта ба боло нигарему бубинем, ки чаро дигарон аз мо беҳтар зиндагӣ мекунанд. О, ин беадолатӣ аст!

– Беадолатӣ зиёда аз ин чӣ шавад, ки мору калтакалос фақат тухми лонаҳои шуморо мехӯранд, – гуфт зоғ ва пурсид: – Медонед барои чӣ?

– Не, – ҳайрон монданд кабкҳои гирди зоғи сиёҳ ҷамъ омада.

– Барои он ки лонаҳои шумо дар пастӣ аст. Онҳо дар баландиҳо ҳамчун ашрофзодаҳо умр ба сар мебаранд. Дар сар ба ҷуз фароғати худ фикри дигаре надоранд. Ба хотири ҳамин фароғату осудагӣ ҳатто чӯҷаҳои шуморо луқмаи ҳомиёни худ – уқобон мегардонанд.

– Ба фикрам барои уқоб чӯҷаҳои болою поён фарқе надорад, – гуфт яке аз кабкони пастию баландии дунёро дида.

– Дорад! – Бо қатъият изҳор кард зоғи сиёҳ. – Агар намедошт, онҳо бо уқобони тезчангол дар як маҳал зиндагӣ намекарданд. Кабкони боло ба хотири фароғату осоиши хеш фақат чӯҷаҳои шуморо қурбон мекунанд. Дар ин пастиҳо, дар оғӯши бурсу арчаҳои пир ба ҷуз хавфу хатар, зулму ситам дигар чӣ дидед. Чаро мисли ҳама кабкони олам беғам нестед?!

– Дуруст мегӯяд ин меҳмони сиёҳбол! – Баробар фарёд карданд кабкони домани кӯҳи Ёсуман.

– Бас аст, озору таҳқир! – Нидо карданд кабкчӯҷаҳои ҳанӯз хиром наомӯхта.

– Чӣ бояд кард? – Ба андеша рафтанд кабкони корозму-

даву рӯзгордида.

– Чӣ ҷои андеша, – шӯр ангехт зоғи сияҳ кабкҳои домани кӯҳи Ёсуманро. – Бархезеду қиём кунед! Бас аст дар пастиҳо бо таҳқиру надомат зиндагӣ кардан.

Инро гуфта зоғи сияҳ пеш даромад. Вай мисли аҷузкампири афсонаҳо бо дили сияҳу як ҷаҳон иғво пешопеши кабкони ранг ба ранги домани кӯҳи Ёсуман рӯболо шуд. Пас аз муддате роҳ паймудан дид, ки ҳама бо шӯру валвала ба қиём омадаанду нияти аз роҳ баргаштан надоранд, номаълумакак худро ба пушти буттае гирифт ва давоми моҷароро тамошобин шуд.

Кабкони ҳушилҳому хушхироми кӯҳи Ёсуман ба ҳам дарафтиданд. Аз афту дарафти тарафайн кӯҳу камар ларзиду тармаи қуллаҳо лағжид ва оби дарё ба хурӯш омада рангин гашт. Сабзаҳо зери тарма монданд, арчаҳои сарсабзу лонаҳои бисёр ба коми дарё рафтанд.

Лошахӯрони саҳрои беҳосил, ки аз дуриҳои дур ин манзараро тамошо мекарданд, аз хизмати зоғи сияҳ фараҳмандӣ доштанд, «фурсати муносиб фаро расид» гӯён, ба осмон бархостанд. Ин амали лошахӯрон аз назари лочинҳои кӯҳи Ёсуман, ки дар баландиҳои баланд лона доранд, дур намонд. Онҳо баробари дар фазои кӯҳи Ёсуман пайдо гардидани лошахӯрон ба парвоз омаданд. Парвозашон мисли тир буду чанголашон ба сони пӯлод. Лочинҳо чашми лошахӯронро нишон гирифта, ҳамаи онҳоро ҳам кӯр карданд, ҳам маҷрӯҳ. Зоғи сияҳ аз паси бута ин ҳолро дида «бало ба паси ҳамон чормағзу собун» – гӯён гурехтанӣ буд, ки аз ҳамлаи барқосои лочини тоҷдор рӯи сангрезаҳои дара чанд ғел хӯрда, ба қаъри дарёи пуртуғён фурӯ рафт…

Аз байн солҳои бисёр гузашт. Дар дараву қулллаҳои кӯҳи Ёсуман боз арчаҳои бисёре сабзида, зери ин арчаҳо сари ҳар кадам лонаҳои кабкони ҳушилҳому ҳушхиром пайдо шуд. Кабкони домани кӯҳу қулла он моҷарову қиёмро кайҳо фаромӯш карданд, аммо қиссаи иғвои зоғи сияҳу амали лошахӯрони дашти беҳосилро ҳеҷ кадоме аз кабкони ҳушилҳому ҳушхиром фаромӯш нахоҳанд кард. Ту ҳам, ҷони дада, ин қисссаро фаромӯш накун. Ҳама

бадбахтиҳои олам аз ҳасуду иғво аст.

# МЕҲРНОМА

## ЧАМАНИ ХАЁЛ

***«Чунон танҳои танҳоям, ки танҳоӣ
ба танҳоии ман мегиряд …»***

Рӯзҳо мегузаранд, рӯзҳо мегузаранд аз сари мо … Инсон дар зиндагӣ гоҳе ба сар медавад, гоҳе ба по, гоҳе раҳгум мезанаду гоҳе раҳпайдо. Гоҳе гумному гоҳе номдор, гоҳе бой медиҳад, гоҳе комёр… Гумшудаҳою гумкардаҳо дар зиндагӣ беши бешанд ва ҷойи онҳо чизи дигаре пайдо мекунӣ, аммо ман касеро гум кардаам, ки дигар пайдо нахоҳад шуд. Падар! Падаре, ки бароям азизтарин шахс ва бузургтарин дороӣ буд. Гум кардам ва намеёбам дигар.

Падарҷон, вақте туро гум кардам, дарк кардам, ки чӣ қадар дӯстат медоштам. Ин муҳаббати бо фироқу дарду андуҳи гиреҳхӯрда тану ҷонамро месӯзонад ва ин сӯзиш маро неруе ато месозад, ки алорағми ҳама бемеҳриҳою фитнаҳо дунболи орзуҳоям устувор қадам ниҳам. Дар барам будию андешаи дарду ғами рӯзгорро надоштам. Ҳарчанд, ки зиндагиям орӣ аз дарду ғам набуд, аммо як нигоҳи ту, як табассуми ту ва як ҳарфи таскиномезат бароям панд ва тадбире буданд, то боз ба худ ояму пайи рӯзгор шавам. Падарҷон, ту барои мо фарзандон, бо тамоми ҳастият умеди зиндагӣ ва орзуҳоямон будӣ.

Зиндагӣ идома дорад, аммо ҷойи ту дар манзиле, ки бо ҳама гармию сардиҳояш барои мову ту азиз буд, холист. Хаёлам боз ҳар субҳ аз ҳама пеш мехезию моро бедор месозӣ, то пайи кору таҳсил ва зиндагӣ шавем. Хаёлам боз аз ту дуои нек мепурсам, ки «дадаҷон, як фотиҳа диҳед, то имрӯз корҳоям бобарор шаванд», аммо ин ҳама имрӯз ба ҳукми ёдҳову хотираҳост. Модар, модари меҳрубонамон ҳам ба ҷои падар ва боз худ бароямон дуои нек медиҳад …, аммо ҳини дуо чашмонаш ғарқоби сиришк мешаванд. Ӯро мефаҳмам, мисли он, ки ӯ низ маро …Бе сухан, танҳо бо нигоҳ бо ҳам то дидори шомгоҳ хайрухуш мекунем ва меравам пайи зиндагӣ. Танҳоии модарро пас аз фироқи абад бо ту, падарҷон, бо ҳеҷ чиз иваз карда наметавонам… Ҳарчанд мо, фарзандон, ҳамеша паҳлӯяш ҳастем, аммо ту барояш дигар будӣ! Рисолати зиндагӣ ҳамин аст… Ёдам меояд охирин лаҳзаи дидори ту, падар! Ту бемор будию мо, фарзандон аз ту бемортар. Қарор надоштем. Интизор будем, умедворӣ доштем, ки боз ба по мехезию аз пайи кор, эҷод ва зиндагӣ хоҳи шуд, аммо не! Нашуд!

Вопасин дидор…Намехоҳам хотираҳоро варақ гардонам, аммо онҳо ноҳоҳ меоянд пеши рӯям… Наметавонам ёд орам охирин дидорро бо ту, падарҷон… Он рӯзе, ки нур аз чашмони зебою пур аз розу ниёзат батадриҷ рафт, ман фаҳмидам, ки туро гум мекунам. Ҳарчанд дар гӯшаи дил умед аланга мезад, аммо НЕ! Охирин лаҳзаи дидор пардаи чашмонам дар гирдоби ашк ғарқ шуд ва симои нуронии туро ҳам нопадид сохт… Не, Ту бо мо ҳастӣ, падарҷон!

Аксат ҳамеша бо мост ва ҳар лаҳзае пазмонат шавам, бо ту гуфтугӯ мекунам. Вақте хастаҳолу хастаҷон мегардам, боз аз ту, аз руҳи ту мадад металабам…

Медонӣ, падарҷон, ман ин лаҳзаҳо туро мебинам, мешунавам ва баъди розу ниёз ва гиряҳои хомӯш ором мешавам ва боз аз пайи кору зиндагӣ меравам. Боз акси падар пеши ман аст.Мондем ману акси падар танҳои танҳо.. ва миёни мо ҳарфе нест, ба ҷуз нигоҳ ва «оҳ-ҳ-ҳ!».

Дар хонаи шаб рӯъёи маро падар рангин месозад. Соате не, не, лаҳзае бо ман аст дар олами рӯъёӣ ва ман ӯро мебинаму ӯ маро, аммо мисле, ки ногаҳон омада буд, боз ноогоҳ меравад аз ман… Хоб мебинам, ӯро, ки хеле зебою ороста, аммо мушавваш. Намедонам, чаро?!

Падарҷон, ту шахсе будӣ, ки дасти ҳамаро мегирифтӣ. Манзилат ҳамеша пури меҳмон, хонаат ҳамеша кушодаву ороста барои меҳмонону дӯстон буд. Эҷоди туро ҳазорон ҳазор мехонанд. Дар ҳар ҷое, ки кор мекардӣ, соҳибэҳтиром будӣ. Дӯстонат зиёд буданд, ҳеҷ гоҳе шикоят аз шебу фарози зиндагӣ надоштӣ. Кӯшиш мекардӣ ба ҳар корафтодае дасти ёрӣ дароз кунӣ, меҳрубону ғамхор ва дилсӯзу ҳоҷатбарор будӣ, падарҷон. Танҳо мегӯям, ки бояд бидонӣ: Ту барои мо азизтарин шахс будӣ ва хоҳӣ монд!

Ҳар боре ба зиёрати оромгоҳат меравам, гӯё раҳораҳ дунё сарозер мегардад. Ҳушу ёду ақлам тира мешавад. То ҳанӯз боварам намеояд, ки туро гум кардаам, дадаҷон…

Рӯи қабрат санге гузоштем, мо фарзандон. Ин катибаест ва шояд зарур буд ва шояд не, аммо русуме будааст ба хотири гумном нашудани манзили охират… Чун зиёратат мекунам, гӯё, ки ба дидорат расида бошам, ором мешавам ва бозмегардам ба дунёи худ. Оҳ, падарҷон, чӣ қадар мушкил будааст, ҷудоӣ!

Чашмонам ҳамеша сӯи дар аст, ки боз меояд аз кор хастаю лакот, вале бо табассуми малеҳ ва мо, фарзандон меравем сӯяш. Оғӯшаш мекунему мебӯсем аз рухсораҳои зебояш ва мегӯем: «Салом, дадаҷон!». Аммо дари манзили мо ба рӯи падар дигар боз намешавад. Ӯ пушти дари хона аст. Аз остонаи манзили орзую ормонҳояш бо дилкашолӣ рафт ба олами ёдҳо ва рӯҳҳо…

Лек мани солору ҳанӯз ҳам барои падар кӯдаки нозпарвар интизори ӯям. Мисли ман модарам ва дигар ҷигарбандонаш… Медонам, ки ин интизориҳо дурӯғгин аст. Талхтар аз ҳама, беҳуда, вале бигзор дар чашмони хаёл ва хонаи дил ҳамин интизориҳо бошанд.

…Ман китобҳои падарро варақ мезанам ва эҷоди ӯро механам. Рӯйи сафҳаҳо пайи ангуштонаш боқӣ мондаанд ва ман гармии дастони пурэъҷозашро эҳсос мекунам. Падар навиштаҳои зиёде доштааст, ки ҳанӯз чоп нашудаанд. Шеър ҳам гуфтааст ва ман эҷоди ӯро механаму бо тақдири роздору номуродиҳояш даст ба гиребон мешавам, ки чаро нагузоштӣ, то падари эҷодкорам ин ҳама навиштаҳояшро рӯи чоп оварад? Чаро? Аммо овозам дар гулӯям дармемонад ва фарёди беовоз дармекашам. Боз варақ мезанам, китобҳояшро ва рӯйи сафҳаҳо симои зебояш падид меояд. Орому андешаманд гӯё ҳазорон розҳо дорад дар дил… Падари афсонашунаву афсонагӯй ба мисли тифли бегуноҳу аз дарди зиндагӣ дур афсонаро дӯст медошт. Афсонаҳои талху ширин, афсонаҳои росту дурӯғ. Саду як афсона шунида аз он баҳра бардоштаву панд гирифта ва билохир чандин китоб навишт. Афсона эҷод кард ба хотири набераи афсонадӯсту афсонашунав. Ва шояд «Бобоҷон, афсона гӯед» гуфтани Абдулазиз боборо водор сохт, ки барои ӯву фарзандони шумо қисса эҷод кунад. Ҳар шом барои набера афсона мегуфт, ончунон зебову дилнишин, бо завқу ҳаваси беандоза, ки аз шунидани он ҳама ташвишу гирумони рӯзгорро ба ҳукми фаромӯшиҳо мебурд. Бо «Буд набуд»-гуфтани падар гӯшу ҳуш мешудам. Ҳар шом Абдулазизро хумори афсонагӯиҳои бобо мегираду назди бибӣ омада, пурсон мешавад, ки бобоям кай меояд, то ба ман афсонаҳо гӯяд. Чашмони ғамнишастаи бибии хушрӯ ғарқи ашки ҷонсӯз бо меҳр мегӯяд: – Абдулазизҷон, бобоят шаҳри дури дур сафар карда аз он ҷо бо қиссаву афсонаҳои зиёд бармегардад.

Ман имрӯз дарк кардам, ки ӯ чӣ қадар розҳо, дардҳо ва орзуҳо доштааст дар дил, аммо на ҳамеша онҳоро ошкор мекардааст. Таҳаммулу сабурию қаноатпешагияшро пас аз рафтанаш эҳсос намудам… Ӯ буду оромиши хонавода ва нозу эркагиҳои мо фарзандонаш… Бале, ноз доштем пеши падар, ҳамроз будем бо дилаш, зеро ӯ аз мо буду мо аз ӯ.

Чашмонат, забонат, андешаҳоят, қалбат ва ҳама буду набудат пок ва ростин буданд, падар. Дурӯғу фиребу ноҷавонмардӣ барои ту бегона буданд… Ман бо чунин падар ифтихор дорам. Ту бузургӣ, зеро бо номи нек, дасту дили пок рафтӣ ба манзили абад…

Гоҳе ба андешаҳои мағшуш фурӯ меравам, худро маломат мекунам, ки мо фарзандон шояд дар зиндагият натавонистем, бароят хизмат кунем. Шояд натавонистем подоши ҳама заҳмату талошҳоятро баргардонем. Сарнавишт бароят чунон таззоду имтиҳонро эҷод карда будааст, ки шояд худат ҳам огаҳ набудӣ, аммо тайёр будӣ барои ҳама санҷишҳои тақдир. Ва сарбаланду пирӯз будӣ пеши ҳама зарбаҳои зиндагӣ, аммо натавонистӣ боз алорағми ҳангомаҳои дигар устувор бошӣ. Туро мепарастидам ва боз мепарастам бо ҳама ҳастиям, ки бароям ва хоҳару додараконам сабақи рӯзгор, дили бедор, иродаю мадор, шарафу виқор омӯхтӣ. Ҳазорон бор миннатдорам аз ту, падарҷон. Дар бари мо нимаи ту, модари меҳрубонам ҳастанд. Ҳанӯз ҳам ҷойгаҳи туро мебӯему мепоем, ки шабу ними шаб руҳи покат дар руъёи ширин фуруд ояд ва лаҳзае бо ҷигарбандону азизи дилаш ҳамрозу ҳамнафас бошаду ором бигирад ва боз гардад ба дунёи худ.

Сад дареғ, ки бармаҳал рафтӣ, падарҷон, аммо шукр мекунам, ки туро доштем ва зодаи ту ҳастем, зеро имрӯз бо номи некат моро мешиносанду эҳтиром мегузоранд. Сад шукр, ки модар бо мост, ҳама бо ёди ту ҳастем. Орому осуда бош, падарҷон, ки туро ҳамеша некном хоҳем дошт ва ба умеди фардои нек талош хоҳем кард. Ҳарчанд ноумедамон кардӣ, аммо сарнавиштат бароямон дунёи дигареро боз кард. Дунёе, ки шояд мисли рӯзгори ту пур аз таззоду санҷишҳои сарнавиштсозе бошад, аммо пур аз умеду орзуҳо…

***Дунё ба умед аст ва агар умед бимирад, зиндагӣ поён хоҳад ёфт! Осудаву хуш бош, падарҷон. То дидор!***

***Шаҳло***

# МУНДАРИЧА

Каҳкашони ёд ..............................................................5

## ҚИССАҲО

Фоҷиаи домангир ....................................................15
Як рӯзи хазонрез ....................................................80
Дардҳои гиреҳхӯрда ..............................................160

## ҲИКОЯҲО

Вопасин афсона ......................................................227
Баҳои умр ..............................................................238
Атри кафан ............................................................258
Марги ду тан .........................................................263
Ҷароҳат ...................................................................273
Нола .........................................................................297
Бори гарон ..............................................................300
Намаки бобоӣ ..........................................................314
Хуни ноҳақ ..............................................................319
Имон ........................................................................325

## РИВОЯТҲО

Тоҷикпадар .............................................................333
Хоҷаобигарм ...........................................................347
Искандаркӯл ............................................................357

## АФСОНАҲО

Чашмаи ҷоду ...........................................................373
Некӣ куну ба дарё андоз .......................................385
Зоғи сиёҳ .................................................................388

## МЕҲРНОМА

Чамани хаёл ...........................................................393

**ИНОЯТ НАСРИДДИН**

# АСАРҲОИ МУНТАХАБ

*(қиссаҳо, ҳикояҳо ва ривояту афсонаҳо)*

Ороиши *Орзу Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабанд *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 18.06.2015 супорида шуд.
Чопаш 22.09.2015 ба имзо расид.
Андозаи 60х84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 25.
Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17а.

Дар чопхонаи «Илм» чоп шудааст.